**Ключевые слова:** Ибн Фадлан, Рисале, география, булгаре, славяне, тюрки, Аббасидский халиф, Аль-Муктадир Биллах, Аль-Муктафи Биллах, Мухаммед ибн Сулейман.

## IBNFADLAN TRAVELLER AND ETHNOGRAPHER OF THE X CENTURY

**Ibn Fadlan**– is a traveller, explorer, geographer and writer of the X century, about whom there is little information in historical sources, as well as about his homeland, date of birth, biography and the death. After visiting the cities and regions of Central Asia and the north of the Caspian Sea, he described the details of his travelin a book, compilinga valuable work known as “Safarnama”. This book deals with the names, clothing, food and traditions of the people of these regions of the X century. No matter how many Orientalists study the text, they will find more and more accurate data about the inhabitants of these regions, their traditions, religions, social geography and will open the curtain from unknown facts of that time. Some parts of it are inaccessible because of this, most people of Islamic countries are not aware of the content of this precious treasure and its influence on Arabic literature in the twentieth century and even on modern literature. This book provides the most accurate information about the names and traditions of the peoples of the East and the north of the Caspian Sea of the tenth century, and also provides a neat description and clear picture of the life of nations, social geography and the rulers. This work is a description of the eleven-month travel that begins in Baghdad, then passes through cities such as Nahravan, Hulvan, Hamadan, Sava, Rey, Samanon, Damgan, Nishapur, Sarakhs, Merv, Amul, Jeyhun,

Bukhara, Khorezm, Dzhurdzhan, Bashgird, Caspian Sea, then following the routes from Mavaren-nahr, arriving to Moscow, then returns to Baghdad. Based on this valuable research, many researchers conducted their scientific works, such as Yakut al-Hamavi, ZakariaKazvini, Sami Al-Dahhan - a member of the Damascus Academy, NajibHamadani, Amin Razi and Russian historians and archaeologists, A.P. Kovalevsky, I.Yu. Krachkovsky A.A. Spitsyn et al. At the same time, a document was found in the Iranian city of Mashhad concerning this reliable material, which is very valuable for future research. One copy of it is kept in the manuscripts department of the St. Petersburg Institute.

**Key words:** Ibn Fadlan, Risala, geography, Bulgars, Slavs, Turks, Abbasid Caliph, Al-Muqtadir Billah, Al-Muktafi Billah, Muhammad ibn Sulayman.

**Сведения об авторе:** ***Нажотова Нигина Баротовна*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории древнего мира, средних веков и археологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **nachotova@bk.ru.** Телефон: **987-44-40-80**

**Information about the author:** ***Najotova Nigina Barotovna*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Ancient History, Middle Ages and Archeology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **nachotova@bk.ru**. Phone: **987-44-40-80**

**УДК 94(355)**

# ХАДАМОТИ ДИПЛОМАТӢ ВА КАШШОФИИ ҲАХОМАНИШИҲО ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ

***Собиров С.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Куруши Кабир (550-530 то мелод) дар таърихи дипломатия ҳамчун ташкилкунандаи низоми иттилоотии ҷаҳонии онвақта дар шоҳаншоҳии Форс машҳур аст. Хабаррасонони шоҳ на танҳо вазифадор буданд, ки хабару мактубҳоро ба тамоми гирду атрофи империяи бузург расонанд, балки мебоист оид ба тамоми он чизе, ки дар роҳ мушоҳида мекарданд, ҳисобот тартиб диҳанд. Ин иттилооту нишондодҳо бо меъёрҳои муайян рафти сиёсати дохилии давлатро танзим менамуданд. Ғайр аз ин, ба вазифаи хаткашононҳо ҷамъоварии иттилооту маълумот дар бораи душмани эҳтимолӣ дохил мешуд, ки ҳатто таҳлилу пайгирии суханҳои дар бозор то суханҳои оммаву хосро дар бар мегирифт.

Усулҳои дипломатия, аз ҷумла ҷосусиро форсҳо аз ошӯриҳо омӯхтанд, ки ҳукмронии чандинасраи онҳо дар ибтидои асри VII то мелод ба охир расид. Соли 539 то мелод Куруш қушӯнҳои Модро нобуд карда, шаҳрҳои наздисоҳилии юнонии Осиёи Хурдро ишғол намуд. Дертар ӯ бо тантана ба Бобулистон дохил шуд ва Эъломияи машҳури худро эълон кард. Ин Эъломияи Куруш дар соли 1878 дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносон ба даст омадааст, ки дар он, аз ҷумла чунин гуфта шудааст: “Ман Куруши Кабир, шоҳи дунё, шоҳи бузург, шоҳи қодир, шоҳи Бобул, шоҳи Шумер ва Аккад, шоҳи чаҳор давлату уфуқ: писари шоҳаншоҳии доимӣ, ки сулола ва ҳукмронии он ба Белу ва Набу мувофиқ аст (номҳои Худоёни аккадӣ). Вақте ки ман сулҳхоҳона ба Бобул ворид шудам ва бо пешвози тантанавор ба тахти шоҳӣ нишастам, Мардук шоҳаншоҳи бузургдилу марҳум мардуми Бобулро пеши пойи ман хам кард, чунки ман ҳаррӯза ӯро ёд мекардам” [1,с.35]. Ксенофонт бо барҷастасозии шеваҳои пирӯзиовари Куруш нишон медиҳад, ки чӣ гуна метавон музокиракунандаи чирадасте шуд, афродро ба болотарин дастурот барангезонд ва яқин ҳосил кард, ки созмон аз афроди кордон баҳраманд аст. Зеро битавонед собит кунед, ки кирдори шумо пуштибони гуфтори шумост. Дар ҷойи дигар оид ба тарзи фаъолияти дипломатии ӯ чунин омадааст: “Ман дорои андешаи шаффоф, ҳисобгар ва нек буда, ба зӯрии тарзи низомӣ зид ҳастам. Нахуст омӯхтам чӣ гуна бо бархостҳои дили хеш чира бошам ва дар баробари хатар бо хештандорӣ вокуниш нишон диҳам, ҳаргиз бозичаи тарсу оз набудам. Ман гетиро чунонки хостам, созмон додам. На бо зӯру бозу, балки бо неруи хирад”[7,с.3].

Мухлиси доимии Куруш -таърихнигори юнонӣ Ксенофонт, маҷмӯи махсуси Курушнома (Киропедия)-ро таълиф намуд, ки ба сиёсату шахсияти шоҳи Форс бахшида шуда буд. Ин асар баъд аз 150 соли вафоти Куруш навишта шуда, маълумотҳоро оиди хадамоти ҷосусии империя ташкил ва фаъолияти хадамоти алоқа дар бар мегирад. Дипломатия дар сиёсати давлатдорӣ самти афзалиятноке ҳисоб мешуд, ки ба воситаи намояндагони дипломатии шоҳони Ҳахоманишӣ дар Афина ва дигар шаҳрҳои Юнон фаъолият мебурданд. Фаъолияти онҳо бо амалҳои ғайриқонунӣ ба ташкили дастаҳои

ҷосусон, мағлубиятҳоҳии юнониён, ташвиқу тарғиби шӯришҳои мусаллаҳ зидди давлатҳои юнонӣ асос ёфта буд [4,с.164].

Ксенофонт оид ба хадамоти махсуси назди шоҳ овардааст, ки он вазифаи ҷамъоварии ахборро ба уҳда дошт. Дар хадамоти ҷосусӣ дар асл ҷойи аввалро рӯҳониён ишғол мекарданд. Чунин менамояд, ки он замон шахсиятҳои донишманд асосан дар байни рӯҳониён вуҷуд доштанд. Онҳо имкони таҳияи хабар, инчунин таъсиру эътиқоди бонуфуз байни мардумро доштанд. Рӯҳониён дар муқоиса бо дигарон аз кору сиёсати давлатӣ маълумоти бештар доштанд. Сатҳи саводу донишмандӣ ба онҳо имкон медод, ки мустақилияти худро дар дилхоҳ ҳукумат нигоҳ доранд ва сиёсати шоҳро ба манфиати худ истифода баранд. Соли 539 то мелод шоҳи Бобул Валтасар мехост навгониеро ба амал оварда, зимни он каме мавқеи рӯҳониёнро паст намояд. Дар натиҷаи ин амал Валтасар ба мухолифати рӯҳонии Худои Баал (асосан рӯҳониён) гирифтор шуд [8].

Муҳосираи шаҳри Бобул, ки девори он 7-7,8 ва баъзе ҷойҳои он 3,3 метр паҳноӣ дошта, ишғоли он дар ҳақиқат мушкилӣ эҷод мекард [6,с.83], замони муҳосира рӯҳониён бо Куруш машварат намуда, баръакси Валтасар кафолати бе ҷанг супоридани шаҳрро амалӣ намуданд. Тавре қайд намудем, дар охири асри XIX як навиштаҷоти сангие ёфт мешавад, ки дар асоси он Куруш шаҳри Бобулро бе ҷанг забт намудааст [6,с.4].

Тибқи ишораи фавқ шоҳаншоҳ Куруш низоми бехатарӣ ва итилоотиро аз ошӯриҳои таҷрибадор ба мерос гирифта буд. Ӯ барои рушди он қувваҳои зиёдеро сарф менамуд. Ксенофонт вазифаҳои ин хадамотро чунин шарҳ дода буд: «Ҳар сол артиш ба минтақаҳо сафар карда, ба ҳокимони шаҳрҳо барои ба итоат даровардани мардум, ба ҷазо гирифтор кардани гунаҳкорон, инчунин барои ҳимояи аҳолӣ ёрӣ мерасониданд». Сарфармондеҳи артиш аз болои он назорат мебурд, ки замин дар вақташ коркард шавад ва ҳар кас ба кору вазифаи худ машғул бошад. Агар вай тартибу интизомро амалӣ гардонида натавонад, пас бояд ба шоҳ хабари саривақтиро расонад. Куруш ба алоқаи дутарафа аҳамияти бузург медод, чунки ҳудуди империя хеле бузург буд. Ксенофонт бар ин ақида аст, ки низоми расонидани хабару маълумотҳо чунин сурат мегирифтааст: «Куруш фармон дод, ки масофаи миёнаи эҳтимолии тай кардани аспро дар як рӯз муайян намоянд». Баъд мувофиқи ин масофа бо фармони ӯ марказҳои хаткашонӣ сохта шуда, бо аспу коргарон таъмин гардиданд. Куруш дар ҳар як маркази алоқа роҳбаронро таъйин намуд. Вазифаи онҳо аз ҷамъоварию ирсоли хабару маълумот, сарпарастии хаткашонон ва аспҳои онҳо, истироҳати онҳо ва сари вақт расонидани хабар иборат буд. Мактубрасонҳое, ки Куруш таъсис дода буд, ба қавли Ксенофонт аз лаклаку турнаҳо тезтар ҳаракат мекарданд. Ба ҳар ҳол, ба шарофати хадамоти алоқа маводҳои махфӣ дар муҳлати кӯтоҳ ба дабирхонаи шоҳ расида, дарҳол коркарди онҳо оғоз мешуд [8].

Дави як шабонарӯзӣ метавонист то 250 км-ро ташкил диҳад. Ҳамин тариқ, роҳ аз шаҳри Суз (наздикии Шерози имрӯза) то шаҳри Сард (Измири Туркия) бо ивазшавии хатбарон дар муддати 8-10 шабонарӯз тай мешуд. Кор дар низоми «хаткашонӣ» барои ҳама дастрас набуд. Шоҳони Ҳахоманишӣ кӯшиш менамуданд, ки мактубнависии шаҳрвандони худ ва хориҷиёнро маҳдуд намоянд. Дар ҳама минтақаҳо аз нав дида баромадани мактубҳои шахсӣ вуҷуд дошт. Ҳеродот кӯшиши як модиро (мидиягӣ), ки мехост ин мушкилотро бартараф сохта, хабареро фиристад, чунин шарҳ медиҳад: Гарпаг [5] хост, ки Курушро бовар кунонад, то муроҷиати ҳамшаҳриҳояш ҷиҳати лашкар кашидан ба Мод амалӣ гардад, мактуби худро дар дохили заргӯши пухташуда дохил намуд ва аз Куруш хоҳиш кард, ки худаш ин заргӯшро бе шоҳидон пора кунад. Гарпаг хоҳиши ҳамватанонашро бо чунин шакл расонида тавонист [6,с.33].

Ҳеродот муаллифи асари «Таърих» (Инъикоскунандаи ҷангҳои Юнону Форс), ки дар Галикарнаси Осиёи Хурд таваллуд шудаву дар Юнон зиндагӣ кардааст, аз чунин шабакаи иттилоотии форсҳо дар ҳайрат мемонд. Дар империяи чандсадкилометра шабакаи иттилоотӣ вуҷуд дошт, ки тақрибан ҳамааш зери итоати Куруш буд. Марги ӯ соли 530 то мелод ба фаъолияти шабакаи итилоотӣ таъсири манфӣ нарасонд. Писари Куруш Камбиз Мисрро ба тасарруфи худ дароварда, аҳолии Кипр ва юнониҳои Осиёи Хурдро ба додани боҷи давлатӣ маҷбур намуд. Дорои I (522-486 п. м.) дастовардҳои Курушро рушду нумӯ бахшид. Ӯ ба рушди санъат, баҳрнавардӣ ва корҳои тиҷоратӣ мусоидат намуд, низоми андозу молияро ба тартиб дароварда, роҳу каналҳои зиёде сохт. Дорои I кӯшиш менамуд дар сиёсати давлатӣ аз мисриҳо ва ошуриҳо фарқ кунад, яъне ба манфиатҳои шахсию миллии халқҳои зери тасарруфаш даст назанад. Намояндаи халқҳои тобеъ ҳуқуқи ишғол намудани вазифаҳои давлатиро доштанд, лекин ҳукумати иҷроия доимо дар дасти форсҳо

боқӣ мемонд. Ҳудуди давлати форсҳо ба 20 вилоят тақсим шуда буд, ки онро сатрапҳо идора менамуданд.

Империяи Форс он замон масоҳати бузургеро дар бар мегирифт: аз шарқ ба ғарб аз Ҳиндустон то баҳри Миёназамин ва аз шимол ба ҷануб аз Қафқоз то уқёнуси Ҳинд тӯл кашида буд. Бо тамоюлҳои марказгурезӣ дар чунин давлати бузург мубориза бурдан хеле мушкил буд. Шӯришҳо зуд-зуд ба амал меомаданд. Дар бораи пахш намудани яке аз чунин шӯришҳо дар Бобул соли 520 то мелод таърих ҳамчун хотира оид ба ғалабаи хадамоти ҷосусии форсҳо ёд дорад. Иҳотаи Бобул тақрибан ду сол давом мекард. Артиши форсҳо шаҳр-давлати аҳолиаш ду миллион нафараро на бо зӯрӣ ва на ба воситаи каналҳо аз дарёи Фурот ишғол карда натавонист. Он гоҳ яке аз хизматгорони шоҳ бо номи Запирос нақшаи беҳамтоеро пешкаш намуд. Вай рӯйи худро хуншор намуда, бо либосҳои дарида гӯё аз тарафи форсҳо ба тарафи бобулиҳо фирор кард. Бобулиҳо ба ӯ бовар карданд ва ҳатто миқдори аскаронеро ба ихтиёри ӯ доданд. Дар рӯзи муайяншуда дар ҳуҷуми навбатӣ Запирос дарвозаҳои шаҳрро ба рӯйи форсҳо мекушояд. Ҳамин тариқ, форсҳо ба шаҳр дохил шуда, Бобулро ба даст даровvarданд. Баъди баргардонидани шаҳр Запиросро то охири ҳаёташ ба мансаби шоҳии Бобул нишонданд [6,с.88].

Дар хадамоти кашшофӣ форсҳо хориҷиёнро низ истифода мебурдаанд. Масалан, табиби юнонӣ Демокед баъди муддате дар дарбори шоҳ Дорои I хизмат кардан ва баъди баргаштан ба ватанаш, барои омӯзиши кишварҳои Юнон ба форсҳо мусоидат намуд, ки қиссаи он ҷолиби диқат аст:

Дар қафаси синаи зани дӯстдоштаи Доро Атосса захме пайдо шуд. Ӯ онро ба Демокед нишон медиҳад. Демокед ваъда дод, захмро шифо медиҳад, агар Атосса барои ӯ кореро анҷом хоҳад дод. Малика қасам ёд кард ва аз захми дар баданаш буда халосӣ ёфт. Ва он гоҳ Демокед ба малика мақсади худро арз намуд, ки вайро ба ягон восита ба ватанаш Юнон равон намояд. Малика шабона ба подшоҳ гуфт: «Доро, шавҳари ман, шумо ҷавонед, қавӣ ва тавоно ҳастед. Шумо дер боз бояд номи худро бо ғалабаҳои бузург машҳур гардонед. Дар байни хизматгоронатон занони ҳамаи қавмҳо ҳаст, лекин касе аз занони юнонӣ нест. Барои ман Юнонро тасарруф намо! Агар шумо хоҳед, ки аввал беҳтар дар бораи оне, ки бо ӯ меҷангед донед, чизе осонтар нест: шумо Демокеди юнониро доред, ӯро ба Юнон фиристед ва ҳама чизеро, ки ба шумо лозим аст хоҳед дарёфт». Ҳамин тавр ба Дориюш бори аввал фикри ҳуҷум ба Юнон пешниҳод карда шуда буд. Дориюш ҳамон тавре, ки занаш аз ӯ пурсид, иҷро кард. Ӯ Демокедро бо ҳамроҳи понздаҳ нафар форсҳоро ба Юнон равон сохт. Онҳо қад-қади соҳилҳои юнонӣ равона шуда, дар бораи шаҳрҳо ва ҳама чизеро, ки лозим буд, ба ёд мегирифтанд ва қайд мекарданд. Ҳамин тавр, онҳо ба Кротон-зодгоҳи Демокед расиданд, ӯ дар ин ҷо ҳангоми аз киштӣ фаромадан фирор намуд. Форсҳо хоҳиш карданд, ки ба онҳо гурезаро баргардонанд, бо ғазаби подшоҳ ва лашкари вай таҳдид мекарданд, вале ҳама беҳуда буд. Онҳо ба назди подшоҳ бе Демокед бо ҳикояҳо ва ёдоварӣ дар бораи он чизе, ки дар Юнон диданд, баргаштанд [6,с.87].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ оид ба усули махсуси расонидани хабари махфӣ маълумот вуҷуд дорад. Дар бораи шӯриш бар зидди форсҳо бо сардории шоҳи Милет, шахси хунхор Аристагор 494 то мелод бо хавфи он, ки хаткашон ба дасти форсҳо меафтад, мӯйи сари хаткашонро тарошида, дар сараш менависанд. Ва баъди он ки мӯйҳои сараш дароз мешавад, ӯ бечунучаро хабарро бурда мерасонад. Нақшаи кашидашуда бобарор гашт. Шӯриши баамаломада хеле сахт буд, лекин дертар пахш карда шуд [6,с.110].

Ҷалб намудани сагҳо ба кори ҳарбӣ аз замонҳои қадим мавҷуд буд. Дар давлати форсҳо барои расонидани хабар аз сагҳо низ истифода мебурданд. Ин усул барои расонидани хабар, назар ба усули партофт ба масофаи дуртар истифода бурда мешуд. Хабарҳо ба шаҳрҳои дигар ва ҳатто давлатҳои дигар бурда мешуданд. Зеро бо ин тарз фиристодани хабар, назар ба ёрии хаткашонон суръати тезтар дошт. Онҳо мутаносибан дар задухӯрдҳо дар хизмати посбонӣ, посбонии мавқеи артиш, дар корҳои ҷустуҷӯӣ, аз қафои душман пай бурдан ва бурда расонидани иттилоот истифода мешуданд. Далелҳои истифодаи сагҳо дар артиш ба замони ҳукуматдории форсҳо рост меояд, ки ҳанӯз дар асри V пеш аз мелод дар набардҳои онҳо ёд мешаванд [2,с.199].

Чуноне ки мебинем, мавриди назар қарор гирифтани шаклу воситаҳои кори умури идора ва дипломатия ҷанбаҳои қадимию таърихӣ дорад. Гузаштагони ориёиҳо ба ҳалли ин гуна масъалаҳо аҳамияти зиёд зоҳир менамуданд. Салтанат ва бақодории дастгоҳи идораи давлатии онҳо маҳз ба санъати идора ва истифодаи ҳамаҷонибаи унсурҳои манфиатпазири он вобастагии қарин дошт.

**АДАБИЁТ**
1. Альберт Т. История Персидской империи / Т.Альберт. - М., 2012. – 306 с.
2. Привезенцев А.В. Разведка в войнах в древнего мира / А.В. Привезенцев // Вестник МГЛУ. – 2013. – №24 (684). –С.199.
3. Шишов А.В. Сто великих военачальников / А.В. Шишов. - М., 2002.
4. Штенцеля А. История войн на море / А. Штенцеля. – М., 2002.
5. Гаспаров М.Л. Рассказы Геродота о греко-персидских войнах / М.Л. Гаспаров. –М.: Согласие, 2001. – 228 с.
6. Разин Е.А. История военного искусства / Е.А. Разин. - СПб.: Полигон, 1999. -Том 1. – 560 с.

**ХАДАМОТҲОИ ДИПЛОМАТӢ ВА КАШШОФИИ ҲАХОМАНИШИҲО ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ**

Мақолаи мазкур ба масъалаи ташкил, ташаккул ва ҳифзу мустаҳкамкунии ҳокимияти давлатӣ дар таърихи давлати форсҳои Хахоманишӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар мақолаи худ тавонистааст яке аз бахшҳои устувории давлатӣ -дипломатия ва ҷосусиро баррасӣ намояд. Вай муътақид бар он аст, ки халқи форс таърихи воқеан ҳам қадим дошта, дар раванди ташаккули давлатдории худ пайваста ба масъалаи ҳифзи ҳокимияти давлатӣ ва сохтори сиёсии он аҳамияти ҷиддӣ зоҳир менамуд. Дар таъмини ғалабаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ, хусусан Куруш ва Дориюш, дипломатия ё худ хадамоти иктишофӣ мавқеи махсусро ишғол менамуд. Масалан, ғалабаҳои вай дар сарчашмаҳои таърихӣ дар мисоли забти Бобул (с.539) ва пахши шӯриши бобулиҳо (с.520), таслими баъзе аз давлатҳои Осиёи Хурд гуфтаҳои болоро инъикос менамоянд.

**Калидвожаҳо**: дипломатия, хадамоти бехатарӣ, саворон, хаткашон, алоқа, ҷосусон, Ҳахоманишҳо, давлати паҳновар.

**ДИПЛОМАТИЧЕСКАЯ СЛУЖБА И РАЗВЕДКА АХЕМЕНИДОВ В ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ**

Данная статья посвящена проблемам организации, развития, защиты и укрепления государственной власти Ахеманидского государства. Автор в своей статье смог рассмотреть одну из основных частей государственной устойчивости в виде дипломатии и шпионажа. Он придерживается точки зрения, что персидский народ имеет древнюю историю и в процессе развития своего государства постоянно уделял серьёзное внимание защите государственной власти и ее политических структур. В обеспечении победы правителей Ахеменидов, в том числе Кира и Дария особое место занимает дипломатия или тайная разведка. Например, победы одержанные завоевании Вавилона (539 г) и подавлении восстания вавилонян, капитуляции некоторых государств Малой Азии.

**Ключевые слова:** дипломатия, служба безопасности, верховая езда, почтальон, связь, шпионаж, Ахеманиды, государства.

**DIPLOMATIC SERVICE AND INTELLIGENCE OF THE ACHAEMENIDS IN THE HISTORICAL SOURCES**

This article is devoted to the problem of organization, development, protection and strengthening of the state power of the Achaemenid state. The author in his article was able to consider one of the main parts of state stability in the form of diplomacy and espionage. He holds the view that the Persian people has an ancient history and in the process of development of their state continuously paid serious attention to the protection of state power and its political structures. Diplomacy or secret intelligence occupies a special place in ensuring the victory of the Achaemenid rulers, especially Cyrus and Darius. One of these victories was won by the example of the conquest of Babylon (539) and the suppression of the Babylonian uprising, the surrender of some countries in Asia Minor.

**Key words:**diplomacy, security service, horse riding, postman, communication, espionage, Ahemanid, wide state.

**Сведения об авторе:** ***Собиров Сайёд Рамазонович*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **(+992)918-16-11-82**. E-mail: **ddkssr@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sobirov Sayed Ramazonovich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of History of the Tajik People. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Street 16. Phone: **(+992) 918-16-11-82**. E-mail: **ddkssr@mail.ru**

**УДК: 930.25 (55)**

# АВОМИЛИ ҚАТЛИ ХОҶА НИЗОМУЛМУЛКИ ТӮСӢ

***Садриддини Айниддин***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Сиёсатмадори бузург, вазири ботадбир, муаллифи китоби арзишманди ”Сиёсатнома”, муассиси як силсила макотиби олӣ бо номи “Низомия”- Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ, ки дар ҳаёти сиёси, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва бахусус фарҳангии халқи тоҷик дар асри XI нақши басо муҳим бозидааст, бар асари як суиқасд рӯзи 15 октябр соли 1092 аз олам гузаштааст. Сабаб ва ё авомили суиқасд ба ҷони ин марди бузурги сиёсат ва илму фарҳанг дар чӣ буд? Аз овони ба вукӯъ пайвастани ин террор ба баъд дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва баъдии таълифоти илмии донишмандони Шарқу Ғарб

изҳори назарҳои зиёд шудааст, ки онҳо доир ба чанд далели куштор изҳори андеша намудаанд:

1. Пайрави мазҳабҳои гуногун будани Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ва Маликшоҳи якум (ҳукм. 1072-1092). Хоҷа аз мазҳаби шофеӣ ва подшоҳ аз мазҳаби ҳанафӣ пайравӣ менамудаанд. Аз ин лиҳоз Хоҷа ҳамеша нигарони он буд, ки аз эътиқоди подшоҳ истифода намуда, душманони вайро ба муқобили ӯ таҳрик менамоянд. Ва шоҳ ҳамеша орзу мекард, ки вазираш шофеӣ набошад. Низомулмулк дар китоби “Сиёсатнома”-и худ ба ин нукта ишора намуда ва менависад: “Дар ҳама ҷаҳон ду мазҳабанд, ки нек аст ва бар тариқи ростанд ва яке ҳанафӣ ва дигаре шофеӣ ва дигар ҳама ҳаво ва бидъат аст. Ва султони шаҳид (Алпарслон 1063-1072) дар мазҳаби хеш чунон салб ва дуруст буд, ки борҳо ба ҷониби ӯ рафта буд, ки “ Эй дареғо, агар вазири ман шофеӣ набудӣ”. Ва ӯ сахт босиёсат ва ҳайбат буд ва ман бад-он сабаб, ки ӯ дар мазҳаби хеш чунон буд ва мазҳаби шофеиро ба айб медошт, ҳамвора аз ӯ андешеманд будаме” [13,с.122]. Низомулмулк дар ҷойи дигари асараш норизоятии худро аз мазҳаби шоҳ баён медорад ва менависад:”Ӯ аз мазҳаби шофеӣ нанг медорад ва ба ҳар вақт маро сарзаниш мекунад” [14,с.123].

2. Дар зери назари фарзандон ва ҷонибдорони Низомулмулк қарор гирифтани қаламрави мамлакат боиси нохушнудии Маликшоҳи Салҷуқӣ гардида буд. Зеро вай медид ва эҳсос мекард, ки қудрати вазир аз қудрати шоҳ бештар аст. Ва шоҳ ин гуна вазъиятро наметавонист таҳаммул кунад. Донишманди муосири эронӣ Аббос Иқбол дар ин бора чунин менависад:”Аммо Маликшоҳ бо вуҷуди майли қалбӣ, ки ба кӯтоҳ кардани дасти Хоҷа ва писар ва касони ӯ аз корҳо бинобар маслиҳат ва бим аз таваллуди иғтишош (шӯру ошӯб) дошт, асосан наметавонист ба ин кор (халъи Хоҷа аз симати садорат) иқдом кунад ва бахусус, ки ҷамоате аз лашкариён ҷиддан аз Хоҷа ва фарзандони ӯ ҳимоят мекарданд. Ва тоифае аз эшон, ки ғуломони ”низомия” хонда мешуданд, мустаиди (омодаи) он буданд, ки андак муомилаи суе, ки нисбат ба махдумини эшон раво дошта шавад, сар ба шӯриш ва туғён бардоранд” [6,с.335].

Муҳаммад ибни Хованшоҳ ибни Маҳмуд маъруф ба Мирхонд (1434-1498) дар китоби “Равзат-ус-сафо фӣ сирати-л-анбиё в-ал-мулук в-ал-хулафо”- аш ба он нукта ишора менамояд, ки “Султон Маликшоҳ дар тӯли муддати вазорати Хоҷа ва истилои ӯ бар мамолик ва тасарруфи ӯ дар амвол бар сабили истиқлол ва ба ҳукми писарон ва домод ва ноибони вай дар он ҷо ва ақсори ҷаҳон мутаббарин ва малул шуда буд” [10,с.298].

Қудрату тавоноӣ ва нуфузи фарзандони Низомулмулк то ҷое афзоиш ёфта ва боло рафта буд, ки бе ҳеҷ гуна таваҷҷуҳ ба шоҳ ба ҳар ҷое, ки мехостанд, даст мезаданд. Аз ҷумла, Бундори Исфаҳонӣ дар китоби “Зубдат-ун-нусра”-аш моҷарои яке аз писарони Низомулмулк Ҷамолулмулкро чунин баён медорад: ”Ҷамолулмулк Абӯмансур писари бузурги Низомулмулк буд ва падараш дар рӯзгори Алпарслон аз вай хост, то вазири Маликшоҳ шавад. Ҷамолулмулк дар ҷавоб гуфт: Чун ман вазири бачае намешавад. Ӯ сипас дар Балх сокин шуд ва дар он шаҳрҳо муставлӣ буд. Шунид, ки Доқаки Ҷаъфарак дар Исфаҳон аз падараш бадгӯӣ карда ва вазоратро ҳаққи Баҳманёр гуфтааст. Вай аз Балх ба Исфаҳон омад ва дар муқобили султон Ҷаъфаракро гирифт ва забонаш аз пӯшти сари ӯ даровард ва Ҷаъфарак бимурд. Сипас бо тадбир ин Баҳманёрро гирифт ва дар банд кард” [7,с.82].

Бояд гуфт, ки дигар моҷароҳои фарзандони Низомулмулк ва сарпечии онҳо ҳатто аз дастурҳои шоҳ назари неки Маликшоҳ нисбат ба Низомулмулкро ба тарафи манфӣ тағйир медод. Аз ҷумла, густохии фарзанди Хоҷа - Муъидулмулк дар ба кор нагуморидани Абӯҷаъфари Ҷузанӣ алорағми тавсияи Маликшоҳ, ки сабаби барканории вай аз девони суғро гардид.

Муҳаммад Авфии Бухороӣ (таваллуд ҳудуди 1172-1176) китоби “Лубоб-ул-албоб”-и худ менависад, ки ин мунокишаҳо боиси коҳиши ҳашамати вазир дар пеши султон гашт. Ва ин масъала дасти султонро дар таҷовузи ҳарими қудрати Хоҷа бозтар намуд. Шояд маҷмӯаи авомили фавқ буд, ки Хоҷа беҳтар дид қабл аз ин, ки султон барканории вайро аз мансаби вазорат бихоҳад, вай истеъфо диҳад [11,с.220].

3. Ихтилофи назарҳои Маликшоҳи Салҷуқӣ ва Низомулмулк дар муносибат ба халифаи Бағдод. Маликшоҳ дар фикри маҳдуд намудани қудрати халифа, ҳатто сарнагун намудани он буд. Аммо Низомулмулк эҳтироми хосе ба халифа дошт. Аз ҷониби дигар, халифа Муқтадӣ (1075-1094), ки пайрави мазҳаби шофеӣ буд, ин фазлу камоли Хоҷаро нисбат ба худаш шунида, эҳтиромаш нисбат ба вай афзуда буд. Аз ҷумла, дар дувумин

сафари Низомулмулк ба шаҳри Бағдод дар соли 1091 халифа Муқтадӣ иҷозаи нишастан дар баробари маснади хилофат ба Хоҷа дода ва мегӯяд: "Эй Ҳасан, ҳамон тавр, ки хотири маро фароҳам кардӣ, Худованд низ аз ту хушнуд хоҳад шуд. Хоҷа дар посухи ин мужда гуфт: Умедворам Худованди олам дуои амиралмуъмининро мустаҷоб намояд" [12,с.223].

Маликшоҳ, ки дар фикри сарнагун кардани халифа буд, Низомулмулкро низ садди роҳи худ медонист. Аммо шояд издивоҷи духтари Маликшоҳ бо халифа ва восита будани Низомулмулк низ ба манзури рафъи ин ихтилоф тасбити мавқеияти халифа аз Низомулмулк буда бошад. Ва шояд марги Хоҷа низ майдонро барои Маликшоҳ дар ин кор боз намуда бошад. Зеро вай дар охирин сафари худ дар соли 1092 ба Бағдод, ки пас аз марги Низомулмулк иттифоқ афтода буд, хост, ки тасмими худро ба иҷро расонад, яъне халифаро сарнагун созад. Аммо дере нагузашта Маликшоҳ низ вафот кард.

4. Ҷой доштани ихтилофот дар байни Низомулмулк ва завҷаи Маликшоҳ Турконхотун дар бораи он ки чӣ касе бояд ҷонишини Маликшоҳ гардад. Писари Турконхотун Довуд, ки писари дӯстдори падар Маликшоҳ буд, бояд ҷонишини падар мешуд, аммо дар соли 1081 Довуд вафот кард. Баъди шаш сол Маликшоҳ писари дигари худ - Абӯшуҷоъро ҷонишини худ интихоб намуд, аммо вай ҳам вафот кард. Баъд аз он Турконхотун хост, ки писари севумаш Маҳмудро, ки нисбат ба дигар номзадҳо ба ҷонишинии Маликшоҳ ҷавонтар буд, ба ҷонишинӣ пешниҳод кунад. Аммо дар муқобили Турконхотун Низомулмулк ва бисёре аз сарварони сипоҳ мехостанд писари дигари Маликшоҳ - Баркиёриқ, ки модараш Зубайдахотун буд, ҷонишини шоҳ бошад. Зеро Баркиёриқ ҳам писари калони шоҳ, ҳам лоиқтар аз дигар бародаронаш ва ҳам модараш шоҳзодахонуми салҷуқӣ, яъне духтари Ёқут писари Ҷуғробек буд. Дар мавриди ин моҷаро Хондамир дар "Дастур-ул-вузаро" менависад: "Бинобар ин миёни Хоҷа ва Турконхотун бар асари ҷонишинии султон Маликшоҳ ғубор ва нақор иртифоъ ёфта, зеро Хоҷа тарафдори Баркиёриқ буд ва Туркон дар хилват ба қабеҳ афъол ва аҳволи Хоҷа сутуда, хисоли иштиғол менамуд... Ва мегуфт, ки Низомулмулк дувоздаҳ писар дорад, ки эшонро ба масобаи аймаи исноашар дар чашми мардум азиз гардонидааст ва ҳукумати мамлакатро бар он ҷамоат тақсим намуда ва тариқи манофеъро бо дигар ҳавас ва муқаррабон масдуд сохт. Ин калимот дар хотири султон таъсир карда буд" [16,с.195]. Дар зери таъсири ин гуфтаҳо низ муносибати Маликшоҳ ба Низомулмулк тағйир ёфта буд. Худи Низомулмулк низ дар бораи мухолифати Турконхотун чунин менависад: "Муддате аст, ки ҳарами бузург (Турконхотун)-ро аз ман малол воқеъ аст. Ба воситаи он, ки мехоҳад, то подшоҳ валиаҳдии худро ба фарзанди ӯ Маҳмуд диҳад. Хотире дорад мунҳариф ҳарчанд бар атроф ва ҷавониб мегардад ва мехоҳад муфсада ба ман иснод кунад, ки муҷиби тағйири мизоҷи султон бошад ва аз ҷавомеи бадсиголаи ман ва мухолифони ман истинтоқ мекунад, ҳеҷ муяссар намешавад ва ҳеҷ наметавонад гуфт илали он ки Хоҷа мамлакатро миёни фарзандони худ қисмат намуда, агарчи касе дигар матлаъ нест, валекин ҳамин маро маълум аст, ки ин сухан дар ботини султон таъсир карда ..." [9,с.100-101].

5. Ихтилофи Низомулмулк бо бархе аз вазирон. Вазирони мухолифи Хоҷаро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: А) онҳое, ки бар асоси ҳисси ҷоҳталабии худ бо Низомулмулк ба мухолифат бархоста буданд, инҳо Ибни Баҳманёр ва Саидуруассо Абдулмаҳосин Муҳаммад мебошанд; Б) онҳое, ки дар зери фишори Низомулмулк натавониста буданд алорағми Хоҷа эътимоди шоҳ ва завҷаи ӯ Турконхотунро ҷалб намуда ва ба мақомҳои олӣ бирасанд. Ин гурӯҳ асосан аз пайравони мазҳаби ташайюъ буданд. Онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки бо барканор намудани Низомулмулк аз вазифааш пеши роҳи фишори давлат ба шииёнро бигиранд. Дар баробари ин, бо ҳимояи шоҳ ва завҷааш Турконхотун битавонанд ба хилофати Аббосиён зарба зананд. Аз миёни ин гурӯҳ метавон аз Тоҷулмулук Абдулғаноим ва Маҷдулмулки Қумӣ ном бурд. Бояд тавзеҳ дод, ки Ибни Баҳманёр бар асари ин қудраталабӣ аз ҷониби писари Низомулмулк боздошт ва кӯр карда шуд. Ҳамчунин, Абдулқосим Муҳаммад, ки ноиби Камолуддавла дар девони туғро буд, ба дастури Маликшоҳ дар соли 1083 кушта шуд. Тибқи навиштаи Нурулло Касоӣ аз ҷумлаи таблиғоти шуме, ки Абдулқосим менамуд ин буд, ки «Дар соли 1083 як сол пас аз қатли Ҷамолулмулк бархе аз гуфтугӯҳои байни Маликшоҳ ва надимони ӯ ба гӯши Хоҷа расид. Аз он ҷумла ба вай гуфтанд, ки подшоҳ эшонро таслим мекунад ҳазор-ҳазор динор аз эшон гирифта, таслими хазинаи султон мекунам. Хоҷа бо шунидани ин хабар зиёфати шоҳонае тартиб дод ва ғуломони Низомияро, ки чанд ҳазор тан буданд, силоҳ пӯшид ва гирдогирди хон таъбия намуд ва пас аз баргузории зиёфат замин бӯсид ва

изҳор дошт: Ман умреро дар хидмати султон ба падар ва ҷаддам ба сар бурда ва ҳаққи хидмати ман бар ин давлат собит аст. Ба султон расонидаанд, ки ман ушри амволи ӯро тасарруф мекунам. Ин рост аст. Вале ин ё бар ғуломон сарф мекунам, ки барои подшоҳ гирдовардаам, ё ба масрафи хайрот ва мубаррот ва салот ва авқоф мерасонам, ки аҷраш ойиди султон мешавад. Ин ки ман ва он чи мarост дар пешгоҳи султон аст. Бифармоед ҷумларо забт оранд ва маро бо хирқае дар зовияе ба зиллат боқӣ гузоранд» [8,с.18]. Дар мавриди он ки баъди ин суханронии Низомулмулк чӣ гузашт, Ибни Асир менависад, ки «Шоҳ барои истимолот аз вазир дастур дод Абдулмаҳосинро дар шавволи соли 1083 куштанд» [5,с.256].

Дар бораи яке дигар аз мухолифони Хоҷа, ки Тоҷулмулк Абулғаноим буд, Бундори Исфаҳонӣ гузорише менависад: «Раис Тоҷулмулк Абдулғаноим марзбони Хусрави Парвиз, вазирзодае дар Форс буд ва сарҳанг Соваткинро муддате хидмат карда буд. Ин сарҳанг амири бузург буд. Назди султон аз Тоҷулмулк некуӣ гуфт ва изҳор кард шоистаи хидмати султон аст. Соваткин гуфта буд, ки Тоҷулмулк ба хазина ва амволи ӯ расидагӣ мекунад ва мавриди эътимоди ӯст. Тоҷулмулк марди хушлаҳҷа ва забоновар ва сарватманд буд. Султон Тоҷулмулкро пазируфт ва вазораташро ба вай дод. Хазинаи худро дар ихтиёри ӯ гузошт ва корҳои хонаҳо ва умури ҳарамашро ба Тоҷулмулк роҷеъ сохт. Кори лашкариёнро дар бархе вилоятҳо ба вай вогузор кард. Девони туғро ва иншоро ба вай тавфиз намуд. Ноиби ӯ Киё Маҷидуддавла Абӯфатҳ Алӣ ибни Ҳусайни Ардистонӣ ноиби Маҷдуддавла буд. Тоҷулмулк бо эҳтироме, ки назди султон дошт, авзои кишварро тағйир дод ва тартиберо, ки Низомулмулк барои идораи кишвар дода буд, дигаргун кард. Аз дили султон муҳаббати Низомулмулк ва асари гуфтор ӯро маҳв кард. Осори дилтангӣ ва озурдагӣ аз Низомулмулк дар дили султон пайдо шуд. Ӯ низ ба вазир эҳтиром мегузошт, зеро аз сарнавишти шуми Умедуддавла (ибни Баҳманёр) ва Саидурруассо, ки бо вай мухолифат карда буданд, ибрат гирифта буд. Тоҷулмулк дар байни султон….. нисбат ба вазир падид овард. Тоҷулмулк Наҷмулмулки Қумиро эҳтиром мекард ва назди султон аз ӯ таъкид менамуд. Тоҷулмулк Саидулмулк Абулмаолӣ Музаффар ибни Абдураззоқ ибни Умар оризи лашкарро ба худ ҳамроҳ кард. Тоҷулмулк бо ҳамроҳии ин ду ба амвол ва шаҳрҳо мусаллат шуда ва ба онон иттифоқ ва иттиҳод карданд, ки ба Низомулмулк мухолифат кунанд ва ақидаи султонро нисбат ба вай тағйир диҳанд» [7,с.82].

Бояд тазаккур дод, ки Ҳиндушоҳ ибни Санҷари Нахҷувонӣ низ менависад, ки «Тоҷулмулк аз ҷумлаи ҳасудони Хоҷа ва доиман пеши султон тақбеҳи ҳоли ӯ кардӣ ва Хоҷа ба сабаби суботи қадим ва саволифи ҳуқуқ ва савобиқи ихлос ба саъёти ӯ ихтилоф намекард ва самъи султон батадриҷ аз масовии Хоҷа мамлуъ шуд» [17,с.281].

Зикри он нукта низ бамаврид аст, ки Тоҷулмулк илова ба бадгӯиву туҳмату буҳтон дар ҳаққи Низомулмулк аз роҳу воситаҳои дигар низ истифода менамуд. Дар робита ба ин, Абдураззоқи Канпурӣ овардааст: «Ибни Ҳабория шоирони маъруф аз вазирони Низомулмулк буд. Вақте Тоҷулмулк Абдуғаноим аз он шоир хост, ки ҳар гоҳ Хоҷаро ҳаҷв кунад, молу маноли зиёд ба вай хоҳад дод ва чун Ибни Ҳабория аз Хоҷа хайри зиёде дида буд, қабул накард. Вале ба асари тамаи зиёд ба арабӣ шеъре суруд, ки байти охираш ин аст: Рӯзгор монанди чархе аст, ки фақат ба василаи гов ба гардиш меафтад. Ва чун шеъри ӯ ба гӯши Хоҷа расид, Хоҷа гуфт Ибни Ҳабария ба масали машҳур, ки мардуми Тӯс гованд, аз роҳи шӯхӣ ба Тӯсӣ будани ман ишорат кардааст» [9,с.281]. Нуфуз ва қудрату тавоноии Абдулғаноим то ҳадде боло рафта буд, ки мегӯянд дар охирин сафари Низомулмулк ба Бағдод «Султон бифармуд, то Низомулмулкро бигирифтанд ва ба дасти Тоҷулмулк супурданд» [18,с.105]. Ҳатто куштани Низомулмулкро ба Абдулғаноим нисбат медиҳанд. Чунончи Шабокораӣ дар китоби «Маҷмаъ-ул-булдон»-аш менависад, ки гӯянд, ки куштани Низомулмулк ба дасти Тоҷулмулк буд. Зеро ки Тоҷулмулк, ки хасми ӯ буд ва ҳеҷ каси дигар бар қатл иқдом нанмудӣ» [18,с.105].

Ба андешаи мо, нисбат додани қатли Низомулмулк ба дасти Тоҷулмулк аз ҷониби бархе муаррихон бар пояи душмании мазҳабӣ қарор дорад. Мумкин аст, ки мисоли Тоҷулмулк муҳимтарин омиле бошад, ки нависандагон қатли ӯро ба ӯ нисбат диҳанд. Аммо аз ошноӣ бо таълифоти муаррихони гуногун метавон натиҷагирӣ кард, ки эҳтимолан метавонист ин қатл ба василаи худи Маликшоҳ низ тарҳрезӣ шуда бошад. Ва ё ҳатто аз ҷониби завҷаи шоҳ Турконхотун низ.

6. Дар соли 1092 байни ҳокими Марв Тоҷулмулк ва яке аз писарони Низомулмулк Шамсулмулк Усмон низоъ бархост. Ҳокими Марв назди шоҳ шикоят кард ва Маликшоҳ Тоҷулмулк ва Маҷдулмулкро бо пайғоме назди Низомулмулк фиристод, ки ба навиштаи Бундори Исфаҳонӣ чунин мазмун дошт: «Ту бар кишвари ман мусаллат

шудаӣ ва шаҳрҳоро миёни фарзандон ва домодҳоят ва ғуломонат тақсим кардаӣ. Мисли ин аст, ки дар кишвар шарики ман ҳастӣ. Оё мехоҳӣ, ки бо бардоштани давоти садорат аз муқобили ту фармон диҳам ва мардумро аз ситами ту бираҳонам» [7,с.72-73] Низомулмулк ба фиристодагони шоҳ чунин гуфт: "Ба султон бигӯед: «Магар намедонистӣ, ки ман дар мулк бо ту шарикам. Пас бидон, ки ту ин давлатро ба тадбир ва ройи ман ба даст овардаӣ. Оё ба ёд намеоварӣ, ки чун падарат фармон ёфт, ман ба тадбири ӯ бархостам ва онҳоеро аз аҳли вай ва ғайри онҳо чун фалону фалон, ки бар вай берун омада буданд, фурӯ гирифтам... (дар ин ҷо шумори зиёд аз касонеро, ки бар Маликшоҳ бишӯриданд, ном мебарад). Аз ман ба султон бигӯед, ки он ки туро тоҷ дод, дастор ба сари ман ниҳод. Ҳарду дар ҳам бастаанд ва ба ҳам пайваста. Ҳар вақт ин давлат баргиранд, он тоҷ низ аз сари ту гирифта хоҳад шуд" [3,с.72-73]

Чун фиристодагони шоҳ ин гуфтаҳои Хоҷаро ба самъи вай расониданд, хашму ғазаби Маликшоҳ нисбат ба Низомулмулк боз ҳам афзоиш пайдо намуд.

8. Муносибати Низомулмулк бо пайравони мазҳаби исмоилия. Бояд тазаккур дод, ки Хоҷа дар мубориза бар зидди пайравони мазҳаби исмоилия ва саркуб намудани онҳо нақши калидӣ дошт ва нуқтаи олии ин муборизаи ғоявӣ фиристодани як гурӯҳ сипоҳиён бо сарварии Алтунтош барои фатҳи Аламут ва ҳамзамон сафарбар намудани теъдоде аз сипоҳиён бо фармондеҳии Фазли Сариғ ба ҷануби Хуросон буд. Маҳдии Ғаравӣ дар робита ба ин қазия менависад, ки "Ҳамла барои тасарруфи қалъаи Аламут мунҷар ба муҳосираи ин қалъа гардид ва Ҳасани Сабоҳ (пешвои исмоилиён) дар тангно қарор гирифт. Аммо бо расидани неруи кумакӣ аз тарафи Деҳдор Бӯалӣ барои Ҳасани Сабоҳ сардори салҷуқӣ шикаст хӯрд ва ҳанӯз чанд рӯзе аз расидани вай ба хидмати султон нагузашта буд, ки Низомулмулк кушта шуд" [4,с.316]. Донишманди шӯравӣ Е.Э. Бертелс (1890-1957) дар мавриди авомили қатли Низомулмулк чунин натиҷагирӣ менамояд: "Албатта, ба қатли ӯ исмоилиёнро гунаҳгор медонанд, вале пурра имкон дорад, ки ханҷари исмоилӣ ин дафъа ба дили вазир бе иштироки қарами ҳукуматдӯстдори шоҳ равона нашуда буд" [2,с.495]. Яъне, ин мусташриқи маъруф бар он ақида аст, ки қатли Хоҷа танҳо кори дасти исмоилиён нест.

Қатли Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ, аз қабили "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳ (1247-1318), "Маҷмаъ-ул-ансоб"-и Муҳаммади Шабонкораӣ (тав.1297) ва ғайра тасвир шудааст. Аз ҷумла Муҳаммади Шабокораӣ чунин менависад: "Баъд аз ҷавоби Хоҷа Низомулмулк ба паёми Маликшоҳ Султонбӣ фармуд, то Низомулмулкро бигирифтанд ва ба дасти Тоҷулмулк супурданд ва султон дар он наздики ҳазимати Бағдод кард ва ҳарду вазирро ба худ бибурд" [18,с.105].

Тибқи навиштаи донишманди эронӣ Насруллоҳи Фалсафӣ дар ҳудуди маҳалле ба номи Саҳна воқеъ дар ҳудуди 60 километрии Кирмоншоҳ, ҳангоме ки Низомулмулк дар шаби 10-уми рамазон баъд аз ифтор дар тахти равон аз боргоҳи шоҳӣ ба хиргоҳи хеш мерафт, ҷавоне аз фидоиён ба номи Бӯтоҳири Арронӣ дар либоси сӯфиён ба баҳонаи тақдими арзи ҳол наздики вай рафт ва корде бар вай зад ва Низомулмулк аз он захм кушта шуд" [15,с.218].

Мегӯянд, ки Низомулмулк баъд аз хӯрдани захми корд ин қитъаро дар сидқи назм кашид ва назди Маликшоҳ фиристод:

*Якчанд ба иқболи ту эй шоҳи ҷаҳонбахт,*
*Гар даст ман аз чеҳраи айён сутурдам.*
*Туғрои накуномиву маншури адолат,*
*Пеши малик-ул-ашр ба тавқеи ту бурдам.*
*Омад зи қазо муддати умрам ба наваду шаш,*
*Дар ҳадди Ниҳованд ба як корд бимурдам.*
*Бигзоштам ин хидмати дерина ба фарзанд,*
*Ӯро ба Худову Худованд супурдам [1,с.79].*

Бояд афзуд, ки баъди кушта шудани Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ҳам Тоҷулмулк ва ҳам Маҷдулмулк ба дасти тарафдорони Хоҷа ба қатл расиданд.

Баъд аз кушта шудани Хоҷа асҳоби ӯ ҷасадашро ба Исфаҳон бурда, дар ҷойи хушманзарае ба хок супурданд, ки ин мавзеъ баъдан бо номи "Турбати Низом" маъруф гардид.

**АДАБИЁТ**

1. Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик // Садои Шарқ. - 1986. -№8. -С.79.
2. Бертелс А. История персидско-таджикской литературы. -М., 1960. -С.495.

3. Бойл Ҷ.А. Таърихи Эрони Кембриҷ. -Теҳрон, 1987. - Ҷ.5. -С. 72-73.
4. Ғаравӣ М. Асри тиллоии Низомулмулк. -Теҳрон, 1988. -С. 316.
5. Ибни Асир. Комил таърих бузурги Ислом ва Эрон. -Теҳрон, 1984. - Ҷ17. -С.256.
6. Иқбол Аббос. Тарихи Эрон. -Теҳрон, 1983. -С.335.
7. Исфаҳонӣ Б. Таърихи силсилаи Салҷуқӣ. -Теҳрон, 1977. -С.82.
8. Касоӣ Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. -Теҳрон, 1990. -С.18.
9. Компурӣ А. ЗиндагонииХоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. -Теҳрон, 1974. -С.100-101.
10. Мирхонд. Равзат ус-сафо. -Теҳрон, 1983. - Ҷ4. -С.298.
11.Самарҷонӣ Ҳ.С. Беҳтарини тоҷикон. -Теҳрон, 2004. -С.220.
12. Ҳамон ҷо. – С.223.
13. Тӯсӣ Ҳ.Н. Сайр-ул-мулук. -Теҳрон, 1983. -С.122.
14. Ҳамон ҷо. –С.123.
15. Фалсафӣ Н. 8 мақолаи таърихӣ ва адабӣ. -Теҳрон, 1951. -С.218.
16. Хондамир. Дастур- ул-вузаро. -Теҳрон, 1938. -С.195.
17. Ҳиндушоҳи Н. Таҷориб-ул-салаф. -Теҳрон, 1996. -281 с.
18. Шабонкораӣ М. Маҷмаъ-ул-ансоб. -Теҳрон, 1984. -С.105.

## АВОМИЛИ ҚАТЛИ ХОҶА НИЗОМУЛМУЛКИ ТӮСӢ

Сиёсатмадори бузург, вазири ботадбир, муаллифи китоби арзишманди ”Сиёсатнома”, муассиси як силсила мактабҳои олӣ бо номи “Низомияҳо” Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва бахусус фарҳангии халқи тоҷик дар асри XI нақши басо муҳим бозидааст, бар асари як суиқасд рӯзи 15 октябр соли 1092 аз олам гузаштааст. Сабаб ва ё авомили суиқасд ба ҷони ин марди бузурги сиёсат ва илму фарҳанг дар чӣ буд? Аз овони ба вуқӯъ пайвастани ин террор ба баъд дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва баъдии таълифоти илмии донишмандони Шарқу Ғарб изҳори назарҳои зиёд шудааст, ки онҳо доир ба чанд далели куштор изҳори андеша намудаанд.

1. Пайрави мазҳабҳои гуногун будани Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ва Маликшоҳи якум (ҳукм. 1072-1092). Хоҷа аз мазҳаби шофеӣ ва подшоҳ аз мазҳаби ҳанафӣ пайравӣ менамудаанд.

2. Дар зери назари фарзандон ва ҷонибдорони Низомулмулк қарор гирифтани қаламрави мамлакат боиси нохушнудии Маликшоҳи Салҷуқӣ гардида буд. Зеро вай медид ва эҳсос мекард, ки қудрати вазир аз қудрати шоҳ бештар аст ва шоҳ ин гуна вазъиятро наметавонист таҳаммул кунад.

3. Ихтилофи назарҳои Маликшоҳи Салҷуқӣ ва Низомулмулк дар муносибат ба халифаи Бағдод. Маликшоҳ дар фикри маҳдуд намудани қудрати халифа, ҳатто сарнагун намудани он буд. Аммо Низомулмулк эҳтироми хосе ба халифа дошт.

4. Ихтилофи Низомулмулк бо бархе аз вазирон. Вазирони мухолифи Хоҷаро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: А) онҳое, ки бар асоси ҳисси ҷоҳталабии худ бо Низомулмулк ба мухолифат бархоста буданд, инҳо Ибни Баҳманёр ва Саидуруассо Абдулмаҳосин Муҳаммад мебошанд; Б) онҳое, ки дар зери фишори Низомулмулк натавониста буданд алорағми Хоҷа эътимоди шоҳ ва завҷаи ӯ Турконхотунро ҷалб намуда ва ба мақомҳои олӣ бирасанд.

**Калидвожаҳо**: Хоҷа Низомулмулк, вазир, қатл, мазҳаб, халифа, султон, исмоилиён, низомияҳо, девон, сипоҳ.

## ПРИЧИНЫ УБИЙСТВА ХОДЖА НИЗОМУЛМУЛКА ТУСИ

Великий политик, мудрый веезирь, автор бесценного произведения”Сиёсатнаме”, основатель ряда высших школ – медресе под названием “Низамия” Ходжа Низомулмулк Туси, который сыграл очень важную роль в политической, экономической, социальной и особенно культурной жизни таджикского народа в XI веке, был убит в результате одного заговора 15 октября 1092 года. В чём же была причина заговора против этого государственного деятеля, великого политика и ученого? О причинах данного убийства в средневековых источниках и в последующих научных изысканиях ученых Востока и Запада были представлены различные предположения.Приводим некоторые из них :

1. Ходжа Низомулмулк Туси и Мелик-шах (период правления 1072-1092) были последователями различных мазхабов. Ходжа был приверженцем шафиитского мазхаба, а царь ханафитского мазхаба.

2. Нахождение под контролем детей Низамулмулка и его сторонников территорий страны не нравилось Мелик-шаху – султану Сельджукидского государства. Так мкак он видел и чувствовал, что влияние везиря больше чем его сила и царь не мог терпеть данное положение.

3. Противоречия во взглядах Мелик-шаха и Низамулмулка в отношении к Багдадскому халифу. Мелик-шах думал об ограничении, или даже о свержении Багдадского халифа, но Низамулмулк испытывал особе уважение к Халифу.

4. Противоречия Низамулмулка с некоторыми везирями. Везирей, несогласных с Низамулмулком можно разделить на две группы: А) те, кто из-за своих корыстных соображений противостояли Низамулмулку. Это были - Ибни Бахманёр и Саидуруассо Абдулмахосин Мухаммад; Б) те, кто из-за давления Низомулмулка не могли привлечь внимания шаха и Туркан-хатун в деле приобретения высоких государственных постов.

**Ключевые слова**: Ходжа Низомулмулк, везирь, убийство, мазхаб, халиф, султан, исмаилиты,низамиты, диван, армия.

## CAUSES OF KHOJA'S NIZOMULMULK TUSI LOW-BAND

The great politician, the wise veesir, the author of the invaluable work of Siesatname, the founder of a number of higher schools - the madrasa called “Nizamiya” - Khoja Nizomulmulk Tusi, who played a very important role in the political, economic, social and especially cultural life of the Tajik people in the XI century, He was killed in a conspiracy on October 15, 1092. What was the reason for the conspiracy against this statesman, great politician and scientist? Various

assumptions were presented about the reasons for this murder in medieval sources and in subsequent scientific research of scientists from the East and the West. Here are some of them:

1. Khoja Nizomulmulk Tusi and Melik Shah (reign 1072-1092) were followers of various madhhabs. Khoja was a follower of the Shafi'i madhhab, and the king of the Hanafi madhhab.

2. Being under the control of children, Nizamulmulka and his supporters of the country's territories did not like Melik Shah, the sultan of the Seljuk State. So he saw and felt that the influence of the Vesirius was greater than his strength and the king could not tolerate this position.

3. Contradictions in the views of Melik Shah and Nizamulmulka in relation to the Baghdad Caliph. Melik Shah thought about restricting, or even about overthrowing the Baghdad Caliph, but Nizamulmulk had a special respect for the Caliph.

4. Contradictions of Nizamulmulka with some vesieres. Vesirey, those who disagree with Nizamulmulk can be divided into two groups: A) those who, because of their mercenary considerations, opposed Nizamulmulka. These were - Ibni Bachmanyor and Saidurusso Abdulmahosin Muhammad; B) those who, due to the pressure of Nizomulmulka, could not attract the attention of the Shah and Turkan-Khatun in the matter of acquiring high government posts.

Keywords: Khoja Nizomulmulk, Vizier, murder, madhab, caliph, sultan, Ismailis, Nizamites, divan, army.

**Сведения об авторе:** ***Садриддин Айниддин*** - Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, аспирант кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **915-66-76-76**

**Information about the author:** ***Sadriddin Ainiddin*** - Bokhtar State University. Nosirah Khusrava, a graduate student in the department of the history of the Tajik people. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini 67 street. Phone: **915-66-76-76**

**УДК 66.4 + 66.49 + 66.5(2Тоҷик)**

## АНЪАНАҲО: МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ИҶТИМОИВУ СИЁСӢ

***Нуриддинов Р.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ илми алоҳида буда, таърихи дипломатия, ҳуқуқи байналхалқӣ, иқтисоди ҷаҳонӣ, стратегияи ҳарбӣ ва бисёр дигар фанҳоро, ки ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи барои онҳо ягонаро меомӯзанд, дар бар мегирад. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ маҷмӯи хулосаҳои бунёдие мебошад, ки аз тарафи мактабҳои назариявӣ пешниҳод мешаванд.

Тавре ки С. Хоффманн таъкид менамояд, назарияи муносибатҳои байналхалқӣ, аз як тараф, хеле куҳна ва аз тарафи дигар, ҷавон мебошад. Ҳанӯз дар давраҳои қадим фалсафа ва таърихи сиёсӣ сабабҳои низоъҳо ва ҷангҳо, воситаҳо ва усулҳои таъмини субот ва сулҳ байни халқҳо, қоидаҳои муносибатҳои мутақобилаи онҳо ва ғайраро ба миён мегузоштанд. Аммо омӯзиши системавии падидаҳо ва ошкор намудани моҳияти онҳо дар давраи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ, дар нимаи аввали асри XX оғоз гардид. Фақат дар солҳои 50–60–уми асри XX назарияи муносибатҳои байналхалқӣ аз «буғикунонии» илми таърих ва «фишори» илми ҳуқуқӣ раҳоӣ меёбад [7,с.76].

Дар ҳамин давра шаклгирии сотсиологияи муносибатҳои байналхалқӣ, чун фанни мустақил сурат гирифт. Солҳои 70–уми асри XX боз як самти дигари илми муносибатҳои байналхалқӣ - иқтисоди сиёсии байналхалқӣ зуҳур намуд. Дар доираи назарияи муносибатҳои байналхалқӣ доир ба масъалаҳои асосии он мубоҳисаҳои бузург авҷ гирифтанд [7,с.77].

Олими англис С. Смит даҳ мубоҳисаро таъкид намудааст, ки асоси онҳоро нуқтаи назари гуногун ба мавзӯъ ва объекти тадқиқот ташкил медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ ҷой доштани андешаҳои гуногун ва рақобати мактабҳои таҳлилӣ мебошад. Чунин ҳолат проблемаи тақсимбандии назарияҳои муносибатҳои байналхалқиро ба вуҷуд овардааст. Сабаби асосии тақсимбандиҳо меъёрҳое мебошанд, ки мактабҳои илмӣ истифода намудаанд.

Гурӯҳи якуми донишмандон меъёрҳои ҷуғрофиро ба инобат гирифта, назарияҳои англосаксонӣ, шӯравӣ ва хитоии муносибатҳои байналхалқиро ҷудо мекунанд.

Гурӯҳи дувуми донишмандон тақсимбандии худро ба асоси умумияти назарияҳои баррасишаванда бунёд карда, назарияҳои реализми сиёсӣ, таърихи фалсафа ва мактаби бихевиористиро ҷудо мекунанд. Муҳаққиқи швейтсарӣ Ф. Брайар ба назарияҳои

зикргардида, реализми сиёсӣ, сотсиологияи таърихӣ ва консепсияи марксистӣ–ленинии муносибатҳои байналхалқиро дохил мекунад.

Ба назарияҳои инфиродӣ назарияи акторҳои байналхалқӣ (Б. Корани); назарияи алоқамандӣ дар доираи низоми байналхалқӣ (Д. Моделски, С. Амин, К. Кайзер); назарияи стратегия, низоъҳо ва тадқиқоти ҷаҳон (Л. Пуаре, Д. Сингер, Й. Галтун); назарияи ҳамгироӣ (А. Этсиони, К. Дойч) ва назарияи созмонҳои байналхалқиро (И. Клод, Ж. Сиотис, Э. Хаас) дохил мекунанд.

Гурӯҳи севуми донишмандон чунин мешуморанд, ки меъёри асосии тақсим методе мебошад, ки ин ё муҳаққиқ ба кор мебарад.

Гурӯҳи чоруми донишмандон тақсимбандиро аз рӯйи проблемаҳои марказии хосси ин ё он назария анҷом медиҳанд.

Гурӯҳи панҷуми донишмандон ба меъёрҳои комплексӣ такя мекунанд (Б. Корани) ва тақсимбандии назарияи муносибатҳои байналхалқиро ба асоси истифодаи методҳо («классикӣ» ва «модернистӣ») ва дарки консептуалии ҷаҳон («либералӣ–плюралистӣ» ва «материалистӣ–структуралистӣ») анҷом медиҳанд [7,с.78].

Дар маҷмӯъ, аксари донишмандон чунин мактабҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ - реализми сиёсӣ (Г. Моргентау, Р Арон; Х. Бул), бихевиоризм (Д. Сингер; М. Каплан), марксизми классикӣ (К. Маркс, Ф. Энгелс, В.И. Ленин) ва неомарксизмро (И. Валлерстайн, С. Амин, А. Франк, Ф. Кардозо) ҷудо менамоянд.

Д. Коляр назарияҳои классикии реализми сиёсӣ, идеализми сиёсӣ, марксистӣ, ҷараёни англосаксониро ҷудо менамояд.

М. Мерл чунин мешуморад, ки самтҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ дар назарияи суннатгароён - ворисони мактаби классикӣ (Г. Моргентау, С. Хоффманн, Г. Киссинҷер), консепсияҳои сотсиологии англосаксонии бихевиоризм ва функсионализм (Р. Кокс, Д. Сингер, М. Каплан, Д. Истон) ва ҷараёни марксистӣ ва неомарксистӣ (П. Баран, П. Суизи, С. Амин) ифода меёбанд.

Дар таърихи назарияи муносибатҳои байналхалқӣ саҳми Фукидид ва Сисерон, Э. фон Ваттел ва Т. Гоббс, Ҷ. Локк ва Г. Гротсий, Д. Юм ва И. Кант ва дигар мутафаккирони бузурги таърихи инсоният азим аст.

Яке аз нахустин мероси хаттӣ, ки ба таҳлили амиқи муносибатҳои байни воҳидҳои мустақили сиёсӣ бахшида шудааст, «Таърихи ҷанги Пелопоннес дар ҳафт китоб» мебошад, ки бештар аз ду ҳазор сол қабл, аз тарафи Фукидид (солҳои 471-401 то мелод) навишта шудааст. Бисёр нуктаҳо ва хулосаҳои ин таърихнигори Юнони қадим аҳамияти худро то рӯзҳои мо аз даст надодаанд ва орзуи ӯ ҷомаи амал пӯшидааст, ки гуфта буд: «Ин асар то абад боқӣ хоҳад монд ва он барои ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд дар бораи гузашта, ки метавонад аз рӯйи табиати инсонӣ ягон вақт дар оянда ба ҳамон шакл такрор шавад, тасаввуроти равшан дошта бошанд, фоидаовар хоҳад буд» [7,с.78-79].

Сабабҳои ҷанги чандсола ва хастакунандаи байни афинагиҳо ва лакедемониҳоро таҳлил намуда, ин таърихнигори қадим ба он таваҷҷуҳ менамояд, ки ин халқҳо нисбатан муқтадир ва пешрафта буданд ва ҳар кадоми онҳо бар иттифоқчиёни худ ҳукмрон буданд.

Вай таъкид намудааст, ки: «…аз замони ҷанги Форс ва то ин ҷанг, афинагиҳо ва лакедемониҳо ё байни худ ё бо иттифоқчиёни худ мудом ё иттиҳод мебастанд, ё ки аз онҳо ҷудо мешуданд ва ҷанг мекарданд ва бад-ин тартиб, дар кори ҳарбӣ ва дар байни хатарҳо тақвияту обутоб меёфтанд ва таҷрибаи калон меандӯхтанд. Азбаски ҳарду давлати муқтадир ба як навъ империя табдил ёфта буданд, тақвияти яке, онҳоро водор мекард ин роҳро идома диҳанд, онҳоро барои тобеи худ кардани атрофиён тела медод, то таъсиру нуфузи худро ҳифз намоянд. Дар навбати худ, «империя»–и дигар ва шаҳр–давлатҳои хурд низ дар баробари чунин тақвият тарсу нигарониро эҳсос карда, барои тақвияти қудрати мудофиавии худ чораҳо меандешиданд.

Бад-ин тартиб, давлатҳо даргири доираи сарбастаи низоъ мешуданд, ки дар ниҳоят ногузир ба ҷанг меанҷомид. Барои ҳамин Фукидид аз худи аввал сабаби ҷанги Пелепоннессро аз баҳонаҳои гуногун барои ҷанг ҷудо мекард: «Ҳақиқатноктарин баҳона, гарчи дар забон ва нисбатан ниҳон буд, ба ақидаи ман, дар он аст, ки афинагиҳо бо тақвияти худ лакедемониҳоро ба ҳарос афканда, ба ин восита онҳоро ба шурӯи ҷанг водор карданд». «Лакедемониҳо эътироф мекарданд, ки сулҳ вайрон шуд ва бояд ҷангро сар кард. Ҷанг на танҳо таҳти таъсири иттифоқчиён, балки аз тарс дар баробари ҳарос аз тақвияти минбаъдаи иқтидори афинагиҳо сар шуд…» [7,с.80].

Таърихнигори Юнони қадим таъкид менамояд, ки далели асосӣ ва бештар эътимодноки танзими низоъ байни ду воҳиди сиёсӣ фақат қувва буда метавонад. Масалан,

сафирони Афина, аз як тараф, лакедемониҳоро ба ҳифзи сулҳ моил сохта, аз тарафи дигар, бар он ишора мекарданд, ки давлати онҳо чи қадар муқтадир аст. Онҳо иқтидор ва ҳокимияти худро бар дигар давлатҳо сафед карда, мегуфтанд, ки «Чунин тартиботро мо ҷорӣ накардаем, он аз азал вуҷуд дорад, яъне заифро неруманд бозмедорад».

Ба ақидаи Фукидид, неру ва иқтидори давлат ягона мақсад нест. Он барои ҳифзи манфиатҳои давлат, шараф ва амнияти он фақат чун василаи асосӣ хизмат мекунад. Афинагиҳо мегуфтанд: «Мо маҷбур будем давлати худро қабл аз ҳама, ба сабаби вазъияти мавҷуда, бештар аз ҳама, ба сабаби тарс дар баробари форсҳо, баъдан ба сабаби эҳсоси шараф ва ниҳоят, ба хотири манфиатҳои мо ба ҳолати кунунӣ расонем».

Зоҳиран, Фукидид асло ситоишгари зӯроварӣ намебошад, вай фақат бо таассуф ногузирии онро, ки дар табиати худи инсон ниҳон аст ва дар ҳолатҳои фавқулода зуҳур менамояд, таъкид мекунад.

Фукидид фоида ва зарурати меъёрҳои ҳуқуқиро дар муносибатҳои байни давлатҳо инкор намекунад, вале таъкид менамояд, ки ҳангоми низоъ дар сурати арзёбии ҳақиқӣ… ҳуқуқ фақат дар сурати баробарии қувваи ҳарду тараф аҳамияти ҳалкунанда дорад ва агар чунин баробарӣ набошад, неруманд ҳар чиро ки мехоҳад, онро мекунад ва заиф таслим мешавад. Аммо дар робита ба ахлоқ бояд гуфт, ки дар муносибатҳои байнидавлатӣ зуҳури олии ахлоқ метавонад фақат миёнаравӣ дар истифодаи қувва бошад. Бинобар ин, оне, ки таслими ҳамбаробари худ намешавад, оне, ки ба зӯртар хуб муносибат мекунад, оне, ки нисбат ба заифтар миёнаравтар аст, бештар муваффақ мешавад.

Воқеъбинӣ ва амиқии таҳлили рӯйдодҳо, пешгӯӣ ва инкишофи бисёр назарияҳои муносибатҳои байналхалқӣ аз тарафи Фукидид боиси он шуд, ки вай сардафтари яке аз анъанаҳои бонуфузи илми муносибатҳои байналхалқӣ гардид.

Минбаъд ин анъана, ки номи классикиро ба худ гирифт, дар осору ақидаҳои Н. Макиавелли (1469–1527), Т. Гоббс (1588–1679), Э. де Ваттел (1714–1767) ва дигар мутафаккирон идома ёфта, дар асри XVIII дар осори генерали германӣ (Пруссия) К. фон Клаузевитса (1780–1831) такмил ёфт.

Т. Гоббс чунин ақида дорад, ки инсон табиатан мавҷуди худхоҳ аст. Дар вай хоҳиши доимии ҳукмрон будан ниҳон аст. Аммо азбаски одамон табиатан аз рӯйи қобилияту истеъдод баробар нестанд, рақобати онҳо, нобоварӣ ба ҳамдигар, тамоюл ба соҳиби неъматҳои моддӣ шудан, майл ба обрӯ ва шараф ҳамеша боиси ҷанги ҳама ба муқобили ҳама ва инсон барои инсон гург аст, мегардад ва ин вазъи табиии муносибати байни одамон мебошад. Ба хотири даст кашидан аз нобудии якдигар дар ин ҷанг, одамон зарурати бастани созиши иҷтимоиро эҳсос мекунанд, ки натиҷаи он давлат - Левиафан мебошад. Ин ба воситаи ихтиёран даст кашидан аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба манфиати давлат дар ивази кафолати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳ ва амният амалӣ мешавад.

Аммо, агар муносибати байни одамони алоҳида ба маҷрои иҷтимоӣ дарояд ҳам, вале муносибатҳои байнидавлатӣ дар ҳолати табиӣ боқӣ мемонанд. Давлат чун ниҳоди мустақил бо ягон маҳдудият вобастагӣ надорад. Ба ҳар як давлат он чиз тааллуқ дорад, ки вай тавоноии гирифтани онро дорад ва то вақте ки тавонии нигоҳдории ин чизи ғасбкардаро дорад. Ягона «танзимгари» муносибати байни давлатҳо қувва мебошад ва худи иштирокчиёни ин муносибатҳо дар вазъияти гладиатор қарор доранд, ки аслиҳаро тайёр нигоҳ дошта, ҳушёрона рафтори якдигарро мушоҳида мекунанд.

Яке аз навъҳои ин анъана назарияи тавозуни сиёсӣ аст, ки мутафаккири голландӣ Б. Спиноза (1632–1677), файласуфи англис Д. Юм (1711–1776) ва ҳуқуқшиноси швейтсарӣ Э. де Ваттел аз он пайравӣ кардаанд.

Э. де Ваттел, бар хилофи Т. Гоббс, ба муносибати байни давлатҳо хушбинона нигоҳ мекунад. Вай чунин мешуморад, ки ҷаҳон, ҳадди ақал Аврупо, дигар шудааст: Аврупо акнун аз низоми сиёсӣ то ҳадде ягона аст, ки дар он ҳама чиз бо якдигар ва бо манфиатҳои гуногуни миллатҳои сокини ин қитъа алоқаманд аст. Он мисли пеш, вақте ки ниҳодҳои алоҳидаи он беназм буданд, ҳар кадоми онҳо нисбат ба сарнавишти якдигар беэътино буданд ва ба он чи ки бевосита ба онҳо дахл надошт кам таваҷҷуҳ мекарданд, нест.

Э. де Ваттел қайд мекунад, ки маҳз андешаи баробарии сиёсӣ, баробарии ҳокимиятро ба вуҷуд овард. Яъне, ҳеҷ як давлат дар Аврупо тавоноии онро надорад, ки бар дигарон бартарӣ дошта бошад ва қонунҳои худро ба онҳо таҳмил намояд.

Э. де Ваттел чунин мешуморид, ки дар муқоиса бо манфиатҳои миллӣ, манфиатҳои шахсии одамон дуюмдараҷа мебошанд. Вай таъкид мекард, ки агар сухан дар бораи наҷоти давлат равад, набояд беш аз ҳад эҳтиёткор буд. Агар хеле зуд ба таҳдиду хатар бовар кард, пас, ҳамсоя айбдор аст, ки қасди худхоҳонаи худро бо аломатҳои гуногун

нишон медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки ҷанги пешгирикунанда ба муқобили ҳамсояи сарбардошта қонунӣ ва одилона аст.

Аммо чӣ кор бояд кард, агар қувваи ҳамсоя аз қувваи дигар давлатҳо бартарӣ дорад? Дар чунин ҳолат Э. де Ваттел посух медиҳад, ки беҳтар ва дурусттар ин хоҳад буд, ки бояд иттифоқ баста, якҷоя ба давлати қудратманд муқобилият нишон дод ва барои таҳмил кардани иродаи давлати қудратманд ба дигарон бояд монеа кард. Алҳол давлатҳои мустақили Аврупо чунин мекунанд. Онҳо дар рақобати ду абарқудрат, ки рақиби табиӣ мебошанд, бо давлати заиф муттаҳид гашта, таносуби қувваро нигоҳ медоранд.

Дар асри XIX анъанаи классикӣ дар ақидаи К. фон Клаузевитс, дар асари ӯ «Дар бораи ҷанг» ифодаи худро ёфт:

1. К. фон Клаузевитс на танҳо тезисро дар бораи ин ки муносибатҳои байналхалқӣ моҳияти муносибатҳои байнидавлатӣ мебошанд, ҳақиқати баҳснопазир меҳисобад, балки худи сиёсатро чун муносибати воҳид ва комили стратегии давлат нисбат ба ҷаҳони беруна шарҳу тафсир медиҳад ва такрор ба такрор таъкид менамояд, ки ҷанг фақат аслиҳа, воситаи сиёсат мебошад.

Бо назардошти ин вай таъкид мекунад, ки агар ҳадафи аввалияи ҷанг расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ бошад, пас табиист, ки далели сар задани ҷанг мақсаду ниятҳои олие мебошанд. Ва ҳама вақт дар хотир нигоҳ бояд дошт, ки маҳз нияти сиёсӣ ҳадаф мебошад ва ҷанг фақат восита мебошад ва ҳеҷ гоҳ восита беҳадаф буда наметавонад.

2. К. фон Клаузевитс ба душвориҳои баҳсҳои дохилисиёсӣ, ки бартарии вазифаҳои сиёсати хориҷии давлатро таҳти шубҳа қарор намедиҳанд, таваҷҷуҳ намекунад. «Вай менависад: Метавон бо ин чиз розӣ шуд, ки ҳадафи сиёсат мутобиқсозии тамоми ҷанбаҳои фаъолияти вазифаҳои дохилӣ ва арзишҳои маънавӣ мебошад. Табиист, ки сиёсат ба худии худ ҳеҷ чиз аст. Он фақат ифодаи манфиатҳо дар ҷаҳони беруна мебошад».

3. К. фон Клаузевитс аз анъанаи классикӣ пайравӣ намуда, рушди минбаъда ва ташаккули назарияи реализми сиёсиро ба назар гирифта, чунин мешуморад, ки асоси сиёсатро тағйирнопазирии табиати инсонӣ ташкил медиҳад, бинобар ин, сиёсат метавонад ба асоси қонунҳои муайян ба нақша гирифта шавад. Вазъияти байналхалқӣ дар унсурҳои зерин ифода меёбад:

– омилҳои табиӣ, ки зӯрӣ, бадбинӣ ва хусумати табииро дар бар мегиранд;

– ирода, озодиҳои инсонӣ, ки омилҳои фавқулода муҳим буда, дар доираи қонунҳои табиӣ ва бозиҳои тасодуф маҳдуданд;

– сиёсат, ҳамчун ифодаи муносибати оқилона нисбат ба ду унсури зикршуда [7,с.83-84].

Бад-ин тартиб, ҷанг «аз сегонаи аҷиб иборат аст:

– зӯрӣ чун унсури аввалияи он;

– бадбинӣ ва хусумат, чун ғаризаи кӯр–кӯронаи табиӣ;

– бозиҳои тасодуфӣ ва эҳтимолӣ, ки ҷангро ба як фаъолияти озод ва рӯҳӣ мубаддал месозад ва аз тобеияти ҷанг ба сифати аслиҳаи сиёсат, ки ба туфайли он ба ақли солим тобеъ мешавад.

Ҳамзамон бо анъанаи классикӣ, анъанаи дигаре ташаккул меёбад, ки асосгузорони он файласуфи доминиканӣ Ф. де Виториа (1480–1546), ҳуқуқшиноси голландӣ Г. Гротсия (1583–1645), намояндаи фалсафаи классикии германӣ И. Кант (1724–1804) ва дигар мутафаккирон мебошанд. Асоси онро андешаҳои ваҳдати ахлоқӣ ва сиёсии инсоният, ҳуқуқи дахлнопазирии табиии инсон ташкил медиҳанд.

Дар тафсири Ф. де Виториа, авлавият дар муносибати инсон бо давлат ба инсон тааллуқ дорад, давлат бошад, фақат як зарурати сода буда, масъалаи ҳастии инсонро осон мекунад. Ваҳдати инсонӣ тақсими инсониятро ба давлатҳои алоҳида дувумдараҷа ва сунъӣ месозад. Ҳуқуқи одӣ ва табиии инсон ҳуқуқи рафтуомади озодонаи вай мебошад. Ба ибораи дигар, Ф. де Виториа ҳуқуқи табиии инсонро болотар аз ҳуқуқи давлат мегузорад ва бад-ин тартиб, ҳатто аз тафсири муосири либералӣ–демократии масъалаи мазкур пеш мегузарад.

Тарафдорони ин андеша ба таъмини сулҳи абадӣ байни одамон ё тавассути танзими ҳуқуқӣ ва ахлоқии муносибатҳои байналхалқӣ, ё амалисозии зарурати таърихӣ эътиқод доранд.

Ба ақидаи И. Кант, мисли он ки муносибати байни одамони алоҳида ба зиддиятҳою ғараз асос ёфтааст ва ногузир ба барқароршавии ҷомеаи ҳуқуқӣ оварда мерасонад, муносибати байни давлатҳо ҳам бояд дар оянда ба сулҳи абадии танзимшаванда табдил ёбад. Намояндагони ин андеша на танҳо аз моҳият, балки аз зарурат бармеоянд, ба

андешаҳои дахлдори фалсафӣ ва далелҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ такя намуда, ҳуқуқи дахлнопазири шахсиятро ҳимоя мекунанд. Бинобар ин, ин равия номи мактаби либералӣ–идеалистиро гирифтааст.

Дар доираи ин андеша, байни ақидаи И. Кант ва Ф. де Виториа аз як тараф ва ақидаи Г. Гротсий аз ҷониби дигар, як фарқияти ҷиддӣ ба назар мерасад. Сухан дар бораи он меравад, ки М. Уайт онро фарқ байни инқилобчиён ва ратсионалистҳо номидааст. Инқилобчиён ба авлавияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқи дахлонпазиру абадӣ ва табиии инсон исрор меварзанд. И. Кант навиштааст: «…Сарфи назар аз ҳар гуна қурбонӣ аз тарафи доираҳои ҳукмрон, ҳуқуқи инсон бояд муқаддас шуморида шавад».

Бинобар ин, ба ақидаи вай, дар андешаҳои сиёсӣ, бояд на некуаҳволӣ ва хушбахтии давлат, на мақсадҳое, ки давлатҳо дар назди худ мегузоранд (на аз хоҳиш), чун усули олии (аммо эмпирикӣ) хиради давлатӣ, балки фаҳмиши вазифаи ҳуқуқӣ асос гирифта шавад, ки a priori ақли кулл муайян кардааст.

Тарафдорони ратсионализм ба аҳамияти меъёрҳои ҳуқуқии аз тарафи давлатҳо дар ҷараёни муошрати онҳо тарҳрезӣ ва қабулшуда таваҷҷуҳ менамоянд. Ин меъёрҳо ба ҳуқуқу озодиҳои умумиинсонӣ, ахлоқӣ, умумӣ ва дахлнопазир такя карда, дар амалияи муносибатҳои байналхалқӣ масъалаҳои ҷанг ва сулҳро инъикос менамоянд, мавриди таҷдид қарор намегиранд, ба вайрон кардани онҳо бе оқибати ҷиддӣ барои сулҳ ва субот роҳ намедиҳанд. Фарқияти зикршуда дар пасманзари проблемаҳои ба ном мудохилаи башарӣ ва консепсияи амният аҳамияти истисноӣ пайдо мекунад.

Ба вуҷуд омадани марксизм дар миёнаи асри XIX боиси ба вуҷуд омадани боз як андешаи нав дар муносибатҳои байналхалқӣ гардид. Ба ақидаи К. Маркс, таърихи умумиҷаҳонӣ аз капитализм сар мешавад, чунки асоси тарзи истеҳсолоти капиталистиро саноати вазнин ташкил медиҳад, ки бозори ягонаи ҷаҳониро ба вуҷуд оварда, ба рушди воситаҳои алоқа ва нақлиёт мусоидат мекунад.

Буржуазия бо роҳи истисмори бозори ҷаҳонӣ, истеҳсолот ва истеъмоли тамоми кишваҳоро универсалӣ намуда, на танҳо дар давлатҳои алоҳидаи капиталистӣ, балки дар миқёси тамоми ҷаҳон ба синфи ҳукмрон табдил меёбад. Аммо ба он андозае, ки буржуазия, яъне сармоя инкишоф меёбад, ба ҳамон андоза пролетариат низ рушд меёбад.

Муносибатҳои байналхалқӣ аз нигоҳи иқтисодӣ муносибатҳои истисморӣ мегарданд. Аммо аз нигоҳи сиёсӣ онҳо муносибати ҳокимон ва тобеон, муборизаи синфӣ ва инқилоб мегарданд. Бад-ин тартиб, истиқлолияти миллӣ, манфиатҳои давлатӣ дуюмдараҷа мегарданд, чунки қонунҳои объективӣ ба ташаккули ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, дар он иқтисоди капиталистӣ ҳукмрон мешавад, ки неруи ҳаракатдиҳандаи он муборизаи синфӣ ва рисолати ҷаҳонӣ - таърихии пролетариат мебошад. К. Маркс ва Ф. Энгелс навиштаанд, ки ҷудоии миллӣ ва зиддияти халқҳо бо рушди буржуазия, тиҷорати озод, бозори умумиҷаҳонӣ, истеҳсолоти саноатии якхела ва шароити зиндагии муносиби он, беш аз пеш аз байн мераванд.

В.И. Ленин таъкид намудааст, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX капитализм ба марҳалаи давлатӣ - монополистии рушди худ ворид шуда, ба империализм табдил ёфтааст. Вай дар асараш «Империализм ҳамчун марҳалаи олии капитализм» менависад, ки бо хотимаи давраи тақсими сиёсии ҷаҳон байни давлатҳои империалистӣ, проблемаи тақсимоти иқтисодӣ байни монополияҳо дар радифи аввал қарор мегирад.

Монополияҳо бо проблемаи мунтазам шиддатёфтаи бозор ва зарурати содир намудани сармоя ба кишварҳои камрушдёфта бо меъёри баландтари фоида дучор мешаванд. Азбаски онҳо дар айни замон дар рақобати шадид бо якдигар қарор мегиранд, зарурати зикршуда манбаи бухронҳои сиёсӣ, ҷанг ва инқилобҳо мегардад.

Андешаҳои назариявии баррасишуда дар илми муносибатҳои байналхалқӣ - классикӣ, либералӣ–идеалистӣ ва марксистӣ имрӯз низ то ҳадде аҳамияти худро аз даст надодаанд.

Сарфи назар аз ин ки муаррифӣ кардани назарияи муносибатҳои байналхалқӣ чун соҳаи нисбатан мустақил боиси афзоиши равишу методҳои назариявии омӯзиш, мактабҳои тадқиқотӣ ва самтҳои консептуалӣ гардидааст, проблемаҳои асосии илми мазкур дар парадигмаҳои он инъикос меёбанд.

### АДАБИЁТ


1. Алексеева Т.А. Современная политическая мысль (XX–XXI вв.). Политическая теория и международные отношения. Учебное пособие / Т.А. Алексеева. -М.: Аспект Пресс, 2018. -624 с.
2. Дугин А.Г. Международные отношения (парадигмы, теории, социология): учеб. пособие для вузов / А.Г. Дугин. - М.: Академический Проект, 2016. - 432с.

3. История международных отношений. В 3 томах. Том 1. Учебник / Под редакцией А. Торкунова. -М.: Аспект Пресс, 2017. -400 с.
4. Каримова А. Социология международных отношений. Учебник / А. Каримова. -М.: Юрайт, 2014. -336 с.
5. Международные отношения и мировая политика. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. -М.: Юрайт, 2016. -280 с.
6. Никитина Ю.А. Введение в международные отношения и мировую политику. Учебное пособие / Ю.А. Никитина. -М.: Аспект Пресс, 2017. -160 с.
7. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: ЭР-граф, 2018. -340 с.
8. Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: Таъминотчӣ, 2017. -352 с.
9. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР–граф, 2017. -576 с.
10. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ–таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ / Китоби дарсӣ. Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: ЭР–граф, 2018. -496 с.
11. Социология современных войн. Материалы научного семинара. МГУ. -М.: Альфа–М, 2004. -192 с.
12. Талыбов Р. Страны Азии в системе международных отношений. Учебник / Р. Талыбов. -М.: Инсан, 2016. -304 с.
13. Теория международных отношений. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. -М.: Юрайт, 2017. -318 с.
14. Цыганков А.П. Социология международных отношений. Учебник / А.П. Цыганков, П.А. Цыганков. -М.: Аспект Пресс, 2008. -240 с.
15. Чанышев А.А. История политических учений. Западная классическая традиция. Античность - первая четверть XIX в. В 2 частях. Часть 2. Учебное пособие / А.А. Чанышев. -М.: МГИМО (У) МИД России, 2015. -518 с.
16. Шаклеина Т.А. Россия и США в мировой политике. Учебник / Т.А. Шаклеина. -М.: Аспект Пресс, 2017. -336 с.

## АНЪАНАҲО: МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ИҶТИМОИВУ СИЁСӢ

Яке аз хусусиятҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ ҷой доштани андешаҳои гуногун ва рақобати мактабҳои таҳлилӣ мебошад. Чунин ҳолат проблемаи тақсимбандии назарияҳои муносибатҳои байналхалқиро ба вуҷуд овардааст. Сабаби асосии тақсимбандиҳо меъёрҳое мебошанд, ки мактабҳои илмӣ истифода намудаанд. Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои байналхалқӣ аз нигоҳи иқтисодӣ муносибатҳои истисморӣ мегарданд. Аммо аз нигоҳи сиёсӣ онҳо муносибати ҳокимон ва тобеон, мубориза синфӣ ва инқилоб мегарданд. Бад-ин тартиб, истиқлолияти миллӣ, манфиатҳои давлатӣ дуюмдараҷа мегарданд, чунки қонунҳои объективӣ ба ташаккули ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, ки дар он иқтисоди капиталистӣ ҳукмрон мешавад, ки неруи ҳаракатдиҳандаи он мубориза синфӣ ва рисолати ҷаҳонӣ - таърихии пролетариат мебошад. К. Маркс ва Ф. Энгелс навиштаанд, ки ҷудоии миллӣ ва зиддияти халқҳо бо рушди буржуазия, тиҷорати озод, бозори умумиҷаҳонӣ, истеҳсолоти саноатии якхела ва шароити зиндагии муносиби он, беш аз пеш аз байн мераванд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки андешаҳои назариявии баррасишуда дар илми муносибатҳои байналхалқӣ – классикӣ, либералӣ–идеалистӣ ва марксистӣ имрӯз низ то ҳадде аҳамияти худро аз даст надодаанд.

**Калидвожаҳо:** назарияи муносибатҳои байналхалқӣ, мактабҳои илмӣ, анъанаи классикӣ, давлат, низоъ, андешаҳо.

## ТРАДИЦИИ: МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ В ИСТОРИИ СОЦИАЛЬНО–ПОЛИТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ

Одной из особенностей науки международных отношений является свойственное ей многообразие концептуальных построений, соперничающих между собой аналитических школ. Такое положение вещей порождает проблему классификации существующих в ее рамках различных теорий международных отношений. Основной причиной является множество классификаций, что объясняется различиями в критериях, которые используются научными школами. По мнению автора, международные отношения в экономическом плане становятся отношениями эксплуатации. В плане же политическом они становятся отношениями господства и подчинения и, как следствие, отношениями классовой борьбы и революций. Тем самым национальный суверенитет, государственные интересы вторичны, ибо объективные законы способствуют становлению всемирного общества, в котором господствует капиталистическая экономика и движущей силой которого является классовая борьба и всемирно-историческая миссия пролетариата. «Национальная обособленность и противоположность народов, - писали К. Маркс и Ф. Энгельс, - все более и более исчезают уже с развитием буржуазии, со свободой торговли, всемирным рынком, с единообразием промышленного производства и соответствующих ему условий жизни». Автор приходит к выводу, что рассмотренные основные теоретические традиции в науке о международных отношениях - классическая, либерально–идеалистическая и марксистская – во многом остаются актуальными и сегодня.

**Ключевые слова:** теория международных отношений, научные школы, классические традиции, государство, конфликт, мысли и т.п.

## TRADITION: INTERNATIONAL RELATIONS IN THE HISTORY OF SOCIO–POLITICAL THOUGHT

One of the features of the science of international relations is its inherent diversity of conceptual constructions, competing with each other analytical schools. This state of Affairs gives rise to the problem of classification of the various theories of international relations existing within its framework. The main reason is the variety of classifications, which is explained by the differences in the criteria used by scientific schools. According to the author, international relations in economic terms become relations of exploitation. In political terms, they become relations of domination and subordination and, as a consequence, relations of class struggle and revolutions. Thus, national sovereignty and state interests are secondary, because objective laws contribute to the formation of a world society dominated by the capitalist economy and the driving force of which is the class struggle and the world–historical mission of the proletariat. “National isolation and

the opposite of Nations," wrote K. Marks and Engels – more and more disappear with the development of the bourgeoisie, with the freedom of trade, the world market, the uniformity of industrial production and the corresponding living conditions. The author comes to the conclusion that the considered basic theoretical traditions in the science of international relations - classical, liberal–idealistic and Marxist – in many ways remain relevant today.

**Key words:** theory of international relations, scientific schools, classical traditions, state, conflict, thoughts, etc.

**Сведения об авторе:** ***Нуриддинов Рахимали Шахбозович*** **-** Таджикский национальный университет, доктор политических наук, профессор, заведующий кафедрой международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddinov Rahimali Shahbozovich*** **-** Tajik National University, Doctor of Political Sciences, Professor, Head of the Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **rshn1995@mail.ru**

**УДК: 930.85 (575.3)**

# ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ РАДИКАЛИЗАЦИИ МОЛОДЕЖИ КАК ИНСТРУМЕНТ ОБЕСПЕЧЕНИЯ СТАБИЛЬНОСТИ В ОБЩЕСТВЕ

***Салимов Ф.Н.***
**Таджикский национальный университет**

Произошедший теракт в Дангаре [10] является нетипичным, но ярким примером радикализации таджикской молодежи, на примере изучения которого можно сделать соответствующие выводы относительно профилактики и противодействия этому явлению в нашем обществе. Здесь и причастность внутренних [8] и внешних (ответственность взяла на себя ИГИЛ) экстремистко-террористических организаций, проблемы связанные с безработицей, трудовой миграцией, недостаточным доступом к религии, плохое религиозное образование, идеологический вакуум, ощущение отсутствия возможностей для будущего и нехватка социальной активности и т.д.

В условиях кризиса национальной экономики, который становится причиной роста социальной и других внутренних проблем в стране наблюдается деградация молодежи и рост преступности среди подросткового поколения. Большинство молодых людей страдают от безработицы и бедности и часто теряют надежду на завтрашний день и не могут использовать свой потенциал. Молодежь хочет всего и сразу. Они растут быстрее, чем мы.

Общество должно быть в состоянии предоставить адекватные и равные возможности молодежи для того, чтобы найти подходящую работу в соответствии с их возможностями и навыками. Отсутствие таких возможностей повышает риск радикализации среди молодого поколения и провоцирует их на нестабильность, такие факторы, как поощрение социальной справедливости и равенства доходов, развитие гражданского общества и семьи, в частности, роли женщин, имеют важное значение для обеспечения стабильности.

Рост исламизации и привлечение детей и подростков в исламистские группы и общества способствуют увеличению потока молодежи, едущих учиться в мусульманские и арабские государства. Особенно вызывает опасение выезд молодых людей для учебы нелегальным путем. Именно находясь вне контроля семьи и государства, таджикская молодежь уже попала под мощное влияние исламистских течений и школ, таких как салафиты, кадириты, ахмадиты и другие. Что тут говорить, когда родной племянник муфтия Таджикистана - официального руководителя исламских общин страны был обвинен в организации деятельности экстремистской организации [2].

Анализ ситуации с исламской радикализацией молодежи в Таджикистане свидетельствует о том, что если в начале 90-х годов радикализация молодежи исходила из непонимания основ и ценностей религии, была результатом их эмоционального состояния, то новая радикализация молодежи опирается на сознательный идеологический выбор нового поколения, и эта волна управляется подготовленной и активной молодежью.

Феномен радикализации является сложным явлением. В обществе такие понятия, как радикализм, экстремизм и даже терроризм рассматривают почти как идентичные. Не вдаваясь в глубокие аналитические изыскания данных терминов, констатируем, что в целом экстремизм - это определенные взгляды и готовность к действию. Тогда как радикализм «фиксируется, прежде всего, на содержательной стороне тех или иных («корневых», крайних, хотя и

необязательно «экстремальных») идей и, во вторую очередь, на методах их реализации. Радикализм может быть исключительно «идейным», а не действенным, в отличие от экстремизма, который всегда бывает действенным, но не всегда идейным» [4]. Поэтому не существует однозначного определения религиозного радикализма и экстремизма. Тем более если речь идет о религиозном радикализме или экстремизме. Эффективность политических и правоприменительных практик зависит от четкой определенности самого понятия «религиозный радикализм». Мы можем включить в это понятие:

• тип религиозной идеологии и деятельности, отличающейся крайним радикализмом, ориентированным на бескомпромиссную конфронтацию со сложившимися традициями;

• идеология и практика некоторых течений, групп, отдельных деятелей в конфессиях и религиозных организациях, характеризующаяся приверженностью крайним толкованиям вероучения и методам действия по реализации поставленных целей, распространением своих взглядов и влияния;

• реализация идей, отношений и деятельности организованных социальных субъектов на основе определенного фундаментального религиозного опыта, формирующего негативное восприятие социального сущего, как воплощения недолжного и требующего радикального изменения общества к идеально - должному (с точки зрения содержания указанного религиозного опыта и соответствующего религиозной картине мира и идеологии) при помощи всех форм социального насилия.

Такая точка зрения является простой и ошибочной, что только политические идеологии, религиозные убеждения, экономические и личные проблемы заставляют молодых примкнуть к экстремистским группировкам. Анализ радикализации молодежи в странах Европы, Ближнего Востока, Южной Азии и Северной Африки говорят о существовании других факторов. Многие аналитики к традиционным политическим, социальным, экономическим, религиозным и культурным аспектам, добавляют также исторические и гендерные аспекты проблемы.

В контексте Таджикистана можно с уверенностью сказать, что религия в процессе радикализации является важным аспектом, однако нельзя из этого делать простодушные или однозначные выводы. Здесь уместно, наверное, согласиться с О. Руа, который говорит об «исламизации радикализма». В своей работе «Джихад и смерть: обращение Исламского государства к миру» он пишет: «Простой подъем фундаментализма не объясняет нового феномена Аль-Каиды и ИГИЛ в истории мусульманского мира. Мы должны понимать, что терроризм появляется в исламизации радикализма, а не в радикализации Ислама» [11].

Как известно, политика Советской власти привело к деградации исламской религии в Таджикистане. Ислам в Таджикистане, отрезанный от традиционных учебных центров мусульманского мира, находился в глубокой изоляции. С распадом Советского Союза значительно возрос поток исламских эмиссаров в регион, и Таджикистан не был исключением (в 90-х из страны были депортированы более 2000 иностранных проповедников и миссионеров).

Если внимательно изучить современное духовно-религиозное пространство Таджикистана, то можно обнаружить, что здесь, наряду с традиционным исламом, распространены и нетрадиционные радикальные организации (такие как «Хизб-ут-тахрир-аль-исламия», «Исламское движение Узбекистана», «Джамааты таблиг», «Джаыаат Ансораллах», салафизм, ваххабизм и др.). Хотя деятельность этих нетрадиционных религиозных организаций в стране запрещена, однако они, разумеется, действуют подпольно. Согласно официальным данным, основную массу их сторонников составляет молодежь от 17 до 35 лет.

Самым многочисленным в Таджикистане считается экстремистская организация салафизм - фундаменталистского направления, последователи которого выступают против внесения в ислам элементов других религий и философских течений. Его сторонники в Таджикистане категорически отвергают такие национально-исторические таджикские народные праздники, как Навруз, Сада, Мехргон, которые, по их мнению, считаются доисламскими, т.е. зароастрийскими и языческими. Либо они не приемлют празднование таких дат, как Новый год, дни рождения или иные праздники коммунистического периода, либо привнесенных в современное общество в результате глобализации (Хэллоуин, Холи и других). Либо ратуют за возвращение или возрождение традиций периода пророка и его халифов, ношение бороды, хиджаба и т.д.

Традиционно выделяют три отличительные черты проявления салафизма. Первое - сильная религиозность, приверженцы замкнутой сугубо личной жизнью старается соблюдать

основные догматические учения салафизма. Второе - сугубо политическое. Взгляды салафитов составляют основу политической деятельности, окончательной целью которой является трансформация общества в сторону социума, который управляется законами шариата. Третье - салафиты-джихадисты, которые не воспринимают сегодняшние изменения. Они утверждают, что пропагандируют идею вооруженной борьбы и не принимают постепенную трансформацию общества. Вооруженная борьба, считают они, является единственной возможностью спасения мусульман и создания справедливого общества, которое будет действовать по принципам ислама. Сегодня в Таджикистане увеличивается салафиты первой категории. И по логике, если не противодействовать, то уже скоро можно столкнуться с второй и третьей категориями.

Так, какие же факторы влияют на радикализацию молодежи? Мы говорили о том, что возникший идеологический вакуум и желание «возврата к корням» подталкивает в объятия экстремистски настроенных проповедников и миссионеров. В Таджикистане традиционно религиозные проблемы решаются на уровне общины и семьи. Первичные или местные религиозные учреждения имеют больше влияния, чем центральные учреждения либо общественные организации. Молодежь вместо того, чтобы обратиться к книгам, предпочитают обратиться к муллам и духовным лицам за помощью и советами. Особенно это заметно в сельской местности, где существуют определенные религиозные авторитеты ставшие такими, либо исходя из их рода деятельности (мулло, имом, қозӣ, муфтий, мавлавӣ), совершенных поступков (ҳоҷӣ, шаҳид, муҷҷоҳид), принадлежности к направлению (школе) ислама и статуса (например, шиитские звания, суфийские ранги, такие как ишаны, например). Либо это лица, которые получили религиозное образование в каком-нибудь зарубежном религиозном центре (иногда даже нелегальным образом). Распространение салафизма является результатом деятельности именно этой категории.

Второй фактор - это социально-экономические проблемы, демографический рост и трудности с трудоустройством молодежи. Этот фактор можно назвать ключевым элементом радикализации населения и особенно молодежи, которая в силу отсутствия возможностей, легко поддаётся на уловки и интерпретации экстремистских течений.

Особую озабоченность вызывает существование мощных сетей финансирования из-за рубежа и деятельность миссионеров, как на родине, так и в странах, принимающих трудовых мигрантов. Как показывает обзор публикаций, отсутствие работы, тяжкое правовое положение в трудовой миграции и чужая культурно-религиозная среда толкает молодых людей, особенно из Таджикистана, Кыргызстана и Узбекистана на членство в экстремистских организациях.

Социально-экономические проблемы, от которых страдает страна, повлияли на положение большинства домашних хозяйств. Единственный выход таджикские семьи видят в трудовой миграции. Таджикистан входит в тройку лидеров по количеству мигрировавших из республики в Россию граждан [9]. Это означает, от четверти до половины работоспособных граждан находятся за границей в течение нескольких месяцев в году или даже несколько лет подряд.

Более всего к миграции склонны молодые люди, поскольку они имеют меньше вложений в свою родную страну и у них меньше семейных обязанностей. Чтобы построить жизнь у себя дома, в том числе купить дом и завести семью, нужен первоначальный капитал. Таким образом, миграция в настоящее время считается чуть ли не обрядом посвящения во взрослую жизнь. Действительно, около двух третей таджикских мигрантов находятся в возрасте от 20 до 39 лет.

Другой главный фактор радикализации молодежи -это отсутствие элементарных знаний об основах исламской религии, с которым начала работу власть. Отсутствие возможностей для получения религиозного образования в стране также заставляет молодых таджиков искать такое образование за рубежом. Для тех, кто не может позволить себе оплату за обучение, становятся привлекательными школы с бесплатным религиозным образованием и проживанием в Пакистане, где преподавание ведется в основном салафитами. Они обучают будущих моджахедов не только из Пакистана и Афганистана, но и из Узбекистана, Таджикистана, с юга России и из Турции. Кроме Пакистана таджикская молодежь учится в религиозных учебных заведениях Египта, Ирана, Афганистана, Турции, Йемена, Саудовской Аравии, образовательная система которых отличается друг от друга и в основном не совсем адекватна нашему обществу и государству. Ещё в 2010, согласно официальным данным в этих государствах обучались более 1500 молодых людей, большинство из которых не имели рекомендации и не имели регистраций в странах обучения.

С учетом названной ситуации еще в августе 2010 года президент республики Эмомали Рахмон обратился с призывом к народу, чтобы отозвали своих детей из религиозных учебных заведений из-за рубежа.

Параллельно правительство приняло срочные меры, которые создали политическую и правовую базу для возвращения нашей молодежи из тех стран, которые охвачены пламенем войны. Указом Президента республики от 25 июля 2014 года участники боевых операций за рубежом будут лишены свободы сроком от 12 до 20 лет. Вместе с тем освобождаются от уголовной ответственности лица, случайно попавшие или насильственно отправленные в страны, где идет война.

Аналитическая компания Soufan Group (США) в 2016 году сообщила о том, что «число находящихся в Сирии и Ираке боевиков из Таджикистана составляет не менее 1300 и ещё около 3000 человек были остановлены в Турции и высланы на Родину» [6].

Таджикский исследователь С.Джаборов приводит ряд элементов, характеризующих радикализацию в Таджикистане:

«Во-первых, радикализация молодежи является удобным термином, используемым властями, чтобы обличить то, что рассматривается в качестве возможной угрозы для стабильности режима.

Во-вторых, предполагаемая религиозная радикализация представляет собой сложное явление, включающее в себя самые разнообразные элементы, которые не обязательно связаны с применением насилия: например, принятие более консервативных ценностей, особенно в отношениях между полами или касающихся статуса женщин, или более буквальное, но аполитичное чтение ислама.

В-третьих, отсутствие перспектив трудоустройства для большинства таджиков является ключевым вопросом для будущего страны, но это не обязательно связано с какой-либо религиозной радикализацией.

В-четвертых, даже если память о гражданской войне является смягчающим фактором и служит напоминанием о вреде коллективного насилия, молодое поколение не помнит крайние тяготы и трудности, пережитые их родителями» [3].

Сюда можно добавить и такой фактор, как ужесточение контроля над религиозной сферой: закрытие незаконных мечетей, медресе, лишение лицензии тех учебных заведений, программа которых не отвечает требованиям Минобрнауки РТ, религиозной литературой.

Многие люди старшего поколения помнят, как насилие отразилось на их повседневной жизни, и готовы сделать все, чтобы избежать новой нестабильности, и этим правительство часто пользуется. Но молодежь Таджикистана не имеет прямого, личного опыта пережитого насилия, и, следовательно, могут принять насилие как способ выражения социального недовольства, о чем свидетельствуют, например, беспорядки на футбольных стадионах» [1].

На запрос представителей СМИ заместитель председателя Верховного Суда РТ Рахмонзода С.С. ответил, что в Таджикистане в 2016 году судами республики по уголовным делам, связанным с преступлениями экстремистского и террористического характера было осуждено 864 человек, из которых 13 женщин. В 2017 году 526 человек, из которых 5 женщин [7].

Конечно, расмотрение такой большой проблемы в рамках одной статьи не представляется возможным. Отдельные аспекты будут рассматриваться в рамках более объемных научных ианалитических изысканий. Подведя промежуточный итог можно выделить некоторые меры противодействия радикализации молодежи:

1. Недостаточно разрабатывать запрещающие средства уголовно-правового характера. Мы уже говорили, что широкая трактовка радикализма и экстремизма выступает хорошим инструментом для властей в борьбе с инакомыслием. Молодежь требует к себе особого взвешенного подхода, сочетающего в себе культурные, воспитательные и иные меры. В первую очередь необходимо активизировать деятельность молодежных объединений, обеспечить занятость.

2. Информирование молодежи через СМИ, социальные акции, лекции, курсы повышения квалификаций. Например, Проект IWPR в Таджикистане в 2016 году провел ряд курсов и лекций с привлечением известных официальных представителей центра исламоведения и научного сообщества на такие темы, как “Ислам и терроризм", "Воспитание молодежи в духе толерантности”, “Толерантность в Исламе”, “Что такое “джихад" и как его трактуют вербовщики" среди студентов ВУЗов.

3. Необходимо усилить взаимодействие официальных и неофициальных исламских институтов и обществ в регионе.

4. Активизация работы государственных структур в деле информирования молодежи и общества в целом. Продолжить активную работу по разработке справочников об экстремистских и террористических организациях, включая их полный перечень, идейные платформы, описание различных методов вербовки и примеры организованных ими терактов; выпуск брошюр на данную тематику; создание сайтов на таджикском и русском языках, посвященных в том числе наиболее важным вопросам религии (именно ханафитского мазхаба), вопросам предупреждения и борьбы с радикализмом и экстремизмом; разработка информационных пособий "Ислам против террора", освещающих гуманистические идеи Корана и Сунны; разработка антиэкстремистских сайтов.

5. Анализ действующей «Национальной стратегии Республики Таджикистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2016-2020 годы»[5], и подготовка новой стратегии с учетом геополитических, политических, экономических и социальных изменений.

6. Введение предмета «История религий» в учебную программу общеобразовательных, среднеспециальных, а «Религиоведения» в высших учебных заведениях. Для этого необходимо создание рабочей группы из числа представителей религий, историков, юристов, психологов, специалистов по вопросам религии и др.

8. Создание условий для открытия блогов местных богословов - приверженцев традицонного ислама ханафитского толка.

### ЛИТЕРАТУРА


1. В Душанбе футбольные фанаты опять устроили массовые беспорядки. 40 человек задержано [электронный ресурс] URL: https://centrasia.org/newsA.php?st=1308810240 (дата обращения: 12.12.2018)
2. В Таджикистане племянника муфтия страны обвиняют в разжигании религиозной розни [электронный ресурс]. URL:https://rus.ozodi.org/a/29699500.html (дата обращения (10.01.2019)
3. Джаборов С. Радикализация молодежи в Таджикистане: причины, последствия и проблемы. ИА Фергана [электронный ресурс]. URL:https://www.fergananews.com/articles/8014 (дата обращения: 14.04.2018)
4. Лец С.Е. Радикализм – радикальный экстремизм – терроризм: столкновение цивилизиций или столкновение идеалов? [электронный ресурс] URL: https://www.expeducation.ru/ru/article/view?id=9595 (дата обращения:10.01.2019)
5. Национальная стратегия Республики Таджикистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2016-2020 годы. Душанбе, 2016. 43 с.
6. Негматулло Мирсаидов: «Информационная война против терроризма и экстремизма сопряжена с большим риском» [электронный ресурс]. URL:http://vecherka.tj/?p=29821 (дата обращения: 12.06.2018)
7. Ответ Верховного суда РТ, №564-17/6-21 от 7 июня 2018 года ООО «Вечерний Душанбе» (письмо №17, от 11.05.2018)
8. Панфилова В. В Душанбе обвинили Иран в причастности к теракту [электронный ресурс]. URL:http://www.ng.ru/cis/2018-07-31/5_7278_tadjik.html
9. Таджикистан занимает 3-е место в России по количеству мигрантов [электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/migration/20180815/ 1026454356/tajikistan-zanimaet-mesto-russia-migranty.html (дата обращения: 12.01.2019)
10. Теракт в Дангаре// Подробнее: https://www.asiaplus.tj/stories/20180801/ terakt-v-dangare (дата обращения: 09.10.2018)
11. Французский антрополог Оливье Руа: кто они, новые «джихадисты?» [электронный ресурс]. URL: https://www.fergananews.com/articles/9373 (дата обращения: 14.04.2018)


## МУҚОВИМАТ БА РАДИКАЛИЗАТСИЯИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ОЛОТИ ТАЪМИНИ СУБОТИ ҶОМЕА


Масоили паҳн гардидани радикализми динӣ ва ҳамчун натиҷа боло рафтани ифротгароӣ байни ҷавонон, масъалаи мубрам натанҳо барои Тоҷикистон, балки аксарияти кулли давлатҳои ҷаҳон аст. Далоили радикализатсияи ҷавонон дар ҳар кишвар метавонанд гуногун бошанд, лекин ҷанбаҳои умумӣ низ ба чашм мерасанд: сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, динӣ, фарҳангӣ, дар баъзе ҳолатҳо таърихӣ ва ҳатто гендерӣ. Таҳлили вазъи радикалигардии исломии ҷавонони Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки агар дар солҳои 90-уми асри гузашта он аз нафаҳмидани пояҳо ва арзишҳои динӣ бармеомада бошанду натиҷаи ҳолати эҳсосии ҷавонон бошанд, мавҷи нави он пеш аз ҳама интихоби идеологии огоҳонаи насли нав буда аз ҷониби ҷавонони омодагашта ва фаъол ба роҳ монда шудааст. Падидаи радикализатсия, падидаи мураккаб аст. Бинобар ҳамин дар ҷомеа мафҳумҳои радикализм, ифротароӣ ва ҳатто терроризм чун мафҳумҳои муродиф фаҳмида мешаванд. Таҳлили фазои руҳони-динии Точикистони муосир нишон медиҳад, ки дар баробари исломи суннатӣ, фаъолияти созмонҳои ғайрисуннатии радикалӣ, ки сернуфустаринаш салафия мебошад, дар он паҳн шудаанд. Дар мақола омилҳои асосии таъсиргузор ба радикалӣ гардидани ҷавонон, фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар роҳи муқовимат ба ин падида мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар хулоса як қатор пешниҳодот оид ба муқовимати самаранок ба радикалигардии ҷавонони Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф дода шудаанд.



**Калидвожаҳо:** ифротгароӣ, радикализатсия, ҷомеа, ҷавонон, муқовимат, стратегия, ҷилавгирӣ аз

ифротгароӣ, Тоҷикистон.

**ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ РАДИКАЛИЗАЦИИ МОЛОДЕЖИ КАК ИНСТРУМЕНТ ОБЕСПЕЧЕНИЯ СТАБИЛЬНОСТИ В ОБЩЕСТВЕ**

Вопросы распространения религиозного радикализма и как результат рост экстремизма среди молодежи является актуальной проблемой не только Таджикистана, но и большинства стран мира. В каждом государстве причины радикализации могут быть разными, но в целом их можно свести к нескольким: политическим, социальным, экономическим, религиозным, культурным и в некоторых случаях историческим и даже гендерным аспектам. Анализ ситуации с исламской радикализацией молодежи в Таджикистане свидетельствует о том, что если в начале 90-х годов радикализация молодежи исходила из непонимания основ и ценностей религии, была результатом их эмоционального состояния, то новая радикализация молодежи опирается на сознательный идеологический выбор нового поколения, и эта волна управляется подготовленной и активной молодежью. Феномен радикализации является сложным явлением. В обществе такие понятия как радикализм, экстремизм и даже терроризм рассматривают почти как идентичные. Внимательное изучение современного духовно-религиозного пространства Таджикистана, показывает, что наряду с традиционным исламом, распространены и нетрадиционные радикальные организации, наиболее многочисленной из которых является салафизм. В статье проанализированы факторы, которые оказывают влияние на радикализацию молодежи, действия органов государственной власти, гражданского общества в деле противодействия этому явлению. В заключении дается ряд рекомендаций по эффективному противодействую радикализации молодежи Таджикистана.

**Ключевые слова:** экстремизм, радикализация, общество, молодежь, противодействие, стратегия, профилактика экстремизма, Таджикистан.

**COUNTERACTION OF YOUTH RADICALIZATION AS A TOOL OF ENSURING STABILITY IN THE SOCIETY**

Issues of the spread of religious radicalism and, as a result, the growth of extremism among young people is a pressing issue not only in Tajikistan, but also in most countries of the world. In each state, the causes of radicalization can be different, but in general they can be reduced to several: political, social, economic, religious, cultural, and in some cases historical and even gender aspects. An analysis of the situation with Islamic radicalization of young people in Tajikistan shows that if in the early 1990s radicalization of young people proceeded from a lack of understanding of the foundations and values of religion, was the result of their emotional state, the new radicalization of young people rests on the conscious ideological choice of the new generation and this wave managed by trained and active youth. The phenomenon of radicalization is a complex phenomenon. In society, such concepts as radicalism, extremism and even terrorism are considered almost as identical. A careful study of the modern spiritual and religious space in Tajikistan shows that, along with traditional Islam, nontraditional radical organizations are also common, the most numerous of which is Salafism. The article analyzes the factors that influence the radicalization of young people, the actions of public authorities, civil society in countering this phenomenon. In conclusion, a number of recommendations are made on effectively countering the radicalization of the youth of Tajikistan.

**Key words:** extremism, radicalization, society, youth, counteraction, strategy, prevention of extremism, Tajikistan**.**

**Сведения об авторе:** ***Салимов Фаррух Насимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес**: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-61-48-86**. E-mail: **fsalimov@tojikiston.com, farrukh.n.salimov@gmail.com**

**Intelligence about the author:** ***Salimov Farrukh Nasimovich*** - Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of the department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-61-48-86.** E-mail: **fsalimov@tojikiston.com, farrukh.n.salimov@gmail.com**

**УДК: 327 (575,3) (571,1)**

# МАСЪАЛАИ МУВОЗИНАТИ УСТУВОР ДАР РОБИТАҲОИ БАЙНИДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОНУ ЎЗБЕКИСТОН

***Самиев Х.Д., Хушвахтов М.К.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ аз воқеаҳои бузурги геополитикии ҷаҳони муосир буд, ки ба саҳнаи байналхалқӣ ҷумҳуриҳои тозаистиқлолро ворид намуд. Ҳамзамон фоҷиаи бузурге буд, ки алоқаҳои пештараи халқҳои ҳамҷавор, ҳамкориҳои илмиву фарҳангиро низ қатъ кард ва робитаи байниҳамдигарии миллатҳои як замон бародарро муташанниҷ кард. Дар баробари ин даҳсолаҳои аввали баъди соҳибихтиёрӣ зарурияти эҳё ва тақвияти муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судмандро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ борҳо таъкид намудааст. Дастёбии ҳарду кишвари ҳамҷавор - Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба соҳибихтиёрии давлатӣ дар назди онҳо имкониятҳои васеи пешбурди сиёсати мустақилонаи хориҷӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои хосси ворид шудан ба ҷомеаи

байналхалқӣ, таҳияи самтҳо ва афзалиятҳои робитаҳои байнидавлатиро кушод. Мутаассифона, ин марҳилаи сарнавиштсоз барои ҳар ду миллати дӯсту бародар осон ва ҳамвор набуд.

Бо вуҷуди мушкилот ва маҳрумиятҳои солҳои аввали истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз ва таҳкими муносибатҳои бародарона ва дӯстонаро бо кишварҳои ҳамҷавор ва пеш аз ҳама Ӯзбекистон аз авлавиятҳои аввалини сиёсати хориҷии худ эълон кард ва дар аҳди худ устувор монд. Дар аввалин суханрониҳои худ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон 28 сентябри соли 1993 дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин изҳор намуд: «Барои мо тоҷикон муносибати дӯстона, мустаҳкам ва тӯлонӣ бо Ӯзбекистон ҳам тақозои таърихӣ ва ҳам ниёзи мардумист» [9,с.115].

Ҳамин аст, ки аз рӯзҳои аввали соҳибихтиёрӣ ҳарду кишвари тозаистиқлол даст ба эътироф ва устуворсозии робитаҳои дипломативу сиёсӣ заданд. 22 декабри соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон барқарор гардиданд. Аз соли 1995 Сафорати Тоҷикистон фаъолияти худро дар шаҳри Тошкант оғоз намуд. Аз соли 1992 то имрӯз миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бештар аз 115 созишномаву аҳдномаву қарордодҳо ба имзо расидаанд [7,с.52], ки ҳамкориҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, техникӣ, илмиву фарҳангиро фаро мегиранд. Дар миёни силсиласанадҳое, ки байни ду давлат дар сатҳи роҳбарони он ба имзо расидаанд, Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 4 январи соли 1993 ва Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон аз 15 июли соли 2000 ба ҳисоб меравaнд [8,с.79].

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, США, Афганистан, президент, терроризм, антитеррористическая операция, министр обороны, посол, вооруженные силы, гуманитарная помощь.

## THE STATE OF THE RELATIONSHIP BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE USA IN THE EARLY YEARS OF THE 21ST CENTURY

This article covers the state and level of relations between the Republic of Tajikistan and the United States in the early years of the 21st century. This period was marked by a sharp US interest in the republic and its inclusion in the list of countries supporting the United States in the fight against world terrorism. In connection with the well-known terrorist events of September 11, 2001 and the beginning of the antiterrorist operation in Afghanistan called “Enduring Freedom”. The role of Tajikistan and the support of the republic in the course of the antiterrorist campaign in neighboring Afghanistan are also particularly noted. The article notes the expansion, deepening and comprehensive development of bilateral relations. The visits of high-ranking officials of the US Government and the Pentagon in Dushanbe in the person of the US Secretary of Defense, commanders of the US armed forces in neighboring Afghanistan, US Assistant Secretary of State and senators, as well as the first official visit of the President of the Republic of Tajikistan to the USA in 2002 were also noted. The article also embodies trade, economic and military-technical cooperation between the two countries. It is also worth paying attention to military-technical support from the US military structure to the law enforcement and border structures of the republic. Close contacts at the level of the presidents of the two countries and the mutual interest in developing cooperation at all levels between the Republic of Tajikistan and the United States of America are also important.

**Key words:** Republic of Tajikistan, USA, Afghanistan, president, terrorism, anti-terrorist operation, minister of defense, ambassador, armed forces, humanitarian aid.

**Сведения об авторе:** ***Мамадазимов Абдукаюм Абдуганиевич*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, Телефон: **(+992) 987-66-76-67.** E-mail: **a-mamadazimov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mamadazimov Abdukayum Abduganievich*** - TNU,Postgraduate Student, Department of Foreign Regional Studies, Faculty of International Relations, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17, Phone: **(+992) 987-66-76-67**. E-mail: **a-mamadazimov@mail.ru**

УДК: 930 (575.3) (1-87)

# МАСИРИ ШАКЛГИРИИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН

*Саидов М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз тирамоҳи соли 1992 бо авҷгирии даргириҳо дар Тоҷикистон, роҳбарони Осиёи Марказӣ аз Русия, дархост карданд, ки мутобиқи мувофиқатномаи Беловежи (мувофиқатномае, ки 8 декабри соли 1991 ба ғайр аз Литва, Латвия ва Эстония ҳамаи кишварҳои собиқ шӯравиро фаро мегирифт, ба имзо расониданд) барои ҳифзи субот ва амният дар Осиёи Марказӣ масъулияти бештарро пазиро шавад. Президенти онвақтаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов, ки хостори мудохилаи мусатақими Русия дар Тоҷикистон буд, бетаваҷҷӯҳии Русияро ба масоили Тоҷикистон муҷиби шиддатгирии масоили ҷиддӣ дар марзҳои ҷанубии худ донист ва аз Елтсин дархост кард, ки ба таври ҷиддӣ ва фаъолтар бо қазия бархӯрд кунад. Раҳмон Набиев, Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам борҳо аз Русия ва кишварҳои ИДМ дархости кумак намуд.

Дар асоси дархости расмии роҳбарони тоҷик, бар асоси кумакҳои низомӣ аз тарафи кишварҳои ИДМ, ҷаласаҳои муштараке байни роҳбарони Русия - Борис Елтсин, Узбекистон - Ислом Каримов, Қазоқистон - Нурсултон Назарбоев, Қирғизистон - Аскар Акаев ва Тоҷикистон - Раҳмон Набиев дар моҳи майи соли 1992 ва моҳи январи соли 1993 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуд ва мувофиқатномаи ташкили неруҳои ҳифзи сулҳ ба тасвиб расид. Неруҳои ҳифзи сулҳ, иборат аз сарбозони рус, ӯзбек, қазоқ ва қирғиз ба Тоҷикистон сафабар гардиданд. Дар моҳи майи соли 1992 ҳастаи аввалини Созмони Ҳифзи Муштарак дар шакли “ Паймони Амнияти Дастаҷамъии Тошканд” таъсис дода шуд [6]. Ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон ва нотавонии кишварҳои минтақа барои ҳифзи амнияти худ мунҷар ба чанд мувофиқатномаи марбут ба ҳифзи сулҳ ва ҳалли мухолифатҳо дар миёни кишварҳои минтақа шуд. Ин аснод роҳеро барои протоколи шаклгирӣ ва истифодаи умум аз неруҳои ҳифзи сулҳ дар минтақаҳои мухталиф ва ё дар дохили кишварҳои ИДМ ҳамвор кард ва дар моҳи майи соли 1992 боиси эҷоди Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ дар Тошканд байни давлатҳои Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон шуд ва дертар низ кишварҳои Арманистон (1993), Гурҷистон (1993-1999), Озарбойҷон (1993- 1999) ва Белорусия (1993) ба он шомил шудаанд [7].

Дар соли 1993 Молдавия ва Украина ба узвияти нозир дар Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ даромаданд, аммо дар идомаи ҳузур ва фаъолият ин ду кишвар дар ин паймон фурӯкаш кард ва дар соли 1999 илова бар онҳо Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Гурҷистон ҳам аз ин паймон хориҷ шуданд. Ба манзури афзоиши асарбахшии паймон, сарони давлатҳои узв дар соли 2000 созишномаеро дар Минск мавриди тасвиб қарор доданд, ки фарогири нуқтаҳои зерин буд:

- Тафоҳумномаи афзоиши асарбахшии Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ ва тавоноии ҳамоҳанг бо таҳаввулоти геополитикӣ.
- Тавофуқ дар хусуси сохти амсила барои эҷоди низоми амниятии минтақавӣ.

Ҳарду маврид ба тарвиҷи мубориза бо терроризм ва ниёз ба сохтани неруҳои сареҳи муҳофизати сулҳ ишора доранд. Дар ин росто, Шурои Амнияти Дастаҷамъӣ, ки яке аз олитарин аркони ин паймон мебошанд, низ тасмим ба таърифи се минтақаи амниятӣ возеҳ намуд: Аврупо, Қафқоз, Осиёи Марказӣ. Дар нишасти Бишкек дар моҳи октябри соли 2000 сарони кишварҳои узви Паймони Дастамъӣ тасмим гирифтанд, ки пас аз ним сол як неруи амниятии дастаҷамъӣ эҷод кунанд. Бинобар ин, дар моҳи майи соли 2001 дар нишасти Ереван аъзои Паймони дастаҷамъӣ даст ба як неруи вокуниши сареъ ба манзури ироаи посух ба ҳамалоти террористӣ карданд [8].

Дар нишасти сарони ҳамаи кишварҳои ИДМ дар 23 майи соли 2000 ёддошти тафоҳуме дар ростои афзоиши баҳраварии Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ ва мутобиқ намудани он бо шароити сиёсии кунунӣ имзо шуд. Кишварҳои узв тавофуқ карданд, ки иқдомоти амалӣ ва иҷроиро дар заминаи эҷоди як низоми амнияти дастаҷамъӣ ва эҷоди сохторҳои назоратии нав анҷом диҳанд. Нуқтаи муҳиму аслӣ, имзои оинномаи СААД ва тавофуқи он бар вазъияти ҳуқуқии ин созмон буд, ки дар 17 октябри соли 2002 тавассути кишварҳои узви паймон дар Молдавия ба имзо расид ва дар моҳи майи ҳамон сол

Паймони Амнияти Дастаҷамъи ба Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ табдил шуд ва оинномаи ин созмон ҳам аз 17 сентябри соли 2003 ба тасвиб расид.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 1999, замоне, ки давлатҳои узви Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ, амри ин паймонро дубора тамдид карданд, узвияти худро лағв ва ба дунболи равобити наздик ва дӯстонатар бо давлатҳои Ғарб ба сурати умумӣ ва ИМА ба таври хос баромад ва ҳамчунин бо созмони ГУУАМ, созмоне, ки ҷиҳати муқобила бо қудрат ва пешравии Русия дар минтақа тарроҳӣ шуда буд, шомил гардид. Вале дар пайи хушунатҳои Андиҷон дар соли 2005, замоне ки кишварҳои ғарбӣ ба шиддат аз Ӯзбекистон интиқод мекарданд, ҳамин масъала боиси рӯйкарди дубораи Ӯзбекистон ва Ислом Каримов ба Москва ва Путин шуд ва дар соли 2006 дубора ба узвияти доимии СААД даромад. Ӯзбекистон дар идома равобити худ бо Ғарбро кам кард,ки натиҷаи ин амр хуруҷи пойгоҳи низомии Амрико аз Узбекистон шуд [1]. СААД дар ростои болоравии қобилиятҳои худ дар пайи музокироти Шӯрои вазирон дар нишасти Москва дар охири соли 2003 тасмим гирифтанд, ки бо оғози моҳи январи соли 2003 неруҳои созмонро аз 1000 тан ба 3000 тан афзоиш диҳанд ва дар ҳамон замон ситоди муштараке аз созмон иқдом ба баргузории машқҳо дар Қирғизистон намуданд. Ҳамаи ин иқдомот дар ростои манофеи амниятии Русия буданд, ки яке аз онҳо тақвияти иқдомҳои низомии Русия дар Канти Қирғизистон буд [1].

Дар соли 2003 Русия шурӯъ ба тақвияти ҳамкориҳои низомӣ дар созмон кард. Дар моҳи январи ҳамон сол аъзои Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ ва Шӯрои вазирони мудофиа, барномаеро барои бахши низомии ин созмон поярезӣ карданд [9] ва ҷаласаи муҳимми Шӯрои амнияти созмон ва Шӯрои вазирони мудофиаи созмон баргузор шуд, ки дар он дар хусуси лоиҳаҳои худ барои бахши низомӣ то соли 2010-ро бар асоси ниёз ба як низоми амнияти ҳавои муштарак ба манзури идомаи тавсеаи ҳамкориҳои низомӣ ва фановарии байни кишварҳо тасмим ба гирифтани як стандарти воҳид барои омӯзиш ва таҷҳизи неруҳо бо анвои хосе аз таслиҳот ва таҷҳизоти низомӣ гирифтаанд. Илова бар ин, фаъолиятҳои бахши низомии кишварҳои узви созмон тасмим гирифтанд, то дар мавриди масоили сиёсӣ низ бо ҳам ба машварат пардозанд [8].

Аз соли 2000 гароиш дар СААД ба вуҷуд омад, ки ин созмонро ба як созмони чандҷонибае бо ҳадафҳои ба даст овардани итминон аз амнияти дастаҷамъӣ аз роҳи ҳамкорӣ дар заминаҳои мухталифро эҷод кунад. Илова бар ин, дар соли 2009 ва дар муқобил бо таҳдидҳои нав, неруи вокуниши сареъ ташкил шуд.

Аз соли 2003 неруҳои махсус ва неруҳои марзии узви созмон ба таври мунтазам дар амалиёти мубориза бо моводи мухаддир ширкат карданд. Дар солҳои 2002 то соли 2003 тайи ин амалиётҳо 38 тонна моводи мухаддир, аз ҷумла равонгардон ва ҳудуди 530 тонна аз моводи пешсози моводи мухаддир мусодира шуд. Аз соли 2003 созмон машқҳои солонаро бо номи “Рубеж” (марз) дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо ҳадафи муқобила бо таҳдидҳои амнияти минтақавӣ анҷом дод; машқҳои аввал дар соли 2003 дар Қазоқистон ва Қирғизистон бо ширкати сарбозони неруҳои вокуниши сареи дастаҷамъӣ ва воҳидҳои амалиётӣ аз Вазорати мудофиаи кишвари Русия анҷом гирифт. Машқҳои баъдии “Рубеж”, соли соли 2002 дар Қазоқистон, соли 2005 дар Тоҷикистон , соли 2007 дар Тоҷикистон баргузор шуданд [10].

Дар соли 2003 Русия бо таваҷҷуҳ ба тақвияти ҳамкориҳо байни давлатҳои узви созмон хостори лағви Кумитаи байнидавлатии кишварҳои ИДМ дар ҳамкории низомӣ ва иқтисодӣ шуд. Пешниҳод шуд, ки кори ин ҳайат тахти назорати СААД бо эҷоди ҳамон кумита дар ҳамон созмон қарор бигирад. Бо мувофиқати аъзо дар 10 сентябри соли 2003 Шӯрои сарони ИДМ кумитаро бекор карданд. Дар 23 апрели соли 2005 роҳбарони узви СААД онро дар созмон ташкил доданд. Ҳадаф аз ин тағйирот эҷоди кумитаи муттаҳид ва ҳамоҳанг кардани талошҳои кишварҳои узви созмон барои таҳким ва беҳбудии ҳамкорӣ, иқдоми бештар барои муқобила бо мушкилоти ҳамкориҳои низомӣ ва иқтисодӣ буд [9].

СААД аз замони таъсис то имрӯз ба таври куллӣ ҷаҳор марҳиларо тай намудааст:

**Марҳилаи ҳуқуқӣ-қарордодӣ.** Ин марҳила асоси ҳамкориҳои низомиро таъйин мекунад ва марзҳои иттиҳодиояндаро мушаххас месозад. СААД бештар ба аҳамият ва сиёсати дифоӣ таъкид дорад ва роҳнамудҳое барои ҳамкориҳои бештар дар ин заминаро ироа мекунад. Нафъҳои ин паймон бештар бар асоси дифои муштарак ва таъйинкунандаи ҳамкорӣ ва ҳамгироии низомӣ байни давлатҳои узви ин созмон аст ва ҳадафи аслӣ тақвияти ҳамкориҳо миёни Созмони ИДМ ва инъикоскунандаи амнияти умури низомӣ ва

таърифи манотиқи амниятӣ барои ин минтақа ба сурати умум ва барои Русия ба сурати хос мебошад.

**Марҳилаи расмӣ ва созмонӣ**. Ин марҳила ишора ба таҳқиқ ва пажӯҳиш дар мавриди созмон ва аъзои он, расонидани асноди марбута аз сӯйи давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқозро дорад. Ҳадафи аслӣ аз таҳқиқ ва омӯзиш дар ин марҳила мафҳуми амнияти дастаҷамъӣ аст, ки худ ба се марҳила тақсим мешавад:

- Мувофиқат ва эҷоди неруҳои мусаллаҳ ба манзури тавсеаи низомӣ ва барномаҳои ҳамкориҳои фаннӣ.
- Эҷоди гурӯҳҳои низомии муттаҳиди муштарак, барномарезӣ барои эҷоди як низоми дифоии зиддиҳавоии муштарак ва арзёбии лозим барои шаклгирии онҳо.
- Эҷоди низоми амнияти дастаҷамъӣ.

**Таъсиси созмон ду марҳила дошт:**

**Якум,** соли 1992-2000, ки дар онҳо аз навъи умумӣ ва сиёсӣ ва бидуни таҳдидҳои амалӣ ба тасвиб расонидаанд.

**Дуюм,** аз соли 2000 ба баъд, ки чаҳорчубаи қонунӣ ва услубҳои лозимӣ шакл гирифта, мунҷар ба эҷоди шароити густурдае барои ҳамкориҳои низомӣ шуд.

**Марҳилаи амалиётӣ**. Пас аз он, ки асоси ҳамкориҳои низомӣ эҷод шуд ва ҳадафҳои хос шиносоӣ шуданд, иҷрои тарҳи якпорчасозии низомӣ оғоз шуд. Бо таваҷҷуҳ ба дар назар гирифтани ниёзҳое, ки қаблан шиносоӣ шуда буданд, артиш ба анҷоми монёврҳо ва омӯзиши неруҳо ба таври муштарак пардохтанд. Ва дар идомаи тасмим ба эҷоди низоми назорати амнияти дастаҷамъӣ мутамарказ шуд. Бар асоси он се низоми фаръӣ -Аврупои Шарқӣ, Қафқоз ва Осиёи Марказӣ таъриф гардид, ки ин амр боиси тавсеаи бештари паймон шуд.

**Марҳилаи вобастагӣ (ҳамгироӣ) бунёдӣ**. Созмон сохторҳои муштарак ва роиҷеро, ки бо аносири ниҳоии ҳамгироии низомӣ мутобиқат доранд, эҷод кардааст ва эҳтимол меравад, ки тавонад дар ин масир ҳаракат кунад ва ҳамгироии комили низомӣ ва фаннӣ дар миёни кишварҳои узв рух диҳад. Дар ин марҳила аз амри созмон ҳамгироии Русия ва Ҷумҳурии Белорус, махсусан дар заминаи неруи ҳавоӣ ба болотарин дараҷаи худ расидааст.

**Нақш ва мақоми СААД дар таъмини амнияти Авруосиёи Марказӣ.** СААД на танҳо ба омӯзиши афсарони кишварҳои узви ин созмон дар Русия мепардозад, балки аз роҳи машқҳои муштараки низомӣ ва фурӯши таслиҳоти низомии арзон ба кишварҳои узв, чаҳорчӯбаи муносибе барои модернсозии бахши низомии ин кишварҳо ба ҳисоб меравад. СААД илова бар иттиҳоди суннатӣ дар заминаи низомӣ, бо ҳадафи эҷоди иртиботи бештари аъзо бар масоиле чун амният, сиёсат ва иқтисод ба миён омад. Ин созмон ниёз ба ниҳодҳои доимӣ дорад, ки ба тавсеа ва ворид кардани масъалаҳое пардозад, ки ба ҳамкориҳои низомӣ, сиёсӣ ва баъзан иқтисодӣ бо рӯйкардҳои ҳамгироӣ дар миёни кишварҳои аъзо бипардозад [11].

Дар тӯли ду даҳаи ахир ин созмон бо таркиби ду ҳадафи аслӣ, яъне муқобилият бо таҳдидҳои хориҷӣ ва муқобилият бо таҳдидҳо ва чолишҳои нав амал кард. Дар муқобила бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав ва нарм, ки ба таври куллӣ метавон иддао кард, ки марказикунонии бештари созмон барои инчунин масъалаҳо ҳаст. Созмон маҷмӯае аз маъмуриятҳои сулҳбони муштарак ва тавсеаи фаъолиятҳои зидди терроризмро анҷом дод, ки яке аз иқдомҳои муҳимми созмон дар ин қисм мубориза бо қочоқи маводи мухаддир буд. СААД аз ҳамон ибтидо таъкид дошт, ки вазифаи аслии он мудирияти таҳдидҳои нав ва чолишҳо (қочоқи инсон, қочоқи маводи мухаддир ва муҳоҷиратҳои ғайриқонуни) аст.

**АДАБИЁТ**


1. Ionela Pop, Irina," Russia, Eu, NATO and The Strengthening of The CSTO in Central Asia ", Caucasian Review of International Affairs 2009. -Vol. -No.3.
2. Nikitin Alexander . Post-Soviet Military-Political Integration: The Collective Security Treaty Organization and its R*elations with the EU and NATO / Alexander Nikitin. - Centeral Asia, Caucasus Institute Silk Road Studies Program 2007. -Vol. 5. - No.8.
3. Saat J.H. The Collective Security Treaty Organization / J.H. Saat. -Studies Research Center, Central Asian Series, 2005. -Vol.9. No.5, February.
4. Paramonov Vladimir, Golegstol Povski . Russia and CentralAsia / Vladimir Paramonov, Povski Golegstol.- Multilateral Security Cooperation , Central Asian Series, 2008. -Vol.8, March.
5. Forest Alexander. The Collective Security Treaty Organization, the Shanghai Cooperation Organization, and Russia’s Strategic Goals in Central Asia / Alexander Forest. - Central Asia, Caucasus Institute Silk Road Studies Program, 2009. - Vol. 7. - No. 3.

6. President William J. Clinton A. National Security Strategy for a New Century. Washington, DC: The White House, 1997 p. 18; & President William J. Clinton. A National Security Strategy for a New Century. Washington, DC: The White House, 1998.
7. Statement of Stephen Sastanovich, Ambassador-at-large, Special Adviser to the Secretary of State for the CIS, before the House International Relations Committee, 30 April 1998, Turkistan Newsletter. Vol. 98-2:089-06 May- 1998.

**МАСИРИ ШАКЛГИРИИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ: (СААД)**

Муаллиф дар мақола масири шаклгирии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъиро аз замони бунёдаш то имрӯз мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст. Муаллиф қайд меамояд, ки Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва фаъолияти он ҳамчун созмони амниятӣ барои кулли кишварҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амният нақши муҳимро молик аст. Муаллиф бештар ба чораҳои муштарак, ки аз ҷониби сохторҳои СААД барои пешгирии фаъолияти ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ дар ҳудуди қаламрави давлатҳои аъзои ин созмони бонуфузи минтақавӣ (Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон), ки ҳудуди умумии 20,3 млн километри мураббаъро бо аҳолии беш аз 260 миллион нафар дар бар мегирад, гузаронида шудаанд, таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Кишварҳои узви ин ташкилот барои таъмини амният ва оромии минтақа манфиатдор мебошанд. Дар мақола инчунин мақсадҳои СААД, ки таъмини сулҳу субот ва амнияти байналмилалию минтақавӣ, такмилдиҳӣ ва мукаммалгардонии ҷанбаҳои ҳарбии ҳамкорӣ, муқовимати шадид бо терроризм ва экстремизми байналмилалӣ, аз ҷумла алайҳи ҳизб ва ҳаракатҳои террористӣ ва дигар таҳдидҳо ба шумор меравaнд, инъикос гардидаанд. Ҳамкории кишварҳои узви СААД дар бахшҳои гуногун, аз он ҷумла дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётӣ, асосан иқтисод, сиёсат, ҳарбӣ-техникӣ ва ғайраро мавриди таҳлилу барраси қарор додааст.

**Калидвожаҳо**: СААД, созмонҳои амниятӣ, амнияти байналмилалию минтақавӣ, кишварҳо, таъмини сулҳу субот, муқовимати шадид, терроризм, ҳамкорӣ, бехатарӣ, минтақа, таҳдид, минтақаи Қафқоз, Осиёи Марказӣ.

**ФОРМИРОВАНИЕ ОРГАНИЗАЦИИ ДОГОВОРА КОЛЛЕКТИВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ (ОДКБ)**

Автор в статье рассматривает и изучает формирование движения «Организация договора коллективной безопасности (ОДКБ)» начиная со дня основания и по сегодняшний день. Автор отмечает, что ОДКБ и её деятельность в качестве организации безопасности для всех постсоветских государств, в том числе для Республики Таджикистан играет важную роль в плане обеспечения безопасности. Автор обращает своё внимание на совместные меры, которые направлены для предотвращения деятельности террористеесккх и экстремистских организаций на территории государств, входящих в эту влиятельную региональную организацию (Армения, Белоруссия, Казахстан, Киргизия, Россия и Таджикистан), общая площать которых занимает 20,3 млн квадратных метров с более 260 миллионами населения. Члены государств этой организации заинтересованы в обеспечении безопасности и мира на всех территориях. А также в статье отражены цели ОДКБ, такие как: мир и стабильность, межнациональная и региональная безопасность, усовершенствование и улучшение аспектов военного сотрудничества, напряженное противодействие с международным терроризмом и экстремизмом, сотрудничество членов-государств ОДКБ во всех отраслях: в экономической, политической, военно-технической и других.

**Ключевые слова**: ОДКБ, межнациональная и региональная безопасность, государства, обеспечение мира и стабильности, напряженное противодействие, терроризм, сотрудничество, безопасность, регион, угроза, Кавказский регион, Центральная Азия.

**THE COURSE OF THE COLLECTIVE SECURITY TREATY ORGANIZATION**

The author in the article considers and researches the course of the Collective Security Treaty Organization since its foundation upto the present. The author points out that the CSTO and its activities as an organization for security plays an essential role in enhancing the security for all pro-Soviet states, including for the Republic of Tajikistan. The author draws attention to co-operative measures that are directed to prevent the activities of terrorist and extremist organizations in the territories of the states, entering to this influential regional organization (Armenia, Belarus, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Russia and Tajikistan), the total area of which occupies 20.3 million square meters with over 260 million population. Members of the states of this organization has a stake in promoting the causes of peace and security in all territories. And also, the article reflects the objectives of the CSTO, such as; provision of peace and stability, as well as international and regional security, development and improvement of aspects of the military cooperation, intense opposition to international terrorism and extremism, including against grouping and terrorist movements and other threats. The cooperation of the CSTO member states are subject to different in all industries being mainly in the economic, political, military-technical and others.

**Key words**: CSTO, international and regional security, state, provision of peace and stability, intense opposition, terrorism, cooperation, security, region, treat, Caucasus, Central Asia.

**Сведения об авторе:** ***Саидов Мехрубон*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведениям факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки 17. E- mail**: B.RR-Tampo@ mail.ru**

**Information about the author:** ***Saidov Mehrubon*** **-** Tajik National University, graduate student of the Department of Foreign Regional Studies, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Avenue 17. E- mail**: B.RR-Tampo@ mail.ru**

УДК: 930 (575.3) (470)

# ҲАМКОРИҲОИ ҲАРБӢ-СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ДОИРАИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

*Меъроҷиддини Насридин*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои мутақобилан судманди амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар чорчӯбаи ИДМ арзёбӣ шуданд [1]. Аввалин муоҳидаи муштарак, ки дар чорчӯбаи ИДМ баста шуд, ба ташаккули ҳамкориҳои бисёрҷонибаи сифатан нави ҳарбӣ дар фазои кишварҳои пасошӯравӣ замина гузошт. Муоҳидаи мазкур 20-уми марти соли 1992 дар шаҳри Киеви Ҷумҳурии Украина имзо шуда, он Эъломия "Оиди истифода набурдани қувва ё таҳдиди қувва бар зидди яке аз давлат-иштирокчиёни ИДМ" ном дорад. Бо қарори сарони давлатҳо Шӯрои вазирони мудофиаи (минбаъд ШВМ) ИДМ созмон дода шуд, ки мақомоти олии машваратии Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ оиди масоили ҳарбӣ-сиёсӣ пазируфта шуд.

Аввалин кӯшиши фаъолияти муштарак оиди таъмини амнияти минтақавии ҷонибҳо, ин ташкили Қувваҳои дастаҷамъии сулҳхоҳи ИДМ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар ҳоли ҳозир ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар чорчӯбаи ИДМ ба ғайр аз самтҳои истисноӣ, ки мо баъдан онҳоро матраҳ мекунем, аслан муҳтавои амалии худро гум кардаанд. Ҳарчанд Вазирони мудофиаи ҷонибҳо мунтазам дар ҷаласаҳои Шӯрои вазирони мудофиаи ИДМ ширкат меварзанд, аммо аксаран хислати ритуалӣ дорад [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар доираи ИДМ ҳамкориҳоро дар самти мудофиаи фазои ҳавоӣ дар сатҳи лозима ба роҳ мондааст. Мисоли амалии он, ин ҳамкориҳои бисёрҷонибаи ҳарбӣ-ҳавоии ҷонибҳо дар чорчӯбаи ИДМ, ҳамкориҳо дар соҳаи ҳифзи фазои ҳавоии иттиҳод шуда метавонад. Дар соли 1995 Системаи муттаҳидаи мудофиаи зиддиҳавоии ИДМ ташкил карда шуд, ки вазифаи асосии он дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мудофиаи фазои ҳавоӣ ва ҷорӣ намудани амалиёти мувофиқашудаи муштараки қувваҳои судофиаи зиддиҳавоии иттиҳод ҳангоми имкони пайдо шудани таҳдиди хатари ҳавоӣ-кайҳонӣ таҷассум меёфт*.

Санаи 28 декабри соли 1993 дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат зимни дастурҳои барномавии худ ҷиҳати муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар тазаккур дод, ки ҳавзаи якуми он «Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш, ба сӯйи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоюли ботинӣ дорад». Ӯ чунин авлавиятро дар мисоли ҳамкориҳо бо кишвари меҳварсози ИДМ – Федератисияи Русия шарҳ дода, қайд намуд, ки ба ривоҷу равнақи онҳо ду омил мусоидат мекунад:

1. Сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистон, ки бо назардошти аҳамияти стратегии худ сарҳади ИДМ эълон шудааст ва аз тарафи сарҳадбонон ва Қувваҳои муштараки ҳомии сулҳи ИДМ ҳифз мешавад.
2. Пайвастагии гуногунҷиҳатаи ҳарбӣ-сиёсӣ бо Федератсияи Русия.

Дар иртибот ба омили аввал Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 1994 дар иҷлосияи 49-уми Маҷмааи Умумии СММ нақши кишварҳои ИДМ, алалхусус Федератсияи Русияро дар истиқрори сулҳ дар кишвар ва ҳимояи сарҳади ҷанубии он таъкид сохта, пешниҳод намуд, ки ба Қувваҳои муштараки ҳомии сулҳи ИДМ дар Тоҷикистон мақоми қувваҳои ҳомии сулҳи СММ дода шавад. Бешубҳа, вазъи ҷумҳурӣ, ки он вакт дар ҳоли рафъи низои дохилӣ ва таҳдиди қувваҳои экстремистӣ аз сарҳади Афғонистон қарор дошт, чунин тасмимро талаб менамуд [2,с.88].

**Ҳамкории ҷонибҳо дар самти таъмини амнияти сарҳадӣ.** Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар самти таъмини амнияти сарҳадӣ дар доираи ИДМ яке аз авлавиятҳоро дар сиёсати хориҷии ҷонибҳо касб намудааст. Бо пош хӯрдани

* Системаи муттаҳидаи мудофиаи зиддиҳавоии ИДМ, ки соли 1995 ташкил шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Грузия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Туркменистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Украина ва Федератсияи Русия ба он аъзо буданд. Соли 1997 Грузия ва Туркменистон аз иштирок дар системаи мазкур даст кашиданд.

Иттиҳоди Шӯравӣ ягона системаи марказонидашудаи таъмини амнияти сарҳадии кишварҳои пасошӯравӣ барҳам хӯрда, ба фаъолшавии ҷиноятҳои бурунмарзӣ дар ҳудуди ИДМ оварда расонид. Сабаби мазкур аз давлат-иштирокчиёни ИДМ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар мудофиаи сарҳадҳои бурунмарзии давлатҳо талаб мекард. Хусусан ин ба минтақае, ки бо ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳаданд, тааллуқ дошт [3]. Дар муносибат бо ин ягона мақомоти ҳамоҳангсозанда - Шӯрои фармондеҳони Қӯшунҳои сарҳадии (минбаъд ШФҚС) ИДМ соли 1992 созмон дода шуд [4,с.11]. Дар доираи ИДМ Федератсияи Русия вазифаҳои асосиро ҷиҳати ташкили сохторҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тҷикистон ба дӯш гирифт. Ҳамкориҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар доираи ШФҚС ИДМ дар марҳилаи аввал сабаб шуд, ки ҷонибҳо аз хароҷоти зиёди моддӣ раҳоӣ ёбанд [5].

Лозим ба таъкид аст, ки дар қиёс бо дигар давлатҳои узви ИДМ системаи таъмини манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар самти амнияти сарҳадӣ имкониятҳои пурраи истодагарӣ бар зидди таҳдиду хатарҳои амнияти сарҳадиро доро мебошад.

Ҳамзамон, таҳлилҳои гузаронидаи муҳаққиқ аз он шаҳодат медиҳанд, ки иқтидор ва таҳдидҳои воқеии амнияти сарҳадӣ хислатҳои миқёсӣ, системавӣ, динамикӣ ва баъзан вақт пешгӯинашавандаро дорост. Дар давоми вақти тӯлонӣ шиддати вазъи ҳарбӣ-сиёсӣ дар баъзе минтақаҳои сарҳадҳои Тоҷикистону Русия паст намешавад (дар иртибот бо сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон).

Дарт ҳоли ҳозир метавон гуфт, ки бо вуҷуди ҳамаи мушкилиҳою душвориҳо ва мухолифатҳо оиди масъалаи ҳамгироӣ дар чорчӯбаи ИДМ, Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Русия бо назардошти ҳадафҳои геополитикӣ ва қавоиди сангини бунёдии низоми нави ҷаҳонӣ кӯшиши ҳифзи манфиатҳои миллии муштарак - дар самти амнияти сарҳадиро доранд [6,с.13].

Ба ақидаи муҳаққиқ, дар самти таъмини амнияти сарҳадӣ иҷрои амалҳои зерин дар чорчӯбаи ИДМ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ҳаётан муҳим арзёбӣ мегарданд:

- таҳкиму тавсеа бахшидани ҳамкориҳои сарҳадӣ ҳам дар самти дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба;
- мақсаднок, прагматикӣ ва гуногунсатҳ амалӣ намудани маҷмӯи чорабиниҳо, ки ба таври мунтазам гузаштан аз сиёсати мувофиқашудаи сарҳадӣ ба шакли беҳтари ҳамгироӣ нигаронида шуда бошад ва иқтидори таъмини амнияти сарҳадҳои хориҷии ҷонибҳоро дошта бошад;
- ба таври истифода бурдани имкониятҳои Шӯрои фармондеҳони Қувваҳои сарҳадии (минбаъд ШФҚС) ИДМ дар самти таъмини сиёсати мувофиқашудаи сарҳадӣ.

Лозим ба ёдоварист, ки дар давоми солҳои охир дар самти мазкур ҷонибҳо чораҳои зиёде андешидаанд. Масалан, яке аз ҳадафҳои ҷонибҳо дар фазои ИДМ амалинамоии тадбирҳои дарозмуддат, ки дар ҳолатҳои лозима товони бартарафнамоии таҳдиду хатарҳои амнияти сарҳадиро дорад, маҳсуб меёбад. Амалинамоии ҳадафи мазкур дар доираи фаъолияти Шӯрои фармондеҳони Қувваҳои сарҳадӣ ва дигар мақомоти ИДМ мавриди иҷро қарор мегирад [7].

**Ҳамкориҳои ҳарбӣ-ҳавоии ҷонибҳо дар доираи ИДМ.** Яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар соҳаи низомӣ системаи ягонаи дифои ҳавоии кишварҳои узви ИДМ (муҳофизати ҳарими ҳавоӣ) мебошад. Ин аввалин системаи воқеии бисёрҷонибаи умумӣ дар созмони мазкур мебошад.

Таъсис ва рушди ботадриҷи системаи дифои ҳавоии Қувваҳои ҳарими ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия имкони муттаҳид намудан ва самаранок ҳал намудани мушкилоти ҳифзи сарҳади фазои берунии давлат – иштирокчиёни ИДМ-ро фароҳам оварда, ҷиҳати амалисозии назорати якҷоя дар тартиботи истифодаи фазои ҳавоӣ, огоҳинамоии мутақобилаи вазъ аз ҳамлаи ҳавоӣ ва ҳамзамон ба амалиёти муштарак дар ҳолати ҳамлаи ҳавоӣ мусоидат мекунад.

**Ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ дар чорчӯбаи ИДМ.** Яке аз самтҳои хеле муҳимми ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар доираи ИДМ, ин фаъолияти сулҳҷӯёна ба ҳисоб меравад. Қобилияти пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофот меъёрҳои муҳимми муассирии ИДМ мебошад. Дар заминаи меъёрҳои қарордодию ҳуқуқӣ созмондодашуда, амалиёти сулҳҷӯёни ИДМ барои ҳифзи сулҳ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият анҷом дода шуд.

Айни замон миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар доираи ИДМ масоили шидиди мубориза бо паҳншавии силоҳи қатли ом ва воситаҳои интиқоли он, гардиши ғайриқонунии аслиҳа ва мусаллаҳшавӣ сурат гирифта истодааст, ки хатари ҷиддӣ ва афзуншавандаро ба амнияти байналмилалӣ эҷод мекунад.

Мавриди зикр аст, ки яке аз соҳаҳои асосиии ҳамкориҳои ҳарбӣ ин беяроқгардонӣ ва назорати халъи силоҳ тибқи Созишнома дар бораи қувваҳои мусаллаҳи анъанавӣ дар Аврупо (минбаъд СҚМАА) ба ҳисоб меравад ва мутобиқшавии он ба шароитҳои муосир ҳамчун кафили амнияти дастаҷамъии ИДМ ҳисобида мешавад.

**Дурнамои ҳамкориҳои ҷонибҳо дар чорчубаи ИДМ.** Самти афзалиятнок ва ояндадори рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар доираи ИДМ ин:

- такмил додани амалиёти мудофиаи зиддиҳавоии ИДМ, рушди неру ва воситаҳои муштарак, гузаронидани чорабиниҳои ҳарбии тайёрӣ бо дарназардошти машқҳои амалии тирпаронӣ ва омӯзишӣ;
- истифодаи системаи ягонаи давлатии ҷангӣ дар шинохти "Рамз", таъмини ҳуҷҷатҳои асосӣ барои шабакаҳои пӯшидаи алоқа ва системаи "Рамз";
- рушди системаи ягонаи иртиботӣ, таъмини топогеодезӣ ва метеорологӣ;
- ташкили алоқаи пӯшида байни вазоратҳои дифои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳои мудофиаи ИДМ оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ, таъмини бехатарии авиатсияи ҳарбӣ, тафтишоти садамаҳои ҳавопаймоӣ;
- рушди минбаъдаи заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкориҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳо дар соҳаи ҳарбӣ-техникӣ ва рушди лоиҳаҳои муштараки ояндадор ва барномаҳо дар доираи ИДМ;
- барои рушд ва таҳкими ҳамкориҳои ҷонибҳо бо мақомоти ИДМ ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ дар самти таъмини амнияти сарҳадӣ бояд нақшаҳои мувофиқ барои дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат ҷиҳати татбиқи созишномаҳои қаблан миёни ҷонибҳо бадастомада, бо мақсади ба даст овардани ҳадди аксари самаранокии ҳадафҳо дар амалия коркард шаванд.

Дар маҷмӯъ, ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Русия дар доираи ИДМ қисми асосии фаъолияти байналхалқии дӯстонаи ҷонибҳо маҳсуб меёбад, ки ҷиҳати муттаҳид сохтани талошҳо дар мубориза зидди хатарҳои амнияти миллӣ равона шудааст.

### АДАБИЁТ


1. В.Парамонов, О.Столповский. Военное сотрудничество России и стран Центральной Азии в рамках СНГ: дорога «ниоткуда и в никуда»? http://ceasia.ru/bezopasnost/voennoe-sotrudnichestvo-rossii-i-stran-tsentralnoy-azii-v-ramkach-sng-doroga-niotkuda-i-v-nikuda.html (санаи муроҷиат: 22.07.2018).
2. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон (зери назари Ҳамрохон Зарифӣ). – Душанбе: Ирфон, 2012, -272 с. Ҳайати таълиф: Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров. -С.88.
3. В.Парамонов, О.Столповский. Военное сотрудничество России и стран Центральной Азии в рамках СНГ: дорога «ниоткуда и в никуда»? http://ceasia.ru/bezopasnost/voennoe-sotrudnichestvo-rossii-i-stran-tsentralnoy-azii-v-ramkach-sng-doroga-niotkuda-i-v-nikuda.html (санаи муроҷиат: 22.07.2018).
4. О деятельности Совета командующих Пограничными войсками по координации усилий пограничных ведомств государств – участников СНГ в сфере обеспечения пограничной безопасности на внешних границах и мерах повышения эффективности принимаемых решений: информационно-справочный материал к 70-му заседанию Совета командующих Пограничными войсками по вопросу безопасности. -С. 11.
5. О порядке формирования и применения совместных групп специалистов (экспертов) пограничных ведомств для быстрого реагирования на угрозы пограничной безопасности на внешних границах государств – участников СНГ, Соглашение Совета глав государств СНГ от 10 октября 2014 г.
6. Региональная безопасность: геополитические и геоэкономические аспекты (теория и практика): монография / Под общ. ред. А.В. Возженникова. -М.: Изд-во РАГС, 2006. -С. 13.
7. Исторический формуляр Совета командующих Пограничными войсками и постоянного его рабочего органа – Координационной службы.


## ҲАМКОРИҲОИ ҲАРБӢ-СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ДОИРАИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

Дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои мутақобилан судманди амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар чорчӯбаи ИДМ арзёбӣ шуданд. Вале дар баробари касби истиқол ва воридшавӣ ба ҷаҳони муосир, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсиашонро дар чорчӯбаи ИДМ дар самтҳои таъмини амнияти сарҳадӣ, ҳарбӣ-ҳавоӣ ва ҳарбӣ-техникӣ ба роҳ мондаанд. Аз ҷониби дигар, дарки хатар имкони муттаҳидшавии талошҳои амниятии кишварҳоро возеҳ намуда, имкони дурнамои ташаккули ҳамкориҳои

ҳарбӣ-сиёсии ҷонибҳоро дар чорчӯбаи ИДМ фароҳам меорад. Дар мақола муаллиф самтҳои муҳимми ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русияро дар доираи ИДМ ва дурнамои рушди ҳамкориҳои ҷонибҳоро нишон дода, аҳамияти илмӣ-амалии онҳоро таъкид намудааст. Зиёда аз он, нақши ҳамгироии ҳарбӣ-сиёсии ҷонибҳо дар пешгирии нофаҳмиҳо ва рушди ҳамкориҳо таъкид шудааст.
**Калидвожаҳо:** ҳарбӣ-сиёсӣ, мутақобила, амният, сарҳад, сулҳ, тадбир, дурнамо, мубориза, хатар, мудофиа, ҳамкорӣ, ИДМ.

**ВОЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИЕЙ В РАМКАХ СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ**

В начале 90-х годов военно- политическое сотрудничество является одним из важных направлений взаимовыгодного сотрудничества Республики Таджикистан с Российской Федерацией в рамках СНГ. Но наряду с введением и вступлением в современный мир Республика Таджикистан наладила военное сотрудничество с Российской Федерацией в рамках СНГ в областях пограничной, военно- политическое и военно-технической безопасности. С другой стороны, восприятие риска консолидации усилий страны в области безопасности даст возможность формирования военно-политического сотрудничества сторон в СНГ. В статье подчеркнуто, важные направления военно-политического сотрудничества Республики Таджикистан с Российской Федерацией в рамках СНГ и перспективы развития двустороннего сотрудничества показали, что важность научного и практического роста возрастает. Кроме того, была подчеркнута роль военно-политической интеграции сторон в борьбе с конфликтами и сотрудничества в целях развития.
**Ключевые слова:** военно-политический, взаимодействия, безопасность, граница, мир, мера, перспективы борьба, угроза, оборона, сотрудничество, СНГ.

**MILITARY-MILITARY COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE RUSSIAN FEDERATION IN THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES**

At the beginning of the 90s, military-military cooperation is one of the important directions of mutually beneficial cooperation of the Republic of Tajikistan with the Russian Federation in the CIS. But along with the introduction and entry of the modern world, the Republic of Tajikistan has established its military cooperation with the Russian Federation in the framework of the CIS in the areas of border, military-military, and military-technical security. On the other hand, the perception of the risk of consolidating the country's security efforts will enable the prospect of the formation of the military-political cooperation of the parties in the CIS. In the article article, the important directions of the military-military cooperation of the Republic of Tajikistan with the Russian Federation in the CIS and the prospects for the development of bilateral cooperation have shown that the importance of scientific and practical increase. Moreover, the role of the military-political integration of the parties in the fight against conflicts and development cooperation has been stressed.
**Key words:** military-political, intercommunion, security, border, peace, safety, perspective, struggle, threat, defense, cooperation, CIS.

**Сведения об авторе:** ***Меъроджиддин Насридин –*** Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Meyrojiddin Nasridin*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Foreign Regional Studies of the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

**УДК: 930 (581) (575)**

# СТАБИЛИЗАЦИЯ ОБСТАНОВКИ В АФГАНИСТАНЕ СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ НЕКОТОРЫМИ СТРАНАМИ ЮГО-ВОСТОЧНОЙ АЗИИ

***Нормахмадзода Т.Н.***
**Таджикский национальный университет**

Все страны уникальны по-своему. Но Афганистан можно выделить в отдельную категорию, в связи с особыми межплеменными и межклановыми отношениями, и на этой основе продолжающимся тяжелым социально-экономическим и политическим кризисом. Предвидя эту опасность, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон забил тревогу еще в 1994 году с трибуны Генеральной Ассамблеи ООН на её 49-й сессии, где он предупреждал о надвигающейся угрозе, просил международное сообщество о помощи: «Не могу не обратить вашего внимания и на тревогу, которую вызывает положение в соседнем с нами Исламском Государстве Афганистан. Ситуация в этой стране, где междоусобная война стала доминантой общественных отношений, не может оставлять равнодушным мировое сообщество. Афганский конфликт создаёт опасную тенденцию возникновения анархичных географических единиц, которые могут стать опорной базой международного терроризма, безнаказанного распространения оружия и наркотиков. Мы призываем к самому серьёзному рассмотрению афганской проблемы международным сообществом» [1].

Тогда в самом Таджикистане шла гражданская война, но несмотря на это, Президент Таджикистан Эмомали Рахмон говорил о безопасности, мире и согласии в Афганистане: «У нас нет сомнений, что афганский народ, в конечном итоге, придёт к внутреннему согласию и восстановит мир в стране, выйдет на путь созидания и прогресса. Мы искренне желаем народу Афганистана скорейшего достижения этих целей» [1].

Эти слова Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона были сказаны еще в 1994 году, но кто скажет, что это не о сегодняшнем дне?

Как видим, сегодня Афганистан стал источником повышенной террористической, экстремистской, сепаратистской опасности и наркотической угрозы для безопасности государств не только региона, но и всего мира.

Понятие «безопасности» традиционно воспринимается с точки зрения проблемы войны и мира. Но в современной науке появился новый термин «невоенные угрозы мира», к которым относятся проблемы незаконного оборота наркотиков, торговля людьми, коррупция, вирусные заболевания, голод, незаконная миграция, чрезвычайные происшествия природного и техногенного характера, экологические проблемы и другие [2]. Весь этот комплекс «невоенных угроз миру», имеющий уголовный характер, также прочно обосновался в Афганистане.

Стратегически значимое географическое положение страны является сферой интересов мировых держав, и она стала жертвой в их геополитических играх, и ее название прочно закрепилось в списке наиболее опасных горячих точек нашей планеты. Таким образом, появились распространенные и основанные на стереотипах из средств массовой информации и других источников представления об Афганистане, где все заняты только войной или производством наркотиков. Конечно же, это не верно. Войной, и производством наркотиков занято лишь 10% населения вместе взятых на неподконтрольных властям территориях страны [3,с.9]. Подавляющее же большинство просто приспособились к идущей много десятилетий войне и пытаются жить нормальной, человеческой жизнью.

Все проблемы Афганистана имеют, так или иначе, внешнее происхождение. Если сказать что история Афганистана омрачена нападениями: персов, греков, кушанов, эфталитов, арабов, турок, монголов, британцев, советов, и в недавнее время американцев и их союзников, и афганцы всегда побеждали иностранные армии начиная с Александра Македонского до нынешних времен, то можем показаться глупыми, потому что это тоже неверное стереотипное представление об Афганистане.

Да, действительно, в истории Афганистана есть моменты, когда иностранные агрессоры подверглись унижению. Но было также и множество моментов, когда иностранные армии вторгались в страну и наносили сокрушающее поражение. Например, Александр Македонский прошел по территории Средней Азии, где теперь Афганистан, встретив минимальное сопротивление. Более тысячелетия спустя предводитель монголов Чингиз Хан сокрушил сопротивление афганцев.

История свидетельствует о трех англо-афганских войнах:

Первое Британское вторжение в 1839 году привело сначала к победе агрессора, которая сменилась его сокрушительным поражением, за которым пришла вторая победа.

Во второй раз Британия вторглась в 1878 году. Несмотря на поражение при Майванде, основная британская армия победила афганцев и расширила границы Британской Индии до Хайберского перевала, и Афганистану пришлось уступить несколько приграничных районов.

Третья англо-афганская война была начата афганцами. Аманулла Хан в 1919 году отправил войска в Британскую Индию. Они были вынуждены отступить в результате бомбежек Кабула британскими самолетами. Война закончилась тактической победой Британии. Британия в конце концов отказалась от контроля над Афганистаном как цели внешней политики [4].

Что касается прихода Советских войск в декабре 1979 года, то нужно сказать, что советские войска вошли в Афганистан с дружественной целью, поддержать тогдашный режим, и были намерены уйти максимум через год. Формальным основанием для ввода войск стали неоднократные просьбы руководства Афганистана. Но благие намерения Советского Союза обернулись долгой войной. К чему это привело всем известно. То, что там творится сейчас, и кому за это надо сказать спасибо, тоже мы все прекрасно знаем.

Советский Союз не стал причиной гражданской войны в Афганистане, как сейчас пытаются внушать зарубежные исследователи, потому что задолго до прихода советских войск некоторые оппозиционные группы уже оказывали вооруженное сопротивление правительству Кабула, которых поддерживали США. Они противились светским и модернизирующим

реформам короля Захир Шаха, которые были направлены на демократизацию Афганистана и ликвидацию дискриминации женщин.

После свержения Захир-Шаха в 1973 году противоборство радикальных сил усилилось. А после Апрельской революции 1978 года, правительство США продолжило поддерживать радикальные силы, уже с другой целью и проводило тренировки антиправительственных групп моджахедов, набранных среди недовольных афганских мусульман, которые были против коммунистического режима. Проще говоря, всем лидерам муджахеддинов Афганистана, базировавшимеся в Пакистане и Афганистане, помогали Соединенные Штаты, Пакистан, Саудовская Аравия и Китай[2]. «Роберт Гейтс, который в то время был сотрудником ЦРУ, а при президенте Обаме занимал пост министра обороны, в своих мемуарах описывает заседание сотрудников ЦРУ в марте 1979 года. Тогда, по его словам, в ЦРУ обсуждался вопрос, стоит ли поддерживать моджахедов и дальше, чтобы «втягивать Советский Союз в кошмар, подобный Вьетнаму для США», отомстив за Вьетнам, и было принято решение продолжать снабжение моджахедов деньгами и оружием» [4].

В результате, советские войска не смогли установить власть над страной из-за сопротивления афганских борцов «за независимость», моджахедов, или, иначе - обученных террористов. Но за время советского присутствия в Афганистане СССР построил 2 линии газопровода, несколько ГЭС и ТЭЦ, линии электропередач, 2 аэропорта (в Кабуле и в Кандагаре), дороги, тоннели, более десятка нефтебаз, промышленные предприятия, хлебозаводы, Центр матери и ребёнка, поликлиники, Политехнический институт, ПТУ, школы – всего более 200 различных объектов промышленности и социальной инфраструктуры, жилые кварталы, в которых до сих пор живут афганские семьи.

Стратегия США привела к успеху своей политики, а советскому правительству пришлось вывести свои войска из страны в 1989 году.

После вывода СССР военного контингента с территории Афганистана, США продолжали поддерживать тесные связи с моджахедами. Вашингтоном блокировались все предложения президента Мохаммеда Наджибуллы о переговорах и уступках. Американцы продолжали вооружать джихадистов, надеясь, что те свергнут Наджибуллу.

Это был один из самых разрушительных периодов в недавней истории Афганистана, когда Запад и Пакистан вместе с муджахеддинами уничтожили самый лучший шанс на окончание гражданской войны в стране. Конечный эффект такой политики состоял в углубляющемся и затяжном разрушении Афганистана, что и вынужден был позже признать Чарльз Коган, который был директором операций ЦРУ на Ближнем Востоке и Южной Азии в 1979-1984 годах. «Я задаюсь вопросом, нужно ли нам было продолжать в том же духе, по инерции помогая муджахеддинам после ухода Советского Союза. Теперь глядя назад, я думаю, что это было ошибкой», - сказал он [4].

И сегодня есть шанс решить внутренний конфликт Афганистана. При желании местных властей и поддержке заинтересованных доброжелательных иностранных государств можно прийти к миру и согласии. Ю. Примаков подобной миротворческой практики в недалекой мировой истории достаточно. Например, таджикская модель урегулирования конфликта - путем диалога и переговоров, является уникальной в мировой практике. С приходом мира на этой земле, проявит себя огромный неиспользованный мирный потенциал во всех сферах народного хозяйства Афганистана - сельскохозяйственной, промышленной, горнопромышленной, гидроэнергетической, туризма, образования и т.д.

Давайте начнем рассматривать мирные экономические возможности Афганистана со сферы туризма. Афганистан - очень древняя страна, ее народ за несколько столетий создал богатую культуру, близкую к исламской, а следы других цивилизации, существовавших на территории современного Афганистана в виде памятников истории, сохранились до наших дней. Но ввиду чрезвычайно реакционного государственного строя и жестких религиозных норм, большинство из них недоступны для посещения, а некоторые памятники даже безжалостно уничтожаются.

Две известные статуи Будды в провинции Бамиан были уничтожены движением «Талибан», которые рассматривали их как «идолопоклоннические» и «языческие». Другие известные памятники архитектуры находятся в разных городах Афганистана.

Среди достопримечательностей страны в свое время были такие прекрасные памятники, как Кабульский Исторический Музей с великолепной коллекцией буддийских экспонатов, дворец шаха, многочисленные мечети и мавзолеи.

Кабул наших дней, к сожалению, сохранил жалкие крохи своего исторического величия. Среди немногих соблазнов для туристов на первом месте находится сад Бабур, основанный ещё моголами в 1528 году [5], а затем развивающийся и украшаемый всеми династиями афганских правителей. Также имеют прекрасные естественные условия для туризма в северных районах Карез-ай-Амир, окрестностях Чарикара и долине Чакардара.

Культура Афганистана охватывает четыре основных периода его развития: языческий, эллинистический, буддийский и исламский.

Культурное наследие языческого периода - Святилище с терракотовыми фигурами «богини-матери» сохранились в местечке Дехи Мораши Гондей в провинциях Кандагар в земледельческом поселении 3000-1500 г. до н. э. Знаменитый круглый храм Дашлы в Дашлы Тапа в крепости и земледельческом поселении 1500-800 г. до н. э. и поселение ахеменидского времени IV-VI вв. до н. э. Алтын Тапа сохранились в провинции Балх.

В провинции Кундуз, при слиянии рек Пянджа и Кокчи, прямо у границы с Таджикистаном, располагаются руины греко-бактрийского города Ай-Ханум. Городище является уникальным памятником эллинистической культуры в Центральной Азии;

Буддийские храмы и монастыри I-III вв. до н. э. с и II-VIII вв.н.э. уцелели в провинциях Газни, Баграм, Нангахор, Саманган, Бамиян других местах Афганистана;

Дворцовые комплексы, медресе, мечети, соборные мечети, архитектурные комплексы, мавзолеи, гробницы расположены по всему Афганистану;

Например, Мавзолеи Абдуррахмана Джами, Ансари и Алишера Навои в Герате;

Гробницы Мир Вайса [13] и Ахмад-шаха* находятся в Кандагаре;

Минарет «Джам»* в провинции Гур, на северо-западе Афганистана, высотой 65м., уникальный хорошо сохранившийся минарет XII века на северо-западе Афганистана.

Джелалабад, столица области Нангархар, в свое время был привлекательным зимним курортом, буквально теряющимся среди зарослей кипариса и цветущих фруктовых садов. Мазари-Шариф знаменит своей мечетью XV века, в которой находится гробница халифа Али, зятя пророка Мухамеда. Герат - стены старого города и Великая Мечеть. В Газни привлекали туристов развалины "старого Газни", который упоминается уже в хрониках XII века. Особенно примечательны две величественные башни высотой 43 метра. Город Кандагар во все века славился восточными базарами. В Балхе умер и, возможно, похоронен пророк и основатель одной из мировых религий - Зороастр (Заратуштра).

Состоящий из двух огромных горных цепей Гиндукуш является одной из величественнейших и красивейших горных систем мира. Эти горы сохранили совершенно первозданный вид и могли бы являться великолепным районом для пешего туризма и альпинизма. Красивые горы, долины и озера создают совершенно ошеломляющий пейзаж, который так и остается недоступным для туристов.

Афганистан является аграрной страной, соответственно, развитие сельскохозяства может стать локомотивом стабилизации ситуации в стране. У Афганистана уникальные природно-климатические условия для выращивания тропических фруктов и других сельхозкультур. Пахотные земли в Афганистане отводят преимущественно под зерновые культуры - пшеницу, кукурузу, рис и ячмень. Среди других возделываемых культур - сахарная свекла, хлопчатник, масличные и сахарный тростник.

В садах выращивают всевозможные плодовые культуры - абрикосы, персики, груши, сливы, вишню, гранаты и цитрусовые. Культивируются также несколько сортов винограда и дыни, миндаль и грецкий орех. Традиционно на экспорт шли свежие и сухие фрукты, изюм и орехи [6]. Наиболее развито в Афганистане мясо-шерстно-молочное животноводство. «Каракульская порода овец, которой славится северный Афганистан, давала знаменитые каракулевые смушки. До гражданской войны Афганистан занимал третье место в мире по

---

* Ахмад-шах Дуррани, также известен как Ахмад-шах Абдали (1723-1772) – основатель Дурранийской империи, которая является началом современного Афганистана.

* Минарет «Джам» второй по высоте исторический минарет из обожжённого кирпича в мире после Кутб - Минара в Дели. Предположительно, является единственной уцелевшей постройкой города Фирузкух, который был столицей султанов династии Гуридов, до переноса её в Газни. Город разрушен войском Чингисхана, и даже место его расположения было надолго забыто. В 2002 году минарет и прилегающее неисследованное городище включено в список Всемирного наследия ЮНЕСКО и Список всемирного наследия, находящегося под угрозой.

экспорту шкурок каракулевых овец. Население владеет навыками выделывания овечьих шкур. Традиционно разводили также коз, лошадей, крупный рогатый скот (зебу и буйволов), верблюдов и ослов. На основе продукции животноводства население занимается шерстепрядением и ручным ковроткачеством» [6]. В 1980-е годы примерно 81-84% пахотных земель искусственно орошались. Для этого использовалась система арыков, питающихся от рек и подземных источников. Сейчас все эти гидротехнические и ирригационные сооружения полностью разрушены.

В разные годы под посевами всех видов сельхозкультур было занято от 3 до 3,88 млн. га земельной площади [7]. В связи с «увеличением населения Афганистана с 15,5 млн. человек 1979 года до 31 млн. человек 2013 года» [8] на сегодняшний день Афганистану нужно расширить посевные площади только основных видов зерновых до 5,4 млн. га. «При сохранении нынешних тенденции прироста население в 2025 году должно достигнуть 48 млн. человек» [8]. Строительство новых и ремонт действующих объектов ирригации и обеспечение современной сельскохозяйственной техникой в свою очередь позволят намного расширить долю поливного и пахотного земледелия и увеличить производительность всего сельского хозяйства. Сельскохозяйственная отрасль способна стабилизировать общую социально-экономическую обстановку в стране, поскольку подавляющая часть населения живет и трудится в сельской местности.

Недра Афганистана богаты полезными ископаемыми, но разработка некоторых из них носит ограниченный характер ввиду их расположения в отдалённых горных районах и связи с отсутствием инфраструктуры.

Присутствуют залежи каменного угля и драгоценных металлов, бериллиевых руд, серы, поваренной соли, мрамора, лазурита, барита, целестина, а также месторождения нефти, природного газа, гипса.

Разведаны медные, железные, марганцевые руды. В недрах страны имеются еще небольшие запасы свинца, цинка, золота.

Медное месторождение Айнак близ Кабула считают самым большим в Евразии (запасы около 240 млн т. руды с содержанием 2,3% (оценка 2006 г.), недалеко от Кабула находится и железорудное месторождение Хаджигек (запасы около 428 млн т. руды с содержанием 62-68%), которое считается самым крупным в южноазиатском регионе.

«С помощью СССР с 1967 года разрабатывался крупный газоносный бассейн на севере страны, в 1980-е годы природный газ в большом объеме транспортировался в Советский Союз. В мирные годы велась эксплуатация угольных месторождений и некоторых других полезных ископаемых. Горные реки обладают значительным гидроэнергопотенциалом» [6].

С 1956 года при поддержке Советского Союза были сооружены или модернизированы гидроэнергетические узлы в Суробае, Пули-Хумри, Наглу, Дарунте, Махипаре и др. Всего вырабатывалось ок. 430 млн кВт·ч. электроэнергии, из них примерно 58% на ГЭС, а 42% - на ТЭС. Были построены цементные заводы в Джабаль-ус-Сирадже и Пули-Хумри.

В конце 1960-х - начале 1970-х годов возникли многие новые отрасли промышленного производства, включая производство изюма и выпуск мясных консервов, выделку текстильных изделий и изготовление лекарственных препаратов. Туризм стал важным источником поступления валюты из-за рубежа, в 1978 году Афганистан посетили более 100 тыс. иностранных туристов.

За 43 года войны многие отрасли обрабатывающей промышленности были разрушены. В 1998 году вся экономика страны, кроме сельского хозяйства, зависела от транзитной торговли. Строительство газопровода из Туркмении через территорию западного Афганистана в Пакистан в конце 1998 году было заморожено из-за неустойчивой политической обстановки.

В стране с населением более 31 млн. человек и «территорией 647,5км$^2$» [8] до 2010 года было проложено всего лишь «25 км железных дорог». В 2011 году «Узбекистон Темир Йуллари» на средства Азиатского банка развития построило еще 75 км. [6,с.9]. Сохранение транспортной коммуникации страны в таком положении вообще невозможно.

Учитывая колоссальные масштабы выращивания наркосодержаших культур, производства и контрабанды наркотиков, можно констатировать, что Афганистан без международной помощи никогда не сможет эффективно бороться с незаконным оборотом наркотиков. У международного сообщество есть примеры положительного опыта альтернативного развития. К 90-ым годам прошлого столетия крупнейшими производителями опиума являлись:

Мьянма (Бирма) (1100-1500 т), Афганистан (700-800 т), Иран (200-400т.), Лаос (210-300т.), Пакистан (105-175т.) и Таиланд (23-33 т).

К 2000 году в Иране и Пакистане фактически прекратилось производство опийного мака, кроме того, после выполнения пятнадцатилетней программы уничтожена вся продукция.

Производство опийного мака в Таиланде уменьшилось под жестким руководством короля страны, поддерживаемого местными социальными институтами и международным сообществом. Последовавшее за соглашением, достигнутым между УБНПП и Президентом Лаоса, культивирование опиума в Лаосе, который является одним из трех основных мировых производителей, было сокращено на 30%.

Правительство Мьянмы под руководством Не Вина периодически осуществляло карательные операции против производителей и торговцев опиумом. В условиях политической нестабильности, возникшей после падения правительства Не Вина, в 1988 году интенсивность борьбы против наркобизнеса ослабла, и в итоге к началу 90-х годов Мьянма превратилась в крупнейшего в мире производителя опиума [10].

И тогда, с 1990 г. Китай взял на себя инициативу по оказанию помощи населению северных районов Мьянмы и Лаоса, прилегающих к "Золотому треугольнику". Эта помощь включала передачу технологии, сельскохозяйственную поддержку и развитие туризма. Все это в определенной степени способствовало общественно-экономическому прогрессу данного района и снизило угрозу контрабанды наркотиков, причиняемую Китаю и мировому сообществу со стороны "Золотого треугольника". В международном сотрудничестве Китай получил поддержку и помощь организаций по борьбе с наркотиками ООН» [11].

«В 1999 году правительство Мьянмы разработало свой 15-летний план действий по ликвидации посевов опийного мака, который предусматривает ликвидацию к 2014 году всего незаконного оборота и незаконного производства наркотиков, включая предупреждение и пресечение незаконного культивирования опийного мака и повышение уровня жизни населения, сокращающее финансовые стимулы к такому культивированию.

В мае 2012 года руководители Восстановительного совета Шанского государства (ВСШГ)* на переговорах с представителями центрального правительства обязались внести вклад в совместные программы по борьбе с наркотиками, осуществляемые властями Мьянмы, Таиланда, Лаоса и Китая. В результате представители повстанческой группировки, контролирующей южную часть штата Шан, призвали все этнические политические организации и вооруженные формирования страны начать непримиримую борьбу с производством и распространением наркотиков. Они заявили, что при предоставлении им фондов государствами региона и международными организациями они готовы провести в контролируемом ими районе страны программу по замене сельхозкультур, приносящих стабильный доход» [12].

Таким образом, в странах так называемого "золотого треугольника" (Бирма, Лаос и Таиланд), значительно снизилось производства опиума. Значит, этого можно добиться и в Исламской республике Афганистан.

Для того чтобы стабилизировать обстановку в Афганистан и развеять отрицательные стереотипы об Афганистане как стране наркопроизводителе надо подходить к этой проблеме ответственно. Сегодня настал самый подходящий момент для перепрофилирования опиумных посевов на другие сельскохозяйственные культуры. Потому что цены на опиум на данный момент очень низкие.

Но, к сожалению, западные государства, не проявляют особой заинтересованности к призывам Таджикистана по урегулированию ситуации в Афганистане и предотвращению производство и контрабанды наркотиков из Афганистана.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Выступление Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона на 49-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН 30.09.1994 21:00, Соединённые Штаты Америки [электронный ресурс]. http://www.president.tj/ru/node/1097.
2. Нуриддинов Р.Ш. Мировая политика / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: Эр-Граф, 2016.
3. Обзор о наркоситуации в Республике Таджикистан за 2003-2009 годы. АКН при Президенте РТ. -Душанбе, 2003-2009 гг.
4. 10 мифов об Афганистане: //Дунё. -2018. 8-14 авгус. -№32.


* Одной из крупнейших повстанческих организаций в штате Шан Мьянмы.

5. Мирная жизнь в Афганистане без стреотипов [электронный ресурс]. https//www.nur.kz/306438-mirnaya-zhizn-v-afganistane-bez-sterejtipov-foto.html.
6. Экономика Афганистана. Проблемы экономики Афганистана http://gecont.ru/articles/econ/afganistan.htm.
7. Аграрный сектор Афганистана и проблемы его использования [электронный ресурс]. https://www.webkursovik.ru/kartgotrab.asp?id=-5016.
8. Нуриддинов П.Р. Кто есть кто в Афганистане / П.Р. Нуриддинов. – Душанбе, 2017.
9. Наркоситуация- 1 полугодие 2011 года. ЦАРИКЦ. -Алматы-2011.
10. Наркоситуация в мире; масштабы, основные факторы и тенденции развития наркобизнеса [электронный ресурс]. http://adhdportal.com/book_2401_chapter_3_Glava_1._Narkosituaija_v_mire;_masshtaby,_osnovnye_faktory_i_tendeniirazvitija_narkobiznesa..html.
11. Борьба с наркотиками в Китае (Белая книга) [электронный ресурс]. (http://russian.cctv.com/20090820/104111_7.shtml.
12. Опыт Мьянмы в борьбе с наркоманией [электронный ресурс]. (https://ria.ru/beznarko_help/20120924/757972667.html).
13. Мир Вайс - вождь афганского племени гильзаев, первый независимый правитель Афганистана (1709-1715).

## ИСТИҚРОРИ ВАЗЪИЯТ ДАР АФҒОНИСТОН: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ БО ТАҶРИБАИ БАЪЗЕ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

Дар мақолаи мазкур проблемҳои истиқрори вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ дар Афғонистон баррасӣ шуда, қайд гардидааст, ки дар он мавқеи стратегии кишвар майдони манфиатҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ гардида, қурбонии бозиҳои геополитикии онҳо гаштааст. Нигоҳи кишварҳои минтақа ва ИМА оид ба бартараф кардани нооромиҳои Афғонистон дар баъзе самтҳо мувофиқат намекунанд. Кӯшишҳои чандинсолаи кишварҳои Ғарб қадами устувор дар самти банизомдарории вазъияти сиёсӣ шуда натавонист. Дар давоми солҳои ҷанг, бисёре аз соҳаи саноати Афғонистон нобуд карда шуданд. Дар мақола баъзе имкониятҳои иқтисодии Афғонистон ҳангоми истиқрори сулҳ дар ин кишвар асоснок карда шудаанд. Муаллиф боварӣ дорад, ки Иттиҳоди Шӯравӣ сабаби ҷанги шаҳрвандии Афғонистон нагаштааст, чи хеле ки коршиносони хориҷӣ ҳоло ҷомеаи ҷаҳониро ба ин бовар кунониданианд, зеро ИҶШС ба устувории вазъият дар ҳамсоякишварҳояш манфиатдор буд, ба монанди он ки Тоҷикистон ҳоло манфиатдор аст. Таҳлили муқоисавӣ бо таҷрибаи баъзе кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ анҷом дода шуда, дурнамои ҳалли мушкилот ва рушди кишвар пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо:** Афғонистон, проблемҳои истиқрори вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ, мавқеи стратегии кишвар, майдони манфиатҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ, қурбонии бозиҳои геополитикӣ, кишварҳои манфиатдор.

## СТАБИЛИЗАЦИЯ ОБСТАНОВКИ В АФГАНИСТАНЕ СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ НЕКОТОРЫМИ СТРАНАМИ ЮГО-ВОСТОЧНОЙ АЗИИ

В статье рассматривается проблема стабилизации военно-политической ситуации в Афганистане, стратегическое положение страны является сферой интересов мировых держав, и Афганистан стал жертвой в их геополитических играх. Основные позиции стран региона и США по решению вопроса афганской нестабильности не совпадают. Десятилетние усилия западных стран не стали серьезным шагом на пути политического урегулирования. За годы войны многие отрасли обрабатывающей промышленности Афганистана были разрушены. В статье обоснованно определены некоторые мирные экономические возможности Афганистана. Автор убежден, что Советский Союз не был причиной гражданской войны в Афганистане, как сейчас пытаются внушать зарубежные исследователи, потому что СССР был очень заинтересован в стабильности у своих границ, как сейчас в этом заинтересован Таджикистан. Дан сравнительный анализ с некоторыми странами Юго-Восточной Азии, определены возможные перспективы решения проблемы развития страны.

**Ключевые слова:** Афганистан, проблема стабилизации военно-политической ситуации, стратегическое положение страны, сфера интересов мировых держав, жертва геополитических игр, заинтересованные страны.

## STABILIZATION OF THE SITUATION IN AFGHANISTAN A COMPARATIVE ANALYSIS TO SOME COUNTRIES OF SOUTHEAST ASIA

The article deals with the problem of stabilization of the military-political situation in Afghanistan where the strategic position of the country is the sphere of interests of world powers and it became a victim in their geopolitical games. The main positions of the countries of the region and the United States on resolving the issue of Afghan instability do not coincide. The ten-year efforts of Western countries did not become a serious step towards a political settlement. During the war years, many industries in Afghanistan were destroyed. The article reasonably identifies some of the peaceful economic opportunities of Afghanistan. The author is convinced that the Soviet Union did not become the cause of the civil war in Afghanistan, as foreign researchers are now trying to inspire, because the USSR was very interested in stability at its borders, as Tajikistan is now interested in. A comparative analysis with the experience of some countries of South-East Asia is given, possible prospects for solving the problem and the development of the country are identified.

**Keywords:** Afghanistan, the problem of stabilizing the military-political situation, the strategic position of the country, the sphere of interests of world powers, the victim of geopolitical games, interested countries.

**Сведения об авторе**: ***Нормахмадзода Тимур Нормахмад*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Normakhmadzoda Timur Normakhmad*** - Tajik National University, applicant of the Department of International Relations. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК: 930.25

# ФОРЁБ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ

*Қуёш Муҳаммадулло*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Форёб дар қисмати шимолии Афғонистон ҷойгир буда, бо манзараҳои зебои табиӣ, кӯҳҳо, ҷангалҳо ва осори таърихии бостонии хеш мавриди баҳси таърихнигорон ва муҳаққиқон қарор гирифтааст.

Дар айни замон вайронаҳои бостонии он миёни маҳдудаҳои Давлатобод ва Ширинтагоб қобили шиносоӣ мебошанд. Шаҳри Маймана ҳамчун маркази вилояти Форёб аз шаҳрҳои қадим ва дар гузаргоҳи Роҳи Абрешим қарор дошт ва роҳро баъд аз гузашти Ҳирот аз тариқи Бодғис ба Кайсар, Маймана, Андхуй, сипас ба Шибирғон, Балху Самангон ва Бадахшон аз тариқи Помир ба Туркистони Чин боз менамуд.

Баъди шикасти авлоди султон Ҳусайни Бойқаро Маймана ҳамчун минтақаи марказии байни Ҳирот ва Балх ба маркази таҷаммӯи ӯзбекҳо қарор гирифта буд, аз ҳолати харобазор рӯ ба ободӣ омад. Баъд аз вафоти Муҳаммадхони Шайбонӣ давраи инҳитоти давлати марказӣ дар Мовароуннаҳр шурӯъ шуд ва дар Шибирғон, Оқча, Андхуй ва Маймана ҳукумати мулук-ут-тавоифи рӯйи кор омад.

Давраи таърихи муосири Майманаро метавон аз ҳуҷумҳои Нодири Афшор ба марзҳои Афғонистони имрӯза оғоз намуд. Нодири Афшор он боварихое, ки ба мардуми Қандаҳору Ҳирот ва Туркистон (Туркистони Афғонистон) дошт ба урдуи худ аскар ҷазб ва ҷалб намуд ва Аҳмадшоҳи Абдолӣ низ ба ҳайси қумандони қисми чандҳазораи Нодир (асосан аз паштуҳо ва ӯзбекҳо иборат ёфта буд), таъйин гардида буд.

Аз рӯйи навиштаҳои таърихнависи муосири Афғонистон М.М. Ғубор "Соли 1737 Нодир бо лашкари мукаммал ба Қандаҳор ворид шуд ва писари худ Ризоқулиро бо сипоҳе ба шимоли Афғонистон фиристод. То дар соли 1738 худи Нодир ва сипоҳаш ҳукумати Ғалҷоии Қандаҳорро ишғол кард ва Ризоқулихон ҳам вилояти шимоли Афғонистонро аз Марв то Балх аз тасарруфи қувваҳои парокандаи маҳаллӣ берун кашид" [2,с.5]. Дар замоне ки Нодиршоҳи Афшор тамоми сарзамини Афғонистон, аз ҷумла вилоятҳои шимолии онро тасарруф намуд, бар асоси тавофуқи миёни ҳукумати Бухоро ва Нодиршоҳи Афшор сарҳади муштараки миёни ҳарду давлат дар он замон дарёи Аму таъйин гардида буд [5,с.350].

Ба ин тартиб, Туркистони Ҷанубӣ монанди дигар нуқоти сарзаминҳои Афғонистон зери идораи давлати Нодири Афшор қарор гирифт. Нодиршоҳ барои идораи умури он ҷо ҳокимоне аз қавми Афшор бо шумораи андак аз сипоҳиёни ӯзбек ба ҷо гузошт.

Пас аз марги Нодиршоҳи Афшор сарзаминҳои парокандаи ӯ рӯ ба тақсимнамоӣ рафт. "Импературии васеи ӯ дар шарқ байни ду тан аз сардороне, ки фармондеҳи дуронӣ ва ӯзбекони Мовароуннаҳрро дар даст доштанд, тақсим шуд" [3,с.131].

Қушуни ӯзбек ва афғон, ки бо Нодиршоҳи Афшор буданд, ҷасади Нодирқулихонро ба Машҳад расонида, бозгаштанд. Ӯзбекҳои бо Аҳмадхон буда соли 1747 ӯро ба иттифоқи афғонҳо дар Қандаҳор ба подшоҳӣ интихоб намуданд ва худашон ба Туркистон рафтанд. Пас аз ин, ки Аҳмадшоҳ ба подшоҳӣ интихоб шуд, дар фикр ва андешаи он буд, ки чӣ гуна як лашкари муназзам ва муқтадир ташкил диҳад. "Мушкилоти молӣ монеаи асосӣ дар роҳи таҳқиқи барномаи ӯ буд. Дар чунин фурсат як ҳазонаи ғайбе насиби ӯ шуд, ба ин маънӣ ки корвони молиёти чандинсолаи Мултон, Панҷоб, Синд ва Ҳинд тақрибан як миллиону се саду шаст ҳазор тилло нақд ва ҷинс, ки ба дарбори Нодир аз тариқи дарраи Буллон бурда мешуд, вориди Қандаҳор гардид ва ба ҳузури Аҳмадшоҳ оварда шуд. "Аҳмадшоҳ бо ин хазонаи бабодоварда соз ва барги лашкаркаширо бар Ҳинд омода намуд ва дар моҳи сеюм ба қасди футуҳот аз Қандаҳор хориҷ шуд" [4,с.328-329].

Ҳоҷӣ Назар Муҳаммадхони Мингӣ, ки ба ҳайси қумандони қитъаоти ӯзбек, бо Аҳмадхон кору пайкор менамуд, барои поси хизматҳои содиқонааш ба ҳайси волии Маймана ва Балх таъйин гардид. Хоҷӣ Назар дар сипоҳи Нодиршоҳ тахти идораи Аҳмадхон ифои хидмат менамуд ва ба тарафдории ӯ бо ҷалбу ҷазби сарбозон иқдом намудааст, то ба ин васила барои худ мавқеъ таъмин кунад [1,с.5]. Хонадони Мингҳо аз рӯйи баъзе аз осорҳои таърихӣ, аз ҷумла"Таърихи Муқимхон" аз подшоҳони ӯзбектабори Балх ва Бухоро ёд шудаанд.

Бо ин тартиб, ҳукумати хонаводаи Мингҳо, ки ҳамзамон бо оғози ҳукмронии Аҳмадшоҳи Дурронӣ дар Маймана шакл гирифта буд, аз замони Нодиршоҳи Афшор бо ҷалби аскарони ӯзбек шурӯъ шуд ва ӯзбекҳо дар бисёр вақтҳо бо Аҳмадшоҳ ҳамсаф буданд. “Пас аз ба қудрат расидани Аҳмадшоҳ, бахусус дар шӯришҳое, ки ба Ҳинд сурат гирифт, саворони Аҳмадшоҳ ҷангиёни ӯзбек буданд” [9,с.86].

Гурӯҳе қизилбош ва ӯзбек бо ҳам,
Зада аз шуҷоат чу шамшер дам.
Ки пайконашон аз ҳаҷар мегузаштанд,
Гурӯҳе аз Балх, Самарқанд ва Дашт.

Қобили зикр аст, ки дар замони тасаллути Нодиршоҳи Афшор бар Туркистони Ҷанубӣ теъдоди қиёмҳо ва туғёнҳо алайҳи ҳокимияти золимонаи ҳокими афшорӣ, махсусан таҳмилоти беш аз ҳадди молии ӯ сурат гирифта буд, муқовимати мардумони ин сарзаминро зидди ҳокимони афшорӣ ба миён овард. “Ӯзбекҳои Чичикту ва Маймана муқовимат карданд, теъдоде аз ӯзбекҳо ба қатл расиданд ва баъд аз шикасти Маймана ҳазорон ӯзбек аз Маймана ва Чичикту кӯчида шуда, дар ивази он як ҳазору пансад нафар балуч дар Маймана ҷойгузин гардид” [2,с.6].

Нодиршоҳ Афшор дар баробари қиёмҳо ва ҳодисаҳои мухолифи давлаташ бисёр ба шиддат дар саркӯб намудани онҳо амал менамуд. Дар ин маврид таърихнависи муосири Афғонистон Мир Ғулом Муҳаммади Ғубор менависад. “Шӯришҳои мардумиро бо қасоват ва хунрезӣ хомӯш намуд. Дар ин кор бисёр ифрот кард ва мардуми бегуноҳи шаҳрӣ ва атрофро бикушт. Мардуми Кирмонро қатли ом кард ва дар Машҳад аз калла манора сохт. Пас нафрини марду зан қарор гирифт ва ин вокеа асаби Нодиршоҳро хароб кард ва аз ҳолати табиӣ хориҷ сохт, то ҷое ки писар ва валиаҳди худ Ризошоҳқулиро ба андак иштибоҳ кӯр кард. Баъд аз пушаймонӣ барои таскини изтироби худ тамоми мардумро, ки дар рӯзи кур кардани валиаҳдаш дар маҷлис ҳузур доштанд, ба шафоат барнахоста буданд, аз дами теғ кашид, дар ҳоле ки онҳо аз сутувати азими Нодир забони шафоат надоштанд” [7,с.352].

Бинобар навиштаи Козим Аминӣ ин ҳамон вақте буд, ки баъд аз вафоти Нодиршоҳи Афшор “муддаиёни тоҷу тахт дар Туркистон ба ҷони ҳам афтоданд ва дар натиҷа сулолаи Минг дар Маймана, ӯзбекҳо дар Қӯқанд, сулолаи Қунқароти ӯзбек дар Хева ва Хоразм ва Манғитҳои ӯзбек дар Бухоро ба аморат расидаанд, ҷанг ва хунрезиро идома доданд. Туркистон рӯ ба харобӣ ниҳод, душманони ҳарисе аз фурсат истифода карданд. Русҳо, ки муддатҳо дар асорати муғулҳо ва ӯзбекҳои дашти Қипчоқ ва Олтин Урда буданд, аз ин шикасти ӯзбекҳо истифода карда, шурӯъ ба таҷовуз намуданд” [2,с.8].

Корномаҳои амирони силсилаи Минги Маймана баъд аз ба қудрат расидани Аҳмадшоҳи Абдолӣ дар Қандаҳор дар соли 1747 ва талошҳояш ба хотири эҷоди як императории васеъ оғоз мегардад. Ҳамзамон, дар Маймана сулолаи Мингҳо аз соли 1751 то 1893-и мелодӣ асоси як давлати маҳаллии кӯчакро ба ҷо мегузоранд. “Кори амирони Мингӣ бо таъйин гардидани Ҳоҷӣ Назари Мингӣ ба ҳайси волии Маймана аз тарафи Аҳмадшоҳ оғоз мегардад. Хоҷихони Майманагӣ бо иттифоқи ҷамъи дигаре аз осақолони Балх ва тобеи он ба диёри ҷаҳонмадор омад. Ҳақоиқи аҳволи пурхалалӣ он мамлакатро ба арз расонид, ки Раҳимхони Бухороӣ таҳмилоти боло бар дӯши аҳолии он минтақа муқаррар дошт ва бар тамоми аҳолӣ ва вилоят молиёти гарданшикан бар сари ҳар як мардуми он ҷо гузошта буд. Шоҳ, пас аз он ки шикояти онҳоро шунид, дар охир Ҳоҷӣ Назар Муҳаммадхони мушовирро бо лақаби хонӣ ва рутбаи волии курсии Балх ва соҳиби ихтиёроти молии Туркистон ва Атоуллоҳхони туркманро ба сипаҳсолории ин вилоят сарфароз гардонид” [5,с.156].

Аз ин силсила 12 нафар, яке баъд аз дигар дар Маймана ба тартиби зайл ҳукумат доштанд:

Ҳоҷихони Мингӣ - 1751- 1773;
Ҷонхон - 1773- 1795;
Раҳимхон - 1795- 1804;
Аҳмадхон - 1804- 1814;
Алоёрхон - 1814 – 1830;
Маунхон - 1830-1831;
Мизробхон - 1831-1845;
Ҳукуматхон ва Шерхон муштарак - 1845-1847;
Ҳукуматхон - 1847- 1862;
Ҳусайнхон бори аввал - 1862-1876;

Диловархон - 1872-1884;
Ҳусайнхон бори дуюм -1884-1888;
Маҳмудшарифхон -1888-1893;

Дар ин росто агарчи муассиси силсила ҳукумати Мингҳо дар Маймана Ҳоҷӣ Назар Муҳаммадхони Мингӣ (1751-1773) бошад, охирин фарди ин силсила Маҳмуд Шарифхон (1888-1893) мебошад, ки тавассути амир Абдураҳмонхон ба унвони тақвиятбахши ҳукумати марказӣ сиёсати хешро пеш гирифта буд, ҳукумати ниммустақили силсилаи Мингҳоро дар Маймана барҳам медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки Аҳмадшоҳи Абдолӣ ҳангоми мубориза ҷиҳати истиқрори назорати нав ба Туркистон, ки Чичиктуи Маймана ва Андхуйро дар бар мегирифт, лашкар мекашад. Саранҷом дар соли 1751 мутеи худ гардонд. Агарчанде гуфта шудааст, ки Ҳоҷӣ Назар Муҳаммадхони Мингӣ тарафдори ақидаи Аҳмадшоҳ буд, чунончи ҳарду дар урдуи Нодир Афшор бо ҳам якҷо кор ва пайкор доштанд, вале дар амал, чунончи бояд мебуд, набудааст. Мавсуф пайваста дар бағоват буда ва ҳамчунон дар кисмати гирифтани молиёт изофаситонӣ карда ва ба шакли золимона меситонидааст. Чунончи, баъд аз шикояти зиёд Аҳмадшоҳ як ҳайати адлиро маъмур менамояд. “Хоҷихон баъди расидан ба раёсати адолат фи-л-ҷумла сари ҳисоб гардид ва аз эълони зулм ва ситам даст кашид”[1,с.350].

Ҳамчунон Аҳмадшоҳи Дурронӣ ҳангоми масруф ба тарафи Ҳинд буданаш ба хотири мутеъ сохтани Туркистони Ҷанубӣ соли 1768 лашкареро таҳти роҳбарии Шоҳ Валихони вазир равона намуд. Зеро дар ин ҳангом амирони маҳаллии Туркистон боҷу хироҷро, ки қаблан ба ҳолу аҳволи мардум зиён гардида буд, аз пардохти он саркашӣ менамуданд. Аз тарафи дигар, подшоҳони Бухоро ҳам даъвои моликият ва ҳокимияташонро ба тарафи ҳокимони шимолии Афғонистон аз нав иброз менамуданд ба ҳаракатҳои зидди ҳукумати афғонҳо мепардозанд. Омилҳои мавҷуда сабаб шуданд, ки Аҳмадшоҳ Дурронӣ бори дигар ба Туркистон ҳуҷум намуд. “Дар соли 1768 Аҳмадшоҳ барои тасарруфи нави манотиқи Туркистони Ҷанубӣ Шоҳ Валихон вазирро бо як лашкар ба он самт равона кард. Қарори як ривоят, чун хабар расид, ки Муродбек амири Бухоро мақсади муқобилият дорад, шоҳ худ ҳам аз тариқи Ҳирот ба ақиби вазир равона шуд. Шаҳри Маймана, Андхуй ва Балхро фатҳ намуда, амири Бухоро барои муқобила бо Қарҷӣ (Қаршӣ) даъват намуд. Аммо қабл аз ин ки тасодуфе рух диҳад, боби мусолиҳа мафтуҳ гардид ва тарафайн ба ин мувофиқат карданд, ки руди Аму сарҳади байни ду кишвар шинохта шавад. Ҳамчунон амири Бухоро розӣ гардид, то ҷомаи мубораки ҳазрати Пайғамбар “(с.а.с)", ки дар Бухоро буд, барои подшоҳ бифиристад. Шоҳ (Аҳмадшоҳ) онро ба Қандаҳор равона кард ва дар ҳамин вақт як даста лашкари пашту ҳам дар Туркистони Ҷанубӣ ҷойгузин сохта шуд, ки ба номи “Куҳна лашкар” дар солҳои баъдӣ вазифаи саркӯбии қиёмҳои маҳаллиро ба уҳда гирифта буд”[8,с.335].

Қиёмҳои мардуми Туркистон низ зидди салтанати Аҳмадшоҳ барандохта мешуд. Ин қиёмҳо хислати иқтисодӣ ва сиёсӣ доштанд. Аксаран кӯшиш мешуд, ки аз ихтилофи миёни амирон ва хонҳо истифода намуда, онҳоро ба ҷони ҳам бияндозанд ва худ дар онҷо ҷанг иштирок нанамоянд.“Фармондеҳони афғон ба шимоли Ҳиндукуши Туркистони Ҷанубӣ ҳуҷум оварданд ва дар ҷиҳати саркӯби муборизоти раҳоибахши аҳолии он минтақа талош намуданд. Дар ҷануби Туркистон барои муддати кӯтоҳе Балхро ба тасарруфи хеш даровարданд ва то Марв пеш рафтанд. Лекин неруҳои низомии таҷовузгар на танҳо бо муқовимати ҷиддии амирони ӯзбек, туркман, араб ва аймоқ қарор гирифт, балки дар ҷангҳои муқовимат сахми шоистае нишон доданд. Аз ин рӯ Аҳмадшоҳи Абдолӣ ба фарзандони худ беҳуда васият накардааст, ки дар ҷангҳои ӯзбекҳо наҷанганд! Осиёи Миёна хонаи занбӯр аст. Ҷое, ки занбур аст, асал кам аст”[6,с.186].

Пас аз вафоти Аҳмадшоҳ писараш Темуршоҳ ба ҳукумати марказии Дурониён соҳиб гардид. Дар замони Темуршоҳ батадриҷ минтақаҳои тасарруфнамудаи давраи Аҳмадшоҳ аз назораташ берун мемонданд. Ҳамчунон, дар Туркистони Ҷанубӣ, ба истиснои Балх, ҳокимони маҳаллӣ мустақилияти хешро ҳифз менамуданд. Соли 1789 бинобар таҳрики амири Бухоро алайҳи Темуршоҳ дар Балх мунокиша сурат мегирад ва миёни амири Бухоро ва Темуршоҳ паймоне баста мешавад. Аммо ба ин ҳам нигоҳ накарда, салоҳияти воқеӣ дар Балх ба дасти ҳокимони маҳаллӣ ва бидуни назорати ҳукумати марказӣ мухтор буданд.

Пас аз марги Ҳоҷӣ Назар Муҳаммадхони Мингӣ писараш Ҷонхон (1773-1795) зимоми умури Майманаро ба даст мегирад. Дар ин вақт қаламрави Маймана аз Сарипул дар шарқ ва дар ҷанубу ғарб то Боломурғобро дар бар мегирифт ва тибқи навиштаҳои

Муҳаммад Козим Аминӣ “Маймана ба қисми сарзамини ободон ба ҳисоб мерафт. Молияи замин 100 000 рупия, даромади Ҷонхон 10 000 рупия, масрафи ҳукмронӣ 350 000 рупия ва маблаҒе, ки ба хазина фиристода мешуд 65 000 рупия будааст. Асп ва гӯсфанд даромади умдае будааст, ки ба хазинаи Темуршоҳ ворид мегардидааст” [2,с.17]

Дар замони ҳукумати Муҳаммадзоиёни пашту низ аҳолии Маймана, ки асосан аз ӯзбекҳо иборат буд, дар ҷангҳои дохилии хонадони Муҳаммадзоиён, (1863-1868) нақши бориз доштанд.

Амир Дӯстмуҳаммадхон агарчи Шералихонро валиаҳди худ интихоб намуда буд, вале бародарзодаи ӯ Афзалхон даст ба шӯриш зад ва худро амири Туркистон эълон намуд. Соли 1866 Шералихонро мағлуб ва Кобулро ба дасти худ даровард. Шералихон ба Қандаҳор мегурезад ва ба назди писараш Яъқубхон, ки ҳукумати Ҳирот дар дасташ буд, меравад. Дар Оқча пирӯзӣ ба даст овард, вале дар Панҷшер дар муқобили ӯ шикаст мехӯрад. Ӯзбекҳо, ки аз лашкари Шералихон тарафдорӣ менамуданд ва онҳо ваъда дод, ки умури чор вилоят ва дигар ноҳияҳои онҷоро ба онҳо аз нав эҳдо хоҳанд намуд. Ин буд, ки Шералихон бо кумаки яке аз наздикони мутааҳҳидаш Ҳусайнхони Майманагӣ зимистони соли 1867-68 аз тариқи Маймана ба Ҳирот меравад.

Бародарзодаи Шералихон Абдураҳмон нимаи дуюми моҳи феврали соли 1867 дар Балх, Оқча ва Шибирғон мавқеъ мегирад. Маймана бошад, миёни ӯ ва Ҳирот ҳамчун қароргоҳи Шералихон боқӣ мемонад. Муқовимати мардуми Маймана заминаи мусоидро ба Шералихон барои тасарруф намудани Кобул ба миён овард. Абдураҳмонхон бошад, маҷбур шуд ба Бухоро фирор намояд.

Баъди он ки Шералихон ҳукуматро дар Кобул ба даст гирифт, тибқи ваъдаи худ амал накард. Бо маслиҳати Муҳаммад Аламхон, ки волӣ ва намояндаи Туркистон барои Шералихон буд, муносибати худро бо ҳокимоне, ки тибқи ваъдааш мустақар шуда буданд, дигар намуд. “Зимни ин рӯйдодҳо амир Майманро ҳам мисли Балх ва дигар мавзеи вилоятҳои шимолӣ, ки дар шурӯи салтанати дувуми хеш қарор гирифта буд таҳти фармон овард ва дасти амирони маҳаллии онро комилан аз байн бардошт. Тавассути ноиб Муҳаммад Аламхон ҳукмронии Мазор (Мазори Шариф) ва Катағанро аз мир Ҳусайнхон гирифт.”Мири мавсуф ва мирони дигари он ҷо, аз қабили Шибирғон, Сарипул ва Оқча маъмури иқоматгоҳи Кобул гардид”. Ҳамзамон, Муҳаммад Аламхон соли 1875 бо як неруи муназзам ба Маймана ҳуҷум намуд. Ҳусайнхонро боздошт ва тамоми молу амволи он ҷо мусодира карда шуд. Тайи ин ҷангҳо ҳудуди 15 ҳазор марду зан, ки дар миёни он тифлон буданд, аз дами теғ кашида шуданд. Амирони чор вилоят, ки аз Ҳусайнхон дифоъ намуда буданд, берун ва ба ҷойи онҳо аз марказ бо як қароргоҳ вазифадор намуд. Ин корро дар Маймана низ анҷом дод ва ин вазъият то соли 1879 идома ёфт” [9,с. 202].

Маймана, ки аз соли 1876-1879 таҳти идораи мустақили афғонҳо қарор гирифта буд ва ҳамзамон дар ин вақт англисҳо ҷанги дуюми худро бо Афғонистон оғоз намуда буданд ва дар натиҷаи шартҳои бастаи Яъқубхон бо англисҳо Афғонистон аз лиҳози сиёсати беруна ба ниммустамликаиАнглия табдил мегардад.

Дар ин росто моҳи январи соли 1880 пас аз он ки Абдураҳмонхон ба ҳайси амири Афғонистон аз тарафи англисҳо ба расмият шинохта шуд, умури идории Маймана ба дасти Диловархон писари Ҳукуматхони Мингӣ супурда шуда буд. “Соли 1883 мелодӣ лозим донистем Диловархон волии Майманаро танбеҳ намоем, ки худро ҳукумати мустиқлол эълон дода буд”. Чуноне қаблан баён ёфта буд Муҳаммад Исҳоқхон лашкаре ба ҷанги ӯ фиристода, натиҷае ҳосил нашуда буд.

Бояд зикр намуд, ки мардуми Маймана дар муқобили сиёсати золимонаи Абдураҳмонхон ба муқовимат бархостанд. Зеро андозҳои гарон, сиёсати истибдодӣ ва миллигароии Абдураҳмон дар давраи ҳукуматаш дар Афғонистон на танҳо оммаи мардум, балки ихтилофҳоро миёни ашрофзодагони Муҳаммадзоиро низ ба миён оварда буд. Маймана, ки аз ихтилофи Абдураҳмонхон бо бародарзодааш Муҳаммад Аюбхон огоҳ буданд, даст ба муқовимат бардоштанд. “Мир Диловархон аз раҳсипор шудани неруи ҳукуматӣ ба Маймана осудахотир шуда, мехоҳад молиёти қалъаи Валӣ ва алоқаи Мурғобро ба даст гирад. Генерал Ғиёсиддин дар ин кор монеи ӯ мешавад” [8,с.96].

Ҳокими Маймана Диловархон бошад, зидди англисҳо буд, аз сардор Аюбхон дастгирӣ мекунад. “Дар ин вақт Муҳаммад Аюбхон мутобиқ ба мактуби Диловархон, ки ӯро барои омадан ба Маймана тарғиб намуда буд, аз Теҳрон ба тарафи Афғонистон ҳаракат мекунад. Диловархон аз ин огоҳ шуда, шӯришро оғоз ва мардумро ба тарафдории Муҳаммад Аюбхони Ғозӣ ташвиқ намуд ва аз бузургони Маймана ваъда мегирад, то ба Аюбхон вафодор бошанд. Билохира Диловархон дар Дарзоб шикаст мехӯрад ва ба

Андхуй меравад. Абдуғанихон бо лашкаре барои таъқиби ӯ вориди Давлатобод гардида, онҷоро тасарруф мекунад. Бо амри сардор Исҳоқхон Мирҳусайнхон низ аз Оқча бархоста, бо неруи Абдуғанихон якҷо мегардад. Дар ин вақт мардумони Алигӣ, Гилембоф ва Заршӯй аз Диловархон рӯй тофта буданд, ба ҷониби Мир Ҳусайнхон меравақд. Бо амри Абдураҳмонхон аз Ҳирот сипаҳсолор Фаромарзхон, ки муқими он ҷо буд, як неруи ду ҳазор нафар савора ва пиёда аз тариқи Мурғоб озими Маймана ҳаракат дода мешавад, то атрофи Майманаро муҳосира ва роҳи гурез барои майманагиҳо фароҳам нагардад" [8,с.98].

Ба ин тартиб Диловархон аз чор тараф дар таҳдиди қувваҳои амир Абдураҳмон мемонад. "Имкони бо ин қувваҳо мубориза ва муқобила карданро надошт ва маҷбур мешавад назди сардор Муҳаммад Исҳоқхон омада, таслим шавад. Мир Диловархон, Абдулбоқихони Менгибошӣ, Яздонқулихон ва дигар мусоҳибону мубашширонро ба Кобул мефиристанд"[8,с.99].

Баъд аз он ки Диловархон ва хонаводааш ба Кобул фиристода шуданд, волии собиқ Ҳусайнхон бори дувум ба ҷои Диловархон ҳокими Маймана таъйин карда мешавад. Аммо салоҳияти фаъолияти Ҳусайнхон маҳдуд гардида буд. "Фаъолияти ӯ (Диловархон) зиёд маҳдуд буд, зеро волии афғон ва як қароргоҳи низомӣ дар шаҳр ҷо ба ҷо шуда буд" [10,с.31].

Дар замони ҳукумати дубораи Ҳусайнхон волии Балх ва писарамӯи Абдураҳмонхон Исҳоқхон соли 1888 алайҳи Абдураҳмонхон шӯриш бардошт ва эълони истиқлол намуд ва бо роҳи фиреб Ҳусайнхонро ба Мазори Шариф фиристод. Ҳусайнхон ба Муҳаммад Исҳоқхон итоат накард ва аз тарафи Исҳоқхон кушта мешавад."Сардор Муҳаммад Исҳоқхон волии Абдураҳмонхон дар соли 1888 бағоват намуд ва худро ба ҳайси амири Афғонистон эълон намуд ва барои ташвиқи ӯзбекҳо, ки аз минтақаашон дифоъ кунанд, муттаҳид шуд, ки ин чор вилоят аз Афғонистон мустақил бошад. Ин эъломия аз ҷониби мардуми минтақа пазируфта шуд. Ба ҳар маврид Ҳусейнхон беназмии Исҳоқхонро ба расмият нашинохт ва бар асари музоҳиматҳои хеш зиндонӣ шуд. Лекин фарзанди ӯ дар Маймана монд ва алайҳи кӯшиш ва ташаббусҳои ӯ дар ҷиҳати ҳамкорӣ дар инқилоб муқовимат кард [10,с.35].

Абдураҳмонхон баъд аз саркӯбии қиёми Маймана ба Мазори Шариф сафар мекунад. Интиқоми шадид аз мардуми Балх ва тарафдорони сардор Исҳоқхон мегирад. Афсароне, ки ба Абдураҳмонхон асир афтода буданд, ба Кобул фиристод ва ҳар рӯзе понздаҳ нафар аз асиронро бо зарбаи шамшери афсарони Кобул нобуд менамуданд ва Туркистон ба як шиканҷагоҳӣ азиме мубаддал гардид" [6,с.299].

Гарчанде пас аз қатли Ҳусайнхон дар Мазори Шариф фарзанди ӯ Муҳаммадшарифхон дар Маймана ба қудрат расида бошад, вале Абдураҳмонхон ба Муҳаммадшарифхон эътимод надошт. Барои ин ба хотири аъмоли ӯро назорат намудан қароргоҳи низомии худро бо сардории генерал Ғавсиддин дар Маймана мегузорад.

Амир Абдураҳмонхон соли 1892 ба Муҳаммадшарифхон мактуб фиристода, амр мекунад, ки чор ҳазор аскар ба ҷанги Ҳазораҷот фиристад. Муҳаммадшарифхон бо чор ҳазор нафар озими Ҳазораҷот мешавад. Шабона дар Заршӯи таваққуф намуд. Мингбошӣ ва калонҳои Маймана, ки бо Муҳаммадшариф буданд, ӯро алайҳи Ғавсиддин ба қиём ташвиқ намуданд. Муҳаммадшарифхон низ ба мардуми Туркистон нома фиристод ва ба қиём даъват намуд. Гурзивон, Дизобро гирифта, ба тарафи Дойкундӣ меравад. "Қабл аз расидани номаи Муҳаммадшарифхон Гирзоб, Дойкундӣ, Беҳсуд, Дойзангӣ, Яковланг ва дигар манотиқ сукут карда буданд ва қиёми Муҳаммадшарифхонро ларзиш дар аркони давлати амир Абдураҳмонхон меҳисобиданд" [2,с.108].

Мактуби Муҳаммадшарифхонро, ки ба Туркистон фиристода шуда буд, Худойназари Юзбошӣ аз Оқча, Султонхон ҳокими Лалош, Қатахонбеки Каро аз Алмор пазируфта, ба кумаки ӯ шитофтанд. "Амир Абдураҳмонхон ҳам ба Ҳирот амр кард, ки алайҳи Муҳаммадшарифхон бираванд. Қозӣ Саидулло бо лашкаре ба кӯмаки генерал Ғавсиддин омад. Сардор Ғуломҳайдархон ба Ҳазораҷот фиристода шуд, то ҷилави наҳзати Туркистонро гирад Тарафдорони Муҳаммадшарифхон ба Ҳирот зарба заданд.

Дар ҷангҳои шадид аз лашкари Муҳаммадшарифхон 200 нафар ва дар ҷанги Остонабобои Ширинтагоб теъдоде аз ҳамроҳони ӯ ба қатл расиданд. Муҳаммадшарифхон низ захмӣ шуда, ба тарафи Қаршӣ рафт. Мутаассифона, дар Қаршӣ давлати таззории Русия мустақар буд. Дар хотима бо теъдоде аз ҳамроҳонаш Мулло Муҳаммад Саид, Муҳаммад Карим, Мирзо Абулфайз, Қурбон Мирохур ба қозӣ Саидулло таслим шудаанд. Қиёми ӯзбекҳо ва ҳукумати озоди Маймана ба сурати ғамангез ба поён расид"[2,с.109].

Ба ин тартиб, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки минтақаи Туркистони Ҷанубӣ, хосса Маймана, гарчанде расман дар зери итоати ҳокимони марказии Афғонистон дар замони ҳукуматҳои Дуррониён, Муҳаммадзоиён қарор гирифта буд, вале амалан то соли 1893 аз ҷониби ҳукумати ниммамустақили силсила хонадони Мингҳои ӯзбек идора карда мешуд.

## АДАБИЁТ


1. Муҳаммад Иброҳими Ҳусайнӣ. Таърихи Аҳмадшоҳи. - Теҳрон: Сормон, 1386.ҳ/ш.
2. Муҳамад Козим Аминӣ.Таърихи Маймана. – Кобул: Майванд, 1387.ҳ/ш.
3. Мирзо Шамси Бухороӣ. Таърихи Бухоро, Хева ва Қошғар; матарҷим Муҳаммад Акбар Атиқ. –Теҳрон: Мероси мактуб, 1377.ҳ/ш.
4. Муҳамад Азим Систонӣ. Зуҳури Афғонистони муосир ва Аҳмадшоҳи Абдолӣ. –Пешавар: Дониш, 1384.ҳ/ш.
5. Саидқосим Руштиё. Афғонистон дар асри XIX. –Кобул: Матбааи давлатӣ, 1336.ҳ/ш. -Ҷ.1.
6. Баҳриддин Шориқ. Таърихи мухтасари Туркистони Ҷанубӣ. – Теҳрон: Андешаи нав, 1388.ҳ/ш.
7. Ғулом Муҳаммад Ғубор. Афғонистон дар масири таърих. –Кобул: Чопи китоб, 1346.ҳ/ш.
8. Мир Муҳаммад Соддиқи Фарҳанг. Афғонистон дар панҷ асри охир. -Теҳрон: Исмоил, 1371 ҳ/ш. -Ҷ.1.
9. Муҳаммад Ҳалим Ёрқин. Баргҳое аз таърихи ӯзбекони Афғонистон. -Балх: Мирзо Улуғбек, 1384.ҳ/ш. -Чопи дуюм.
10. Ҷонатан Оллӣ. Таърихи Маймана; Мутарҷим Абдулваҳҳоби Фаноӣ. -Кобул: Академияи давлатии улуми Афғонистон, 1369.



## ФОРЁБ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ

Муаллиф дар мақолаи худ вазъи иҷтимоӣ-сиёсии вилояти Форёбро дар нимаи аввал ва дуюми асри XVIII–XIX мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар алоқа бо ин, муаллиф характеристикаи ҳокимони маҳаллии вилояти Форёбро дар мисоли сулолаи Мингҳои Маймана нишон додааст. Ҳамчунин, оиди ҳамкории онҳо дар мавриди мустаҳкам шудани ҳукумати маҳаллии Мингҳо дар Форёб андешаҳои хешро баён намудааст. Дар робита бо ин масъалаҳо, муаллиф ҳуҷумҳои ишғолгаронаи шоҳи Эрон Нодири Афшор дар Афғонистон, Аҳмадшоҳи Дурронӣ, Абдураҳмонхон ба Форёбу Майманаро баррасӣ намуда, дар асоси таҳлили вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ин минтақа хулосабарорӣ намудааст.



**Калидвожаҳо:** Форёб, Маймана, Туркистони Ҷанубӣ, Нодиршоҳи Афшор, Аҳмадшоҳи Абдолӣ, Хоҷӣ Назар, ҳукумати Мингҳои Маймана, Мир Диловархон, вазъи сиёсӣ, молиёт, Балх, Оқча, шӯришҳои мардумӣ, Амормати Бухоро.



## ФАРЯБ В ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ

В статье рассматривается социально-политическое положение провинции Фаряб в первой и второй половине XVIII-XIX века. В этой связи автор даёт характеристику деятельности местных правителей Фаряба, в том числе династие Мингов, и их взаимоотношениям с центральной властью Афганистана, а также их сотрудничества по вопросу укрепления местной власти в Фарябе. Автор особое внимание обращает на завоевания иранского царя Надиршаха Афшара в Афганистане, Ахмадшаха Абдали, Абдурахманаха и других в Фарябе и Маймани. На основе анализа социально-политической обстановки в этом регионе предлагается ряд выводов по итогам исследования.



**Ключевые слова:** Фаряб, Маймане, Южный Туркестан, Надиршах Афшара, Ахмадшах Абдали, Њаљи Назар, правителство Мингов Майманы, Мир Дилавархан, социально-политическое положение, финансовоее, Балх, Акча, народные восстания, Эмират Бухары.



## FARYAB IN HISTORICAL SOURCES

The article discusses the socio-political situation of the province of Faryab in the first and second half of the XVIII-XIX$^{th}$ century. In this regard, the author gives a description of the activities of local rulers of the Faryab on the similarity of the Mingov dynasty and their relationship with the central government of Afghanistan, as well as their cooperation on the issue of strengthening local authority on the Faryab. The author pays special attention to the conquering Iranian king Nadirshah Afshar in Afghanistan, Ahmadshah Abdali, Abdurahmanah and others on Faryab and Maimani. Based on the analysis of the socio-political situation in this region and offers a number of conclusions on the outcome of the study.



**Key words:** Faryab, Maimane, Southern Turkistan, Nadirshah Afshar, Ahmadshah Abdali, Kanai Nazar, Mingov Maymany government, Mir Dilvarhan, social and political situation, finance, Balkh, Akcha, popular uprising, Emirate of Bukhara.



**Сведения об авторе:** ***Куёш Мухаммадулло – Т***аджиксикий национальный университет, сосикатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17

**Information about the author:** ***Kuyosh Muhammadullo*** **-** Tajik National University, sosikatel. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17

УДК 32+941

# ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ДОИР БА БЕҲБУДСОЗИИ ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ҲУҚУҚИИ ЗАНОНИ АФҒОНИСТОН

*Набиева Шаҳристон*

**Институти омӯзиши масоили кишварҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ**

Таваҷҷуҳ ба вазъияти ҳуқуқии занон ва беҳбудсозии вазъи иҷтимоии онҳо ё дар истилоҳи муосир, ба масъалаҳои гендерӣ, дар Афғонистон бори аввал қариб 120 сол пеш ба вуҷуд омада буд. Амир Абдурраҳмонхон дар солҳои 80-уми асри XIX ба кӯшишҳои аввалини эълони маҳдудиятҳо ба никоҳҳои иҷборӣ ва барвақтӣ, қабули қонуни таҳким бахшидан ба ҳуқуқҳои меросии занҳо, инчунин ҳуқуқҳои онҳо ба иқдоми талоқ, табиист, ки дар чорчӯбаи шадиди талаботҳои шариат, иқдом намуд.

Минбаъд, набераи ӯ амир Амонуллоҳхон дар солҳои 20-уми асри XX сиёсати мушобеҳро идома дода, ба занҳо иҷозат дод фаранҷиро партоянд, мактабҳои аввалинро барои духтарон ташкил намуд, ғояи эҷоди созмонҳои занонаро дар кишвар дастгирӣ карда, кӯшиш намуд, ки занҳо ҳуқуқи мустақилона интихоб намудани ҳамсарро дошта бошанд.

Дар нимаи дуюми асри XX вазъияти ҳуқуқии занҳо ба таври назаррас ба беҳбудӣ рӯ овард. Ба сифати дастоварди муҳимми солҳои 50-60-ум метавон истиқрори ҳуқуқҳои баробари мардон ва занон дар конститутсия, ҳуқуқҳои занон барои интихоб намудан ва интихоб шудан дар парламент, пайвастшавӣ ба узвияти ҳукуматро шуморид. Ба афғонзанон иҷозат дода шуд таҳсилоти олиро дар донишкадаҳо ва донишгоҳҳои маҳаллӣ гирифта, дар муассисаҳои давлатӣ кор кунанд. Гарчанде оҳиста ва эҳтиёткорона, бо нигоҳ андохтан ба анъанаҳои бисёрасра, вале ба ҳар ҳол вазъият бо баробарҳуқуқии гендерӣ дар давраи мавриди таҳқиқ тадриҷан беҳтар мешуд.

Давраи муҳим дар рушди самт ба беҳбудсозии вазъи занҳо солҳои 80-уми асри XX, давраи ба ном ҳукумати коммунистӣ ва ҳузури қӯшунҳои шӯравӣ дар Афғонистон, ба шумор меравад. Татбиқи барномаи мубориза бо бесаводӣ дар миёни занҳо, эҷоди курсҳои махсуси таҳсилотӣ ва касбӣ барои онҳо, имконияти гирифтани таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус дар хориҷа ба таъмини минбаъдаи ҷойи кор дар сохторҳои давлатӣ бо пардохти бо мардон баробари музди меҳнат ба баландравии худогоҳии занони афғон, ҷалбшавии онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ, қобилияти ҳимояи ҳуқуқҳои худ ҳам дар оила, ҳам берун аз он мусоидат намуданд.

Вале ҷанги шаҳрвандии сарзада, ки қурбониҳои аввалинаш қишрҳои камтар ҳифзшудаи аҳолӣ, яъне занон ва кӯдакон буданд, раванди модернизатсияи иҷтимоию сиёсии Афғонистонро боздошт ва сипас, бо омадани "Толибон", онро куллан ба қафо партофт.

Дар соли 2001 дар Афғонистон ҳукумати "Толибон" сарнагун шуд ва давраи демократикунонии тадриҷии ҷомеаи Афғонистон оғоз ёфт. Пас аз хотимаёбии ҳузури шӯравӣ дар Афғонистон - замоне ки дар кӯчаҳои кишвар духтарони беҳиҷоб ва бо пешдоманҳои кӯтоҳро дучор шудан мумкин буд, ҷомеаи Афғонистон регрессияи калонро дар заминаи ҳуқуқҳои инсон аз сар гузаронд. Ҳанӯз дар он вақтҳо баргашт ба сохти падаршоҳии ҷамъиятӣ дар мавҷи нафрат ба фарҳанги хориҷӣ, қисман таҳмилшуда, сипарӣ шуд. Ин тамоюл дар солҳои ҳукумати "Толибон", вақте ки занҳо мавриди террор ҳамчун яке аз қисмҳои осебпазири аҳолӣ мегардиданд, идома меёфт [5,с.486-490].

Дар соли 2004 Конститутсияи Афғонистон қабул карда шуд: дар моддаи 22 дар бораи баробарии ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, таъкид шуда буд. Тибқи Конститутсияи Афғонистон, ба занҳо ҳуқуқ ба таҳсилот, шуғл, иштирок дар сиёсат кафолат дода мешавад. Стратегияи миллии рушди Афғонистон то соли 2010 коҳиш додани сатҳи камбизоатиро дар миёни занҳо то 20% ва ҷалби на камтар аз 20% занонро, ба кор дар сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ пешбинӣ менамуд.

Инчунин, бо сарнагун шудани ҳукумати "Толибон" вазорат оид ба корҳои занон аз нав кори худро сар карда, стратегияи фаъолияти худро дар амалисозии барномаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҳукумат барои занон бо мақсади ҳимоя ва тавсеаи ҳуқуқҳои онҳо бо ҷалбкунӣ ба масъалаи кумаки байналмилалӣ мутамарказ сохт. Вазорат оид ба корҳои занони Афғонистон ва ҷомеаи байналмилалӣ зимни кӯшиши мусоидат ба ҳалли вазъияти фоҷиаангез бо ҳуқуқҳои занон дар Афғонистон ташаббускорони таҳкими қонунгузории

баробарҳуқуқии гендерӣ буданд, ки маънои ҷалби фаъоли занони афғонро ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар дошт. Тибқи қонунгузории нав занон 25%-и ҷойҳоро дар парламент ва 17%-и ҷойҳоро дар сенат ба даст оварданд, то ки ҳар як вилоят намояндаи худро аз ҳисоби занон дар Маҷлиси намояндагон дошта бошад. Ба ғайр аз ин, занон 11%-и иштироккунандагонро дар интихоботи президентӣ ва 44%-ро дар интихоботи вакилони парламент ташкил доданд. Инчунин, санадҳои нави қонунгузорӣ доир ба пешгирии хушунат нисбати занон, дар бораи никоҳҳои барвақтӣ ва иҷборӣ таҳия карда шуда, низоми кумак ба занони бехона ва бебизоат, беҳбудсозии вазъи онҳо, беҳбудсозии шароити нигаҳдории занони дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ, эҷоди паноҳгоҳҳо барои қурбониёни хушунати оилавӣ, инчунин қоидаҳо ва шартҳои таъминоти нафақавии занон кор карда шуданд.

Дар Комиссияи мустақил оид ба ҳуқуқҳои инсон дар назди президенти Афғонистон шуъбаи махсусе мавҷуд аст, ки вазифаи асосиаш аз назорат аз болои риояи ҳуқуқҳои қонунан таҳкимёфтаи занон, пайгирии вазъият ва ҷалби фаъоли афғонзанон ба раванди тадриҷии демократикунонии кишвар, инчунин аксуламал бо нобаробарҳуқуқии гендерӣ дар Афғонистон, бахусус ба хушунати оилавӣ, никоҳҳои иҷборӣ ва барвақтӣ ва мушкилоти дигар иборат аст.

Илова бар ин, вазорат ва комиссия санҷиши доимии ҳолати беморхонаҳои занона, марказҳои нигаҳдории муваққатӣ ва паноҳгоҳҳоро амалӣ сохта, бо истеҳсол ва интишори маводи чопӣ доир ба проблемаи гендерӣ дар Афғонистон (маҷаллаҳои ҳармоҳа ва рӯзномаҳои занона), ташкили курсҳои омодасозии касбии занон машғул шуда, ба занон дар ёфтани ҷойи кор кумак расонда, мусоидати ҳуқуқшиносиро дар суд ба қурбониҳои хушунат ва нафарони хоҳиши ҷудошавиро дошта пешниҳод намуда, барои дастгирии бизнеси хурд қарзҳоро тахсис медиҳад. Бо вуҷуди ин, вазорат аксаран мавриди танқид қарор мегирифт, азбаски фаъолияти идора бисёр вақт ба таври нокофӣ фаъол ва ҳатто амиқан формалӣ шуморида мешуд.

Вале, тавре "Авфи байналмилалӣ" қайд мекунад, зиндагии занони афғон, ки конститутсия ба онҳо ҳуқуқҳои васеи иҷтимоӣ пешниҳод кардааст, асосан, дар қоғаз боқӣ мондааст.

Дар маърӯзаи "Авфи байналмилалӣ" доир ба Афғонистон барои соли 2007 таъйид карда мешавад, ки "ислоҳоти ҳуқуқӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳои занони афғон равона шудааст, ҳамин тавр дар ҳаёт татбиқ карда нашуд ва занон дар ин кишвар мавҷудияти дар ҳуқуқҳои маҳбусонро идома медиҳанд" [2].

Занони дучори яъсу ноумедӣ гардида ҳарчи бештар кӯшиш мекунанд ба худкушӣ даст зананд. Агар дар соли 2006 Комиссияи мустақил оид ба ҳуқуқҳои инсон 110 мавридҳои худсӯзӣ дар 5 вилояти кишварро ба қайд гирифта бошад, дар соли 2007 танҳо дар Ҳирот зиёда аз 90 зан кӯшиш намуданд бо роҳи худсӯзӣ ба худкушӣ даст зананд, ки аз ҷумлаи онҳо 70 нафар ба ҳалокат расиданд ва зиндамондагон дар тӯли ҳаёташон маъюбу маслуқ боқӣ монданд [2].

Ҳарсола дар ҳазорон оилаҳои афғонӣ занон мавриди хушунат қарор гирифта, ягон хел ҳимояи воқеиро аз давлат намегиранд. Онҳо мурофиаҳои судиро бой медиҳанд: судҳои афғонӣ дар моҷароҳои оилавӣ, чун қоида, қарорҳоро на ба нафъи қурбониҳои хушунат содир менамоянд, балки аҳкоми шариатро ба роҳбарӣ мегиранд. Қисми бештари занон афзал медонанд ба суд умуман мурочиат накунанд.

Густариши робитаи давлат ба ҷомеаи байналмилалӣ (ҳамкорӣ бо СММ, вуруди кумаки гуманитарӣ аз хориҷа), рушди ВАО-и мустақил пешрафтро дар масъалаи вазъи зан дар ҷомеаи Афғонистон ва баъзе тағйиротро дар вазъияти гендерӣ дар Афғонистон ба вуҷуд овард, вале онҳо назаррас нестанд. Бо вуҷуди муваффақиятҳои чашмрас, пеш аз ҳама, дар таҳкими қонунгузории баробарии гендерӣ ба мақсади таъмини имкониятҳои баробар барои занон ва мардон дар кулли соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, таҷассуми воқеии ин ҳадафҳо сурат намегирад. Омор ва маълумоти кушода дар бораи он гувоҳӣ медиҳанд, ки қонунгузории Афғонистон, ки бояд ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро таҳким мебахшиданд, амал намекунанд. Аксарияти бештари занон дар Афғонистон бесавод буда, миқдори никоҳҳои барвақтии иҷборӣ афзоиш меёбад, фавти шумори зиёди занон ҳангоми таваллудкунӣ ба назар мерасад, инчунин сатҳи баланди хушунати оилавӣ ва худкушиҳои занон ба мушоҳида мерасад. Садҳо занон дар Афғонистон худро бо худсӯзӣ ба ҳалокат расонданд, то ки аз хушунат дар оила ё никоҳи иҷборӣ канорагирӣ кунанд [1; 3].

Тибқи маълумоти Созмони байналмилаӣ доир ба муҳоҷират Афғонистон ҳамчун яке аз марказҳои асосии тиҷорати одамон боқӣ мемонад, ки қисмати бешатарашон занон ва кӯдакон мебошанд. Комиссияи мустақил оид ба ҳуқуқҳои инсон дар Афғонистон таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро ба мавридҳои такрорёбандаи тиҷорати духтарон дар баъзе вилоятҳо равона мекунад, ки бо мавҷуд набудани қонунгузорӣ дар бораи манъ будани тиҷорат ва муносибати дурушт бо кӯдакон марбут аст.

11. Негматов Н.Н. Государство Саманидов (Мавераннахр и Хорасан в IX-X вв.) / Н.Н. Негматов. – Душанбе: Дониш, 1977. -С. 38-39; Мамаджанова М.С. Бунджикат - столица УструшаныVI-X вв. / М.С. Мамаджанова //Тез.докл. и выступ. на регион. научной конференции. – Фрунзе: Изд. «Ылым», 1983. – С. 66-67; Мамаджанова С. Традиции в архитектуре Уструшаны / С. Мамаджанова, Р. Мукимов //Изв. АН Тадж.ССР. Отдел.обществ. наук. – Душанбе, 1984. - № 2. - С. 12-20; Мукимов Р. Зодчество Таджикистана / Р. Мукимов, С. Мамаджанова. - С. 42-44; и др.
12. Пулатов У.П. Чильхуджра / У.П. Пулатов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 194 с., ил.; Мамаджанова С. Некоторые вопросы архитектуры раннесредневекового замка Чильхуджра / С.Мамаджанова // АСУ. - 1985. –Ташкент. - Вып. 8. - С. 35-38; Она же. Вопросы реконструкции архитектурных памятников Уструшаны (на примере замка Чильхуджра) // МКТ. - 1987. – Душанбе. - Вып. 4. - С. 284-302, ил.; и др.
13. Сарианиди В.И. Древние земледельцы Афганистана / В.И. Сарианиди. – М.: Наука, 1977. -С. 34-50.
14. Хмельницкий С.Г. Между Саманидами и монголами, ч. I, указ.соч./ С.Г. Хмельницкий. - С. 21- 45. -Рис. 4-18.

## ИНКИШОФИ ФОРТИФИКАТСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ

Ба иншоотҳо ва истеҳкомҳои фортификатсионӣ аз қадимулайём девораҳои мудофиавиро аз хоктеппаҳо ва хандақҳои заминӣ, девораҳои қальагӣ бо деворҳои сангӣ, лойӣ ва чубулойиро нисбат медоданд, ки дорои каҷукилебӣ, панҷараҳо, дандонаҳо, дӯнгӣ, ҷаноҳҳо ва ғ. буданд. Бо мақсади тирборони ҷаноҳии даромадгоҳҳо ба деворҳо қалъаҳо сохта мешуд, ки нуқтаҳои асосии такягоҳи мудофиаи шаҳри истеҳкомшуда ва ё маҳалли аҳолинишин ба ҳисоб мерафтанд. Дар Осиёи Миёна, махсусан, дар қаламрави Тоҷикистон, маҳалҳои истеҳкомии давраи биринҷӣ ва авали оҳан нигорандаи кӯшкҳои мӯҳташам буданд ва онҳо хусусияти фарқкунандаи давраи меъмории бактриягӣ ба шумор мерафтанд. Сохтани чунин иншоотҳои мӯҳташам сатҳи баланди донишҳои риёзӣ ва илми ҳайатро талаб менамуд. Дар мақола бартарӣ ва сохтори иншоотҳои фортификатсионии Тоҷикистони Шимолӣ аз давраи қадим то охири асри миёна мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф таҳлили кӯтоҳи ин иншоотҳо ва даврони сохтмони онҳо, махсусиятҳои таъиноти онҳоро додаст.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистони Шимолӣ, иншоот, фортификатсия, қалъа, кӯшк, такягоҳ, қадимӣ, асримиёнагӣ, девор, даромадгоҳ, мудофиа, меъморӣ.

## РАЗВИТИЕ ФОРТИФИКАЦИИ В СЕВЕРНОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

К фортификационным сооружениям и укреплениям с глубокой древности относили оборонительные ограды из земляных (каменных) валов и рвов, крепостные стены с каменными и глиняными или деревоземляными стенами, имевшими изломы, парапеты, зубцы, выступы, бойницы, брустверы и др. приспособления для защиты воинов и ведения боя. С целью фланкирующего обстрела подступов к стенам, строились башни, ставшие основными опорными пунктами обороны укрепленного города или иного населенного пункта. В Средней Азии, в частности, на территории Таджикистана, укрепленные поселения эпохи бронзы и раннего железа представляли собой монументальные крепости, и они являлись отличительной чертой бактрийского зодчества. Возведение таких монументальных сооружений требовало, по справедливому замечанию ученых (напр., М.С. Булатова), высокого уровня знаний в математике и астрономии. В статье рассматриваются наличие и структура фортификационных сооружений Северного Таджикистана с древних времеени до конца средневековья. Автор дает краткий анализ этих сооружений и время их строительства, особенностей и предназначения.

**Ключевые слова:** Северный Таджикистан, сооружения, фортификация, крепость, замок, цитадель, древность, средневековье, стена, подступ, оборона, зодчество.

## DEVELOPMENT OF FORTIFICATION IN NORTHERN TAJIKISTAN

From antiquity, fortifications and fortifications included defensive walls made of earthen (stone) walls and ditches, fortress walls with stone and clay or wood-earth walls that had fractures, parapets, battlements, ledges, loopholes, booths and other devices to protect soldiers and conducting combat. For the purpose of flanking bombardment of the approaches to the walls, towers were built, which became the main strongholds of the defense of a fortified city or another settlement. In Central Asia, in particular, in the territory of Tajikistan, the fortified settlements of the Bronze and Early Iron epoch were monumental fortresses, and they were a distinctive feature of Bactrian architecture. The erection of such monumental structures required, according to a fair observation of scientists (for example, MS Bulatov), a high level of knowledge in mathematics and astronomy. This article discusses the availability and structure of fortifications of northern Tajikistan since ancient times through the middle ages. The author gives a brief analysis of these structures and the time of their construction, features and function.

**Key words:** Northern Tajikistan, structures, fortification, fortress, Castle, Citadel, antiquity, middle ages, wall, postup, defence, architecture.

**Сведения об авторе:** ***Бониёзов Илхомджон Худойдодович*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **927-02-36-63**

**Information about the author:** ***Bonyozov Il'homdzhon Khudoydodovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, applicant for the Department of the History of the Tajik People. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Mikroraion, dom.1. Phone: **927-02-36-63**

**УДК: 930.85 + 323/324 (575)**

# КРАТКАЯ ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ КАК ГЕОПОЛИТИЧЕСКОГО КОНСТРУКТА

***Мирзоева Ф.Б., Шарипов А.Н.***
**Таджикский национальный университет**

Путь формирования Центральной Азии как геополитического конструкта проходил долго. Несмотря на относительную молодость региона, эта территория имеет глубокую историю, и с ранних времен шла борьба за господство над этим регионом. Вне зависимости от того, что эта территория не имеет выхода к морю, располагаясь в центре материка, она соединяет весь Евразийский континент. Если рассматривать ее развитие, то наблюдается последовательный характер завоеваний и одновременно развития, образование империй, в которых настоящие победы несли зародыши будущих поражений.

Время начала тысячелетия вплоть до X века можно назвать эпохой возрождения таджикского народа, а падением государства Саманидов завершается период его государственного правления, ведь Саманидам выпала миссия объединить в пределах единого государства всех людей иранской расы [1,с.57].

На этом этапе истории происходит переход власти к иноземным народностям. С X по XI вв. - это период тюркского правления и тюркизации народа, а с XI века по XII век -период синтеза тюркских и иранских элементов, что происходило по образу туркменских племен [2,с.167], и очень сильно сказалось на государственном устройстве Средней Азии. В этот период хорошо развивается внешняя торговля с другими империями того времени, что и послужило основой для международных отношений. Наблюдается интенсивный рост городов, ремесел, давший новое развитие экономическим, международным и социальным отношениям с изменением военной структуры Среднего Востока. В XIV веке происходит образование новых смешанных тюркско - монгольских государств, которые приводят к централизации власти, с единым аппаратом правления и непосредственным ему подчинением. С XVI века, несмотря на политическую нестабильность, в государствах, продолжали строить дороги, каналы, веласьторговля с изменением торговых путей, так как к этому времени происходят географические открытия на другом конце света, что привело к взаимопроникновению культурных, духовных, экономических и международных сфер.

С XVII до начала XX века на территории Центральной Азии образуются Бухарский эмират, Кокандское и Хивинское ханства, без конца враждовавшие между собой и с конца XIX века вошедшие под русский протекторат [3,с.380-386]. Затем неравномерное перераспределение территорий с образованием новых республик, вхождением их в состав СССР и его распад с последующим приобретением республиками независимости в 1991 году.

Таким образом, в 1991 году, после крушения Советского Союза, на политической карте мира образуются 15 новых независимых государств, 5 из которых располагаются в Центральной Азии. Центральноазиатский регион включает в себя пять постсоветских республик, таких как Казахстан, Киргизстан, Таджикистан, Туркменистан и Узбекистан, которые одновременно являлись южными рубежами бывшего СССР.

Центральноазиатский регион имеет границы с некоторыми великими державами, стоит отметить близость границ с нестабильным Афганистаном и его влияние на регион и континент в целом, что делает его весьма актуальным для соперничества самих держав. Также, этот регион является одним из перекрёстков транзитных путей, возрастающего и не имеющего границ наркобизнеса, местом деятельности различных международных террористических и экстремистских группировок. В числе так называемых латентных угроз остается неурегулированность водных проблем, сохраняется незавершенность процессов делимитации и демаркации госграниц, а также общее ухудшение социально-экономической ситуации. Согласно профессору-исследователю международных отношений и эксперту проекта «Центральная Евразия» Г., Юлдашевой данный регион геополитически актуален по следующим критериям: «Значение Центральной Азии в современных геополитических процессах определяется: геостратегическим расположением на стыке всех действующих, возможных и планируемых транспортных и трубопроводных магистралей; богатейшими природными и людскими ресурсами; территориально-географической, историко-культурной и демографической близостью к нестабильному исламскому миру; концентрацией в регионе

большинства глобальных вызовов и угроз миру (территориальных, этно-национальных, религиозных, экологических и др.)» [4,с.16].

Наиболее важной геополитической особенностью Центральной Азии в постсоветский период, а в частности - после известных событий 11 сентября 2001 г. является усиление интереса США и Запада к центральноазиатскому региону [5,с.93] и его превращение в арену борьбы за власть, как в региональном, так и в трансрегиональном масштабах.

Региональные организации необходимы с целью стимулирования механизмов сотрудничества между государствами, которые имеют желание развивать свою общую принадлежность к определенному геополитическому образованию, географическому пространству или экономическому блоку. Они ставят перед собой во многом сильно различающиеся задачи: одни стремятся быть платформой для диалога между длительно враждующими странами, другие имеют ясно выраженные цели политической и экономической интеграции. Исходя из этого, успешность региональных организаций измеряется не только степенью интеграционных процессов, но и в какой-то мере степенью укрепления диалога. Они не имеют каких-либо систематических связей с глобальными тенденциями регионализма, который будет направлен на развитие согласованности действий в регионе и формирование общей региональной идентичности на международной арене.

После приобретения государственной независимости страны региона создали Центральноазиатское Экономическое Сообщество (ЦАЭС). «30 апреля 1994 г. Договора о создании единого экономического пространства между Республикой Казахстан, Кыргызской Республикой и Республикой Узбекистан, к которому в марте 1998 года присоединилась Республика Таджикистан», а «в ходе встречи в Ташкенте 28 декабря 2001 года главы центральноазиатских государств приняли решение преобразовать Центральноазиатское Экономическое Сообщество в Организацию «Центральноазиатское Сотрудничество» (ЦАС)» [6,с.61-62], а в «2005 году была прекращена деятельность Организации Центрально-Азиатского Сотрудничества (ОЦАС)» [7,с.26].

После распада СССР положение США в регионе заметно укрепилось. «Расширение военного присутствия Соединенных Штатов в этом регионе началось в 1999 г., а в 2000-2001 гг. их военная помощь региону резко увеличилась» [8,с.92]. Стратегия внешней политики Америки относительно стран Центральной Азии, учитывающая собственные стратегические приоритеты и интересы, основывается преимущественно на прагматичном подходе и геополитических соображениях. Штаты пытаются поддержать в регионе баланс сил, соответствующих их интересам. Америка ведёт вполне понятную и ясную политику. Она строго придерживается приоритета прав человека в вопросе построения своей внешнеполитической доктрины. США зависят от поставок нефти Персидского залива и смогли в той или иной степени взять под контроль ситуацию в этом важном стратегическом регионе. Европейский Союз в странах Центральной Азии видит альтернативу энергетического потенциала. В рамках данного направления реализации Стратегии Евросоюз четко обозначил свои приоритеты, связанные с диверсификацией маршрутов экспорта, структуры спроса и предложения энергетических ресурсов Центральной Азии, включая развитие энергетического коридора «Каспийское море - Черное море - ЕС». Однако тем самым ЕС фактически сузил свои стратегические возможности относительно всего Центральноазиатского региона, поскольку его соответствующие интересы ориентированы здесь только на два государства - Казахстан и Туркменистан, обладающие большим углеводородным потенциалом [9,с.62].

Россия со странами Центральной Азии связана в рамках ОДКБ, ШОС, СНГ, ЕврАзЭС и других стратегических договоров, что говорит о тесном сотрудничестве в военно-политической сфере. Почти все страны Центральной Азии -стратегические партнёры Российской Федерации. Этот регион исторически связан с ней. После развала СССР Россия была поглощена своим кризисом и военно-экономический потенциал не позволял участвовать в Центральноазиатском регионе. После 2000 годов начинается постепенное восстановление экономики и появление интереса к региону.

«Геополитическая трансформация Центральной Азии поставила Россию перед неизбежностью и необходимостью корреляции своих интересов с интересами «вошедших» в регион США, КНР, ЕС, Турции, Ирана, Пакистана, Индии, Японии» [6,с.103]. Именно взгляд извне и вхождение держав побудило Россию на более серьёзный шаг по отношению стран Центральной Азии. «В этих условиях основные усилия России на центральноазиатском направлении, как представляется, будут сфокусированы на защите российских экономических,

особенно энергетических интересов и развитии сотрудничества в сферах безопасности, бизнеса, военных и культурных связей» [6,с.107].

Таким образом, учитывая историческое прошлое, где Россия доминировала в регионе, и русское население, которое осталось на территориях бывшего СССР, обуславливает страны региона иметь тесные отношения; также считая границы Центральный Азии своими южными рубежами, на территории будет присутствие и влияние Российской Федерации.

Китайская Народная Республика государство -с миллиардным населением, граничит с Центральной Азией. Регион исторически имел тесные отношения. С Китаем регион начал с решения пограничных вопросов. Вскоре после урегулирования была создана международная организация ШОС. Именно Центральная Азия служила проходом для шёлкового пути, объединяя Китай с Западом. Необходимо почеркнуть, что Китай, осознав независимость стран ЦА, сразу включился в развитие ЦАР.

«Китай проявляет повышенный интерес к сырьевым отраслям экономики стран Центральной Азии, к сбыту в них своих дешевых и достаточно качественных товаров народного потребления. Постоянно расширяя свою внешнюю торговлю, «Поднебесная империя» стремится полнее задействовать транспортные коммуникации Центральной Азии для транзита своих товаров в Европу и общего удешевления транспортных издержек. В возрождении Великого шелкового пути Китай видит задачу номер один, решение которой повысит конкурентоспособность его товаров. Получив железнодорожный выход в Казахстан, соединив свои автомобильные дороги с дорожной сетью Казахстана, Кыргызстана и Таджикистана, Китай начал прокладку автомобильной дороги Кашгар - Ош, чтобы получить кратчайшие для своих западных районов выходы в Европу и на Ближний Восток. Параллельно этому шоссе планируется проложить и железную дорогу. Это снизит зависимость Китая от железных дорог России в сухопутном сообщении с Европой. Естественно, власти страны надеются, что новые транспортные маршруты в Европу пройдут по территории, где будет обеспечена безопасность и стабильность» [10,с.223].

Таким образом, Китай с Центральной Азией в основном сотрудничает в экономическом плане, и только в рамках ШОС в сфере безопасности. Реализовывая свои дорожные магистрали, Китай сможет лучше продвигать свои товары. Являясь лидирующей страной по взносам инвестиций, она будет постоянно расширять своё влияние на регион.

От того, в каком направлении будут развиваться события в государствах Центральной Азии, во многом будет зависеть баланс сил на обширном пространстве планеты.

Исходя из этого, вырисовывается новая интерпретация геополитического конструкта Центральной Азии. Регион, подверженный угрозам внешнего влияния, может успешно противостоять этим рискам, лишь благодаря четким процессам региональной интеграции, учитывающим интересы всех составных частей единого конструкта.

К сожалению, в регионе наблюдается противоположная ситуация. Узбекистан долгое время колебался то в западном, то в восточном направлении, а Туркменистан и вовсе провозгласил нейтралитет. Россия не смогла объединить остальные республики под знаменем взаимовыгодной интеграции, а предполагаемые структуры (ЦАС, ОЦАС, ЕврАзЭС) для реализации этих намерений с треском провалились (кроме, пока что Евразийского экономического Союза).

Отрадно, что наметились тенденции регионального взаимодействия после смены власти в Узбекистане и понятия выгоды от коллективного подхода к решению проблем. Вместе с тем, следует учесть, что без соблюдения баланса сил регион и дальше будет подвержен рискам и угрозам. Мы находимся на стыке цивилизаций в центре Евразии, ведь центральноазиатские страны имеют общую географическую, этно- историческую, духовно-культурную близость, и всё это придаёт особую значимость для объединения стран региона. Поэтому, учитывая эти качества, можно создать механизм взаимосотрудничества в различных сферах. Для этого необходимо странам вести политику сообща, которая будет учитывать интересы всех составных частей данного конструкта, предполагая коллективный подход к решению проблем, ведь мировые державы постоянно будут стараться разъединять центральноазиатские республики.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бабаханов М. Государство Саманидов и его роль в истории / История таджиков мира / М. Бабаханов. - Душанбе: Эҷод, 2005. -512 с.

2. Гроссе Р. Империя степей. История Центральной Азии / Р. Гроссе; пер. с фр. Вила Мирзаянова. -Казань: Слово, 2012. -625 с.
3. Гафуров Б. Г. Присоединение Средней Азии к России (третья четверть XIX в.) / История таджикского народа. Том первый. Государственное издательство политической литературы - 1952. 504с., с.380-386.
4. Юлдашева Г. Геополитические процессы в современной Центральной Азии: Иран и США / Г. Юлдашева. - Ташкент: Niso-Poligraf, 2018. -240 с.
5. Сайдалиев У.М. Региональная безопасность и некоторые особенности развития геополитической ситуации в Центральной Азии. Проблема безопасности в геополитическом комплексе Центральной Азии / У.М. Сайдалиев //Материалы международной научной конференции. (г. Душанбе, 16-17 июня 2003 года). -Душанбе, 2004. -292 с.
6. Центральная Азия: геоэкономика, геополитика, безопасность / Редколл: Р. М. Алимов, Ш. Р. Арифханов и др. - Т.: Шарк, 2002. -208 с., -С. 61 – 62, 103, 107.
7. Толипов Ф. Центральная Азия: теория дезинтеграции/ Центральная Азия - 25: Мысли о прошлом, проекция будущего - Central Asia Program, Institute for European, Russian, And Eurasian Studies. The George Washington University, 2017. 125 с., с-26.
8. Олкотт М. Б. Второй шанс Центральной Азии / Марта Брилл Олкотт; М. Центр Карнеги; Фонд Карнеги за Международный мир / М. Б. Олкотт. -Москва: Вашингтон, 2005. - XVIII. - 487 с.
9. Стратегия Европейского Союза в Центральной Азии на 2007-2013 гг.: предварительные итоги: Монография / Под общ. ред. А.Е. Чеботарёва. – Алматы: Центр актуальных исследований «Альтернатива»; Центр германских исследований КазНУ им. аль-Фараби; Фонд им. Фридриха Эберта в Казахстане, 2013. - 184 с., с-62.
10. Мирзаев Р. С. Геополитика нового Шелкового пути / Р. С. Мирзаев. - М.: Институт актуальных международных проблем Дипломатической академии МИД России; Издательство «Известия», 2004. -304 с.

## ТАЪРИХИ МУХТАСАРИ ТАШКИЛЁБИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ҲАМЧУН КОНСТРУКТИ ГЕОПОЛИТИКӢ

Дар мақола роҳи душвори ташкилёбии Осиёи Марказӣ ҳамчун конструкти геополитикӣ нишон дода шудааст. Ҳуҷумҳои пайдарпайи мухолифон ба ин минтақа инъикос шудаанд. Хронологияи идоракунии халқҳо дар вақтҳои гуногун, аз ташкилёбӣ ва идораи халқҳои эронинажод, то гузаштани ҳокимият ба туркҳо, баъдан ба муғулҳо ва дар оянда ташкилёбии хонигариҳо ва итоати онҳо ба Империяи Рус нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар бораи ташкилёбии Ҳокимияти Шӯравӣ, пошхӯрӣ ва дар заминаи он таъсисёбии давлатҳои нави мустақил дар майдони сиёсати ҷомеаи ҷаҳонии муосир маълумот дода шудааст. Равандҳои интегратсионӣ дар минтақа нишон дода шуда, қайд мегардад, ки он ташкилотҳо вобаста ба ноустувории фаъолияти худ ба мақсаду ҳадафҳои хеш нарасидаанд. Ҳузур ва иштироки фаъоли Иёлоти Муттахидаи Амрико, хусусан баъди фоҷиаҳои 11 сентябри соли 2001 муҳим нишон дода шудааст. Ҳукумати Амрико ҳузури худро дар минтақа яке аз масъалаҳои асосии афзалиятноки сиёсати хориҷии худ медонад. Ҳамчунин, дар мақола сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар минтақа, хусусан дар самти энергетикӣ инъикос гардидааст. Дар навбати худ, Федератсияи Россия сиёсати хориҷии худро бо давлатҳои минтақа дар бисёр соҳаҳо вусъат бахшида, асоси онро ҳамкориҳои сиёсӣ-ҳарбӣ ташкил медиҳад. Инчунин, дар мақола доир ба ҳамкориҳои Хитой бо давлатҳои минтақа дар самти иқтисод маълумот дода шудааст. Бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ, қаробати этно-таърихӣ, маънавӣ-фарҳангии миллату халқиятҳои давлатҳои минтақа, онҳоро зарур меояд, ки пайваста ба муқобили хатарҳои ҷаҳони муосир якҷоя мубориза баранд.

**Калидвожаҳо:** Осиёи Марказӣ, минтақа, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, ташкилотҳо, мақсаду маромҳо, ҳамгироӣ, конструкт.

## КРАТКАЯ ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ КАК ГЕОПОЛИТИЧЕСКОГО КОНСТРУКТА

В статье рассматривается путь формирования Центральной Азии как геополитического конструкта. Дается последовательный характер завоевания региона. Показывается хронология правлений народов в различные времена, от становления и правления иранских народностей, с переходом власти к тюркским, тюркско-монгольским завоевателям, и дальнейшее образование ханств с вхождением в русский царизм. Даются сведения о создании Советского Союза, его развале с образованием новых независимых республик. Отмечается геополитическая актуальность региона после событий 2001 года. Показываются процессы центральноазиатского интегрирования, которые не смогли реализовать свои цели и задачи вследствие непрочности Организаций, что не способствовало дальнейшему развитию и стало причиной их распада. Указываются присутствие и активное участие Соединенных Штатов в регионе, в особенности после событий 11 сентября 2001 года. Определены их основные приоритеты во внешней политике и влияние на регион. Также отмечается заинтересованность Европейского Союза в этом регионе в энергетическом направлении. В свою очередь сотрудничество России со странами региона происходит во многих сферах, основными из которых является военно-политическая область. Заинтересованность Китая заключается в основном в экономическом формате. Учитывая географическую, этно-историческую, духовно-культурную близость, необходимо противостоять рискам, путем определения четких процессов региональной интеграции, учитывающей интересы всех составных частей единого конструкта.

**Ключевые слова:** Центральная Азия, регион, Соединённые Штаты Америки, Европейский Союз, Китайская Народная Республика, Российская Федерация, организации, интересы и приоритеты, интеграция, конструкт.

## A BRIEF HISTORY OF THE FORMATION OF CENTRAL ASIA AS A GEOPOLITICAL CONSTRUCT

The article considers the way of Central Asia formation as a geopolitical construct. The consistent character of the conquest of the region is given. It shows the chronology of the rule of peoples in different times, from the formation and rule of the Iranian peoples, with the transition of power to the Turkic, Turkic-Mongolian conquerors, and the further formation of the khanates with the entry into Russian tsarism. Data on creation of the Soviet Union, its collapse with

formation of new independent republics are given. It is noted that the geopolitical relevance of the region after the events of 2001. The processes of Central Asian integration, which failed to realize their goals and objectives due to the fragility of Organizations, which did not contribute to further development, and became the causes of their collapse, are shown. The presence and active participation of the United States in the region is indicated, particularly since the events of 11 September 2001. Its main priorities in foreign policy and influence on the region are defined. The interest of the European Union in this region in the energy sector is also noted. In turn, Russia's cooperation with the countries of the region takes place in many areas, the main of which is the military-political area. China's interest lies mainly in the economic format. Given the geographical, ethno-historical, spiritual and cultural proximity, it is necessary to confront these risks by defining clear processes of regional integration, taking into account the interests of all the components of a single construct.

**Key words:** Central Asia, region, United States of America, European Union, People’s Republic of China, Russian Federation, Organizations, interests and priorities, integration, construct.

**Сведения об авторах:** ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **amrsharif@mail.ru**. Телефон: **917-50-10-18**
***Мирзоева Фарангис Бадриддиновна*** – Таджикский национальный университет, аспирантка кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **Juliya.doc55@gmail.com**. Телефон: **501-00-07-60**

**Information about the authors:** ***Sharipov Amriddin Nuridinovich*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **amrsharif@mail.ru.** Telephone: **917-50-10-18**
***Mirzoeva Farangis Badriddinovna*** - Tajik National University, graduate student of the Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **Juliya.doc55@gmail.com.** Phone: **501-00-07-60**

**УДК : 32.001 (575) (575.3)**

# БУҲРОНИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ БО ТАЪКИД БАР ТОҶИКИСТОН

***Шукурзода А.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар натиҷаи пошхӯрии Ҳукумати Шуравӣ, давлатҳои наве дар арсаи байналмилалӣ арзи ҳастӣ намуданд. Ин давлатҳои навбунёд, ки истиқлолияти онҳо натиҷаи талошҳои фаровон барои ба даст овардани давлати мустақил набуд, барои идора кардани ҳукумати нав ва мустақил чандон омодагӣ надоштанд. Кишварҳое, ки имрӯз шомили Аврупои Шарқӣ мебошанд, шояд дар натиҷаи нисбатан санъатӣ ва пешрафта шуданашон, дар ҳамон даврони Шӯравӣ фарҳанги сиёсии онҳо низ рушд карда буд, ки дар муқоиса бо кишварҳои дигари аз Шӯравӣ ҷудошуда, осонтар ба як ҳукумати марказӣ расиданд ва ба идораи мамлакат пардохтанд. Ин раванд дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз баъзан ба кундӣ пеш рафт ва баъзан ҳатто бо мушкилот рӯ ба рӯ шуд. Дар ин масъала, кишварҳое монанди Озарбойҷон, Гурҷистон, Тоҷикистон ва дар солҳои баъдӣ Қирғизистонро мешавад ёдоварӣ кард. Дар ин кишварҳо раванди расидан ба як ҳукумати марказии қудратманд ва як маркази идора, бо кашмакашиҳое рӯ ба рӯ шудааст, ки дар натиҷаи он баъзан шоҳиди ҷанги дохилӣ низ гаштаем.

Тақрибан ҳамаи роҳбарони ин кишварҳо (роҳбарони расмӣ ва ғайрирасмӣ, ҳукуматӣ, мардумӣ, нухбагони иҷроӣ ва фикрӣ) фикрҳои мухталифе барои ояндаи кишварҳояшон доштаанд. Барои мисол, дар Тоҷикистон иддае тарафдори ҳукумати демократӣ, иддае тарафдори ҳукумати исломӣ ва ҳатто иддаи зиёди дигар, ки худ аз дилбохтагони даврони Шӯравӣ буданд, дубора тарафдори ҳукумати коммунистӣ шуданд. Илова бар ин, гурӯҳҳои миллигарое, низ буданд, ки шояд дар саҳнаи сиёсат он вақт ақаллиятро ташкил медоданд ва чандон пурқудрат набуданд. Ба ҳар ҳол идеяи ягонае вуҷуд надошт ва ҳамин масъала сабаби низоъ мешуд.

Мо дар ин мақола дар пайи таҳлил ва баррасии иллат ва сабабҳои низоъ дар ин кишварҳо, махсусан дар Осиёи Марказӣ нестем. Дар ин мақола масъалаи буҳрони ҳувият баррасӣ карда мешавад, ки маҳдудаи замонӣ ва макони мо ба тартиб солҳои 1990-1995 дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус дар Тоҷикистон мебошад.

Дар китоб ва мақолаҳое, ки мо дастрас кардаем, иттилооти гуногун дар бораи ҳувият ва гоҳе буҳрони ҳувият дар кишварҳои Осиёи Марказӣ қобили баррасӣ ҳастанд. Аммо ба

сурати мавридӣ дар бораи Тоҷикистон ва дар замони муайян (як даҳсолаи даврони истиқлолият) дар ин мавзӯъ мақолае дастрас набуд.

Саволи асосӣ дар ин баҳс аз он иборат аст, ки оё буҳрони ҳувияте, ки дар ин кишварҳо, махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар он солҳо сабаби низоъ мешуд, бештар ҷанбаи дарунӣ ва воқеӣ дошт ё ҷанбаи берунӣ ва маснӯъ (сохта)? Нигоранда бар ин назар аст, ки дар ҳолати умумӣ, буҳрони ҳувият дар солҳои аввали истиқлолият, ки ҳукуматҳои навташкил ва заиф идораи ҳукуматҳоро дар даст доштанд, метавонист то андозае табиӣ ва дохилӣ буда бошад. Аммо дар мавридӣ бахусус Тоҷикистон, илова бар ҷанбаҳои дарунӣ, ҷанбаҳои берунӣ ва маснуии он бештар аст.

Барои исботи назари худ, нигоранда аз равиши китобхонаӣ, таҳлилӣ ва тавсифӣ истифода карда, илова бар ин хулосабарории худро дар натиҷаи мутолиаҳои адабиёти таърихӣ ва сиёсии он солҳо (бештар ВАО ва шабакаҳои интернетӣ) кардааст. Барои равшантар шудани баҳси мавриди назар, пеш аз даромадан ба баҳси аслӣ, бояд дар бораи мафоҳими асосии ин баҳс, ки аз ҳувият дар ду сатҳ -хурд – фардӣ ва калон - миллии он иборат мебошад, бипардозем. Пас аз ин дар бораи буҳрони ҳувияти миллӣ низ андаке шарҳ дода мешавад, ки ба осонфаҳмтар шудани баҳс кумак мекунад.

Ҳувият раванди посухгӯии фард дар баробари якчанд пурсиш дар бораи худаш мебошад, ки дар натиҷаи посух ёфтан ба он пурсишҳо худро мешиносад ва бо доштани ин махсусиятҳо аз дигарон фарқ мекунад. Ба ин амр ташаххус ё ҳувиятёбӣ ё худшиносӣ гуфтан мумкин аст. Аммо ин барои ҳувияти фардӣ содиқ аст ва ҳамин равандро, агар шахс дар миёни ҷомеаи худ бо дигар ҷомеаҳо таҷриба кунад, масъалаи ҳувияти ҷамъӣ (collective identity) матраҳ мешавад [1,с.66].

Гузашта аз сатҳи фардӣ ва шахсӣ, ҳувият дар сатҳи калонтар ва васеътари худ аз оила, маҳалла, шаҳр ва минтақа то ба сатҳи кишвар ва миллат иборат мебошад. Агар афроди як ҷомеае ба сатҳи баланди фаҳмиши дуруст аз “мо”-и ҷамъии худ бирасанд ва худро мутааллиқ (belong) ба як “ҷамъ” бидонанд [2,с.74-75], он гоҳ дар баробари он ҷомеа эҳсоси вазифа ва масъулият мекунанд. Ҳамин тавр, ҳамдигарро хешованд, ҳаммаҳалла, ҳамзабон, ҳамдин, ҳаммазҳаб ва аз ҳама муҳим ҳамватан медонанд [3,с.38]. Бинобар ин, ҳувияти миллӣ, калонтарин ва фарогиртарин сатҳи ҳувият (ҳувияти ҷамъӣ) дар ҳамаи низомҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ин масъала ба он ҷиҳат аз аҳамияти болое бархӯрдор аст, ки ҳувияти миллӣ (шаҳрвандӣ) сабаб мешавад ҳавзаҳои дигари ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ аз он таъсир пазиранд.

Ҳамон тавр ки дар мафҳуми ҳувият (-и фардӣ) гуфтем, ҳувияти ҷамъӣ (миллӣ) низ ҷараёни посухгӯии огоҳонаи одамони як ҷомеа (як миллат) ба пурсишҳое дар баробари саволҳое дар бораи худ, гузашта (таърих), решаҳои нажодӣ ва ҳавзаи тамаддунӣ, мансубият, ҷойгоҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии худ мебошад [4,с.52]. Илова бар ин, ҳувияти миллиро метавон маҷмӯае аз нишонаҳо ва аломатҳои моддӣ ва маънавӣ (равонӣ, таъллуқи хотир, эҳсоси вобастагӣ ба он ҷамъ ва ғ.) донист, ки сабаби тафовут ва дигаргуниҳои ҷомеаҳо ва кишварҳо аз якдигар мешаванд. Ин мафҳум (ҳувияти миллӣ), як мафҳуми такмилшуда дар давоми таърих аст ва ҳанӯз метавонад дар айни замон, ки куллияти таърихӣ ва фарҳангии як миллатро дар бар гирад ва ҳифз кунад, бозмутаҳаввил, инъитофпазир (flexible) ва қобили татбиқ бо шароити нав бошад [1,с.68].

Махсусан дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ, ки ҳам ҳувиятҳои фардӣ ва ҳувиятҳои миллӣ, динӣ ва забонӣ, ҳама ва ҳама таҳти таъсири шадиди авомили байналмилалӣ қарор гирифтаанд [5,с.36].

Буҳрон ба як ҳолате гуфта мешавад, ки вазъияти чизе аз ҳолати одии худ баромада бошад. Ва ҳатто дур шудан аз асли худ ва ба инҳироф кашидани вазъият ё фикреро метавон буҳрон ё ҳолати буҳронӣ гуфт [6,с.157]. Одамон дар як вазъияти буҳрони ҳувияти иҷтимоӣ, нақши худро дар ҷомеа ба хубӣ амалӣ намекунанд ва он чи ки вазифаи онҳо аст, иҷро намекунанд. Ҳамин амр сабаб мешавад, ки ҷомеа коркард ва функсияи худро аз даст медиҳад. Дар ин шароит ҷомеа дучори сардаргумӣ ва аномия (anomie) мешавад. Ҳамин ҳолат дар буҳрони ҳувияти фардӣ дар равоншиносӣ ба нотавонии фард дар иҷрои нақше гуфта мешавад, ки ҷомеа аз вай мехоҳад.

Ҷомеашиносон, ҷомеаро монанди ҷисми инсон медонанд, ки агар бемор шавад, қудрати нигоҳдории худро дар баробари вирусҳо аз даст медиҳад. Спенсер ақида дорад, ки дар чунин ҳолат ҳар омили тахрибкунандаи ҷамъият монанди вирус ба бадани ҷомеа даромада, онро ба дараҷаи фалаҷӣ мерасонад.Эҳсоси бегонагӣ нисбат ба фарҳанги худӣ ва беҳувиятии иҷтимоӣ заминаи пазириши фарҳанги бегонаеро, ки дар ҳоли вуруд ва ҳатто ҳуҷум бошад, фароҳам мекунад. Дар ин гуна ҷомеа, тағйироти иҷтимоӣ ба зудӣ

сурат мегирад, арзиш ё нормативҳо нопойдор (бесубот) мешаванд ва ҳатто ҳинҷоршиканӣ як амри одӣ мешавад [7,с.45], ки мо шоҳиди ҳамаи ин аломату нишонаҳо дар солҳои аввали истиқлолият ва даврони ҷанг будем.

Истиқлолияти ғайричашмдошти кишварҳои пасошӯравӣ, илова бар неъмати бебаҳои озодӣ ва мустақилият, дарди сарҳое низ доштааст. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ кишварҳое, ки ба истиқлолият расиданд, барои идора кардани ҳукуматҳои навтаъсис гоҳе бо мушкилӣ дучор шуданд. Ихтилофи назарҳое, ки ба вуҷуд меомаданд, табиӣ ва натиҷаи фазои бастаи даврони Шӯравӣ буданд, ки дар он давра ҳеҷ гуна озодии сиёсӣ ва гароиши идеологӣ ғайр аз идеологияи ҳоким вуҷуд надошт. Ҳоло дар фазои истиқлолият, як навъ холигии идеологӣ ва иқтидори сиёсӣ ба вуҷуд омада буд, ки мебоист бо сари кор омадани як ҳукумати марказии муқтадир ва бо сохтани як идеологияи фарогири аксарият ҷуброн карда мешуд.

Дар чунин шароит элитаи ҳукмрон ва ҳатто нухбагони фикрӣ, ташвиши таҳаввулоти сиёсии Ватанашон буданд. Онҳо дар заминаи ҷомеаи дохилӣ, муҳити минтақавӣ ва арсаи ҷаҳонӣ, ба барномарезии дуруст ва шоиста эҳтиёҷ доштанд. Дар ҳамаи арсаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Он чи ки барои онон муҳим буд, расидан ба як ҳувияти миллӣ буд, ки сабаби инсиҷоми фикрӣ ва ягонагии миллат-шаҳрвандонашон шавад [8,с.3]. Он чи ки барои он давра лозим ва зарур буд, расидан ба як ҳувияти миллӣ - маданӣ буд. Аммо бояд ин равандро бо дарназардошти ихтилофоти фикрӣ, қавмӣ, нажодӣ, динӣ ва забонӣ ба оромӣ ва нармӣ мегузарониданд.

Аммо ин ихтилофот, ба иловаи дахолатҳои беруна, сабаб мешуданд, ки роҳбарони вақти ин кишварҳо ба як сардаргумӣ дучор шаванд ва натавонанд барои худ як чаҳорчӯбаи муносибе барои назми иҷтимоӣ ва низоми сиёсӣ, муаррифӣ кунанд. Албатта, ин масъала ба ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ рост намеояд.

Илова бар роҳбарони расмӣ ва ғайрирасмии ин кишварҳо ва донишмандон, сиёсатмадорони дигар кишварҳои минтақа монанди Чин, Русия, Эрон, Туркия ва дигар бозингарони дур ё наздики байналмилалӣ - ғарбӣ ё шарқӣ - баррасикунандаи таҳаввулоти ин кишварҳо буданд. Дар он солҳо, ки ҳукуматҳои навтаъсис ва заиф сари кор буданд, ҳамаи кишварҳои нисбатан қудратманди минтақа ва қудратҳои бузург ба фикри таъсиррасонӣ ва нуфузи худ буданд. Русия низ дар пайи бозгашт ба нуфузи пешинаи худ буд [9,с.9]. Гарчанде ки дар солҳои аввали даҳаи навадум бештар ба Ғарб мутамоил буд ва нисбатан дар мавриди кишварҳои атроф, махсусан Осиёи Марказӣ, беэътиноӣ зоҳир кард.

Таҳаввулоти сиёсии ин минтақа суръат мегирифт ва ҳар кадом аз гурӯҳҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар пайи қудратёбии худ ва аз қудрат дур кардани рақиби худ буданд. Ҳамин ихтилофот сабаб мешуд, ки роҳи расидан ба як ҳувияти миллӣ-маданӣ дарозтар ва пурпечутобтар шавад. Барои мисол, дар як кишваре монанди Тоҷикистон, ки аксарияти мутлақи мардум дорои як миллат, забон, дин ва мазҳаб ҳастанд, ихтилофоти расидан ба қудрат миёни гурӯҳҳои мухталиф сабаби ҷанги дохилӣ гардид. Чунки ҳеҷ кадом аз гурӯҳҳои мухолиф, ки ҳамаи онон дар натиҷаи истиқлоли ғайричашмдошт ва холигии қудрати сиёсӣ ба вуҷуд омада буданд, ҳадаф ва барномаи муаяни фарогир надоштанд, ки аксарияти мардум пайрави яке аз онҳо шаванд. Бозиҳои сиёсӣ, динӣ, минтақавӣ ва дахолати берунӣ ба бештар шудани ихтилофот ва низоъ кумак мекарданд.

Ҳар кадом аз гурӯҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, бе дар назар гирифтани таносуби ҳадафҳо ва имконот талош мекарданд, ки бо муқаддас ва боло нишон додани барнома ва ҳадафҳои худ ва баду нокоромад нишон додани барнома ва ҳадафҳои рақибонашон саҳми нуфуз ва қудрати худро бештар кунанд ва манфиатҳои дигар гурӯҳҳоро кам кунанд. Ба ҳамин сабабҳо, ба оромӣ ва нармӣ гузаштан ба як ҳукумати қудратманди марказӣ ва расидан ба як ҳувияти миллӣ-маданӣ душвортар мешуд. Аммо, агар идораи ҳукумат ба дасти яке аз раҳбарони дар аввал тасбитшуда, ё баъдан, ки дар он замон баъди мунозиаҳову кашмакашиҳо Эмомалӣ Раҳмон буд, ба иловаи элитаи фикрӣ сурат мегирифт, шояд натиҷаи ин низоъҳо ба ҷанги дохилӣ ва қатли инсонҳои бегуноҳ ва ақибмондагии кишвар хатм намешуд.

Ба ҳар ҳол, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва умуман кишварои пасошӯравӣ худи истиқлолият як навъ сабаби буҳрон шуда буд. Дар ҳар ҷомеае, ки тағйироти куллӣ ба вуҷуд меояд, албатта, то андозае, гоҳе кам ва гоҳе зиёд, шоҳиди низоъ ва бухрон мешавем. Дар ин ҳолат афроди ин ҷомеаҳо бояд аз худашон дар ду сатҳ - фардӣ ва ҷамъӣ таърифе дошта бошанд. Ҳадаф, барномаҳо, мавқеъ, ҷойгоҳ, вазифаҳо ва ғ. бояд муайян бошанд, ки натиҷаи он ба буҳрони ҷиддӣ хатм нашавад. Аммо мардумони Осиёи Марказӣ ва Қафқоз,

ки дар натиҷаи фурӯпошии Шӯравӣ ва истиқлолияти ғайриинтизор дар ин вазъият қарор гирифта буданд, аксаран натавонистанд аз худашон дар як ҷамъи калон (ҳамчун миллат ё шаҳрванд) таърифи муайян ва мушаххас кунанд. Барои ин кор ба ҷидол ва низоъ гирифтор шуданд ва натавонистанд гурӯҳҳои мухталиферо, ки албатта, ҳар кадоми онҳо хостаҳои гуногун доштанд ва манфиатҳои миллӣ ва гурӯҳӣ-ҳизбиро ба таври гуногун тафсир мекарданд, дар сари як роҳи ягонаи умумимиллӣ қарор диҳанд.

Ҳамаи ин масъалаҳо дар як шароите пеш мерафтанд, ки таҳаввулоти ҷаҳонӣ дар заминаҳои рақобатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, технологӣ, илмӣ-фарҳангӣ ва ғайра ин кишварҳоро маҷбур мекард, ки дар як замон ба ду масъала - миллӣ (дарунӣ) ва байналмилалӣ (минтақавӣ ва байналмилалӣ) бияндешанд. Ин масъала ҳам заминаи дахолати кишварҳои бегонаро барои дастгирии гурӯҳҳои алоҳида фароҳам мекард ва ҳам ба шаклгирии як ҳувияти миллӣ халал мерасонд. Ҳар кадом аз кишварҳои манфиатдор ба фикри таъсиррасонӣ ва нуфузи бештар доштан дар кишварҳои навтаъсис буданд. Ин масъала дар кишварҳое, ки дучори буҳрони шадидтар шуда буданд, ҷиддитар буд ва буҳрони ҳувияти миллии кишварҳои тозатаъсиршударо бештар доман мезад ва таодули нисбиро халалдор мекард.

Дар сатҳи дарунӣ ва миллӣ, ташаккули ҳизбу ҳаракатҳои ҷамъиятӣ бештар ҷанбаи маҳаллӣ-минтақавӣ доштанд. Дар он солҳо вафодорӣ дар шакли гурӯҳҳои миллӣ бисёр камтар аз сатҳи минтақавӣ дида мешавад. Ин масъала дар мисоли Тоҷикистон бештар ошкор аст. Дар баъзе кишварҳо низ ҷанбаи қавмӣ (миллат) ва забонӣ низ доштааст, ки барои мисол Қазоқистон метавонад намунаи ин масъала бошад. Шояд ин навъи парокандагӣ ва ҷудоӣ ва маҳалгароӣ, натиҷаи равиши ҳукмронии даврони Шӯравӣ буда бошад, ки сиёсати аслӣ бар пояи муттаҳид набудан ва нашудани миллатҳои ягона дар як ҷаҳорчӯбаи ҷуғрофӣ будааст. Аммо ба ҳар ҳол он чи вуҷуд дошт, натиҷааш ин мешуд, ки миллат ба тарафи муттаҳидӣ ва якпорчагӣ наравад. Ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳое, ки ҳар кадом барои қудратёбӣ талош мекарданд, натиҷаи корашон парокандагӣ ва нарасидан ба як ҳувияти ягонаи миллӣ буд.

Дар сатҳи берунӣ (минтақавӣ ва байналмилалӣ) ду гароиши асосӣ низ ба ягонагии миллӣ халал мерасонд, ё беҳтар аст бигӯем сабаб мешуд. Яке гароиши динӣ - фаромиллӣ ва ҷаҳони исломӣ, ки ба ҷойи миллат ба уммат бештар таъкид дорад, дигаре баргашт ба коммунизм ва ҳокимияти Шуравӣ. Намунаи ҳарду гароишро мо дар Тоҷикистон доштем. Ин ҳарду масъала низ сабаб мешуданд, ки ба раванди ҳувиятсозӣ халал ворид шавад. Дар он солҳо Ҳизби комунистии Тоҷикистон гарчанде қудрат ва таъсири сиёсии худро аз даст дода буд, ё заиф шуда буд, аммо қисмате аз кадрҳои вафодори замони Шуравиро дар сафи худ дошт. Аммо дар бораи ҳувияти фаромиллӣ - динӣ, бо таъкид бар масъалаи уммат ва диққати камтар нисбат ба миллат, Ҳизби наҳзати исломӣ** ин тафаккурро намояндагӣ мекард. Назарияи баргаштан ба коммунизм гарчанде беаҳамият ва ақаллият набуд, аммо бисёр умр надошт ва вориди таниш ва ҷидоли асосӣ нашуд, аммо масъалаи исломгароӣ яке аз чанд омили ҷанги шаҳрвандӣ ва авҷи буҳрони хувияти миллӣ шуд. Бояд зикр кард, ки худи "наҳзат" ва исломгароён дар даруни худ ба як буҳрони дигар дучор буданд, ки шояд намедонистанд, ё сарфаҳм намерафтанд. Тоҷиконе, ки суннӣмазҳаб буданд, бо сармоягузории як кишвари шиамазҳаб ба қудрат расиданӣ буданд, дар ҳоле ки ҳамаи кишварҳои ҷаҳони ислом суннимазҳаб ҳастанд. Ин баҳс фурсати дигареро металабад, ки бояд баррасӣ карда шавад ва аз ҳавзаи баҳси мо берун аст.

Аммо илова бар омилҳои берунӣ ва сиёсӣ, ин кишварҳо асосан аз фирқаҳои гуногуни миллӣ ва қавмӣ ташкил шудаанд. Шояд ин омилро метавон ҳамчун як омили ҷомеашиносона баррасӣ кард. Омили гуногунмиллат будани аҳолии ин кишварҳо низ назаррас буд. Ҳатто аз ҷиҳати таърихӣ (албатта, на таърихи хеле дур, балки дар таърихи муосири худашон) низ, баъзе аз ин миллатҳо бо ҳамдигар робитаи чандон хубе надоштаанд. Масалан ихтилофе, ки миёни озариҳо ва арманиҳо вуҷуд доштааст ва ё баъзан тоҷику ӯзбек ва ё абхазиҳову гурҷҳо, намунаи аслии исботи ин гуфта аст. Дар масъалаи нарасидан ба як ҳувияти миллии ягона дар Тоҷикистон ақаллияти миллии ӯзбекҳоро наметавон аз омилҳо баршумурд, чун муноқишаҳои он замон миёни тоҷику ӯзбек набудааст. Баръакси он чи, ки дар Ҷумҳурии Озарбойҷон бо арманиҳо рух додааст. Албатта, дар сатҳи поинтар на дар сатҳи ҳукумат ва сиёсат, аксари кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз мушкилоти қавмӣ-миллӣ доранд. Чун як миқдори аҳолии ин кишварҳо аз ақаллиятҳои миллии кишварҳои атрофашон ташкил мешаванд.

Масалан, дар Ӯзбекистон гарчанде ки вазъият аз ҷиҳати тафриқагароии миллӣ миёни тоҷикон ва ӯзбекҳо ором ва ғайрибуҳронӣ аст, аммо гароиши фаромиллӣ барои ташкили

Туркистони бузург, ки натиҷаи он ташкили ҳизби “Бирлик” буд, ба ихтилофи ҷиддие миёни роҳбарони сиёсии вақт анҷом ёфта буд. Ин гурӯҳи ифротии қавмӣ (миллӣ) хоҳони забон аз русӣ ба ӯзбекӣ буд, ки русзабонҳоро ташвиш мекард [10,с.9]. Роҳбари вақти Ҳизби демократӣ - халқӣ (И. Каримов) ва ҳизби “Бирлик” дар мухолифат бо исломгароён ҳамназар буданд ва роҳбарони ҳизби “Бирлик” бар ин бовар буданд, ки то замоне ҳукумати демократӣ сохта нашавад, хатари исломгароён вуҷуд хоҳад дошт [11,с.53]. Русгароҳо низ ба ташкили ҳизбҳои сиёсӣ майл доштанд. Исломгароён низ хоҳони таъсиси низоми исломӣ буданд, ки албатта, бо миллигароӣ сахт мухолиф буд ва ҳатто муовини раиси ҳизб гуфта буд, ки “дар ислом, миллат мавқеъ надорад. Ислом фақат миёни кофир ва мусалмон фарқ мегузорад” [12,с.18].

Дар Туркманистон масъала фарқ дошт. Вазъият нисбатан ором ва бо субот пеш мерафт. Гарчанде дар ин кишвар ҳам ихтилофоти миллӣ шомили русҳо ва ӯзбекҳо вуҷуд дошт, аммо он сабаби низоъ ё ихтилофе нашуда буд. Албатта, сабаби ин оромӣ ташкили як ҷомеаи шаҳрвандии қудратманд ва бо тафаккури пешрафтаи фарҳанги сиёсӣ набуд, балки шояд сабаби асосӣ давом ёфтани ҳамон вазъияти замони Шӯравӣ аз ҷиҳати иқтидоргароӣ буд. Масалан, гузаронидани “интихоботи” 95/5 дарсадӣ бо раъйи мусбат, фақат давоми рафтори сиёсии даврони коммунистӣ бо шиорҳои ғайрикоммунистӣ.

Дар Қазоқистон вазъияти ақаллиятҳои миллӣ тамоман аз дигар ҷумҳуриҳо фарқ дорад. Дар ин кишвар русҳо аксариятро ташкил медоданд. Ва илова бар русҳо, боз дигар ақаллиятҳо низ вуҷуд доштанд. Барои ҳамин ҳам, дар он солҳо яке аз рафторҳои моҳиронаи сиёсии Назарбоев, забони расмӣ қарор додани забони русӣ дар ин кишвар будааст. Албатта, ин масъала, сабаби нороҳат шудани худи қазоқҳо шуда буд [13,с.75-76]. Ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ дар ин кишвар низ дида мешавад, ки натиҷаи ихтилофоти шадид нашудааст. Дар ин миён мешавад ба ҳизби “Таҳкими Миллӣ” ва ҳизби “Озод”, ки асосан миллигаро ҳастанд.

Таркиби қавмӣ дар Қирғизистон низ асосан аз қирғизҳо, русҳо ва ӯзбекҳо ташкил шудааст. Ин кишвар нисбат ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ фарозу нишебҳои сиёсии зиёдеро аз сар гузаронидааст. Дар солҳои аввали истиқлолият наздик буд коммунистҳо бори дигар қудратро ба даст гиранд [13,с.75-76], аммо муваффақ нашуданд. Аз ҷиҳати ихтилофоти қавмӣ ва минтақавӣ низ низоъҳое дар ҳоли шаклгирӣ буданд, ки ба сабаби Аскар Акаев дар он солҳо пешгирӣ карда шуданд. Дар ин замон ду ҳизби бисёр миллигаро - “Қирғизистони Озод” ва “Алта Мекел” фаъол буданд ва аз тарафи ҳукумат ҳизби коммунист саркуб мешуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, миллатҳои гуногун зиндагӣ мекарданд. Фақат дар ин миён ҷамъияти тоҷикон аксарияти мутлақро ташкил медод. Дар ин кишвар низ ҳизбҳои сиёсӣ шакл гирифтанд. Ҳар кадом аз ҳизбу ҳаракатҳо дар атрофи фикр ва идеологияи махсуси худ созмон дода мешуданд. Қисмате ба коммунизму сотсилаизм, дигаре ба миллигароӣ ва дигаре ба исломгароӣ ва ё демократия. Коммунистҳо, демократҳо ва исломистҳо, се меҳвари асосиро ташкил медоданд, ки коммунистони собиқ қудрати сиёсиро дар ихтиёр доштанд ва исломгароён ҳамроҳи демократҳо дар баробари онҳо қарор мегирифтанд. Ҳизби исломгароён берун аз доираи коммунистон шакл гирифта буд, ки мақсади онҳо сохтани як ҳукумати исломӣ бо иҷрои аҳкоми шариат буд. Давлат Усмон, ки муовини раиси ин ҳизб буд, бар ин бовар буд, ки мардумро барои ҳукумати исломӣ бояд омода кард [14,с.24].

Ҳизбу ҳаракатҳои нисбатан миллигарое низ буданд, ки чандон қудратманд ва фарогир набуданд ва умри дарозе надиданд. Дар ин миён фақат “Лаъли Бадахшон” баъзе аломатҳои ҷудоиталабонаи худро нишон додааст [15,с.28]. Дар маҷмӯъ, ҳамаи ин омилҳо беш аз дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон боиси парокандагӣ ва ихтилофоти ҷиддии зиддимиллӣ шуд. Кишварҳои манфиатдор дар Тоҷикистон беш аз дигар кишварҳо ба ихтилофоти миллӣ доман заданд. Ихтилофоте, ки дар дарун вуҷуд дошт, беш аз пеш бузургтар шуд ва дар ҳамон солҳои аввали истиқлолият ба оғози ҷанги дохилӣ анҷом ёфт, ки натиҷаҳои манфии сиёсӣ ва иқтисодии он ҳанӯз мушоҳида мешаванд.

Дар охир бояд гуфт, дар ҳар ҷомеае, ки холигии қудрат ва ё холигии идеологӣ вуҷуд дошта бошад, ба вуҷуд омадани буҳрон ва як навъе ҳараҷу мараҷ як масъалаи одӣ мешавад. Бинобар ин, холигии қудрат ва идеологие, ки дар натиҷаи истиқлолияти ғайриинтизор ба вуҷуд омада буд ва ҳизбу ҳаракатҳое ташкил шуда буданд, вуҷуди як буҳрон қобили пешбинӣ буда метавонист. Аммо талоши қудратҳои бегона барои

таъсиррасонӣ ва нуфузи ҳарчи бештари худ, ки албатта, ҳар кадом манфиатҳои худро дар назар мегирифтанд, вазъиятро тарафт муташаннич мекард.

Ҷомеаи пасошӯравӣ, худ омодаи тазоҳуроти мусолиматомез набуд ва фарҳанги сиёсии мардум рушд накарда буд. Чун дар замони Шӯравӣ ҳама тобеи низоми сиёсии ҳоким буданд ва такассургароию плурализми сиёсӣ маъное надошт, ҳоло ин мардум ба як ҳолати "озодӣ"-е рӯ ба рӯ шуда буданд, ки дар он вазъият, ихтилофоти маҳалгароёна, динӣ ва сиёсию қудраттлабӣ дар маҷмуъ заминаҳои дохилии бухронро фароҳам мекард. Ҳар кадом аз кишварҳои манфиатдор, пуштибонии молӣ ва идеологии гурӯҳи мавриди назари худро дареғ намедоштанд ва бо ҳар роҳу васила (ё беҳтар аст бигӯем, баҳона!) вазъиятро муташаннич мекарданд ва дар пайи таъмини манофеи худ буданд. Таркиби аҳолӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон ба гунаест, ки аксарияти мутлақи мардум дорои таърих, фарҳанг, миллат, забон, дин ва расму оини ягона мебошанд. Бинобар ин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ, мебоист аз ҳамбастагии миллии бештар бархурдор мебуд, аммо мутаассифона ба ин нигоҳ накарда, Тоҷикон беш аз ҳамаи кишварҳои дигар зарар диданд.

Дар натиҷа, ҳарчанд заминаҳои ихтилоф дар даруни кишвар вуҷуд доштанд, аммо омилҳои берунӣ бештар аз омилҳои дарунӣ дар раванди ихтилофот ва бухрони ҳувияти миллӣ, ки то сатҳи ҷанги дохилӣ кашонида шуд, таъсиррасон буданд. Метавон натиҷагирӣ кард, ки омилҳои ҳамбастагии миллиро ҳарчи бештар бояд тақвият кард ва бо эҷоди давлати қудратманд, зиракии сиёсӣ, огоҳии сиёсӣ ва тақвияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, монеи дахолати бегонагон дар умури дохилии кишвар шуд. Чун ҳар гуна дахолат аз берун, бо манофеи миллӣ дар тазод хоҳад буд.


### АДАБИЁТ

1. Шукурзода А. Х. Ҳувият ҳамчун мафҳуми тағйирпазир / А. Х. Шукурзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2018. - №/4. -318 с.
2. Ashmore Richard and others. Social identity, Intergroup conflict and conflict reduction, Oxford University Press 2011, 288 p. aviable at:(https://en.wikiperdia.org/wiki/National_identity (accessed: 18.12.2018)
3. Муҳаммад Абдуллоҳӣ. Ҳувияти ҷамъӣ-динамизм ва механизми таҳаввули он // Номаи Анҷумани ҷомеашиносӣ. –Бето, 2006. -№1. - 96 с.
4. Довуд Ҳ. Бованд. Ҷолишҳои бурунмарзӣ ва ҳувияти эронӣ дар давоми таърих // Моҳномаи иттилооти сиёсӣ-иқтисодӣ. -1998. -№129. -135с.
5. Антонӣ Гидензс. Пайомадҳои модернизм; тарҷумаи Муҳсини Салосӣ. –Теҳрон: Марказ, 1998. - 218 с.
6. Алии Тойӣ. Бухрони ҳувияти қавмӣ дар Эрон. –Теҳрон: Шодагон, 1999. - 157 с.
7. Ҳасан Ҳоҷӣ Ҳусайнӣ. Бухрони ҳувият ва инҳирофоти иҷтимоӣ //Мутолиоти роҳбурдии занон. -2002. -№ 17. -84 с.
8. http//:ensani/ir/fa/article/export-ris/89402 санаи муроҷиат: 20.12.2018Charles Tilly Coercion and Capital: European States, AD 990-1990, publisher: Cambridg MA.: B. Blackwell, 1990) 269 p.
9. Русия дар талош барои эҳёи Шуравӣ, Гузориши хориҷӣ, салом 12 ноябри 1993. -№ 760. -128 с.
10. Roger Kangas CAM No.4, (1992) pp. 7-22.
11. Морто Брил. Сиёсат дар Осиёи Марказӣ пас аз фурӯпошӣ //Маҷаллаи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз. -1993. -№ 2. -186 с.
12. Kadzie, CAM, No.3 (1993) p. 18.
13. CIS: Country report, pp. 75-76.
14. Kedzie, CAM, No.3 (1993) p. 24
15. Tadjbakhsh, CAM, No.2, (1993), pp. 27-28.


## БУХРОНИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ БО ТАЪКИД БАР ТОҶИКИСТОН

Пас аз пошхӯрии Ҳукумати Шӯравӣ давлатҳои наве дар арсаи байналмилалӣ ба вуҷуд омаданд. Ин давлатҳои навбунёд, ки истиқлолияти онҳо натиҷаи талошҳои фаровон барои ба даст овардани давлати мустақил набуд, барои идора кардани ҳукумати нав ва мустақил чандон омодагӣ надоштанд. Чун ҳанӯз мардум дар атрофи як идеяи ягона барои шакл ва сохтори ниҳоди сиёсие, ки мебоист ҳукуматро идора кунад, иттифоқи назар надоштанд. Бинобар ин, раванди давлат-миллатсозӣ ва ҳувиятсозӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз баъзан ба кундӣ пеш рафт ва баъзан ҳатто бо мушкилот рӯ ба рӯ шуд. Ба мушкил дучор омадани раванди давлат-миллатсозӣ ва нарасидан ба як ҳувияти миллӣ-маданӣ дар солҳои аввали истиқлолият сабабҳо ва омилҳои дугона дошт. Ин омилҳо баъзан дохилӣ ва баъзан берунӣ, аз тарафи кишварҳои манфиатдор, ба ҳисоб мерафтанд. Сохтори ин мақола, аз муқаддима, шарҳи мухтасари калима ва истилоҳоти асосии баҳс, равиши таҳқиқ, вазъияти иҷмолии кишварҳо дар солҳои аввали истиқлолият ва натиҷагирӣ иборат мебошад. Пурсиши асосӣ дар ин мақола аз он иборат аст, ки оё бухрони ҳувияте, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он солҳо сабаби низоъ мешуд, бештар ҷанбаи дарунӣ ва воқеӣ дошт, ё ҷанбаи берунӣ ва маснӯъ. Нигоранда бар ин назар аст, ки дар ҳолати умумӣ, бухрони ҳувият дар солҳои аввали истиқлолият, ки ҳукуматҳои навташкил ва заиф идораи ҳукуматҳоро дар даст доштанд, метавонист то андозае табиӣ ва дохилӣ буда бошад. Барои мисол омилҳои иқтисодӣ, маҳалгароӣ ва холигии фазои сиёсӣ ва идеологиро метавон баршумурд. Нависандаи мақола, дар мавриди

Тоҷикистон, илова бар ҷанбаҳои дарунӣ ва заминаҳои ихтилоф, ҷанбаҳои берунӣ ва маснӯии онро боаҳамияттар ва таъсиррасонтар мешуморад. Барои исботи назари худ, нигоранда аз равиши китобхонаӣ, таҳлилӣ ва тавсифӣ истифода карда, илова бар ин дар натиҷаи мутолиаҳои адабиёти таърихӣ ва сиёсии он солҳо (бештар ВАО ва шабакаҳои интернетӣ), хулосабарорӣ кардааст. Метавон натиҷагирӣ кард, ки омилҳои ҳамбастагии миллиро ҳарчи бештар бояд тақвият кард ва бо эҷоди давлати қудратманд, зиракии сиёсӣ, огоҳии сиёсӣ ва тақвияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, монеи дахолати бегонагон дар умури дохилии кишвар шуд. Чун ҳар гуна дахолат аз берун, бо манофеи миллӣ дар тазод хоҳад буд.
Калидвожаҳо: истиқлолият, буҳрон, буҳрони ҳувияти миллӣ, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон.

## НАЦИОНАЛЬНАЯ ИДЕНТИЧНОСТЬ КРИЗИСА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В ПЕРВЫЕ ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ (НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКИСТАНА)

После распада Советского Союза на международной арене появились новые страны. Эти новые независимые государства не имели опыта управления государством. Потому что их независимость не была результатом многих усилий по обретению независимости. Таким образом, у людей до сих пор не было общих мнений, как управлять государством. В результате процесс государственного строительства в странах Центрального и Кавказского регионов постепенно усиливался и даже стал проблемой. Проблема возникновения процесса государственного строительства и неспособности достичь национально-гражданской идентичности в этих странах в первые годы независимости имела двойные причины и факторы. Этими факторами были (как) внутренние - экономические и региональные споры, так и внешние - вмешательство стран-бенефициаров. Структура статьи состоит из введения, краткого описания основных условий обсуждения, метода исследования, состояния стран в первые годы независимости и заключения. Главный вопрос в этой статье заключается в том, был ли кризис идентичности, который оспаривался в Центральной Азии, особенно в Таджикистане в те годы, в основном внутренним и реальным, внешним или искусственным. Автор считает, что в первые годы независимости администрация государства была создана вновь созданными правительствами. Таким образом, протесты и ссоры могут быть внутренними и естественными. Например, такими можно считать экономические проблемы, региональные конфликты и локализацию, вакуум политического пространства и т. д. Но в Таджикистане автор считает, что внешние факторы были более эффективными, чем внутренние факторы. Даже некоторые из причин обострения конфликта были полностью искусственными. Чтобы доказать свою точку зрения, автор использовал библиотечный, аналитический и описательный метод, и, кроме того, он сделал вывод из изучения исторической и политической литературы (большинство средств массовой информации и интернет-сетей). Таким образом, мы можем сделать вывод, что факторы национального единства должны быть максимально усилены. Создавая мощное правительство, политическое сознание и укрепляя гражданское общество, оно должно предотвращать вмешательство иностранцев во внутренние дела страны. Потому что любое вмешательство извне будет противоречить национальным интересам.
**Ключевые слова:** независимость, кризис, кризис национальной идентичности, Центральная Азия и Таджикистан.

## NATİONAL IDENTİTY CRİSİS İN CENTRAL ASİA DURING THE FIRST YEARS OF INDEPENDENCE; A CASE OF STUDY TAJIKISTAN

After the collapse of the Soviet Union, new countries emerged in the international arena. These newly independent states did not have good readiness to run the government. Because their independence was not the result of many efforts to gain independence.So people still had no coherent thought to run the government. As a result, the process of nation-building in the countries of Central and Caucasus has slowly escalated and it has even become a problem. The problem of the emergence of the nation-state building process and the failure to achieve a national-civil identity in these countries during the first years of independence had double causes and factors. These factors were (both) internal – economic and regional disputes and external - interference by beneficiary countries. The structure of the article is from the introduction, a brief description of the basic terms of the discussion, the method of research, the state of the countries in the first years of independence and the conclusion. The main question in this article is whether the identity crisis that had been challenged in Central Asia, especially in Tajikistan in those years, was mostly internal and real, either exterior or artificial. The author believes that in the first years of independence, the administration of the state was created by the newly established governments. Thus, protests and quarrels could be somewhat internal and natural. For example, economic problems, regional conflicts and localization, the vacuum of political space, etc., can be counted. But in Tajikistan, the author believes that external factors were more effective than internal factors. Even some of the exacerbation reasons for the conflict were completely artificial. To prove his point of view, the author has used a library, analytical and descriptive method, and, moreover, he concluded from the study of historical and political literature (most of the mass media and internet networks). In summary, we can conclude that the factors of national coheretion should be strengthened as much as possible. By creating a powerful government, political awareness and strengthening of civil society, it should prevent the interference of foreigners in the internal affairs of the country. Because any interference from outside will be in conflict with national interests.
**Key words:** independence, crisis, national identity crisis, Central Asia and Tajikistan.

**Сведения об авторе:** ***Шукурзода Абдулхакими Х.*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры международных отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **+992 88 7777 512**. E-mail: **h.shakuri@mail.ru**

**Information about the author:** ***ShukurzodaAbdulhakimi H***. – Tajik National University, doctoral student PhD of the Department of International Relations, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **+992 88 7777 512.** E-mail: **h.shakuri@mail.ru**

УДК: 930.85 +323/324 (575.3)

# ҶАЛАСАИ ТАҚДИРСОЗИ УМУМИҶУМҲУРИЯВӢ ВА НУТҚИ БАРНОМАВИИ САРВАРИ ДАВЛАТ

*Мирзоев Парвиз*
**Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

Дар давраи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ҳолатҳо ва рӯйдодҳое буданд, ки дар ба эътидол овардани авзои сиёсии кишвар нақши ҳалкунанда бозиданд. Яке аз чунин падидаҳо иҷлосияи умумиҷумҳуриявӣ буд, ки моҳи январи соли 1993 баргузор гардид.

9 январи соли 1993 дар шаҳри Душанбе, дар шароити бухрони вазнини сиёсӣ ва иқтисодӣ, маҷлиси умумиҷумҳуриявӣ барпо гардид, ки дар он масъалаҳои ҳарчи зудтар ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии кишвар ошкоро баррасӣ шуданд. Дар кори маҷлис аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирон, роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, раисони комиҷроияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, ходимони намоёни илм, адабиёту санъат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳарбиён, коркунони масъули дастгоҳи Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирон, воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.

Мубрамтарин масоили рӯз дар нутқи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов инъикос шуданд [1].

Нотиқ роҳбарони комиҷроияи шаҳри Душанбе, комиҷроияҳои ноҳияҳои пойтахт, мақомоти умури дохиларо барои он танқид кард, ки аз номуайянии мавқеи онҳо шаҳрвандон аз рӯйи масъалаҳои ҷузъӣ ҳам ба Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ мурочиат мекунанд.

Дар иҷрои қарори иҷлосияи 16-и Шӯрои Олӣ оиди силоҳсупорӣ ҳам дар баъзе ноҳияҳо як оромӣ, бетарафии авфнопазир мушоҳида мегардад. Дар ҷумҳурӣ бештар аз 2,5 ҳазор силоҳи оташфишон, 16 техникаи зиреҳпӯш, зиёда аз 70 тонна моддаҳои тарканда супурда шуда бошад ҳам, мақомоти давлатӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, прокуратураи ноҳияҳо дар ин кор иштирок надоранд. Баъзе коркунони онҳо чунон фарбеҳ шудаанд, ки ҳатто роҳ гашта наметавонанд. Дар ҷумҳурӣ 150 ҳазор хона тарконда ё сӯзонда шудааст. Бештар аз 15 ҳазор хона ғорат шуд ва ин ғоратгарӣ ҳанӯз ҳам идома дорад» [2].

Ҳамаи ин нишонаи бетарафист. Марг ба чунин бетарафӣ. Чунин коркунони бемасъулият набояд дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кор кунанд. Охир онҳоро халқ мехӯронаду мепӯшонад ва бояд халқро ҳифз намоянд, масъулияти баланд ҳис кунанд. Мо, албатта, ин мақомотро аз чунин ашхос тоза мекунем.

Маърӯзачӣ диққати ҳозиринро ба зарурияти тезондани корҳои барқарорсозии иншоотҳои осебдидаи вилояти Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чалб намуда, аз ҷумла гуфт, ки, «анъанаҳои бригадаҳои зарбдорони чавонон, ки дар сохтмонҳои Шарқи Дур, заводи алюминийи тоҷик, ГЭС-и Норак, туннели чордаҳкилометраи Данғара ва дигар иншоотҳо кор мекарданд, идома дода, ба ҷавонон мурочиат кунем, ки ба барқарор кардани иншоотхои вилояти Хатлон камар бананд.

Вазъи иқтисодии моро дарк намуда, як корхонаи хурди Маскав қарор додааст, ки бо маблағи худаш роҳи оҳани Қӯрғонтеппа- Кӯлобро созад. Канӣ консерну ширкатҳо, корхонаҳои хурду калони мо, колхозу совхозҳо? Магар ҳар яки онҳо ва вазорату идораҳои ҷумҳурӣ дар вилояти Хатлон 4-5 хонагӣ сохта наметавонанд? Барои идораю вазоратҳо магар дастур лозим» [3]?

Э.Раҳмонов ба тарзи ташкили кор дар мақомоти давлатии вилояти Ленинобод, вазифашиносии баланди кадрҳои ҳамаи звеноҳо миннатдорӣ баён карда гуфт, ки дар баъзе ноҳияҳои дигар роҳбарон ба айшу ишрат машғуланд. Албатта, халқ ба ин қабил роҳбарон баҳои сазовор медиҳад.

Дар асоси пешниҳоди Раиси Шӯрои Олӣ дар ҳамаи вазорату идораҳо, ноҳияҳо навбатдории шабонарӯзӣ ташкил карда шуд.

Дар зарфи даҳ рӯз як колхозу совхоз, консерну ширкат, ноҳияҳо бояд нақшаи иштироки худро дар барқарорсозии иншоотҳои вилояти Хатлон ба ҳукумат пешниҳод кунанд. Дар ин бобат нақши симою садо ва рӯзномаҳоро муайян карда, маърӯзачӣ изҳор кард, ки онҳо бояд аз гапҳои умумӣ ба инъикоси конкретии рафти барқарорсозӣ гузаранд, сабабгори воқеаҳоро ошкоро гӯянд.

Раиси ШО нисбати тарбияи ҷавонон, вазъи имрӯзаи мактабҳо сухан ронда, гуфт, ки барои чи Вазорати маориф дар хусуси муаллимоне, ки ба ҷойи омӯзонидани программаи

асосӣ бо дигар корҳо машғул мешаванд, чора намебинад. Мақомоти маъмурӣ ба кадоми онҳо аъзо доданд?

Ришҳои дамида, либосҳои муаллимро дида кас ҳайрон мешавад, ки магар тарбиятгар ҳамин хел мешавад. Тарбия бояд аз боғчаи бачагон оғоз ёбад.

Дар ноҳияҳо шифер ва дигар хел масолеҳ ёфтем ва бо роҳи ҳашар масҷидҳо сохтем, ки аз мактабҳо даҳ маротиба болотаранд. Вале бо роҳи ҳашар мактабҳо насохтем. Ба тӯйҳои мо назар афканед. Онҳоро Ҳоҷӣ Акбари Тураҷонзода, Муҳаммад Шарифи Ҳимматзода, Давлати Усмон, Шодмони Юсуф ва дигарон ба чӣ аҳвол овардаанд? Санъаткоронро нагузоштанд, ки дар тӯйи фарзандонамон иштирок кунанд. Худашон чандин зану занҳои олиҷаноб доштанд. Канӣ акнун он модарону падарони миллат, ки ҳамроҳи мо халқро ором ва аз бало раҳо кунанд? Онҳо дар Маскаву, Арабистони Саудӣ хонаи хешонашон маскан гирифтаанд.

Э.Раҳмонов дар бораи олимон, шоирону нависандагон, рӯзноманигорон сухан ронда, аз ҷумла қайд намуданд, ки ҳама бояд мавқеашонро нисбати ҳукумати хозира муайян кунанд ва онҳое, ки минбаъд дар куҷое зидди ҳукумат вараҚе нависанд, ҳуқуқи маънавии дар хоки Тоҷикистон зистанро надоранд.

Раиси ШО ақидаҳои худро оиди мавқеи Гулрухсор Сафиева, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ иброз намуд.

Оиди дини халқи мусалмони мо гуфтан лозим аст, ки рохбари диниро бояд худи халқ интихоб кунад. Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода дигар ҳуқуқи маънавии козии ҷумҳуриро надорад, зеро ӯ яке аз роҳбарони асосии хунрезиҳо буд. Ба замми ин, қозиёти вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод, баъзе ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ӯро эътироф намекарданд. Ҳамаи мо алҳамдуллилоҳ мусулмонем. Ҳамаи суннатҳои исломро риоя мекунем, охир бо тоату ибодат, ба намозхонии кӣ халал расондааст?

Маърӯзачӣ мисол овард, ки эшони Саидшараф дар Қӯрғонтеппа ба чаноза бо БТР-ВУД ва 30 автоматчӣ мерафт, ки дар болои мошин байраки исломии ҷумҳурӣ зада шуда буд. Чаро журналистон онро ба навор гирифта, ба мардум нишон намедиҳанд? Канӣ коркунони маъмурии вилоят?

Э. Раҳмонов ба ҳозирин аз рӯзномаи «Экспресс»-и чопи Москва мақолаи Шодмон Юсуфро ба номи «Как началась и чем закончилась в Таджикистане война» иқтибос оварда гуфт, ки ӯ дар ин мақолааш ба халқи рус, хусусан артиши дар Тоҷикистон будаи Русия, ба халқи тоҷик туҳмат задааст. Ӯ дар бораи кирдорҳои зиддиқонунию дасисаҳои Шодмон Юсуф мисолҳои зиёд оварда гуфт:

«Оё дар Тоҷикистон ҳизби демократӣ вуҷуд дошт? «Он ниқоби ҲНИТ буд ва баъди аз қайд гузаштани ҲНИТ Шодмон Юсуф лаганбардори Давлати Усмон ва М.Ҳимматзода гардид. Ба ӯ ҳатто дар гирдиҳамоиҳо сухан намедоданд. Ҳизби демократ дар маҳалҳо мавқеъ надошт, рӯйхати аъзоёнаш ба касе маълум набуд. Ҳизби ӯ хизби хафашудагон, майзадагон буд. Бо муҳри ин ҳизб яроқ тақсим карда мешуд, магар ин ҷиноят нест. Албатта, онҳо ҷазояшонро мебинанд» [4].

Баъдан нотиқ оиди рафтори яке аз роҳбарони ҲНИ Давлат Усмон сухан ронд. Дар иҷлосияи 13 ШО Давлати Усмон ба минбар баромада, талаби гирдиҳамомадагонро ба ШО ва Хукумат пешниҳод кард ва гуфт, ки агар он иҷро нашавад, мо чора мебинем, яъне револютсия мекунем. Баъд чӣ шуд? «Вақте ман раиси комиссияи баҳисобгирӣ будаму Раиси ШО Сафаралӣ Кенҷаевро эълон кардам, Давлати Усмон аз толор ба берун баромад ва баъди 20 дақиқа 4 ҳазор гирдиҳамомадагон бинои ШО-ро иҳота карданд, гаравгонгирии 17 намояндаи халқ, аъзоёни ҳукумат сар шуд. Раиси ҲНИ М.Ҳимматзода бо як қиёфаи ғолибона иброз кард, ки гӯё чанд бачаи қади кӯча каме бетартибӣ кардаанду бас. Магар ҳамаи ин кирдорҳо ҷиноят нест»![5]

Дар Ҳизби наҳзати ислом ҳам одамони нопок ҷамъ омада буданд. Арақхӯрони собиқ тақводорони дин шуда буданд. Мо дар, ин бобат фактҳои зиёде дорем».

Пеш аз соли нав, гуфт суханашро давом дода, маърӯзачӣ, зиёда аз 2,5 ҳазор тонна орд аз Ӯзбекистони бародарӣ ёрии башардӯстона дохил шуда буд, ки мебоист ба мардум бепул тақсим карда мешуд, вале онро фурӯхтанд. Агар дар тақсими маводи хӯрокаи ба ҷумҳурӣ ирсолшаванда тартиб ҷорӣ нашавад маҷбурем чораҳои дигар андешем.

Вазъи даъвати ҷавонон ба сафи артиши Тоҷикистон низ қаноатбахш нест. Роҳбарони ноҳияву вилоятҳо, хоҷагӣ ва шӯроҳои қишлоқ бояд ин корро зери назорати қатъӣ гиранд. Ҳукумат ба кордонию уҳдабароии роҳбарони ноҳияҳо аз рӯйи иҷрои ҳамин супориш баҳо хоҳад дод. Мо бояд артиши пурқуввати худро дошта бошем.

Э. Раҳмонов аз масъалаи халъи силоҳ бори дигар сухан ронда, изҳор намуд, ки дар ВМКБ ҳанӯз дар дасти мардум яроқ бисёр аст. Аз ҳамин минбар ба мардуми шарафманди Бадахшон ҳазор бор ташаккур мегӯям, ки дар сессияи Шӯрои вилоят ба фишори гурӯҳи яроқбадастон нигоҳ накарда, роҳбарони вилоят тавонистанд қарори яроқпартоиро дастгирӣ кунанд.

Бояд изҳор намоям, ки ҳар хона, ҳар қишлоқ тафтиш мешавад. Он гоҳ роҳбарон иноҳияҳо, шуъбаҳои корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, прокуратура барои бетарафию мусолиҳакориашон ҷавобгар хоҳанд шуд. Нотиқ ба роҳбарони ноҳияҳои Ғарм, Тавилдара, Комсомолобод муроҷиат карда, гуфт , ки магар онҳо яроқпартоиро шӯхӣ мефаҳманд, ярокро дар зарфи як соат гирифтан мумкин, вале ба халқ бояд фаҳмонд, ки силоҳро супоранд ё силоҳбадастонро биронанд, то ки вазъият бе хунрезӣ мӯътадил гардад.

Маърӯзачӣ дар бораи ҷамъбасти маҷлиси сарони давлатҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон, хостагирии кадрхо, сиёсати иқтисодӣ сухан ронд. Роҳи қафогардӣ дигар нест, изҳор кард ӯ. мо бояд бо роҳи иқтисоди бозоргонӣ пеш равем, ки зери назорати хукумат бошад.

Иҷрокунандаи вазифаи қумандони қӯшуни сарҳадии Русия дар Тоҷикистон полковник В.В. Кеченов аз ҷумла гуфта буд: «Аз моҳи марти соли 1990 сарҳадшиканаии нукарони ҲНИ сар шуд. Соли гузашта сарҳадбонон зиёда аз 1000 сарҳадшиканро дастгир намуда, бештар аз 40 силоҳи оташфишон, миқдори зиёди муҳимоти ҳарбиро мусодира намуданд» [6].

Азбаски сарҳадшиканҳо ба дастаҳои сарҳадбонон муқобилати мусаллаҳона карданд, аз ҷумлаи сарҳадшиканҳо шаҳидон ҳастанд. Аз моҳи августи соли 1992 баъди пурзӯр шудани муҳофизати сарҳад дар самтҳои ноҳияҳои Панҷу Маскав қочоқи силоҳ дар минтақаи дастаи 66-уми сарҳадбонон (шаҳри Хоруғ) миқёси зиёд пайдо кард. ҲНИ ва ҷабҳаи халқии Бадахшон роҳи эътимодноки пинҳонӣ ба воситаи сарҳад ба Ҷумҳурии Тоҷикистон расондани силоҳ, лавозимоти ҳарбӣ ва нашъаро муқаррар карданд. Онҳо фақат дар қаноти рости дастаи 66-уми сарҳадбонон қариб 30 гузаргоҳи пинҳони ташкил намудаанд. Нукарони ҲНИ ва Ҷабҳаи халқии Бадахшон бо афғонҳо забон як карда, моли аз аҳолии ғораткардаашонро ба силоҳу муҳиммоти ҳарбӣ иваз менамоянд.

Аз моҳи ноябри соли гузашта амалиёти ҳарбии дастаҳои муқобил дар Тоҷикистон дар ноҳияҳои сарҳадии Панҷ, Қумсангир, Қубодиён ва Шаҳритус авҷ гирифтанд.

Сипас сарварони ҷабҳаи халқии Бадахшон ба таҳкими мавқеи дастаҳои помирӣ бо Ҳизби наҳзати исломӣ, бо роҳи истифода бурдани гурӯҳҳои ҷинояткороне, ки ба хоки Вилояти Мухтори Бадахшон бармегарданд, фаъолона ҷидду ҷаҳд карданд. Ин вазъияти ҷинояткориро дар вилоят қатъан тезутунд карда, вазъияти сархад ва атрофи дастаҳои қӯшуни сарҳадиро мураккаб мегардонад.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон овозаҳои воҳимаангез фаъолона паҳн карда мешавад, ки гӯё дастаҳои мусаллаҳи горди Кӯлоб меомада бошанд, дар ин ҷо ба мусаллаҳшавии умумии аҳолӣ даъват карда мешавад.

Сарварони Ҷабҳаи халқии Бадахшон ва Ҳизби наҳзати ислом кирдори ғайриқонуниашонро дар сарҳад, дар самти Дарвоз давом медиҳанд, ки онро барои гузарондани дастаҳои нукарони Ҳизби наҳзати ислом аз Афғонистон, кашондани силоҳ, муҳиммоти ҳарбӣ ва нашъа фаъолона истифода мебаранд.

Ҳозир дар назди хатти сарҳад то 200 шаҳрванди Тоҷикистон ҷамъ омадааст.

Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон С. Неъматуллоев аз зарари калони моддию маънавие, ки бар асари задухӯрдхои мусаллаҳона ба институтҳои академия расидааст, сухан ронд. «Он чиро ки офарида шудааст, гуфт ӯ ба эътибор нагирифтан мумкин нест. Неруи илмии мо аз неруи илмии бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла Эрону Покистон бартарӣ дорад. Мо кӯшиш мекунем, ки онро бо мақсади барқарор намудани хоҷагии халқи харобшуда, тараққиёти минбаъдаи ҷумҳурӣ истифода барем» [7].

Иҷрокунандаи муваққатии вазифаи командири дивизияи 201-ум А.М. Ивлев гуфт, ки ҳайати шахсии дивизия кӯшиш дорад, ки дар роҳи ба эътидол омадани вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ҳадалимкон ёри расонад. Вай изҳороти роҳбари Ҳизби демократии Тоҷикистон Шодмон Юсуфро қатъан маҳкум кард. Афсари Русия гуфт: «Мо дар Тоҷикистон ҳамон қадар хоҳем буд, ки ба халқ лозим аст, на ба сиёсатмадорон. Сарбозони дивизия дар таъмини вазъияти фавқулода дар ш. Душанбе ва дигар ноҳияҳо фаъолона саҳм мегиранд. Дар кашондани бор, таъмир ва барқарор намудани кӯпрукҳо иштирок менамоянд».

А.М. Ивлев аз роҳбарияти ҷумҳурӣ хоҳиш кард, ки бақои миллати тоҷик, давлатдории онро таъмин намоем, - гуфт раиси кумитаи иҷроияи вилояти Ленинобод

А.Хомидов. -Мо вазифадорем, ки барои муттаҳид гардидани миллат, ҳифзи давлатдорӣ тамоми чораҳоро бинем. Замони хоҳишу гапмаъқулкунӣ паси сар шуд. Ҳоло давраи тадбирҳои қатъӣ мебошад. Дар бораи мавқеи мо бисёр сухан ронда шуд, гуфт баъд А.Ҳомидов. Мавқеи мо равшан аст- ин мавқеи дастгирии ҳукумати қонунӣ, меҳнати пурсамар мебошад. Мо ба ноҳияҳои зарардидаи вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе ёрӣ мерасонем. А. Ҳомидов қайд кард, ки тамоми рӯзномаҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ аз маблағи буҷет таъмин мешаванд ва хаётро холисона инъикос мекунанд. Вай натиҷаҳои мулоқоти дар Тошканд барпошудаи роҳбарони давлатҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистонро ҳамаҷониба таҳлил кард.

Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аскар Ҳаким гуфт, ки роҳбарияти пешина сухани адибонро ба эътибор намегирифт. Нависандагон нисбати воқеаҳои имрӯза ҳеҷ гоҳ бетараф набуданд. Зимни ин дар ду сол ягон асари барҷастаи адабӣ эҷод нашуд. Қусури ин талафотро кӣ мебардорад? Кор ба ҷое рафта расид, ки Мирзо Турсунзодаи овозадор беасос зери танқид гирифта шуд.

Ғайр аз ин, одамоне пайдо шуданд, ки дар давоми фаъолияти журналистӣ сарват ҷамъ карданд ва метавонанд, ки хонаи арзишаш 1,5-2 миллионаро харанд. Журналист Додоҷон Атовуллоев аз ҳамин ҷумла аст. Аммо нависанда Саттор Турсун, ки чандин китобҳояш чоп шудаанд, маҷбур шуд, ки барои гузаронидани соли падараш чизҳои хонаашро фурӯшад.

Нотиқ хотирнишон сохт, ки «нависандагоне ҳам буданд, ки нуқтаи назарашонро зимни тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ дигар мекарданд. Баъд вай гуфт, ки адибон тайёранд, ки ба ҳукумат дар бобати ба халқ расондани ҳақиқати воқеаҳои рӯйдода ёрӣ расонанд» [8].

Раиси Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ А. Абдуллоҷонов, аз ҷумла гуфт: «Имрӯз ҷумҳурии мо шахсеро мемонад, ки пас аз касалии вазнин ва ниҳоят хавфнок сар аз бистари беморӣ бардоштааст. Аз вазъи имрӯзаи Тоҷикистон шумо ба хубӣ хабар доред. Дар ноҳияҳои алоҳида вазъият вазнин аст, маводи хӯрока, сӯзишворӣ, дорувор намерасад. Аммо ин рӯзҳо ҳам мегузаранд. Пас аз ба сари қудрат омадани ҳукумати конститутсионӣ аҳли ҷаҳон ба ҷумҳурии мо тамоман бо чашми дигар менигарад. Мо бояд тавре кор кунем, ки пагоҳ бо сари баланд ба чашми фарзандонамон нигарем, дар назди халқ, дар назди таърих шармандаву шармсор нагардем. Барои ҳар як инсон дар ҳаёт давраи имтиҳон фаро мерасад. Имрӯзҳо барои ҳар яки мо, ки халқ бовар карда амният, тинҷиву оромӣ ва осоиштагии худро ба мову шумо вобаста медонад, маҳз ҳамин давраи имтиҳон аст. Шояд пас аз давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон имрӯзҳо барои Тоҷикистон давраи аз ҳама ҳассоси таърихи ҷумҳурӣ бошад, ки мавқеи граждании хар як шахс, имону виҷдони ӯ, меҳру садоқати ӯ нисбат ба Ватан, ба халқи худ маълум мешавад. Ин имтиҳони таърих аст. Мо асло набояд фаромӯш кунем, ки манфиати Ватан оромию осоиштагии шахсии ҳар яки мо садҳо маротиба болотар ва афзалтар аст!

Пас аз танаффуси тӯлонӣ имрӯз ман бо як гурӯҳ соҳибкорон ва банкирҳои маъруфи америкоӣ мулоқот доштам. Онҳо ният доранд барои равнақи иқтисодиёти Тоҷикистон маблағ гузоранд. Миллионҳо долларе, ки инвесторҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти мо мегузоранд, боиси пайдоиши корхонахои ҳозиразамон ва ҷойҳои кории нав, баланд шудани сатҳи зиндагии мардум, ободиву зебогии шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон мегардад. Аллакай садҳо сиёсатмадорон, банкирҳо, тоҷирон, соҳибкорони мамлакатҳои хориҷӣ ният доранд бо мо ҳамкорӣ кунанд, вале пешрафти иқтисод маҳз ба тинҷӣ, ором шудани вазъи сиёсӣ зич вобаста аст.

Тоҷикистон аз ҷиҳати бойигариҳои табиии худ нодир мебошад. Танҳо чанд кони он метавонад тамоми халқро ба серӣ хӯронаду пӯшонад. Бояд мардуми мо дар сатҳи хаёти мардуми давалтҳои мутараққии дунё, аз қабили Амрикову Япония зиндагӣ кунад. Ин суханон асосҳои комили илмӣ доранд. Барои амалӣ гаштани ин ниятҳо ҳукумати Тоҷикистон як қатор нақшаву барномаҳо тартиб додаст».

**АДАБИЁТ**


1. Вазъи сиёсӣ ва иқтисодиро тезтар ба эътидол оварем // Садои мардум. – 1993, 12 январ.
2. Садои мардум. – 1993, 12 январ.
3. Ҷумҳурият. -1993, 12 янв.
4. Садои мардум. – 1993, 12 январ.
5. Ҷумҳурият. -1993, 12 янв.
6. Ҷумҳурият. -1993, 12 янв.
7. Садои мардум. – 1993, 12 январ.
8. Ҷумҳурият. -1993, 12 янв.

## ҶАЛАСАИ ТАҚДИРСОЗИ УМУМИҶУМҲУРИЯВӢ ВА НУТҚИ БАРНОМАВИИ САРВАРИ ДАВЛАТ

Дар давраи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ҳолатҳо ва рӯйдодҳое буданд, ки дар ба эътидол овардани авзои сиёсии кишвар нақши ҳалкунанда бозиданд. Яке аз чунин падидаҳо иҷлосияи умумиҷумҳуриявӣ буд, ки моҳи январи соли 1993 баргузор гардид. 9 январи соли 1993 дар шаҳри Душанбе, дар шароити буҳрони вазнини сиёсӣ ва иқтисодӣ, маҷлиси умумиҷумҳуриявӣ барпо гардид, ки дар он масъалаҳои ҳарчи зудтар ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии кишвар ошкоро баррасӣ шуданд. Дар кори маҷлис аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирон, роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, раисони комиҷроияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, ходимони намоёни илм, адабиёту санъат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳарбиён, коркунони масъули дастгоҳи Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирон, воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд. Дар мақола вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон, бахусус вилояти Хатлон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, кӯшиши роҳбарияти кишвар нисбати ба эътидол овардани вазъият дар мамлакат дар соли душвори 1993 ва роҳҳои баромадан аз буҳрон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо:** сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, вазъи сиёсӣ, ҳизби коммунист, пойтахт, Шӯрои Олӣ, созмон, ҳаракат, фарҳанг, барқарорсозӣ, вазорат, комиҷроия, муҳоҷират, ҲНИТ, демократия, буҳрон, ноҳияҳо, халъи силоҳ, ҷанг, эътидол, сарҳад.

## СУДЬБОНОСНОЕ ОБЩЕРЕСПУБЛИКАНСКОЕ ЗАСЕДАНИЕ И ПРОГРАММНАЯ РЕЧЬ ГЛАВЫ ГОСУДАРСТВА

В период гражданской войны 1992-1997 годов были случаи и события, которые сыграли решающую роль в деле урегулирования политической обстановки страны. Одним из таких явлений является общереспубликанское заседание, которое состоялось в январе 1993 года. 9 января 1993 года в городе Душанбе в очень тяжелых политических и экономических кризисных условиях состоялось общереспубликанское заседание, в котором решались задачи скорейшего урегулирования политической и экономической ситуации страны. В работе заседания приняли участие члены Президиума Верховного Совета и Совета Министров, руководители министерств и ведомств, общественных организаций, председатели областных, городских и районных испольнительных комитетов, деятели науки, литературы, искусства, органы защиты правопорядка, военные представители, ответственные работники аппарата Верховного Совета и Совета министров, средства массовой информации. В статье рассматривается общественно-политическое положение республики, в частности, положение в Хатлонской области во время гражданской войны в 1993 году. Анализируются проведенные и намечаемые мероприятия правительства страны по стабилизации обстановки в стране и выходу из глубокого политического кризиса.

**Ключевые слова:** мир, взаимопонимание, политическая ситуация, коммунистическая партия, столица, Верховный Совет, организация, движение, культура, исполком, восстановление, министерство, миграция, ПИВТ, демократия, кризис, район, разоружение, война, стабильность, граница.

## NATIONAL MEETING AND KEYNOTE SPEECH OF THE HEAD OF STATE

During the civil war of 1992-1997, there were cases and events that played a decisive role in resolving the country's political situation. One of such phenomena is the republic-wide meeting held in January 1993. On January 9, 1993, in the city of Dushanbe, in a very difficult political and economic crisis conditions, a nationwide meeting was held in which the tasks of resolving the country's political and economic situation as soon as possible were resolved. The meeting was attended by members of the Presidium of the Supreme Council and the Council of Ministers, heads of ministries and departments, public organizations, chairmen of regional, city and district executive committees, scientists, literature, art, law enforcement agencies, military representatives, senior officials of the Supreme Council and Council of Ministers, the media.The article describes the socio-political situation of, in particular, the situation in the Khatlon region of Tajikistan during a civil war in 1993 year. Analyses undertaken and activities of the Government to stabilize the situation in the country and the release of deep political crisis.

**Key words:** peace, understanding, the political situation, the Communist Party, the capital, the Supreme Council, organization, movement, culture, EXECOM, restoration, ministries, migration, ENERGY, democracy, crisis, disarmament, war, stability, border.

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Парвиз*** – Энергетический институт Таджикистана, соискатель. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67. **Телефон: 777-07-65-80; 93-588-99-22**

**Information about the author:** ***Mirzoyev Parviz*** **-** Energy Institute of Tajikistan, the applicant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, str. Aini, 67. Phone: **777-07-65-80; 93-588-99-22**

УДК: 327+32.001(575.3) (581)

# ФАРҲАНГ – САМТИ МЕҲВАРИИ РОБИТАИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОНУ АФҒОНИСТОН

*Аминов Ҳ.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон дар самти фарҳангу маориф таърихи садсолаҳоро дар бар гирифта, табодули афкори илмию маориф байни халқҳои Тоҷикистону Афғонистон ҳанӯз пеш аз барқарор шудани ин кишварҳо чун воҳиди томи сиёсию иқтисодӣ, чун давлатҳои мустақил дар харитаи сиёсии сайёра оғоз шуда буд. Асрҳои миёна ва замони нав номуайян будани сарҳадоти сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон ва ҳар замон тағйир ёфтани ҳудуди қаламрави ин кишварҳо наметавонист симои фарҳангӣ ва таркиботи забонии халқҳои маскуни ин минтақаро дигаргун намояд. Фарҳангу забони халқҳои маскуни ин кишварҳоро асосан табақаҳои васеи аҳолии ин манотиқ муаррифӣ мекарданд ва аз дигар шудани вазъи сиёсию низомӣ устуворию пойдории фарҳангии халқҳои маскуни ҳудуди онвақтаи Афғонистону Тоҷикистон халалдор намешуд.

Бояд қайд намуд, ки танҳо баъд аз ташкил ёфтани Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ сарҳадоти байни Тоҷикистону Афғонистон комилан баста шуд ва тӯли 50-60 соли ҷудоии фарҳангӣ, этникию забонӣ тағйиротҳои сифатан наве дар раванди такомули фарҳангии ин халқҳо ба амал омад [4,с.71].

Робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо Афғонистон дар замони Шуравӣ қатъ нашуда буд, балки равишҳо ва паҳноҳои хосси рушди худро дошт. Дар замони шӯравӣ робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Афғонистон ҳамчун ҷузъи таркибии ИҶШС маънидод гардида, асосан ҳамкориҳо дар соҳаи ҳунару фарҳанг ва санъат ба мартабаи баланд расида буданд. Ҳарчанд дар таҳкими робитаҳои замони Шӯравии Тоҷикистону Афғонистон, Россия нақши ҳалкунанда мебозид, аммо дар рушди иртиботи фарҳангии шӯравию афғон, хосса ҳамкориҳо дар бахши ҳунару фарҳанг устодону мутахассисони тоҷик, дар муқоиса бо дигар халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, саҳми бештаре доштанд. Солҳои мавҷудияти Ҷумҳурии Демократии Афғонистон (1978-1987), Ҷумҳурии Афғонистон (1973-1978, 1987-1992) гурӯҳи ҳунармандони Тоҷикистон дар вазорату идораҳои фарҳангии Афғонистон фаъолият мекарданд. Яке аз ин гурӯҳҳои ҳунариро ҳунарпешаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Азиза Азимова, балетмейстер (1982-1984) роҳбарӣ мекард. Ҳувияти забониву фарҳанг, расму оин, дину мазҳаб, пеш аз ҳама, ба истеҳкоми чунин ҳамкориҳо боис гардидааст [6,с.24].

Бояд тазаккур дод, ки баъд аз соли 1991, чуноне ки дар Тоҷикистон таҳаввулот рух дод, яъне бо барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ кишвари Тоҷикистон истиқлолият ба даст овард, ҳамзамон бо фурӯпошии Ҷамоҳири Шӯравӣ дар тамоми арсаҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва адабӣ дар ҷомеаи Афғонистон низ таҳаввулот ва дигаргуниҳое ба бор омаданд. Бо рӯ ба рӯ шудан бо ҷангҳои дохилӣ ва гурӯҳӣ, теъдоде аз мардуми Афғонистон кишварашонро тарк намуда, ба давлатҳои хориҷӣ муҳоҷир шуданд. Аз он ҷумла ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари ҳамфарҳанг, ҳамзабон ва ҳамсояи наздик ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошад, теъдоде аз ин гурезаҳои афғон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷир шудаанд. Аз ин муҳоҷиршудагон теъдоди зиёдаш аз ҳамон фарҳангиёни Афғонистон буданд, ки дар ҳамкорӣ бо рӯзноманигорони тоҷик даст ба табъ ва нашриёт заданд. Ин нашрияҳо дар баробари нашри ахбори гуногун аз Афғонистон ва Тоҷикистон ба масоили байналмилалӣ низ таваҷҷӯҳ доштанд. Яке аз чунин нашрияҳо "Ҳамбастагӣ" мебошад, ки бо дастгирии журналистони муҳоҷири Афғонистон дар шаҳри Душанбе бо хатти дарӣ ва бо забони тоҷикӣ эҷод гардида, нашрия ба Афғонистон, Тоҷикистон, Русия ва кишварҳои ҷаҳон қариб ки паҳн шуда буд [11,с.97]. Ин нашрия ба хотири огоҳ сохтани муҳоҷирони афғон дар Тоҷикистон матолиберо зери унвони " Тоҷикистон ва истиқлоли миллӣ" ба табъ расонидааст, ки дар он аз 10-солагии истиқлолияти давлатии тоҷикон сухан меравад. Баъди истиқлолияти кишвар рушди ҳамкориҳо ва муносибатҳои фарҳангии ин ду кишвари ҳамзабону ҳамҷавор ташаккул ва инкишоф ёфта, ба дараҷаи баланде расид. Қайд кардан бамаврид аст, ки истиқлолият тағйирот ва таҳаввулоти ҷиддиеро дар низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ба вуҷуд овард ва заминасози рушди босамари робитаҳои фарҳангии халқҳои ҳамҷавор гардид.

Истиқлолияти Афғонистон ва Тоҷикистон дар бунёд ва инкишофи робитаҳои фарҳангии ин ду кишвар марҳилаи наверо ба миён овард. Дар асоси қарордоди дуҷониба дар шаҳри Душанбе барои хонандагони афғон мактаб-литсейҳо ташкил гардида, тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олӣ миёни донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Афғонистон ва бозомӯзии мутахассисони соҳаҳои гуногун ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон, рушди нашриёҳо дар кишварҳои ҳамҷавор имконпазир гардид [5,с.34].

Муҳоҷирони афғон дар Тоҷикистон ҷамъулҷамъ 5 маҷалла, 6 моҳнома ва 3 ҳафтанома таъсис додаанд, ки дар шиносонидани воқеиёти фарҳангии ин ду кишвар нақши созанда доранд.

Маълумотҳои таърихӣ аз робитаҳои фарҳангии байни тоҷикони сарзамини Балх ва Бухоро гувоҳӣ медиҳанд. Агар Бухоро маркази илм ва фарҳанг маҳсуб мешуд, Балх маркази парвариши илму ирфон буд. Даҳҳо далелҳои таърихӣ исбот месозанд, ки маорифпарварони даризабони Афғонистон ба Бухоро омада таҳсил мекарданд ва баръакс аз Бухоро ва хонигариҳои дигари Осиёи Миёна ба Афғонистон, хусусан ба Балхи бостонӣ, ки ҳавзаи шуҳратёри илму адаб буд, раҳсипор мешуданд.

Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо Робияи Балхӣ -шоири боистеъдоди Балх ҳамаср будааст, ки миёни эшон мукотиботи адабӣ ва иртиботи эҷодӣ вуҷуд доштааст. Чунин робитаҳои ҳунарию фарҳангӣ миёни тоҷикони минтақаи Мовароуннаҳр ва даризабонҳои сокини Хуросони қадим маълум будааст. Ҳамчунин, маркази фармонравоии он замон Балх будааст, ки дар густариши робитаи фарҳангии байни минтақаҳои мухталифи Осиёи Миёна мақоми баланде доштааст [3,с.45].

Дар охири асрҳои XIX ва оғози асри XX дар як қатор кишварҳои Шарқ таҳаввулоти назаррасе ба миён омад, ки он дар ҳар кишвар ном ва мақсади хосси худро дошт. Масалан, дар Туркия танзимот ва дар Эрон ҷараёни машрутахоҳӣ ё равшангарой ном дошт. Дар Осиёи Миёна ин таҳаввулотро ба номи маорифпарварӣ ё таҷаддудхоҳӣ ёд мекунанд. Дар умум, ҳадафи тамоми таҳаввулотҳо тавассути равшангарой, маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ ислоҳи ҷомеа будааст. Ҳадафи асосии ин таҳаввулоти назаррас саводнокию соҳибмаърифати аҳли ҷомеа буд, ки ҳаракати маорифпарварӣ дар байни равшанфикрон дар Осиёи Миёна ба ҷараёни фарҳангӣ ва маърифатӣ дар охири қарни XIX таъсис ёфт. Ҷонибдорони ин ҳаракат бо дарки амиқи қафомонии кишвари худ ва касодии маънавии мардум, ба маърифат аз тариқи ислоҳоти макотибу мадраса ва таъсиси мактабҳои нав, матбуот ва бештар паҳн кардани адабиёти нав ва фароҳамсозии шароити мусоид ва рушди кишвар пардохтанд. Пойгоҳи намоёни ҳаракати ҷадидия дар Осиёи Миёна дар шаҳрҳои Бухоро, Тошкент, Самарқанд, Қӯқанд ва Урганҷ дар он вақт будааст [13,с.20].

Робитаҳои фарҳанги миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таърихи нисбатан тӯлонӣ дошта, аз ибтидои асри XX хусусияти расмӣ пайдо мекунад. Дар робитаҳои фарҳангии ин ду кишвари ҳамҷавор ду омил - якум, осори таърихию адабӣ, ки аслан ба як забон иншо шудааст ва дуюм, анъаноти садсолаҳо ташаккулёфта, ки бар заминаи умумияти мазҳабии ҳарду халқ муаррифӣ мегардад. Пайвандҳои таърихӣ ва инкишофи ҳамқисматонаи муштарак боиси он шудааст, ки халқҳои ду канори дарёи Ому бидуни монеаи забонию бе мушкилоти этногенӣ маскуни маҳалли якдигар шуда раванди инкишофи ҳамҷояи таърихӣ ва ҳамкисматиро пушти сар кардаанд [9,с.93].

Чуноне зикр шуд, дар ташаккул ва инкишофи равобити адабию фарҳангии тоҷикону афғонҳо, пеш аз ҳама, омилҳои ҳамҷаворӣ, ваҳдати забонӣ, расму оин, фарҳанг, дин, мазҳаб ва ҳувияти этникии муштарак мусоидат кардаанд. Маҳз ин омилҳо сабаби мустаҳакам шудани дӯстии халқҳо гашта, аз тарафи дигар, боиси таъсири мутақобилаи ҳунару санъати халқи тоҷик ва халқҳои Афғонистон шуд. Дар робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон матбуоти даврӣ нақши муҳим доштааст. Дар ин ҷода нашриёҳои “ Анис”, “Ватан”, “Озод Афғонистон”, “Парчам”, “Фонус” нақши бештар доранд. Маълум мегардад, ки робитаҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистону Афғонистон паҳлуҳои гуногунро фаро мегирад, ки миёни он ҳамкориҳои ҳунариву адабӣ ҷойгоҳи хосса доранд [1,с.96]. Дар соли 2007 ба асоси таҳкими равобити дӯстӣ ва ҳамкории фарҳангӣ бино ба даъвати мақомоти давлатии Тоҷикистон аз вилояти Балх як гурӯҳ ба Тоҷикистон, ба вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом доданд [10,с.64].

Моҳи майи соли 2011 байни вазири фарҳанги Тоҷикистон ва Афғонистон мулоқот гузаронида шуд. Вазирони ҳарду кишвар иброз намуданд, ки ҳамкориҳои фарҳангию ҳунарӣ миёни ин ду кишвар бо таваҷҷуҳ ба имконоту зарфиятҳои мавҷуда нокофист. Ба гуфтаи ҳарду вазир, дар панҷ соли охир муносибатҳои фарҳангӣ ва ҳунарӣ, сафарҳои ҳунармандони афғон ба Тоҷикистон ва ҳунармандони тоҷик ба Афғонистон то андозае афзудааст. Сайид Махдум Раҳин, вазири фарҳанг ва иттилооти Афғонистон, ки бо даъвати вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Душанбе ташриф оварда буд, рӯзи ҷумъа 13 май бо масъулони Пажӯҳишгоҳи ховаршиносӣ ва осори хаттии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон мулоқот карда, дар оғози сухан Махдум Раҳин иброз намуд, ки дар ду соли охир ҳамкориҳои фарҳангӣ ва ҳунарӣ, театр ва синамо, миёни Афғонистон ва Тоҷикистон рушд кардаанд. Аз гуфтаҳои вазири фарҳангӣ Афғонистон Саид Махдум Раҳим хулосае бармеояд, ки заминаҳои бисёр вуҷуд доранд, ки ин ду миллати бародар метавонанд ҳамкориҳои муштарак дошта бошанд [12,с.87]. Халқи тоҷик ва афғон дорои фарҳанг ва таърихи бой буда, дар масоили мусиқӣ, осорхонаҳо ва нусхаи хаттӣ арсаи фарохест, ки ин ду кишвар ҳамкориҳои бештар метавонд дошта бошанд.

Ба гуфтаи вазири фарҳанг ва иттилооти Афғонистон, дар даҳ соли охир мардуми Афғонистон машғули эҳёи ҳунарҳо ва муносибати хуби фарҳангие буданд, ки дар тӯли ҷанги тӯлонӣ хатарҳои зиёде дида буданд, аммо муносибатҳи фарҳангии ин ду кишвар канда нашуданд. Вале, ба гуфтаи ин масъули фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ҳанӯз бисёре аз бахшҳои фарҳангӣ ниёз ба беҳбудӣ доранд. Яке аз ҳадафҳои сафари Саид Махдум Раҳин, вазири фарҳанг ва иттилооти Афғонистон, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дастёбӣ дар заминаи таҳсили ҷавонони Афғонистон дар муассисаҳои ҳунарии Тоҷикистон буд. Саид Махдум Раҳин дар суханрониаш иброз намуд: “Муссаламан мо кӯшиш мекунем, ки мутаносибан бо фароҳам шудани имконот ҷавонони афғонро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар кишварҳои ҳамҷавор таълими мусиқии ҳирафӣ бидиҳем” [2,с.132].

Мирзошоҳрух Асрорӣ, вазири фарҳанги Тоҷикистон, таъкид намуд, ки Тоҷикистон низ тарафдори ҳамкориҳои бештаре бо Афғонистон мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон имкониятҳои хеле бузурге барои ҳамкориҳо вуҷуд доранд, вале, мутаассифона, то ҳол аз ҳамаи онҳо хуб истифода намебаранд. Ҳарду кишвари ҳамҷавор метавонанд дар арсаҳои мухталифи фарҳангӣ ва ҳунарӣ, аз ҷумла ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, табъ ва нашр, ҳифозати ҳуқуқӣ ва синамо ҳамкориҳои басо арзанде ба миён оваранд. Аён аст, ки дар солҳои охир аз бахшҳои фарҳангӣ ва ҳунарӣ, аз ҷумла театр, миёни Тоҷикистон ва Афғонистон ҳамкориҳои назаррасе ба миён омада, теъдоде аз ҷавонони донишҷӯ аз Афғонистон дар донишкадаҳо ва ҳунаристонҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, пеш аз ҳама, муносибатҳои дӯстии ҳарду кишвари ҳамҷавор буда, баргузории ҷашнвораҳои театрӣ ва синамо бо ширкати ҳунармандони тоҷику афғон дар даҳ соли охир рӯ ба инкишоф ниҳодааст [8,с.124]. Масъулони умури фарҳангии Афғонистон дар Тоҷикистон мегӯянд, филмҳое, ки бештари коргардонҳои тоҷик дар ду даҳаи охир нақш бозиданд бисёр ҳам ҷолиби диқат буда, аз ин рӯ, тамошочии афғон аз ҳунари синамои Тоҷикистон ошноии зиёде доштааст.

Яке аз кормандони фарҳангии Сафорати Афғонистон дар Тоҷикистон Шамсулҳақи Ориёнафар гуфт, ки филми “Дар орзӯи падар”, ки дар Телевизиюн намоиш дода шуд ва мардуми афғон онро хуб пазируфтаанд, мушоҳида мешавад, ки дар ҷараёни боздиди чаҳоррӯзаи Сайид Махдум Раҳин, вазири фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқоти вай бо масъулони фарҳангии Тоҷикистон каме аз мушкилоти мавҷуд дар ҳамкориҳои фарҳангии миёни ин ду кишвари ҳамҷавор, аз ҷумла табодули филмҳо, низ баррасӣ шавад [7,с.175]. Сайд Махдум Раҳин, ки бо даъвати Тоҷикистон ба шаҳри Душанбе омад, дар охирин рӯзи сафараш бо Мирзошоҳрух Асрорӣ вазири фарҳанги Тоҷикистон як санади ҳамкорӣ дар заминаҳои мухталиф, аз ҷумла таҳсили ҷавонони афғон дар ҳунаристонҳои Тоҷикистон ба имзо расонданд, ки бораи боз ҳам сайқал додани равобити фарҳангӣ миёни ин ду кишвар нақши боризе гузошт.

**АДАБИЁТ**


1. Абдулҳай О. Бозтоби равобити фарҳангии Тоҷикистон ва Афғонистон. Монография/ О. Абдулҳай.- Душанбе, 2011. - 96 с.

2. Гулмуродзода П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон. Монография/ П. Гулмуродзода. - Душанбе, 2006.- 132 с.
3. Ғубор М. М. Афғонистон дар масири таърих. Воситаи таълимӣ. - Кобул, 2003. -Ҷилди 1.
4. Ғоибов М. Таърихи равшангарии Афғонистон ва Тоҷикистон. Монография/ М. Ғоибов. -Душанбе: Ирфон 1989. -71 с.
5. Илоҳӣ Муҳаммад. Низоми матбуоти Афғонистон. Монография / М. Илоҳӣ. -Теҳрон, 2003.
6. Комгор Ҷамилурраҳмон. Таърихи маорифи Афғонистон. Монография/ Комгор. - Кобул, 2005.
7. Мирзоев Н. Робитаҳои Тоҷикистон ва Афғонистон. Монография/ Н. Мирзоев. -Душанбе, 2011. -175 с.
8. Мирзоев С. Адабиётшиносӣ. Монография/ С. Мирзоев //Садои Шарқ. -1979. - 124 с.
9. Мирзоев С. Андешаҳои маорифпарварӣ дар адабиёт. Монография/ С. Мирзоев. -Душанбе, 1993.
10. Набавӣ А. Нахустин рӯзномаи тоҷик ва фарҳанги рӯзноманигорӣ. Монография/ А. Набавӣ. -Душанбе, 2007. - 64 с.
11. Наҷиб Моли Ҳиравӣ. Таърих ва забон дар Афғонистон. Воситаи таълимӣ. -Теҳрон, 2003.
12. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар Афғонистон. Монография/ Ҳ. Назаров. –Душанбе, 2003.
13. Танин Зоҳир. Афғонистон дар қарни XX. Монография.- Теҳрон, 2005.
14. Танвир М. Таърихи рӯзноманигории Афғонистон. Монография. - Пешовар, 2000.

## ФАРҲАНГ – САМТИ МЕҲВАРИИ РОБИТАИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОНУ АФҒОНИСТОН

Дар мақола ҷиҳатҳои махсуси робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Афғонистон дар соҳаи фарҳанг, махсусан дар самти технологияҳои иттилоотӣ, маориф ва санъат нишон дода шудаанд. Таъкид шудааст, ки халқҳои ду кишвар мероси фарҳангии муштаракро дороянд ва робитаҳои фарҳангии ин ду кишвар анъанаи таърихӣ доранд. Мавҷуд будани забони умумӣ барои ҳамкории муфид ва самарабахш дар самтҳои гуногун мусоидат менамояд. Хосатан зикр мегардад, ки ин халқҳо муддати мадиде дар ҳудуди як мамлакат ва таҳти идораи ҳукмронҳои ягона зиндагӣ доштанд. Аз ин рӯ, ташаккули этногенези онҳо дар бисёр ҳолатҳо айният дорад. Ҳанӯз дар замони Аморати Бухоро шаҳри Бухоро ҳамчун маркази динию фарҳангӣ таваҷҷуҳи маорифпарварони Афғонистонро ҷалб мекард ва бисёре аз олимони илоҳиётшиноси Афғонистон дар мадраса ва дигар муассисаҳои таълимии Бухоро таҳсил доштанд. Ҳамзамон, Балх ва Ҳирот марказҳои фарҳангии асримиёнагии Афғонистон ҳамчун марказҳои адабӣ ва ирфонӣ маҳсуб мешуданд. Муаллиф чунин меҳисобад, ки робитаи дуҷонибаи фарҳангӣ байни Тоҷикистон ва Афғонистон солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба маҷрои нав ворид шуд. Ифтитоҳи мактаб-литсей барои мактаббачагони афғон дар Душанбе ва таҳсили донишҷӯён, магистрҳо, унвонҷӯён ва аспирантони афғон дар макотиби олии Тоҷикистон намунаи робитаи амалии байни Тоҷикистон ва Афғонистон дар соҳаи маориф мебошад. Муаллиф нақши боризи матбуотро дар инъикоси робитаҳои фарҳангии байни кишварҳо нишон дода, таваҷҷуҳро ба нашри муттасили маводҳо доир ба ҳамкории судманди фарҳангии Афғонистону Тоҷикистон ҷалб менамояд. Муаллиф таассуф дорад, ки новобаста ба имкониятҳои зиёди ҳамкориҳои дуҷонибаи ин ду кишвар, ҳоло ҳам бисёр соҳаҳое мавҷуданд, ки ҳамкории муштараку тарафайро интизоранд.

**Калидвожаҳо***:* фарҳанг, Афғонистон, Тоҷикистон, кишвар, ҳамкорӣ, минтақа, маориф.

## КУЛЬТУРА –СТЕРЖЕНЬ ДВУСТОРОННИХ ТАДЖИКСКО-АФГАНСКИХ ОТНОШЕНИЙ

В статье показаны особые характеристики двусторонних отношений Республики Таджикистан с Республикой Афганистан в области культуры, особенно в направлении информационных коммуникаций, образования и искусства. Подчеркивается, что народы двух стран имеют многовековое совместно нажитое культурное наследие и культурно-просветительские отношения, сложившиеся исторические традиции. Наличие общего языка способствует интенсивному, полезному и взаимовыгодному сотрудничеству в разных направлениях. Особо отмечается, что эти народы длительное время жили в едином государстве и под правлением единых правителей, поэтому процесс формирования этногенеза этих народов во многом совпадает. Еще во времена Бухарского эмирата Бухара, как религиозно-культурный центр, привлекала особое внимание просветителей Афганистана и многие ученые-теологи Афганистана обучались в бухарских медресе и других учебных заведениях. Одновременно Балх и Герат, средневековые культурные центры Афганистана, считались центрами деятельности литературных и мистических школ, и бухарцы, и подданые других среднеазиатских ханств часто посещали эти места. Автор считает, что двусторонние культурно-образовательные отношения между Таджикистаном и Афганистаном вошли в новое русло, особенно в годы государственной независимости Таджикистана. Открытие школы-лицея для афганских школьников в Душанбе и учёба афганских студентов, магистров, соискателей и аспирантов в вузах Таджикистана является примером активных взаимоотношений между Таджикистаном и Афганистаном в области просвещения. Автор указывает на весомую роль периодической печати в освещении двустороннего культурного сотрудничества между странами и акцентирует внимание на регулярные публикации материалов о взаимовыгодном сотрудничестве в области культуры между Афганистаном и Таджикистаном. Автор сожалеет, что несмотря на имеющиеся большие возможности в области взаимоотношений двух стран, еще имеется много необозримых отраслей, которые ждут совместного сотрудничества.

**Ключевые слова:** культура, Афганистан, Таджикистан, страна, взаимоотношения, регион, образование.

## CULTURE - THE STRUCTURE OF BILATERAL TAJIK-AFGHAN RELATIONS

The article shows the special characteristics of bilateral relations of the Republic of Tajikistan with the Republic of Afghanistan in the field of culture, especially in the direction of information communications, education and art. It is emphasized that the peoples of the two countries have a centuries-old jointly acquired cultural heritage and cultural and educational relations, established historical traditions. The presence of a common language promotes intensive, useful and

mutually beneficial cooperation in different directions. It is especially noted that these peoples lived for a long time in a single state and under the rule of single rulers, therefore the process of the formation of the ethnogenesis of these peoples is largely the same. Even at the time of the Bukhara emirate, Bukhara, as a religious and cultural center, attracted particular attention of the enlighteners of Afghanistan and many scholars and theologians of Afghanistan studied in Bukhara medres and other educational institutions. At the same time, Balkh and Herat, the medieval cultural centers of Afghanistan, were considered centers of activity of literary and mystical schools and Bukharians, and citizens of other Central Asian khanates often visited these places. The author believes that bilateral cultural and educational relations between Tajikistan and Afghanistan have entered a new direction, especially during the years of state independence of Tajikistan. The opening of a lyceum school for Afghan schoolchildren in Dushanbe and the study of Afghan students, masters, applicants and graduate students in universities in Tajikistan is an example of the active relationship between Tajikistan and Afghanistan in the field of education. The author points out the significant role of periodicals in covering bilateral cultural cooperation between countries and focuses on regular publications of materials on mutually beneficial cooperation in the field of culture between Afghanistan and Tajikistan. The author regrets that despite having great opportunities in the field of relations between the two countries, there are still many endless industries that are waiting for joint cooperation

**Key words:** cultural, regional, Republic, Tajikistan, Afghanistan, characteristics, educational.

**Сведения об авторе:** ***Аминов Химматулло Шамсуллоевич*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки. E-mail: **Aminov-ant.r@mail.ru.** Телефон. **988-38-84-09**

**Information about the author:** ***Aminov Khimmatullo Shamsulloevich*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Foreign Regional Studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue. E-mail: **Aminov-ant.r@mail.ru.** Phone: **988-38-84-09**

**УДК:930.85 + 297 (575.3)**

## САҲМИ ТОҶИКОН ДАР ИНКИШОФ ВА РУШДИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

***Қамаров А.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъд аз паҳн гаштани дини ислом дар сарзаминҳои форснишин, мардумони ин манотиқ таълимоти исломро омӯхта, аксарият ба ихтиёри худ ба он гаравиданд ва ҳаёти худро мутобиқи фармудаҳои Худову Паёмбараш (с) гардониданд ва боқӣ ҳам ба дину оини қаблиашон монданд. Дини ислом ба донишҷӯӣ ва донишандӯзӣ ташвиқ мекунад, зеро аввалин ояти аз Қуръони карим нозилшуда низ ба хондан роҳнамоӣ мекунад: *[Бихон ба номи Парвардгори худ, ки офарид]* [15].

Дар натиҷаи кушодашавии уфуқҳои донишандӯзӣ мардуми форсу тоҷик фаъолона дар ташкили тамаддуни исломӣ иштирок варзидаанд. Мутаҳҳарӣ дар ин бора овардааст: "Аз ибтидои давраи Ҳахоманишӣ, ки тамоми Эрони кунунӣ ба изофа қисматҳое аз кишварҳои ҳамсоя тахти фармон даромада, тақрибан ду ҳазору понсад сол мегузарад. Аз ин бисту панҷ қарн наздики чаҳордаҳ қарни онро мо бо ислом ба сар бурдаем ва ин дин дар матни зиндагии мо вориду ҷузъи зиндагии мо будааст. Бо одоби ин дин коми атфоли худро бардоштаем, бо одоби ин дин зиндагӣ кардаем, бо одоби ин дин Худои ягонаро парастидаем, бо одоби ин дин мурдаҳои худро ба хок супоридаем. Таърихи мо, адабиёти мо, сиёсати мо, қазовату додгустарии мо, фарҳангу тамаддуни мо, шууни иҷтимоии мо ва билохира ҳама чизи мо бо ин дин тавъам будааст. Низ ба эътирофи ҳамаи мутааллиин мо дар ин муддат хадамоти арзандаву фавқулода ва ғайри қобили тавсифи ба тамаддуни исломӣ намудаем ва дар тараққӣ ва таолии ин дин ва нашри он дар миёни соири мардуми ҷаҳон аз соири милали мусалмон, ҳатто худи аъроб бештар кӯшидаем. Ҳеҷ миллате ба андозаи мо дар нашру ишоа ва тарвиҷу таблиғи ин дин фаъолият надоштааст" [17].

Яке аз бузургтарин таърихнигорони ҷаҳони ислом Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун Абӯзайд Валиюддин (вафот 808ҳ.) маъруф ба Ибни Халдун дар китоби худ, ки бо номи "Таърихи Ибни Халдун" машҳур аст, бобе бо унвони "Фасле дар бораи он ки аксари парчамбардорони илм дар ислом аз Аҷам мебошанд" гузошта, чунин навиштааст: "Сарфи назар аз он ки арабҳо соҳиби шариат мебошанд, воқеияти аҷиб ин аст, ки парчамбардорони илм, чи улуми шаръӣ ва чи улуми ақлӣ дар миллати исломӣ аксаран аз Аҷам буда, ҷуз андаке араб мебошанд, ки онон ҳам агарчи дар насаб араб бошанд, дар забону устоддорӣ ва тарбият аҷам маҳсуб меёбанд. Сабаби ин дар он аст, ки миллати араб дар аввалҳо бо зиндагии одиву кӯчманчигӣ аз илму санъат дур буда, танҳо ҳукмҳои шариатӣ, ки фармудаҳову манъиёти Худо буданд, ба якдигар онро (шифоҳӣ) интиқол мекарданд ва маъхази он китобу суннат мебошад..." [14].

Мардуми форсу тоҷик дар робита ба тамаддуни исломӣ корнамоиҳои зиёде аз худ нишон додаанд, ки ин ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии форсу тоҷиконро бо мардуми араб хело зич гардонидааст. Ин равобит ҳанӯз аз даврони зиндагонии пайғамбар Муҳаммад (с) ҳусни оғоз гирифта буд. Чуноне ки маълум аст, яке аз ёрони Муҳаммад (с) бо номи Салмони Форсӣ шуҳрат дошта, шахсияти босаводу аҳли хату китобат буд [22]. Дар ҳадисе аз пайғамбар Муҳаммад (с) омадааст, ки дасташро дар пушти Салмони Форсӣ гузошта чунин гуфтанд: "Агар имон дар сурайё бошад, мардоне аз инҳо онро ба даст хоҳанд овард" [4]. Албатта, ин башорати Пайғамбар (с) аст, ки дар оянда абармардони таърих ба воя расиданд. Дар ин ҷо метавон чанде аз машҳуртарин донишмандони форсу тоҷикро зикр кард:

**Имом Абӯҳанифа**. Нуъмон ибни Собит машҳур бо лақаби Имоми Аъзам 5 сентябри соли 699 дар оилаи бозаргон дар шаҳри Куфа таваллуд шудааст. Ӯ фақеҳу муҳаддис буда, яке аз мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат мактаби фиқҳии ӯро пайрав мебошанд. Имоми Аъзам аз ҷумлаи мардумони форс-тоҷик мебошад, ки аҷдодаш қаблан сокини шаҳри Балх буда, бобояш дар замони халифагии Умар ибн Хаттоб ба ислом гаравидааст [3].

Абӯҳанифа дар шаҳри Куфа таълим гирифта, дар миёни устодҳояш саҳобаҳое аз Паёмбар (с) низ вуҷуд доштанд ва яке аз устодони машҳураш Ҳаммод ибни Абӯсулаймон мебошад, ки баъди маргаш Абӯҳанифа роҳи ӯро идома додааст. Ҳангоми 16 -солагӣ ҳамроҳи падараш ба ҳаҷ меравад ва оромгоҳи Паёмбар (с)-ро дар шаҳри Мадина зиёрат намуда, бо яке аз ёрони Паёмбар (с) Абдуллоҳ ибни Ҳорис мулоқот кардааст.

Соли 747-748 Абӯҳанифа аз дасти волии Куфа Ибн Хубайр, ки мехост ӯро мансабдори давлатӣ кунад, баромада, ба шаҳри Макка рафт ва ҳангоми ба сари қудрат омадани Аббосиҳо ӯ ба Куфа баргашта, ҳаёти худро бо илму тиҷорат сипарӣ мекард. Дар ҳамин ҳол буд, ки халифа Мансур ба ӯ вазифаи қозигиро пешниҳод намуд, аммо Абӯҳанифа инро қабул накард, ки дар натиҷа ӯро зиндонӣ намуданд ва 18 июни соли 767 дар он аз дунё даргузашт.

Имом Абӯҳанифа шогирдони зиёде тарбият кардааст, ки машҳуртарини онҳо Абуюсуф, Муҳаммади Шайбонӣ, Зуфар ибни Ҳузайл ва Ибни Муборак мебошанд [26].

Осори Абӯҳанифа аз "Фиқҳи акбар", "Фиқҳи абсат" ва "Муснади Абӯҳанифа" иборат мебошад, ки дар китоби аввал масоили имонию эътиқодӣ, дар китоби дувум масоили ҳукмҳову қонунҳои ибодатӣ баррасӣ шуда, дар китоби савум ҳадисҳои ривояткардаи Имоми Аъзам ҷамъоварӣ шудаанд.

Соли 2009-ро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли Имоми Аъзам эълон карда буд ва бахшида ба ин конференсияи бузурге бо иштироки руҳониёну донишмандони машҳури олами ислом дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

**Имом Табарӣ**. Абӯҷаъфар Муҳаммад Ибни Ҷарири ибни Язид ибни Холиди Табарӣ - таърихнигор ва тафсирнависи исломӣ аз аҳли форс буда, пешвое аз пешвоёни аҳли суннат мебошад. Ба қавли ибни Надим, алломаву имом ва фақеҳи замони хеш буда, дар соли 224ҳ. мувофиқ ба соли 839м. дар Омул ба дунё омадааст [13].

Дар ҳафтсолагӣ ҳофизи Қуръон гашта, дар ҳаштсолагӣ имом маҳсуб меёфт. Дар синни 12-солагӣ ба қасди талаби илм ба Шому Миср сафар карда, илми ҳадис ва фиқҳро аз донишмандони фозиле, мисли Муҳаммад ибни Ҳумайди Розӣ, Абӯҷурайҷ, Рабиъ ибни Сулайнмон, Ҳасан ибни Муҳаммади Заъфаронӣ ва дигарон омӯхтааст. Инчунин, ӯ дар илми Қуръон, наҳв, шеър, забон, фиқҳ мутахассис буда, қобилияти зиёди ҳифз карданро доро будааст. Ӯ соли 923 дар Бағдод вафот намудааст.

Осори Имом Табарӣ "Таърихи паёмбарон ва подшоҳон", "Тафсири Қуръон", "Таҳзиб-ул-осор", ки нотамом мондааст ва дигар таълифоти фиқҳӣ мебошад [11.ҷ.11.с.166]. Бояд гуфт, ки Имом Табарӣ аввалин шуда, тафсири Қуръонро нигоштааст.

**Имом Бухорӣ**. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ал-Ҷуфӣ ал-Бухорӣ аз аҳли Бухоро буда, соли 194-и ҳиҷрии қамарӣ мувофиқ бо соли 810-и мелодӣ дар шаҳри Бухоро, ки ҳоло дар Ӯзбекистон ҷойгир аст, ба дунё омадааст. Падараш Исмоил дар даврони кӯдакии Муҳаммад даргузашта, модараш ӯро тарбия кардааст.

Вай аз хурдсолӣ ба шунидан ва таълими ҳадис рӯй оварда, дар соли 205-и ҳиҷрии қамарӣ ҳангоми ба синни ёздаҳсолагӣ расиданаш, шурӯъ ба фарогирии ҳадис аз уламои шаҳри худ намуд. Баъд аз он дар соли 210-и ҳиҷрӣ бо модару бародараш ба ҳаҷ рафта, модару бародараш аз Макка бармегарданд, аммо ӯ ҷиҳати таҳсили илми ҳадис муддати замоне дар Маккаи мукаррама боқӣ монд ва сипас бо ҳамин мақсад ба аксари шаҳрҳои машҳури он вақт, аз қабили Хуросон, Шом, Миср ва шаҳрҳои Ироқ мусофират намуда,

чандин маротиба ба Бағдод рафтуомад намудааст. Билохира ба зодгоҳи худ – шаҳри Бухоро баргашта, соли 256-и ҳиҷрӣ аз дунё даргузашт [7,с.12].

Дар замони Имом Бухорӣ масъалаи халқ (офарида) будани Қуръон ё набудани он бисёр матраҳ мегашт. Имом дар ин масъала бар он бовар буд, ки Қуръон махлуқ набуда, садои қориён махлуқ мебошад, аммо нафароне мисли Муҳаммад ибни Яҳёи Зуҳлӣ ӯро нодуруст фаҳмида, бо ӯ зиддият менамуданд. Бояд гуфт, ки Имом Бухорӣ борҳо қурбонии фитнаҳо мегардид ва ба ин сабаб чаҳор маротиба ӯро аз зодгоҳаш – шаҳри Бухоро берун рондаанд. Охиронаш ин буд, ки Амири Бухоро ӯро талаб намуд, то фарзандонашро таълим диҳад, аммо Имом Бухорӣ инро рад намуд, ки дар натиҷа ӯро аз шаҳр берун карданд ва ин хабар ба мардуми шаҳри Самарқанд расида, аз ӯ даъват намуданд, то ба Самарқанд ташриф оварад. Дар роҳ хабар омад, ки мардуми Самарқанд байни худ ихтилоф карда, ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд, яъне тарафдорони Имом ва мухолифонаш. Аз ин сабаб ӯ ба назди ақрабои худ, ки дар шаҳри Хартанг (Ҳаҷободи имрӯза) буданд, рафта, дар манзили Абӯмансур Ғолиб ибни Ҷабраил қарор гирифт. Вале, мутаассифона, ӯро дар ин ҷо ҳам ором нагузошта, фиристодае аз назди амир омад ва берун шудани ӯро аз ин ҷо ҳам эълон намуд. Абдулқуддус ибн Абдулҷаббори Самарқандӣ зикр кардааст, ки чун Имом ба Хартанг омад, шабе баъди адои намози шабона шунидам, ки чунин мегуфт: “Борхудоё ҳамоно замин бо тамоми паҳноияш бароям танг шудааст, пас маро ба сӯят бозбигир!”. Ҳамин тавр моҳе нагузашта буд, ки аз олам даргузашт [6,ч.12.с.463-467].

Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ дар соли 256 ҳ мусодиф бо 870 м дар синни 60 ё 62-солагӣ вафот кардааст.

Муҳаммад ибни Маккии Ҷурҷонӣ мегӯяд, ки аз Абдулвоҳид ибни Одами Тавовисӣ шунида, ки чунин гуфтааст: “Паёмбар (дуруду саломи Худо бар ӯ бод)-ро ҳамроҳи гурӯҳе аз ёронашон дар хоб дидам, ки дар ҷое истодаанд. Ба ӯ салом додам, ҷавоби саломамро дод. Пурсидам: Чаро инҷоед эй фиристодаи Худо? Гуфтанд: Муҳаммад ибни Исмоили Бухориро интизорам. Пас аз айёме хабари марги ӯро шунида, диққат намуда дарёфтам, ки маргаш дар соати хоби дидаам будааст” [6,ч.12.с.568].

Донишмандони барҷастаи олами ислом бо ёд кардани Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ дар борааш чунин гуфтаанд:

Имом Аҳмад ибни Ҳанбал: “Хуросон мисли ӯро ба воя нарасондааст”.

Алӣ ибни Мадинӣ: “Бухорӣ мисли худро надидааст”.

Абӯбакр ибни Абӯшайба: “Мисли ӯ касеро надидаем”.

Алӣ ибни Ҳуҷр: “Касеро намедонам, ки мисли ӯ бошад”.

Аҳмад ибни Ҳамдони Қассор: “Муслим ибни Ҳаҷҷоҷро дидам, ки назди Бухорӣ омада, миёни чашмонашро бӯса кард ва гуфт: иҷозат фармо, то пойҳоятро бӯса кунам, эй устоди устодон, пешвои муҳаддисон ва табиби ҳадису нуқсоноти он. Сипас дар бораи ҳадиси каффораи маҷлис ва иллати он суол кард ва чун аз он фориғ гашт, чунин фармуд: Туро ба ҷуз шахси ҳасуд бад намебинад ва шаҳодат медиҳам, ки дар дунё касе мисли ту нест” [11,ч.11.с.31-32].

Абӯқурайши Ҳофиз мегӯяд, ки Муҳаммад ибни Башшорро шунидааст, ки чунин фармудааст: “Ҳофизони дунё чаҳор нафаранд: Абӯзуръа дар Рай, Муслим дар Нишопур, Доримӣ дар Самарқанд ва Муҳаммад ибни Исмоил дар Бухоро” [6,ч.12.с.564].

Имом Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ таълифоти зиёде дорад ва машҳуртарини онҳо “ал-Ҷомиъ ас-саҳиҳ” мебошад, ки бо номи “Саҳеҳи Бухорӣ” машҳур гашта, бо иттифоқи тамоми донишмандони исломӣ китоби мазкур баъд аз Қуръони карим дуюмин китоб маҳсуб ёфтааст.

Имом Бухорӣ ин китобро дар тӯли 16 сол ва аз байни 600 ҳазор ҳадис интихоб ва таълиф намудааст. Худи Имом Бухорӣ чунин гуфтааст: “Китоби ҷомеи худро дар Масҷид-ал-ҳаром таълиф намуда, ҳар ҳадисеро, ки мехостам, дар он сабт намоям, ду ракъат намоз адо намуда, аз Худованди мутаол истихора мекардам ва баъд аз яқин кардан ба саҳеҳ буданаш онро менавиштам” [23,ч.2.с.9].

Китоби “Саҳеҳи Бухорӣ” ба қавли донишмандон бо мукаррарот дорои 7275 ҳадис буда, бидуни такрор аз 4000 ҳадис иборат мебошад [24]

**Имом Муслим.** Абулҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ ибни Муслим ибни Вард ибни Кушози Қушайрии Нишопурӣ, муҳаддиси маъруф ва нависандаи китоби муҳимми ҳадисии "ал-Ҷомеъ-ус-саҳеҳ" маъруф ба “Саҳеҳи Муслим” мебошад.

Бино ба қавли машҳур ва саҳеҳтар, Муслим дар соли 204 ҳ.қ. мувофиқ ба соли 820 м. дар Нишопур таваллуд шуда, дар хонаводаи зиёӣ тарбият ёфтааст. Аз падараш ба унвони яке аз машоихи ҳадисӣ ёд мешавад ва ба хотири ҳамин падараш ӯро барои омӯзиши улуми

исломӣ ташвиқ намудааст. Муслим дар синни 12 -солагӣ таҳсили илмро дар ватани худ оғоз намуд, сипас барои комил кардани дониши худ сафарҳои илмиашро оғоз кард. Муслим барои бештар касб кардани илми ҳадис монанди дигар муҳаддисон ба шаҳрҳои мухталифе, ҳамчун Макка, Мадина, Куфа, Басра, Балх, Миср, Шом, Ҳиҷоз, Ироқ, Бағдод ва Рай сафар карда, аз муҳаддисони бузург дарс омӯхтааст. Бештарин ва охирин сафари Муслим ба шаҳри Бағдод будааст.

Мусофиратҳои Муслим ду хел будааст:

1. Сафарҳое, ки барои таҳсил ва омӯзиши ҳадис ва шинохти асноди ровиён анҷом додааст.

2. Сафарҳое, ки барои таълим ва интишори ҳадис дар байни мардум кардааст.

Ишқу алоқаи Муслим ба ин кор чунон буд, ки ба ҷуз як бор, ки барои адои фаризаи ҳаҷ раҳсипори Макка шуд, дигар мусофиратҳои ӯ ба хотири таҳсил ё таълими улуми ҳадис анҷом гирифт [23,ҷ.13.с.101].

Дар бораи мазҳаби фиқҳии Муслим ихтилоф аст. Ибни Қайим ӯро ҳанбалӣ медонад, чунонки Ибни Абияъло низ ӯро ҳанбалӣ донистааст. [19,ҷ.1.с.338]. Баъзе ӯро ба унвони асҳоб ва шогирди Аҳмад ибни Ҳанбал ва баъзе низ ӯро моликимазҳаб донистаанд.

Муслим аз назари мазҳаби каломӣ аҳли ҳадис аст. Чун ӯ дар ин замина аз устодҳое ҳамчун Бухорӣ, Ибни Ҳанбал ва Ибни Роҳуя баҳра бурдааст. Муслим зимни эътиқод ба мақоми болои Худованд монанди Бухорӣ ба халқи Қуръон бовар надорад, балки садои қориёнро махлуқ медонад [11,ҷ.11.с.41].

Муслим илова бар китоби "Саҳеҳаш" дорои китобҳои дигаре низ ҳаст, ки баъзе аз онҳо вуҷуд доранд ва баъзе аз байн рафтаанд. Дар муқаддимаи "Саҳеҳ" номи 36 китоби ӯ оварда шуда, ки аз байни он китобҳо метавон ба инҳо ишора кард:

1. Китоби "ал- Асомӣ ва-ал- куня".
2. Китоби "Асмо-ар-риҷол".
3. Китоби "ал- Тамйир".
4. Китоби "ал- Табақот".
5. Китоби "Табақот-ат-тобиъин".
6. Китоби "ал- Муҳазрамин".

"Саҳеҳи Муслим" дуюмин китоби муътабари ҳадисии аҳли суннат пас аз "Саҳеҳи Бухорӣ" аст, ки онҳоро саҳеҳтарин китоб пас аз Қуръон мешиносанд. Ҳарчанд гурӯҳе "Саҳеҳи Муслим"-ро бар "Саҳеҳи Бухорӣ" бартарӣ додаанд.

"Саҳеҳи Муслим" дорои 7275 ривоят аст, ки бо ҳазфи такрориҳо 3033 ривоят мешавад. Муслим китоби худро бар асоси дархости яке аз бузургони ҳадис ва низ бо ҳадафи сомондеҳӣ ба китобҳои ҳадисӣ, ки аҳодиси саҳеҳро ҷудо накардаанд, навишт.

Мегӯянд ӯ 15 соли умрашро барои навиштан ва тадвини он сарф кард [17,ҷ.1.с.168]. Ҳусайн ибни Муҳаммади Мосарҷӣ мегӯяд: "Аз падарам ва ӯ аз Муслим шунид, ки мегуфт: "Ман ин муснади саҳеҳро аз байни 300 ҳазор ривояти шунидашуда гирдоварӣ кардам" [23,ҷ.13.с.101].

Барои ин китоби ҳадисӣ шарҳҳое навиштаанд, ки мо ба муҳимтарини онҳо ишора мекунем:

1. "Ал-Минҳоҷ фи шарҳи Саҳеҳ Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ" навиштаи Яҳё ибни Шарафуддини Нававӣ (соли вафот. 676 ё 677).

Ба гуфтаи ҳадиспажӯҳони аҳли суннат шарҳи Нававӣ муътабартарин шарҳ бар "Саҳеҳи Муслим" аст. Ин шарҳ 18 ҷилд бар 9 ҷилд мунташир шудааст.

2. "Икмол-ул-Муаллим", аз Муҳаммад ибни Халифаи Растони Убай ва шарҳи он мукаммили "Икмол-ул-камол", аз Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Юсуфи Сунунӣ Ҳусайнӣ "Икмол-ул-Муаллим" шарҳе аст, ки Қозӣ Аёз (м. 544) бар "Саҳеҳи Муслим" навиштааст, аммо ба дасти мо нарасидааст. Дар ҳақиқат ин китоб шарҳҳои Қозӣ Аёз, Убай ва Санусӣ бар "Саҳеҳи Муслим" аст, ки дар 9 ҷилд мунташир шудааст.

3. "Ад-Дибоҷ ало Саҳеҳ Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ" аз Ҷалолуддини Суютӣ (соли вафот 911) ва ин шарҳ дар 9 ҷилд мунташир шудааст. Абдураҳмон Абӯбакр Ҷалолуддин Суютӣ аз муҳаддисони сермаҳсул ва дорои осори зиёди аҳли суннат аст, ки дар соли 849 ҳ. қ. дар Мағриб мутаваллид шудааст.

Аз дидгоҳи аҳли суннат "Саҳеҳи Муслим" арзиши бисёр зиёд дорад. Дар воқеъ дуюмин китоби саҳеҳ баъд аз Қуръон мебошад.

Нававӣ дар тамҷид аз "Саҳеҳи Муслим" чунин овардааст: "Ҳар кас бо диққат дар "Саҳеҳи Муслим" нигоҳ кунад, аснод, тартиб, ҳусни чиниш, шеваи бадеъ, таҳқиқоти арзишманд, диққатҳои зариф, вараъ, эҳтиёт дар нақли ривоёт, талхис, ихтисори турук,

забти ривоёт ва туруқи пароканда дар китоби ӯро маврди таваҷҷуҳ қарор диҳад ва иттилооти зиёди ӯ дар заминаи дониши ривоӣ ва дигар хубиҳои ӯро дар назар оварад, мефаҳмад, ки Муслим пешвое аст, ки ҳеҷ кас пас аз ӯ ба пояш нахоҳад расид ва камтар касе аз ҳамасронаш монанди ӯ ба ҳисоб меоянд, ё ба мақоми илмии ӯ наздик шудаанд ва монанди китоби "Саҳеҳи Муслим" пеш ва пас аз он навишта нашудааст" [20,ч.1.с.11].

Ҳофиз ибни Манда мегӯяд: "Аз Абӯалӣ Нишопурӣ шунидам, ки мегуфт: Зери сақфи осмон китобе саҳеҳтар аз китоби Муслим нест" [6,ч.2.с.589].

Заҳабӣ мегӯяд: «Саҳеҳи Муслим" китобест нафис ва дар мавзӯи худ комил ва вақте ҳофизон онро диданд аз он дар тааҷҷуб монданд» [6,ч.12.с.569].

Ба хотири имтиёзҳое, ки барои "Саҳеҳи Муслим" аз назари ҳусни тартиб ва забт ва эҳтимом ба ихтилофи алфоз ва мутуни ривоёт қоил шудаанд, баъзе онро ҳатто бар "Саҳеҳи Бухорӣ" бартарӣ додаанд.

Муслим дар моҳи раҷаби соли 261 ҳ.қ. дар синни 55-солагӣ дар ватани худ -шаҳри Нишопур вафот намуд ва дар ҳамон ҷо дафн шуд [20,ч.1.с.11] Рӯҳаш шод бод.

**Абӯмуҳаммади Самарқандии Доримӣ.** Номи пуррааш Абдуллоҳ ибн Абдурраҳмон ибни Фазл ибн Баҳром ибни Абдусамад Абӯмуҳаммади Самарқандии Доримӣ аз бани Дорам ибни Молик ибни Ҳанзалаи Қушайрӣ ибни Зайд Мунот ибн Тамим мебошад. Ӯ соли 181ҳ. мувофиқ бо соли 797м. дар Самарқанд ба дунё омада, аз ҷумлаи ҳадисшиносоне мебошад, ки дар ҳифзу ҷамъ кардани ҳадис ҳамчун мутахассиси боэътимод, содиқ, худотарс ва зоҳид шинохта шудааст [23,ч.11.с.209] ва таърихнигорон дар бораащ навиштаанд, ки ӯ бағоят оқилу диндор будааст, ки ҳатто дар ҳилму дироят, ҳифзу ибодат ва зуҳд масал зада мешудааст [10,ч.29.с.314].

Абӯмуҳаммади Доримӣ дар марказҳои гуногуни ҳадисшиносии манотиқи исломӣ, мисли Хуросон, Шом, Ироқ, Миср, Ҳиҷоз ва ғайра таълим гирифта, назди садҳо донишмандон зонуи таламмуз задааст. Ӯ инчунин аз Назр ибни Шомӣ, Ваҳб ибни Ҷарир, Абӯнуайми Исфаҳонӣ ва дигарон ҳадис ривоят кардааст.

Муаллифи "Таърихи Бағдод" нигоштааст, ки ӯ фарде буд, ки дар Самарқанд аз ӯ талаб намуданд, то мансаби қозигиро ба дӯш гирад, аммо Имом онро қабул накард ва султони шаҳр дар ин амри хеш пофишорӣ карда, ӯро вазифадор намуд. Ҳамин тавр ӯ ҳамагӣ дар як қазия ҳукм карда, бо иҷозати султон аз ин масъулият даст кашид [23,ч.11.с.209].

Абӯмуҳаммади Доримӣ ҳамчун ҳадиснигор ва тафсирнигор шинохта шуда, "Муснад", "Тафсир" ва "Ҷомеъ"-ро пас аз худ ба мерос гузошт. Ӯ донишмандони зиёдеро таълим додааст, ки машҳуртарини онҳо Имом Муслим, Имом Тирмизӣ, Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Ҳанбал [23,ч.11.с.209] ва дигарон мебошанд [12,ч.12.с.92].

"Муснад"-и Имом Доримӣ дар илми ҳадис бо номи "Сунани Доримӣ" машҳур гардида, аз лиҳози мавзӯъ аз 1480 боб иборат мебошад, ки тақрибан 3550 ҳадисро дар бар мегирад. Имом ин ҳадисҳоро аз 191 шайх ривоят намудааст. Албатта, шумораи устодони Имом Доримӣ аз ин адад бартар аст, аммо ҳамаи онҳо дар ин муснад зикр наёфтаанд. Тибқи илми ҳадисшиносӣ на ҳамаи ҳадисҳои "Сунани Доримӣ" саҳеҳ ва хуб ҳастанд, миёни онҳо хабарҳои заиф низ вуҷуд доранд [5,ч.1.с.576].

Имом Абӯмуҳаммади Доримӣ соли 255ҳ. мусодиф бо 869м. баъди асри рӯзи панҷшанбе дар синни 75-солагӣ вафот карда, дар рӯзи ҷумъа ба хок супурда шудааст [23,ч.11.с.209].

Донишмандон дар бораи Имом Доримӣ чунин ибрози андеша намудаанд:

Раҷо ибни Марҷо мегӯяд: "Ибни Ҳанбал, Исҳоқ, Ибни Мадинӣ ва Шозкуниро дидаам, аммо ҳофизтар аз Абдуллоҳро надидаам".

Муҳаммад ибни Абдуллоҳи ибни Мубораки Махрамӣ ҳангоми дар шаҳри Бағдод буданаш чунин гуфтааст: Эй аҳли Хуросон, то замоне, ки миёни шумо Абдуллоҳ Ибни Абдурраҳмон ҳаст, бо ғайри ӯ машғул нашавед"!

Абӯсаиди Ашаҷ гуфтааст: "Абдуллоҳ Ибни Абдурраҳмон имоми мост" [23,ч.11.с.209].

**Абӯисои Тирмизӣ.** Номи пурраи ӯ Абӯисо Муҳаммад ибни Исо ибни Сура ибни Мӯсо ибни Заҳҳоки Суламии Тирмизӣ буда, соли 209ҳ.қ. мувофиқ ба соли 824м. дар Термиз, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистони имрӯза қарор дорад, чашм ба олам кушодааст.

Ӯ ҳофизи машҳур, яке аз имомоне мебошад, ки дар илми ҳадис лоиқи пайравӣ буда, китоби "ал-Ҷомеъ" ва "ал-Илал"-ро моҳирона тасниф намудааст, ки дар маҳорат масал зада мешуд. Имом Тирмизӣ аз ҷумлаи шогирдони Муҳаммад Исмоили Бухорӣ ба ҳисоб

рафта, ӯро бо чанде аз устодонаш ҳамроҳӣ намудааст. Мисли: Қутайба ибни Саид, Алӣ ибни Ҳаҷар, Ибни Башшор ва дигарон [1,ҷ.3.с.328].

Имом Тирмизӣ барои таълим гирифтани илми ҳадис ба Ҳиҷоз, Басра, Куфа, Бағдод, Рай ва Хуросон мусофират карда, назди Муҳаммад ибни Яҳё ибни Абӯумари Аданӣ, Муҳаммад ибни Башшор, Абӯкурайб, ибни Мунзир, Абӯзуръаи Розӣ, Ибни Яҳёи Нишопурӣ ва бисёре аз дигарон зонуи таламмуз задааст [8,ҷ.1.с. 98].

Муаллифи китоби "Таърихи Бухоро" нигоштааст, ки Муҳаммад ибни Исо вориди шаҳри Бухоро гашта, дар он ҳадис гуфтааст ва ӯ соҳиби китоби "ал-Ҷомеъ" ва "ат-Таърих" мебошад [11,ҷ.14.с.649]. Инчунин, аз шаҳри Самарқанд низ дидан намуда, дар он ҷо китоби "ал-Илал"-ро таълиф кардааст [11,ҷ.14.с.649].

Бояд гуфт, ки таърихнигорон дар бораи Имом Тирмизӣ нигоштаанд, ки ӯ модарзод нобино будааст [1,ҷ.3.с.328], аммо донишмандони дигаре бар ин эътиқоданд, ки ӯ дар куҳансолӣ, баъди сафарҳои илмӣ ва таълифоташ ба мусибати нобиноӣ гирифтор шудааст. [6,ҷ.13.с.270].

То замони Имом Тирмизӣ донишмандон ҳадисҳоро асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мекарданд: "саҳеҳ" яъне дуруст ва "заиф" яъне суст; аммо бо ворид шудани Имом ба илми ҳадисшиносӣ ва омӯзиши он ӯ аввалин шуда, мафҳуми ҳадиси "ҳасан" (ҳадиси хуб) ва "ғариб" (ҳадисҳое, ки аз ҷониби ғайри саҳобагони паёмбар Муҳаммад (с) ривоят шудааст)-ро ба миён овард. Имом Тирмизӣ аз зумраи донишмандони муътамад буда, моҳи раҷаби соли 279ҳ.қ. мувофиқ бо 892м. дар Термиз аз дунё даргузаштааст [14,ҷ.9.с.387].

Донишмандон дар бораи Имом Тирмизӣ чунин гуфтаанд:

Имом Бухорӣ: "Ҳангоми дарсомӯзӣ ман аз суҳбатҳои ту зиёдтар фоида гирифтаам нисбат ба ту аз худам". Мусо ибн Алак: "Вақте ки Имом Бухорӣ вафот кард, пас аз худ дар Хуросон касеро нагузошт, ки бо Абӯисои Тирмизӣ дар донишу ҳофиза ва зуҳду парҳезгорӣ баробар шавад." Ҳаким Абӯаҳмад: "Замоне ки Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ вафот ёфт, ман дар Хуросон зиндагӣ мекардам. Пас аз ӯ дар илм ҳеҷ пояе намонда буд, магар Абӯисои Тирмизӣ. Имом Тирмизӣ ашки зиёде резонд, ки дар натиҷа ба нобиноӣ гирифтор шуда, ҳамин тавр солҳои зиёде зиндагӣ кард".

Осори Абӯисои Тирмизӣ ба 151 китоб мерасад, ки машҳуртарини онҳо "ал-Ҷомеъ", "Шамоили Муҳаммадия", "ал-Илал" ва "ат-Таърих" мебошанд.

Муҳимтарин корномаи Имом Тирмизӣ ин "ал-Ҷомеъ"-и ӯ мебошад, ки зери унвони "Сунани Тирмизӣ" машҳур гашта, яке аз китобҳои шашгонаи ҳадисии "Кутуб ас-ситта" дониста шудааст. "Сунани Тирмизӣ" мувофиқ ба мавзӯъҳои муайянгардида 3962 ҳадисро дар бар гирифта, ҳамаи он ба "саҳеҳ", "ҳасан" ва "заиф" табақабандӣ намуда, сабабҳои онро низ зикр кардааст. Инчунин, ӯ дар бораи ровиён низ маълумот додааст [2,с.719].

Имом Тирмизӣ дар шаъни китоби хеш чунин гуфтааст: "Ин муснади саҳеҳро тасниф карда, ба донишмандони Ҳиҷоз, Ироқ ва Хуросон пешниҳод кардам, ҳамагӣ аз он розӣ гардиданд ва ҳар касе, ки дар хонааш ин китобро дошта бошад, гӯё паёмбаре дар хонааш гап мезанад" [11,ҷ.14.с.648].

Донишмандон ба "Сунани Тирмизӣ" шарҳҳои зиёде навиштаанд ва маъруфтарини онҳо китобҳои зерин мебошанд:

1. "Туҳфа ал-аҳвазӣ бишарҳи ҷомеи ат-Тирмизӣ"-и Муборакфурӣ.
2. "ал-Урф аш-шиззӣ шарҳу Сунан ат-Тирмизӣ"-и Муҳаммад Анваршоҳ ибни Муаззамшоҳи Кашмирии Ҳиндӣ.
3. "Қут ал-муғтазӣ ало ҷомии ат-Тирмизӣ"-и Ҷалолуддин Суютӣ.
4. "Ориза ал-аҳвазӣ фӣ шарҳи ат-Тирмизӣ"-и Абӯбакр ибн ал-Арабӣ.

**Ибни Моҷа.** Ӯ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язиди Қазвинӣ буда, Моҷа номи падараш мебошад. Ибни Моҷа соли 209ҳ. мувофиқ ба 824м. дар шаҳри Қазвини Ҷумҳурии Эрони имрӯза ва дар замони хилофати Аббосиҳо мутаваллид шудааст [9,ҷ.5.с.143]. Ибни Моҷа шахсияти боэътимод буда, барои нигоштани ҳадис ба Ироқ, Макка, Шом, Миср ва Рай сафарҳои илмӣ анҷом додааст [6,ҷ.13.с.279].

Ибни Моҷа ҳофиз, шахсияти бузург, бурҳон ва муфассир буда, муаллифи китобҳои "Сунан", "Таърих" ва "Тафсир" мебошад [6,ҷ.13.с.277]. Аз машҳуртарин таълифоти Ибни Моҷа "Сунан"-и ӯ мебошад, ки бо номи "Сунани Ибни Моҷа" шинохта шудааст ва он яке аз китобҳои ҳадисии шашгона ба ҳисоб меравад. Ин китоб аз чаҳор ҳазор ҳадис иборат буда, дар ҳар давру замон дар марказҳои ҳадисшиносии манотиқи мусалмоннишин аз тарафи донишмандону донишомӯзон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Ибни Моҷа соли 273ҳ. мувофиқ бо 887м., рӯзи душанбе, ҳангоми ҳашт рӯз боқӣ мондан аз моҳи

рамазон вафот ёфта, рӯзи сешанбе дафн гардид ва бародараш Абӯбакр бар ӯ намози ҷаноза гузошт [9,ҷ.5.с.144]. Ибни Моҷа дар бораи “Сунан”-и хеш чунин мегӯяд: “Ин “Сунан”-ро ба Абӯзуръаи Розӣ пешкаш намудам ва ӯ ба он назар карда, гуфт: “Ба фикри ман агар ин китоб дастраси мардум гардад, ин ҷавомеъ (ишора ба китобҳои ҳадисӣ) ва аксари он аз истифода мемонанд” [6,ҷ.13.с.278].

Хулоса, нақши донишмандони форсу тоҷик дар рушди тамаддуни исломӣ хело равшан буда, ғайр аз донишмандони мазкур шахсиятҳои бисёре, мисли Ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Ибни Ҳазм, Ҷобир ибни Ҳайён, Абӯмаъшари Фалакӣ, Абуалии Мунаҷҷим, Муҳаммад Закариёи Розӣ ва дигарон вуҷуд доранд, ки на танҳо дар риштаи улуми исломӣ хидматҳои шоёне кардаанд, балки дар риштаҳои гуногуни илм, мисли забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, ҷомеашиносӣ, ҷуғрофияшиносӣ, табиатшиносӣ, сиёсатшиносӣ, тиб, риёзиёт, кимиё ва ғайра таълифоти гаронбаҳое эҷод кардаанд.

## АДАБИЁТ


1. Акрии Ҳанбалӣ А. Шазарот ал-заҳаб фӣ ахбор мин заҳаб. –Бейрут: Дор Ибн Касир, 1406ҳ – 1986м. -Ҷ. 3. -С. 328.
2. Али-заде А. Исламский энциклопедический словарь. -Ансар, 2007. -С. 719.
3. Бурҳониддин С. Аҳвол ва осори ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа. –Душанбе: Мавлавӣ, 2009. -С. 28.
4. Бухорӣ М. Саҳеҳи Бухорӣ. – Димашқ, 1422ҳ. -Ҷ.6. -С.151.
5. Ғамрӣ А. Фатҳ ал-Маннан. – Макка: Дор-ал-башоир-ал-исломийя, 1999м. -Ҷ. 1. -С. 576.
6. Заҳабӣ Ш. Сияру аълом-ин-нубалоъ. – Қоҳира: Дор-ул-ҳадис, 1427ҳ – 2006м. -Ҷ. 12. -С. 463-467.
7. Зубайдӣ З.А. Мухтасари саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе, 2011. -С. 12.
8. Ибни Абдулғании Ҳанбалии Бағдодӣ. Ал-тақйид ли-маърифати руввот ал-сунан ва-ал-масонид. – Бейрут: Дор-ал-кутуб-ал-илмийя, 1408ҳ – 1988м. -Ҷ. 1. -С. 98.
9. Ибни Абдуллоҳи Сафдӣ. Ал-вофӣ би-ан-вофиёт. – Бейрут: Дор иҳё ат-турос, 1420ҳ – 2000м. -Ҷ. 5. -С. 143.
10. Ибни Асокир. Ториху Димашқ. -Дор-ул-фикр, 1415ҳ – 1995 м. -Ҷ. 29. -С. 314.
11. Ибни Касир. Ал-бидоя ва-ан-ниҳоя. – Бейрут: Дор иҳёи ат-турос ал-арабӣ, 1408ҳ – 1988м. -Ҷ. 11. -С. 166.
12. Ибни Муҳаммади Ҷавзӣ. Ал-мунтазам фӣ торих ал-мулук ва-ал-умам. – Бейрут: Дор-ал-кутуб-ал-илмийя, 1412ҳ – 1992м. -Ҷ. 12. -С. 92.
13. Ибни Надим. Ал-феҳрист. –Бейрут: Дор-ул-маърифа, 1417ҳ – 1997м. -С. 287.
14. Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. Таҳзиб-ат-таҳзиб. – Ҳинд: Доират-ул-маориф-ал-низомийя, 1326ҳ. – Ҷ. 9. -С. 387.
15. Ибни Халдун. Таърихи Ибни Халдун. - Тунис, 1983. -С. 482.
16. Қуръони Карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе оёт). -Душанбе, 2013. -1226 с.
17. Миззӣ Ю. Таҳзиб-ал-камол фӣ асмо-ал-риҷол. – Бейрут, 1400ҳ-1980 м. -Ҷ. 1. -С. 168.
18. Мутаҳҳарӣ М. Хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон // Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1999. – С. 87-90.
19. Муҳаммад М. Табақоти ҳанобала. – Бейрут: Дор ал-маърифа, -Ҷ.1. -С. 338.
20. Нававӣ М. Шарҳи саҳеҳи Муслим. – Бейрут: Дор иҳё-ат-турос-ал-арабӣ, 1392 ҳ. -Ҷ. 1. -С.11.
21. Разоков Ш.А. Проблемы и перспективы развития сотрудничества Республики Таджикистан с арабскими странами Персидского залива в годы независимости. Монография / Ш.А.Разоков. –Душанбе, 2015. -С. 10.
22. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе: Ирфон, 2006. -Ҷ. 3. -С. 177.
23. Хатиби Бағдодӣ А. Ториху Бағдод. – Бейрут: Дор-ул-ғарб-ал-исломӣ, 1422ҳ – 2002м. -Ҷ. 2. -С. 9.
24. Ҳ. Зарифӣ. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Ҳ. Зарифӣ ва гурӯҳи муаллифон. – Душанбе: Ирфон, 2012. -С.163.
25. Jonathan Brown. The Canonization of Al-Bukhari and Muslim: The Formation and Function of the Sunni Hadith Canon/ Jonathan Brown.- BRILL, 2007.
26. [Захираи электронӣ] http://ru.m.wikipedia.org/wiki/Абу_Ханифа.


## САҲМИ ТОҶИКОН ДАР ИНКИШОФ ВА РУШДИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ


Дар мақолаи мазкур сараввал доир ба таърихи паҳншавии дини ислом дар сарзаминҳои форснишин сухан рафта, нақши дониш ва донишандӯзӣ дар ин дин бо далелҳо нишон дода шудааст. Сипас назари донишмандоне, мисли Ибни Халдун ва Муртазо Мутаҳҳарӣ, дар бораи гаравидани форсзабонҳо ба дини ислом ва хадамоти эшон дар инкишоф ва рушди тамаддуни исломӣ ба таври муфассал оварда шудааст. Дар ҳақиқат дини ислом уфуқҳои илмомӯзиро ба рӯйи башарият ба таври васеъ боз кард ва форсзабонон касоне буданд, ки дар ба даст овардани он аз ҳама зиёд талош намудаанд. Ҳамин тавр, муаллиф кӯшидааст, то дар бораи чанде аз фарзандони фарзонаи ин миллат маълумотҳои муфассалеро ироа намояд, ки нақши онҳо дар густариши ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии ҳарду миллат хеле босазо мебошад. Яке аз онҳо Имоми Аъзам Абӯҳанифа мебошад, ки дар илми фиқҳ мақоми хосса дорад. Яке аз дигар донишмандони машҳури сарзамини тоҷикнишин, ки муаллиф дар борааш маълумот овардааст, ин Имом Табарӣ мебошад. Табарӣ бо ду асари нигоштаи худ дар илми тафсири Қуръон ва таърих мақоми устодиро касб намудааст. Сипас, муаллиф оид ба муҳаддисони машҳур, ки ҳамагӣ тоҷиктабор буданд, ба монанди Имом Бухорӣ, Имом Муслим, Абӯмуҳаммади Самарқандии Доримӣ, Абӯисои Тирмизӣ ва Ибни Моҷаи Қазвинӣ маълумоти ҷолиберо ироа кардааст. Мусаллам аст, ки китобҳои ҳадисии донишмандони зикргардида ҷойгоҳу манзалати волоеро касб кардаанд, бахусус китоби “Саҳеҳи Бухорӣ”, ки ба забонҳои гуногуни олам, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр гардидааст. Аз муҳтавои мақола чунин бармеояд, ки саҳми тоҷикон дар инкишоф ва рушди тамаддуни исломӣ хеле равшан буда, қобили таҳсин мебошад.

**Калидвожаҳо**: Имом, Бухорӣ, ҳадис, араб, Қуръон, илмӣ, фарҳангӣ, тоҷик, сарзамин, Муслим, муҳаддис.

**ВКЛАД ТАДЖИКОВ В РАЗВИТИЕ ИСЛАМСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ**

В данной статье сначала речь идет об истории распространения исламской религии в персоязычных странах, и приведены достоверные факты о роли знаний и приобретении знаний в данной религии. Затем, приведены взгляды таких ученых, как Ибн Хальдун и Муртаза Мутаххари о склонении персоязычных к исламской религии и их заслуги в развитии исламской цивилизации. Действительно исламская религия широко открыла горизонты изучения наук человечеству и персоязычные народы направили все свои усилия на данный путь. Также автор статьи приводит подробные сведения о ряде доблестных сынов нации, которые внесли весомый вклад в дело укрепления научно-культурных связей обеих наций. Одним из них является Имам Азам Абуханифа, который занимает особое место в мусульманском законоведении. Другим видным таджикским ученым является Имам Табари. Табари своими двумя произведениями в науке толкования Корана и истории завоевал статус наставника. Затем, автор приводит интересные сведения о собирателях и исследователях хадисов и комментаторов Корана, которые были представителями таджикского народа - это Имам Бухори, Имам Муслим, Абумухаммад Самарканди Дорими, Абуиса Тирмизи и Ибн Моджа Казвини. Несомненно, их труды занимают особое место в мировой сокровищнице, особенно труд “Сахехи Бухори”, который переведен и издан на многих языках мира, в том числе и на таджикский язык. Из содержания статьи ставновится очевидным, что вклад таджиков в развитие исламской цивилизации очевиден и заслуживает внимания.

**Ключевые слова**: Имам, Бухори, хадис, араб, Коран, научный, культурный, таджик, край, Муслим, знаток хадисов.

**CONTRIBUTION OF TAJIKS TO THE DEVELOPMENT OF ISLAMIC CIVILIZATION**

This article first deals with the history of the spread of Islamic religion in Persian-speaking countries, and presents reliable facts about the role of knowledge and the acquisition of knowledge in this religion. Then, the views of such scholars as Ibn Khaldun and Murtaza Mutahkhari about the inclination of Persian-speaking people to the Islamic religion and their merits in the development of Islamic civilization are given. Indeed, the Islamic religion has widely opened the horizons of studying the sciences to humanity and the Persian-speaking peoples have directed all their efforts on this path. The author also provides detailed information about a number of gallant sons of the nation, who have made a significant contribution to the strengthening of scientific and cultural ties between both nations. One of them is Imam Azam Abuhanif, who occupies a special place in Muslim law. Another prominent Tajik scholar is Imam Tabari. Tabari with his two works in the science of interpretation of the Koran and history has won the status of a mentor. Then, the author cites interesting information about the collectors and researchers of the Hadith and commentators of the Quran, who were representatives of the Tajik people - Imam Bukhori, Imam Muslim, Abumuhammad Samarkandi Dorimi, Abuisa Tirmidhi and Ibn Modja Qazvini. Undoubtedly, their works have a special place in the world treasury, especially the work of “Sahehi Bukhori”, which is translated and published in many languages of the world, including the Tajik language. From the content of the article, it becomes obvious that the contribution of Tajiks to the development of Islamic civilization is obvious and deserves attention.

**Key words:** Imam, Bukhori, Hadith, Arab, Koran, scientific, cultural, Tajik, region, Muslim, Hadith connoisseur.

**Сведения об авторе:** ***Камаров А.З.*** – Таджикский национальный университет, сосикатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **915-15-74-45.** E-mail: **asliddin.kamarov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kamarov A.Z.*** - Tajik National University, bogie. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **915-15-74-45**. E-mail: **asliddin.kamarov@mail.ru**

**УДК 930. 99.54. 546.31.17**

# ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ИЛМИ КИМИЁ ВА ИНКИШОФИ КИМИЁИ КООРДИНАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Каримов Р. Қ., Қурбонов Б., Раҳимова М. М., Нурматов Т. М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар асоси омӯзиши таърихи илмҳо маълум мегардад, ки тайи ҳазорсолаҳои тараққиёти ҷомеаи инсонӣ, муҳаққиқон ва мутафаккирони барҷастаи мо барои ташаккул ва инкишофи илмҳои табиӣ-риёзӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Халқи тоҷик дар тӯли таърихи башарӣ сохторҳои мухталифи ҷамъиятиро паси сар намуд, вале нимаи дуюми асри XX-ро давраи ташаккули илми кимиё дар Тоҷикистон шуморидан лозим аст.

Илми кимиё *миёни фанҳои табиатшиносӣ ҷойгоҳи махсус дорад.* Агар мо ин нуқтаро ба хонанда дар заминаи диди имрӯзаи илмӣ шарҳ бидиҳем, пас, бояд ба онҳо шарҳи нисбатан муфассалеро пешкаш намоем. Чаро кимиёро имрӯз аз ҳама фанҳои дигар болотар мешуморанд? Агар мо ба рӯзгори моддӣ бингарем, мебинем, ки ҳама чиз аз шишаву бензин то хӯрокаву доруворӣ ва полимеру металлҳо маҳсули фании кимиё мебошанд. Пас, кимиё дар баробари фанни зарурӣ будан, инчунин он ҳамаи ҷисмҳои

зинда: аз микробу вирусҳои ба чашм ноаён то растанию ҳайвоноту одам ба шумор мерафтааст. Кадом ҷисмҳои зиндаеро мо нагирем, он организм-микроб, растанӣ, занбӯруғ, одам ва ғайра ба деги ҷӯшидаистода шабоҳат дорад ва дар он дар воҳиди вақти хурдтарин миллионҳо реаксияҳои кимиёвӣ ба вуқӯъ мепайвандад [1, 3].

Аз ин рӯ, кимиёи координатсионӣ, инженерияи генӣ, биотехно-логия, ҳатто тафаккур ва зеҳни мо, ин ҳама ҷуз кимиё чизе нест. Кимиё фанни одамдӯстдор-гуманистӣ ва иҷтимоӣ-сотсиалӣ ба шумор рафта, мақсади олии он қонеъ гардонидани эҳтиёҷи на танҳо як одами алоҳида, балки тамоми ҷамъияти инсонӣ ба шумор меравад. Омӯзиши ин фан рӯз то рӯз ҳаёти инсонро хубтару муваффақиятҳои ҳаётии онро афзунтар мегардонад. Инсон барои фароҳам овардани шароитҳои боз ҳам хубтар дар зиндагии худ аз химия боз ҳам умедҳои зиёде дорад. Рушд ва инкишофи тиб ва муҳофизати саломатии инсонҳо аз зумраи муаммоҳои глобалие мебошанд, ки кимиё дар истеҳсоли доруворӣ, озуқаворӣ, табобати маризиҳо нақши фаъол мебозад. Нейрофизиология ва фаъолияти мағзи сари инсон кори нейрокимиё, кимиёи хотираи инсон, кимиёи тафаккуру андешаҳо ва ҳиссиёт ба шумор меравад. Имрӯз фанне, ки қобилияти аз ҳама зиёди бунёдкорӣ дораду ҳамчун фанни офаранда эътироф шудааст, ин кимиё аст [4-5].

Кимиё илмест, ки дар худ зебоиҳои зиёдеро ниҳон намуда, танҳо толибилме, ки асрори онро донистан мехоҳад, метавонад ин зебоиҳоро ошкор созад ва бо қалбу зеҳни худ онро эҳсос намояд. Кимиё мисли мусиқии Бетховену Мотсарт, Т. Сатторов, Миратулло Атоев ва Фазлиддин Шаҳобов хеле олист, зеро дар худ ин мусиқиро ниҳон кардааст. Тавре ки аз ҳафт нота мусиқии афсунгару олӣ тавлид мешавад, ҳамин гуна аз 16 нотаи функсияҳои мавҷӣ кимиё сохта шудааст, маҳз дар асоси ҳамин 16 нотаи кимиёвӣ сохти олами ҳастӣ, олами атрофи мо бунёд ёфтааст. Кимиё асоси тамаддуни халқҳо ва қисми хеле бузурги маданияти инсонӣ ба шумор меравад. Лаҳзае тасаввур кунед, ки дар олам дигар на бензин боқӣ мондаасту на бетон, на асфалт ҳасту на резинаву полимер.... Атрофи мо дар як лаҳза холию бемаънӣ ба чашм мерасад ва ҳаёти инсонҳо ба қафо бармегардад ва инсон худро дар асрҳои пешин тасаввур мекунад. Имрӯз инсонҳое ҳастанд, ки кимиёро он қадар хуш надоранд, онро манбаи касалиҳову нохушиҳо медонанд, ки онро хемофобия мегӯянд. Ин ҳодисаи манфӣ аз он дарак медиҳад, ки мо асрори ин фанро то дараҷаи кифоя аз худ нанамудаем, вагарна пай бурдан душвор нест, ки чӣ тавре мо макони таваллуди худро интихоб намекунем, ҳамон тавр кимиёро, яъне, ин олам ва ин вақту замонро интихоб накардаем. Мо, дар он зиндагӣ ва фаъолият дорем ва кимиё низ доимо бо мо, дар атрофи мо ва дар худи мост [5-6].

Таърихи илм танҳо маҷмӯи воқеа ва ҳодисаҳои иҷтимоиву иқтисодии замони гузашта набуда, инчунин, раванди инкишофу равнақи фарҳангу маданият ва эҷодиёти олимон низ аст. Омӯзиш ва дарк намудани таърихи илм дар инкишофу тараққиёти илмҳои имрӯза мавқеи асосиро ишғол мекунад, чунки ҷомеаи ҷаҳонӣ бе васл намудани таърихи куҳан ва ҳаёти имрӯза пеш рафта наметавонад [7]. Агар инсоният таърихи гузаштаро фаромӯш менамуд, кашфиёту бозёфти феълӣ имконнопазир мебуд. Илми кимиё, бахусус кимиёи координатсионӣ, чун дигар илмҳои дақиқ, ба монанди физика, математика, астрономия давраҳо ва шароитҳои муайяни иҷтимоию иқтисодии тараққиёти худро дар алоқамандӣ бо дигар раванди ҳаводиси табиат доро мебошад. Чуноне ки аз бахшҳои таърих бармеояд, бузургтарин падидаҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ, аз қабили инқилоби иҷтимоӣ, илмию истеҳсолӣ, маданию фарҳангӣ, методиву эстетикӣ, муҳориба ва ҷангҳо дар пешрафту инкишофи илм, аз ҷумла илми кимиё нақши босазо доранд [8-10].

Кимиё яке аз шохаҳои бузурги илмҳои табиатшиносӣ буда, вазифаи асосиаш аз омӯзиши равандҳои табдилёбии моддаҳо, ки ҳангоми онҳо аз молекулаҳои як модда бо роҳи пайвасткунӣ, ҷудокунӣ ва гурӯҳбандии атомҳои таркиби онҳо молекулаҳои моддаҳои дигар ҳосил мешаванд, иборат мебошад. Илми кимиёи ҳозиразамон барои фаҳмидани сабабҳои пинҳонӣ ё дохилии он: -сохторӣ, ки ҳангоми реаксияҳои кимиёӣ ба тағйирёбӣ ё ба вуҷуд овардани хосияти нав меоваранд, суботкорона мубориза мебарад, ки ин барои муқаррар намудани назарияҳои нав мусоидат менамояд ва барои дар амал истифодабарии донишҳои назариявӣ имкониятҳои васеъ муҳайё месозад [11].

Дар раванди ҳодисаҳои кимиёӣ хосиятҳои моддаҳои ба реаксия дохилшаванда ба куллӣ тағйир меёбанд. Хосиятҳои маҳсули дар натиҷаи реаксия ҳосилшаванда функсияи таркиб ва сохти онҳо буда, ба шароиту самти гузаронидани реаксия вобастаанд. Техникаи замони ҳозира дар назди илм вазифаи зеринро гузоштааст: чунин ифода кардани равандҳои кимиёвиро ёд гирифтан лозим аст, ки барои ҳосил кардани моддаҳои нави дорои хосиятҳои физикӣ, механикӣ ва биологӣ имконият фароҳам оварад. Ин масъаларо

танҳо дар натиҷаи тараққӣ додани соҳаи наза-риявии илми кимиё, назарияи сохти моддаҳо ва банди кимиёвӣ, механизм ва кинетикаи раванди кимиёӣ, катализ, термодинамикаи кимиёӣ ва ғайра ҳал кардан мумкин аст. Дар инкишофи ҳозира илми кимиё ташаккулдиҳии усулҳои куҳна ва ба вуҷуд овардани усулҳои нави тадқиқоти пешқадами илми физикию кимиёвӣ, асбобу анҷоми дақиқтарин, ки барои қайд кардани дигаргуншавии бениҳоят хурди параметрҳо ва тағйирёбии хосиятҳои иншоотҳои таҳқиқшаванда дар шароити мураккаби равандҳои кимиёӣ имконият медиҳанд, аҳамияти муҳим доранд. Истифодаи усулҳои нави тадқиқот имконият медиҳад, ки ҷойгиршавии фазоии атомҳо ва радикалҳоро дар пайвастаҳои кимиёвӣ бо таҷриба муайян намоем, табиати банди кимиёвиро фаҳмем, таъсири байнияклигарии атомҳоро дар пайвастагиҳои мурак-каби молекулавӣ (аз он ҷумла, дар силсилаи полимерҳо низ) ва қобилияти ба реаксия дохилшавии гурӯҳҳои функсионалиро дар пайвастагиҳо омӯзем, аҳамияти энергияи ҳосилшавӣ ва кандашавии бандҳоро муайян кунем. Ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот имконияти ба вуҷуд овардани назарияи умумӣ, роҳи идоракунии равандҳои кимиёвиро нишон медиҳад ва шароитҳои ҳосил кардани моддаҳои нави заруриро фароҳам меорад. Аҳамияти ин гуна тадқиқот аз он иборат аст, ки он кимиёи пайвастагиҳои калонмолекула ва элементи узвиро хуб тасвир мекунад. Дар натиҷаи тадқиқотҳои дар ин соҳаи илм гузаронидашуда каучукҳои синтезии гуногуни дорои хосиятҳои хос, пластмассаҳои ҳархела ва матоъҳои полимерии тунуки дорои хосиятҳои физикавии гуногун, наххои синтезии аз ҷиҳати хосиятҳояшон назар ба наххои табиӣ хубтар, пайвастагиҳои узвии силитсии электроизолятсионии ба гармӣ тобовар, воситаҳои нави самарабахши шӯянда, таркиботи пизишкӣ, воситаҳои мубориза бар зидди рустаниҳои зараррасону алафҳои бегона ва ғайраро нишон додан мумкин аст [12-13].

Истифодабарии дастовардҳои илми кимиё дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ аҳамияти калон дорад ва имконият медиҳад, ки аҳли башар зиндагии худро боз ҳам хубтару хуштар гузаронанд. Кимиёи пайвастагиҳои координатсионӣ яке аз бахшҳои асосии илми кимиё буда, равандҳои гуногуни таҳқиқотро дар соҳаҳои гуногун бо ҳам мепайвандад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот оид ба ин соҳаи илм, дар ибтидои солҳои 50-уми асри XX оғози худро мегирад. Инки-шофи ин соҳаи илм имкон медиҳад, ки бахшҳои дигари илмҳои химия, биология, физиология ва тиб низ мавқеи муайянро ишғол намоянд [14].

Дар заминаи ин таҳқиқоти кимиёи координатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мактабҳои илмие ба вуҷуд омаданд, ки ба илми кимиёи тоҷик шуҳрати ҷаҳонӣ бахшиданд. Бо истифода аз неруи кадрӣ ва пояи моддӣ-техникӣ ин мактабҳо теъдоди зиёди кадрҳои илмӣ-педагогиро барои соҳаҳои гуногуни илм, маориф, истеҳсолот, хоҷагии халқ тайёр намудаанд, вале таърихи инкишофи ин раванди илмӣ дар Тоҷикистон ва саҳми он дар омода намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ба таври васеъ ва амиқ омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз бурдани фаъолияти илмӣ-таҳ-қиқотӣ дар ин раванд мувофиқи мақсад ва боиси боз ҳам боло рафтани илми кимиёи тоҷик мебошад.

Аз ибтидои асри XX то замони ҳозира. Дар ин давраи тараққиёти фанни кимиё мафҳумҳои назари сохти атом, назарияҳои орбиталҳои молекулавӣ, кашфи микро ва макрозарраҳо, реаксияҳои ядроӣ, муайян намудани мураккаботи пайвастаҳои органикӣ ва механизми гузариши онҳо, интегратсияи илми кимиё ба дигар фанҳои таълимӣ ба вуҷуд омад. Мавриди истеҳсол ва истифода қарор додани дастовардҳои навтарини илму техника, кимиё ва татбиқи онҳо дар соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ вазифаи асосии кимиёро инъикос менамояд [15-16].

*Илми кимиёи муосир асосан аз панҷ қисм иборат аст: кимиёи ғайриузвӣ, кимиёи узвӣ, кимиёи физикӣ, кимиёи таҳлилӣ ва кимиёи пайвастагиҳои зиёдмолекула. Аммо сарҳади дақиқ дар байни ин қисмҳо гузоштан ғайриимкон аст.*

Дар кимиё ду асоси сохториеро, ки онҳо бевосита ба рушд ва таърихи ин илм вобастаанду алоқаи кимиёвиро бо илмҳои дигар мефаҳмонанд, ҷудо намудан мумкин аст:

Якум, ҳосилкунии модда бо хосиятҳои мавҷуда, ки ин яке аз масъалаҳои асосии кимиё мебошад. Ин масъала қариб ҳамаи донишҳои кимиёвиро, ки дар шакли назария, қонунҳо, усулҳои тадқиқот ва ғайраҳо мавҷуданд, муттаҳид менамояд. Он бештар ба масъалаҳои сароғози кимиё ва истеҳсолоти маводи муайян (металлкоркунӣ, коркарди пӯст ва ғ.), ки ба пайдошиши ин илм мусоидат намудаанд, наздик аст

Дувум, масъалаи таҳқиқи назариявии генезиси (ташаккули) хосияти модда. Ҳалли ин масъала ба умумӣ намудани фаҳмиши моддаи кимиёвӣ меорад.

Дар замони муосир чор нуқтаи назари асосӣ оид ба ин фан вуҷуд дорад:

- таҳқиқи элементӣ ва молекулаи моддаҳо;

- таҳқиқи сохтории молекулаи моддаҳо;
- таҳқиқи шароитҳои кинетикӣ ва термодинамикие, ки гузариши раванди кимиёиро таъмин менамоянд;
- таҳқиқи табиати маводҳо (катализаторҳо), раванди худташаккул ва эволютсияи пайвастагиҳои химиявӣ.

Ҳар як нуқтаи назари номбаршударо муфассал дида мебароем.

Таҳқиқи элементӣ ва молекулии таркиби (хосияти) моддаҳо. Дараҷаи аввалини донишҳои кимиёвӣ ин маълумот дар бораи таркиби моддаҳо буда, то солҳои 20-30-уми асри XIX илми химия танҳо бо ҳамин роҳ пеш мерафт. Аммо баъдтар дар кимиё аз мафҳуми «таркиб» ба мафҳуми васеътар - «сохтор» гузаштанд.

**Пайвастагии кимиёӣ** гуфта, системаи атомӣ-молекулавиро меноманд, ки дорои нишонаҳои зерин бошад: 1) дорои адади зиёди атомҳои моеи муайян бошад: 2) ба ҳар навъи атомҳои доимии координатсионие рост ояд, ки индувидуалӣ будани пайвастагиҳои кимиёвӣ ва тақсимоти атомҳоро ба навъҳо таъмин намояд; 3) қобилияти ба шакли як ва ё якчанд моддаи кимиёӣ вуҷуд доштанро соҳиб бошад.

**Кимиёи сохт.** Сохт - системаи мустаҳками бетартиби сифатан тағйирнаёбанда аст. Ҳамаи сохтҳое, ки дар кимиё омӯхта мешаванд, бо ҳамин таърифи дар боло гуфташуда муайян карда мешаванд. Баъди омӯзиши зиёди сохтори молекулаҳо кимиёдонҳо дар аввал чунин ҳисоб менамуданд, ки аз якчанд элементи сода онҳо метавонанд боқимонда моддаҳои дигарро низ ҳосил намоянд. Аммо дар ин ҷо зарурати таҳқиқи параметрҳои асосии равандҳои кимиёӣ пайдо шуд.

Назарияи равандҳои кимиёӣ. Ин назария ба термодинамика ва кинетика асос ёфта, ҳам ба физика ва ҳам ба химия тааллуқ дорад. Раванди кимиёӣ ҳодисаи асосиест, ки химияро аз физика фарқ мекунонад ва химияро илми нисбатан душвортар менамояд. Гузариши равандҳои кимиёиро омилҳои сохторӣ-кинетикии зерин муайян менамоянд: сохтори реагентҳои ибтидоӣ; консентратсияи онҳо; мавҷуд будани катализаторҳо ва дигар иловагиҳо; тарзи омехтакунии реагентҳо; мавод ва конструксияи зарфе, ки дар он реаксия мегузарад. Дар байни ин факторҳои сохторӣ-кинетикӣ муҳимтаринашон катализ мебошад. Ин калимаро муфассалтар шарҳ медиҳем. Умуман, реаксияҳое, ки дар онҳо суръат дар натиҷаи ба системаи реаксионӣ дохил кардани ин ва ё он моддаҳои таркибан ва миқдоран дар охири реаксия тағйирнаёбанда тағйир меёбанд, реаксияҳои катализӣ номида мешаванд.

Чунин шаклҳои гуногуни таъсир маълум мебошанд, ки ба воситаи онҳо суръати реаксияро ба куллӣ тағйир додан имконпазир мегардад. Моддаҳоеро, ки ба ҳамин тариқ суръати реаксияро тағйир медиҳанд, катализатор меноманд. Катализе, ки суръати реаксияро зиёд мекунад, мусбат ва катализе, ки суръати реаксияро суст мекунад, манфӣ қабул карда шудааст. Реаксияҳои катализӣ ду хел мешаванд: реаксияҳои катализи гомогенӣ ва катализи гетерогенӣ. Дар катализи гомогенӣ катализатор ва моддаҳои ба реаксия дохилшаванда як фазоро ташкил мекунанд (фазои газ, моеъ, сахт). Дар катализи гетерогенӣ катализатор фазои мустақилро ташкил мекунад ва дар сатҳи он таъсири ҳамдигарии моддаҳо мегузарад. Механизми таъсири катализатор гуногун аст. Яке аз шаклҳои паҳнгардидаи таъсири катализатор аз он иборат аст, ки он бо яке аз моддаҳои ба реаксия дохилшаванда пайвастагии мобайниро ҳосил мекунад. Ҳодисаҳои катализӣ дар равандҳои табиӣ, аз ҷумла дар равандҳое, ки дар организми растаниҳо ё ҳайвонот ва дар организми одам рӯй медиҳанд, васеъ ба кор бурда мешаванд. Хусусан, реаксияҳое, ки дар онҳо моддаҳои сахт ҳамчун катализатор ба кор бурда мешаванд, васеъ паҳн шудаанд.

**Кимиёи координатсионӣ.** Кимиёи координатсионӣ дар Тоҷикистон солҳои 1950-1960 пайдо шудааст. Яке аз олимони барҷастаи тоҷик, доктори илмҳои кимиё, профессор Ҳомид Муҳсинович Яқубов буд. Бо ташаббуси профессор Ҳ.М. Яқубов, мудири кафедраи кимиёи физикӣ ва коллоидии ДМТ (собиқ УДТ ба номи В.И. Ленин) ва дастгирии раёсати Донишгоҳ озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ ва гурӯҳи корӣ бо номи «Физикӣ-кимиёии мураккаботи координатсионӣ» таъсис дода шуд, ки сарварии онро худи ӯ ба уҳда дошт. Бо мурури замон ва пешравии илму техника ва масоили замона озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ номҳои худро ба «Таҳқиқи физикӣ-кимиёии мураккаботи координатсионӣ» (1980) ва «Мушкилоти кимиёи координатсионӣ ва экологӣ» (1994) иваз намуд.

Дар озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотие, ки ба зерсохторҳои «Электро-кимиёи маҳлулҳо», «Кимиёи биокоординатсионӣ», «Термодинамикаи маҳлулҳо», «Мураккаботи биокоординатсионӣ» ҷудо мешуданд, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ идома дода мешуданд.

Дар озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси таҷрибаҳои доимӣ ва омӯзиши онҳо барои пешравии муҳимтарин соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ пайвастагиҳо ва моддаҳои нав синтез карда мешуданд. Дар асоси синтези моддаҳои нав барои соҳаҳои кишоварзӣ, боғу токпарварӣ ҳамчун василаи зидди бемориҳои растаниҳо, микронуриҳо барои ҳосилхез намудани заминҳои корам пешниҳод ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Ҳамчунин, давоҳо ва дорувориҳо барои гирифтани насли солим ва тобоварӣ ба иқлим ва релефи ҷумҳурӣ дар соҳаҳои чорводорӣ ва байторӣ синтез ва ба истифода дода шуданд. Барои ҳосилхез намудани замин ва мубориза бо эрозияи хок ва биё-бошшавӣ пайвастаҳои комплексии зиддимикробӣ, зиддизамбурӯғӣ ва зиддигелментӣ синтез шуданд.

Натиҷаи тадқиқоти илмӣ-амалие, ки бо сарварии устод Ҳ.М. Яқубов амалӣ гардид, соҳаҳои тибро низ фаро гирифт. Дору ва дармонҳо оид ба касалиҳои пӯст, дар асоси синтези пайвастагиҳои координатсионӣ ба роҳ монда шуда, истифодаи ҳаматарафаи худро ёфтаанд. Дар соҳаҳои саноати сабук, тиб, экология низ, вобаста ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии гурӯҳи корӣ натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд. Албатта, ин пешравӣ ва дастовардҳо аз назарҳо дур намонда, дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотии кишвари бузурги Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатҳои хориҷӣ, аз он ҷумла, Ҷопон, Бразилия, Фаронса, Полша, Чехославакия, Олмон аз чоп баромада, истифодаи худро ёфтаанд.

Дар таҳқиқот ва дар амал ҷорӣ намудани патент ва ихтирооти профессор Яқубов Ҳомид Муҳсинович саҳми ҳаммуаллифон ва олимони шинохта, аз қабили Калонтарова Елизавета Якубовна, Юсупов Зуҳуриддин Нуриддинович, Раҳимова Мубашира Мирзоевна, Мансуров Марат Маруфович, Нурматов Толиб Менгликулович, Зеленсев Вячеслав Василевич, Дҷафаров Мелс Исмоилович, Эргашев Абдуллоҷон Эргашович, Суяров Қурбон Ҷӯраевич ва дигарон назаррас аст.

Место и роль справедливости в этических концепциях средневековых восточных мыслителей определяются существующими в их время реалиями. В суфизме справедливость выделяется как божественный атрибут, как важная характеристика правителя. Справедливость отмечалась как благочестие и набожность. Это благочестие и набожность понималось в социальном аспекте. Конечно же, принципы социальной справедливости в суфизме, как и в других направлениях, не воспринимаются в виде универсальной формулы, они рассматриваются в моральном, экономическом и политическом аспекте. Рассматривают общечеловеческий характер, делая акцент на моральном содержании. Так и Аттар, как и его предшественники, под влиянием, древневосточных и греческих мыслителей, понимая основной целью человека стремление к совершенству, не представлял это стремление без необходимости взаимоотношения людей. На пути к совершенству критерием взаимоотношений, взаимных человеческих отношений он представлял справедливость и взаимную любовь. Такая вот социальная справедливость, основанная на любви и толерантности является основой устойчивых социальных отношений и общественного порядка. В современных условиях эта черту, т.е. терпимость в социальных отношениях, выдается за реакционную черту суфизма, которая не даёт возможности дальнейшего социального развития человека. Но это тема будет нами рассматриваться в другой статье. Здесь мы хотим указать, что Аттар одним из аспектов справедливости рассматривал толерантность. Аттар рассматривал целью человека совершенствование. По нему целью человека должна быть деятельность, которая основывается на пути к достижению совершенства. И этот путь должен основываться на гуманизме и справедливости, сущностью которых должна быть терпимость к чужим взглядам, к другой конфессии и другой социальной иерархии. Все названные аспекты основываются на теории Совершенного человека во взглядах не только Аттара, но и большинства мыслителей Востока. Толерантность в этической концепции Аттара, как и в суфийской традиции имеет широкое значение. Оно заключается в уважении человека как личность.

Идея о совершенном человеке в суфизме, пути формирования совершенного человека, сыграли огромную роль как и в эпоху средневековья, так и в последующие века. Эти мысли и идеи возвышают человека, прежде всего над самим собой, над природой. Человек всемогущ и может, преодолевая все преграды и трудности, слиться с Богом, стать с ним воедино, а по возвращении к земным делам, занимается созиданием, воспитанием людей, чтобы они стали чище, благороднее, трудолюбивее, искреннее, развивали свой интеллект и знание о мире, что являются частью задач и современной школы. Логическое развитие этических взглядов Аттара можно найти в последующих воззрениях гуманистов средневековья. Человек в учении представителей восточного средневекового мистицизма вообще, а во взглядах Фаридаддина Аттара в частности способен на самосовершенствование и самосоздание, на изменение своей духовной формы. Хотя место человека и определено между животным и ангелом, но он должен склоняться в ангельскую сторону. В духовном аспекте человек наделен свободой воли, а в телесном - нет, потому что он не является создателем своей телесной формы. Вот в выборе духовного аспекта важное место занимает человек.

Нравственный аспект учения Фаридаддина Аттара, его теория морали не потеряли своего значения и в наши дни. Его учение о человеке, о его месте и духовной и социальной свободе созвучны потребностям современного человека.

*Ало эй дар таассуб ҷон-т рафта,*
*Гуноҳи халқ бо девон-т рафта.*
*Вале аз аблоҳӣ пурфиску пур макр,*
*Гирифтори Алӣ мондию Бубакр.*
*Гаҳе ин як бувад назди ту маъқул,*
*Гаҳе он як бувад аз кор маъзул…*
*…Илоҳо нафси саркашро бурун кун,*
*Фузули аз димоғи мо бурун кун.*
*Дили моро ба худ машғул гардон,*
*Таассубҷуйро маъзул гардон [2,с.9].*

*********

*О ты, который погряз в предрассудке,*
*Вину народа видишь в небылице*
*Но от погрязших в хитрости и грязи*
*Споришь о Али и Абубакре,*
*То один нравится тебе,*
*То признаешь второго…..*
*… О господи, успокой взбунтовавшую душу,*
*Выведи из нас ненависть.*
*Займи наши сердца собою*
*И уволь ненависть.*

Таким образом, подводя итоги рассмотрения некоторых аспектов понимания толерантности в философии Фаридаддина Аттара можно сделать заключение, что социально-политические идеи Аттара формировались на основе социальных объективных условий его эпохи. Социально-политические идеи Аттара отождествляют с антропологической традицией таджикских гуманистов средневековья. Аттар очень художественно изображает проблемы своей эпохи. Он критикует жестоких правителей, призывает к трудолюбию, душевной чистоте. Главным в его этической концепции является критика предрассудка и воспевание идеи толерантности. В своих произведениях критикуя предрассудок и фанатиков, причиной возникновения предрассудков и фанатизма считает нетерпимость, обиду, религиозную, конфессиональную и этническую ненависть.

Рассматривая проблему толерантности в социально-политическом аспекте, представляет эти качества человека в общепланетарном смысле. Главной сутью человека считает поиск путей совершенствования и одним из главных качеств человека на этом пути формирование гуманного человека, справедливого и толерантного ко всему окружающему. Совершённым человеком может быть только тот, кто видит благо в счастье ближнего.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аннемари Шиммель. «Паломничество птиц – Санаи и Аттар"/ Глава из книги "Мир исламского мистицизма" [электронный ресурс]. https://hojja-nusreddin. livejournal.com /2279784. html. (дата обращения: 02.01.2019 г.)
2. Аттор Фаридуддин. Асрорнома. Бо тасҳеҳ ва таъликот ва ҳавошии дуктур Содиқи Гавҳарӣ. –Теҳрон, 1338. - 490 с.
3. Аттор Фаридуддин. Мусибатнома / бо тасҳеҳ ва эҳтимоми доктор Нурони Висол. -Теҳрон, 1373. -560 с.
4. Аттори Нишопурӣ. Мантиқуттайр /Бо эҳтимоми доктор Аҳмади Ранҷбар. -Теҳрон: Асотир, 1369. -737 с.
5. Ашрофзода Ризо. Фарҳанги наводири луғот ва таркиботу таъбироти осори Аттори Нишопурӣ. -Машҳад, 1374. -662 с.
6. Аҳмадҷон Муҳаммадхоҷаев. Андешаҳо перомуни ирфон ва фалсафа. Монография / А.Муҳаммадхоҷаев. - Душанбе: Дониш, 2012.- 323 с.
7. Зарринкуб Абдулҳусейн. На ғарбӣ на шарқӣ, инсонӣ. -Теҳрон: Амири Кабир, 1358. -649 с.
8. Муртазо Мутаҳаррӣ. Инсон ва имон. Ҷаҳонбинии тавҳидӣ. -Душанбе, 1998. -144 с.
9. Мухаммедходжаев А. Гносеология суфизма. Монография / А. Мухаммедходжаев. -Душанбе: Дониш, 1990. -116 с.
10. Мухаммедходжаев А. Мировоззрение Фаридиддина Аттара. Монография / А. Мухаммедходжаев. -Душанбе: Дониш, 1974. -156 с.
11. Нафисӣ Саид. Ҷустуҷӯ дар аҳволу осори Фаридуддин Аттори Нишопурӣ. -Теҳрон: Китобфурӯшии Иқбол, 1320. -253 с.
12. Тримингем Дж.С. Суфийские ордена в Исламе. -М.: Наука, 1989. – 326 с.
13. Умедов М.Ҳ. Инсони комил аз нигоҳи Фаридуддини Аттор ва Ҷалолиддини Румӣ / М.Х. Умедов // Вестник Таджикского национального университета (научный журналь), 2018. -№3. - С. 113-119.
14. Ҳазратқулов М. Тасаввуф. Монография / М.Ҳазратқулов. -Душанбе. 1988. – 212 с.
15. [Электронный ресурс]. https://www.stihi.ru/2013/12/08/8871 (дата обращения: 02.01.2019 г.)


## БАЪЗЕ ОМИЛҲОИ ФАҲМИШИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ФАЛСАФАИ ФАРИДУДДИНИ АТТОР


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси таҳлили осори Фаридуддини Аттор ва адабиёти илмӣ моҳият ва мундариҷаи баъзе аз омилҳои ташаккули афкори таҳаммулпазириро дар афкори фалсафии мутафаккир мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, фаҳмиши таҳаммулпазирӣ дар таълимоти Аттор аз он иборат аст, ки инсон бо атрофиёни худ бояд аз рӯйи виҷдонаш амал намояд ва дар муносибат бо рафтори дигарон таҳаммулпазир бошаду ба мушкилоти атрофиёни худ таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Намояндагони тасаввуф бошанд, доимо ба муқобили ҷудо намудани одамон ба гурӯҳҳои гуногун баромад менамуданд. Ба андешаи онҳо, хурофоти динӣ ва фанатизм сабаби асосии муноқишаҳо мебошанд. Муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ кӯшиш намудааст исбот намояд, ки агар инсондӯстӣ яке аз омилҳои таҳаммулпазирӣ дар таълимоти Аттор бошад, омили дигари онро адлу адолат ташкил медиҳад. Дар анҷоми баррасии паҳлуҳои гуногуни фаҳмиши таҳаммулпазирӣ дар фалсафаи Фаридуддини Аттор ба хулосае омадан мумкин аст, ки андешаҳои иҷтимоию сиёсии мутафаккир дар асоси шароитҳои иҷтимоии

объективии замони ӯ ташаккул ёфтаанд. Воқеаву ҳодисаҳои дар замони муосир бавуқӯъоянда шаҳодат аз он медиҳанд, ки истифода намудани меъёрҳои таҳаммулпазирӣ дар самти муносибатҳои байнимазҳабӣ ва байниэтникӣ яке аз масъалаҳои тезутунд ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** таҳаммулпазирӣ, инсонпарварӣ, инсон, омили ахлоқӣ, инсони комил, суфизм, фарҳанги тоҷику форс, тамаддуни мусулмонии Шарқ, андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ, роҳҳои ташаккулдиҳии инсон, худшиносӣ, масъалаҳои фалсафию динӣ, омили маънавӣ, таҳаммулнопазирӣ.

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ПОНИМАНИЯ ТОЛЕРАНТНОСТИ В ФИЛОСОФИИ ФАРИДУДДИНА АТТАРА

В статье автор на основе анализа произведений Фаридуддина Аттара и научной литературы рассматривает сущность и содержание, некоторые аспекты понимания и развития толерантности в философских учениях мыслителя. Важным аспектом толерантности в понимании Аттара является то, что человек по совести должен относиться ко всему окружающему и должен быть терпимым к поступкам других, должен интересоваться проблемами ближнего. По мнению автора, представители мистицизма всегда выступали против всякого разделения человека по каким-нибудь признакам, то ли религиозным, то ли социальным. Так как они считают причиной возникновения разногласий религиозные предрассудки и фанатизм. Поэтому красной нитью в этической концепции суфизма проходит идея толерантности. На основе анализа научной литературы автор пытается доказать, что если одним из аспектов понимания толерантности Аттаром считать гуманизм, то вторым аспектом можно считать понятие справедливости. Подводя итоги рассмотрения некоторых аспектов понимания толерантности в философии Фаридаддина Аттара, можно сделать заключение, что социально-политические идеи Аттара формировались на основе объективных социальных условий его эпохи. Происходящие события в современном обществе свидетельствуют о том, что установление толерантных принципов в сфере межконфессиональных и межэтнических отношений является наиболее острой проблемой.

**Ключевые слова:** толерантность, гуманность, человек, нравственный аспект, совершенный человек, суфизм, таджикско-персидская культура, мусульманская цивилизация Востока, социально-политические идеи, пути совершенствования человека, самосознание, религиозно-философские проблемы, духовный аспект, нетерпимость.

## SOME ASPECTS OF UNDERSTANDING TOLERANCE IN PHAROSDUS OF FARIDUDDIN ATTARA

In the article, the author, based on the analysis of the work of Fariduddin Attar and scientific literature, examines the essence and content of some aspects of the understanding and development of tolerance in the philosophies of the thinker. According to the author, an important aspect of understanding tolerance in understanding Attar is that a person should be conscientious about everything around and be tolerant of the actions of others, should be interested in the problems of the neighbor.According to the author, representatives of mysticism have always opposed any division of a person on any grounds, religious felts, social felts. As they consider the cause of controversy religious prejudice and fanaticism. Therefore, the idea of tolerance is a common thread in the ethical concept of Sufism. Based on the analysis of the scientific literature, the author feeds on proving that if one of the aspects of understanding tolerance Attar is humanism, then the second aspect can be considered the concept of justice. From the analysis of this problem in the teachings of Fariduddin Attar, the author comes to the conclusion that summing up the consideration of some aspects of understanding tolerance in the Faridaddin Attar's philosophy, one can conclude that Attar's socio-political ideas were formed on the basis of the social objective conditions of his era. Occurring events in modern society indicate that the establishment of tolerant principles in the sphere of interfaith and inter-ethnic relations are the most acute problem.

**Key words:** tolerance, humanity, man, moral aspect, “perfect man”, Sufism, Tajik-Persian culture, civilization of the Muslim East, socio-political ideas, ways of improvement, self-awareness, religious and philosophical problems, spiritual aspect, intolerance.

**Сведения об авторе:** ***Умедов Мастон Хамдамович*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры истории философии и социальной философии философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки,17. Телефон: (**+992) 933-01-31-00**

**Information about the author:** ***Umedov Maston Hamdamovich*** - Tajik National University, doctoral candidate of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Telephone: (**+992) 933-01-31-00**

УДК:1/14 + 891.550-1 : 82

# ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ АНТРОПОЛОГӢ ДАР «ШАРҲИ РУБОИЁТ»-И ҶОМӢ

*Ашурзода Наврӯза*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масъалҳои асосие, ки Ҷомӣ дар бешари осораш ба он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст, ин масъалаи инсон мебошад. Асари «Шарҳи рубоиёт»-и мутафаккир низ бешак ба масъалаи инсон бахшида шудааст. Ҷомӣ дар асари худ инсонро аз нуқтаи назари ирфонӣ-фалсафӣ таҳлил намудааст. Рисола баробари ҳаҷман хурд буданаш (46 рубоӣ), таваҷҷуҳи муҳаққиқони доихилию хориҷиро (М.Раҷабов, А.Афсаҳзод, И.Зиёевва Е.Э.Бертелс) ба худ ҷалб кардааст. Мазмуни рисола «исботи ваҳдати вуҷуд ва баёни таназзулоташ ба маротиби вуҷуд ва баёни таназзулоташ ба маротиби шуҳуд бо танбеҳ бар кайфияти дарёфтани он ало сабили-л-кашфӣ ва-л-ирфон ва расидан ба он бит-тариқу-з-завқи ва-л-виҷдон самти итмом гирифта буд ва сурати интизом пазируфта» мебошад [3, с.272]. Аз мазмун ва моҳияти рисола маълум аст, ки он ба «исботи ваҳдати вуҷуд» (1) «баёни таназзулоташ ба маротиби шуҳуд» (2), «бо танбеҳ бар кайфияти дарёфтани он ало сабили-л-кашфӣ ва-л-ирфон» (3) «расидан ба он бит-тариқу-з-завқи ва-л-виҷдон самти итмом гирифта буд ва сурати интизом пазируфта» (4) бахшида шудааст.

Дар мақолаи мазкур танҳо ба қисмати сеюм ва чаҳорум ишора мекунем, ки Ҷомӣ ба онҳо ишора мекунад. Яъне, дар он мо бо ибораҳои «**ало сабили кашфи ва-л-ирфон**» ва «**би-т-тариқу-з-завқ ва-л-виҷдон**» вомехӯрем, ки он аз дидгоҳи тасаввуф ба роҳи кашфу шуҳуд дар ирфон далолат мекунад, на ба роҳи ақл. Ҷомӣ роҳи ягонаи фаҳмидани тасаввуфро «**кашфу ирфон ва завқу виҷдон**» (онро дониши интуитивӣ, дар муқобили донишҳои илмӣ ва ғайриилмӣ) медонад, на далелҳои мантиқӣ ва фалсафӣ. Барои нишон додани яке аз нуктаҳои рисолаи мазкур, ки Е. Э. Бэртелс дар китобаш, муҳаққиқони тоҷик М.Раҷабов ва И.Зиёев ёдовар шудаанд, мисол меоварем:

*Воҷиб, ки вуҷудбахши навву кухан аст,*
*Тасвири вуҷудбахшиши қавли «кун» аст.*
*Гӯям сухане нағз, ки мағзи сухун аст,*
*Ҳастист, ки ҳам ҳастию ҳам ҳасткун аст.*

Қабл аз оғози сухан дар бораи шарҳи Ҷомӣ, ба он бояд ишора кард, ки «воҷиб» (Худо) «вуҷудбахши наву куҳан аст», ки тасвири вуҷуд бахшиши қавли «кун», яъне аз ҳеҷ офаридани олам бо амри «кун» (бош, бишав, пайдо шав), яъне «воҷиб» ҳастиест, ки ҳам ҳастию ҳам ҳасткун аст. Ин ҷо ишора ба як будани «воҷиб», ки бо иродаи худ оламро меофарад, айни замон ӯ «ҳастиест, ки ҳам ҳастию ҳам ҳасткун аст».

Ба қавли Ҷомӣ, тамоми мавҷудот аз рӯйи тақсими ақлӣ се мартаба метавонанд буд. «Аввал мавҷуде, ки вуҷуди вай муғойири зоти вай аст ва мустафод аз ғайр, чун мумкиноти мавҷуда» (яъне вуҷуди он аз Зоти Худо куллан фарқ мекунад) [3, с.221]. Дар ин ҷо Ҷомӣ аз таълимоти Арабӣ, Ҳиллӣ, Ҳуҷвирӣ, Қушайрӣ, Насафӣ, Ироқӣ, Мавлоно, Шабистарӣ ва дигарон ғизои маънавӣ гирифта, аз дидгоҳи худ онро инкишоф ва тавсеа мебахшад.

Аз мазмун ва моҳияти ин асари Ҷомӣ маълум мешавад, ки он бешак фарогирандаи масоили ҷавҳарии ваҳдати вуҷуд дар тасаввуф мебошад. Бинобар ин мо кӯшиш намудем умдатарин масъалаҳои онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки бевосита ба таълимоти ваҳдати вуҷуд, бахусус инсони комил алоқамананд. Бо вуҷуди он ки матни худи мутафаккир ниҳоят душвору печдарпеч мебошад, мо саъй хоҳем кард, ки онҳоро баррасӣ намоем. Ҳамин тавр, Ҷомӣ дар рубоии аввали ин асар мефармояд:

*Воҷиб, ки вуҷудбахши наву куҳун аст,*
*Тасвири вуҷуд бахшиши қавли «кун» аст.*
*Гӯям сухани нағз, ки мағзи сухун аст,*
*Ҳастиест, ки ҳам ҳастию ҳам ҳасткун аст…*

Қабл аз баррасии ин рубоӣ моро зарур аст, ки мафҳумҳои марказии онро ҷиҳати осонтар фаҳмидани он аз назар гузаронем. Ҳамин тавр, дар ин ду рубоӣ мафҳумҳое аз қабили **«воҷиб», «вуҷудбахши наву куҳун», «кун», «аз худ бираст», «зот», «нест ба зоти худ» ва ғ.** истифода шудаанд, ки саросар дорои мазмуни сӯфиёнаад. Ҳамчунон ки мушоҳида мешавад, ҳамаи онҳо дар атрофи як масъала, «ҳастии воҷиб», яъне ҳастии Худо ё тасаввури ин ҳастӣ давр мезананд. Маълум аст, ки дар шинохти Худо аҳли ирфон ба ду мактаб: **ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд** ҷудо мешаванд. Ваҳдати вуҷуд ё худ «вуҷудия»

таълимоти тавҳидиест, ки андешаи ҷавҳарии он вуҷуд доштани танҳо як вуҷуд, ки он ҳам вуҷуди Зоту-л-ллоҳ аст, яъне барои ин мактаб Аллоҳ ва Зоти Ӯ аст, ки шиори асосии онҳо «Ҳама Ӯст» мебошад. Аммо пайравони ваҳдати шуҳудӣ бар он назаранд, ки тамоми олам ва ҳар чи дар он вуҷуд дорад, аз Аллоҳ аст, яъне «Ҳама аз Ӯст». Мувофиқи таълимоти мактаби аввал, ки Ибни Арабӣ асосгузори ин таълимот аст, тамоми мавҷудот ва объектҳои ҳастиро марбути илми илоҳӣ медонад, яъне ба қавли ӯ, тамоми ашёҳо дар ҷараёни офариниши илоҳӣ иборат аз се марҳала мебошанд:

а)**Таайюни ал-аввал.** Тамоми ашё ба таври куллӣ дар илми Худо ҷо дошта, аз ҳамдигар фарқ намекунанд.

б) **Таайюни ас-сонӣ.** Ашёҳо дар ҳолати «аъёни собита» дар илми Худо ҷойгиранд. Аммо онҳо аз якдигар ҷудо ва алоҳида мебошанд.

в) **Таайюни хориҷӣ.** Ашё зуҳур ёфта, дар олами зоҳирӣ пайдо мешаванд. Аммо онҳо зуҳуроти Худо мебошанд ва ҳанӯз ҳам вуҷуди мустақил надоранд. Барои ҳамин дар тамоми ашёи олами моддӣ худи Худо ҳузур дорад.

Вуҷуди воҳиди ҳақиқӣ дар фалсафаи Ибни Арабӣ дар зинаҳои гуногун зоҳир мешавад. Зинаи аввал **лоҳут** ва зинаи дувум **ҷабарут, зинаи сеюм олами мавҷудоту малоик** ва дар зинаи чаҳорум «**инсони комил**» мебошад, ки тамоми зинаҳои болоиро дар худ ҷамъ овардааст. Ӯ «халифаи Худо» дар замин мебошад. Ба андешаи Ибни Арабӣ, маҳз барои ҳамин Худо Одамро бар сурати худ офаридааст. Ба андешаи Ҷомӣ, ҳар кас, ки ҷонибдори андешаи иттиҳоди воҷибу-т-таъоло – Худо бо Зоташ мебошанд ба ду фирқа ҷудо мешаванд. Фирқаи аввал ҳукамо-файласуфонанд, ки куллӣ ва умум будани воҷибу-л-л-вуҷудро инкор мекунанд, зеро ки вуҷуди куллӣ дар хориҷ бе таайюн сурат набандад, аз ин рӯ онҳо иддао мекунанд, ки лозим аст, ки воҷибу-л-вуҷуд мураккаб бошад, зеро аз он амри куллӣ, таайюн ва таркиби воҷиб маҳол аст, яъне Худо бояд дар зоти худ мутаайин (Фи ҳадди зотиҳи мутаъайин) бошад, яъне таайюни вай Зоти Вай бошад, чунонки вуҷуди вай айни зоти вай аст, ки дар ягон сурат тараккуб ва тааддуд сурат набандад. Бинобар ин воҷиб-ул-вуҷуд мафҳуми куллест, ки ба касрат маҳмул шудааст.

Фирқаи дувум фирқаи ҷонибдорони ваҳдати вуҷуд чунин андеша доранд, ки: «ӯро тӯри ақл, тӯрест, ки дар он тур ба тариқи мукошафа ва мушоҳида чизе чанд мункашиф мегардад, ки ақл аз идроки он оҷиз аст, ҳамчунон ки ҳавос ва идроки маъқулот, ки мудраки ақл аст. Ва дар он тӯр муҳаққақ шуда, ки ҳақиқати вуҷуд, ки айни воҷиб-ул-вуҷуд аст, на куллӣ аст, на ҷузъӣ, на хос ва на ом, балки мутлақ аст аз ҳама қуюд, то ҳадде, ки қайди итлоқ низ мубаррост ба он қиёс, ки арбоби улуми ақлия дар кулли табиӣ гуфтаанд. Ва он ҳақиқат дар ҳама ашё, ки мавсуфанд ба вуҷуд, таҷаллӣ ва зуҳур кардааст ба он маънӣ, ки ҳеҷ чиз аз он ҳақиқат холӣ нест, ки агар ба ҳақиқати вуҷуд ба куллӣ холӣ будӣ, аслан ба вуҷуд муттасиф нагаштӣ». Дар се рубоии дигари ин асараи Ҷомӣ сухан дар бораи маърифати Худо меравад, чуноне ки ӯ мефармояд:

*Эзид, ки ҳазор дар ба рух бикшудат,*
*Роҳе ба камоли кунҳи худ бинмудат.*
*То заҳмати беҳуда ба худ раҳ надиҳӣ,*
*Дар зоти худ аз фикр ҳазар фармудат.*

Мазмуни мухтасари ин рубоиро метавон чунин натиҷагирӣ намуд: Худованде, ки дар рӯ ба рӯят ҳазор дарҳоро кушодааст, ягон роҳеро ба сӯйи «кунҳи худ» - асли худ, яъне Зоти худ нишон надодааст// нишон додааст, то ту аз заҳмати зиёд дар ин раҳо бошӣ, дар Зоти худ туро аз фикр ҳазар фармудат. Яъне, ба андешаи Ҷомӣ, саъю талоши одамӣ дар роҳи бо воситаи ақл шинохтани Худо беҳуда аст. Ба қавли Ҷомӣ, маърифати Худоро метавон ба ду қисм ҷудо намуд: 1) маърифате, ки то худи Зоти Худоро дар бар мегирад ва таайюноти асмо, сифот ва гуногуншаклиҳои зоҳирии оламро аз худ ҷудо мекунад. Ин мумтанеъ (ғайриимкон) аст, зеро ҷудо кардани асмо ва сифот ба мосиво – мавҷудоти ғайри Ҳақ (махлуқот) хос мебошад, аммо на барои Зот, зеро Ӯ дар чизҳои офаридаи худ бо **«ҳиҷоби иззат»** ва **«кибриёи мухтафӣ»** пӯшида шудааст. Аз ин рӯ, миёни Зот ва мосивои Ӯ ҳеҷ нисбате вуҷуд надорад. Ҷомӣ таъкид бар он маъно дорад, ки ба маърифати Худо машғул шудан танҳо зоеъ гардонидани вакт мебошад. Ва талаб кардани он чи аслан мумкин нест, маърифати комили Ӯ имконнопазир буда, танҳо маърифати умумие иҷоза дода мешавад, то инсон он чизеро, ки дар ӯ мутаайин шудааст, кори ношинохтанӣ аст. Худо дар ҳадди зоти худ аз он мубарро (озод) мебошад. Ин андешаи худро Ҷомӣ боз дар шакли саволу ҷавоб низ тақвият додааст. Агар тафаккур дар Зот маҳол бошад, пас чаро ин наҳй (инкор) вуҷуд дорад. Ҷомӣ ин наҳйро танҳо ба хотири рӯ овардан ба андеша ва фикр дар бораи Ӯ шарҳ додааст. Саъю талош барои маърифати Худоро Ҷомӣ кори

беҳуда, зоеъ гардонидани вақт медонад, зеро Худо аз ҳама он чизе, ки инсон дар борааш фикр мекунад, болотар қарор дорад. Дар қисми дувуми маърифати Худо идроки Ӯст, ки ба эътибори таайюноти нур ва мутанавваоти (гуногуншаклии) зуҳури Ӯ дар маротиби таназзулот ва мароии мукавванот (дидашавандагии оламҳо), ки онҳо ба ду қисм: **идроки басит** ва **идроки мураккаб** ҷудо мешаванд.

Идроки басит он аст, ки инсон Худоро шинохта мегирад, аммо эҳсос намекунад, ки ӯ чӣ чизеро дарк кардааст. Дар идроки мураккаб бошад, инсон сари он ба андеша меравад, ки чиро дарк мекунад ва ӯ эҳсос мекунад, ки маҳз ҳастии Худоро дар ҷилваҳои гуногуни он дарк мекунад. Дар шакли аввал маърифат махфӣ нест, зеро инсон зимни идроки ягон чиз, қабл аз ҳама вуҷудро дарк мекунад, аммо дарки вуҷуд танҳо тавассути Худо имконпазир аст. Ҳамин тавр, идроки ранг (алвон) ва ашкол танҳо аз роҳи идроки нур имкон дорад, аммо рангро дарк намуда, инсон дар бораи нур (зиё) фикр намекунад, аммо ҳамин ки нур гум шавад, ошкор хоҳад шуд, ки аз пушти ранг зуҳури дигар ҳаст, ки ӯ онро дарк кардааст. Дар навъи мураккаби маърифат низ шароити гуногуне имкон доранд, дар он тафовуте миёни одамони диндор ва аҳли куфр зоҳир мегардад.

Ҳамчунон ки мушоҳида кардем, сарфи назар аз ҳаҷми бузургаш бо мавзӯи мавриди баҳс робитаи бевосита дошта, комилан ба маърифати сӯфиёна бахшида шудааст. Аз ин рӯ, бо назардошти аҳамияташ мо комилан онро мавриди таҳлил қарор додем, зеро дар ин тарҷеъбанд Ҷомӣ тавонистааст, ки манзараи ваҳдати вуҷудии офариниш ва гузаштани ваҳдатро дар мисоли нуқтае, ки минбаъд вусъат ёфтааст, тасвир намояд. Ҷомӣ дар қатори ҳамсафони ғоявии худ аз мавқеи марказии маърифати сӯфиёна пуштибонӣ карда, ин андешаро, ки тибқи он дар олам ба ҷуз Худованд чизи дигаре вуҷуд надорад, бо ҳар воситаи имконпазир тарғибу ташвиқ мекунад. Ҳатто болотар аз ин рафта, даъвои он кардааст, ки:

*Зи ишқ тавба на мақдури ман бувад Ҷомӣ,*
*Худо чу баҳри ҳамин кор офарид маро [6, с.140].*
*Ва ё ҷойи дигар савганд хӯрда, ки:*
*Ҷомӣ, раҳи Худо бахудо ғайри ишқ нест,*
*Гуфтему ва-с-салому ало тобии-л-худо [6, с.89]*

Ҷомӣ дар ғазали поёнӣ низ андешаҳои ирфонии ваҳдати вуҷудро дунбол гирифта, онро чунин тавсиф мекунад: Номи дилбари мо паноҳгоҳи ҷон асту, номаш ин қадар болост. Номи Ӯ ганҷи номаи лоҳут буда, ганҷи пинҳони ғайб аз Ӯ пайдо аст. Тамоми номҳо мазоҳири Зот ва ҳама ашё мазоҳири номҳост. Ҳар ҷо ки назар афканам, касеро ба ҷуз Ӯ намебинам, зеро тамоми номҳо ғайри номҳои Ӯ маҳв мешаванд. Ӯ ҳастии мутлақ асту ваҳдати сирф, Ӯ дар куҷосту ман дар куҷоям: ман, Ӯ ва ту ин ҷо аз байн рафта, сирри ваҳдат аз ҳама ҷудо мешавад:

*Ҳастии мутлақ асту ваҳдати сирф,*
*Айнаҳу, айна анта айна ано.*
*Ману ӯву ту аз миён бархост,*
*Сирри ваҳдат шуд аз ҳама якто.*
*Ҷони Ҷомӣ зи нуктаи ваҳдат,*
*Нашикебад чу моҳӣ аз дарё [6, с.90]*

Ҷаҳони шоиронаи Ҷомӣ ниҳоят бою ғанӣ буда, мавриди омӯзиш қарор додани тамоми абъоди андешаҳои ӯ амали сахт сангин ва иҷронашаванда мебошад. Масалан, ӯ дар яке аз муқатаоташ гуфтааст, ки олам пур аз мардум асту лек онҳо аз гову хар танҳо бо надоштани гӯшу дум фарқ мекунанд. Ана барои ҳамин доноён оинаро барои он сохтаанд, ки ҳар гоҳ ба он назар мекунанд, мардумонро дар он бубинанд. Чунин гузориши масъалаи оина, барои дар он аз миёни гову хар пайдо кардани мардум бори аввал ба назар мерасад. Аммо дар рубоии дигар бошад, мутафаккир инсонро ба шинохти худӣ даъват менамояд. Чуноне ӯ мефармояд:

*Халқи оламро зи гову хар набинам фориқе,*
*Гарчи гову хар бар эшон фарзи гӯшу дум кунам.*
*Рӯй дар кашфи маориф гар равам дар гӯшае,*
*В-аз миёни ҷамоат номи худро гум кунам [7, с.314].*

Ҷойи дигар ӯ фармудааст, ки ҳама ҷоҳпарастӣ ва сарватпарастиҳо монеаи «айши абад» аст, ҳарчанд ки барои имрӯзи ту накӯ бошад, аммо барои фардои ту бад аст:

*Адлу инсоф дон, на куфру на дин,*
*Он чи дар ҳифзи мулк даркор аст.*

Хулосаи умумии мо аз таҳлили «Шарҳи рубоиёт» он аст, ки Ҷомӣ аз пайравони ихлосманд ва восиқи мактаби ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ буда, дар интишори ғояи асосии ин мактаб дар байни форсизабонон саҳми назаррас ва муассир дорад. Рубоиёти дар ваҳдати вуҷуд сурудаи Ҷомӣ дар ҳадди олии зебоӣ, мақбул, ҷаззобу дилнишинанд, ки гӯё дарки онҳо барои хонанда аз шарҳи ӯ дида қобили қабултар, фаҳмотар,ҷаззобтар ва аниқтар садо медиҳанд, аммо дар асл ин тавр нест.

## АДАБИЁТ


1. Абдурахман Джами и таджикская философия 15 века. -Душанбе, 1968.
2. Масалан, Бухорӣ, Истезон, Муслим.
3. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Иборат аз 8 ҷилд. -Ҷилди 8. –Душанбе: Адиб, 1990.
4. Суфизм и суфийская литература. – М., 1963.
5. Тасаввуфи фалсафӣ: ҳастишиносӣ ва маърифати сӯфиёна. -Душанбе, 2016.
6. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Иборат аз 8 ҷилд. -Ҷ.1. –Душанбе: Адиб, 1981.
7. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Иборат аз 8 ҷилд. -Ҷ.7. –Душанбе: Адиб, 1988.


## ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ АНТРОПОЛОГӢ ДАР «ШАРҲИ РУБОИЁТ»-И ҶОМӢ


Дар мақолаи мазкур масоили антропологӣ дар «Шарҳи рубоиёт»-и Ҷомӣ, ки бо ваҳдати вуҷуд алоқамандӣ доранд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Моҳияти асосии мақоларо назарияҳои худи мутафаккир дар заминаи афкори тасаввуфӣ ва сӯфигароӣ ташкил медиҳад. Ҳамчуноне, ки аз мазмуни рисола маълум мегардад, он аз сарсухани кӯтоҳе дар бораи «исботи ваҳдати вуҷуд ва баёни таназзулоташ ба маротиби вуҷуд ва баёни таназзулоташ ба маротиби шуҳуд бо танбеҳ бар кайфияти дарёфтани он ало сабили-л-кашфӣ ва-л-ирфон ва расидан ба он бит-тариқу-з-завқи ва-л-виҷдон самти итмом гирифта буд ва сурати интизом пазируфтааст. Дар мақола мо бештар ба бахши сеюм ва чаҳорум ишора намуда, манзури Ҷомиро дар он ёдоварӣ намудем. Дар рисолаи Ҷомӣ, ки бештар ибораҳои «**ало сабили кашфи ва-л-ирфон**» ва «**би-т-тариқу-з-завқ ва-л-виҷдон**» истифода шудаанд, онҳо аз дидгоҳи тасаввуфӣ ба роҳи кашфу шуҳуд дар ирфон далолат мекунанд, на ба роҳи ақл. Ҷомӣ роҳи ягонаи фаҳмидани тасаввуфро «**кашфу ирфон ва завқу виҷдон**» (онро дониши интуитивӣ, дар муқобили донишҳои илмӣ ва ғайриилмӣ) медонад, на далелҳои мантиқӣ ва фалсафӣ. Таълимоти ваҳдати вуҷуд ё худ «вуҷудия» ҳамчун афкори тавҳидгаро фарогирандаи андешаи ҷавҳарии вуҷуди Зоту-л-ллоҳ аст, ки шиори асосии онро «Ҳама Ӯст» ва «Ҳама аз Ӯст» ташкил медиҳад.



**Калидвожаҳо**: Ҷомӣ, тасаввуф, анропология, ваҳдати вуҷуд, кашф, шуҳуд, исботи ваҳдати вуҷуд, ҷоҳпарастӣ, сарватпарастӣ.


## ОТРАЖЕНИЕ АНТРОПОЛОГИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМ В «ШАРХИ РУБОИЁТ» АБДУРАХМАНА ДЖАМИ


В данной статье рассматриваются антропологические проблемы «Шархи рубоиёти» Абдурахмана Джами, которые тесно связаны с единством существования. Основная сущность данной статьи заключается в теории самого мыслителя, созданнойна основе мистических идей. Из контекста данного трактата выясняется, что он содержит краткое предисловие о «Доказательстве единства существования и описание его послания о расположенност существования…» В статье мы рассмотрели третью и четвёртую часть этой книги, упоминая идеи Джами. В трактате Джами часто встречаются выражения «ало сабили кашфи ва-л-ирфон» и «би-т-арићу-з-завќ ва-л-виљдон», что свидетельствуют о мистических путях открытия, а не разумных. Джами единственным путем понимания мистики признаёт интуитивные знания против научных и псевдонаучных знаний, а не логические и философские доказательства. Учение о единстве существования или же «существовании» как единобожия включают субстанциональную идею существования Зоту-л-лоњ «субстанция Бога», и основным его лозунгом является «Всё Он» и «Всё Его».



**Ключевые слова**. Джами, мистика, антропология, единство существования, открытие, шухуд, доказательство единства существования, субстанция, интуитивные знания, философия, совесть.


## REFLECTION OF ANTHROPOLOGICAL PROBLEMS IN “SHARHI RUBOIOT” BY ABDURAKHMAN JAMI


This article discusses the anthropological problems of “Sharkhi ruboiyeti” by Abdurahman Jami, which is closely related to the unity of existence. The main essence of this article is the theory of the thinker based on mystical ideas. From the context of this treatise, it turns out that it contains a brief preface to the "Proof of the unity of existence and the description of its message on the disposition of existence ..." In the article we considered the third and fourth parts of this book mentioned the ideas of Jami. In the treatise of Jami, the expressions “alo sabili kashfi va-l-irfon” and “bi-t-ariќu-s-zvќ va-l-vijdon” are often found, which testify to the mystical ways of discovery, but not reasonable. Jami recognizes the only way to understand mysticism (intuitive knowledge against scientific and pseudo-scientific knowledge), not logical and philosophical evidence. The doctrines of the unity of existence as “thoughts of monotheism” include the substantial idea of the existence of Zotul-loh “the substance of God”, that its main slogan is “All are He” and “All are His”.



**Keywords.** Jami, mysticism, anthropology, unity of existence, discovery, shuhud, proof of the unity of existence, substance, intuitive knowledge, philosophy, conscience.



**Сведение об авторе:** ***Ашурзода Навруза*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры онтологии и теории познания философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: 935879111

**Information about the author**: ***Ashurzoda Navruza*** – Tajik National University, graduate student of the department of ontology and knowledge theory of the Faculty of Philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel .: 935879111

УДК : 1/14 +297(575.3)

# САҲМИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК ДАР РУШДИ ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ

*Оқилова М.М.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров**

Ислом ҳамчун дини ҷаҳонӣ дар асри VII пайдо шуда, исломшиносӣ ҳамчун раванд дар ҷаҳони арабӣ тавлид ёфта, сониян барқосо дар мамлакатҳои бештари дунё паҳн шуда, дар қарнҳои VIII-XII бошад, дар Осиёи Миёна ба рушди бештаре комёб гардид. Қарни IX дар таърих давраи «тиллоӣ», давраи мураттабсозии маҷмӯи ҳадисҳо (ривоятҳо оид ба рафтор ва панду ҳикматҳои Муҳаммад Мустафо (с) маҳсуб мeёбад ва сӯфизми дар ин давра рушдёфта зинаи муайяне дар ташаккул ва инкишофи фарҳанги маънавии халқҳои минтақа гардид, ки ба мустаҳкамшавии ҳамзистии босубот ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа мусоидат намуд. Боз хусусияти хосси замон дар он аст, ки илмҳои дунявӣ ва динӣ мувозӣ бо пуррасозии ҳамдигар рушд менамуданд. Ин маънои онро надорад, ки дар минтақа ақидаҳои мухолиф, мубоҳисаҳои илмӣ, баҳсу музокираҳо ҷой надоштанд, онҳо буданд, вале то ба зиддиятҳои ҷиддии боиси талафи одамон омада намерасиданд, бо роҳи мусолиматомез ҳалли худро дарёфт менамуданд. Ин мумкин аст зуҳуроти оқилонаи шарқии гузаштагони мо ва ҳам ба дараҷаи муайяне таъсири фарҳанги исломӣ бошад.

Гузашта аз ин, сулолаҳои маҳаллӣ, ки он замон ҳукмронӣ мекарданд, хуб дарк менамуданд, ки барои эҳёшавӣ ва рушди минтақа илм ва фарҳанг нақши муассир доранд. Аз ин лиҳоз, ҳокимон ба рӯҳониён ва маориф нигоҳи боилтифотона доштанд, рушди фарҳангро пуштибонӣ мекарданд, ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуданд, ба олимон кумак мерасониданд, масҷидҳо, мадрасаҳо, мақбараҳо, китобхонаҳо бунёд мекарданд.

Фарҳанги исломӣ ба майдони илму маърифат, тафаккури исломӣ барӯмандтарин исломшиносонро овард, ки онҳо бо осори нодири пур аз панду ҳикматҳои башардӯстонаи худ ҷомеаро ба роҳи таҳаммулпазирӣ, ватандӯстиву инсонпарастӣ ҳидоят намуда, дар тафсири Қуръони шариф, шинохти дини ислом, кашфиёти пурқимат ва хулосабарориҳои навини худ дар ғанӣ гардонидани фарҳанги милливу исломӣ нақши муассире гузоштанд.

Хусусияти фарққунандаи мутафаккирони давраи мазкур дар он буд, ки арбобони илм ва фарҳанги асри миёна, пеш аз ҳама, бо одамдӯстӣ, эътиқод ба инсонпарварии худ фарқияти кулл доштанд, ба монанди Абӯ Абдуллоҳ Салмон ал-Форсӣ, Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибн ал-Ҳасан аш-Шайбонӣ, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибн Алӣ ат-Тирмизӣ, Аҳмад ибн Ҳафси Бухорӣ, Имом ал-Бухорӣ, Ибн Ҷарир ат-Табарӣ, Абӯ Мансур Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд ал-Мотуридӣ, Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолии Тӯсӣ, Абулқосим Маҳмуд ибн Умар ибн Муҳаммад ибн Аҳмад ибн Умар аз-Замахшарӣ, Наҷмиддини Кубро, Баҳоваддини Нақшбанд ва дигарон, ки дар фиқҳу муҳандисиву тафсир мақоми беҳамто доштанд.

Абӯ Абдуллоҳ Салмон ал-Форсӣ (578-657) яке аз машҳуртарин саҳобагон, ҳаммаслак, ҳамсаф, аҳли байти Муҳаммад Пайғамбар (с) мебошад. Салмон саъю кӯшиши зиёде ба харҷ додааст, то форсҳо ислом, фарҳанги исломро қабул намоянд. Ин шахсияти бофарҳангу бомаданият бо таълимоти худ поягузори равияи сӯфизм гардидааст [3].

Имом Абӯҳанифа ан-Нуъмон ибни Собит ибни Завтӣ ибни Марзбон ал-Форсӣ ал-Кобулӣ –Имом ал- Аъзам (699-767)- мутафаккири барҷастаи дини мубини ислом, фақеҳ ва муҳандис, асосгузори яке аз чаҳор мактабҳои ҳуқуқии суннӣ - мазҳаби ҳанафӣ буда, ситораи дурахшони олами ислом, чеҳраи намоён ва шахсияти нотакрори ҳамаи давру замон мебошад, ки мисли ӯ таърихи башарият инсонеро дар илми фиқҳ надидааст. Ҳуҷҷат-ул-ислом Имом Муҳаммади Ғазолӣ Имом Абӯҳанифаро эҳтиром мекарду эътиқоди зиёд дошт, ӯро «ғаввостарин уммати Мустафо(с) дар фиқҳ» медонист.

Осори гаронбаҳои шогирдон, пайравони Имоми Аъзам - уламои дин гирд оварда шуда «Муснадҳои Абӯҳанифа» 15 маҷмӯи ҳадисҳоро дар бар мегирад.

Имоми Аъзам ва дигар фарзанди наҷиби тоҷик, чун Имом Исмоили Бухорӣ ба ду амали солеҳ - ташкилу танзими фиқҳи исломӣ ва гирдоварии аҳодиси набавӣ даст задаанд. Имоми Аъзам бо ҳимоят аз забону миллати худ шароити мусоиде барои дарку фаҳми Қуръону ҳадис ва адои фароиз ба забони тоҷикӣ фароҳам оварданд [9, 311, 316].

Андешаҳои баланди башардӯстонаи Абӯҳанифа, ки дар нодиртарин асарҳояш, аз қабили «Фиқҳи акбар», «Китоб ал-олим в-ал-мутааллим», «Китоб-ал-фиқҳ ал-авсат», номаҳо ва бахусус насиҳатномаҳо ба писараш Ҳаммод ва шогирдонаш Абӯюсуф, Юсуф ибни Холиди Самтӣ, Абӯисмат Нуҳ ибни Абӯмарям баён шудаанд, асрҳоест, ки

мардумони кишварҳои гуногуни оламро ба роҳи неки зиндагӣ ҳидоят менамоянд ва дар таҳкими ҳамзистии осоиштаи тамоми мусулмонон аҳамияти хосса доранд.

Дар ҳақиқат, мазҳаби ҳанафӣ, ки пайравони худро дар ҳама давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, Туркистони Шарқӣ, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Бангладеш, Туркия, Сурия, Ироқ, Миср, Балкан, қисмати шарқии Эрон, Қафқози Шимолӣ, Чин, Индонезия, Поволжеи Федератсия Русия дорад, дар тӯли таърих ба омили муҳимми ваҳдати миллӣ ва таҳкими суботу оромии ҷомеа, инсондӯстӣ табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳояш ба арзишҳои волои инсондӯстии андешаҳои Имоми Аъзам ишора намуда, таҳқиқу баррасӣ ва ташвиқу тарғиби онҳоро таъкид карда, дар мақолаи «Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо навиштааст: «Аз ҷумла поягузори мазҳаби ҳанафӣ Имоми Аъзам намунаи баланди инсондӯстиро дар зиндагӣ ва таълимоти худ нишон додааст» [11, с. 20].

Гузашта аз ин, бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2010 эълон гардидани Соли Имоми Аъзам ва дар миқёси байналмилалӣ таҷлил намудани ин ҷашн аҳамияти бузурги таърихию фарҳангӣ дошта, ба аз нав эҳё намудани мактабу фиқҳи мазҳаби ҳанафия замина гузошт.

Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибн ал-Ҳасан аш-Шайбонӣ (749/50-805)-фақеҳ, кодекссози ҳуқуқи мусулмонӣ буда, аз устодони оламшумули илми фиқҳ Абӯҳанифа, Абӯ Юсуф ва Малик ибни Анас таълим гирифтааст.

Муҳаммад аш-Шайбонӣ бо асарҳои безаволи худ маҷмӯъ оид ба фиқҳ «ал-Мабсут» ва илова бар он «Китоб аз-зиёдат», дастури калон ва хурд оид ба фиқҳ «Китоб ал-ҷомеъ ал-кабир», «Китоб ал-ҷомеъ ас-сағир», тавзеҳот ба масоили ҳуқуқи ҳарбӣ «Китоб ас- сиёр ал-кабир», асари махсуси ба мероси Абуҳанифа бахшида шуда «Китоб ал-асар» дар рушду такомули ҳанафия нақши босазои худро гузоштааст.

Муҳаммад Шайбонӣ инчунин тартибдиҳанда ва тавзеҳдиҳандаи яке аз ду таҳрири «ал-Муватта»-и Малик ибни Анас мебошад [6, с. 288-389]. Ӯ инчунин як зумра шогирдони шоистаро ба камол расонидааст, ба монанди: Абӯ Сулаймон Ҷурҷонӣ, Ҳишом ибн Убайдуллоҳ ар-Розӣ, Абӯҳафси Кабир, Муҳаммад ибн Мукатил, Шаддод ибни Ҳаким, Мусо ибн Носир Розӣ, Алӣ ибн Муслим ат-Тӯсӣ ва дигарон.

Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Алӣ ат-Тирмизӣ, ки бо номи ал-Ҳаким ат-Тирмизӣ машҳур аст (755-869), намояндаи машҳури сӯфизми Осиёи Миёна буда, зиёда аз 80 асар оид ба фитрат, сиришт, мукаммалшавӣ, покии он офаридааст, ки мақсади онҳо дарёфти ҷавҳари илоҳӣ мебошад. Дар асарҳо ва панду ҳикматҳои худ, ба монанди «Илал аш-Шариат»» ва «Хатм ал-Авлиё» оид ба урфу одатҳои мусулмонӣ, оид ба «муҳаббати илоҳӣ», оид ба «муҳри авлиёҳо», ки дар радифи «муҳри паёмбарон» арзи вуҷуд дорад, фикру андешаҳои худро изҳор намуда, боиси норозигии фақеҳон ва ҳокимони замони худ гардида, солиёни зиёд дар Балху Нишопур умр ба сар бурдааст. Инчунин, дар асарҳои худ оид ба масоили қалб сухан ронда, ба таълимот дар бораи тарзҳои худмукаммалсозӣ ва кашидани ҷилави нафс, оид ба кашидани азобу уқубат ҳамчун покшавӣ аз гуноҳҳо ва ғайраҳо такомул бахшид, ки онҳо ба психологияи сӯфизми минбаъда таъсири зиёде расониданд. Ат-Тирмизӣ яке аз аввалинҳост, ки дар фарҳанги исломӣ ба тасаввурот оид ба авлиёҳо асоси назариявӣ бахшидааст [14].

Аҳмад ибни Ҳафси Бухорӣ (767-832), яке аз шогирдони Муҳаммад аш-Шайбонӣ, фақеҳи машҳури олами ислом, файласуф ва диншинос, донандаи бузурги ҳадисҳо, пешвои олимон, ҳамзамон устоди Имоми Бухорӣ, аз ҷумлаи олимони барҷастаи Бухоро, асосгузори қонуншиносии исломӣ мебошад, ки туфайли ӯ Бухоро сазовори унвони «Қуббат ул-ислом» гаштааст. Худи ӯ сазовори унвони «Бухории Кабир», «Имоми ҳоҷатбарор», «Ҳазрати Имом», «Абӯҳафси Кабир» шуда, маҷмӯи панду ҳикматҳои ӯ «Фатвоҳои Абӯҳафс» бошад, дар олами исломӣ машҳур ва маъруф гашта, ба ҳамаи ҳуқуқшиносони ислом ҳамчун дастур мавриди истифода қарор дошт. Абӯҳафси Кабир оид ба ҷанбаҳои гуногуни қонуншиносии исломӣ як қатор асарҳо офаридааст, ба монанди «ал-Аҳвоъ в-ал ихтилоф», «ар-Радду алал-лафзия» ва ғайраҳо. Ӯ меъёрҳои ҳуқуқии Қуръони каримро ба ҳаёт алоқаманд карда, пайгири Имоми Аъзам гашта, меъёрҳои умумии шариатро коркард намудааст. Ба сифати асос ӯ Қуръони шариф ва суннатро истифода бурдааст.

Абӯҳафси Кабир ва писари ӯ олими машҳури илми фиқҳ Абӯҳафси Сағир поягузори мактаби маҳаллии ҳуқуқшиносӣ мебошанд.

Абӯҳафси Кабир аввалин шуда таълимоти мазҳаби ҳанафиро ба Мовароуннаҳр овардааст ва тавре муаррихон тасдиқ менамоянд, ӯ олимони зиёди соҳаи фиқҳро ба камол расонидааст. Дар баробари Абӯҳафси Кабир ҳамсари оқилааш, аз он ҷумла писараш Абӯ Абдуллоҳ ибни Абӯҳафс-Абӯҳафси Сағир дар паҳнкунии фиқҳи мазҳаби ҳанафӣ дар Мовароуннаҳр саҳми беандоза гузоштаанд. Абӯҳафси Кабир бо дониши мукаммали илми фиқҳ на танҳо дар Бухоро, балки дар тамоми олами ислом шуҳратёр мегардад ва ҳатто олимони машҳури мамолики араб ҳангоми дар ҳалли ягон масоили мураккаб шахсеро ба Бухоро равона мекарданд. Туфайли Абӯҳафси Кабир донандагони фиқҳи Бухоро, нисбат ба фақеҳони Бағдод соҳиби обрӯву эътибори бештаре гардида буданд. Олимони он замон ӯро «Муаллими ислом» меномиданд.

Тавассути кӯшишҳои Абӯҳафси Кабир, дар натиҷаи васеъ ва амиқтар гаштани таълимоти ислом, Бухоро дере нагузашта ба маркази таълимоти мазкур табдил ёфта, бо номи «Қуббат-ул-ислом» шуҳрат пайдо мекунад ва Абӯҳафси Кабир поягузори мактаби теологии Мовароуннаҳр мегардад [12]. Дар Бухоро олимони зиёди ҳанафимазҳаб пайдо мешаванд, ки раҳбарии онҳоро Абӯҳафси Кабир бар уҳда дошт. Ӯ ҳазорон шогирдонро тарбия намудааст, аз ҷумла Ҳорис ибни Абдулвафо ал-Бухорӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҳафс аз-Забаркон (с.в.878), Имоми Бухорӣ, ки шуҳрати оламшумул дорад.

Гарчанде осори ҳазрат то ба имрӯз ба мо омада нарасида бошад ҳам, манбаъҳои аниқи боваринок оид ба Абӯҳафси Кабир, саҳми беҳамтояш дар тамаддуни исломӣ маълумотҳои мукаммал медиҳанд.

Фатво ва иқтибосҳо аз асарҳои ҳазрати Абӯҳафси Кабирро дар маҷмӯи машҳури фиқҳ, маҷмӯи фатво ва асарҳои сӯфиёни олами ислом вомехӯрдан мумкин аст. Аз ҷумла, «Фатвои оламгирӣ», «ал-Муҳит ал-бурҳонӣ фил фиқҳ ан-нуъмонӣ», «Тахриҷ мин фатвои Абӯҳафс Кабири Бухорӣ», «Ҳайрат ул-фуқаҳо», «Салоти Масъудӣ», «Чаҳор китоб», «Маслак-ул-муттакин» ва ғайраҳо, ки дар онҳо фатвоҳои ҳазрати Абӯҳафси Кабир мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ал-Бухорӣ- (исми пурраи ӯ Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Муғийра ибни Бардазбеҳ Ҷуъфии Бухорӣ) (тавлид 810 м.)– симои бузургтарин дар ислом, фақеҳи шинохтаи қарни IX, дар илми ҳадис «амир ал-мӯъминин», яке аз барӯмандтарин рӯҳониёни мусулмонӣ, муҳандис-анъанапараст маҳсуб ёфта, бо маҷмӯи ҳадисҳои тартибдодааш «ал-Ҷомеъ ас-саҳеҳ», ки боз бо номи «Саҳеҳи Бухорӣ» машҳур буда, 7275 ҳадисро дар бар мегирад, зиёда аз 1000 сол инҷониб дар ҷаҳони мусулмонӣ шуҳратёр мебошад. Маҷмӯи мазкур аз рӯйи моҳиятнокии худ китоби исломии аз ҳама эътимодноктарин пас аз Қуръони маҷид маҳсуб меёбад [13].

Имом ал-Бухорӣ аз худ зиёда аз бист асари илмии нодир мерос гузоштааст ва асарҳои муҳимтарину маъмулгаштаи ӯ «ал-Ҷомеъ ас-саҳеҳ», «ал-Адаб ал-муфрад», «ат-Таърих ал-кабир», «ат-Таърих ас-сағийр», «ат-Таърих ал-асвот», «Китоб ал-илал», «ас-Сунан фил-фиқҳ», «Асоми ус-саҳоба», «Китоб ал-куна» мебошанд. Имом ал-Бухорӣ тамоми ҳаёти худро ба гирд овардани ҳадисҳо бахшидааст. Асари ӯ «ас-Саҳеҳ» бошад, аз он лиҳоз диққатҷалбкунанда, мароқовар аст, ки он нахустмаҷмӯаи ҳадисҳо буда, бо принсипи мусаннаф тартиб дода шудааст, яъне гурӯҳбандии ҳадисҳо дар асоси сужет (мазмун).

Абӯ Ҷаъфар Муҳаммад ибн Ҷарир ат-Табарӣ (839-923) –таърихшиноси исломӣ, файласуф, фақеҳ буда, «падари таърихшиносии мусулмонӣ» маҳсуб меёбад. Муаллифи асари «Таърих ар-расул ва-л мулук»- «Таърихи паёмбарон ва шоҳон» (номи пурраи он «Таърихи шоҳон ва ҳаёти онҳо, тавлиди паёмбарон ва маълумотҳо дар бораи онҳо ва оне, ки дар давраи ҳар яки онҳо рӯй додааст»). Ин таърихи умумӣ аз пайдоиши олам то асри IX буда, асари бузургтарини таърихшиносии ислом мебошад. Матни пурраи он нигоҳ дошта нашудааст, вале то ба мо қисмати аз ҷониби муаллиф кӯтоҳкардашуда омада расидааast. Дар асоси тасдиқи Ҳоҷӣ Халифа дар ибтидо «Таърих» аз 30000 саҳифа иборат буд, вале муаллиф онро бо мақсади дастрасии бештар кӯтоҳтар кардааст. Бо вуҷуди ин, асари Табарӣ бениҳоят калон буд. Тафсири форсии «Таърих»-и аз ҷониби Балъамӣ мураттаб кардашуда, тафсири чиғатойӣ, инчунин асарҳои таърихшиносони исломӣ ва ҷуғрофидонон мавҷуданд, ки аз матни пурраи ат-Табарӣ истифода бурдаанд. Асари дигари ат-Табарӣ «Тафсири ат-Табарӣ», «Тафсири бузург» ва ё «Тафсири Қуръон» мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм ва нодирии фикру ақида (баъзе тавзеҳоти ӯ аз ҷониби сарварони шӯришҳо истифода бурда шудаанд) асар ба таври васеъ паҳн нагардидааст, вале то ба имрӯз омада расида, классикаи фиқҳи ислом маҳсуб меёбад. Ғайр аз ин, бештари фиқеҳони исломӣ онро тафсири аз ҳама беҳтарини Қуръон меҳисобанд [1, с. 93,94]

Ан-Набавӣ дар бораи Ибни Ҷарир чунин навиштааст: «Ӯ китоби машҳуре дорад оид ба таърих ва тафсир, ки касе баробари ӯ таълиф накардааст» [4]. Ҷалолуддин ас-Суют нисбати ат-Табарӣ низ чунин ақида дорад: «…Тафсири Имом Абӯ Ҷаъфар ибн Ҷарир ат-Табарӣ, ки дар бораи он уламои муҳтарам ба сари он омаданд, ки ягон тафсире ба мисли он навишта нашудааст» [5].

Амири Сомониён Мансур ибни Нуҳ ба гурӯҳи уламои Мовароуннаҳр ва Хуросон фармудааст, ки «Тафсир»-и ат-Табарӣ тарҷума карда шавад. Ин тарҷума то имрӯз ба мо омада расида, дар Эрон чандин маротиба аз чоп баромадааст.

Солҳои 1980-2000 асари 40-ҷилдаи «Таърих» дар ИМА чоп карда шуда, ба забони русӣ «Избранные отрывки» Ат-Табарӣ дар Тошканд ба табъ расидааст.

Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолии Тӯсӣ (1058-1111 м.)-донишманди маъруф, фақеҳ, сӯфӣ ва файласуф, дорандаи унвони олии «ҳуҷҷат-ул-ислом»-яке аз мутафаккирони давраи «тиллоӣ»-и ислом мебошад. Ӯро инчунин «Муҳий ад-дин» (Эҳёгари дин) ва «Муҷаддид» (таҷдидгари дин) низ меноманд. Вай дар ташаккули симои фарҳанги исломӣ нақши муассир гузоштааст. Фаъолияти Ғазолӣ ба ташаккули ҳаматарафаи таълимот, инчунин таснифи асосҳои назариявии сӯфизм нигаронида шудааст ва ӯ амалан муфид будани таълимоти сӯфизми худро дар такомули ахлоқии инсон медид, асарҳояш аллакай ҳамон замон ба чандин забонҳо тарҷума гардида буданд.

Имом Муҳаммади Ғазолӣ дар яке аз мактуби худ, ки ду сол қабл аз вафот нигоштааст, ба теъдоди осори динии хеш ишора намуда, мегӯяд: «Ин доъӣ (имом Ғазолӣ)… дар улуми динӣ наздик ҳафтод китоб кард…» [7, с. 120].

Имом Муҳаммади Ғазолӣ аз он бузургони ҷаҳони исломист, ки бо мероси гаронбаҳои худ дар рушди на танҳо тасаввуфу ирфон, илмҳои фалсафаю калом, балки дин ҳам хидмати беназир намудааст. Нисбати нақши Ғазолӣ дар ислом гуфтаанд: «Агар пас аз Муҳаммад (с)-Паёмбари ислом дар ислом паёмбари дигаре мебуд, он било шак (к) Ғазолӣ мебуд». Гузашта аз ин, дар бораи шоҳасараш «Эҳё улум-ад-дин» низ гуфтаанд: «Агар фаразан, ҳамаи адабиёти исломӣ аз байн равад ва танҳо «Эҳё улум-ад-дин» боқӣ монад, ислом чизеро талаф надодааст» [2, с. 35]. Дар ин асар ӯ арзишҳои ортодоксалии суннизмро бо ғояҳои сӯфизм, се самти асосии андешаҳои мусулмонӣ: традитсионализм (анъанавӣ), ратсионализм ва миститсизм ҳампайванд мегардонад ва татбиқи ин ғояҳо ба манфиати синфҳо ва гурӯҳҳои гуногун буданд.

Асари безаволи Ғазолӣ «Кимиёи саодат»- ба забони форсӣ навишта шуда, дар он ӯ уламои муосири худро зери тозиёнаи танқид қарор дода, ишора намудааст, ки онон дониши худро воситаи ба даст овардани мақсадҳои ҳаётӣ (дунявӣ) кардаанд.

Асарҳои гаронбаҳои Ғазолӣ бо мазмуну мундариҷаи худ ба рушди фарҳанги исломӣ такони тозае бахшидаанд.

Абулқосим Маҳмуд ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Умар аз-Замахшарӣ (1075-1144)-нависандаи машҳури Осиёи Миёна, файласуф, кашшофи Қуръони карим, бо унвони Ҷоруллоҳ ва Фахри Хоразм машҳур гашта, намояндаи намоёни мазҳаби ҳанафӣ ва мактаби таълимоти динии муътазилия - таълимоти махсуси ратсионалистии ислом мебошад.

Аллома Ҷоруллоҳ аз-Замахшарӣ зиёда аз 80 асар офаридааст, ки ба мавзӯъҳои зерин бахшида шудаанд: 15 асар оид ба грамматикаи арабӣ; 15 асар оид ба лексикография; 14 асар оид ба назм; 2 асар оид ба ҷуғрофия; 9 асари бадеӣ –дидактикӣ; 2 асар оид ба фолклор; 1 асар оид ба экзегетика; 5 асар оид ба теология; 4 асар оид ба фиқҳ, 3 асар оид ба фалсафа; 4 асар оид ба таърихи ислом ва маънидодкунии он ва 6 асари дигар, ки алъон номаълуманд.

Асари аз-Замахшарӣ «ал-Фоиқ ва насим ар-райн фи ғариб ал-ҳадис»-тавзеҳоти ҳадисҳои Муҳаммад Паёмбар (с) буда, шоҳасари ӯ «ал-Кашшоф ан-ҳақоиқ ат-танзил», номи кӯтоҳи он «ал-Кашшоф» аст, ки тафсири Куръони каримро дар бар мегирад ва бештар хусусияти филологӣ дошта, дар мадрасаҳо китоби дарсӣ маҳсуб меёбад, «Хасоис ал-ашара ал-карим ал-барара» рисола оид ба 10 саҳоба Муҳаммад Паёмбар (с); рисолаи «Масъала фи-калимат аш-шаҳада» оид ба фиқҳ; «ал-Минҳоҷ фил-усул» ба методикаи фиқҳи мусулмонӣ бахшида шудаанд: «Руъус ал-масоил фил-фиқҳ»-масоили муҳим дар фиқҳи мусулмонӣ; «Илм ат-тасаввуф» - оид ба тасаввуф; «Мухтасар ал-Мувофиқат байна аҳл ал-байт в-ас саҳоба»- оид ба аҳли байт ва саҳобагони Муҳаммад Паёмбар, «Атвоқ уз-заҳаб» асари фалсафӣ-дидактикӣ [8, с. 58-61, 79], асарҳое мебошанд дар омӯзиши фиқҳи ислом ва масоили муҳимми он, шинохти аҳли байт ва саҳобагони Муҳаммад Паёмбар (с), дар маҷмӯъ фарҳанги исломӣ нақши муассир дошта, оид ба фазилатҳои неки инсонӣ сухан

ронда, одамиятро ба тақво, саховатмандӣ, ҳурмату эҳтиром ба волидайн, таҳаммулпазирӣ ҳидоят менамоянд.

Баҳоваддин Муҳаммад ибн Баҳоваддин Муҳаммад ал-Бухорӣ (1318-1389), ки бо номи Баҳоваддини Нақшбанд, Баҳоваддини балогардон, Хоҷаи бузург, Шоҳи Нақшбанд машҳур аст, устоди сӯфизм, асосгузори иттиҳоди сӯфизми нақшбандӣ (амалан панҷумин шайхи иттиҳод) мебошад. Ӯ ҳамчун устоди маънавии иттиҳоди Нақшбандӣ дар хутбаҳои хеш ба хоксорӣ ва фурӯтанӣ даъват намуда, парҳезкорӣ ва гӯшанишиниро рад мекард ва тарафдори ҳаёти осоишта, ки шахсияти инсонро аз ҳама хубтар ташаккул медиҳад, буда, бар зидди тақводории бардурӯғ ва маросимҳои намоишкорона, рӯзагириҳои чилрӯза, зикр бо овози баланд ва қаландарӣ-оворагӣ мебаромад.

Нақшбандӣ ҳамчун пири Ғиждувонӣ таълимоти иттиҳоди Хоҷагонро рушд ва такомул бахшида, 11 қоидаи мушоҳида (ибодат - медитатсия) ва методикаи махсуси нафаскаширо коркард намуда, «зикри ором»-ро бо методикаи муайяни нафаскашӣ паҳн кардааст. 11 қоидаи мушоҳида (ибодат) ҳашт қоидаи ал-Ғиждувонӣ ва 3 иловаи Баҳоваддини Нақшбандиро дар бар мегирад, ки ҳоло асоси ҷомеаи нақшбандӣ мебошад: вуқуфи замонӣ - фосила барои худназоратӣ; вуқуфи ададӣ - фосила барои ҳисоб. Такрор намудани зикри фардӣ қатъиян мутобиқи шумораи муқарраркардашудаи такрорҳо ва расму русуми муқарраркардашуда; вуқуфи қалбӣ - фосила барои қалб, тасаввури фикрии қалб ба номи Аллоҳ, барои ҳис кардани он, ки дар қалб чизе нест, ба ғайр аз Аллоҳ.

Принсипҳои Хоҷаи бузург ин тозагии маънавӣ, рад кардани карру фар ва молпарастӣ, рад кардани муносибат бо ҳокимон мебошад.

Шахсе аз Ҳазрати Баҳоваддини Нақшбанд пурсон гардидааст: «Аз чӣ сабаб бошад, ки дар тариқати Шумо ман на ибодати ошкоро ва зикр, на одату маросимро намебинам?». Ҳазрат дар ҷавоб чунин посух додааст: «Зоҳирамон бо халқ, ботинамон бо ҳақ аст» [10, с. 36].

Ин ҷо метавон мутафаккирони зиёди тоҷикро мисол овард, ки оид ба ҳадисҳои дини мубини ислом тадқиқотҳои амиқ гузаронида, асарҳои безаволи тафсирӣ ва тавзеҳотӣ эҷод намуда, дар такомул ва рушди фарҳанги исломӣ саҳми босазо гузоштаанд.

Алломаҳои бомаърифату фарҳангдӯсту илмпарвари мо тавонистанд забони арабиву фарҳанги исломиро хуб омӯхта, таҳлилҳои зиёде намуда, ҳадисҳои пур аз панду ҳикматҳои таълимиву тарбиявӣ, қавоиди дини мубини исломро, ки инсонро ба росткориву, хоксорӣ, меҳнатдӯстиву меҳанпарварӣ, худогоҳиву инсонпарварӣ ҳидоят менамоянд, дастраси омма гардонида, бо ин амали неки хеш фарҳанги миллиро боз ҳам пурғановаттар гардонида, дастурҳои нодир дар ҳар кадом масоили зиндагӣ эҳдо намудаанд, ки онон имрӯз ҳам арзиши гаронбаҳои худро гум накарда, барои таълиму тарбияи насли муосири ояндасоз басо муфид мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Абдулазиз ибн Иброхим ибн Косим. Путеводитель по научным текстам. -Э.Рияд: Дар ас-Самайи, 2000, -С.93-94.
2. Абдуллозода Шерзод. Имом Ғазолӣ бунёдгузори эҳё ва таҷдиди шуури дини исломӣ // Ахбори АУ ҶТ, 2008. -№ 3. -С. 35.
3. Ализода А. «Исламский энциклопедический словарь» Ансар, 2007.
4. Ан-Набавӣ. Тазҳиб ал-асмо вал-луғат. 1/78.
5. Ас-суюти. Ал-Иткон. 4/213.
6. Боголюбов А.С. Аш-Шайбони / А.С. Боголюбов // Ислам: Энциклопедический словарь / отв.ред.С.М.Прозоров. Наука, ГРВЛ 1991. -С. 288-389.
7. Газолӣ. Абӯҳомид Маҳаммади Ғазолӣ. Макотиби форси Ғазолӣ. Тасҳеҳ ва эҳтимоми Аббос Иқбол. – Теҳрон: Китобхонаи Саноӣ ва Таҳурӣ, 1363. -С.120.
8. Окилов М. Замахшари и его сочинение «Атвак аз-захаб» (филологическое исследование, перевод на русский язык и комментарии) / М. Окилов. -Худжанд: Нури маърифат, 2012. -С. 58-61, 79.
9. Усмонов Аюбхон. Нақши тамаддуни эронӣ дар замони зиндагии Имоми Аъзам // Маҷмӯаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии «Муколамаи фарҳангҳо: ҷойгоҳи Имоми Аъзам дар фарҳанги ислом ва ҷаҳон» (28-29 майи соли 2009, Хуҷанд).-Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. -С.311-316.
10. Ҳазрат Баҳоуддин Нақшбанд (дил-ба ёру даст-ба кор): (Телдирилган ва Кайта нашр) таърихий ва маърифий рисола/сез боши муаллифи ва манбалар асосида нашрга тайёрловчӣ: М.Азим еuли. -Тошкент: Sano-standart, 2015. -С.36.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ. -Душанбе, 2009. -С. 20.
12. Абу Хафс Кабир. [Захираи электронӣ] http:www.idmedina,ru/books/iclamic/5380/(Санаи муроҷиат 1.12.2018).
13. Аль-Бухори. [Захираи электронӣ] http:/ru.m.wikipedia.orq»wiki». .. (Санаи муроҷиат 1.12.2018).
14. Мухаммад ат-Тирмизи. [Захираи электронӣ] http:/ru.m.wikipedia.orq»wiki» (Санаи муроҷиат 1.12.2018).

## САҲМИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК ДАР РУШДИ ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии саҳми мутафаккирони тоҷик дар рушди фарҳанги исломӣ бахшида шудааст. Ислом ҳамчун дини ҷаҳонӣ дар асри VII пайдо шуда, исломшиносӣ ҳамчун раванд дар ҷаҳони арабӣ тавлид ёфта, сониян барқосо дар мамлакатҳои бештари дунё паҳн шуда, дар қарнҳои VIII-XII бошад, дар Осиёи Миёна ба рушди бештаре комёб гардид. Қарни IX дар таърих давраи «тиллоӣ», давраи мураттабсозии маҷмӯи ҳадисҳо (ривоятҳо оид ба рафтор ва панду ҳикматҳои Муҳаммад Мустафо (с) маҳсуб мeёбад ва сӯфизми дар ин давра рушдёфта зинаи муайяне дар ташаккул ва инкишофи фарҳанги маънавии халқҳои минтақа гардид, ки ба мустаҳкамшавии ҳамзистии босубот ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа мусоидат намуд. Боз хусусияти хосси замон дар он аст, ки илмҳои дунявӣ ва динӣ мувозӣ бо пуррасозии ҳамдигар рушд менамуданд. Ин маънои онро надорад, ки дар минтақа ақидаҳои мухолиф, мубоҳисаҳои илмӣ, баҳсу музокираҳо ҷой надоштанд, онҳо буданд, вале то ба зиддиятҳои ҷиддии боиси талафи одамон омада намерасиданд, бо роҳи мусолиматомез ҳалли худро дарёфт менамуданд. Ин мумкин аст зуҳуроти оқилонаи шарқии гузаштагони мо ва ҳам ба дараҷаи муайяне таъсири фарҳанги исломӣ бошад. Фарҳанги исломӣ ба майдони илму маърифат, тафаккури исломӣ барӯмандтарин исломшиносонро овард, ки онҳо бо осори нодири пур аз панду ҳикматҳои башардӯстонаи худ ҷомеаро ба роҳи таҳаммулпазирӣ, ватандӯстиву инсонпарастӣ ҳидоят намуда, дар тафсири Қуръони шариф, шинохти дини ислом, кашфиёти пурқимат ва хулосабарориҳои навини худ дар ғанӣ гардонидани фарҳанги милливу исломӣ нақши муассире гузоштанд.

**Калидвожаҳо:** ислом, дини ҷаҳонӣ, исломшиносӣ, Осиёи Миёна, илмҳои дунявӣ ва динӣ, фарҳанги исломӣ, таъсири фарҳанги исломӣ, тафсири Қуръони шариф, тафаккури исломӣ.

## ВКЛАД ТАДЖИКСКИХ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ В РАЗВИТИЕ ИСЛАМСКОЙ КУЛЬТУРЫ

Данная статья посвящена рассмотрению вклада таджикских просветителей в развитие исламской культуры. Ислам как мировая религия появилась в VII веке, исламоведение возродилось как процесс в арабском мире и постепенно получило распространение в большинстве стран мира, а в VIII-XII веках получило широкое распротранение и в Средней Азии. IX век в истории считается «золотой» порой составления сборника хадисов (предания о поведении и наставлениях Мухаммада Мустафо (С)) и суфизм получивший развитие в данный период, являлся определенной ступенью в формировании и развитии духовной культуры народов региона и способствовал укреплению устойчивого сосуществования и взаимопонимания общества. Еще одним особенным свойством того периода являлось то, что светские и религиозные науки развивались параллельно взаимодополняя друг друга. Это не означает того, что в регионе не существовали противоречивые взгляды, не возникали научные споры и разноглаия, они были, но не приводили к гибели людей и решались мирным путем. Это может быть мудрым восточным явлением наших предков, а также в определенной степени влиянием исламской культуры. Исламская культура привнесла на поле науки и просветительства, исламского мышления известнейших исламоведов, которые своим редким наследием полным гуманистической мудрости и нравоучений вели народ путем толерантности, патриотизма и гуманизма и оставили воздействующий след в толковании Корана, познании исламской религии.

**Ключевые слова:** ислам, мировая религия, исламоведение, Средняя Азия, светские и религиозные науки, исламская культура, влияние исламской культуры, толкование Священного Корана, исламское мышление.

## CONTRIBUTION OF TAJIK LIGHTS TO THE DEVELOPMENT OF ISLAMIC CULTURE

This article focuses on the contribution of Tajik enlighteners to the development of Islamic culture. Islam as a world religion appeared in the 7th century, Islam studies revived as a process in the Arab world and gradually became widespread in most countries of the world, and in the 8th-12th centuries it was widely distributed in Central Asia. The 9th century in history is considered the “golden” at times compiling the Hadith collection (legends about the behavior and teachings of Muhammad Mustafo (C)) and Sufism developed during this period, was a certain step in the formation and development of the spiritual culture of the peoples of the region and contributed to the strengthening of sustainable coexistence of society. Another special feature of that period was that the secular and religious sciences developed in parallel complementing each other. This does not mean that there were no contradictory views in the region, there were no scientific disputes and disagreements, they were, but did not lead to the death of people and were resolved peacefully. This may be a wise oriental phenomenon of our ancestors, as well as to some extent influenced by Islamic culture. Islamic culture brought to the field of science and enlightenment, the Islamic thinking of famous Islamic scholars who, through their rare legacy full of humanistic wisdom and moralizing, led the people through tolerance, patriotism and humanism and left an influential mark on the interpretation of the Koran, the knowledge of Islamic religion.

**Key words:** Islam, world religion, Islamic studies, Central Asia, secular and religious sciences, Islamic culture, influence of Islamic culture, interpretation of the Holy Quran, Islamic thinking.

**Сведения об авторе:** ***Окилова Мавзуна Махмудджоновна*** – Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова, преподаватель кафедры культурологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1 Телефон: **+992 93 818 4434**, E-mail: **tiny_6@mail.ru**

**Information about the author:** ***Okilova Mavzuna Makhmuddzhonovna*** - Khujand State University named after B.Gafurov, teacher of the department of culturology. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekov, 1. Pone: **+992 93 818 4434**, E-mail: **tiny_6@mail.ru**

УДК 301

# ИНЪИКОСИ МУАММОИ КОСТАШАВИИ АХЛОҚ ДАР ФАЛСАФАИ АСРИМИЁНАГИИ ТОҶИК

*УстобоеваД.М.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд**

Таҳқиқи муаммои ахлоқ ва косташавии унсурҳои он дар шароити ҷаҳонишавии арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба дарки заминаҳои таърихӣ-назариявии он вобаста мебошад. Ба андешаи мо, дар шароити тағйирёбиҳои кулии иҷтимоӣ масъалаи ахлоқ ва косташавии баъзе унсурҳои он, аз қабили чунин муаммоҳост. Зеро, аз як тараф, агар талаботҳои бунёди давлати миллӣ, эҳёи анъанаҳои фарҳанги миллиро ҳамчун шоҳсутуни миллат тақозо намояд, аз сӯйи, дигар дар шароити ҷаҳонишавӣ ахлоқи суннатии тоҷикона бо унсурҳои барои он бегона олуда гашта, баъзе сигментҳои он коста шуда истодаанд. Ба фикри мо, таҳлили фалсафии ин масъала бе мурочиат ба таърихи пайдоиши назарияи ахлоқ, табиату моҳияти он ғайриимкон аст. Мавзӯе, ки дар мақола қазоват карда мешавад, муаммои хеле доманадор аст ва мусаллам аст, ки мавриди таҳлили илмӣ қарор додани ҳамаи паҳлуҳои он ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, вазифаи худро каме маҳдуд намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ба ҳикмати ахлоқии ниёгон такя намуда, баъзе омилҳои косташавии онро дар шароити ҷаҳонишавии арзишҳои иҷтимоиву фарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Қабл аз ҳама, мехостем ба як нуктае, ки дар таърихи фалсафа ҷой дорад, равшанӣ андозем. Баъзе мутахассисони соҳаи таърихи фалсафа ва фарҳангшиносӣ даъво менамоянд, ки мутафаккирони тоҷику форс оид ба проблемаҳои фалсафа, аз ҷумла фалсафаи амалӣ ягон ақидаи шоиста пешниҳод накардаанд ва зарурияти омӯзиши алоҳида ҷой надорад. Агар баъзеи онҳо, ба мисли Форобӣ ва Ибни Мискавейҳ баъзе паҳлуҳои ахлоқро баррасӣ намуда бошанд, ин на зиёда аз такрори андешаҳои Афлотуну Арасту мебошад. Муҳаққиқ М.Қ. Мирбобоев дар рисолаи худ “Этика Джалолиддина Давонӣ” чунин менависад: “Дар ҷаҳонбинии мутафаккирон оид ба таърихи этика ва дидактикаи халқҳои Шарқи Наздик ва Миёна тасаввуроти нодуруст ташаккул ёфта аст. Ин нуктаро профессор Мирбобоев М.Қ. дар ишора ба асари бунёдии муаррих, Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Б. Ғафуров, асарҳои эҷоднамудаи файласуфони қазоқ Қосимҷонов А.Х., Сатибекова С.К., Сапаргалиев Г. С ва донандагони шинохтаи таърихи фалсафаи тоҷик М. Диноршоев, К. Олимов М. Ҳазратқулов А., Идиев Х.У., М. Раҷабов, Муҳаммадхоҷаев У, Султонов Н.А. Қулматов (Арабзода), Н. Идибеков, К. Бекзода ва даҳҳо дигарон рад намуда, таъкид менамояд, ки мутафаккирони Шарқ (Форобӣ ва дигарон) на фақат шореҳони фалсафаи Афлотуну Арасту мебошанд, балки дар такя ба ақидаҳои ин файласуфони юнонӣ, онҳо асарҳои бунёдӣ оид ба фалсафа, мантиқ, ахлоқи (этика), тадбири манзил эҷод намудаанд [2,с.7-10]. Офаридаҳои мутафаккирони барҷастаи Шарқ, ба монанди Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Насируддини Тӯсӣ, Ҷалолиддини Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон, дар шароити сифатан нави иҷтимоиву иқтисодӣ исботи андешаи боло мебошанд.

Тибқи таълимоти ахлоқии Абӯнасри Форобӣ рисолати асосии инсон дар зиндагӣ расидан ба саодат ва хушбахтист. Ӯ муътақид бар он аст, ки барои расидан ба ин ҳадаф дар қатори дигар омилҳо ахлоқ нақши муассир мебозад. Албатта, Форобӣ мазвӯи косташавӣ ё коҳишёбии ахлоқро ба таври алоҳида тадқиқ накардааст, аммо табиат ва моҳияти ахлоқро омӯхта, он омилҳоеро муайян менамояд, ки ба ташаккули ахлоқи раизила сабаб мешаванд. Ба андешаи ӯ, ахлоқ ба мисли дигар хислатҳои ақлонии инсонӣ модарзодӣ набуда, ба таълиму тарбия, инчунин таҷрибаи амалии зиндагӣ вобаста мебошад. Ӯ чунин меҳисобад, ки бо вуҷуди тафовут байни одамон ҳамаи онҳо ҳангоми таваллуд баробаранд ва яке аз дигаре бартарие надоранд, онҳо қариб дорои қобилияти фитрии монанд доранд. Комёб шудан ба ахлоқи хуб аз масъулиятшиносии шахс, аз таълиму тарбия сахт вобастагӣ дорад. Ба фикри мутафаккир, дар ин раванд нақши иродаи инсон дар ташаккули ахлоқ хеле муассир аст.

Дар бораи таъсири дин ба ахлоқи инсон сухан ронда, Форобӣ таъкид менамояд, ки он дар ташаккули ахлоқи ҳамидаи инсон ба мисли сабру тоқат, покизагиву фозилӣ, меҳру шафқат, ҳурмату эҳтироми волидайн ва дигар арзишҳо мақоми баланд дорад. Аммо ба андешаи Форобӣ, зарур нест, ки дар ҷомеа дини ягона вуҷуд дошта бошад, динҳо

метавонанд гуногун бошанд, муҳим он аст, ки ҳадафи ягона, тасаввуроти ягона дар бораи бахту саодати мардум дошта бошанд. Ӯ чунин мешуморад, ки набояд мардумро барои қабули дини ягона маҷбур ё омода карда бошем, як дину мазҳаб аз дигар динҳо боло гузорем. Агар чунин бошад, дин мақому манзалати хешро дар ташаккули ахлоқи ҳамида гум мекунад.

Аз таълимоти ахлоқии Форобӣ чунин хулосабарорӣ намудем: **Якум**, дар фалсафаи амалӣ хислати иҷтимоӣ доштани ахлоқ таъкид мегардад, яъне дар ибтидои арзи вуҷуд намудан ҳамаи инсонҳо имконоти ягона доранд, хислату феълу хӯи онҳо дар раванди иҷтимоишавӣ ташаккул меёбанд. **Дуюм,** ахлоқ василаест, ки муносибатҳои табиат, ҷамъият, инсонро ҳамоҳанг месозад. Дар сатҳи ҷомеа (сотсиум) ахлоқ танзимкунандаи муносибатҳои байни афрод, гурӯҳҳо ва ниҳодҳои иҷтимоӣ мебошад. **Сеюм,** дар ташаккули ахлоқи нек нақши илму дониш бениҳоят баланд аст. **Чаҳорум,** хонавода ва таълиму тарбия дар ташаккули ахлоқ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Мутафаккири дигари тоҷик Абуалӣ ибн Сино асосан ақидаҳои Форобиро дар масъалаи ахлоқ пайгир мебошад. Муаллифони китоби "Таърихи фалсафи тоҷик. Аз қадим то асри XX" таъкид намудаанд, ки назарияи ахлоқи Ибни Сино аслан аз ду манбаъ сарчашма мегирад: китоби муқаддаси Қуръон, меъёр қоидаҳои рафтору аъмоли одамон, анъана ва расму суннатҳое, ки дар асоси шариат таҳия шудааст. Аз ҷониби дигар, манбаи он низоми ахлоқии Арасту мебошад [8,с.345].

Ибни Сино дар "Рисола оид ба ахлоқ" усулҳоеро муайян менамояд, ки ки ба воситаи онҳо инсон ба сатҳи шоистаи камолоти ахлоқӣ мерасад. Дар ин радиф ӯ хештаншиносӣ, нигаҳдории ҳувият, фазилат ва идора карда тавонистани нафси худро василаҳои дараҷаи баланди такомули ахлоқи инсон ҳисоб мекунад. Дар низоми ахлоқии Сино ҳар як фазилат тазоди ба худ хосеро дорад. Масалан, ба дониш ҷаҳолат мутақобил мебошад. Гумроҳӣ–зидди хушбаёнию фасоҳат; каммағзӣ–муқобили фаросат ва ҳадси накӯ; нотавонӣ–зидди собитқадамӣ; бовафогӣ зидди аҳдшиканӣ, хиёнат... [9,с.651].

Ба фикри Ибни Сино роҳи асосии ташаккули ахлоқи ҳамида меҳнат аст, зеро ӯ тарбияи меҳнатиро чун тарзи ташаккули хислатҳои волои ахлоқи шахсият арзёбӣ намудааст. Ибни Сино ёдовар мешавад, ки "бойигарии меҳнати ҳалол шахсро ба мурод мерасонад, ба туфайли ғасбу истисмор бадастомада ва фоидаи тавассути ҷурму бешарафӣ гирифта, нопокand, ҳарчанд зоҳиран дилфиреб ва мароқангезанд" [8,с.442].

Ахлоқи зишт ё ахлоқи разила падидаи модарзодӣ нест, балки инсон ба он дар раванди зиндагӣ дар ҳолатҳои муайяни иҷтимоиву равонӣ дучор мегардад. Ибни Сино ҳам бар ҳамин ақида аст. Чуноне ки донандагони илми ахлоқ таъкид менамоянд: "Барои Ибни Сино хулқи бад бемории рӯҳиест, ки табобат мешавад. Аз тариқи тарбия кӯшиш ба худшиносӣ ва касби камол ё худтакмилдиҳӣ роҳҳои асосии рушди ахлоқии инсон мебошанд" [10,с.19].

Масъалаи ахлоқ вобаста ба сохтори ҷомеа, мақом ва нақши шахс дар асари безаволи Унсурулмаолии Кайковус "Қобуснома" матраҳ гаштааст. Навгонии баррасии ахлоқ дар эҷоди ин мутафаккир дар он буд, ки ӯ меъёрҳои ахлоқро дар ҳаёти рӯзмарраи одамон корбаст намудааст. Унсурулмаолии Кайковус таъкид менамояд, ки обрӯю эътибори шахс дар ҷомеа на аз рӯйи мақоми ишғолкардаи ӯ дар ҷомеа, балки аз рӯйи риояи меъёрҳои ахлоқии ҷомеа муайян карда мешавад. Дар муайян намудани роҳу усулҳои ташаккули ахлоқи ҳамида ӯ низ мисли Форобию Сино нақши тарбияро муҳим медонад. Дар "Қобуснома" Унсурулмаолии Кайковус ба чунин ҷанбаҳои ахлоқ, ба монанди ҳурмату эҳтироми волидайн, калонсолон, одоби хонаводагӣ, муносибати зану шавҳар, тарбияи фарзанд ва ғайраҳо диққати хосса додааст. Унсурулмаолии Кайковус омили асосии зиштии ахлоқро дар дури аз илму дониш, худшиносӣ, бархӯрдор набудан аз маънии панду ҳикматҳо ва берун мондан аз тарбия муайян менамояд.

Дар таърихи фалсафаи тоҷик назарияи ахлоқ дар таълимоти яке аз симоҳои шинохтаи тоҷику форс -Насируддини Тӯсӣ мақоми хосса дорад.

Дар мақолаи "Таҳзиби ахлоқ" ӯ ақидаи фитрӣ будани ахлоқро рад менамояд. Вобаста ба ин, нуктаи муҳимми назарияи ахлоқи Насируддини Тӯсӣ аз он иборат аст, ки ӯ ахлоқро падидаи иҷтимоӣ меҳисобад ва он дар раванди тағйирёбиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ тағйир меёбад. Гарчанде Тӯсӣ мафҳуми "иҷтимоишавӣ"-ро истифода намебарад, вале ба он ишора намуда, таъкид менамояд, ки баробари тағйири муҳити иҷтимоӣ ахлоқ низ дигар мешавад.

Мутафаккири дигаре, ки назарияи ахлоқро ба пояи боистани матраҳ намудааст, Ҷалолиддини Давонӣ буд. Ӯ бо эҷоди рисолааш “Ахлоқи Ҷалолӣ” илми ҳикмати амалиро ба зинаи баланд бардошт, зеро дар ин асари бунёдӣ ӯ масъалаҳои бунёдии илми этикаро мавриди баррасиву қазоват қарор додааст. Ӯ чун дигар намояндагони фалсафаи машшоия ба таъкиди хислати иҷтимоӣ доштани ахлоқ маҳдуд намешавад, балки кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти онро аз нигоҳи худаш вокуниш намояд. Ба фикри ӯ, “ахлоқ, одати руҳ буда, тавассути он инсон ин ё он рафторро ба осонӣ, бе ягон таҳаммулу тафаккур иҷро менамояд. Одат сифати устувори рӯҳ аст ва агар он устувор набошад, онро Давонӣ “ҳолат” меномад. Аз ин нукта дарк намудан мумкин аст, ки ӯ кӯшидааст ҷанбаҳои маънавию равонии ахлоқро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Дар ин ҷо орои Давонӣ оид ба “дударaҷагии ахлоқ ҷолиб аст. Дараҷаи якум, хислатҳои табииро дар бар мегирад, яъне дар инсон аз аввал ин ё он сифати хосса мавҷуд буда, он дар табиати вай бартарӣ дорад, яъне ба ӯ миҷози хос маҳсуб мебошад. Дараҷаи дуюм, одат аст, ки он дар раванди зиндагӣ пайдо мешавад. Дар ибтидо рафтори муайян содир карда мешавад, баъди такрору тармим рафтор ба одат табдил меёбад ва дар оянда он бе душворӣ зуҳур ёфтан мегирад”[2,с.17-18]. Бешубҳа, дар назарияи ахлоқи Давонӣ дигар нуктаҳои ҷолиб низ ҳастанд. Вале дар доираи мавзӯи зери назар, муайян намудани мавқеи мутафаккир оид ба тағйирпазирӣ ё коҳишёбии ахлоқ зарур аст.

Албатта, Давонӣ мафҳуми “косташавии ахлоқ” ё“ коҳишёбии ахлоқ” -ро дар асарҳои худ истифода набурдааст. Вале андешаи ӯ оиди майл намудани ахлоқ ба сӯйи ахлоқи фозила ё ахлоқи разила вобаста ба тағйиротҳои муҳити иҷтимоӣ, то андозае ба он ишора менамояд, ки вобаста ба таъсири ин ё он омил ахлоқ ба сӯйи некӣ ё зишти майл намояд.

## АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлоли худшиносӣ // Рӯзномаи “Минбари халқ”. -2006, 16 сентябр. -16 с.
2. Мирбобоев М.Қ. Этика Джалолиддин адавони / М.Қ. Мирбобоев. – Душанбе: Дониш, 1992. -37 с.
3. Рашшод М. Фалсафа аз оғози таърих. –Душанбе: Ирфон, 1991. - 474 с.
4. Мирбобоев М. Фалсафа / М.Қ. Мирбобоев, Р. Солеҳҷонов, Ю. Абдулатипов. -Хуҷанд: Хуросон, 2010. - 313 с.
5. Ғаффорова М.Қ. Асосҳои фалсафа / М.Қ. Ғаффорова. - Душанбе, 2012. - 184 с.
6. Исмоилов М. Фалсафаи бостони тоҷик / М. Исмоилов. –Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. - 122 с.
7. Аль Фарабӣ. Социально – этические взгляды. -Алма Ата: Наука, 1973. -210 с.
8. Таърихи фалсафаи тоҷик. Аз қадим то асри XX. - Душанбе, 2016. -Ҷ. 2. -892с.
9. Абуалӣ ибни Сино. Осор. -Ҷ. 2. -647 с.
10. Раҳмонов А.А. Одоби муошират ва рӯзгордорӣ/ А.А. Раҳмонов, М.Қ. Мирбобоев [ва диг.] / Зери таҳрири К. Олимов. –Душанбе: Маориф, 2017. -220с. Фарҳанги забони тоҷикӣ. (аз асри X то ибтидоӣ асриXX) борат аз 2 ҷилд.Ҷ. 1. -М.: Советская энциклопедия, 1969. -951 с.
11. Одилов Н. Ҷаҳонбинии Ҷалолиддини Румӣ / Н. Одилов. –Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1964. -106 с.


## ИНЪИКОСИ МУАММОИ КОСТАШАВИИ АХЛОҚ ДАР ФАЛСАФАИ АСРИМИЁНАГИИ ТОҶИК


Муаллиф дар мақолаи мазкур инъикоси омилҳои косташавии ахлоқро дар таълимотҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик мавриди қазовати илмӣ қарор додааст. Дар мақола таъкид мегардад, ки мутафаккирони асри миёнаи тоҷик муаммои косташавии ахлоқро ба таври хосса тадқиқ накардаанд, онҳо бештар ба муайян намудани омилҳои ташаккули ахлоқи ҳамида таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Албатта, андешаҳое, ки аз ҷониби онҳо оид ба ахлоқ ва иллатҳои косташавии он баён гашта буданд, ба шароитҳои таърихиву фарҳангӣ, иҷтимоиву иқтисодии замона вобаста буданд. Вале, ин мутафаккирон хусусиятҳои биологӣ, физиологӣ, равонӣ ва иҷтимоии ахлоқро тадқиқ намудаанд. Дар ин раванд онҳо ба нақши илму маърифат ва оила таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Муаллиф муътақид аст, ки назарияҳои аз ҷониби мутафаккирони асримиёнагии тоҷик баёнгашта барои такомули минбаъдаи назарияи ахлоқ аҳамияти хосса доранд.



**Калидвожаҳо:** ахлоқ, косташавии ахлоқ, коҳишёбии ахлоқ, гуфтори зишт, рафори зишт, пиндори зишт.


## ОТРАЖЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ ДЕГАРДАЦИИ МОРАЛИ В СРЕДНЕВЕКОВОЙ ФИЛСОФИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА


Объектом изучения данной статьи является проблема отражения деградации морали в средневековой таджикской философии. В статье подчеркивается, что средневековые мыслители специально не рассматривали вопрос деградации морали. Однако, они в части своей практической философии указывали факторы формирования добродетельной морали. В своих философских исканиях пытались выявить биологические, социально-экономические, психологические факторы формирования морали. При этом, средневековые мыслители таджикского народа особое внимание уделяли определению места и роли обучения и воспитания, а также семьи. В целом автор статьи утверждает, что идеи выдвинутые средневековыми мыслителями и рассморенные в рамках данной статьи послужат для развития и совершенствоания теории морали в современных условиях.



**Ключевые слова:** мораль, деградация морали, девиантное поведение.

**REFLECTION OF THE PROBLEM OF DEGARDATION OF MORALS IN MEDIEVAL PHILOSOPHY OF THE TAJIK PEOPLE**

The object of studying this article is the problem of reflecting the degradation of morality in medieval Tajik philosophy. The article emphasizes that medieval thinkers did not specifically consider the issue of moral degradation. However, in terms of their practical philosophy, they pointed to factors in the formation of virtuous morality. In their philosophical search they tried to reveal the biological, socio-economic, psychological factors of moral formation. At the same time, medieval thinkers of the Tajik people paid special attention to determining the place and role of education and upbringing, as well as families. In general, the author of the article asserts that the ideas put forward by medieval thinkers and examined within the framework of this article will serve to develop and improve the theory of morality in modern conditions.

**Key words:** morality, moral degradation, deviant behavior.

**Сведения об авторе:** ***Устобоева Дилафруз Мухидиновна*** - Институт экономики и торговли ТГУК в городе Худжанд, соискатель кафедры общественных наук. **Адрес:** 735700, Республика Таджикситан, Худжанд, улица ленине 169. E-mail: **Ustoboeva.1988@mail.ru.** Телефон: **928-16-69-50**

**Information about the author:** ***Ustoboeva Dilafruz Mukhidinovna*** - Institute of Economics and Trade at TSUK in Khujand, applicant for the Department of Social Sciences. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Leninine Street, 169. E-mail: **Ustoboeva.1988@mail.ru**. Telephone: **928-16-69-50**

**УДК:13 +891.550 : 82**

# ШАРҲ ВА ТАВСИФИ МАФҲУМИ НАФС ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ БОҶА ВА НАМОЯНДАГОНИ МАКТАБИ МАШШОИЯ

***Соҳибхон Олимзода, Самиев Б.Ҷ.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Абӯбакр Муҳаммад Ибни Боҷа аз аввалин файласуфони андалусӣ аст. Ҳарчанд дар асри XI дар Андалус дидгоҳи фалсафии арзёбӣ ва баррасии масъала падидаи нав буд, вале Ибни Боҷа онро ба хубӣ фаро гирифта, назарияҳои арзишманде дар шинохти ҳастӣ, бахусус масъалаи инсон баён кард. Ибни Боҷа дар шаклгирӣ ва такомули андешаи фалсафии худ аз Афлотун, Арасту, навафлотуниён ва махсусан аз Форобӣ баҳраи комил ҷустааст.

Ҳарчанд назарияҳои фалсафии Ибни Боҷа аз рӯйи сохтор ва муҳтаво ба равиши пешиниён аст, вале боз орои ба худ хосаш ӯро на чун муқаллид, балки файласуфи назарияпардоз муаррифӣ мекунад.

Биниши фалсафии Ибни Боҷаро метавон ба фаслҳое чун маърифатшиносӣ ва ҳастишиносӣ ҷудо кард. Бавижа инсон, истеъдод ва қаламрави дониши ӯро меҳвари мавзӯи фалсафаи хеш қарор додааст. Аз ҷумла, ӯ инсонро дорои нафсе медонад, ки қувваву истеъдоди ба худ хос дорад. Ибни Боҷа дар шарҳи ин масъала «Китоб-ун-нафс»-и худро таълиф кардааст.

Дар асари мазкур тамаркузи ҳаким бар шарҳи мафҳум ва моҳияти «нафс» ё «нафси нотиқа» аст. Ибни Боҷа бар он буд, ки «нафс» ваҷҳи аслии ҳастии инсон аст. Ӯ саодати инсонро дар тавассули нафс ба «ақли фаъол» медонад. Бояд гуфт, ки асари Ибни Боҷа «Китоб-ун-нафс» рӯйкарди гносеологӣ дорад. Чунки меҳвари баҳси файласуф дар ин асар шиносонидани мафҳум, моҳият ва қувваву истеъдоди нафс аст ва шинохти ҳақиқати нафс ва қувваҳои он аз масъалаҳои дерини фалсафа аст. Арасту нахуст касест, ки дар боби нафс асари мустақил ва баҳси низомнок орост.

Баҳси нафс дар фалсафаи давраи исломӣ низ таваҷҷуҳи ҳукаморо ба худ ҷалб кард. Илми нафс аз ҷумлаи шоиста ва заруритарин илмҳо шуморида шуд. Ба ин сабаб, ки агар касе ба нафси худ шинохту огоҳӣ надошта бошад, чӣ гуна ба мавҷудоти дигар, ки берун аз вуҷуди худаш аст, илм ва эътимод дошта бошад. Чунончи дар аҳамияти ин мавзӯъ худи Ибни Боҷа мефармояд: «Илми нафс аз тамоми илмҳои табиӣ ва таълимӣ муқаддам аст ва ҳама илмҳо ба он эҳтиёҷ доранд» [1,с.21].

Ибни Боҷа дар равиши пардозиш ва ҳалли масъалаи нафс назари Арастуро дар бораи нафс марҷаи асосӣ қарор дода, аз орои Афлотун, навафлотуниён ва Форобӣ ҳам истифода кардааст. Бавижа дар баёни робитаи «нафси нотиқа» бо «ақли фаъол» аз рӯйкарди навафлотуниён таъсир пазируфтааст. Бинобар ин, дар ин мақола кӯшиши мо бар он аст, ки назари Ибни Боҷаро бо назари Форобӣ ва Ибни Сино дар таърифи нафс ва тавсифи қувваҳои он муқоиса намоем.

Ибни Боҷа дар осори худ бар он ишора дорад, ки аз фармудаҳои Форобӣ фоидаи фаровон ҷустааст. Ҳарчанд асарҳои Ибни Сино дар асри XI ба Андалус расида буданд, аммо Ибни Боҷа ҳеҷ ишорае аз дидгоҳҳои ӯ надорад. Азбаски Форобӣ, Ибни Сино ва Ибни Боҷа фалсафаи худро бар осору орои Арасту бунёд ниҳода, дар таҳқиқи нафс низ аз дидгоҳи Арасту таъсир пазируфтаанд, орои ин ҳакимон дар таърифи нафсу тавсифи қувваҳои он дар умум, ҳамсон аст.

Бояд зикр дошт, ки Абӯнасри Форобӣ тақрибан дар ҳама осораш ба мавзӯи нафс ишора дорад. Ӯ шинохти нафс, алалхусус, нафси нотиқа ва тақсими қувваҳои онро дар «Орои аҳли мадинаи фозила» ва «Фусус-ул-ҳикам» баррасӣ намудааст.

Форобӣ аз нафс ду таърифи мухталиф ироа медиҳад. Таърифи аввал: «Истикмоли нахустини ҷисми табиии олӣ, ки билқувва (потенсиалӣ) соҳиби ҳаёт аст». Ӯ дар ҷойи дигар монанди Арасту нафсро «сурат»-и ҷисм донистааст. Дар ҷое, ки калимаи суратро ба ҷойи истикмол дар таърифи нафс ба кор бурда, шояд назари файласуф бар нафси наботӣ бошад. Аммо ҳангоми шарҳи мафҳум ва моҳияти нафс ҳамон истилоҳоти «истикмол» ва «ҷавҳари басити рӯҳонӣ»-ро ба кор мебарад ва барои муддаои худ чунин далел зикр мекунад: нахуст, нафс мафоҳими муҷаррад ва маъқулро идрок мекунад, пас бояд, ки худ низ муҷаррад бошад. Дувум, нафс худро дарк мекунад. Чун агар сурат мебуд, мавҷудияташ вобастаи модда мешуд ва барои дарки худ зарур буд он олатро дарк кунад. Боз миёни он олат ва нафс бояд олати дигаре бошад, ки ин сабаби тасалсул мешавад. Сеюм, нафс зидҳоро бо ҳам ҷамъ мекунад, дар ҳоле ки ба ҳам омадани зидҳо дар модда мумтанеъ (ношуданӣ) аст. Чорум, ҳарчанд аз умри нафс бигзарад, қавитар мегардад, вале ҷисм бо мурур нобуд ва муталошӣ мешавад [15,с.101].

Бо ин далелҳо Форобӣ исбот мекунад, ки нафс ҷавҳари рӯҳонӣ аст. Ӯ илова бар нафси наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ, муътақид аст, ки фалакҳо низ нафс доранд ва онҳро бо истилоҳи нуфуси фалакӣ ёд мекунад. Нафси фалакӣ ҳарчанд бо нафсҳои наботӣ ва ҳайвонӣ ихтилофи ҷинсӣ (ҳақиқӣ) дорад, аммо бо нафси инсонӣ -нафси нотиқа ҳамҷинс аст.

Аз дидгоҳи Форобӣ нафс кори худро батадриҷ, аз қувваҳои наботӣ ва ҳайвонӣ шурӯъ карда, ба қувваҳои олитаре чун идрок ва таақкул мерасад. Дар натиҷа нафс сифати нотиқро ба худ мегирад. Агар ин нафс мафоҳими ақлӣ (куллӣ)-ро дарк кунад ба саодат мерасад. Чунончи, дар “Орои аҳли мадинаи фозила” мефармояд: «Ҳарчи ин афъол (некуӣ) аз нафс бештар сар занаду такрор шавад ва инсон бар он мувозибат варзад, нафс нерумандтару бартар ва комилтар шавад ва ба ҳадди камол расад, чунончи аз модда мустағнӣ (бениёз) гардад ва аз он табарро ҷӯяд. Ва бо талаф шудани модда талаф нашавад» [13,с.94].

Форобӣ дар мавриди миранда ё ҷовидонагии нафс назари сареҳу равшан надорад. Ин ҳаким танҳо дар мавриди нафси касоне, ки худро бо сифатҳои нек ороста ва аз мафоҳими маъқул баҳравар шудаанд, ибрози назар намуда, онҳоро ҷовид медонад. Вале дар бораи нуфусе, ки бо бадӣ ва разилатҳо омехта гаштааст, бо эҳтиёт сухан мегӯяд: «Аммо аҳли шаҳрҳое, ки дар ҷаҳланд, нуфусашон ҳамчунон камолноёфта бимонад, балки зарурatan дар қивоми худ ба модда ниёзманд бошад... инон ҳалокшавандагон ва бесипарони водии адаманд, чун баҳоим ва сабоъ ва хазандагон» [13,с.94].

Ин тарзи бархӯрди Форобиро ба ин масъала, файласуфон дар он медонанд, ки сабаби хомӯшии ӯ мухолифат наварзидан бо шариат будааст [12,с.421].

Ибни Сино низ чун дигар файласуфони исломӣ қоил бар вуҷуди нафс ва ҷовидонагии он буд. Ӯ барои исботи ақлонӣ ва боқӣ будани нафс чанд бурҳон меоварад, ки дар он нишон диҳад нафс ҷудо аз бадан ва мустақил аст. Нахуст Ибни Сино «бурҳони табиӣ»-ро иқома мекунад. Дар он аз баҳси ҳаракати иродӣ ва ғайрииродӣ натиҷа мегирад, ки ҷисмро нафс ба ҳаракат медарорад. Дувум, «бурҳони ваҳдати нафс»-ро матраҳ мекунад. Бар ин бурҳон ҷисм бо мурур тағйир меёбад ва ҳатто тамоман нав мешавад, аммо дар вуҷуди мо чизе ба номи «ман» тағйирнопазир боқӣ мемонад. Дигар «бурҳони истимрор», он аз тағйирот дар ҷисм падид меояд, ки вазъияти пешинаро ба куллӣ аз даст медиҳад, аммо илму огоҳии мо тағйир намеёбад. Баҳси муфассалтар аз далелҳои Ибни Сино дар рисола сурат мегирад.

Ибни Сино мафҳуми нафсро ба ду маънои аз ҳам ҷудо тақсим мекунад. Таърифи аввал: «Камоли аввал барои ҷисми табиии олӣ, ки билқувва дорои ҳаёт аст». Дар ин

маъно нафсро метавон бар наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ татбиқ намуд. Ӯ ҳар мафҳуми ин таърифро чунин шарҳ медиҳад [5], ки аз ҳар ҷисм асар (вокунишҳо)-и мухталиф сар мезанад. Аз бархе ҷисмҳо танҳо феъли тағзия ва тавлиди мисл содир мешавад, аммо аз баъзеи дигар ҳаракати иродӣ ва эҳсосӣ ношӣ мешавад. Ин кунишҳои гуногун, ки аз ҷисмҳо сар мезананд, наметавонанд аз худи аҷсом бошанд, ногузир қувваеро берун аз он бояд ҷуст. Ҳамчунин ҳамаи аҷсом, ки аз модда ва сурат таркиб ёфтаанд ва моддаи ҳамаи аҷсом муштараканд, пас маншаи феъл боз наметавонад ҷисм бошад.

Ҳар се файласуф андешаманданд, ки ҷисм бе феъл ноқис аст ва бо омадани қуввае ба ҳаракат даромада, ба феълият мерасад. Ин раванд барои ҷисм камол талаққӣ мешавад. Ин аст, ки маншаи афъолро «қувва», «сурат» ва «камол» қаламдод мекунанд. Ибни Сино истилоҳи камолро барои баёни нафс ихтиёр намуда, мехоҳад, ки истилоҳи нафс шомили ҷавоҳири ғайриҷисмонӣ низ шавад. Вале таърифи мазкур барои нуфуси арзӣ (заминӣ - нафсҳои наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ) муносиб аст.

Ибни Сино дар таърифи нуфуси самовӣ ё рӯҳонӣ чунин мегӯяд: «Нафс ҷавҳарест ғайриҷисмонӣ (ақлонӣ) ва камоли ҷисм аст, ки аз рӯйи ихтиёр ва ёрии ақл ҷисмро ба ҳаракат медорорад» [14,с.635].

Бар хилофи машраби Арасту Ибни Сино дар таърифи нафс на истилоҳи «сурат»-ро, балки «камол»-ро истифода кардааст. Чунки Арасту бар он буда, ки сурат ва камол ҳадди ақал дар таърифи нафс ҳаммаъноанд ва робитаи тасовӣ (ҳар сурате камол аст ва ҳар камоле сурат) доранд. Аммо Ибни Сино бар он аст, ки ин ду истилоҳ робитаи омму хосси мутлақ (ҳар сурате камол аст, вале ҳар камоле сурат нест) доранд. Далелаш ин аст, ки чун модда аз байн рафт, сурат низ бо ӯ нест мешавад, дар ҳоле ки нафс аз байн нарафтааст. Чунки нафс бо аз байн рафтани модда ва сурат боқӣ аст, пас он фаротар аз сурат аст ва дар мавҷудият фориғ аз модда [6, wph, 14].

Бо истифода аз истилоҳоти муносиб Ибни Сино дар таърифҳои боло ду навъи нафсро аз ҳам ҷудо намудааст. Ӯ дар таърифи аввал, вожаи «олӣ» (آلی)-ро ба кор бурда, ки ба маънои олатдор аст. Пас нафс феъли худро танҳо ба воситаи абзор ва олот анҷом медиҳад. Инчунин, «ҳаёти билқувва» доштани ҷисмро низ лозимаи таъсири нафс бар он медонад. Ин таъриф нафсҳои наботӣ, ҳайвонӣ ва инсониро фаро мегирад.

Нафси наботӣ - барои ҷисми табиии олӣ камоли нахуст аст, аз он ҷиҳат, ки тавлиди мисл, рушд ва тағзия мекунад. Ин нафс вобаста ба се қувваи худ - ғозия (ғизогиранда), номия (рушду нумӯ) ва муваллида (тавлидкунанда ҷинси худ) мабдаи се феъл аст.

Нафси ҳайвонӣ - камоли нахуст аст барои ҷисми табиии олӣ, аз он ҷо, ки ҷузъиётро идрок намуда, эҳсос ва ҳаракати иродӣ дорад. Нафси инсонӣ барои ҷисми табиии олӣ камоли нахуст аст, аз он ҷиҳат ки маншаи корҳо (феъл)-и ихтиёрӣ, ки ҳосили тафаккур ва нутқ аст ва дарккунандаи кулллиёт (мафҳумҳои ақлӣ) мешавад.

Ибни Сино дар таърифи дувум мафоҳими ҷавҳар, ақлонӣ ва ҷисмро зикр мекунад. Бар асоси ин таъриф табиӣ ва олатдор будан истисно мешавад, то ин ки танҳо моҳияти нафси муҷаррад баён гардад. Ин навъи нафс шомили нафси инсонӣ ва нафси малакӣ ё кулл аст. Бо диққат бар истилоҳоти истифодашудаи ҳарду таъриф дармеёбем, ки нафси инсонӣ дар ҳардуи онҳо иштирок дорад.

Масъалаи ақлонӣ ва бақои нафсро Ибни Сино на бар ҳама анвои нуфус татбиқ мекунад. Аз онҳо танҳо нафси инсониро таърифу тафсир намуда, барои нафси кулл низ боби ҷудо боз карда, онро дар баҳси муҷаррадот ва фалакшиносӣ матраҳ мекунад.

Ибни Боҷа чун дигар файласуфон ҳалли мавзӯи нафсро аз корҳои муҳимми фалсафа шуморида, худ дар таърифу тавзеҳи он баҳсҳои зиёд намудааст. Ӯ барои ибрози андешаи худ дар ин масъала асари мустақил бо номи «Китоб-ун-нафс» таълиф кардааст. Файласуф дар ин китоб бар он андеша аст, ки нахуст нафсро аз он ҷиҳат, ки нафс аст (бе тааллуқоташ, ки нафси наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ аст) баҳс кунад. Чунки ӯ дар таълифоти пешинааш ба баҳси нафс аз он ҷиҳат, ки нафси инсонӣ аст, ишораҳо дорад, хусусан дар «Рисолат-ул-иттисол» ва китоби «Тадбир-ул-мутаваҳҳид».

Ибни Боҷа дар таърифи нафс ва таснифи қувваҳову хусусиятҳои он таҳти таъсири дидгоҳҳои файласуфони пешин, хусусан Арасту қарор гирифта, «Китоби нафс»-и ӯро асоси кори худ кардааст. Албатта, Ибни Боҷа дар ҳамаи баҳсҳо аз Арасту тақлид накарда, орои худро дар доираи фарҳангу фалсафаи исломӣ иброз намудааст.

«Китоб-ун-нафс» дар муқоиса бо асарҳои дигар аз асарҳои мустақил ва комили Ибни Боҷа аст. Ин асар пурра баҳси нафс ва тафсири қувва ва анвои онро дар бар мегирад. Дар

ин асар Ибни Боҷа нафсро чунин таъриф мекунад: «Нафс истикмоли ҷисми табиии олӣ аст» [1,с.9].

Ин таъриф чун таърифи Форобӣ ва Ибни Сино нафсро сабаби камол, балки худи камол ва иллати аввали ҳаракати табиии ҷисми табиӣ медонад.

Ибни Боҷа барои нафс аз он ҷиҳат ки нафс аст, онро ба қувваҳои «ғозия», «ҳассоса», «мутахайила» ва «нотиқа» тарсим мекунад. Ӯ инкишофи ин қувваҳоро тадриҷӣ донистa, қувваи ғозияро марҳалаи аввали инкишоф ва қувваи нотиқаро дараҷаи олии камоли нафс меҳисобад. Ба ҳамин иллат дар таърифи нафс истилоҳи «истикмол»-ро истифода бурдааст.

Ибни Боҷа ғайр аз тарсими қувваҳо барои нафс, вобаста ба иштироку фаъолияти ин қувваҳо дар мавҷудот, нафсро ба навъҳои «наботӣ», «ҳайвонӣ» ва «инсонӣ» тақсим кардааст. Нафси наботӣ танҳо қувваи ғозия дорад ва ин нафс муқаддимаи рушди нафси ҳайвонӣ аст.

Нафси ҳайвонӣ илова бар қувваи ғозия, қувваи ҳассоса ва баъзе хусусиятҳои қувваи мутахайиларо ҳам дорад. Аммо нафси инсонӣ қувваи мутахайила, қувваи нотиқа ва инчунин муқаддам аз инҳо қувваҳои ғозия ва ҳиссиро дар худ дорад. Баҳси муфассали таърифи нафс, тақсими қувваҳои он ва татбиқи онҳо бо мавҷудоти табиӣ дар рисола сурат мегирад.

Ҳамин тавр, Ибни Боҷа монанди Форобӣ, дар пайравӣ аз Арасту гоҳе таърифи нафсро на чун «истикмоли аввал», балки «сурат» ироа кардааст. Чунончи гузашт, Ибни Сино истифодаи истилоҳи суратро дар таърифи нафс бо далелҳои қотеъ рад мекунад. Вале Форобӣ ва Ибни Боҷа, ҳангоме ки нафсро ба сурат таъбир мекунанд, нафси нотиқаро шомили ин таъриф намедонанд. Дар натиҷа ҳам Форобӣ ҳам Ибни Сино ва ҳам Ибни Боҷа бар онанд, ки нафси инсонӣ (нафси нотиқа) ғайриҷисмонӣ аст ва агар ин нафс хислатҳои нек бигирад, бо ақли фаъол бипайвандаду ба мафҳумҳои куллӣ ва маъқулот даст пайдо кунад, ҷовидон мегардад.

### АДАБИЁТ


1. Ибни Боҷа, Муҳаммад. Китоб-ун-нафс. Ба кӯшиши доктор Муҳаммади Маъсумӣ. – Бейрут, 1992. –155 с.
2. Ибни Боҷа. Расоили фалсафӣ. Ба кӯшиши Ҷамолуддин Алавӣ. -Бейрут: Мағрибия, 1965. – 202 с.
3. Ибни Туфайл. Ҳай ибни Яқзон. – Димишқ, 1953. –165 с.
4. Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун // Тарҷумаи Муҳаммад Парвини Ганободӣ, Ҷ. 1,– Теҳрон, 1336 ҳ.ш. –569 с.
5. Димишқӣ И. Шузарот-уз-заҳаб фи ахбори ман заҳаб. -Бейрут: Ибни Касир, 1986. –1000 с.
6. Абдулҳусайни Хусравпаноҳ. Таърихи фалсафаи исломӣ. -Теҳрон, - 1393 ҳ.ш. –278 саҳ.
7. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ // Мақолаи Шарофуддини Хуросонӣ. -Теҳрон: Маркази Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, 1369 ҳ.ш. - Ҷ.3. -743 с.
8. Фалсафа// Ҳайати муаллифон. – Душанбе: Собириён, 2011.
9. Шерзот Абдуллозода. Муқаддимаи фалсафа. -Душанбе: Балоғат, 2014. - 504 с.
10. Наср, Сайидҳусайн. Таърихи фалсафаи исломӣ// Зери назари Сайидҳусайни Наср ва Оливер Леман, чопи сеюм. -Теҳрон: Ҳикмат, 1389 ҳ.ш. -Ҷ.2. - 426 с.
11. Ибни Рушд. Талхису китоби-н-нафс. - Қоҳира, 1994. –299 с.
12. Фохурӣ Ҳано. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом. Тарҷумаи Оятӣ. – Теҳрон, 1373. – 813 с.
13. Маҳмуд Қосим. Фин-нафс ва-л-ақл ли фалосафати-л-иғриқи ва-л-ислом. – Қоҳира, 2002. – 320 с.
14. Ибни Сино. Рисолаи ҳудуд…
15. Баррасии татбиқии нафс аз дидгоҳи се файласуфи машшоӣ: Киндӣ, Форобӣ ва Ибни Сино. Маҷаллаи…


### ШАРҲ ВА ТАВСИФИ МАФҲУМИ НАФС ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ БОҶА ВА НАМОЯНДАГОНИ МАКТАБИ МАШШОИЯ


Абӯбакр Муҳаммад Ибни Боҷа аз аввалин файласуфони андалусӣ аст. Ҳарчанд дар асри XI дар Андалус дидгоҳи фалсафии арзёбӣ ва баррасии масъала падидаи нав буд, вале Ибни Боҷа онро ба хубӣ фаро гирифта, назарияҳои арзишманде дар шинохти ҳастӣ, бахусус масъалаи инсон баён кард. Ибни Боҷа дар шаклгирӣ ва такомули андешаи фалсафии худ аз Афлотун, Арасту, навафлотуниён ва махсусан аз Форобӣ баҳраи комил ҷустааст. Ҳарчанд назарияҳои фалсафии Ибни Боҷа аз рӯйи сохтор ва муҳтаво ба равиши пешиниён аст, вале боз орои ба худ хосаш ӯро на чун муқаллид, балки файласуфи назарияпардоз муаррифӣ мекунад. Дар мақолаи мазкур масъалаи баҳси нафс, аз ҷумла, шарҳу тавзеҳи он дар таълимоти фалсафии Форобӣ, Ибни Сино ва Ибни Боҷа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Арзёбӣ карда шудааст, ки ҳарчанд дар фаҳмиш ва тавзеҳи мафҳуми нафс ин мутафаккирон такя ба дидгоҳи Арасту кардаанд, вале нигоштаҳои онҳо тақлиди пурраи Арасту намебошанд. Аввалан, дар фаҳмиши мафҳум ва таърифи нафс назари се ҳаким ҳамсон аст, вале дар таснифи навъҳои нафс дидгоҳи онҳо аз ҳам тафовут доранд.



**Калидвожаҳо**: инсон, нафс, ақл, идрок, сурат, ақли кулл, нафси наботӣ, нафси ҳайвонӣ.


### КОММЕНТАРИЙ И ОПИСАНИЕ ПОНЯТИЯ ДУША (НАФС) В УЧЕНИИ ИБН БОДЖА И ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ ШКОЛЫ ПЕРИПАТИТИЗМА


Абу́ Бакр Муха́ммад ибн Яхья́, известный как Ибн Ба́джа является первым крупным представителем восточного аристотилизма в мусульманской Испании. Творчество Ибн Badджи, основоположника

перипатетической школы в философской мысли средневековой Андалусии является неотъемлемой частью культурного наследия народов Востока. Он как комментатор естественнонаучных и логических трудов Аристотеля, воспреемник философии и почитатель ал-Фараби, настаивал на своей самостоятельности в выработке концепций. В статье автор рассматривает проблему дискуссий о душе, в том числе, его комментарии и характеристику в философском учении Фараби, Ибн Сины и Ибн Баджы. Автором заявлено, что в понимании и разъяснении понятия души они в основном опирались на точку зрения Аристотеля, но написанные ими произведения не являются полным полным подражанием Аристотелю. Во – первых, в понимании понятия и определения души взгляды трех ученых совпадают, но характеристике типов души из взгляды отличаются друг от друга.

**Ключевые слова:** человек, душа, ум, разум, внешность, совершенный разум, растительная душа, животная душа.

**COMMENTARY AND DESCRIPTION OF THE CONCEPT OF THE SOUL (NAPS) IN THE STUDY OF IBN BODJA AND REPRESENTATIVES OF THE SCHOOL OF PERIPPATITISM**

Abu Bakr Muhammad ibn Yahya, known as Ibn Baja, is the first major representative of Eastern Aristotilism in Muslim Spain. The work of Ibn Baji, founder of the peripatetic school in the philosophical thought of medieval Andalusia, is an integral part of the cultural heritage of the peoples of the East. He, as a commentator on the natural science and logical works of Aristotle, the philosopher of philosophy and admirer of al-Farabi, insisted on his independence in the development of concepts. In the article, the author considers the problem of discussions about the soul, including his comments and characteristics in the philosophical teachings of Farabi, Ibn Sina and Ibn Badji. The author stated that in understanding and explaining the concept of the soul, they mainly relied on the point of view of Aristotle, but the works written by them are not a complete imitation of Aristotle. First, in the understanding of the concept and definition of the soul, the views of the three scientists are the same, but the characteristics of the types of the soul of the views differ from each other.

**Keywords:** man, soul, mind, mind, appearance, perfect mind, plant soul, animal soul.Дар маќолаи мазкур

**Сведения об авторах:** ***Сохибхон Олимзода*** – Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни, аспирант кафедры философии. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **929-99-90-01**

***Самиев Б.Дж.*** - Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни, преподаватель кафедры философии. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121

**Information about the authors:** ***Sohibhon Olimzoda*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, graduate student of the Department of Philosophy. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **929-99-90-01**

***Samiyev B.Dzh.*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, teacher of the department of philosophy. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121

**УДК: 1/14 + 37**

# ҶОЙГОҲИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯТ ДАР ДИДГОҲИ ИБНИ ХАЛДУН

***Асомуддинов Шамсиддин***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови АИ ҶТ**

Бешак, яке аз ҳавзаҳои муҳимми улуми инсонӣ, ки таваҷҷуҳи донишмандонро ба худ ҷалб намудааст, таълиму тарбият мебошад ва ба ин масъала дидгоҳҳои мухталиф ва бо нигоҳҳои мутафовит нигариста шудааст. Дар таърифи таълиму тарбият гуфта шудааст: Таълиму тарбият маҷмӯаи фаъолиятҳои ҳадафманде аст, ки бар пояи барномарезии дақиқ ва пайвастаи мубтанӣ бар донишандӯзиҳо, корварзиҳо ва таҷрибаҳои майдонӣ ва коромади муаллим ва мураббӣ, ба манзури рушд ва шукуфоии истеъдодҳо, халлоқиятҳо ва тавонмандиҳои зеҳнии рафтори фарогирон ва донишомӯзон сурат мегирад [7, с.38]. Таълим ва тарбият ҳамеша ба унвони яке аз масоили асосии башар будааст. Ба навъе ки дар ҳар як аз макотиби фалсафа таълиму тарбият ба суратҳои мутафовит мавриди назар қарор гирифтааст. Ба ақидаи тамоми ҷомеашиносон, илм яке аз омилҳои таъсиргузори ҷомеа аст. Маҷмӯае аз созмонҳои расмӣ таъсис шудаанд, то маҳоратҳои заруриро дар ҷомеа мумкин созад ва афродро дар рушд ва мавқеиятҳои иҷтимоӣ ва илмӣ қарор дода, аз фарҳанг муҳофизат кунанд ва ниёзҳои лозими фарҳангиро таъмин ва навовариҳо падид оваранд. Ин ниҳод дарвоқеъ ҳамон ниҳоди омӯзиш ва парвариш аст, ки аз як сӯ аз омӯзиши ибтидоӣ то сатҳи олии донишгоҳ ва аз сӯйи дигар, муассисаҳои таҳқиқотӣ ва пажӯҳишӣ ва фановариро дар бар мегирад. Илм ҷаҳонбинии одамро васеъ намуда, одамро аз боқимондаҳои кӯҳна ва хурофотҳо озод менамояд. Илм ва омӯзиш омили муҳим аст дар ҷомеаи инсонӣ ва инчунин рушди он таъсири зиёде дар ҷомеа дорад. Ба ҳамин хотир, ин

баҳси иҷтимоӣ аз назари Ибни Халдун пӯшида намондааст ва дар китоби худ, яъне «Муқаддима» матлабҳои арзишмандеро ба ёдгорӣ мондааст. Ӯ на танҳо миёни омӯзиши назарӣ ва илмӣ-таҷрибӣ фарқ қоил нест, балки миёни он ду иртиботи зиёде қоил аст ва онро дар таркиби ваҳдати ақлонӣ-ҷисмӣ барои касби маҳорат лозим дар маърифатшиносӣ ва ё таҷрибаи санъатӣ, ки таркибе аз назария ва амал аст, лозим ва зарурӣ медонад, то чунин истеъдод ва малакае дар донишҷӯ ва санъатгари моҳир дар маҳдудае аз замон падид ояд ва ба ҳамин ҷиҳат илм ва омӯзиш аз ҷумлаи маҳоратҳо ва фанҳое аст, ки дар марҳилаи таҷрибӣ ва амалӣ дастёбӣ ба он муяссар мегардад [2, ҷ. 2, с, 875].

Ибни Халдун дар мақоми муқоиса миёни улуми таҷрибӣ ва улуми назарӣ чунин мегӯяд: «Улуми назарӣ аз ҷиҳати таълим аз улуми таҷрибӣ пешрафтатар аст, зеро нигориш ва хондан василаи омӯхтани улум аст ва нависандагӣ худ ҳирфаест, ки дар рушди ақли инсон бисёр судманд аст ва инсон аз роҳи омӯзиши назарӣ ба малакаи интиқол аз далелҳо ба натиҷа даст меёбад. Ба ибораги дигар, инсон дар омӯзиши назарӣ мудракоти кулливо ба сафҳаи зеҳн сабт мекунад, ки қобили татбиқ бар ҳама мудракоти мухталиф аст ва махсуси як маврид нест» [9, с. 61].

Ибни Халдун ҳамаи маҳоратҳоро ва фанҳоро, ки як барномаи амалӣ аст, ба ду бахш тақсим мекунад. Ва ӯ баён мекунад, ки илм ва омӯзиш зарурате аз ҷомеаи башарӣ аст, ки нишондиҳандаи андешаи инсонӣ дар арсаи иҷтимоӣ аст ва он чи дар зиндагии шаҳрнишинӣ аз осори заковат, ҳуш ва камоли ақлонӣ ошкор мешавад, дар рушд ва равнақи фанҳо, илм ва омӯзиш таъсир дорад. Маҳоратҳо ва фанҳое, ки ба мавзӯи маош ва зиндагӣ, зарурӣ ё ғайризарурӣ ихтисос дорад [11]. Ва навъи дигари он навъи маҳоратҳо ва фанҳое аст, ки вижаи афкор ва андешаи инсон ҳастанд, монанди мусиқӣ, шеър ва суханварӣ. Падидаи омӯзиш як падидаи иҷтимоӣ аст, ки дар канори дигар падидаҳои иҷтимоии ҷомеаи башарӣ намоён аст. Форобӣ, ки ба Муаллими Сонӣ маъруф аст, яке аз маъруфтарин файласуфон ва мураббиёне аст, ки назариёти тарбиятии ӯ китобҳои маъруфаш “Аҳли мадинаи фозила” ва “Сиёсати мадина” баён шудаанд. Форобӣ муътақид аст, ки инсон биттабъ мавҷуди иҷтимоӣ аст ва ба танҳоӣ наметавонад зиндагӣ кунад, балки бояд дар мадина зиндагӣ кунад. Инсон дар мадина ба камол ва саодат мерасад, аммо на ҳар мадинае. Мадинаи фозила, ки мардумони он таҳти ҳидояти раиси тарбиятёфта ва комилшуда қарор гиранд ва ба таври саҳеҳ тарбият шаванд. Дар ғайри ин сурат мардумони мадинаҳое, ки тарбияти дуруст наёфтаанд, ба назари Форобӣ, "ғайрифозилаанд" ва дар зиндагӣ (ва бинобар ин тарбияти худ) ҳадафи дуруст ва воқеиро гум кардаанд. Барои Форобӣ мадинаи фозила дар ҳукми як муҳити тарбиятӣ аст ва қавонини ҳоким бар он амалкард ва нақши тарбиятӣ доранд. Ба ақидаи ӯ, таълим ва тарбият барои тамоми ақшори ҷомеа бояд сурат гирад, то аз роҳи он ҳар як аз шаҳрвандон битавонанд дар мадина нақшеро бар уҳда гиранд ва ба наҳви аҳсан аз уҳдаи анҷоми он бароянд [5].

Табиист, ки падидаи таълим ва омӯзиш натиҷаи такомули ақли башарӣ аст, ки талош дорад ба мартабаҳои маърифатии худ бияфзояд ва ба тамоми маҳоратҳо ва фанҳо ошно шавад. Падидаи таълим ва омӯзиш фақат дар ҷомеаҳои мутамаддин ба рушд ва такомули худ мерасад. Ба ақида Ибни Халдун, ҳар қадаре ки ҷомеа пешрафтатар ва мутамаддинтар бошад, илму омӯзиш ва санъат дар он ҷо ба пухтагӣ мерасад [2, ҷ. 2, с, 793]. Дар ҳақиқат вазифаи илм аз он иборат аст, ки меҳнат ва зиндагии одамонро сабук кунад, ҳукмронии одамро аз болои табиат мустаҳкам намояд ва роҳи инкишофи тартиботи ҷамъиятиро равшан нишон диҳад. Аз ин рӯ, ҳамаи олимони пешқадами ҷаҳон вазифаи илмро дар хизмат намудан ба халқи худ ва ба ватани худ медонанд [6, с.279]. Дар ҳақиқат, илм наҷотдиҳандаи ҳар ҷомеа аст. Таваҷҷуҳ ба хирад дар даврони маорифпарварӣ дар ҷомеаи ғарбӣ умедвориро ба илм ҳамчун наҷотбахши ҷомеа аз ҳама фалокату бадиҳои табиӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд овард [3, с 188].

Ибни Халдун мегӯяд: «Илм он ҷо, ки тамаддун ва умрон пешрафтатар бошад, рӯ ба тавсеа ва афзоиш мебошад» [2, ҷ.2 с.881]. Иллати ин афзоиш ба ин ҷиҳат аст, ки илм ва таълим аз ҷумлаи маҳоратҳо аст, чун санъат ва фунун танҳо дар шаҳрҳо зиёд мешавад ва аз хусусияти шаҳрнишинӣ аст. Санъат ва фунун як чизи ғайр аз корҳои зарурии зиндагӣ

аст. Ҳар қадар корҳо ва даромадҳои мардуми шаҳрӣ зиёдтар аз зарурнётҳои зиндагияшон бошад, ба зебосозии зиндагӣ ва ба ҳунарҳои дақиқ рӯй меоваранд. Агар шахсе ба табиати зоти худ алоқа ба илм ва омӯзиш дошта бошад, вале дар дур аз шаҳр ё шаҳрҳои ғайри мутамаддин зиндагӣ кунад, ҳатман наметавонад аз василаҳои омӯзишии олӣ истифода барад. Пас ӯ барои касби илм бояд ба шаҳрҳои мутамаддин ҳиҷрат кунад [2, ч. 2 с.881-882].

Ибни Халдун ҳамчун як файласуфи тарбиятӣ барои омӯзиш ҳадаф ва мақсадҳои гуногунеро дар назар гирифтааст. Ва метавон ҳадафи омӯзишро аз назари Ибни Халдун чунин хулоса кард. Аввалин ҳадаф,тарбияти фикр ва рушди ақлии инсон аст. Ҳатман омӯзиши фикрӣ ва зеҳнӣ, одамиро босавод сохта ва заминаи фикрӣ ва зеҳни донишҷӯро тавсеа мебахшад ва ӯро барои эҷод ва тавлиди ақлонӣ омода мекунад. Ҳар фикри ҷадид, ки аз зеҳни инсон сар мезанад, дубора зеҳнро барои ба вуҷуд овардани фикри нав омода месозад. Ҳар илм ва донише, ки мағзи инсон аз берун дарёфт мекунад, зеҳнро омода сохта ва онро барои эҷоди нав кумак мекунад. Ибни Халдун мегӯяд: «Бешак ҳар фан ва ҳар маҳорат қудрате дорад, ки асари он ба ақл ва зеҳн бармегардад ва онро барои андешаи ҷадид ва эҷоди маҳорате омода мекунад, дар натиҷа зеҳн барои дарки бештари маърифат омода мешавад. Хушистеъдодӣ дар заминаи омӯзиш, маҳоратҳо, фанҳо ва дигар ҳолати одии инсон, зеҳни ӯро рӯшноӣ мебахшад ва ӯро барои дарки бештари маориф муҳайё мекунад, зеро ақли инсон ба василаи идрокот ва истеъдодҳо худро парвариш медиҳад» [2, ч.2 с. 857- 880].

Ин амали диалектикии зеҳн бо натиҷаи дарки худ як кори пайваста ва ҳамешагӣ аст, ки поён надорад. Ҳар фикри наве, ки аз ақли инсон сар мезанад, ҳар таҷрибаеро, ки инсон меомӯзад ва меозмояд ва ҳар маърифати илмиеро, ки таҳсил менамояд, дар ақл ва зеҳни фард асар мегузорад ва осори ин натиҷаи зеҳнӣ дар ҳаёт ва рафтори ӯ бо дигар мавҷудот ва инсонҳо равшан мешавад. Ин назарияи Ибни Халдун дақиқан бо оро ва назариёти илмии олимони муосир комилан яксон аст. Дувумин ҳадафи омӯзиш дар ҷомеа, ин касби мол ва сарват ва беҳбуд бахшидани иқтисод аст [10]. Аз онҷое, ки илм ва омӯзиш як навъ саноат аст, ҳар саноат дар ҷомеа ба ҷиҳати зарурати он дар зиндагии афрод василае барои зиндагонӣ аст ва дар натиҷа муаллим як соҳиби касб ва ҳунар аст, ки кори омӯзиши худро дар иҷтимоъ ба намоиш мегузорад. Ва маълум аст, ки муаллим бо касабаи худ ҷойгоҳи иҷтимоии обрӯмандонаро ба даст меоварад, ки метавонад бо он як инсони фоидарасон ва мусбӣ дар ҷомеа бошад [2, ч.2 с, 873].

Ибни Халдун баъзе аз равишҳои омӯзиш ва таълимро нақд кардааст, махсусан нақд мекунад аз ин ки муаллим донишомӯзонро фақат ба ҳифзи он чи ки ӯ гуфтааст, амр кунад. Ӯ муътақид аст, ки мағзи донишомуз анбори захира нест, ки бар асари фишори омузгор дар ҳифзи матолиб талош намояд. Агар ин фишор сурат гирад, ҳатман донишомӯз истеъдоди ёдгирӣ ва парвариши зеҳн ва хушфикриро аз даст медиҳад [1]. Ибин Халдун дар ин бора мегӯяд: “Бисёре аз муаллимонро мебинам аз равиши таълим ва тарбият бехабаранд ва ба ҳангоми дарс истеъдод ва қудрати дарки шогирдонро дар назар нагирифта ва ба онҳо дарсҳои сангин ва вазифаҳои душвор медиҳанд, ва гумон мекунанд, ки ин равиш дар тақвияти ҳофизаи шогирд фоидаовар аст, дар ҳоле ки матолиби бар асоси содаомузӣ табақа шавад ва шогирд аз роҳи ёдгирии ҳиссӣ аз марҳила ба марҳилаи дигар ва болотар равад, то рафта-рафта ҳофиза ва малакаи ӯ қавитар гардад. Ва барои таҳсили марҳилаи болотари ҳар илме омода шавад. Чунонки дар оғози омӯзиш матлаби мушкил ва печида бар донишомӯз гуфта ва дарс дода шавад, аз дарк ва фаҳми он оҷиз бимонад ва дар ниҳоят аз он дарс рӯй мегардонад. Ин рӯйгардонӣ аз омӯзиши илм ба сабаби нодурустии равиши таълим аст” [2].

Ва дар ҷойи дигар мефармояд: «Омӯзиш як санъатест, ки мақсади он парвариши истеъдоди ёдгирии зеҳни донишомӯзон аст ва ин парвариш замоне муяссар мешавад, ки донишомӯз ба тамоми асл ва қоидаҳои он огоҳӣ пайдо кунад на ин ки онро мисли тӯтивор ҳифз кунад, аммо аз қоидаҳои он хабар надошта бошад» [2, ч.2 с, 877]. Ӯ Барои исботи назарияи худ намунае аз низоми омӯзиши Мағриб, низоми омӯзиши ҳоким дар замони худро шоҳид меоварад ва изофа мекунад, ки ин равиши омӯзиш, донишомӯзонро дар таҳсил ва тезҳушӣ дар илм кумак накард, зеро танҳо мақсади ин равиши омӯзиш, ин аст он

матолибе, ки аз тарафи муаллимон баён шудааст, бе он ки дар таҳқиқи сиҳат ва хато будани матлаб мунозираи илмӣ ё баррасиҳои илмӣ сурат гирад. Ба ҳамин хотир аст, ки бештари донишомӯзони Мағриб ҳаргиз ҷуръати мушорикат дар мунозираҳои илмиро надоранд [2, ҷ.2 с, 878]. Зеро танҳо тӯтивор ба ҳифзи матлабҳо иктифо кардаанд, дар ҳоле ки мақсади асосӣ дар таҳсили илм ин омодасозии донишомӯз дар таҳқиқи илмӣ аст, ки танҳо аз роҳи мунозира ва баррасиҳои озоди илмӣ ва баҳси озод дар заминаи дониш муяссар мешавад, то донишомӯз битавонад матлабҳои асосиро аз ғайриасосӣ ҷудо кунад ва муҳаққиқ тарбият шавад [8, с 126].

Ибни Халдун барои ба даст овардани малакаи илм ва парвариши илмӣ роҳҳоеро зикр мекунад, ки таваҷҷуҳ кардан ба онҳо донишомӯзонро ба қуллаи дониш мерасонад ва онҳо иборатанд аз; Аввал, ба назар гирифтани тавоноии зеҳнии донишомӯзон дар пазириши моддаи илмӣ ва миқдори он. Агар барои донишомӯз матлабҳои олӣ дар ибтидо гуфта шавад, ҳатман зеҳни ӯ аз дарк ва фаҳми онҳо нотавон буда, тавоноии пазириши онҳоро нахоҳад дошт. Дар натиҷа зеҳнаш кунд шуда ва онро навъе сахт ва мушкил будани илм қабул хоҳад кард. Ва саранҷом аз таҳсили илм баргашта ва аз он даст мекашад. Пас бояд аз сода ёдгириро шурӯъ кард ва дар се марҳила он донишро омӯхт. Дувум ин ки беҳтар аст донишомӯз танҳо ба омӯхтани як дониши муайян машғул шавад ва ончунон ба он наздик шавад, ки битавонад бо тавони ошноӣ бо он илм ба дигар илмҳо низ роҳ ёбад, зеро агар донишомӯз дар мавриди илме ба таври комил омодагӣ дошта бошад, истеъдодаш барои пазириши илмҳои дигар парвариш меёбад ва пешрафт менамояд. Севум равише, ки ба ақидаи Ибни Халдун бояд дар омӯзиш дар назар гирифт, ин пайваста рафтан дар таҳсили илм аст. Донишомӯз набояд дар омӯзиши фан аз ҷиҳати замонӣ фосила бияндозад ва иртиботи таҳсилиро ҷудо кунад. Чун дар ин сурат матлабҳои омӯхтаи ӯ ба фаромӯшӣ супорида мешаванд. Малакаи илм дар ҳар илме бар асари давомоти таҳсил ба даст меояд. Имрӯз ин равишро дар низоми омӯзишӣ дар назар гирифтаанд. Чаҳорумин матлабе, ки ӯ таъкиди зиёд мекунад, ин фишор наёвардан дар амри омӯзиш аст. Ба ақидаи Ибни Халдун, ҳар навъ фишор бар донишомӯз музир аст, махсусан дар даврони ибтидоӣ ва бар кӯдакони донишомӯз, зеро таҳдид дар масъалаи омӯзишӣ комилан ба омӯзиш зарба мезанад ва истеъдоди донишомӯзро аз байн мебарад [2, ҷ.2 с, 1143]. Таҷриба нишон додааст, ки донишомӯзоне, ки бо қаҳр, фишор ва зӯр рӯ ба рӯ будаанд, бар асари фишор ва зӯргӯӣ ба як навъи ҳолати манфӣ гирифтор шуда ва шодобии таҳсили илм аз онҳо гирифта шудааст. Ва дар натиҷа ба парешонӣ расида ва ба дурӯғпардозӣ ва инчунин ба фасоди ахлоқӣ кашида мешаванд. Инҳо ба дурӯғ бар хилофи эътиқодоти дарунишон даст зада, мехоҳанд, ки таъсири зӯргӯӣ, фишорро ҷуброн намоянд, дар натиҷа дурӯғгӯӣ аз одат ва ахлоқи ӯ мешавад ва фазилатҳои инсонии ӯ аз байн мераванд [4]. Ибни Халдун таъсири равонӣ, рӯҳӣ, тарбиятӣ ва иҷтимоиро ёдовар мешавад ва таъсири манфии фишор ва зӯргӯиро ба сурати як ҳолати манфӣ тавзеҳ медиҳад. Ба ақида ӯ, таъсири фишор ва зӯр на танҳо дар масъалаҳои омӯзишӣ поён ва натиҷаи бад дорад, балки фишор ва зур дар мавриди ҷомеа ва иҷтимоъ низ содиқ аст. Миллате, ки дар як муддати зиёд зери фишор, бемеҳрӣ қарор гирад, копмлекси равонӣ ба бор меояд ва ахлоқи хуби инсониро аз даст медиҳад ва дар натиҷа ба як миллати лаҷбоз ва фиребкор табдил мешавад. Ин яке аз нуктаҳои бисёр муҳимми тарбиятӣ аст, ки Ибни Халдун ба унвони равоншиносии иҷтимоӣ онро таҳлил мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Ғуфронӣ М. Парвариш ва омӯзиши навҷавонон аз назари Ибни Халдун // Маҷаллаи “Мактаби Мом”. - Теҳрон, 1978. -№ 99. - С.24-31.
2. Ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун; тарҷумаи Гунободӣ, П Ибни Халдун. -Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 2012.
3. Идиев Х.Фалсафаи иҷтимоӣ / Х.Идиев.-Душанбе, 2013.
4. Идиев. Х.У. Сотсиология / Х.У. Идиев, Самиев.- Душанбе, 2006.
5. Мирзомуҳаммадӣ М. Баррасӣ ва муқоисаи аҳдофи таълим ва тарбият аз дидгоҳи Афлотун ва Форобӣ // Маҷаллаи равоншиносӣ ва улуми тарбият.-Теҳрон, 2004. -№ 33/2. -С. 203-227.
6. Раҳимов А. Асосҳои фалсафа / А. Раҳимов, Қ.Расулов. - Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2003.
7. Роҳнамоӣ, С. Даромаде бар фалсафаи таълиму тарбият.- Теҳрон, 2009. -С. 38.
8. Сақафӣ М. Ибни Халдун нахустин ҷомеашиноси мусалмон.- Теҳрон: Ҷомеашиносон, 2014.
9. Сулаймон Ф. Ал-мазҳабу-тарбиявия ъинда Ибни Халдун.- Қоҳира, 1964м.
10. Фақеҳӣ А. Н. Ибни Халдун ва андешаварзӣ дар таълим ва тарбият // Маҷаллаи Таҳқиқоти исломӣ, -Теҳрон, 2000. -№ 13/1. - С.73-94

11. Шайх М.А. Афкори тарбиятӣ ва иҷтимоии Ибни Халдун // Маҷаллаи “Омӯзиш ва парвариш”. –Теҳрон, -1966. -№ 359. - С.58-63.

**ҶОЙГОҲИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯТ ДАР ДИДГОҲИ ИБНИ ХАЛДУН**

Ибни Халдун ҳамчун як файласуфи тарбиятӣ барои омӯзиш ҳадаф ва мақсадҳои гуногунеро дар назар гирифтааст. Ва метавон ҳадафи омӯзишро аз назари Ибни Халдун чунин хулоса кард. Аввалин ҳадаф, тарбияти фикр ва рушди ақлии инсон аст. Ҳатман омӯзиши фикрӣ ва зеҳнӣ, инсонро босавод сохта, заминаи фикрӣ ва зеҳни донишҷӯро тавсеа мебахшад ва ӯро барои эҷод ва тавлиди ақлонӣ омода мекунад. Ҳар фикри ҷадид, ки аз зеҳни инсон сар мезанад, дубора зеҳнро барои ба вуҷуд овардани фикри нав омода месозад. Ҳар илм ва донише, ки мағзи инсон аз берун дарёфт мекунад, зеҳнро омода сохта ва онро барои эҷоди нав кумак мекунад. Ақидаи Ибни Халдун ин аст, ки ҳар фан ва ҳар маҳорат қудрате дорад, ки асари он ба ақл ва зеҳн бармегардад ва онро барои андешаи ҷадид ва эҷоди маҳорате омода мекунад, ки дар натиҷа зеҳн барои дарки бештари маърифат омода мешавад. Хушистеъдодӣ дар заминаи омӯзиш, маҳоратҳо, фанҳо ва дигар ҳолати одии инсон, зеҳни ӯро рӯшноӣ мебахшад ва ӯро барои дарки бештари маориф муҳайё мекунад, зеро ақли инсон ба василаи идрокот ва истеъдодҳо худро парвариш медиҳад.

**Калидвожаҳо:** таълим, тарбият,илми назарӣ, илми таҷрибӣ.

**МЕСТО ОБУЧЕНИЯИ ВОСПИТАНИЯ, С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИБН ХАЛДУНА**

Ибн Халдун, как один из философов-педагогов, избрал для изучения разные цели. И с точки зрения Ибн Халдуна, можно прийти к следующему выводу. Начальная цель – это воспитание мысли и развитие человеческого ума. Обязательное мыслительное и интеллектуальное обучение делает людей грамотными, мыслящими и расширяет ум учащихся, подготавливая их к умственному и мыслительному творчеству. Каждая новая идея, исходящая от человеческого разума, будет заново готовить разум к новой идее. Каждая наука и знание, которые приобретаются человеческим мозгом извне, подготавливает интеллект и помогает ему в новом творчестве. Убеждение Ибн Халдуна состоит в том, что каждая дисциплина и каждое умение имеет силу, действие которой возвращается к разуму и интеллекту и подготавливает его к новой идее и развивает навыки, в результате интеллект подготавливается к большему восприятию познаний. Интеллект сосредотачивается на учении, навыках, предметах и другом обычном состоянии человека, освещает его разум и дает ему лучшее понимание образования, так как человек через восприятие развивает свою культуру и таланты.

**Ключевые слова:** обучение, воспитание, теоретические науки, практические науки.

**PLACE OF TRAINING AND EDUCATION FROM THE POINT OF VIEW OF IBNKHALDUN**

Ibn Khaldun, as one of the philosopher-educators, chose to study different goals. And from the point of view of Ibn Khaldun it is possible to come to the following conclusion. The initial goal is the cultivation of thought and the development of human mind. Mandatory mental and intellectual learning makes people literate, minded and broadens the mind of students, preparing them for mental and intellectual creativity. Each new idea coming from the human mind will re-prepare the mind for a new idea. Every science and knowledge, which is acquired by the human brain from outside, prepares the intellect and helps it in new creativity. Ibn Khaldun’s persuasion is that each discipline and each skill have the power, the action of which returns to the mind and intellect and prepares it for the new idea and develops the skills, as a result the intellect is prepared for greater perception of knowledge. The intellect focuses on the teaching, skills, subjects, and other ordinary condition of a person, illuminates his mind and gives him a better understanding of education, as a person develops his culture and talents through perception.

**Key words:** training, education, theoretical sciences, practical sciences

**Сведения об авторе:** ***Асомуддинов Шамсиддин*** – аспирант, Институт философии, политологии и права имени А. М. Баховаддинова АН РТ **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 40. Телефон: **900937054**; E-mail: **shaamsidin@mail.ru**

**Information about the author:** ***Asomuddinov Shamsiddin*** – Postgraduate Student, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. M. Bakhovaddinov, AS RT. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 40 Rudaki Avenue.Tel: **900937054**, E-mail:**shaamsidin@mail.ru**

**УДК 314:316.4**

# ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ В УРЕГУЛИРОВАНИИ ПРОЦЕССА ТАДЖИКСКОЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ

***Хаитов Ф.К.***

**Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана**

Для населения с древнейших времён было характерно стремление к миграции, или к переселению из одной страны в другую, с одного континента на другой, иначе говоря, с одного места жительства и приложения труда на другое. В современном мире миграционные потоки из деревни в город означали определенный прогресс в жизни переселенцев. Такое явление характерно и для современного Таджикистана. Таджикская трудовая миграция является одним из факторов развития экономики республики. В трудовой миграции населения участвуют практически все страны мира. Миграция по-прежнему нарастает, и множество людей

устремляется в европейские страны и Россию в поисках безопасности и работы (населения Сирии, Ирака, Ливии, Афганистана и т.д.). Как отмечает эксперт Центра Л. Сулакшина И., «миграционный кризис в Европе, обострившийся в 2015 году, стал настоящим испытанием как для Европейского союза, так и для российско-европейских отношений, и в этом году в Европу прибыло 1,25 млн. беженцев, что более чем в два раза превысило уровень 2014 года (562, 68 тыс.)» [1]. По сравнению с этими странами, процесс трудовой миграции в Таджикистане имеет иное направление, и количество таджикских трудовых мигрантов уменьшается с каждым годом. Потому что миграционная ситуация в Таджикистане последних лет характеризуется ростом доли внутренних и сокращением доли внешних миграционных потоков в валовом объёме миграции. Все это связано с тем, что в условиях формирования новых межгосударственных отношений Таджикистан переходил к регулированию трудовой миграции, обеспечения собственного рынка труда трудовыми ресурсами. О размерах миграции населения Таджикистана можно судить по историческим документам, которые позволяют воссоздать картину миграционных процессов Таджикистана и дать исторический контекст таджикской миграции. Мировой финансовый кризис, поэтапное развитие экономики страны, переход республики от аграрного - индустриальной к индустриально - аграрной, создание новых рабочих мест и затруднение в документирования таджикских трудовых мигрантов в России являются основными аспектами уменьшение потоков трудовой миграции. Таджикский исследователь миграции с политической точки зрения М. Махмадбеков отмечает, что спецификой трудовой миграции в Республике Таджикистан является то, что она выступает одновременно и причиной и следствием преобразований, начавшихся в стране с получением ею независимости. Подобная двоякая, но достаточно важная для неё роль в мировой миграционной практике - явление не новое, оно сопровождает общество на протяжении всего его исторического развития [2]. В условиях трансформирующегося общества именно эта специфика трудовой миграции Республики Таджикистан способствовала развитию новых форм трудовой миграции населения, изменению функций миграции, и ее значимости, политической переоценке миграционного процесса. Вышесказанное говорить о том, что в дальнейшем Таджикистан стремится сокращать этот процесс, по мере возможности. Как отмечает А.А. Исмоилов: «Определение стратегических приоритетов при разработке миграционной политики Таджикистана в области снижения потоков трудовой миграции позволит избежать существующей в настоящее время некоторой фрагментарности, сосредоточенности на решении текущих вопросов, которые можно констатировать, несмотря на применяемый программный подход к разработке и реализации миграционных программ, комплексно решать поставленные задачи с учетом имеющихся достижений и выявленных недостатков» [3]. Все это говорит о том, что сегодня в Таджикистане идет процесс трансформации экономики и увеличения спроса на рабочую силу со стороны вновь формирующегося частного и смешенного сектора форм собственности. Этим анализом может стать то основание, согласно которому количество приезжих из Таджикистана в Россию в 2014 году, по состоянию на ноябрь 2015 года, уменьшилось на 18% и на российском рынке труда замечается большой интерес к украинским мигрантам.

Мы должны знать, что в условиях Республики Таджикистан миграция процесс не только сегодняшнего дня, она является общемировой тенденцией и ее актуальность сохранится в дальнейшем. Анализ развития миграционных процессов в мировой практике на современном этапе показывает, что трудовая миграция имеет значительные выгоды и не только для страны въезда, но и для страны выезда. Это, прежде всего, связано с тем трудовым опытом и навыками (в строительстве, бизнесе и т.д.), которые мигранты приобретали в процессе трудовой миграции. Как отмечает специалист по таджикской миграции, профессор Р. Ульмасов, «в республике идет строительный бум и надо мигрантов строителей, инженеров, специалистов технических профессий реэмигрировать» [4]. Если наши мигранты повысили свои трудовые навыки и способности, то Таджикистан должен учесть уроки других стран (например Турции, Филиппин и других стран) и строить свои стратегические планы, исходя из этой реальности. Сейчас около 3 млн. турок проживает и работает в Западной Европе. Эти рабочие переводят домой примерно 3 млрд. долларов ежегодно. Но в зависимости от характера возникающих у мигрантов проблем ими занимаются три ведомства: МВД, МИД и Министерство труда и социальной защиты[5]. Особенностями турецкой миграции является то, что в Турции мигрантам предоставляют определённые льготы и возможности. Такие льготы и возможности существуют со стороны банков (бонусы от денежных переводов), государственных структур и

учебных заведений (социальное страхование, пенсионное обеспечение трудовых мигрантов, сокращение определённого процента договора школьников и студентов, открытие собственного бизнеса, вложение капитала в пользу будущего развития страны (предпринимательства) и т.д.). Другим таким примером могут стать уроки филиппинских мигрантов, их готовность к миграции, вклад в развитие будущего страны квалифицированных мигрантов и ученых. Если говорить о Таджикистане, то у нас 65% ВВП пополняют предприниматели разных сфер (некоторые из них от заработков миграции стали предпринимателями) и какой-то процент от денежных переводов мигрантов. Так как в 2018 году таджикские мигранты отправили домой 2 млрд. 536 млн. долларов.

Для решения и урегулирования данной проблемы существует много факторов. Одним из таких факторов может служить процесс «утечки мозгов», который также влияет на развитие и процветание нашей страны. В условиях трансформирующегося общества именно эта специфика трудовой миграции Республики Таджикистан способствовала развитию новых форм трудовой миграции населения, изменению функций миграции, и ее значимости, политической переоценке миграционного процесса. А. Курбанов на основе социологических опросов ЦСИ при Президенте РТ и исследований философских и социально-политических учений отмечает, что за 25 лет независимости РТ из Таджикистана эмигрировали большое количество учёных и специалистов разных областей знаний. В настоящее время в Америке, Англии, Франции, Японии, Германии работают высококвалифицированные специалисты из Таджикистана и достаточно успешно» [6]. Много отдарённой молодежи учатся в вузах этих стран. Текущий эффект от работающих и предполагаемый эффект в будущем от использования труда нынешних учащихся бесспорно состоит не только из затрат на обучения этих кадров за рубежом, но и из затрат, которые осуществляли родители, государство, общественность на их воспитание, первичное обучение и т.д. Поэтому необходимо изыскать пути долевого участия стран -поставщиков этих кадров в получаемом общем доходе этих стран от их использования. Сегодня эта проблема является важной проблемой для будущего развития страны, и в настоящее время отсутствует научно-обоснованная миграционная политика государства для реализации данной темы. Думаем, что сегодня социально-экономическая положение в Таджикистане диктует необходимость разработки модели управления и урегулирования процесса «утечка мозгов» на национальном и местном уровне. По мнению А. Азимова, «практически единственным источником оценок миграционных установок населения, особенностей его миграционного поведения являются социологические исследования» [7]. Становится очевидным тот факт, что в настоящее время социологические данные являются весьма актуальными в рамках определения процесса миграции. Противоположно мнению Курбанова А., М. Таджибаева (преп. ТГУКБП) отмечает, что в настоящее время в Таджикистане имеет место «миграционная лихорадка», в результате которой, в некоторых случаях, из страны эмигрируют даже те люди, у которых есть возможности более существенно улучшить свою жизнь на родине, нежели выехав из нее. Во время миграционной лихорадки люди заботятся только о доходе от работы на выезде, величина которого непредсказуема. Они отнюдь не думают о социальном продвижении, которое могло бы случиться у них на родине за тот период, во время которого они работали за рубежом. Вышесказанное говорит о том, что каждый человек в отдельности и страна в целом в выборе миграционной политики призваны, прежде всего, исходить из возможностей, тем не менее, они будут склонны эмигрировать и допускать эмиграцию. Однако тот миграционный бум, навыки, которые мигранты приобрели в процессе миграции и миграционная лихорадка может стать способом того, что на миграцию мы тоже смогли бы смотреть как на позитивное явление. Для повышения благосостояния мигрантов и в целях содействия миграционным переменам, расширение географии миграции и возможностей мигрантов нам необходимо учесть зарубежный опыт. Думаем, что для реализации данной программы со стороны Правительства Республики Таджикистан должны быть подготовлены определённые государственные программы. Для составления таких программ необходимо учесть опыт передовых стран, таких как Турция, Филиппины, Индия и другие. Определённый опыты, теории и методы акцентируют внимание на комплексности развития данного процесса и повышении социально-экономического положения общества. С другой стороны, в стране проделана и ведется значительная работа по урегулированию данной проблемы и государство прилагает большие усилия для создания комплексной системы социального обслуживания мигрантов, выделяя финансовые средства на ее обеспечение.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Махмадбеков М. Ш. Миграционные процессы: сущность, основные тенденции и их особенности в современном обществе (опыт Таджикистана) / М. Ш. Махмадбеков. -Душанбе: Дониш, 2012. -С.106.
2. Исмоилов А.А. Государственная политика регулирования трудовой миграции: зарубежный опыт и возможности его использования в РТ / А.А. Исмоилов. -Душанбе, 2009. -С.44.
3. Ульмасов Р. Таджикская трудовая миграция: проблемы и возможности / Р. Ульмасов. -Душанбе, 2007. -С.20.
4. Курбанов А. Интеллектуальная безопасность и государственная независимость (на тадж. языке) / А. Курбанов. -Душанбе: Ирфон, 2016. -С.48.
5. Азимов А.Дж. Особенности миграционных процессов РТ в условиях рынка. Материалы научно-практической конференции на тему «Проблемы процесса трудовой миграции: трудности и перспективы» / А.Дж. Азимов. -Душанбе, 2013. -С. 25.

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ОИД БА БАТАНЗИМДАРОРИИ РАВАНДИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур масъалаи раванди муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар танзим намудани он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мақолаи мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, баҳри ҳалли баъзе масъалаҳои ҷойдошта ва ҳалношудаи ин раванд пешниҳод гардидааст. Муаллиф таҳқиқотҳои мутахассисон - муҳоҷиратшиносони хориҷӣ ва ватаниро омӯхта, баъзе ақидаҳоеро пешниҳод намудааст, ки дар шароити имрӯзаи пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон метавонанд мусоидат намоянд. Қайд карда шудааст, ки дар шароити имрӯза муҳоҷирати меҳнатӣ хосси танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон набуда, он хислати фаромиллиро касб намудааст. Одамон бештар кушиш ба харҷ дода истодаанд, ки ба Аврупо ва Россия ҳиҷрат намоянд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки тамоюли зиёдшавии ин равандро ба танзим даровarда, аз рӯйи имкониятҳои мавҷуда ин равандро кам намояд. Омилҳои зиёде метавонанд барои амалӣ шудани ин имкониятҳо сабаб шаванд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешсаф оиди ҳалли ин масъала, муаллиф пешниҳод менамоянд, ки истифодаи таҷрибаи давлатҳои Туркия, Филиппин ва Ҳиндустон ба мақсад мувофиқ мебошад. Муаллифи мақола қайд мекунад, ки танзими раванди «фирори мағзҳо» низ, аз масъалаҳои ташвишовар ба ҳисоб рафта, барои ба танзим даровардани он мебояд аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта истифода намуд. Дар охир қайд карда шудааст, ки барои ба таври пурра ҳал намудани масъалаҳои мавҷуда таҳияи барномаи махсуси давлатӣ бо дарназардошти таҷрибаҳои Туркия, Филиппин ва Ҳиндустон аз аҳамият холӣ нест.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷират, муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷиратшинос, фаромиллӣ, фирори мағзҳо, таҷрибаи хориҷӣ.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ В УРЕГУЛИРОВАНИИ ПРОЦЕССА ТАДЖИКСКОЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ

В статье анализируется процесс таджикской трудовой миграции и зарубежный опыт в её урегулировании. Данная статья, имея теоретический и практический характер, направлена для решение основных проблем данного процесса. Автор, изучая исследования зарубежных и отечественных специалистов – миграциологов, предлагает некоторые идеи, которые могут способстовать развитию социально-экономического положения Таджикистана. Отмечается, что на современном этапе в трудовой миграции участвуют не только таджики, но практически население всех страны мира. Хотя, по сравнению с другими странами, Таджикистан имеет свои особенности. И правительство Таджикистана старается снизить темпы этого процесса. Исследуя зарубежный опыт в урегулировании данного процесса, автор статьи предлагает использовать практику Турции, Филиппин и Индии. Наряду с этим проблемами отмечается, что проблема «утечки мозгов» тоже является актуальной и в урегулировании ее надо использовать зарубежный опыт. В заключительной части статьи отмечается, что для решения данной проблемы нужна государственная программа с использованием опыта Турции, Филиппин и Индии.

**Ключевые слова:** миграция, трудовая миграция, миграциолог, общенациональное, утечка мозгов, зарубежный опыт.

## FOREIGN EXPERIENCE IN THE SETTLEMENT OF THE TAJIK LABOR MIGRATION PROCESS

The article analyzes the process of Tajik labor migration and foreign experience in its settlement. This article, having a theoretical and practical nature, is aimed at solving some unresolved problems of this process. The author, studying the studies of foreign and domestic specialists - migrant scientist, offers some ideas that can be contributed to the development of the social and economic situation of Tajikistan. It is noted that at the current stage not only Tajiks participate in labor migration, but almost all countries of the world participate in migration. But, in comparison with other countries, Tajikistan has its own characteristics. And the government of Tajikistan is trying to reduce the pace of this process. Investigating foreign experience in the settlement of this process, the author proposes to use the practice of Turkey, the Philippines and India. Along with these problems, it is noted that the problem of "brain drain" is also worrying and in the settlement of it one must use foreign experience. The concluding part of the article notes that to solve this problem, a state program is needed, using the experience of Turkey, the Philippines and India.

**Key words:** migration, labor migration, migrant scientist, nationwide, brain drain, foreign experience.

**Сведения об авторе:** ***Хаитов Фирдавс Каюмович*** **–** Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана, кандидат философских наук, доцент кафедры философии и истории. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбада 48/5. Тел.: **93-429-24-76.** E-mail: **kais_2007@mail.ru**

**Information about the author:** ***Haitov Firdavs Kayumovich*** - Institute of Business and Service in Tajikistan, Candidate of Philosophy, Associate Professor of the Department of Philosophy and History. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. Tel: **93-429-24-76**. E-mail: **kais_2007@mail.ru**

УДК 314/316

# НИШОНАҲО ВА ШАКЛҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ТЕРРОРИЗМ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР: ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ - ИҶТИМОӢ

*Маҳмадиев Н.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Самаранокии мубориза бар зидди терроризм аз риояи якчанд шартҳои муҳим вобаста мебошад. Дар байни ин шартҳо ду омил ҷой намоёнро ишғол менамоянд. Якум, табиат ва хусусиятҳои хосси терроризм ба шарҳу тафсири илмӣ ниёз дорад. Дуюм, замина, шароит ва решаҳои пайдоиши терроризм бояд маълум карда шаванд, дар ҳолати акс ин кор хеле душвор мегардад. Вобаста ба ин, мақсади мақолаи мазкур кушодани мазмуну заминаи терроризми муосир мебошад. Расонидани ёрии амалӣ ба онҳое, ки дар таҳқиқ ва мубориза бо ин масъалаи душвор иштирок менамоянд, аз аҳамият холӣ нест.

Терроризм таърихи дуру дароз дорад. Таассубгарони динӣ аввалин террористоне мебошанд, ки ғояҳои диниро асос карда, одамонро ба қатл мерасониданд. То охири қарни XVIII терроризм аксаран хосияти динӣ дошт. Аз замони Инқилоби бузурги Фаронса ва пайдо шудани таълимотҳои сиёсӣ, терроризм хислати сиёсӣ касб менамояд. Гурӯҳҳои сиёсӣ аввалин шуда, терроризмро ба мақсади ҷалб кардани аҳолӣ ба ғояҳою мақсадҳои террористӣ истифода менамоянд. Ҳаракати террористии «Иродаи мардум», ки соли 1878 дар Русия подшоҳӣ пайдо шуда буд, аввалин шуда назарияи терроризмро дар амал бар зидди ҳокимияти шоҳӣ истифода мебарад. Фаъолияти ҳаракати террористии «Иродаи мардум» унсурҳои радикалии тамоми ҷаҳонро фаъол гардонид. Ба ақидаи С. Троитский, пайравони ҳаракати террористии «Иродаи мардум» террорро ҳамчун воситаи амалинамоии мақсадҳо бар зидди ҳукумати шоҳӣ истифода мебурданд. Ин ҳаракати террористӣ нақшаи муайяни амалнамоӣ дошт: якум вайрон кардани фаъолияти ҳукумат, дуюм барангехтани оммаи мардум зидди ҳукумат. Муаллифони ин ҳаракати террористӣ террорро ҳамчун воситаи ба вуҷуд овардани инқилоб баҳогузорӣ менамуданд [1,с.17-26]. Дар пайравии «Иродаи мардум» миллатчиҳо, анархистон ва сотсиалистҳо дар фаъолияти сиёсии худ амалҳои террористиро истифода намуданд.

Паҳншавии терроризм дар ҷаҳон боиси он гашт, ки терроризм аз муҳити ибтидоӣ ва таърихии замони Инқилоби Фаронса берун шуда, шакл ва моҳияти худро дигаргун намуд. Замони Инқилоби Фаронса зери истилоҳи террор воситаи пахш кардани хатари тарафдорони ҳокимияти пешина фаҳмида мешуд. Аз сарҳади Фаронса берун шуда, мақсаду таъйиноти терроризм тағйир ёфт ва ба воситаи мубориза бар зидди режимҳои ҳукмрон табдил меёбад.

Ибтидои асри XX бо сабаби тағйиротҳои бузурги иҷтимоӣ фаъолияти террористӣ дар қитъаи Осиё низ хеле авҷ гирифт. Гуфтан мумкин аст, ки асри XX авҷи паҳншавии терроризм дар ҷаҳон аст. Тақсими ҷаҳон ба ду лагери зид ва оғози ҷанги сард дар ҷаҳон боиси паҳн гаштани ҳаракатҳои гуногуни террористӣ гаштанд, чунки ҳар яке аз абарақудратҳои ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ҳаракатҳои террористии дар минтақаи зери нуфузашон қарордоштаро истифода намоянд ва ба якдигар зарар расонида, нуфузу имиҷи якдигаро зери шубҳа гузоранд. Кишварҳои манфиатдор, ба монанди ИМА, Русия, Туркия ва Эрон гурӯҳҳои алоҳидаи экстремистию террористӣ ва мазҳабиро дастгирӣ менамоянд ва ин далели исботшуда мебошад. Ин раванд дар кишварҳои Шарқи Наздик махсусан дар Сурия ва Ироқ баръало мушоҳида мешавад. Дақиқ аст, ки ИМА яке аз пуштибонҳои асосии ҳаракати экстремистӣ ва террористии «Давлати исломӣ» мебошад, ки он асосан аз ҳисоби суннимазҳабон ташаккул ёфтааст. Эрон ва Русия бошанд, ҳаракати экстремистию террористии «Ҳизбуллоҳ»-ро дастгирию маблағгузорӣ менамоянд. Аз ин бармеояд, ки дар Ироқ ва Сурия ҷангҳои мазҳабӣ гузашта истодаанд ва ҳаракатҳои экстремистию террористии дар боло номбаршуда, иҷрокунандагони асосии тарҳҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошанд. Масъалаи бархӯрдҳои мазҳабиро дар ҳудудҳои Ироқ ва Сурия муҳаққиқони нуктасанҷ М.Вайс ва Ҳасан Ҳасан дар асарашон «Исламское государство: Армии террора» таҳлил ва баррасӣ менамоянд [2]. Гуфтан мумкин аст, ки бурдани сиёсати духӯра барои абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ як кори муқаррарӣ гаштааст.

Муҳаққиқи рус М.П. Киреев иброз менамояд: «Терроризми сиёсӣ аз рӯйи моҳият ва табиаташ бо мубаризаю забти ҳокимият алоқаманд мебошад» [3,с.71-74]. Ин фикр то андозае дуруст аст, чунки таърихи терроризм ва гурӯҳҳои террористӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки

онҳо бо усулҳои ғайриқонунию зӯроварӣ бахри забт кардани ҳокимият ва расидан ба қудрати сиёсӣ мубориза бурдаанд. Дар ин мубориза бо усулҳои террористӣ ҳазорҳо ва миллионҳо одамони бегуноҳ қурбон шудаанд. Яъне, идеологияи терроризм бо мақсади муайяни сиёсӣ истифода мешавад. Гурӯҳҳои террористӣ ба хотири амалӣ кардани идеологияи зиддиинсонии худ тамоми воситаҳоро истифода менамоянд. Тақдир ва зиндагии инсон назди таълимот, идеология ва мақсадҳои нопоки онҳо заррае арзиш надорад.

Замони болоравии ҳисси худшиносии миллату қавмҳои гуногун терроризм ҳамчун воситаи мубориза хеле фаъол гашта, бо назарияҳои сиёсӣ оиди тағйирпазирии олам, адолати иҷтимоӣ сахт алоқамандӣ дошт. Гурӯҳҳои радикалию террористии самти гуногундошта ва ифодакунандаи рӯҳияи як қисми аҳолӣ, бо ғояҳои экстремистӣ ва тарзи амалӣ кардани онҳо мусаллаҳ шуда, ба давлат ва сохторҳои гуногуни он фишор овард анд. Элитаи сиёсӣ, хизматчиёни давлатӣ, ашрофзодагон ба объекти ҳамлаи гурӯҳҳои террористӣ табдил ёфтанд. Нобаробарии қувваҳо, маҳдудияти манбаъҳои молию пулии гурӯҳҳои террористӣ назар ба қудрати давлатҳо, терроррро ҳамчун воситаи асосии муборизаи гурӯҳҳои террористӣ бар зидди давлат ва сохторҳои он табдил додааст. Терроризм ба сифати воситаи даҳшатовари таҷовузу зӯроварӣ ва барандаи иқтидори бузурги вайронкунанда шинохта шудааст. Аз қадим террор ҳамчун воситаи ба даст овардани манфиатҳои гуногун аз тарафи тамоми гурӯҳҳои террористӣ истифода мешавад.

Терроризм ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ дорои нишонаҳои хос аст, ки онро аз дигар зуҳуротҳои иртиҷоӣ фарқ мекунонад. Истифодаи таҷовуз ё таҳдиди истифодаи зӯрӣ нисбати аҳолии осоишта, давлат ва сохторҳои давлатию худидории маҳаллӣ нишонаи асосии терроризми муосир мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқи рус Д.И. Тисленко, ду паҳлуи муҳимми нишонаи терроризм, таъсиррасонии ҷисмонию равонӣ мебошад [4]. Муҳаққиқи дигари рус М.П. Требин таъсиррасонии ҷисмонию равониро баҳогузорӣ намуда, онҳоро унсурҳои зоҳиршавандаи таҷовуз меномад. Унсури зоҳиршавандаи таҷовуз бевосита бо амалинамоии амалҳои террористӣ алоқаманд буда, воситаи маҷбурнамоӣ ва тарсонидани аҳолиро ба фоидаи террористон ба кор мебаранд [5,с.17-18] Террористон таҷовузу зӯровариро қасдан ва бошуурона истифода менамоянд. Истифодаи зӯрӣ ба хотири паҳн кардани рӯҳияи тарсу ваҳм, воҳима ва нобоварӣ дар ҷомеа, нишонаи дигари терроризмро ташкил медиҳад. Ба вуҷуд овардани муҳити ноустуворӣ, тарсу ваҳм дар ҷомеа, вайрон кардани қоидаҳои мавҷуда, фалаҷ кардани идораҳои давлатӣ мақсади асосии террористон буда, шарти зарурии амалӣ кардани амалҳои террористӣ мебошад. Террористон бо амалҳои террористии худ ба ҳолати равонии инсон таъсир расонида, ирода ва қобилияти фаъолиятнамоии инсонро пахш менамоянд ва инсон пеши онҳо мавҷуди нотавон мегардад. Истифодаи зӯрӣ ба хотири ба даст овардани мақсадҳои мушаххаси сиёсӣ нишонаи дигари терроризм мебошад. Масалан, бо ҳамин хосияташ терроризм аз зӯроварии ҷинояткорона фарқ менамояд. Мақсадҳои террористон гуногун мебошанд, аз ғасби ҳокимият оғоз карда то нест кардани мухолифони сиёсии худ. Аммо нишонаҳои дар боло зикршуда асосӣ мебошанд ва он нишонаҳо моҳияти ин зуҳуротро ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, нишонаҳои асосии терроризми муосир инҳо мебошанд: а) таҷовузу зӯроварӣ ба хотири мақсадҳои сиёсии муайян; б) тарсонидани аҳолии осоишта; в) мақсади махсуси муайян барои онҳо; г) хатари баланди ҷамъиятӣ; д) идеология.

Омилҳою сабабҳои ҷиноятӣ дар фаъолияти террористон низ ҷой доранд, аммо мақсаду ҳадафҳои сиёсӣ дар фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ мақоми асосиро ишғол менамоянд. Қасдан ба вуҷуд овардани муҳити тарсу ваҳм дар байни аҳолӣ, ба ақидаи мо, мақсади гурӯҳҳои террористӣ ва фаъолияти террористиро ташкил медиҳанд. Лекин, тафсиру шарҳи фарохи терроризм дорои нуқсони ҷиддӣ мебошад. Ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта ба гардиши илмӣ истилоҳи терроризми иқтисодӣ; наркотерроризм; кибертерроризм ва порнотерроризм дохил карда шуданд. Тафсири васеи терроризм маънои истилоҳро костаю номуайян гардонида, мубориза бо терроризмро душвор мегардонад. Камбудии асосии тафсири васеи истилоҳи терроризм дар он зоҳир мешавад, ки мақсади аслии террористон тағйир додани низоми сиёсии мавҷуда буда, мақсади гурӯҳҳои ҷиноятпеша бошад, ба даст овардани маблағҳои калони ғайриқонунӣ мебошад. Мо чунин мешуморем, ки барои дарки истилоҳи терроризм аз тафсири фарохи мазмун, васеъ кардани чаҳорчӯбаи хронологӣ даст кашем, то ки зуҳуроти терроризмро мукаммал дарк намоем. Ба ҳар ҳол, васеъ тафсир кардани мазмуну шаклҳои терроризм манзараи ҳақиқии фаҳмиши ин зуҳуротро ғалат намуда, мубориза бар зидди ин вабои асри XXI-ро мураккаб мегардонад.

Терроризми муосир дар тамоми кураи Замин паҳн гаштааст, аз хатари он ягон кишвар эмин нест. Миқдори гурӯҳҳои террористӣ то ҳол дақиқ муайян нашудааст ва ин гурӯҳҳои террористӣ дар аксари кишварҳои олам фаъолияти ғайриқонунӣ доранд. Гурӯҳҳои террористие, ки ба аҳолию иншоотҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳуҷум менамоянд, дақиқ шуморида нашудаанд, чунки онҳо ба хотири як амали террористӣ сарҷамъ шуда, баъди анҷоми он пароканда мешаванд ва ба хотири гузаронидани амали террористии дигар боз якҷоя мегарданд.

Дар баробари нишонаҳои терроризм шаклҳои терроризм ба шарҳу тафсир ниёз доранд. Чунки ба ҳамаи шаклҳои терроризм нишонаи терроризм, ба монанди зӯрию таҷовуз, тарсонидан ва идеологияи муайян хос аст. Новобаста аз минтақаи паҳншавии терроризм, мансубияти миллию мазҳабии гурӯҳҳои террористӣ, сабабҳои бавуҷудоварандаи он, методҳою воситаҳои истифодашавандаи онро ба панҷ шакл ҷудо намудем.

Дар замони муосир яке аз шаклҳои паҳншудаи терроризм ин терроризми миллатгароёна мебошад. Терроризми миллатгароёна мақсади ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, фарҳангии гурӯҳи қавм ё халқиятеро, ки дар давлати дигар ақаллиятро ташкил медиҳад, ба миён гузошта, бо роҳи гузаронидани амалҳои террористӣ ҳал менамояд. Мақсади ниҳоии терроризми миллӣ ташкил кардани давлати алоҳида ё ҳамроҳ шудан ба давлати дигар мебошад, ки бо онҳо ҳамхуну ҳамзабонанд. Нашъу намои терроризми миллатгароёна ба солҳои 60-70–уми қарни XX рост меояд, чунки ин замон гурӯҳҳои террористии миллатгаро хеле фаъол шуда буданд. Байни гурӯҳҳои террористии миллатгароёна аз ҳама машҳур Артияи ҷумҳуриявии Ирландия, Ташкилоти озодихоҳии Фаластин, Ватан ва озодии баскҳо, Бабрҳои озодии Тамил Илама, Ҳизби меҳнатии Курдистон ва дигарон мебошанд [6,с.17-18].

Ин шакли терроризм таваҷҷуҳи як қатор гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсиятҳоро ба худ ҷалб карда, ба муборизаи сиёсию фарҳангии худ ҳамроҳ намудаанд. Гурӯҳҳои террористии миллатгароёна амалҳои террористии худро чунон мегузаронанд, ки қурбонии зиёд нашавад, то ки ҳамқавмонашон аз онҳо дур нашаванд. Онҳо вобаста ба мақсадҳояшон амалҳои террористӣ гузаронида, аз худ дарак медиҳанд ва ба ин восита талаботҳои сиёсию фарҳангии худро бори дигар матраҳ менамоянд. Муайянамоию дақиқнамоии моҳият ва табиати терроризми миллатгароёна то солҳои наздик хеле душвор буд. Пайравони ин навъи терроризм худро террорист нашумурда, балки муборизони роҳи ҳақиқат ва истиқлолияти миллату қавми худ меҳисобиданд.

Дар замони муосир вобаста ба зиддиятҳои геополитикӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ – иҷтимоӣ байни абарқудратҳои глобалию минтақавӣ шакли хатарноки терроризм, яъне терроризми динӣ инкишоф ёфтааст, ки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлатҳои алоҳида хатари бузург эҷод кардааст. Пайравони терроризми динӣ таҷовузу зулмро ба мақсади дар амал татбиқ кардани фармудаҳои Худо истифода мебаранд. Онҳое, ки тарафдорони ақидаи ҷудоии давлату дин ҳастанд, объекти ҳуҷуму таҷовузи террористони динӣ қарор мегиранд. Яъне, онҳое, ки тафаккури дунявӣ доранд, барои террористони динӣ муртаду хоин мебошанд ва пайравони ин навъи терроризм кӯшиш менамоянд чунин одамонро ба қатл расонанд. Пайравони терроризми динӣ мутаассиби ашаддӣ буда, ба ғайр аз ҷаҳонбинӣ ва фармудаҳои динӣ, дигар навъи ҷаҳонбиниро қабул надоранд. Террористон тамоми амалҳои худро бо догмаҳою фармудаҳои динӣ ва дар алоқамандӣ бо ғаразҳои сиёсии худ асоснок менамоянд. Аксари террористони динӣ дар доираи динҳои ҷаҳонӣ ба монанди ислом, насрония ва сектаҳои гуногун сабзидаанд. Солҳои охир аксари амалҳои террористӣ ва кушторҳои аҳолии бегуноҳ аз тарафи пайравони терроризми самти динӣ дошта роҳандозӣ мешаванд. Тоҷикистон як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, хатари паҳншавии ин зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ ба он низ таҳдид менамояд. Муаллифи ин сатрҳо иброз менамояд, ки баъди танг шудани вазъияти ҳаракати ифротию террористии «Давлати исломӣ» дар Сурия ва Ироқ иштирокчиёну пайравони фаъоли онҳо ба Афғонистон сар даровардаанд, ки метвонанд ба ин роҳ вазъияти сиёсӣ – иҷтимоӣ ва иқтисодии ин кишваро боз ҳам бадтар гардонанд. Кишварҳои ҳамсарҳади Афғонистон, ба монанди Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркменистон хатари ин ҳаракати ифротӣ - террористиро ба бехатарии худ эҳсос менамоянд. Сафи аъзоёни «давлати исломӣ» дар Афғонистон, тибқи маълумотҳои тасдиқнашуда, дуҳазорро ташкил медиҳад. Ба ҳайати ҳаракати ифротии «давлати исломӣ» намояндагони “Ҳизб–ут- таҳрир”, “Ансоруллоҳ”, “Ҷамоати Таблиғ”, “Ҳизби исломии Ӯзбекистон” дохил мешаванд [7,с.154-159].

Байни гурӯҳҳои террористии самти динӣ дошта ҳаракатҳои ифротию террористии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида», «Салафия», «Ҳизбуллоҳ», «Ҳамос», «Аумсинрике» ва ғайраҳо хеле машҳуранд. Дар фалсафаи иҷтимоӣ ва илмҳои сиёсӣ шаклбандии дақиқи шаклу намудҳои терроризм вуҷуд доранд. Масалан, терроризми **чапгаро, ростгаро ва анархистӣ,** ки яке аз шаклҳои терроризми сиёсӣ мебошанд. Мақсади терроризми чапгаро нест кардани сохтори капиталистӣ ва бунёд кардани сохтори сотсиалистӣ мебошад. Асоси иҷтимоии терроризми чапгароро на танҳо қишри қашшоқи аҳолӣ, балки намояндагони синфи миёна, донишҷӯён ва ҳатто одамони аз нигоҳи моддӣ доро, ки бо сиёсати давлат ва роҳандозии адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа розӣ нестанд, ташкил медиҳанд. Террористони чапгаро одатан зидди одамони сарватманд ва шахсиятҳои расмию давлатӣ террор ташкил мекунанд. Тараққиёти терроризми чапгаро ба ибтидои қарни XX рост меояд. Замони «ҷанги сард» байни лагери сотсиалистӣ ва капиталистӣ авҷи инкишофи терроризми чапгаро мебошад. Гурӯҳҳои террористии чапгаро дар кишварҳои Осиё, Америкаи Лотинӣ, Африқо ва Аврупо амал мекарданд. Байни онҳо «Бригадаи сурх», (Италия) «Баадер - Майнхоф» (Олмон), «Армияи Сурх» (Ҷопон), «Сендеро Луминосо» ва «Тупак Амару», ки дар Амрикои Лотинӣ мустақар буданд, хеле машҳур мебошанд. Ин гурӯҳҳои террористии самти сиёсӣ доштаро муҳаққиқи рус Н.А. Чернядева дар монографияи илмиаш таҳлилу баррасӣ карда, сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии онҳоро дар минтақаҳою давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон нишон додааст [8,с.42-53].

Терроризми ростгаро ифодакунандаи рӯҳияи неофашистӣ буда, дар аксари кишварҳои Ғарб ва Русия ҷой дорад. Мақсади аслии неофашистҳо аз он иборат аст, ки кишварҳою ҳукуматҳои низомаш демократиро нест карда, ба ҷойи онҳо низоми неофашистиро барқарор намоянд. Сохтори идоракунии ин гурӯҳҳо ба монанди терроризми миллатгароёна мунтазам нест. Пайравони терроризми ростгаро таҷовузу зулмро асосан зидди муҳоҷирон ва гурезагони кишварҳои Осиё ва Африқо истифода мебаранд. Мақсади онҳо аз он иборат аст, ки воридшавии муҳоҷирону гурезагон ба кишварҳои Аврупоӣ манъ карда шаванд. Ақидаю назарҳои террористони ростгаро нажодпарастона зиддисомӣ мебошанд.

Авҷи инкишофи терроризми анархистӣ ба охири асри XIX ва ибтидои асри XX рост меояд. Терроризми анархистӣ таърихи дурудароз дорад ва он аз тарафи муҳаққиқон таҳқиқ шуда истодааст. Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки кори онҳо ҳамон вақт аҳамияти амалӣ пайдо мекунад, ки агар зиддиглобалистони муосир аз эътирозҳо ва роҳпаймоиҳои сулҳҷӯёнаи худ даст кашида, раванди глобализатсияро ба сифати як раванди табиӣ ва барои инсон фоидаовар эътироф намоянд. Аммо воқеаҳои инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвари Юнон гувоҳ аст, ки гузаронидани ислоҳотҳои пулию молии Бонки Ҷаҳонӣ ва аврупоӣ дар Юнон боиси авҷ гирифтани терроризми анархистӣ гашта истодааст.

Дар адабиёти тахассусӣ дар баробари истилоҳи терроризм инчунин истилоҳоти экстремизм, радикализм ва фундаментализм низ истифода мешаванд. Ба ҳамин хотир, ҷомеаи инсонӣ дар бораи ин истилоҳот иттилооти дуруст надошта, онҳоро ба ҳамдигар омехта менамоянд. Ин ҳолат фаҳмиши моҳияти терроризмро душвор менамояд. Дар асл инҳо зуҳуротҳои гуногун, аммо ба ҳам наздик мебошанд. Пайравии одамони алоҳидаро ба фикрҳои канораю ниҳоӣ, махсусан дар соҳаи сиёсат экстремизм меноманд. Мегӯянд, ки аз экстремизм то терроризм як қадам аст ва онҳое, ки моили усулҳои экстремистӣ ҳастанд, дар ниҳоят террорист мешаванд.

Радикализм ҷараёни сиёсие мебошад, ки пайравонаш тарафдори тағйироти қатъӣ ва босуръати паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мебошанд. Пайравони радикализм таназзулу беҳаракатиро таҳаммул карда наметавонанд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар ҷомеа тағйиротҳою ислоҳот муттасил гузаронида шаванд. Радикалҳо зидди консерваторҳо мебошанд, чунки консерваторҳо эҳтиёткор буда, нисбати анъана ва фарҳанги сиёсӣ эҳтиромона муносибат менамоянд. Мувозинати ақидаҳои радикалӣ ва консервативӣ гарави инкишофи муътадилу босуботи ҷомеа мебошад. Фундаментализм назарияе мебошад, ки мувофиқи он арзишҳои динӣ бояд дар ҳолати ибтидоӣ нигоҳ дошта шаванд ва ба навовариҳое, ки моҳият ва асли динро коста мегардонанд, роҳ дода нашаванд. На ҳама фундаменталистон ва радикалҳо террорист мешаванд.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки нишонаҳои зоҳиршавии терроризм дар илми ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ ба таври хос шарҳу тафсир дода мешаванд. Масалан, барои ҳуқуқшиносон терроризм, пеш ҳама, ҷиноят ва вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Барои илми ҳуқуқ танҳо он аҳамият дорад, ки терроризм пояҳои ҳуқуқии ҷомеаро вайрон карда, ба ин минвол дар ҷомеа бетартибиро

бунёд менамояд. Барои сиёсатшиносон нишонаҳои зоҳиршавии терроризм, пеш аз ҳама, бо сохтори сиёсии ҷомеа ва мавҷудияти давлату институтҳои иҷтимоии алоқаманд мебошад. Бояд қайд кард, ки талаботҳои террористон ё гурӯҳҳои террористӣ пеш аз ҳама хосият ва табиати сиёсӣ доранд. Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот далели онанд, ки аз замони қадим то имрӯз гурӯҳҳои террористӣ ва террористон нисбати инкишофи давлат, сохтори сиёсӣ, адолати иҷтимоӣ, баробарии қавмҳо, фарҳангҳо, ба даст овардани истиқлолият ва ғайра талаботҳои худро мегузоштанд. Аммо, терроризм, пеш ҳама, зӯроварию ваҳмафканист. Дар таърихи пуртазоди ҷомеаи инсонӣ дар натиҷаи амалҳои террористӣ миллионҳо одамони бегуноҳ ҳалок гаштаанд. Барои ҳамин вазифаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз он иборат аст, ки аз сиёсати стандартҳои дугона даст кашида, зидди тамоми шаклҳои зоҳиршавии терроризм муборизаи беамон баранд.

### АДАБИЁТ


1. Индивидуальный политический террор в России (XIX - начало XX вв.) // Материалы конференции. -М., 1996. - С. 17-23.
2. Вайс М. Исламское государство: Армии террора // Майкл Вайс, Хасан Хасан; пер. с англ. -М.: Альпина нон-фикшн, 2016. – 326 с.
3. Киреев М.П. Исторические этапы развития и понимания терроризма / Киреев М.П // Труды академии управления МВД России. -2012. -№4(24). -С.70-74.
4. Тисленко Д.И. Анализ и значение признаков терроризма [электронный ресурс]: https://cyberleninka.ru/article/v/analiz-i-znachenie-priznakov-terrorizma (дата обращение к сайту 11.10.2018)
5. Требин М.П. Терроризм в XX1 веке. Монография / М.П. Требин. - 2004. – С.17-18.
6. Маҳмадиев Н.Д. Сабабҳо, шароити пайдоиш ва паҳншавии терроризм / Н.Д. Маҳмадиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2018. -№4. -С.155-159.
7. Маҳмадиев Н.Д. Тамоюлоти асосии инкишофи терроризму ифротгароӣ дар Тоҷикистон / Н.Д. Маҳмадиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2018. -№3. -С.154-159.
8. Н.А. Чернядьева. Международный терроризм: происхождение, эволюция, актуальные вопросы правового противодействия. Монография. Н.А. Чернядьева. -М., 2017. – 384 с.


### НИШОНАҲО ВА ШАКЛҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ТЕРРОРИЗМ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР: ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ - ИҶТИМОӢ


Терроризм ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ дорои нишонаҳои хос аст, ки онро аз дигар зуҳуроти иртиҷоӣ фарқ мекунонад. Истифодаи таҷовуз ё таҳдиди истифодаи зӯрӣ нисбати аҳолии осоишта, давлат ва сохторҳои давлатию худидории маҳаллӣ нишонаи асосии терроризми муосир мебошад. Ду паҳлуи муҳимми нишонаи терроризм - таъсиррасонии ҷисмонию равонӣ вуҷуд дорад. Муҳаққиқон таъсиррасонии ҷисмонию равониро баҳогузорӣ намуда, онҳоро унсури зоҳиршавандаи таҷовуз меноманд. Унсури зоҳиршавандаи таҷовуз бевосита бо амалинамоии амалҳои террористӣ алоқаманд буда, воситаи маҷбурнамоӣ ва тарсонидани аҳолиро ба фоидаи террористон ба кор мебаранд. Террористон таҷовузу зӯровариро қасдан ва бошуурона истифода менамоянд. Истифодаи зӯрӣ ба хотири паҳн кардани рӯҳияи тарсу ваҳм, воҳима ва нобоварӣ дар ҷомеа нишонаи дигари терроризмро ташкил медиҳад. Ба вуҷуд овардани муҳити ноустуворӣ, тарсу ваҳм дар ҷомеа, вайрон кардани қоидаҳои мавҷуда, фалаҷ кардани идораҳои давлатӣ мақсади асосии террористон буда, шарти зарурии амалӣ кардани амалҳои террористӣ мебошад. Террористон бо амалҳои террористӣ худ ба ҳолати равонии инсон таъсир расонида, ирода ва қобилияти фаъолиятнамоии инсонро пахш менамоянд ва инсон пеши онҳо мавҷуди нотавон мегардад. Истифодаи зӯрӣ ба хотири ба даст овардани мақсадҳои мушаххаси сиёсӣ нишонаи дигари терроризм мебошад. Масалан, бо ҳамин хосияташ терроризм аз зӯроварии ҷинояткорона фарқ менамояд. Мақсадҳои террористон гуногун мебошанд, аз ғасби ҳокимият оғоз карда то нест кардани мухолифони сиёсии худ. Аммо нишонаҳои дар боло зикршуда асосӣ мебошанд ва он нишонаҳо моҳияти ин зуҳуротро ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, нишонаҳои асосии терроризми муосир инҳо мебошанд; а) таҷовузу зӯроварӣ ба хотири мақсадҳои сиёсии муайян; б) тарсонидани аҳолии осоишта; в) мақсади махсуси муайян барои онҳо; г) хатари баланди ҷамъиятӣ; д) идеология.



**Калидвожаҳо:** терроризм, нишонаҳои терроризм, шаклҳои терроризм, идеология, терроризми чапгаро, терроризми ростгаро, терроризми анархистӣ, терроризми давлатӣ, таҷовуз, зӯроварӣ.


### ОСНОВНЫЕ ПРИЗНАКИ И ФОРМЫ ПРОЯВЛЕНИЯ ТЕРРОРИЗМА В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ: ФИЛОСОФСКО-СОЦИАЛЬНЫЙ АНАЛИЗ


В статье исследуются основные признаки терроризма. Терроризм характеризуется как социальный и политический феномен, который отличает его от других деструктивных явлений. Использование насилия против общества, личности, государства, органов испольнительной власти является одним из главных признаков современного терроризма. Существуют два признака влияния терроризма на общество: физическое и психологичкое влияние. Исследователи считают, что физическое и психологическое влияние являются основными элементами проявления терроризма. Насилие, как элемент проявления терроризма, непосредственно связано с запугиванием населения и людей. Использование запугивания является признаком терроризма, бесчеловечного или унижающего достоинство личности в обществе. Создание условий нестабильности, страха в обществе, нарушения существующих правил и парализации государственных учреждений является главной целью терроризма и необходимым условием для террористических актов. Террористы, используя террористические акты, оказывают сильное воздействие на психологическое состояние людей, подавляя волю человека для того, чтобы

сломать сопротивление человека перед ними и сделать человека уязвимым. Применение силы для достижения политических целей является еще одним признаком терроризма. Этим свойством терроризм отличается от насилия криминального характера. В задачу террористических групп входит повреждение основных устоев государства и ликвидация политических противников. Таким образом, в перечень основных признаков терроризма входит: а) насилие во имя определенных политических целей; б) запугивание мирного населении; в) специальные цели; г) повышенная общественная опасность; д) идеология.

**Ключевые слова:** терроризм, признаки терроризма, формы терроризма, идеология, левый терроризм, правый терроризм, анархический, государственный терроризм, насилие.

**THE MAIN SIGNS AND FORMS OF TERRORISM IN MODERN SOCIETY: PHILOSOPHICAL AND SOCIAL ANALYSIS**

The article explores the main signs of terrorism. Terrorism is characterized as a social and political phenomenon that distinguishes it from other destructive phenomena. The use of violence against the public, the individual, the state, the executive authorities is one of the main signs of modern terrorism. There are two signs of the influence of terrorism society: physical and psychological influence. Researchers believe that the physical and psychological influence is the main element of the manifestation of terrorism. Violence, as an element of the manifestation of terrorism, is directly related to intimidation of the population and people. The use of intimidation is a sign of terrorism, inhuman or degrading personality in society. Creating the conditions for instability, fear in society, violation of existing rules and paralysis of state institutions is the main goal of terrorism and a necessary condition for terrorist acts. Terrorists, using terrorist acts, have a strong impact on the psychological state of people, suppressing the will of a person in order to combat the person's resistance to them and make a person vulnerable. The use of force to achieve political goals is another sign of terrorism. This property of terrorism is different from the violence of a criminal nature. The task of terrorist groups includes damage to the basic foundations of the state and the elimination of political opponents. Thus, in the list of the main signs of terrorism a) violence in the name of certain political goals: b) intimidation of the civilian population: c) special purpose; d) increased public safety; e) ideology.

**Key words:** Terrorism, signs of terrorism, forms of terrorism, ideology, left-wing terrorism, right-wing terrorism, anarchist, state terrorism, violence.

**Сведение об авторе:** ***Махмадиев Н.Д.*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры онтологии и теория познания факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе Рудаки 17. E-mail**: nozim2985@mail.ru**. Телефон: **939-32-59-42**

**Information about the author:** ***Makhmadiev N.D.*** - Tajik National University, Ph.D. in Philosophy, Associate Professor, Department of Ontology and Theory of Knowledge, Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. E-mail: **nozim2985@mail.ru.** Phone: **939-32-59-42**

**УДК:1/14 +316.6+2 (575.3)**

# НИЗОЪҲОИ ДИНӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ

***Сатторов С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар давоми таърихи инсоният низоъҳои динӣ хеле зиёд рӯй додаанд, аммо имрӯз бошад, ин низоъҳо боз ҳам мураккабтар гардидаанд. Омилҳои асосии бавуҷудоварандаи низоъҳои динӣ бо дин дар шакли мустақим ва ғайримустақим алоқамандӣ доранд. Алалхусус дин дар ташаккули шахсият ва ҷамъият таъсири калон мерасонад. Хусусиятҳои гуногуни ба амал омадани низоъҳои динӣ то ин замон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аслан, муҳаққиқон омилҳои бавуҷудоварандаи низоъҳоро ба чор қисм ҷудо намудаанд: фарҳангӣ, архетипӣ, таърихӣ, конфессионалӣ (мазҳабӣ) [1,с.8]. Моҷароҳои мазҳабӣ таърихи дуру дароз доранд. Мутафаккирони аҳди қадим нисбати масъалаи моҷароҳои мазҳабию динӣ низ изҳори андеша намудаанд. Масалан, мутафаккири бузурги форсу тоҷик Фирдавсӣ дар бораи моҳияту хусусиятҳои моҷароҳо, аз ҷумла шӯришҳо, андешаҳои пурқимат иброз кардааст. Сабаби ба шӯриш бархостани одамонро дар норасоиҳои замона, дар қашшоқию гуруснагӣ мебинад [2,с.10]. Назари ин мутафаккир дар он аст, ки одамон ба хотири манфиати сиёсӣ, бойигарӣ, вазифа ва мавқеъ аз қашшоқию нотавонии одамон суиистифода намуда, онҳоро гумроҳ менамоянд.

Дар фалсафаи асриёминагии Ғарб андешаҳо перомуни сар задани моҷароҳои динию мазҳабӣ хеле зиёданд. Масалан, файласуфи машҳури ин давра, яке аз асосгузорони равияи динии католитсизм Фомаи Аквини худ ташвиқгари ҷанг ва зӯроварӣ набуда, нисбати онҳо аз рӯйи зарурат андеша меронад. Онҳоро ҳодисаи манфури ҷомеаи инсонӣ шуморида, эҳтимолияти ба амалоии онҳоро пеши назар меорад [3,с.12].

Ба моҷароҳои сиёсӣ Фрэнсис Бекон назари хос дошт. Андешаҳои ӯ дар бораи табиати моҷароҳо аҳамияти зиёд доранд. Маҳз ӯ тавонист, бори аввал сабабҳои

мочароҳои ичтимоии дохилиро ҳамачониба омӯхта, таҳлили назариявии системаи сабабҳоро ба чо оварад. Махсусан, ба нақши ҳолати бади моддии халқ диққат дода, саромади мочароҳоро аз онҳо донистааст. Мутафаккир инчунин сабабҳо ё омилҳои дигари пайдоиши мочароҳоро нишон медиҳад. Аз чумла, ба андешаҳои сенат ва табақаҳои болоӣ эътибор надодани подшоҳ; хатоҳои сиёсӣ дар идораи давлат ва чомеа; паҳн гаштани овозаҳо ва гапҳои бардурӯғ ва ғайра [2,с.13-14].

Ақидаи Р. Дарендорф оиди мочаро чолиби диққат аст. Дарендорф чунин мешуморад, ки гурӯҳҳои ичтимоиро дар асоси муносибаташ нисбати тақсимот ва бартарӣ муайян кардан мумкин аст. Мочаро натичаи табиии дилхоҳ системаи давлатдорӣ мебошад. Моҳияти мочарои ичтимоӣ дар доштани мавқеи ичтимоӣ ва нақши муайян дар чомеа равшан мегардад: як қисми аҳолӣ ҳокимият ва ҳуқуқи идораи дигаронро доранд, дигарон бошанд, чунин имкониятро надоранд. Сабабҳои зиддият дар дохили чомеа решаҳои гуногун доранд: таносуб дар тақсимоти ҳокимият ва набудани роҳҳои озоди азнавтақсимкунии ҳокимият. Лекин мумкин аст, мочароҳо дар чомеа танзим ва идора карда шаванд. Институтҳои ичтимоӣ вучуд доранд, ки қоидаҳои муайяни рафтор ва амалро барои тарафҳои мачарочӯ тартиб медиҳанд. Бартараф кардани мочароҳо ба якчанд давра чудо карда мешаванд: манфиати гурӯҳҳои зид, муттаҳид ва азнавтақсимкунии ҳокимият. Дилхоҳ вазъияти мочароӣ ба тағйироти вазъи ичтимоии чомеа боис мегардад. Ба ақидаи Дарендорф, мочаро унсури зарурии дилхоҳ сохтори ичтимоӣ, манбаи инкишофи чомеа мебошад. Чомеаи некӯаҳвол мочароҳоро саркӯб намекунад, балки меъёри танзими онҳоро муқаррар менамояд, ки шарти асосии он тезҳаракатии ичтимоӣ мебошад [2,с.13-14].

Олими англис Э. Гидденс оид ба низоъ чунин ақида баён намудааст: «Зери мафҳуми низоъ муборизаи воқеӣ байни ду шахс ё гурӯҳи амалкунанда, новобаста аз сарчашма, тарз ва воситаҳое, ки онҳо истифода мекунанд, фаҳмида мешавад». Дар замони муосир низоъҳои динӣ хеле авч гирифтаанд. Мочарои динӣ шакли аз ҳама мураккаби мочарост.

Барои таҳлили мукаммали низоъҳои динӣ зарур мешуморем, ки таърифи низоъро ҳамчун зуҳурот дақиқ намоем. Чунки талаботи мантиқи илмӣ чунин аст, ки бояд пеш аз таҳлили ҳамачониба таърифи зуҳуроти таҳқиқшаванда дода шавад. **Низоъҳои динӣ-низоъҳое дониста мешаванд, ки арзиши мутлақ дошта, аксар вақт характери давомнок доранд ва ба осонӣ барангезанда мебошанд ва ин низоъҳоро ба низом даровардан хеле мушкил аст.** Муҳаққиқи точик Г.Н.Зокиров истилоҳи низоъро чунин шарҳ медиҳад: "Муносибатҳои объективона ва холисона ба ҳамаи ҳодисаҳо, аз чумла ба масъалаҳои мухталифи мочароҳои сиёсӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои сиёсат имконият медиҳанд, ки моҳият, хусусиятҳо, шаклҳои зуҳурот ва аҳамияти ҳодисаро дар олами муосир барои рушду камоли муносибатҳои байни одамон ва умуман, инкишофи ҳаёти чамъиятӣ дарк намоем ва аз он баҳра барем"[3,с.34].

Муҳаққиқи дигари точик А. Муҳаббатов қайд менамояд, ки мочаро вақте ба амал меояд, ки ду ва ё зиёда қувваҳои равияҳояшон гуногун барои амалӣ гардонидани мақсадҳояшон байни якдигар мубориза мебаранд. *Ба мочаро метавонанд шахсони алоҳида, гурӯҳҳои хурду калон, иттиҳодияҳое, ки характери сиёсӣ доранд, гурӯҳҳои чинояткор, чараёнҳои гуногуни идеологӣ ва ҳатто гурӯҳҳои мафиозӣ низ барои амалӣ кардани мақсадҳои ичтимоию сиёсии худ дохил шаванд[4,с.12].*

Бавучудоии низоъҳои динӣ дар чаҳони имрӯза дар мисоли низои Арабу Исроил, Ирландияи Шимолӣ, Сурия ва Ироқ исботи он аст, ки дин омилест, ки онро барои вайрон кардани кишвар ё системаи давлатдорӣ истифода менамоянд. Низоъҳои хислати динӣ дошта, дар чаҳони имрӯза хусусияти зӯроварӣ низ касб намудаанд, задухӯрдҳо, митингҳо, таркишҳо, амалиётҳои чангӣ роҳандозӣ мегарданд, ки дар натичаи он ҳазорон нафар одамони бегуноҳ талаф мешаванд. Оқибатҳои фочиабори низоъҳои байни миллатҳо бисёр даҳшатвор мебошанд. Масалан, солҳои охир дар кишвари Миянма сиёсати нест кардани қавми роҳиндча идома дорад, ки ҳатто чомеаи чаҳонӣ ва махсусан чаҳони исломро безобита кардааст.

Ноороми чамъият, буҳронҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва сиёсӣ, бархӯрдҳои мазҳабию динӣ, сепаратизми омехта бо идеологияи динӣ барҳамхӯрии дохилии равияи динӣ, фанатизми динӣ хатари бузург ба истиқлолияти мамлакат мебошанд. Дар доираи низоъҳои динӣ боз низоъҳое ба вучуд омадаанд, ки имрӯз чомеаи чаҳониро ба ташвиш овардаанд, ки ин низоъҳои мазҳабӣ мебошанд.

Низои мазҳабӣ дар ҳаёти маънавии ҷамъият падид омада, бо масъалаҳои эътиқод ва арзишҳои маънавӣ алоқамандии зиёд дорад. Низои мазҳабӣ – задухӯрд ва муқобилияти байни пайравони мазҳаби гуногун бо арзиш, тафаккур ва муносибат ба намояндагони мазҳаби дигар мебошад. Дар замони муосир низ асоси низоъҳои динӣ парокандагии мазҳабӣ буда, тавре ки аз воситаҳои ахбори умум шоҳид ҳастем, то ба хунрезиҳо анҷом меёбад. Тавре нависандаи аврупоӣ Ҷонатан Свифт таъкид менамояд: *«Имони мо барои бадбинии ҳамдигар кифоягӣ мекунад, аммо барои дӯст доштани ҳамдигар кофӣ нест»*[*4,с.13*]. Ин суханони нависанда ҳақиқати талхи вазъияти ҷомеаи муосирро ифода мекунанд, зеро мутаассифона, дар кишваре, ки дину мазҳабҳои мухталиф вудоранд байни онҳо задухӯрдҳо, нофаҳмиҳо ба вуҷуд меоянд. Мисол, дар Бангладеш ҳолатҳои куштори рӯҳониёни масеҳӣ, буддоӣ, сӯзонидани хонаи онҳо ба қайд гирифта шудааст. Ин амалҳо асосан аз ҷониби ҳаракатҳои экстремистӣ амалӣ карда мешаванд. Худи мусулмонон бошанд, дар ин кишвар аз ҳамлаҳои мусаллаҳонаи пайравони дини ҳиндуя азият мекашанд. Байни худи мусулмонони Бангладеш низ задухӯрдҳои зиёд ба қайд гирифта шудаанд. Тавре аз сарчашмаҳои иттилоотӣ бармеояд, дар Бангладеш мазҳаби аҳмадия низ мавҷуд буда, бо дигар ҳаракатҳои исломӣ задухӯрдҳои мусаллаҳлона доир менамояд. Дар дигар мамолики дунё -Алҷазоиру Индонезия, Филиппин, Миср барин кишварҳо бо сабаби зиддиятҳои мазҳабӣ моҷароҳои гуногун сар зада истодаанд. Дар кишварҳои Шарқи Наздик, Покистон, Афғонистон низ бархӯрдҳои мазҳабӣ боиси пайдо шудани моҷароҳо гаштаанд. Маҳз ин задухӯрдҳои мазҳабӣ сабаби хароб гардидани маҳаллаву шаҳрҳо, бепарастор мондани фарзандон шудаанд. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳон зуҳуроти «низои мазҳабҳо» паҳн гардида, то ба ҷангҳои мусаллаҳона расидаанд. Ҷангҳои Ироқу Сурия далели қотеи он аст, ки мазҳабгароӣ оқибати нохуш дорад. Барои роҳ надодан ба чунин оқибатҳо, дар макотиби миёнаву олӣ, масҷидҳои ҷомеъ, тариқи васоити ахбори омма натиҷаи нохуши мазҳабгароиро ба пуррагӣ фаҳмонидан мувофиқи мақсад аст. Зеро мазҳабгароӣ душмани дину одамият буда, аксари андешаҳои мазҳабҳои кунунии аксаран тундрав бо арзишҳои аслӣ ва поки дини мубини ислом муносибате надоранд. Чуноне ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар баромадашон ҳамин нуқтаро таъкид мекунанд: “Мазҳабгароӣ душмани ислом аст, мо як дин ва як мазҳаб дорем, побанди ҳар гуна фитнаву дурӯғ, дасисабозиҳои шахсони манфиатҷӯ нашавед, шукронаи тинҷию амони кишвар кунед ва зиракии сиёсиро аз даст надода, дар пешрафту шукуфоии кишвари азизамон саҳмгузор бошем”[5,с.2].

Тарзҳои гуногуни бартараф кардани низоъ таҳқиқ карда шудаанд. Усули самарабахши барҳам додани низоъ ба амал баровarда шудааст, ки миёнаравӣ аст. Бо ин усул тарафи сеюм ба низоъ пайваст мешавад ва кӯшиш мекунад, ки низоъро ба таври беғаразона ва аз рӯйи принсипи одамдӯстию башардӯстӣ ҳал намояд. Давлат бояд шароити баробарро барои тамоми динҳо фароҳам орад. Танҳо ба туфайли фаъолияти якҷояи давлат ва ташкилотҳои динӣ метавон ҳамдигарфаҳмиро ба даст овард, ки боиси пешравии ҷамъият шуда метавонад.

Омӯзиши аслии динҳо ба он мусоидат мекунад, ки нисбат ба ҳар дину мазҳаб эҳтиром пайдо намоем ва он худ боиси аз байн бурдани низоъҳои динию мазҳабӣ буда метавонад. Барои ҳалли низоъҳои динӣ дар ҷаҳони имрӯза муттаҳидии ҳамаи халқҳои ҷаҳон, коркарди амиқ ва пайдарҳами амалиётҳо зарур аст, ки то сар задани низоъҳои мазҳабӣ пешгирӣ карда шавад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд дарк намояд, ки низои динӣ ва мазҳабӣ душмани одам мебошад. Онҳо набояд ба эҳсосоти гурӯҳҳои нохалаф дода шаванд. Ҷомеа бояд донад, ки дар ҳама намуди низоъ ду тараф ширкат меварзад ва иштирокчиёни ин ё он тараф ҳамон шахсоне мебошанд, ки дину мазҳабро воситаи сиёсии ба мақсадҳои худ расидан табдил дода, тақдири одамонро сарфи назар менамоянд. Барои рух додани низоъ танҳо як сухани ноҷо бас аст. Ҳеҷ вақт фикру ақидаи худро ба касе бор кардан лозим нест, ақидаи хешро озодона баён кардан, озодона интихоб намуданро бояд ҳар як шахси ҷомеа дарк намояд.

Низои динӣ, ки дар Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта оғоз ёфт, натиҷаи тағйироти фарогири иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаи мо буд. Дар ин солҳо сатҳи мунокишаҳо дар кишвар ба таври назаррас афзоиш ёфта, ҳаёти ҷомеаро бесамар гардонида, дар айни замон мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд овард. Аксарияти чунин мушкилот ин иқдоми мунокиша дар соҳаи дин аст, ки дар ихтилофоти пайравони динҳои гуногун, паҳншавии ҳаракатҳои динӣ-экстремистӣ дар фазои Тоҷикистон ифода ёфтаанд [6,с.2].

Мушкилоти динӣ аксар вақт бо зуҳуроти зӯроварӣ шиддати иҷтимоиро дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик зиёд мекунад. Бо дарназардошти адолат, бояд қайд кард, ки дин дар як вақт имкон дорад, ки вазъияти муноқишаро бартараф созад, муносибатҳои сохторҳои низомиро ҳамоҳанг созад, устувории вазъи иҷтимоиву сиёсиро дар кишвар муътадил созад.

Як гурӯҳ сабабҳои асосии пайдоиши созмонҳои динии ифротӣ дар амалинамоии сиёсати динии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ вуҷуд дошт, ки озодию эътиқоди диниро маҳдуд карда буд. Он вақт ҳуқуқҳои диндорон рӯирост маҳдуд карда мешуданд, гузаронидани маросимҳои динӣ манъ буд, муассисаҳои динӣ (масҷид, калисо, костел, синагога) баста буда, маъбадҳо вайрон карда мешуданд. Зиндонҳо аз намояндагони дину мазҳабҳои гуногун пур буд, ки барои иҷрои ин ва ё он маросимҳои динӣ, паҳн намудани китобҳои динӣ ва ё боз кардани мактабҳои динии хусусӣ ҳабс шуда, табиист, ки чунин сиёсат ва муносибати боғараз бархӯрди ҷавобиро ба вуҷуд меоварду ва қисми муайяни намояндагони дину мазҳабҳои мавҷуда, роҳи ғайриқонунӣ-экстремистиро пеш гирифтаанд.

Омили дигари густариши ҳодисаҳо ифротгароӣ ё терроризми динӣ аст, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба мавҷуд будани масъалаҳои ҳалталаби дигари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, бекории ҷавонон, сатҳи пасти зиндагӣ ва ғ. вобаста мебошад. Ин ақида дар монографияи муҳаққиқи тоҷик Маҳмадиев Н.Д. баррасии ҳамтарафаи худро ёфтааст. Касби истиқлол ва оғози равандҳои демократӣ на танҳо натавонистанд ба ҳалли ин масъала мусоидат намоянд, балки онҳоро амиқтар гардониданд. Бухрони сахт қариб, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсиро фаро гирифт. Тасодуфӣ нест, ки низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ маҳз дар он минтақаҳо ва ҷумҳуриҳое сар заданд, ки сераҳолӣ буда, масъалаҳои ҳалталаб дар онҳо зиёд буд, ба монанди водии Фарғона, ҷануби Тоҷикистон ва Қирғизистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Абхазия, Осетия, Арманистон, Чеченистон ва ғ. Эътирози иҷтимоӣ, аз ҷумла дар шакли ифротгароии динӣ зуҳур намуд. Вале сабаби асосӣ ва муайянкунандаи густариши экстремизм ва терроризми динӣ дар Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва баъзе аз минтақаҳои Федератсияи Русия таъсири беруна дошт. Гуфтаҳои боло дар заминаи чунин падидаҳо, ба монанди экстремизми динӣ ва терроризми динӣ бори дигар шаҳодат бар он мебошанд, ки дар динҳои ҳақиқӣ барои экстремизм ва терроризм ҷой нест [7,с.150].

Дар интиҳо бояд қайд кард, ки низоъҳои динӣ-мазҳабӣ шакли хатарноктарини моҷароҳо мебошанд. Чӣ бояд кард, ки дин боиси низоъ дар ҷомеаи инсонӣ нагардад, ё ба таври дигар, аз дин барои барангехтани низоъ суиистифода нашавад? Андешидани чораҳои мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад:

- баланд бардоштани сатҳи маърифати динӣ дар ҷомеа;
- таълими асосҳои дин дар мактабҳо;
- тарбияи рӯҳияи таҳаммулпазирӣ нисбат ба дину мазҳабҳои дигар;
- Амалӣ кардани гуфтугӯи тамаддунҳо;
- маҳкум кардани суиистифода аз дину мазҳабҳо;
- танзими консепсияи сиёсати динӣ дар кишвар;
- баланд бардоштани нақши сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташкили гуфтугӯи байни муассисаҳои дунявӣ ва ташкилоту муассисаҳои динӣ;
- дар сатҳи муайян нигоҳ доштани ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва муассисаҳои динӣ.

## АДАБИЁТ


1. Чоршанбиев П. 10 - ихтилоф боиси парокандагии мусулмонон гардид / П. Чоршанбиев // Тоҷикистон. – 2013. – 1 август - №153.
2. Ахмедов С. Фундаментализми ислом / С. Ахмедов // Тоҷикистон. – 1991. - №5. -С. 22-23.
3. Зокиров Г.Н. Моҷарошиносӣ. Монография / Г.Н. Зокиров. –Душанбе, 2002. – 202 с.
4. Абдуллоев А. Ҷанг не созишу ҳамкорӣ даркор / А. Абдуллоев // Тоҷикистон. – 1990. - №8. -С. 12-13.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез». [Манбаи электронӣ]: https://prezident.tj/ (санаи муроҷиат 14.05.2018)
6. Абдуллоев Ш. Ҷанг ва сулҳ дар ислом / Ш. Абдуллоев // Тоҷикистон. - 1989. - 7 январ. -№5.
7. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Монография / Н.Д. Маҳмадиев. -Душанбе, 2013. – 173 с.


## НИЗОЪҲОИ ДИНӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ

Дар давоми таърихи инсоният низоъҳои динӣ хеле зиёд рӯй додаанд, аммо имрӯз бошад, ин низоъҳо боз ҳам мураккабтар гардидаанд. Омилҳои асосии бавуҷудоварандаи низоъҳои динӣ бо дин дар шакли

мустақим ва ғайримустақим алоқамандӣ доранд. Алалхусус дин дар ташаккули шахсият ва ҷамъият таъсири калон мерасонад. Низои динӣ, ки дар Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта оғоз ёфт, натиҷаи тағйироти фарогири иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаи мо буд. Дар ин солҳо, ки сатҳи муноқишаҳо дар кишвар ба таври назаррас афзоиш ёфтанд, ҳаёти ҷомеаро бесамар гардонид, вале дар айни замон мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд овард. Аксарияти чунин мушкилот ин иқдоми муноқиша дар соҳаи дин аст, ки дар ихтилофоти пайравони динҳои гуногун, паҳншавии ҳаракатҳои динии нав дар фазои Тоҷикистон ифода ёфтаанд. Сабабҳои асосии пайдоиши созмонҳои динии ифротӣ дар амалинамоии сиёсатии динии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ки озодию эътиқоди диниро маҳдуд карда буд. Он вақт ҳуқуқҳои диндорон рӯирост маҳдуд карда мешуданд, гузаронидани маросимҳои динӣ манъ буд, муассисаҳои динӣ (масҷид, калисо, костел, синагог) баста буда ва маъбадҳо вайрон карда мешуданд. Зиндонҳо аз намояндагони дину мазҳабҳои гуногун, ки барои иҷрои ин ва ё он маросимҳои динӣ, паҳн намудани китобҳои динӣ ва ё боз кардани мактабҳои динии хусусӣ ҳабс шуда буданд, пур буданд. Омили дигари густариши ҳодисаи ифротгароӣ ё терроризми динӣ, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба мавҷуд будани масъалаҳои ҳалталаби дигари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, бекории ҷавонон, сатҳи пасти зиндагӣ ва ғ. вобаста мебошад.
**Калидвожаҳо:** низоъҳои динӣ, моҷароҳои мазҳабӣ, мазҳабгароӣ, архетипӣ, конфессионалӣ, терроризм, экстремизм, шабакаҳои иҷтимоӣ, идеология, тарғиботи идеологӣ.

## РЕЛИГИОЗНЫЙ КОНФЛИКТ КАК СОЦИАЛЬНОЕ ЯВЛЕНИЕ

На протяжении истории человечества имели место множество религиозных конфликтов, но сегодня эти конфликты приобретают сложный характер. Основные факторы, способствующие возникновению религиозных конфликтов, являются неопосредованными и опосредствованными. Особенно религия оказывает большое влияние на формирование личности и общества. Религиозный конфликт, возникший в Таджикистане в начале 90-х годов прошлого века, является результатом всеобъемлющих социальных, экономических и культурных изменений в нашем обществе. В эти годы уровень религиозных конфликтов в республике заметно вырос и отрицательно повлиял на стабильность общественной жизни. Большинство нерешенных вопросов - это продолжение религиозных конфликтов. В противостоянии адептам других религий заметное распространение получили новые религиозные движения на територии Таджикистана. Основные причины возникновения экстремистских организаций – это реализация религиозной политики бывшего Советского Союза, ограничение свободы совести и религиозных убеждений. В то время права верующих были ущемлены, запрещены религиозные обряды и ритуалы, закрывались религиозные учреждения (мечети, церкви, синагоги) и были разрушены религиозные памятники. Тюрьмы были заполнены представителями разных религий, которые обвинялись в проведении религиозных обрядов, распространении религиозной литературы или открытии религиозных школ. Другой фактор распространения экстремизма и терроризма заключается в том, что после развала Советского Союза остались многие нерешенные социально-экономические проблемы: безработица молодёжи, снижение уровня жизни, миграция и т.п.
**Ключевые слова:** религиозные конфликты, терроризм, экстремизм, социальные сети, идеология, идеологическая пропаганда.

## RELIGIOUS CONFLICT AS A SOCIAL PHENOMENON

Throughout the history of mankind there have been many religious conflicts, but today these conflicts are becoming complex. Aspen factors contributing to the emergence of religious conflicts are direct and indirect. Especially religion has a great influence on the formation of personality and society. The religious conflict that arose in Tajikistan at the beginning of the 90s of the last century is the result of comprehensive social, economic and cultural changes in our society. time arose created many problems. Most outstanding issues are the continuation of religious conflicts. In opposition to adherents of other religions, new religious movements in the space of Tajikistan have become noticeably spread. The main reasons for the emergence of extremist organizations are the implementation of the religious policy of the former Soviet Union, restrictions on the freedom of conscience and religious beliefs. At that time, the rights of believers were infringed, religious rites and rituals were banned, religious institutions (mosques, churches, synagogues) were closed and religious monuments destroyed. The prisons were filled with representatives of various religions who were accused of expelling religious practices, distributing religious literature, or opening religious schools. Another factor spreading extremism and terrorism is that after the collapse of the Soviet Union, there are still many unsolved social and economic problems: youth unemployment, lower living standards, migration, etc.
**Key words:** religious conflicts, terrorism, extremism, social networks, ideology, ideological propaganda.

**Сведения об авторе:** ***Сатторов С.Н.*** – Таджикский национальный университет, ассистент, факультет философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail**: ssubxiddin@inbox.ru.** Телефон: **917-24-74-24**

**Information about the author:** ***Sattorov S.*** - Tajik National University, Assistant, Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ssubxiddin@inbox.ru.** Phone: **917-24-74-24**

УДК : 1/14(575.3)

# ВОЗРАСТНЫЕ И ЛИЧНОСТНЫЕ КРИЗИСЫ КАК ВНУТРЕННИЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ СУБЪЕКТИВНОЙ КАРТИНЫ ЖИЗНЕННОГО ПУТИ ЛИЧНОСТИ

*Шахнозаи Саъди Табари*
**Таджикский национальный университет**

Субъективную картину жизненного пути можно считать результатом внутренней и внешней работы, в которой отражена целая концепция образа жизненного пути. Данная обусловленность зарождается при взаимодействии как внутренних, так и внешних факторов, которые создают условия проявления субъективной картины жизненного пути (СКЖП). В данном статье мы рассмотрим личностные и возрастные кризисы как внутренний детерминант формирования СКЖП личности.

И.С. Кон определяет, что «слово «кризис» подчеркивает момент нарушения равновесия, появления новых потребностей и перестройки мотивационной сферы личности» [7,с.76].

Слово «кризис» в переводе с греческого обозначает решение, поворотный пункт, исход, а в словаре иностранных слов этот термин интерпретируется таким образом: резкий, крутой перелом, тяжелое переходное состояние; острый недостаток, нехватка чего либо [12].

Иными словами, кризис - это противоположность между возможностями (потребностью, желанием и влечением) личности и окружающими ее особыми жизненными обстоятельствами, которые отличаются от других обстоятельств такими его свойствами, как чувства глубокого переживания, безуспешности, беспомощности, отчаяние и т.п. Кризис, с одной стороны, всегда рассматривается и характеризуется, как неприятное (отрицательное) явления, но, с другой стороны, он может стать фактором дальнейшего развития личности, может пробуждать новое, более ясное понятие о самой жизни. По данной проблеме Василюк Ф.Е., отмечает, что теория кризисов подчеркивает не только возможные патологические следствия кризиса, но и возможности роста и развития личности [3].

С самого рождения до смерти человек преодолевает кризисы разного характера и проявлений, в процессе которых личность стремится найти гармонию между возможностями и обстоятельствами, анализирует события, устраняет противостояния и такое расположение способствуют формированию СКЖП личности. В структуре СКЖП в основном, личностные и возрастные кризисы становятся ведущими детерминантами.

Наиболее выраженными и неизбежными (фатальными) критическими ситуациями являюется возрастные кризисы, которые приводят за собой ряд изменений, включающих и отрицательные, и положительные формы новообразований в человеке.

**Возрастные кризисы** - это переход от одного возрастного периода к другому, в процессе которого происходит комплекс изменений в человеке: физиологическое развитие способствует психологическому и приводит к изменениям, связанными с отношениями с другими людьми, жизненными обстоятельствами и внутренним миром.

В исследование и изучение возрастных кризисов большой вклад внесли русские психологи: Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, П.П. Блонский, Д.И. Фельдштейн, Д.Б. Эльконин и др. Ученые склоняются к тому, что возрастные кризисы - это «особые, относительно непродолжительные по времени (до года) периоды онтогенеза, характеризующиеся резкими психологическими изменениями» [11,с.180].

К.Г. Юнг, анализируя характер перехода от одного возрастного этапа к другому определяет не только внешние преграды, но и их преобразования во внутренние, в результате которых возникает внутренний конфликт. Причину проявлений критических моментов ученый рассматривает действием ряда факторов: несоответствия субъективных ожиданий внешних условий, неготовностью индивида, недооценки внешних ситуаций, трудностей, также проблемы могут проявлять внутренние душевные трудности (чувство неполноценности, нарушения душевного равновесия), связанные с давнишними этапами развития [14].

В науке используют термин «Tabula rasa» (чистая доска), который обозначает то, что индивид рождается без врожденного умственного содержания и база его знаний формируется на основе опыта и чувственного восприятия внешнего мира. Тем самым, можно говорить и о том, что сталкиваясь с новым явлением, человек сначала испытывает в растерянность, знакомиться с ним и только потом адаптируется. Тоже можно сказать и о критических моментах, которые проявляются на трудных и поворотных этапах жизненного пути человека и

характеризуются несоответствием условий внешнего и внутренего мира. Таким образом, возрастные кризисы, начинаются с появления новых изменений в организме и психике человека и заканчиваются до того момента, когда личность адаптируется к изменениям. Процесс адаптации протекает индивидуально, в зависимости от окружающей действительности (в том числе самой личности) и может сопровождаться бурным и неспокойным состоянием, противоречиями, внутренними и внешними конфликтами.

Возрастные кризисы, имея выраженный возрастной характер, не всегда приобретают характер конфликта [6]. По мнению Э. Эриксона, кризис - это не угроза катастрофы, напротив, это сензитивный период, связанный с изменением личности, с ее возросшими потенциалами. Выход из кризиса характеризуется усилением ощущения внутреннего единства личности, развитием ее способностей к здравым суждениям и «хорошим действиям», в соответствии со своими собственными стандартами и стандартами значимых для нее людей. Под «хорошими действиями» понимается приобретение новых знаний, умений, преуспевание, умение «удерживать в своей витальности всевозможные глубинные конфликты» [12].

На наш взгляд, возрастные кризисы, несмотря на свой мятежный и напряженный характер, служат источником развития человека, связанного с ростом возможностей, самопознанием и отражением смысла жизни. Появление данной критической ситуации в жизни человека создает условия формирования у него новых сторон психики и развития имеющихся психологических особенностей и сопровождается повышенной тревожностью, агрессивным состоянием, боязнью новых ситуаций, людей, отношений и т.п. То, что существует в человеке в скрытом и неразвитом виде, может возникать, при возрастном кризисе, в результате которого личность постепенно проявляет или сформирует способности к жизненным действиям, осваивает закономерности жизни.

Возрастные кризисы обусловлены динамикой развития личности в социуме и отражаются в структурных и содержательных компонентах СКЖП [9]. На наш взгляд, организм и психика человека зависимы друг от друга, но у них наблюдается отличительные факторы развития. Развитие физиологии человека не требует особого социального воздействия, то есть оно может само по себе идти по своей природе, но развитие психики очень требовано к влиянию социальной среды. Социум развивает основные содержательные элементы психики, которые служат формированию и действию СКЖП личности. Если разбирать по уклону полноценного становления личности в социуме, то можно наблюдать основные ее разделы, которые служат как доминантой формирования СКЖП - проявления сознания, развития познавательных процессов и способностей, приобретение образования, воспитания, освоения этнокультурных особенностей и т.п., являются продуктами социума. В свою очередь, возрастные кризисы обуславливают последовательность развития личности и отражают динамический процесс образования СКЖП.

Возрастные кризисы, как процесс перехода от одного этапного развития к другому, в переходящий период имеют отличительные признаки проявления и несут за собой присущие возрасту особенности. Таким образом, в связи с сформирующимися особенностями личность отражает картину своей жизни. С каждым переходным периодам, меняется и восприятие СКЖП.

**Кризис личности** (личностный кризис) - это критический момент в функционировании личности, находящейся в ситуации, когда реализация жизненного замысла оказывается крайне затруднительной или невозможной [15]. По мнению Зеера Э.Ф., кризис личности имеет вероятностный характер, выход из его проблематичен и может быть деструктивным [6].

В отличие, от возрастных кризисов, кризис личности не зафиксирован определенными возрастными периодами, они могут проявляться в любом возрасте и в основном связаны со сложными окружающими и внутренними ситуациями, выход из которых крайне затруднителен или же личность не в силах осмыслить проявляющиеся ситуации. Кризис личности в основном связанно с невозможностью реализации жизненных планов, мотивов и целей. Кризис личности определенно характеризует несовместимость желаний и потребностей с имеющимися возможностями, в результате чего личность попадает в крайне затруднительную ситуацию. Данный критический момент может наблюдаться в любом жизненном диапазоне - профессиональном, семейном, личностном и социальным, но они в том числе сопровождаются и общими психологическими состояниями: стрессами, фрустрациями, внутренними и внешними конфликтами, неудовлетворенностью, аффективными состояниями и т.п.

В психологии различают такие состояния, как стресс, фрустрация, конфликт и кризис, которые сопровождают критические жизненные ситуации Проявление стресса и фрустрации выступают в качестве симптомов критических ситуаций, переживаемых человеком. Возникновение после них состояния конфликта и кризиса, показывает высокую степень сложности развития критических ситуаций. При этом конфликт свидетельствует о субъективной невозможности выхода из проблемной ситуации, об отсутствии приемлемого решения [4,с.190].

Личность всегда находится под воздействием многочисленных раздражителей и в зависимости от их характера проявляет относительные к воздействиям реакции, и эти реакции сопровождаются рядом психических состояний. В критических ситуациях в первую очередь личность попадает в стрессовое состояние. Стресс, как известно, возникает в случае, когда личность сталкивается с трудными, новыми и неадаптируемыми ситуациями. Продолжительность и преграда к решению данных ситуаций ведет за собой состояние фрустрации, в котором невозможность удовлетворения потребностей и несоответствие желаний с имеющимися возможностями служит причиной проявлением критических моментов в жизни личности. Ученые придерживаются мнениям, что конфликт и кризис являются вершиной критической ситуации, которая сопровождается более острыми и трудными состояниями - выход из которых крайне сложен и у личности отсутствует приемлемое решение выхода из ситуации.

В качестве жизненных кризисов выступают биографические кризисы - кризис нереализованности, кризис опустошенности, кризис бесперспективности, которые носят последовательный характер и проявляются в периоды завершения одной жизненной программы и формирования другой. Эти кризисы могут возникать и протекать индивидуально и в разных вариантах. Субъект, переживающий биографический кризис окружен односторонне суженным восприятием возможностей самореализации, неумением оптимально сочетать процессы целеполагания и целеосуществления, неспособностью отражать негативные межсобытийные связи [1].

Манукян В.Р., характеризует кризис в результате его разрешения как скачок к развитию и возможность перейти на качественно новый способ жизнедеятельности: то, что служило поводом и причиной для переживания, может перевоплотиться в результате реакции преодоления во внутренний опыт, регулирующий дальнейшие принципы и программу жизнедеятельности [9].

По мнению ряда авторов, кризис развивает и модифицирует различные структуры человека как личности и приводит к следующим изменениям:

- изменения в системе эмоциональной самогрегуляции человека. Несомненно, каждое проявляющее события в первую очередь воздействует на эмоциональное состояние человека и оставляют за собой ряд изменений. В процессе столкновения человека с критическими ситуациями нарушается вся система саморегуляции, обеспечивающая в других условиях синхронную работу рационального и иррационального в психике человека. Таким образом, особое значение приобретает опыт эмоциональной саморегуляции человека. Власть отрицательных эмоций затрудняет главный момент в реакции преодоления - поиск основного жизненного противоречия [5].

- нарушение смыслового соответствия сознания и бытия субъекта. Изменения смысловой сферы в критических ситуациях гораздо больше затрагивают структурную организацию и динамические аспекты смысловой сферы, чем ее содержательную сторону [8];

- изменения в самосознании и Я - концепции личности. Л.Ф. Бурлачук и Е.Ю. Коржова выделяют 3 типа такого протекания кризиса с точки зрения его воздействия на «Я - концепцию» и работу самосознания: кризис приводит к интеграции ранее вытесняемого и отвергаемого опыта осознания «Я - концепции» субъекта; кризис ведет к усилению прежней «Я - концепции», на которую не влияют объективная действительность и новый жизненный опыт; кризис приводит к разрушению существовавшего представления о себе и мешает способности действовать [2];

- изменения на познавательном уровне - снижение познавательных способностей (память, внимание, мышление), изменения в восприятии себя и своей жизни;

- изменения в подструктуре опыта - могут разрушаться старые привычки, навыки, на смену которым приходят новые, нередко формирующиеся в самом процессе кризиса.

Изменяется также подструктура направленности (ценности, интересы, идеалы, убеждения). Изменению подвергается отношение к будущему, смысл и целостность жизни [10].

Как и личностные, так и возрастные кризисы, воздействуя на эмоциональную и познавательную сферу личности, пробуждают в человеке необходимость переосмыслить отношение к жизни, к самому себе и к окружающим событиям и в результате СКЖП личности приобретает иное отражение.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Ахмеров Р.А. Биографические кризисы личности: автореф. дис. …конд. психол. наук: 19.00.01/ Р.А. Ахмеров. Ин-т психологии РАН. – М., 1994. – 24 с.
2. Бурлачук Л.Ф. Психология жизненных ситуаций. Учебное пособие / Л.Ф. Бурлачук, Е.Ю. Коржова. - М.: «Российское педагогическое агентство», 1998. - 263 с.
3. Василюк Ф.Е. Психология переживания (анализ преодоления критических ситуаций)/ Ф.Е. Василюк. — М.: Изд-во Моск. ун-та, 1984, - 200 с.
4. Гримак Л.П. Резервы человеческой психики: Введение в психологию активности / Л.П. Гримак. – М.: Политиздат, 1989. – 319 с.
5. Донченко Е.А. Личность: конфликт и гармония / Е.А. Донченко, Т.М. Титаренко. - К.: Политиздат Украины, 1987.— 158 с.
6. Зеер Э.Ф. Психология профессий. Учеб. пособие / Э.Ф. Зеер. - 3-е изд., доп. – М.: Академический проспект; «Фонд мира», 2005. – 336 с.
7. Кон И.С. Ребенок и общество: (историко-этнографическая перспектива) / И.С. Кон. - М.: Наука, 1988. - 270 с.
8. Леонтьев Д.А. Психология смысла / Д.А. Леонтьев. - М.: Смысл, 1999.
9. Манукян В.Р. Субъективная картина жизненного пути и кризисы взрослого периода: дисс. канд. психол. наук / В.Р. Манукян. - СПб., 2003. –217 с.
10. Ниемела П. Деятельностные, познавательные и эмоциональные изменения в переломный момент жизни // Психология личности и образ жизни / П. Ниемела / Под ред. Е.В. Шороховой. -М.: Наука, 1987. -С. 121 - 125; Глуханюк Н.С. Психологические основы развития педагога как субъекта профессионализации: дисс. докт. психол. наук / Н.С. Глуханюк. - Екатеринбург, 2001. - 544с.
11. Психология: Словарь / под.общ. ред. А.В. Петровского, М.Г. Ярошевского. – 2-е изд., испр. и доп. – М: Политиздат, 1990. – 494 с.
12. Словарь иностранных языков. -13-е изд., стреотип. – М.: Рус. Язык, 1986. – 608 с.
13. Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис / Э. Эриксон; пер. с англ.; общ. ред. и предисл. А.В. Толстых. – М.: Изд. гр. «Прогресс», 1996. – 344 с.
14. Юнг К.Г. Проблемы души нашего времени / К.Г. Юнг. – М.: Издательская группа «Прогресс», «Универс», 1996. -336 с. (Библиотека зарубежной психологии).
15. [Электронный ресурс]. https://www.b17.ru/article/1044/


## БУҲРОНҲОИ СИННУСОЛӢ ВА ШАХСӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ БОТИНИИ ШАКЛ ГИРИФТАНИ ТАСВИРИ СУБЪЕКТИВИИ РОҲИ ҲАЁТИ ШАХС


Дар мақолаи мазкур таҳлили назариявии бухронҳои синнусолӣ ва шахсӣ ҳамчун омили ботинии шакл гирифтани тасвири субъективии роҳи ҳаёти шахс пешниҳод шудааст. Моҳият ва маънои асосии кризис аз назари илмӣ, инчунин аз нигоҳи худи муаллиф таҳлил шудааст. Баъдан моҳияти бухрҳони синнусолӣ ва шахсӣ аз нуқтаи назари илмӣ дида баромада шудааст. Мафумҳо, вазифаҳо ва тавсифномаҳои асосии бухронҳо оварда шудаанд. Шакли зуҳуроти кризисҳо ва хусусиятҳои асосии фарқкунандаи онҳо муайян карда шудааст. Таъсири кризисҳо ба ташаккули шахсияти инсон дида баромада мешавад. Натиҷаҳои корҳои илмии олимон ва тадқиқотчиёни хориҷа дар ин самт дида баромада шудаанд. Махсусан тасвири ботинии худи ҳаёт (ё ин ки роҳи ҳаёт) ва субъекти ҳаёт таҷассум ёфтаанд. Инчунин, мавқеъ ва нақши асосии бухронҳо дар раванди шакл гирифтани ин зуҳурот муайян шудаанд. Тағйиротҳои назаррас дар инсон баъд аз зуҳуроти бухронҳо дида баромада шудаанд.



**Калидвожаҳо:** тасвири субъективии роҳи ҳаёт, бухрон, бухрони синнусолӣ, бухрони шахсӣ, омил, вазъияти критикӣ, шахс.


## ВОЗРАСТНЫЕ И ЛИЧНОСТНЫЕ КРИЗИСЫ КАК ВНУТРЕННИЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ СУБЪЕКТИВНОЙ КАРТИНЫ ЖИЗНЕННОГО ПУТИ ЛИЧНОСТИ


В статье представлен теоретический анализ личностных и возрастных кризисов как внутренний детерминант формирования субъективной картины жизненного пути личности (СКЖП). Даны смысл и значения понятия кризиса с научных позициях, также с позиций самого автора. Следом раскрывается определение возрастного кризиса и кризиса личности с разных научных сторон. Автором проанализированы основные определения, функции и характеристики кризисов. Определяются формы проявления кризисов и отличительные их свойства. Выявляются особенности воздействия возрастных кризисов и кризисов личности на развитие личности. Исходя из этого, раскрывается место и роль кризисов в формирования субъективной картины жизненного пути личности. Рассмотрены результаты научных работ исследователей зарубежных стран в этой области. Анализируются существенные изменения и развитие различных структур человека как личности после завершения кризисного этапа.



**Ключевые слова:** субъективная картина жизненного пути, кризис, личностный кризис, возрастной кризис, фактор, критический момент, личность.

**AGE AND PERSONALITY CRISIS AS AN INTERNAL DETERMINANT OF THE FORMATION SUBJECTIVE PICTURE OF A PERSON'S LIFE**

This article provides a theoretical analysis of personality and age crisis as an internal determinant of the formation of a subjective picture of a person's life. The meaning and meaning of the concept of crisis from scientific positions are given, also from the positions of the author himself. The definition of the age and concept of age and personality crisis is revealed from different scientific position. Determines the forms of manifestations of crisis and their distinctive properties. The article presents definitions, functions and characteristic of crisis are given. The results of scientific investigations of researchers from countries in this region are considered. The place and role of crisis the formation of subjective picture of a person's life.

**Key words**: subjective picture of a person's life, crisis, personality crisis, age, factor, critical moment, personality.

**Сведения об авторе:** ***Шахнозаи Саъди Табари*** – Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры психологии факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр.Рудаки, 17.Телефон: **(+992) 917-44-36-00**. E-mail: **tabarova@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shahnosai Sadi Tabari*** – Tagik State University, the Ph.D student of the department of psychology from faculty of philosophy. Tel.: **(+992) 917-44-36-00**. E-mail: **sh.tabarova@mail.ru**

**УДК: 1/14 + 159.9 (575.3)**

## КАҶРАФТОРИИ НАВРАСОНИ ТОҶИК ВА БАЪЗЕ РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

***Сайдуллаева Г.Р., Гулаҳмадов Ш.Н., Гирдаков И.***

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ба андешаи файласуфон, ҷомеашиносон, равоншиносон, рӯҳшиносон, ҳуқуқшиносон, диншиносон ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ дар ҳоли бухронӣ сиёсӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, рӯҳи равонӣ қарор дорад. Омили ин раванд пирӯзии беақлонаи рушди тамаддуни техникӣ аст, ки тамоми ҷараёни истеҳсолотро автоматию мошинӣ карда, ба муносибатҳои аъзоёни ҷомеа таъсир расонида, зиндагии бани башарро талх намуд ва тамаддунҳо, адён, миллатҳо, давлатҳоро бо ҳам зид намудааст. Ҷаҳони технокартӣ рафтори табиии инсонро аз байн рабуда, онро якнавохт, барномарезишуда кард. Арзишҳо, меъёрҳо, идеалҳо, ақидаҳое, ки дар таърихи инсоният наслҳои гуногунро тарбия карда буданд, аз байн рафтанд. Арзишҳо меъёрҳо, ақидаҳо, идеалҳое ба миён омад, ки ахлоқ, одоб ва рафтори наслҳо, бахусус ҳулку ахлоқ ва рафтори наврасон рӯз то рӯз рӯ ба бадшавӣ ниҳодааст. Хулқу ахлоқ, маънавиёт, арзишҳо, меъёрҳо, ниҳоди оила рӯ ба таназзул ниҳоданд ва тамоми муносибатҳои ҷомеаи имрӯзаи муосир дар ҳама ҷодаҳо тибқи равобити ҳасанаи тарафайн ба роҳ монда шуда истодаанд, ки ин раванд ояндаи маънавиёти инсонро торик нишон медиҳад.

Ҳамаи ин омилҳои дар боло зикргардида ба кӯдакон ва наврасон таъсирашонро бештар мегузоранд, зеро тағйирот дар ҳаёти онҳо тезтар сурат гирифта, аксарашон имкони бошуурона таҳлил намуданро надоранд ва на ҳама вақт метавонанд боақлона бо ин чолишҳои ҷомеаи муосир мутобиқ шаванд.

Синну соли наврасӣ, ин давраи ташаккулёбии шахсият ва барқароршавии хислати фард ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин давра таъсири муҳит, атрофиёни наздик ба наврас бештар аст.

Алалхусус тағйироти иҷтимоӣ-сиёсие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадаанд, тамоми гурӯҳҳои иҷтимоиро фаро гирифтаанд ва бешубҳа, таъсири ин дигаргуниҳо ба наврасон эҳсос карда мешавад. Наврасон имрӯзҳо яке аз гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, дар ҷомеаи муосир рафтори ношоистаи наврасон бештар ба назар мерасад.

Дар раванди таҳлил дар ин мақола мо масъалаҳои зеринро мавриди омӯзиш қарор додем:

а) таснифи качрафтории наврасон ва сатҳу навъҳои он;

б) таҳлили сабабҳои асосии качрафтории наврасон;

в) дарёфти аввалин роҳҳои пешгирии каҷрафтории наврасони тоҷик дар раванди корҳои иҷтимоӣ ва ба низом даровардани роҳҳои пешгирии каҷрафтории наврасон дар шароити имрӯа.

Каҷрафторӣ яке аз масъалаҳои доғи иҷтомоӣ аст, моҳият, навъ ва дараҷаҳои каҷрафтории наврасонро омӯхтан зарур аст.

Фаъолноки одамон дар ҷомеаҳо тавассути арзишҳо, меъёрҳо, қадрдонӣ карда ва

фаъолнокии аксуламали одамонро тавассути меъёрҳои иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ маҳдуд карда мешаванд. Ҳар як рафтори аъзоёни ҷомеа вобаста ба хусусияташон бо арзишҳо ва меъёрҳои ҷойдоштаи иҷтимоӣ баҳо дода мешаванд. Рафтори ғайриодиеро, ки ба арзишҳо ва меъёрҳои ҷомеа мутобиқат наменамоянд, дар аксар мавридҳо аз тарафи муҳаққиқон рафтори девиантӣ "каҷрафторӣ" меноманд. Таърихи бани башар аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеа ҳамеша рафтори ноҷои инсонро дар ҳама давру замонҳо саркӯб мекард. Се навъи рафтори ғайримеъёрӣ дар ҷамоаҳо дида мешавад: девиантӣ (каҷрафторӣ), шубҳанок (имконияти содир кардани ҷиноят дар онҳо бештар ба чашм мерасад) ва ҷиноятkорӣ.

Масъалаи "каҷравӣ"-ро файласуфон, ҳуқуқшиносон, сотсиологҳо, равоншиносон васеъ баррасӣ намуда, дар тавзеҳи он андешаи ягона вуҷуд надорад.

**Девиант** калимаи лотинӣ буда, тарҷумаи таҳтуллафзии он **аз роҳи рост баромадан** аст. Дар адабиётҳои илмӣ зери мафҳуми рафтори девиантӣ (каҷравӣ) берун аз меъёрҳо, арзишҳое, ки дар ҷомеа, муҳити иҷтимоӣ, коллектив, ҷойдошта, ки шахс мутааллиқи он аст, баромаданро ифода менамояд. Наврасон ва кӯдакони "мушкилтарбия" нафароне ба ҳисоб мераванд, ки меъёрҳо ва арзишҳои ҷойдоштаи ҷомеаро риоя намекунанд.

Мафҳуми "девиант" дар баробари маънои манфӣ доштан, маънои мусбиро дорост, масалан, дур шудан аз меъёри миёнаро низ метавон ҳам ба рафтори манфӣ ва ҳам ба рафтори мусбӣ маънидод намуд. Хавфи иҷтимоии "каҷрафторӣ" аз он иборат мебошад, ки наврасон метавонанд боиси заминаҳои пайдоиши шаклҳои боз ҳам ҷиддитар ва зараровари рафтори зидди ҷамъиятӣ гарданд. Аз ҳамин лиҳоз, дар аксари мавридҳо рафтори девиантиро ба рафтори ғайриқонунӣ тавзеҳ дода, зикр кардан зарур аст, ки наврасони каҷрафтор бояд зери назорати мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бошанд.

"Каҷрафтории" иҷтимоӣ ба амсоли меъёрҳои иҷтимоӣ навъҳои гуногунро дорост. Навъҳои асосии "каҷрафтори"-и наврасон инҳоянд: муттасил нарафтан ба дарс, гурехтан аз хона, барвақт майнӯш шудан, носкаш ва сигоркаш шудан, истеъмоли маводи мухаддир, даст задан ба майдадуздӣ, майл намудан ба қимор, авбош шудан, фосиқ ва фоҳиша шудан, шуҳратпарасту ҷангара шудан.

Дар илми муосир чандин усулҳои дарку фаҳмидани сабабҳои пайдоши "каҷрафторӣ" вуҷуд дорад. Охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX шаҳру тавзеҳи **биологӣ** ва психологии "каҷравӣ" паҳн гардида буд. Дар илми сотсиология бархе аз олимон каҷрафтории одамонро ба хусусиятҳои биологии онҳо мансуб медонанд. Табиб ва сотсиологи италиёвӣ Ломброзо зимни таҷрибаҳои чандинсолаи хеш дар ҳабсхонаи шаҳри Турин ба хулосае омад, ки рафтори одамон ба симои биологияшон вобаста аст. Ба андешаи вай, «типи ҷиноӣ натиҷаи таназзули марҳилаҳои аввали филогенези инсон аст" [1,с.145]. **Назарияи биологии** ӯ васеъ паҳн гардида, як зумра мутафаккирон аз он пайгирӣ карда, "каҷрафториро" бо баъзе хусусиятҳои ҷисмонии одамон алоқамд менамуданд. *Уилям Шелдон табиб, психолог ва сотсиологи машҳури амрикоӣ муҳиммияти сохтори бадани инсонро дар инъкоснамоии хусусиятҳои хосси шахс қайд менамояд. Ба андешаи ӯ, "хусусиятҳои хосси ҷисмонии бадани инсон сабаби каҷрафтор шудани онҳо шуда метавонад"[2,с.67].*

Аз дидгоҳи равоншиносӣ "каҷрафторӣ", пеш аз ҳама, алоқаманд аст ба хусусиятҳои хосси рӯҳӣ - равонии (ноустувории равон, халалдор шудани мувозинати равонӣ ва ғайраҳо) инсон аст. Аз тадқиқотҳои олимони равоншинос дар ин ҷода бармеояд, ки баъзе мушкилоти равонӣ, бахусус фаромӯшхотирӣ хусусиятҳои генетикӣ модарзодӣ доранд.

Олими машҳури франсавӣ Э. Дюркгейм, ки дар инкишофи сотсиологияи назариявӣ саҳми созандае гузоштааст, як қатор назарияҳои сотсиологиро аввалин шуда ворид кардааст "каҷравиро" аз дидгоҳи сотсиологӣ хеле ҳам васеъ тавзеҳ ва тафсир намудааст. Яке аз поягузорони таснифи иҷтимоии каҷрафторӣ Э.Дюркгейм, ки назарияи аномияро (1897с.) кор карда баромад, каҷрарафториро чунин маънидод менамояд: аномия (аз калимаи франсавӣ anomie - беқонунӣ, бемеъёрӣ) ин "бемеъёрӣ, набудани танзимкунандаи рафтор, ин вазъи бенизомии иҷтимоӣ, замоне ки арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ заиф гардида, хилофи воқеияти ҷойдошта аст"[3,с.98]. Масалан, агар ивазшавии меъёрҳои иҷтимоӣ (инқилоб, ҷанг, ивазшавии як сохтори ҷамъиятӣ ба шакли дигар) ба амал ояд, дар ин ҳолат наврасон, ҷавонон раҳгумзада шуда, меъёрҳои куҳнаро рад менамоянд, вале меъёрҳои навро ҳоло аз худ ва дарк накардаанд.

Ҳамаи он чизе, ки вазъи муътадилро халалдор менамояд, ба бесарусомонии алоқаҳои иҷтимоӣ (буҳрон, омезиши гурӯҳҳои иҷтимоӣ, муҳоҷират ва ғ.) оварда мерасонад,

тартиботи ҷамъиятиро вайрон менамояд, одамонро раҳгумзада мекунад, оқибат сабаби пайдоиши навъҳои гуногунии "кaчрафторӣ" мегардад.

Ба андешаи Э. Дюркгейм, "баромадан аз меъёрҳо на танҳо моҳияти манфӣ инчунин моҳияти мусбиро дорад ва тасдиққунандаи нақши меъёрҳо, арзишҳо буда, тасаввуроти пурраеро дар бораи гуногунии меъёрҳо ба вуҷуд меорад". Каҷрафторӣ ба раванди тағйирёбии иҷтимоӣ мусоидат намуда, алтернативаҳои ҷойдоштаро, ки барои такмили меъёрҳои иҷтимоӣ саҳм гузошта метавонанд, нишон медиҳанд.

Назарияи аномия минбаъд аз тарафи олими барҷастаи амрикоӣ *Р. Мертон, ки* як қатор назарияҳои сотсиологиро баён кардааст, аз қабили "назарияи дараҷаи миёна", инкишоф додашудааст. Бахусус навъбандии "каҷрафторӣ"-ро Мертон аз дидгоҳи назария аномия таҳлил кардааст.

Аз дидгоҳи **фарҳангшиносӣ** сабаби "каҷравӣ" низои байни меъёрҳои фарҳангист. Дар ҷомеа гурӯҳҳои алоҳидае вуҷуд доранд, ки меъёрҳои фарҳангии онҳо нисбат ба меъёрҳои фарҳангии дигар аъзоёни ҷомеа фарқ менамоянд. Аъзоёни чунин гурӯҳҳо меъёрҳои онҳоро омӯхта ва аз дидодгоҳи аксари қишрҳои иҷтимоӣ конформист мешаванд.

*Г. Беккер тавзеҳоти* сотсиологӣ ва равонии "каҷравӣ"-ро инкор намуда, назарияи дигареро [4] пешниҳод кард, ки ин назария **стигматизатсия** ва ё тамға задан (юнонӣ. *стигма* -тамға, қайд барои ғулом ва ё ҷинояткор) ном дорад. Ба андешаи Беккер, гурӯҳҳои бонуфуз (қонунгузорон, судяҳо, духтурон) ва бефаросати ҷомеа, гурӯҳҳои дигари иҷтимоиро вобаста ба меъёрҳои муайяни рафтори иҷтимоӣ, нафароне, ки арзишҳо ва меъёрҳои ҷойдоштаи ҷомеаро риоя намекунанд, тамғагузорӣ намуда, онҳоро каҷрафтор меҳисобанд ва онҳоро девона, танбал, бангӣ, майзада, мулло (фанатики динӣ), дағал, таҷовузкор, ҷинояткор ва ғайра ном мегузоранд. Ин омил дар натиҷа наврасонро аз аксарият дур намуда, маҷбур месозад, ки онҳо бо наврасони ба худ монанд якҷоя шаванд ва минбаъд ба амалҳои вазнин даст зананд. Аз ин ҷо каҷрафторӣ ин сифати рафтори одамон нест, балки натиҷаи таъсири доираҳои бонуфузи ҷомеа мебошад.

*Дидгоҳи* ***моҷарошиносонро*** *як зумра сотсиологҳое, ки хешро* "криминологҳои радикалӣ" меноманд, пайгирӣ менамоянд. Криминологияи сотсиологӣ аз солҳои 60-уми асри XX ба радикалӣ мубаддал гардид ва онро "сотсиологияи карҷрарафториӣ" номгузорӣ карданд. Бо нашри китоби машҳури Ян Тейлор, Паул Валтон ва Ҷон Янг "Криминологияи нав" дар соли 1973, равияи криминологии радикалӣ пурра шакл гирифт [5]. Баъдтар монографияи "Криминологияи танқидӣ"-ро ҳамин муаллифон пешкаш карданд [6]. Солҳои 70-ум муҳаққиқони амрикоӣ Герман, Юлия Швендингер ва Антони Платт иттиҳодияи криминологҳои радикалиро созмон дода, маҷаллаеро ташкил карданд, ки дар он ақидаҳои инқилобии криминологӣ тарғиб карда мешуданд. Криминологҳои радикалӣ назарияи ҷиноятро, ки вайрон кардани қонунҳои оммаро эътироф намуда, ҷиноят тавсиф мешуд, рад менамоянд. Аз дидгоҳи конфликтологҳо мураттабсозии қонунҳо ва итоат кардан ба онҳо як қисми низоъ буда, дар ҷомеа байни гурӯҳҳои гуногун сурат мегирад. Вақте ки байни ҳукуматҳо ва баъзе гурӯҳҳои шаҳрвандон мухолифат ба вуҷуд меояд, ҳукумат одатан чораҳои муҷозотнамоиро интихоб мекунад.

Рафтори наврасро муҳаққиқон таҳлил намуда, сабабҳои "каҷравӣ"-и онҳоро, пеш аз ҳама, дар мушкилоти оилавӣ, бахусус дар синну соли наврасӣ ҷойдошта (аз қабили бетаваҷҷуҳии волидайн ба наврас, набудани назорат аз ҷониби волидон, ибрати наврас набудани рафтори волидайн, камбизоатӣ дар оила, мастии волидон, паст будани дараҷаи зеҳнии волидон ва худи наврасон), таъсири гурӯҳҳои ғайрирасмӣ, ки рафторашон ғайрииҷтимоист, дур мондан аз таълиму тарбия дар макотиби таҳсилоти умумӣ, боварӣ ба худ надоштан, беморecho равонӣ, танҳоӣ ва нодуруст фаҳмидани дигарон дарёфтанд. Як сабабҳои дигари "каҷравии наврасон", ин омилҳои ҳаяҷонӣ ва зеҳнии наврасон, аз қабили: асабонияти зиёд, ғаризаҳои шахшуда, дараҷаи пасти назорати иродаю ҳаяҷони наврас мебошанд.

Омилҳои дигари "каҷрафтории наврасон"-ро муҳаққиқон дар ноустувор будани иқтисодиёт сиёсати давлат нисбат ба кӯдакон, нотинҷӣ ва нооромӣ дар оила, набудани симоҳои идеал дар ВАО ва адабиётҳои бадеӣ мебинанд.

Каҷрафториро муҳаққиқон вобаста ба дараҷаи хатарнокияш барои ҷомеа ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд.

"Каҷрафтории иҷтимоие, ки бо мақсади ба даст овардани **тамаъ**, суд, ҳирси сарват, бойигарӣ рух медиҳад. Дур мондани наврасон аз таълиму тарбия ва қонуншиканӣ аз тарафи онҳо ташвишовар боқӣ мондааст. Дар нуҳ моҳи соли 2017 дар миқёси ҷумҳурӣ аз

ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ 14 441 маротиба амалиётҳои муштарак бо номҳои шартии «Наврас», «Оворагард» ва «Талбанда» гузаронида шуда, аз тарафи ноболиғон 517 (соли 2016- 590) ҷиноят ба қайд гирифта шудааст [7]. Аз 517 нафар ҷинояткори наврас 334 нафар дуздӣ, 5 нафар қаллобӣ намуданд. Чи тавре ки аз ин маълумотнома бармеояд, аксари ин ҷинояткорони наврас, ки ба дуздӣ дар синни мактабӣ даст задаанд, нобилиғоне мебошанд, ки аз таълим дар мактабҳои ҳамагонӣ бо сабабҳои суъективӣ ва объективӣ дур мондаанд. Ин ноболиғони "каҷрафтор" доир ба ин амали зишти дуздӣ фалсафаи худро доранд: худиҳоро дуздидан мумкин нест, ғорат намудани бегонаҳо мумкин аст. Аксари чунин ҷинояткорони наврас дуздиро на бо мақсади сарватманд шудан анҷом медиҳанд. Яке аз шаклҳои паҳнгаштаи дуздӣ ин аз худ намудани чизи бегона дар раванди бозӣ кардан ва ё шӯхӣ ба шӯхӣ бачагона сурат мегирад. Имрӯзҳо он майдадуздие, ки наврасони тоҷик менамоянд, асосан ё дар раванди ҷанги ду гурӯҳ ё ҳуҷуми гурӯҳи наврасон ба як нафар рух медиҳанд. Он чизе, ки аз ҷабрдида, аз қабили пул, ашё мегиранд, ин «ғанимати ғолиб" ҳисобида шуда, бо рафиқонашон тақсим карда мешавад. Аз ин рӯ, наврасон хешро дузд намеҳисобанд ва ҳангоми ба даст афтодан, ҳатто эҳсоси шарм намекунанд ва иброз менамоянд, ки "ман шӯхӣ кардам".

Дуздии наврасдухтарон бо баъзе хусусиятҳояш аз наврасон фарқ менамояд. Баъзе духтарон бозичаҳои дугонаҳояшонро, ки барои онҳо ҷолибанд, дуздида, мехоҳанд, ки дар танҳои бозӣ намоянд. Баъзе аз онҳо аз камбизоатӣ ва баъзе дигари онҳо аз набудани шароит, тангдастии волидайн даст ба ин амали дурушт мезананд.

Ин навъи "каҷрафторӣ" дар байни наврасон рафтори ғайриахлоқӣ буда, хамчун амали ҷиноӣ баҳогузорӣ мешавад ва онҳо аз дидгоҳи қонун ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд.

"Каҷрафтории иҷтимоӣ"-и таҷовузгарӣ дар он ифода меёбад, ки агар бар зидди шахс нигаронида шуда бошад. Вобаста ба хатар онҳоро ба навъҳои зерин ҷудо кардан мумкин: 1) таҳқир; 2) авбошӣ; 3) занозанӣ; 4) таҷовуз ба номус; 5) одамкушӣ.

Чунин навъҳои каҷрафторӣ дар байни наврасони тоҷик, тибқи маълумотҳои расмӣ, мутаассифона, ба назар мерасанд. Масалан, аз 532 ҷиноятe, ки аз тарафи ноболиғон дар соли 2017 содир шудаанд, "ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳ 2 нафар, одамкушӣ 1 нафар, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ 5 нафар, тайёр ва истифода бурдани моддаҳои нашъадор 1 нафар, қаллобӣ 5 нафар, ғоратгарӣ 13 нафар, роҳзанӣ 1 нафар, авбошӣ 59 ва дигар ҷиноятҳо 90 нафарро ташкил медиҳанд"[8].

Аксари наврасон, ки аз диди ҷисмонӣ хуб инкишоф ёфтаанд, такя ба зӯру бозуяшон намуда, ба таҳқири кӯдакон, духтарон, калонсолон ва ё мӯйсафедон пардохта, дар баъзе ҳолатҳо бо гурӯҳҳои дигар дар низо мешаванд. Таҳқир аз ҷониби наврасон нисбати кӯдакон дар шаклҳои зерин сурат мегирад: хандахариш, мазоҳ кардан, барға задан ва баъзан бо зӯрӣ кашида гирифтани маводҳои хурд ва ё пул. Мушоҳидаҳои ҳаррӯза нишон медиҳанд, ки наврасон он кӯдаконеро, ки пушту паноҳи қавӣ надоранд, таҳқир ва лату кӯб менамоянд. Наврасони синну соли калон ва ҷисман инкишофёта наврасони аз худ майдаро ва ҷисман заифро мазоҳ, таҳқир менамоянд. Агар ин наврасон оиди рафтору кирдори онҳо хомӯш монанд, аз тарсу ҳароси онҳо суиистифода намуда, каҷрафторон боз амалҳои зиштарро нисбаташон раво мебинанд. Бетарафии аҳли ҷомеа сабаби рушди таҳқири наврасон аз ҷониби наврасони дигар дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик гаштааст. Ҳатто дар баъзе ҳолатҳо, ки баъзе наврасону ҷавонон бо падаронашон барои адои намоз меоянд, пас аз адои намоз дар берун ба таҳқири якдигар пардохта, аз чунин алфози қабеҳе истифода мебаранд, ки касро дар ҳайрат мегузоранд. Ё дар саҳни мактабҳои ҳамагонӣ тамоми Ҷумҳурӣ сари ҳар қадам алфози қабеҳеро шунидан мумкин аст. Баъзан барои худнамоишдиҳӣ чунин ибораҳоеро истифода мебаранд, ки нашъамандон, ҷинояткорон истифода мебаранд, ки ин нишонаи вайроншавии ахлоқи наврасон мебошад. Масалан, пул накдинаҳои қиматашон гуногун дар гуфтугӯи гурӯҳҳои ҷиноятпеша " калимаҳои кашка, малах,муллоҷиринг, лой, кабудак, сурхак, зардак [9,с.153-154]" истифода бурда мешаванд, ки чунин калимаҳоро наврасон барои худнамоишдиҳии хеш имрӯзҳо сари ҳар қадам истифода мебаранд. Агар аз онҳо маънои ин калимаҳоро пурсон шавӣ, хомӯш мемонанд. Имрӯзҳо аз забони наврасони тоҷик, мутаассифона, калимаҳои "разборка", "красный ковёр", «грет», "телех" ва ғайраро ҳар сари қадам дар саҳни мактаб, ҷойҳо ҷамъиятӣ, гулгаштҳо ва растаҳо мешунавем, ки ин баёнгари косташавии рафтори наврасон дар ҷомеа аст.

Мухолифати наврасон нисбат ба калонсолон дар аксари маврид хусусияти худнамоишдиҳии рафтори наврасро нишон медиҳад. Мухолифати наврасон нисбат ба калонсолон метавонад дар шаклҳои гуногун сурат гирад, ба амсоли халалдорнамоии хомӯшӣ, эътироз ба калонсолон, муноқиша дар ҷойҳои таҷаммӯи калонсолон, шикастани амволи ҷамъиятӣ ва ғайраҳо. Наврасон дар ин синну сол мушоҳидакор буда, рафтор, пиндор ва гуфтори калонсолонро мушоҳида карда, зуд метавонанд ба онҳо ҷавоб диҳанд. Мухолифат байни наврас ва калонсолон замоне тезутунд мегардад, ки калонсолон боисрор аз "наврасони бадрафтор" талаби риоя намудан тартиботро менамояд ва ё аз тарсу ҳарос низоъро гӯё нодида меравад.

Шакли дигари "каҷравӣ" ин дур шудан аз ҳаёти пурҷӯшу хуруши иҷтимоӣ аст. Баъзан наврасон гӯшанишиниро интихоб намуда, аз он вазифаҳое, ки ҷомеа дар наздашон мегузорад, даст мекашиданд ва ба мушкилиҳои иҷтимоӣ тоб оварда наметавонанд. Ба чунин навъи "каҷрафторӣ" тарки таълим намудан; оворагардӣ; майзадагӣ, носкашӣ; нашъамандӣ; худкуш,- ки шакли ниҳоят ҳам пасти мавқеи иҷтимоист, маҳсуб меёбанд.

Дар ҷомеаи муосир ноболиғон, тибқи маълумотҳо, қариб ба андозаи эпидемиявӣ худкушӣ мекунанд. Дар се даҳсолаи охир худкӯшии наврасону ҷавонон дар ҷаҳон то 3 маротиба афзоиш ёфт. Аз ҳисоботҳои оморӣ бармеояд, ки синну соли нафароне, ки ба худкушӣ даст задаанд аз 12 то 24-соларо ташкил медиҳад.

Дар ҷойи аввал худкушии ноболиғон, ки аз муносибати ноҷури волидайн сар мезанад, меистад. Дар мавқеи дувум муносибатҳои нохуб бо ҳамсинфон, дар ҷой савум муносибати ноҷур бо рафиқон, ё дилдорҳо меистад.

Тибқи маълумоти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ "шумораи ноболиғоне, ки даст ба худкушӣ задаанд, дар ҷумҳурӣ нисбат ба соли гузашта 6 дарсад афзудааст"[9]. Яке аз омилҳои худкуширо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ дар зӯроварии хонаводагӣ донистa ва зикр менамоянд, ки соли гузашта 15,42% хушунати хонаводагӣ афзудааст ва теъдоди нафарони ба хушунати хонаводагӣ гирифторшуда имсол аз 18% бештар шудааст. Теъдоди аслии ноболиғоне, ки аз ногуворнии вазъияти оила шикоят мебаранд, афзудааст. Дар ҳама ҳолатҳои хушунати оилавӣ, сарфи назар аз он ки зан таҳти зӯроварӣ қарор мегирад, ё мард, пеш аз ҳама, кӯдакону наврасон азоби рӯҳӣ мекашанд.

Каҷрафтории дигар - худкуширо коршиносон дар маҷмӯи муаммоҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва зӯроварӣ дар оила донистa, сабаби дигари сар задани худкӯши, ин гирифтори бемории рӯҳӣ будани ноболиғон мебошад.

Яке аз сабабҳои маъмулӣ, ки решаҳои тӯлонии таърихӣ дорад, зери қиссаву афсонаҳои бобою бибиҳо, ки аксаран воқеият надоранд, мондани зеҳни ноболиғ мебошад. Бахусус "қиссаҳои деву аҷин" ва дар торикиҳо фаъол шудани онҳо, ё дар сурати ҳайвонот зуҳур гардидани онҳо ноболиғонро чунон тарсу менамоянд, ки баъзе онҳо аз ақл бегона гардида, ба бемории рӯҳи дучор мешаванд, ки ин ба худкушӣ оварда мерасонад.

Омили дигари худкушӣ ин истифодаи маводи мухаддир, нашъа ва нӯшокиҳои спиртӣ маҳсуб меёбад.

Аксари истеъмолкунандагони маводи мадҳушкунанда ба дипрессия гирифтор шуда, онҳо гурӯҳи хатарнокро ташкил медиҳанд.

Омили дигари худкушии ноболиғонро равоншиносон "дар як марҳилаи мушкили гузариши синнусолӣ қарор" доштани онҳо донистa, иброз менамоянд, ки ноболиғон "ҳассосанд, дар аксар ҳолат бо ин роҳ волидону наздикони худро ҷазо додан мехоҳанд" [10].

Муносибати нодуруст ва арҷ нагузоштан ба шахсияти кӯдак, ба андешаи равоншинос Баҳрулло Саидов, ноболиғро ба ин кор таҳрик медиҳад. *"Вақте волидон кӯдакро сарзаниш мекунанд, бо тафаккури кӯдаконаи худ таҳлилу хулоса мекунад ва худро барои волидон нодаркор эҳсос менамояд. Кӯдак наметавонад дар чунин ҳолатҳо ба волидон гапи дурушт гӯяд, бо ӯ муқовимат карда ҳам наметавонад. Бо ин фикр, ки ман ҳам метвонам барои Шумо мушкил эҷод кунам, қасди худкушӣ мекунад. Ин ҷазои ӯ барои аъзои оила аст"* [11].

Қасди худкушии ноболиғон ҳатман аломату нишонаҳои худро дорад. Фақат волидон ин нишонаҳоро намедонанд ва ё дар бисёр ҳолат ҷиддӣ намегиранд. Вақте эътирозҳо оғоз мешаванд, ибораҳоеро ба мисли "аз зиндагӣ безор шудам", "Шумо дер ба қадри ман мерасед", "дигар ин хел зиндагӣ кардан намехоҳам"-ро шунидан мумкин аст. Ё, масалан, наврасон бозича ё чизҳои арзишманди худро ба нафаре, ки барояшон азиз аст, туҳфа

мекунанд. Бо одамоне, ки муносибати сард доштанд, муносибати хуб барқарор мекунанд. Вале касе ба ин рафтору гуфтори онҳо аҳамият намедиҳаду таҳлил намекунад.

Омили дигари худкуширо баъзе аз коршиносон дар рушди технологияҳои информатсионӣ мебинанд. *Ҳоло наврасон ба ҳама чи дастрасӣ доранд, аз ҷумла телевизору интернет. Ҳамаи инҳо, албатта, ба зеҳни наврасон таъсир мекунанд. Яке аз сабабҳои аслӣ якдигарнофаҳмии волидону фарзандон дар баъзан ҳолатҳо ин ҳам шуда метавонад.*

Баъзе аз роҳҳои пешгирии каҷрафтории ноболиғон:

- Сари вақт муайян кардани гурӯҳи хатарнок ва осебпазир.
- Пуштибонии фаъоли волидайн, аз он ҷумла истифода намудани усулҳои дармони равонию рӯҳӣ, пешкаши маслиҳатҳо ба волидайн ва фарзандон.
- Пинҳон намудан сирри ноболиғони каҷрафтор аз ҳамсинфон, мактаб, муҳит.
- Бечунучаро риоя намудани этикаи омӯзгорӣ аз ҷониби ҳамаи омӯзгорони мактаб.
- Волидайн диққаташонро бояд барои нигоҳдошти доруворӣ пурзӯр намоянд.
- Дар ноболиғон бояд мафҳумҳои «арзишҳо, арзиши ҳаёти инсонӣ аз дидгоҳи дунявият ва дин" ташаккул дода шуда, инчунин бо овардани панду андарзҳо, қиссаҳо аз ҳаёти воқеии одамон вазъи рӯҳӣ ва тоб овардан ба ҳама ҳолатҳои равонӣ ва рӯҳӣ дар наврасон тақвият дода шаванд.
- Ташхиси равонӣ (омӯзиши ноболиғоне, ки хатари воридшавии онҳо ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша бештар ба назар мерасад).
- Ислоҳи равонӣ (муносибатҳои байни ҳамдигарии ноболиғонро мушоҳида намуда, таълиму тарбияи мунтазами ноболиғони душвортарбияро ба роҳ мондан).

Роҳҳои пешгирии каҷравии ҷавонон аз дидгоҳи ҳуқуқӣ:

- Муайян намудани гурӯҳҳое, ки рафтори ғайриичтимоӣ доранд ва ҷиноятпеша мебошанд.
- Муайян намудани нақши ҳар як фарди гурӯҳ вобаста ба имкониятҳои ҷойдошта, ҷудо намудани наврас аз гурӯҳҳои ҷиноятпеша.
- Муайян намудан пешвоёни ғайрирасмӣ ва андешидани чораҳо барои барканор кардани онҳо аз сарварӣ.
- Пешгирии ҷиноятпешагии гурӯҳӣ, риоя намудани *принсипи ҳамкории тамоми қувваҳое, ки зидди ин падида мубориза мебаранд*: омӯзгорон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва волидайн шарт ва зарур аст.

Ҳамин тариқ, падидаи каҷравии ноболиғон дар ҷумҳурӣ ба масъалаи доғи рӯз мубаддал гашта, аҳли ҷамъиятчигӣ, омӯзгорон, волидон ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ, ходимони маданияту фарҳанг, адибон ва ходимони дин дар ҳамкорӣ барои бартараф кардани он бояд ҳатман камари ҳиммат банданд.

**АДАБИЁТ**


1. Ломброзо Ч. Преступление. Монография /Ч. Ломброзо. -М: «СПАРК», 1994. -145 с.
2. Исаев Б.А. Социология. Краткий курс. Китоби дарсӣ / Б.А. Исаев. -Санкт-Петербург: Питер, 2010. – 367 с.
3. Дюркгейм Э. Самоубийство: социологический этюд. Монография / Э. Дюркгейм; пер. с фр. -М: Мысль, 1994. -98 с.
4. Taylor I. The New Criminology. Monograph / I.Taylor, P.Walton, J.Young - New York: 1973. -230 p.
5. Taylor L. Critical Criminology. Technology against terrorism. Monograph / I. Taylor, P. Walton, J. Young. -New York, 1975. Washington, 1992. -186 p.
6. Teresa V. My life in Mafia. Monograph / V. Teresa. Great Wen: 1973.
7. Ҳадамоти матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олӣ. URL:http://parlament.tj/news/mu%D2%B3okimai-parlumon%D3%A3-barguzor-gardid-7 (санаи муроҷиат 22.2.2017).
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. -Душанбе: Деваштич, 2007. -578 с.
9. Қодирова З. Волидайн пуштибони фарзандонанд. [Манбаи электронӣ]. URL: https://news.tj/tj/news/dar-ikiston-sat-i-khudkushii-noboli-bolo-raftaast-sado-va-grafika (санаи истифодабарӣ: 11.10.2017)
10. [Манбаи электронӣ]. https://ok.ru/radioiozodi/topic/66284910589366 (санаи истифодабарӣ: 11.10.2017)
11. [Манбаи электронӣ]. https://www.ozodi.org/a/29193677.html (санаи истифодабарӣ: 11.10.2017)


## КАҶРАФТОРИИ НАВРАСОНИ ТОҶИК ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН


Мақолаи мазкур масъалаи каҷрарафтории наврасони ҷомеаи муосири тоҷикро фаро гирифтааст. Муаллифон омилҳои асосиеро, ки сабаби ба каҷрарафтории наврасон мегарданд, баррасӣ карда, натиҷагирӣ менамоянд, ки набудани низоми ташаккулдиҳандаи арзишҳо дар ҷомеаи муосири тоҷик ва идеалҳо дар байни наврасон, онҳоро ба ин роҳ мебарад. Вобаста ба ин қайд карда мешавад, ки ячейкаи

аввалини ҷомеа-оила, дар замони муосир имкониятҳои худро дар раванди тарбияи насли наврас аз даст додааст ва дар натиҷа рафтори наврасони тоҷик майл ба каҷравӣ дорад. Муаллифон дар мақолаи мазкур ба таҳлили ҷиҳатҳои назариявии каҷрафторӣ пардохта, чунин назарияҳои маъруфро, аз қабили: назарияи биологӣ, назарияи равоншиносӣ, назарияи фарҳангӣ, назарияи сотсиологӣ ва мафҳуми стигматизатсияро тавсиф намуданд. Дар мақола таснифи каҷрафтории наврасони тоҷик пешкаш гардид, инчунин муаллифон кӯшиш карданд, ки паҳлуҳои ҳуқуқии он, сабабҳо, омилҳои зуҳури каҷрафторӣ, роҳҳои пешгирии онро баррасӣ намоянд.

**Калидвожаҳо:** каҷрафтор, иҷтимоӣ, инқилоб, стигма, исёнгар, аномия, воқеъбин, конформист, гурӯҳи иҷтимоӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ, арзишҳои иҷтимоӣ.

**ДЕВИАНТНОЕ ПОВЕДЕНИЕ ТАДЖИКСКИХ ПОДРОСТКОВ И ЕГО ПРОФИЛАКТИКА**

Данная статья посвящена проблеме девиантного поведения подростков современного таджикского общества. Авторы указывают, что основным фактором, способствующим формированию девиантного поведения молодёжи в современном обществе является отсутствие системы формирования ценностных ориентаций и идеалов среди подростков, которые предоставлены сами себе. В этой связи подчеркивается, что в современном мире в настоящее время институт семьи утратил свои возможности в процессе воспитания подрастающего поколения, и как следствие этого, девиантное поведение таджикского подростка становится обыденным. В статье авторами приводится анализ теоретических аспектов девиантного поведения, таких как: биологическая теория, психологическая трактовка, культурологическая теория, социологический подход и обоснование понятия стигматизации. Приведена классифицикация девиантного поведения таджикской молодёжи, а также акцентировано внимание на социально-юридическом аспекте этой проблемы, выявлены причины и факторы, способствующие формированию девиантого поведения и методы профилактики, предпринята попытка определения причин, а также меры профилактики девиантного поведения молодежи в современном таджикском обществе.

**Ключевые слова:** девиант, социальный, революция, стигма, мятежник, аномия, реалист, конформист, социальная группа, социальные нормы, социальные ценности.

**FACTORS OF DEVIANT BEHAVIOR OF TAJIK ADOLESCENTS AND MEASURES OF ITS PREVENTION**

This article is devoted to the problem of deviant behavior of the adolescents of modern Tajik society. In particular, the authors view out that the main factor contributing to the emergence of deviant behavior of young people in modern society is the lack of a system for the formation of value orientations and ideals among young people that is left to itself. In this regard, it is emphasized that the family institution has now lost its opportunities in the education of the younger generation, in the modern world, and as a consequence, the deviant behavior of the Tajik youth becomes routine. In the article, the authors analyze the theoretical aspects of deviant behavior such as biological theory, psychological interpretation, cultural theory, sociological approach and substantiation of the concept of stigmatization. Refer classification deviant behavior Tajik adolescents, as well as focus on the social and legal aspect of the problem, identified the causes and factors contributing to the formation of deviant behaviors and prevention methods, attempt to determine the causes and preventive measures of deviant behavior of adolescents in the modern Tajik society.

**Key words**: deviant, separatist, revolution, stigma, rebel, anomie, realist, conformist, social group, social norms, social values.

**Сведения об авторах:** ***Сайдуллаева Г.*** – Технологический университет Таджикистана, кандидат философских наук, доцент. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Карабаева 63/3. E-mail: **sgulnora_@mail.ru.** Телефон: **907-88-64-44**

***Гулахмадов Ш.*** – хнологический университет Таджикистана, старший преподаватель кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Карабаева 63/3. E-mail. **gulahmadov_sh@mail.ru**. Телефон: **987-79-53-33**

**Information about the authors:** ***Saidullaeva G.*** - Technological University of Tajikistan, Ph.D., associate professor. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Karabaev Street 63/3.E-mail: **sgulnora_@mail.ru.** Phone: **907-88-64-44**

***Gulakhmadov S.*** - Technological University of Tajikistan, Senior Lecturer, Department of Humanities. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Karabaev Street 63/3.E-mail **gulahmadov_sh@mail.ru.** Telephone: **987-79-53-33**

**УДК:1:339.138**

# ТАВСИФИ АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ МАКТАБҲОИ ИДОРАКУНИИ ИЛМӢ ВА МАЪМУРӢ ДАР РУШДИ МЕНЕҶМЕНТ: УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТ

***Муродов И.Д.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар илми аврупоии идоракунӣ чор консепсияи муҳим, ки барои рушди назария ва амалияи менеҷмент ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ хизмат карданд, пешниҳод карда шудааст. Ба ин консепсияҳо шомил мебошанд: идоракунии илмӣ; идоракунии маъмурӣ; идоракунӣ аз мавқеи психологӣ ва муносибатҳои инсонӣ ва идоракунӣ аз мавқеи илм оид ба рафтор. Инчунин, се навъи муносибати илмӣ ба идоракунӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ тавсия

шудааст: муносибат ба идоракунӣ ҳамчун раванд; муносибати системавӣ ва муносибати ҳолатӣ [1,с.15-17].

Ҳамзамон, нисбати мактабҳои амалкунандаи менеҷмент низ ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Масалан, олимон И.Н. Герчиков, Н.В. Кузнетсов, Б. Крилов мавҷудияти чор мактаби идоракуниро эътироф кардаанд:

1. Мактаби илмии идоракунӣ (ратсионалӣ), ки намояндагонаш олимони аврупоӣ Фредрик Тейлор, Франк, Лилиан Гилберт, Генри Ганта, Г.Эмерсон, Г.Форд маҳсуб ёфта, аз соли 1885 то соли 1920 фаъолият намуд.

2. Мактаби маъмурӣ - намояндагони он Анри Файол (роҳбари ширкати фаронсавӣ оид ба коркарди ангишт), Линдал Урвик (машваратчӣ оид ба масъалаҳои идоракунӣ дар Англия), Ҷеймс Муни (ноиби президенти ширкати “Ҷенерал Моторс”), А. Рейли, Л. Гюлик, У. Нюман, Л. Аллен ва Макс Вебер буда, солҳои 1920-1950 фаъолият кардааст.

3. Мактаби муносибатҳои инсонӣ солҳои 1930-1950 фаъолият намуда, намояндагонаш Мэри Паркер Фоллет, Элтон Мэйо, Абраҳам Маслоу мебошанд.

4. Мактаби муносибатҳои рафторӣ 1950 шурӯъ шуда, то айни замон фаъолият дорад. Намояндагонаш К. Аҷирис, К. Дайкерт, Д. Мак Грегор, Ф. Герсбер, Ч.Бернард ва дигарон маҳсуб меёфтанд [2,с.28-187].

Д.М. Гвишиан бошад, дар тафовут аз андешаи олимони фавқуззикр мактабҳои менеҷменти амрикоиро ба панҷ қисм ҷудо мекунад:

1) мактаби классикӣ, асосгузори он Ф. Тэйлор мебошад;

2) мактаби «муносибатҳои инсонӣ» (Э. Мэйо, Ф. Ротлисбергер, Р.Лайкерт, К. Арджирис, Д.Макгрегор ва ғайра);

3) мактаби таҷрибагароӣ (П. Друкер, Г. Дэвис, Л. Эпии, Х. Дейл, А. Слоун, А. Чандлер, Э.Петерсен, Э. Плоумен, А. Коул, А. Свенсон, Т. Ливитт, У. Беннис ва ғайра, ки амалияро ба асос гирифта, кӯшиш мекунанд муносибатҳои ду мактаби фавқуззикро инкор кунанд);

4) мактаби низоми иҷтимоӣ (Ч. Барнард, Г. Саймонс ва ғайра), баръакси муносибати меъёрӣ ба муносибати таҳлилӣ афзалият медиҳад;

5) мактаби нав, ки омӯзиши системавии равандҳоро ҳангоми ҳалли масъала бо истифодаи методҳои кибернетикӣ ба роҳ мемонад. Принсипҳои умумиметодологии муносибати системавӣ аз ҷониби Л. Берталанф, А. Рапапорт, К. Боулдин коркард карда шудаанд. Аз байни намояндагони мактаби мазкур мутахассисони соҳаҳои гуногуни илмро, ки ҷанбаҳои методологии мавзӯъро асоснок кардаанд, метавон ҷудо намуд. Масалан, муомилотгарон (Р. Аккоф, Д. Экман), муҳаққиқони низоми идоракунӣ (У. Хитч, А. Энтховен, Ч. Шулс, Э. Квейд) ва эконометристон (Я. Тинберген, Л. Клейн, А. Голдбергер, В. Леонтев) ва ғайра [3,с.187-193].

Ҷанбаҳои методологии мактабҳои амалкунандаи идоракуниро коркарди илмии идоракунӣ дар таърихи назарияи менеҷмент ташкил медиҳад. Хусусияти бунёдии онҳо ба ҷустуҷӯи нисбатан самараноки истифодаи захираҳои инсонӣ ва моддӣ алоқаманд мебошад.

Асосгузори мактаби илмии идоракунӣ (ақлӣ) Фридрих Тейлор мебошад, ки ба “падари менеҷменти илмӣ” шуҳрат ёфт. Яъне, мафҳуми «идоракунии илмӣ», ки намояндаи ширкати амрикоӣ Луис Брандейс (1910) дар илм ворид кард, истифода бурда, дар ин замина таъкид менамояд, ки идоракунӣ - ин илми ҳақиқӣ аст, ки дорои қонун, тартиб ва принсипҳои махсуси худ мебошад [4,с.8].

Хизмати аввалини Тейлор иборат аз он аст, ки ӯ соли 1895 дар Ҷамъияти механикҳои амрикоӣ оид ба масъалаи «Музди меҳнати корбайъ» (низоми корбайъ) гузориш дод. Дар он ба сифати низоми алтернативии ҳавасмандгардонии пулӣ, низоми тафриқавии музди меҳнати корбайъро дар асоси омӯзиши ҳаракати меҳнатӣ ва сарфаи вақт пешниҳод кард. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқот меъёри коркарди шабонарӯзиро муқаррар намуд, ки дар ҳолати иҷро накардани меъёр коргар маоши муайяншударо нагирифта, дар ҳолати пеш аз муҳлат иҷро кардан маоши нисбатан баланд барои ҳар як маснуоти тайёркарда пардохт карда мешуд. Хулосаҳои Тейлор аз ин гузориш чунин буданд:

1. Музди меҳнат ба коргар дода мешавад, на ба ҷойи кор.

2. Муқаррар намудани нархнома дар асоси донишҳои дақиқ муайян карда мешавад, на тахминӣ.

3. Нархномаи дар асоси донишҳои дақиқ муайяншуда якхела ва боадолатона бошад.

4. Ба туфайли чунин нархномаи муайяншуда маҳсулот арзон истеҳсол карда шуда, коргарон назар ба маоши гирифтаашон бештар маблағ мегиранд.

5. Музди маоши дар заминаи донишҳои дақиқ муқарраршуда шароитро барои коргарон ҷиҳати иҷрои супоришҳо хуб мегардонад. Имконият медиҳад, ки онҳо бештар кор кунанд, сабабҳои суст иҷро кардани супоришҳоро бартараф намоянд, муносибати ғамхоронаро миёни кормандон ва соҳибкорон тақвият бахшад ва манфиатҳои умумии соҳибкорону кормандонро барои ҳамкорӣ дар ҳама самт бедор кунад [2,с.29].

Ф.Тейлор соли 1903 дар гузориши дуюми худ оид ба масъалаи «Идоракунии муассиса» маърӯза намуда, зарурати муваффақ шудан ба музди зиёди меҳнат ва паст кардани арзиши аслии маснуотро нишон дод. Аз ҷумла, ӯ қайд кард, ки ин амал барои таъмини интихоби илмӣ, такмили ихтисоси кормандон, якҷояшавӣ ҷиҳати ҳамкорӣ байни роҳбар ва кормандон мувофиқ аст. Бинобар ин, даъват ба амал овард, ки идоракунандагон ва коргарон бояд дар асоси умумияти манфиатҳо фаъолияти якҷояро тавассути методҳои илмӣ ба роҳ монанд. Аммо ҳозирин иброз карданд, ки пул дар рушди ҷомеа аҳамияти зиёд дорад, назар ба корҳои системавӣ бо истифода аз методҳои илмии идоракунӣ, ки Тейлор пешниҳод менамояд [5,с.22-23].

Соли 1911 бошад, Тейлор китоби худро бо номи «Принсипҳои идоракунии илмӣ» ба нашр мерасонад. Дар китоби мазкур, дар заминаи омӯзиши ҳаракати меҳнатӣ ва сарфи вақт 4 принсипи идоракуниро муайян карда, аз ҷиҳати методологӣ онҳоро қонунҳои идоракунӣ меномад. Ин принсипҳо дар худ комбинатсияи идеяи механикӣ, консептуалӣ ва фалсафиро таҷассум медоранд. Ҳамзамон, барои ҳалли мушкилоти менеҷмент бошад, чор усулро муҳим шуморид:

- густариши илми пешгӯикунӣ;
- интихоби коркунон вобаста ба тахассус ва такмили мунтазами маҳорати онҳо;
- ҳамоҳанг кардани илмии кор бо коркуноне, ки вобаста ба касби худ аз такмили ихтисос гузаштаанд;
- танзими дурусти кор ва риояи ҳисси масъулият [3,с.250-251].

Бояд гуфт, ки моҳияти консепсияи Тейлорро тезиси супоришҳои рӯзонаи коргар ва методҳои иҷрои вазифаи ба уҳдааш гузошта бояд илман асоснокшуда бошанд, ба ҳисоб меравад. Ин ҷо манзури Тейлор аз равиши илмӣ кашфи муассиртарин услуби анҷоми кор мебошад. Дар ин робита ӯ муътақид буд, ки бояд усули муҳандисӣ-инсониро, ки шомили мутолиаи замон, ҳаракат, равиш ва соир илмҳои абзори менеҷменти илмӣ аст, мавриди истифода қарор дода, ҳадафи куллии омилҳои изофӣ-боздиҳӣ ва короиро афзоиш дод.

Ҳамзамон, аз таҳлили андешаҳои Тейлор метавон хулоса баровард, ки ӯ дар рушди илми идоракунӣ вазифаи банақшагириро аз идоракунӣ ҷудо намуд; зарурати пурра, тағйири инқилобии муносибати роҳбар ва коргарро аз рӯйи уҳдадориҳои худ нишон дода, қайд кард, ки ҳар кас бояд дар мувофиқа бо якдигар кор кунад; низоми донишҳои илмиро оид ба қонунҳои зеҳнии ташкили меҳнат, ки унсурҳои муҳимми он тарзҳои математикии баҳисобгирии арзиши аслӣ, низоми тафриқавии музди маош, методҳои омӯзиши вақт ва ҳаракат (хронометраж), тарзи аз ҳам ҷудокунӣ ва ақлии усулҳои меҳнат, варақаҳои дастурӣ ва ғайра мебошанд, ки баъдан механизмҳои менеҷменти илмиро ташкил доданд, коркард кард.

Намояндаи дигари мактаби мазкур Генри Гантт аз ҳамназарони Тейлор буд. Коркардҳои ӯ ба соҳаи методикаи мукофоти пулии иловагӣ, ки барои банақшагирии истеҳсолот корт-схемаро ташкил медиҳанд (минбаъд гантт-схемаҳо) унвон гирифтанд, ба назарияи сарварӣ рабт доранд. Аммо дар тафриқа аз Тейлор ба ҷавобгарии иҷтимоии тиҷорат ва менеҷмент, ки назди ҷомеа уҳдадории муҳим мебошанд, мароқ зоҳир кард. Инчунин, чун Тейлор на ба амалиётҳо ва ҳаракатҳои алоҳида, балки дар маҷмӯъ ба равандҳои истеҳсолӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Умуман, фалсафаи менеҷменти Генри Ганттро бо суханҳои ӯ метавон чунин тавсиф кард: «Фарқияти асосии байни системаи беҳтари имрӯза аз гузашта, аз тарзи банақшагирӣ, тақсими вазифаҳо ва тарзи ҳавасмандкунӣ барои иҷрои корҳо иборат аст» [6,с.174].

Генри Гантт дар китоби «Ташкили меҳнат»-и худ андешаро нисбат ба ҷавобгарии иҷтимоии тиҷорат инкишоф дод. Хулосаи фикри ӯ ин аст, ки ҷамъият ба хизматрасонӣ ва мол новобаста аз он ки аз фурӯш даромад ба даст меорад, чӣ қадар аз он мол мавҷудияти ӯ вобастагӣ дорад, эҳтиёҷ дорад; тоҷирон тасдиқ мекунанд, ки барои онҳо нисбатан муҳим даромад, на пас додани даромад ба ҷомеа мебошад; аммо дар чашми ҷомеа қатъи назар аз чунин хизматрасониҳо ва мол, ки онҳо ба вай пешниҳод мекунанд, ягон асос барои мавҷудият надоранд. Барои ин «низоми тиҷорат бояд ҷавобгарии иҷтимоиро фаҳмида гирад ва назди худ хизмат кардан ба ҷомеаро гузорад. Дар акси ҳол ҷамъият кӯшиш

мекунад, ки ӯро сарнагун намояд, то озодона тибқи хоҳиши худ барои манфиатҳои шахсиаш амал накунад»[7,с.54].

Гаррингтон Эмерсон бошад, намояндаи дигари мактаби илмии идоракунӣ, дар китоби худ «Самаранокӣ ҳамчун асос барои идоракунӣ ва музди маош» 12 принсипи идоракуниро, ки рушди истеҳсолотро таъмин мекунанд ва имрӯз муҳиммияти худро гум накардаанд, пешниҳод менамояд:

1. Ба таври возеҳ гузоштани мақсад ҳамчун марҳалаи аввали идоракунӣ.
2. Андешаи саҳеҳ, тахминшуда, бахусус эътироф кардани хатогиҳои алоҳида ва ҷустуҷӯи сабабҳои онҳо.
3. Маслиҳати босалоҳияти мутахассисон ва такмил додани раванди идоракунӣ дар асоси тавсияҳои онҳо.
4. Интизом, ки ташвиқи фаъолияти одамон, назорати онҳо, ҳавасмандии саривақтиро дуруст таъмин менамояд.
5. Муносибати боадолатона бо коргарон.
6. Ҳисоботи фаврӣ, боэътимод, дақиқ ва пурра.
7. Танзими фаъолияти коргузор ҷиҳати банақшагирӣ.
8. Меъёр ва ҷадвал, ки ба ҷустуҷӯ ва паҳнкунии захираҳо мувофиқат мекунанд.
9. Муътадилнамоии шароити меҳнат.
10. Амалиёти ба меъёр даровардашуда.
11. Мавҷудияти дастурамали хаттӣ.
12. Мукофотонидан барои маҳсулнокӣ [8,с.22-24].

Аммо нақшаи ташкилии тарҳрезидоштаи намояндаи дигари ин мактаб Слоун бо номи «Ҷенерал Моторс» классикӣ унвон мегирад. Сифатҳое, ки ӯ барои менеҷер муносиб мебинад, метавон баёнот барои инсони кордони ҷомеаи муосир пиндошт:

- маҳорати идора карда тавонистан - амалкарди доимии таҷриба, дониш ва нуқтаи назар;
- ихлосмандӣ ба далел - ҷустуҷӯи пайдарпайи ҳақиқат;
- тафаккури ошкоро - кӯшиш ба таҳлили беғаразона;
- ҷиддият - омода будан барои рафтан ба хавф, ҳисоб кардани арзиши он;
- адолат - эҳтироми ҳуқуқи дигар одамон ва муассиса;
- принсипнокӣ - кӯшиши пешниҳод кардани андешаи худ;
- дурусткорӣ - омода будан ба азияти худ барои манфиати кор;
- ҳаракат ба пеш - фароҳам овардани шароит барои интихоби дуруст [2,с.66].

Ниҳоят, хизмати мактаби идоракунии илмӣ бо тасдиқи чунин принсипҳо хулосагирӣ карда мешавад:

- истифодаи таҳлили илмӣ барои муайян кардани тарзҳои оптималии иҷрои вазифаҳо;
- интихоби коргарони нисбатан муносиб барои иҷрои вазифаҳои муайян ва таълими онҳо;
- таъмини коргарон бо захираҳо, ки аз онҳо иҷрои самараноки вазифаро талаб менамояд;
- истифодаи систематикӣ ва дурусти ҳавасмандгардонии моддӣ барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ;
- ҷудо намудани банақшагирӣ ва мулоҳиза дар раванди алоҳида;
- тасдиқи менеҷмент ба сифати шакли мустақили фаъолият ва илм, ташаккули вазифаҳои менеҷмент [2,с.71].

Асосгузори мактаби классикӣ ва ё маъмурӣ, соҳибкори фаронсавӣ Анри Файол мебошад. Ӯ аз соли 1860 то соли 1918 дар комбинати кӯҳӣ-маъданӣ, ки номи «Комамбо»-ро дошт, фаъолият намуда, баъдан ширкати худро бо номи «Файол» таъсис медиҳад. Дар охири умри хеш ба ташкилоти франсавии «Маркази тадқиқотҳои маъмурӣ» ташриф оварда, саъй кард, ки баъзе идеяҳои худро барои азнавташкилкунии ҷамъияти маъмурии Франсия татбиқ кунад.

Соли 1916 китоби ӯ бо номи «Идоракунии умумӣ ва саноатӣ» ба нашр расид. Дар китоби мазкур Файол кӯшиш кард, ки тавассути пешниҳоди асосҳои методологӣ ва таҳлилии менеҷмент роҳҳои баланд бардоштани мақоми маъмуриятро нишон диҳад. Ҳамзамон, аз таҷрибаҳои андӯхта ба сифати роҳбари муассиса ӯ дастурамалеро таҳия намуд, ки тибқи он инсоне, ки маҳз вазифаҳои идоракуниро иҷро менамояд, бояд ин маҳоратро дар дигар соҳаҳо татбиқ намояд, ҳатто дар дигар равияҳои берун аз маснади касбии худ. Масалан, роҳбар дар соҳаи тиҷорат метавонад бомуваффақона ба сифати

маъмур ё мудир дар соҳаи тандурустӣ, дар муассисаҳои тарбияи кадрӣ кор кунад. Генерали артиш метавонад дар вазифаи мувофиқи соҳаи ғайриҳарбӣ ба сифати менеҷер фаъолият намояд. Барои тасдиқи фикри худ чунин мисол меорад: Д. Эйзенхауэр - генерали артиш, президенти Университети Колумбия, президенти ИМА ва ё Р. Макнамарра - сарфармондеҳи хизмати стратегӣ. Баъдан яке аз онҳо дар вазифаи маъмурии директори ширкати «Форд мотор» ва дигаре дар вазифаи президенти Бонки байналмилалии азнавташкилкунӣ ва рушд кор кардаанд [2,с.71].

Дар китоби мазкур Файол ба масъалаи рушди идеяи тайёр кардани кадрҳои идоракунӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Аз ҷумла, ӯ чунин зикр менамояд, ки дар мактабҳои замони мо, ки он ҷо маҳорати идоракуниро меомӯхтем, назарияи ягонаи идоракунӣ вуҷуд надошт. Ҳол он ки дар ин мактабҳо омӯзиши менеҷментро метавон ҷорӣ кард. Тайёр кардани кадрҳои идоракунӣ бояд вазифаи асосии мактаб, оила, ширкатҳои муваффақ ва давлат бошад. Агар оила таваҷҷуҳи асосӣ ба омӯзонидани корҳои хоҷагии хонавода диҳад, идеяи идоракуниро дар тафаккури кӯдак ва давраи минбаъдаи инкишоф ӯ бояд мактаб ба дӯш гирад. Таҳсилот дар муассисаҳои олӣ бояд характери умумӣ дошта бошад ва ба он иловатан курси махсуси идоракуниро бояд ҷорӣ кард. Ширкатҳо бошанд, дар муҳити худ ҷойи таҷрибагузаронӣ фароҳам созанд, ба ҳамкорон семинарҳои омӯзишию машваратии маҳорати идоракунӣ ташкил намоянд. Давлат бошад, дар низоми маориф омӯзиши курси менеҷментро бояд ҷорӣ кунад» [2,с.72-73].

Воқеан, идеяву тавсияҳои Файол на фақат барои тарбияи кадрҳои идоракунандаи ташкилоту муассисаҳои замони мутафаккир мутобиқ буданд, балки имрӯз низ истифодабарии онҳо барои ҳалли мушкилоти низоми идоракунии ҷомеаи муосири башарӣ, танзими дурусти раванди таълим мубрамияти худро аз даст надодаанд.

Дар қатори нишон додани намудҳои фаъолияти маъмурӣ, Файол инчунин номгӯйи сифатҳоеро, ки бояд менеҷер ҳангоми иҷрои вазифа татбиқ кунад, пешниҳод менамояд, ки ниҳоят муҳиманд. Аз ҷумла: саломатӣ ва бардамии ҷисмонӣ; хирадмандӣ ва маҳорати зеҳнӣ; доштани сифатҳои ахлоқӣ, ба мисли устуворӣ, нерумандӣ, мардонагӣ дар ҳал ва қабули қарор; масъулиятнокӣ ва иҷрои уҳдадорӣ; соҳибкасб будан; доштани маҳорати идоракунӣ, бахусус пешбинӣ карда тавонистан, маҳорати таҳия кардани нақшаи амал ва ҷорӣ кардани навгониҳои ташкилӣ; муносибати боилтифот бо зердастон; маҳорати муттаҳид карда тавонистани коргарон ва назорати фаъолияти онҳо; огоҳии умумӣ доштан аз ҳамаи воҳидҳои кории муассиса; доштани салоҳиятнокии воқеӣ дар фаъолияти хосса, ки консерн (иттиҳодияи якчанд муассисаҳои тиҷоратию саноатии капиталистӣ дар зери як роҳбарияти умумии молиявӣ) - ро тасвир менамояд ва ғайра [9,с.16-20].

Ҳақиқатан доро будани менеҷер ба ин сифатҳо новобаста аз марҳалаи таърихӣ барои пешрафти ҷомеа ва рушди низоми иқтисодӣ, танзими низоми иҷтимоӣ ва муносибатҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла бартараф кардани ихтилофҳо байни коргарон, муҳим мебошанд.

Анри Файол ҳамаи амалиёте, ки дар муассиса ба вуқуъ мепайванданд, новобаста аз шакли фаъолият ба шаш гурӯҳ тақсим намуда, онҳоро шаш вазифаи ба ҳамдигар алоқаманди идоракунӣ меҳисобад. Ин вазифаҳо иборатанд: 1) вазифаи техникӣ; 2) вазифаи тиҷоратӣ; 3) вазифаи молиявӣ; 4) вазифаи суғуртавӣ; 5) вазифаи баҳисобгирӣ; 6) вазифаи маъмурӣ. Инчунин, ӯ дар тафовут аз тавсияҳои намояндагони мактаби идоракунии илмии менеҷмент 14 принсипи идоракуниро аз ҷиҳати методологӣ коркард мекунад. Ба фаҳмиши ӯ принсипҳои идоракунӣ қоидаҳои асосие мебошанд, ки бавуҷудоӣ, шаклгирии низоми идоракуниро муайян мекунанд; талаботи муҳиме мебошанд, ки риояи онҳо самаранокии идоракуниро таъмин менамояд. Аз ҷумла: 1) тақсими меҳнат; 2) ваколат ва масъулиятнокӣ; 3) интизом; 4) ягонагии маъмурӣ; 5) идоракунии ягона; 6) тобеияти манфиатҳои хусусӣ барои хайрияти умумӣ; 7) ҳавасмандгардонии кормандон; 8) марказонидан; 9) тартиботи дараҷаҳои мансабу мартаба (иерархия); 10) тартибот; 11) баробарӣ; 12) устуворӣ ва ё мустаҳкамии ҳайати кадрӣ; 13) ташаббус; 14) рӯҳияи иттиҳодиявӣ (корпоративний дух) [10,с.12-22].

Идеяҳои пешқадамонаи Файол минбаъд аз ҷониби намояндагони дигари ин мактаб: Л. Гюлик, Л. Урвик, Г. Черч ва дигарон дастгирӣ ёфта, такмил дода шуданд. Аз ҷумла, Л. Гюлик, Л. Урвик дар ибтидо андешаҳои Файолро оид ба вазифаҳои идоракунӣ идома доданд ва дар ҷамъбаст ба хулоса омаданд, ки ба фаъолияти маъмурӣ вазифаҳои зерин мансуб мебошанд: банақшагирӣ; таъсиси сохтори формалӣ; танзими воҳидҳои корӣ; роҳбарӣ; мутобиқат (координатсия); тартиби ҳисобот (ҳисобу китоб) ва таҳияи буҷет [2,с.81].

Ин ҷо муқоисаи андешаҳо нишон медиҳад, ки аз ин ҳафт унсурҳои фаъолияти маъмурӣ сетояш: банақшагирӣ, таъсиси сохтори формалӣ ва мутобиқат аз тарҳи пешниҳодкардаи Файол гирифта шудаанд. Вазифаҳои боқимонда аз натиҷаи тадқиқотҳои намояндагони дигари мактаби мазкур муайян карда шудаанд.

Хусусан, Г. Черч, намояндаи мактаби мазкур, дар китоби худ «Асосҳои идоракунии истеҳсолот» диққати асосиро ба масъалаҳои сохтории истеҳсолот ва идоракунӣ дар муассиса равона намуда, саҳми худро дар коркарди меъёрҳои умумии ташкили меҳнат: тақсими он, мутобиқатнамоӣ ва мукофотдиҳӣ гузошт [2,с.81].

Ин ҷо таҳлил ва муқоисаи ақидаҳои ӯ бо таълимоти намояндагони дигари мактаби маъмурӣ маълум менамоянд, ки пешниҳодҳои ӯ такрори идеяҳои ҳамназаронаш аст. Бинобар ин, ӯ дар низоми рушди идоракунии ташкилот ягон навпардозии ҷадид ворид накардааст.

Ҳамин тавр, агар ин ҷо умумият ва тафовути байни ақидаҳои намояндагони мактаби илмии идоракунӣ ва мактаби маъмуриро муқоиса кунем, маълум мегардад, ки намояндагони мактаби идоракунии илмӣ асосҳои ақлонӣ, илмии идоракунии муассиса ва принсипҳои умумии самаранокии фаъолияти хоҷагидориро коркард кардаанд, аммо намояндагони мактаби маъмурӣ, аз ҷумла Файол, консепсияи ташхисии идоракунии ширкатро асоснок намудаанд.

Ҳарду мактаб, мактабҳои классикӣ эътироф шудаанд. Онҳо ба асосҳои эксперименталӣ ва мантиқии донишҳои илмӣ такя карда, низоми маъмурии муассисаро кор карда бароmadанд. Масалан, Тейлор тарҳи пешниҳодкардаи худро ҳам илмӣ ва ҳам маъмурӣ номид. Дар натиҷаи инкишофи минбаъдаи методҳои идоракунӣ 100 сол пеш мафҳуми «менеҷменти илмӣ пайдо шуд».

Ҳарчанд тарафдорони мактабҳои идоракунии илмӣ ва маъмурӣ саҳми назаррас дар рушди назарияи менеҷмент гузоштаанд, вале дар таълимоти худ ба фаҳмиши инсон ҳамчун субъекти асосӣ дар муассиса таваҷҷуҳ зиҳир нанамудаанд. Масалан, бештари назарияпардозони менеҷменти илмӣ қайд кардаанд, ки омили асосӣ барои таъминоти иҷтимоии кормандон - пул нақши асосӣ мебозад. Минбаъд ин тавсияҳо ба коркарди низомҳои гуногуни ҳавасмандгардонии пулӣ оварда расониданд. Яъне, агар коргарон самаранок кор кунанд, пули зиёд ба даст меоранд. Аз ин нуқтаи назар, ин гуна тафаккури назарияпардозон ба он овард, ки менеҷерон ба коргар ҳамчун «инсони иқтисодӣ» нигоҳ кунанд.

Ҳамин тавр, аз сабаби аҳамияти ҷиддӣ надодан ба рафтори коргарон тарафдорони мактабҳои илмии идоракунӣ ва маъмурӣ натавонистанд дарк кунанд, ки барои чӣ ҳамаи коргарон имкониятҳои доштаи худро барои зиёд гардонидани даромади муассиса истифода намебаранд. Онҳо дарк накарданд, ки баъзе коргарон танҳо барои сарфи вақти корӣ ва гирифтани музди маоши муайяншуда ба муассиса меоянд. Инчунин, намояндагони мактабҳои зикршуда принсипҳои гуногунро ба асос гирифта, мекӯшиданд, ки менеҷмент бояд илм бошад, на санъат.

**АДАБИЁТ**


1. Герчикова И.Н. Менеджмент. Учебник / И.Н. Герчикова. - М., 2002.
2. Кузнецов Н.В. История менеджмента / Н.В. Кузнецов. –Владивосток: Изд. Дальневосточного университета, 2004. – 216 с.
3. Гвишиани Д.М. Организация и управление / Д.М. Гвишиани. –М: Наука, 1972. – 536 с.
4. Эпштейн С.И. Индустриальная социология в США / С.И. Эпштейн. –М: Политиздат, 1972. – 232 с.
5. Беркович Д.М. Формирование науки управления производством: Краткий исторический очерк / Д.М. Беркович. -М.: Наука, 1973. -164 с.
6. История менеджмента [Текст]: Учеб. пособие / Под ред. Д.В. Валового. -М.: ИНФРА-М, 1997. -253 с. - (Высшее образование). - ISBN 5-86225-397-1
7. Попов А.В. Теория и организация американского менеджмента / А.В. Попов. -М., 1991. –152 с.
8. Эмерсон Г. Двенадцать принципов производительности / Г. Эмерсон // Управление - это наука и искусство. -М.: Экономика, 1992. – 224 с.
9. А. Файоль. Общее и промышленное управление / А. Файоль. –М., 1992. – 351 с.
10. Вергилес Э. Таҳлили принсипҳои идоракунии Анри Файол / Э. Вергилес. -М., 2001. -С.12-22.


## ТАВСИФИ АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ МАКТАБҲОИ ИДОРАКУНИИ ИЛМӢ ВА МАЪМУРӢ ДАР РУШДИ МЕНЕҶМЕНТ: УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТ


Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшидааст, ки мазмун ва муҳтавои консепсияҳои рушди идоракуниро дар илми муосири аврупоӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор дода, андешаи муҳаққиқонро оид ба мактабҳои амалкунандаи идоракунӣ муқоиса намояд. Дар асоси такя намудан ба таълимоти намояндагони мактабҳои илмии идоракунӣ ва маъмурӣ ақидаҳои онҳоро роҷеъ ба пайдоиш ва рушди

менеҷмент, вазифа ва принсипҳои асосии идоракунӣ, вазифаҳои менеҷер дар муассиса ва ҳадафҳои муассисаро дар танзими муносибатҳои байни коргарон, ҷобаҷо гузории мутахассисон аз рӯйи касб ва аз курси такмили ихтисос гузаштан таҳқиқ ва равшан намояд. Ҳамзамон, дар доираи ба асос гирифтани андешаҳои намояндагони мактабҳои мазкур умумият ва фарқияти назархоҳии онҳоро нишон дода, мубрамияти тавсияву пешниҳодҳояшонро барои инкишофи илми идоракунии муосир ва рушди низоми иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа нишон диҳад. Зеро, истифодаи идеяҳои пешниҳодкардаи намояндагони мактабҳои илмӣ ва маъмурии идоракунӣ, аз ҷумла доир ба масъалаҳои зарурати таъсиси муассиса дар ҷомеа, вазифаҳои менеҷер дар низоми коргузорӣ ва танзими муносибатҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ба коргарон муҳайё кардани шароит ҷиҳати самаранок ва босифат истеҳсол кардани маҳсулот ва ғайра имрӯз низ муҳим мебошанд.

**Калидвожаҳо:** ҷамъият, мактаби илмии идоракунӣ, мактаби маъмурӣ, санъати идоракунӣ, рафтори одамон, методҳои илмӣ, принсипҳои идоракунӣ, вазифаҳои идоракунӣ, музди маош, ширкат, менеҷмент, амалия, консепсия, корбайъ.

## ОСНОВНОЕ ОПИСАНИЕ МЕТОДОЛОГИИ УПРАВЛЕНИЯ НАУЧНЫМИ И АДМИНИСТРАТИВНЫМИ ШКОЛАМИ В РАЗВИТИИ УПРАВЛЕНИЯ: ОБЩЕЕ И РАЗНОЕ

В статье рассматривается концепция развития менеджмента в современной европейской науке как социальной феномен и сравниваются результаты исследовательских работ о существующих школах менеджмента. Основной акцент деляется на анализ основных концепций, предложений научных школ управления и администрации, их представлений о происхождении и развитии менеджмента, основных принципов управления, ответственности менеджера в учреждении и целей управления и регулирования взаимоотношений между работниками, подготовки специалистов по профессиям и т.д. В то же время, с учетом мнений представителей школ, общности и разногласия их взглядов, актуальности советов и предложений по развитию и управлению современной школой и важно использование предложенных идей представителями научных школ и институтов управления, относительно необходимости решения проблем в социальных институтах, ответственности менеджера в системе делопроизводителя и организации отношений между социальными группами, а также для решения других управленческих проблем в современном обществе.

**Ключевые слова:** управление, школа, искусство управления, поведение человека, методы науки, принципы управления, практика, концепция, предмет работы.

## MAIN DESCRIPTON OF METHODOLOGY OF SCIENTIFIC AND ADMINISTRATIVE SCHOOL MANAGEMENT IN THE DEVELOPMENT OF MANAGEMENT: GENERAL AND DIFFERENCE

An authot tried to review the content of management development concept in the modern European science as social phenomen and to compare researhers thoughts regarding the existing management schools in this article. The researcher has to research the topic on the basis of teaching of the representatives of scientific schools of the management and administrative, their idea regarding the origin and management development, taks and basic principles of management, the responsibilities of manager in institution and the aims of institutions in the regulations of relationships between employees, specialists' arrangement prior to the profession and training. At the same time, taking into account the thoughts of schools' representatives, the general and differences of theirs views, the actual of advice and suggestion for development science of management of modern school and development of the social-economic are offered in this article as well. Therefore, the use of suggested ideas of representativesof the scientific schools and costume of management, like regarding the necessary of problems to creat in social institution, the responsibility of manager in the system of clerk and arrangement of the relations among of the social groups, to the supplyment of the workers to the used and quality of products and anothers are very important in today's society.

**Key words:** social, science of school management, costume of school, art of management, human behavours, methods of science, principles of management, deputy of managements, salary, company, management, practice, concept, piece of work.

**Сведения об авторе**: ***Муродов Илхомджон Давлатович*** - Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни, соискатель кафедры философии. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 909-77-32-32**

**Information about the author:** ***Ilkhomdzhon Davlatovich Murodov*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, applicant for the department of philosophy. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **(+992) 909-77-32-32**

**УДК: 37.02+37.035 (575.3)**

# ФАЛСАФАИ МАОРИФ ҲАМЧУН ПЕШБАРАНДАИ НЕРУИ ИНСОНӢ

***Нозимов Ҳ.О. Турсунова А.Э.***

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҳалли самараноки мушкилоти таълим ва тарбияи насли замони муосирро бидуни робитаю алоқамандиҳо ба фалсафа, махсусан фалсафаи маориф ғайриимкон медонанд.

Фалсафаи маориф ҳанӯз дар замони антиқа (Юнону Рими қадим) аз ҷониби Афлотун баррасию мавриди омӯзиш қарор гирифта, тамоюли инкишофи илмро бо роҳҳои

донишомӯзии инсон дар бораи худ ва муҳити табиию ҷомеа иртиботи ҳамешагӣ доштанашро муҳим баррасӣ намудаанд.

Фалсафаи маориф, хусусан маълумоту таълим ба инсон дар он бобат ёрирасон мебошад, ки инсон ҳамеша дар инкишоф бошад ва савияю ҷаҳонфаҳмии худро ташаккул диҳад.

Маориф ҳамчун усули муоширати байни одамон ба шарофати Суқрот ва Афлотун дар Юнони қадим ба авҷи тараққиёти худ расида, дар давоми бисту чаҳор аср бомуваффақият аз ҷониби файласуфон, баъдтар педагогҳо, равоншиносон ва дигар мутахассисон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Маъмулан, яке аз назариётчиёни аввалини фалсафаи маориф, файласуфи юнонӣ Суқрот ба ҳисоб рафта, мақсади тарбия ва таълимро дар шинохти худ аз ҷониби худи инсон пешниҳод намудааст. Ақидаи тарбияю таълими ҳамоҳанггаштаро бо тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ, аввалин бор Арасту ва дигар файласуфони юнонӣ пешниҳод менамоянд.

Худтарбиякунӣ дар синну соли наврасӣ ва калони мактабӣ босуръат инкишоф меёбад, яъне кӯшиши хонандагон ба худтарбиякунӣ, фаҳмидану донистани ҷойи худ дар ҳаёти шахсию ҷамъиятӣ ҳамчун субъекти муносибату муошират бо ҳамсинфон, ҳамсолон, атрофиён пурзӯр мегардад. Маҳз бо ин серталабӣ «Мани идеалӣ» ба ташаккулёбии худшиносии хонандагон зич алоқаманд аст. Ҳамчун тамоюли аломати зарурӣ дар худтарбиякунӣ баромад мекунад. Муаллим характер ва таъсирбахшии ин тамоюлро муайян намуда, барои ба хонандагон таъсир расонидан имконият пайдо мекунад. Ба муаллим зарур аст донад, ки хонанда ба кадом идеал ҳамчун намуна барои ташкил кардани ҳаёту фаъолияти асосиаш майл дорад, зеро арзишҳои иҷтимоии ин намунаҳо ҳархелаанд, вале аҳамияти мотиватсияашон хеле муҳим аст.

Худтарбиякунӣ ба масъалаҳои гуногуни педагогӣ ва махсусан ба худтарбиякунии маънавӣ бахшида шудааст, ки ин хеле муҳиму ҳаётӣ аст, зеро сифатҳои зиёди худшиносии хонандагон ба маънавиёт дохил мешаванд. Худтарбиякунии маънавӣ тарафи дохилии ташаккулёбии шахсияти хонандагон, умуман, худшиносии миллии онҳо мебошад. Худтарбиякунии маънавӣ фаъолияти иродавии ҳар як хонанда буда, ба ташаккулёбии рафтори маънавӣ, талабот нисбат ба худ дар мувофиқа бо талаботи маънавии ҷамъиятӣ, ҷавобгарӣ дар назди ҷамъият аз рӯйи амалҳои худ нигаронида шудааст.

Худтарбиякунии маънавӣ кӯшишу ғайрати ҳар як хонанда буда, ба ташаккулёбии ӯ ҳамчун шахси фаъолу худшиноси ҷамъият, ба худмаълумотгирии доимӣ бо мақсади бой гардонидани хазинаи интеллектуалии худ, худшиносӣ равона карда шудааст.

Аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаю психология ба масъалаи худтарбиякунӣ ва нақши он дар ташаккулёбии сифатҳои шахсии насли наврасу ҷавонон, ки худшиносию худбаҳодиҳӣ низ ба ин сифатҳо дохил мешаванд, диққати ҷиддӣ дода шудааст.

А.С. Макаренко худтарбиякуниро натиҷаи инкишофи табиии шахс дар коллектив номидааст [9,с.23].

Наврас-навиштааст В.А. Сухомлинский,-дар он ҳолате одами ҳақиқӣ шуда метавонад, ки агар ӯ ба таври доимӣ барои дарк кардани на танҳо олами онро иҳотакарда, воқеаҳою ашёҳои худ, қувваи рӯҳии ӯ, балки барои беҳтар кардану такмил додани худ равона карда шуда бошад [1,с.619].

С.М. Ковалёв навиштааст: «Худтарбиякунӣ дар маънои маҳдудаш бошууронаю мунтазам, бо мақсади бартараф кардани камбудиҳо ва дар худ ташаккул додани хусусиятҳои мусбати ба талаботи ҷамъияту тараққиёти шахсият мувофиқбуда мебошад»[1,с.122].

А.И. Кочетов худтарбиякуниро роҳбарии бошууронаи худтараққиёбии шахс номидааст, ки дар он дар мувофиқа бо талаботҳои ҷамъият, мақсаду ҳаваси худи одам, қувва ва қобилияти банақшагирифтаи ӯ ташаккул меёбад,.

Ба андешаи Л.И. Рувинский, худтарбиякунӣ воситаи муҳимми беҳтар ва фоидабахш тарбия намудани шахсият аст. Ба ин фикри Рувинский розӣ шудан мумкин аст. Масалан, дар замони ҳозира худтарбиякунии қисме аз наврасону ҷавонон ба ташаккулёбии хислатҳо на танҳо барои худи онҳо, балки барои ҷамъият зараровар, аз ҷумла, худпарастӣ, якравӣ, майл ба терроризм, экстремизм, ваҳҳобизм ва ғайра оварда расонидааст.

Аз ҷониби олимони алоҳида худтарбиякунӣ ба тарзҳои гуногун баҳо дода шудааст ва таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо собит намуд, ки мақсаду мазмуни онҳо дар якҷоягӣ ба ташаккул додани сифатҳои мусбати шахсӣ, ки худшиносию худбаҳодиҳиро дар бар мегирад, равона гаридааст.

Дар бораи худтарбиякунӣ сухан рондан, маънои онро надорад, ки худшиносӣ ва худбаҳодиҳии хонандагон ҷудо аз тарбия мегузарад. Тарбия ва худтарбиякунӣ ду самти бо ҳам алоқаманду ягонаи раванди педагогӣ мебошанд.

Тарбия самт ва мазмуни мақсадеро, ки хонанда оид ба худшиносӣ дар наздаш гузоштааст ва фаъолиятро, ки муваффақиятҳои тахминкунандаи он аст, муайян мекунад. Хулоса, ҷараёни тарбия барои хонандагон заминаи маънавӣ-психологӣ, ки барои худшиносӣ хеле зарур аст, муҳайё месозад.

Хонанда дар ҳолате ҳаматарафа рушд меёбад, ки агар тарбия зина ба зина баланд бардошта шавад. В.А. Сухомлинский худтарбиякуниро «зинаи баландтарини худфаъолиятӣ» номидааст, ки ба даст омадани он қуллаи баланди маҳорати педагогӣ мебошад [11,с.156]. Худфаъолиятӣ, дар навбати худ, яке аз воситаҳои муҳимми ташаккулёбии худшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Ягонагии мақсаду вазифаҳои рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон дар он аст, ки худшиносӣ сифати махсуси онҳост ва онҳо дар ин рӯҳия тарбия ёфта, ба камол мерасанд. Тарбия ва худтарбиякунӣ бошад, дар айни замон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, тарбия омили таъсиррасонии берунаи рушди шахсияти хонандагон, аз ҷумла худшиносию худбаҳодии онҳо мебошад. Тарбия ба он нигаронида шудааст, ки захираҳои психикии одамро васеъ, ақлу зеҳн ва шуурашро баланд бардорад ва онро ба рушди шахсият равона мекунад, то ин ки аз болои худ кор бурдан талаботи доимӣ ва ҳаётии ӯ гардад. Талабот барои аз болои худ кор кардан ба ташаккулёбии худшиносию худбаҳодӣ ёрӣ мерасонад.

Худтарбиякунӣ бошад, ба кӯшиши доимии шахс асос меёбад. Вай на танҳо ба воситаи азхудкунии дониш инкишоф меёбад, балки бо роҳи азхудкунии таҷрибаҳои гуногуни иҷтимоӣ инкишоф ёфта, худро ҳамчун шахсият нишон медиҳад, ки ин ба ташаккулёбии сифатҳои маънавӣ, меъёрҳои ахлоқии ҷамъиятӣ мувофиқ буда, ба ҳаёти мактаббача равона карда шудааст.

Боҳамалоқамандии тарбия ва худтарбиякунии хонандагон аз як раванд ба раванди дигар худро муайян мекунад, яъне вақте ки дар хонандагон кӯшиш барои худшиносию такмил додани сифатҳои шахсӣ пайдо мешавад, тарбия қувваи дохилии хонанда мегардад ва ба худтарбиякунӣ табдил меёбад. Вазифаи асосии худтарбиякунӣ дар хонандагон ташаккул додани сифатҳои шахсӣ, аз ҷумла худшиносию худбаҳодиҳӣ ва дар ин асос худшиносии миллӣ мебошад.

Худтарбиякунӣ фаъолияти мақсадноку бошууронаи такмилдиҳии сифатҳои мусбӣ ва бартараф кардани хусусиятҳои манфӣ мебошад. Худтарбиякунӣ ҷараёни нисбатан мустақил буда, қувваи ҳаракатдиҳандаю пешбарандааш зиддиятҳои дохилии худи он аст. Ин зиддиятҳо чунинанд: зиддияти байни талабот нисбат ба хонанда, дараҷаи худшиносию худбаҳодиҳии онҳо, зиддияти майлу хоҳиши худро тағйир додан, надонистани методҳои худтарбиякунӣ, аз болои худ кор бурда натавонистани хонанда ва монанди инҳо.

Худтарбиякунӣ дар бисёр ҳолатҳо аз тайёрии психологии хонандагон вобаста аст. Асоси худтарбиякуниро ирода ташкил медиҳад. Кӯшишу ғайрат ва қувваи иродавӣ имконият медиҳад, ки хонандагон дар худ сифатҳои мусбат ва худбаҳодиҳиро тарбия намоянд, одат ва ақидаҳою эътиқодҳояшонро ташаккул диҳанд.

Самаранокии худтарбиякунӣ дар ташаккулдиҳии худшиносӣ ба он вобаста аст, ки хонанда то чӣ андоза моҳияту зарурияти дар худ ташаккул додани худшиносию худбаҳодиҳиро дуруст дарк кардааст ва аз муваффақиятҳои бадастоварда шоду хурсанд мебошад.

Омилҳои худтарбиякунӣ худтаҳлилкунӣ, худназораткунӣ, худҳисоботдиҳӣ мебошанд, ки ба муайян кардани сатҳи худшиносии миллии хонандагон ёрӣ мерасонанд.

Худтарбиякунӣ дараҷаи олии худидоракунӣ мебошад. Маҳз аз ҳамин сабаб худтарбиякунии муташаккилона, нақшавӣ ва мақсаднок омили муҳимми ташаккулёбии худшиносӣ ва худбаҳодиҳии хонандагон ба ҳисоб меравад, ки ин ҳама хонандагонро ба худтарбиякунӣ ҳавасманд мегардонанд:

1. Вақте ки хонандагон ба худтарбиякунӣ майл мекунанд, дар онҳо қобилияти таҳлилу баҳодиҳии сифатҳою хусусиятҳо ва шавқи дохилӣ нисбат ба рушду такмилёбии худ пайдо мешавад. Одатан, чунин ҳолат дар синну соли наврасӣ пайдо мегардад. Дар баробари ин, баъзе наврасон ва ҳатто хонандагони синну соли мактабӣ дар раванди худтарбиякунӣ амалҳою рафторҳои хавфноку зарароваро тақлид мекунанд.

2. Талаботе, ки ҷамъият ба аъзоёнаш муайян мекунад, ин идеалҳои иҷтимоӣ, мисолу намунаҳои маънавӣ мебошанд, ки хонандагонро ба худ ҷалб менамоянд. Дар раванди худтарбиякунӣ ба он муяссар шудан лозим аст, ки ҳар як хонанда қаҳрамони худро дошта бошад, ки ҳаваси ӯро ба рушду худтакмилёбӣ бедор намояд.

3. Омили муҳимми худтарбиякунӣ серталабии худи хонанда ва эътироф намудани мавқеи арзандагии худ дар коллектив, дар байни ҳамсинфону ҳамсолон мебошад. Муаллимон бояд амалиёти мусбат ва рафтори хуби хонандагонро моҳирона қайд намоянд, муваффақиятҳои онҳоро дастгирӣ намоянд.

4. Таъсири мусбат расонидан ба ҳавасмандгардонии хонандагон нисбат ба худтарбиякунию худшиносӣ, дастгирии ҳамсинфону ҳамсолон дар бораи баланд гардидани сатҳи арзандагии онҳо мебошад.

5. Ба худтарбиякунию худшиносии хонандагон мисолҳои мусбат аз ҳаёти ҳамсолон, шахсони намоён, роҳбарони созмонҳои талабагии мактаб низ ёрӣ мерасонад.

6. Дар хонандагон пайдо шудани ҳавас ва кӯшишу ғайрат ба худтакмилдиҳию худшиносӣ. Дар ин ҳолат муаллимон, бояд дар хонандагон фарқи худ ва идеалашонро муайян кунанд. Барои ба идеал ноил гардидан бояд кадом сифатҳоро дар худ ташаккул диҳад, зеро худи хонанда мунтазам дар ҳолати тағйирёбию пешравӣ аст. Идеал аз хонанда худтакмилёбӣ, аз ҷиҳати маънавию интеллектуалӣ бой гардиданро талаб мекунад, ӯро ёрӣ медиҳед, ки дар бораи ояндааш фикр кунад, нақшаи дурнамо созад.

8. Мустақилона аз болои худ кор бурдан дар раванди худтарбиякунӣ. Ин раванд иҷрои намудҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла хондан, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, иштирок дар кори маҳфилҳои фаннӣ, мусобиқаҳою озмунҳо, иҷро кардани супоришҳои муаллимону мураббиён татбиқ мегардад. Муаллимон ба хонандагон ёрӣ мерасонанд, ки иҷроиши корҳояшонро назорат кунанд.

Омилҳои номбаргардида давраҳои гуногуни синнусолии зинаи худтарбиякунро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии роҳбари синф дар мактаб аз он иборат аст, ки намунаи барномаи ташаккули худшиносии миллии хонандагонро дар ҷараёни худтарбиякунӣ тартиб диҳад ва он барнома бояд масъалаҳо ва суолҳои зеринро дар бар гирад:

- Худшиносӣ барои хонанда чӣ маъно дорад ва кадом сифатҳои шахсии ӯро дар назар дорад?
- Худшиносӣ ба инсон, аз ҷумла насли наврасу ҷавонон чиҳо медиҳад?
- Дар хонандагон ташаккул додани худшиносӣ талаботи шахсӣ аст ё ҷамъиятӣ?
- Худбаҳодиҳӣ чӣ маъно дорад ва барои хонанда чӣ фоида мебахшад?
- Сохти худшиносӣ ва лаҳзаҳои он.
- Баҳо додани хонанда ба сифатҳою хусусиятҳои шахсӣ ва сатҳи ташаккулёфтаи худшиносии худ.
- Меъёрҳои баҳодиҳӣ ба сатҳи ташаккулёфтаи худшиносии хонандагон.
- Худтарбиякунӣ чӣ маъно дорад ва худтарбиякунӣ дар чӣ зоҳир мегардад?
- Худтарбиякунӣ аз кадом давраи синнусолӣ характери муташаккилонаю мақсаднок мегирад?
- Худтарбиякунии хонандагон ба кадом омилиҳо вобастагӣ дорад?
- Дар раванди худтарбиякунӣ хонандагон бо мақсади дар худ ташаккул додани худшиносӣ кадом корҳоро мустақилона иҷро мекунанд ва аз болои худ кор мебаранд?
- Худтарбиякунӣ дар ташаккулёбии ҳисси худшиносии миллии хонандагон чӣ нақш мебозад?

Роҳбари синф ва мураббӣ ҳангоми тартиб додани нақшаи корҳои тарбиявӣ бояд шартҳои дар боло номбаргардидаро ба асос гирад.

**АДАБИЁТ**


1. Азбука нравственного воспитания / под редакцией действительного члена АПН СССР И.А. Каирова и доктора педагогических наук О.С. Богдановой. – М.: Просвещение,1979. – 304 с.
2. Ананьев Б.Г. Воспитание характера школьника / Б.Г. Ананьев. –Ленинград, 1946. – 65 с.
3. Анисимов С.Ф. Социальная сущность, структура и функции морали. Монография / С.Ф. Анисимов. –М: Изд-во МГУ, 1977. – 325 с.
4. Архангельский Л.М. Марксистская этика: предмет, структура, основные направления. Монография / Л.М. Архангельский. -М.: Мысль, 1987. – 239 с.
5. Афанасьева Т.М. Оила. Монография / Т.М. Афанасьева. – Душанбе: Маориф, 1987. – 256 с.
6. Бардиан А.М. Воспитание детей в семье. Психолого-педагогические очерки / А.М. Бардиан. – М.: Педагогика, 1973. – 208 с.
7. Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. Монография / Л.И. Божович. – М.: Просвещение, 1968. – 464 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2011. -№7. 8. -Мод. 8.

9. Лиханов А. Дети без родителей. Монография / А. Лиханов. -М.: Просвещение, 1987. – 271 с.
10. Сухомлинский В.А. Родительская педагогика. Монография / В.А. Сухомлинский. -М.: Знание, 1978. – 96 с.

### НАҚШИ ХУДТАРБИЯКУНӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ.

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба масъалаи нақши худтарбиякунӣ дар ташаккулёбии худшиносии миллӣ ибрози ақида намудааст, ки ин масъала дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор додар. Дар кор нишондодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни тарбия ва худтарбиякунӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, ки рукнҳои муҳимми худшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад, корбаст гардидаанд. Худтарбиякунӣ ҷараёни нисбатан мустақил буда, дар бисёр ҳолатҳо аз тайёрии психологии хонандагон вобаста аст. Асоси худтарбиякуниро ирода ташкил медиҳад. Кӯшишу ғайрат ва қувваи ирода имконият медиҳад, ки хонанда худ ба худ баҳо дода тавонад. Ин маъниро муаллим дар ҷараёни таълим ташаккул медиҳад. Худтарбиякунӣ бошад, ҳамчун омили муҳимми ташаккулдиҳии худшиносии миллӣ дар зери таъсири ҷараёни таълиму тарбия, ҳамкории мактабу оила ва омилҳои гуногун ташаккул меёбад. Аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаю психология ба масъалаи худтарбиякунӣ ва нақши он дар ташаккулёбии сифатҳои шахсии насли наврасу ҷавонон, ки худшиносию худбаҳодиҳӣ низ ба ин сифатҳо дохил мешаванд, диққати ҷиддӣ дода шудааст, ба монанди А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, С.М. Ковалёв, А.И. Кочетов, Л.И. Рувинский ва дигарон. Худтарбиякунӣ фаъолияти бошууронаю мақсадноки хонандагон оид ба ташаккулдиҳию инкишофи сифатҳои мусбии шахсӣ мебошад ва он дар мақолаи мазкур ҳалли пурраи худро ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** худтарбиякунӣ, худшиносӣ, худшиносии миллӣ, муаллим, худбаҳодиҳӣ, хонандагон, тарбия.

### РОЛЬ САМОВОСПИТАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ

В данной статье автор выражает свою точку зрения относительно проблемы самовоспитания в формировании национального самопознания, проблема, которой уделяется особое внимание со стороны Хукумата Республики Таджикистан, Министерства образования и науки Республики Таджикистан. В работе использованы и применены указания Главы страны, Основателя мира и национального единства, Лидера наций, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, которые применяются в процессе воспитания и самовоспитания посредством внеклассных и внешкольных работ, которых считают важной основой национального самопознания. Самовоспитание является относительно самостоятельным процессом, во многом зависящим от психологической подготовки учащихся. Основу самовоспитания составляет воля. Старание и сила воли позволяет ученику суметь оценить самого себя. Эту мысль учитель формирует в процессе обучения. Самовоспитание является сознательной целенаправленной деятельностью учеников относительно формирования и развития положительных качеств личности, которое нашло свое полное решение в данной статье.

**Ключевые слова:** самовоспитание, самопознание, национальное самосознание, учитель, самооценка, воспитание и др.

### THE ROLE OF SELF-EDUCATION IN THE FORMATION OF NATIONAL SELF-KNOWLEDGE

In this article, the author expresses his point of view regarding the problem of self-education in the formation of national self-knowledge, a problem to which special attention is paid by the Khukumat of the Republic of Tajikistan, the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan. The work used and applied the instructions of the Head of the country, the Founder of Peace and National Unity, the Leader of Nations, the President of the Republic of Tajikistan, dear Emomali Rakhmon, who are used in the process of education and self-education through extracurricular and out-of-school work, which is considered an important basis for national self-knowledge. Self-education is a relatively independent process, largely dependent on the psychological preparation of students. The basis of self-education is the will. Effort and willpower allows the student to be able to appreciate himself. This idea is formed by the teacher in the learning process. Self-education is a conscious purposeful activity of students regarding the formation and development of positive personality traits, which has found its full solution in this article.

**Key words:** self-education, self-knowledge, national self-consciousness, teacher, self-esteem, education, etc.

**Сведения об авторе**: ***Гулрӯи Сухроб*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, докторант PhD. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица. С. Сафаров 16. E-mail: **gulrui.suhrob92@mail.ru**. Phone: **(+992) 988-48-80-28**

**Information about the author:** ***Gulrui Suhrob*** –Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki, doctora student PhD. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulob S. Safarov 16. E-mail: **gulrui.suhrob92@mail.ru**. Phone: **(+992) 988-48-80-28**

УДК:37.0 (575.3)

# САЛОҲИЯТҲОИ ПЕДАГОГӢ ОМИЛИ САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

*Гулова Наҷиба*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Инкишофи ҷанбаҳои психологиву педагогии салоҳиятҳои педагогӣ ба самаранок гардидани раванди таълиму тарбия таъсири амиқ мерасонад. Самаранокии раванди таълиму тарбия қобилияти таъмин намудани натиҷаи ниҳоиро дар раванди таълиму тарбия ифода менамояд [1,462]. Зери ибораи «раванди самаранокӣ» мутобиқати байни натиҷаи банақшагирифташуда ва бадастовардашудаи фаъолияти педегогӣ фаҳмида мешавад. Маҳз аз ҳамин хотир, баҳогузорӣ ба натиҷаҳои баланд гардидани самаранокӣ дар таълим натиҷаҳои бадастовардашударо дар давраҳои гузаштаи фаъолият муқоиса ва пешниҳод менамояд. Баҳогузории натиҷаи салоҳияти педагогӣ ба самаранокии раванди таълиму тарбия, ба масъалаи тағйирёбии натиҷанокии раванди таълиму тарбия алоқаманд карда мешавад.

Проблемаи натиҷанокӣ ва баҳогузории он бо масъалаи миқдор дар доираи раванди педагогӣ алоқаманд аст. Дар вазъияти мушаххас интихоби методикаи дурусти баҳогузорӣ зарур аст. Масалан, суръати хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти омӯзишии омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад. Аз ҷумла, дар давоми солҳои зиёд барои баҳогузории бомуваффақият аз тарафи идораҳои дахлдор нишондиҳандаи «миқдори аломатҳои хондашуда дар вақти муайян» истифода мешавад. Лекин дар чунин ҳолат ҳеҷ кас эътибор намедиҳад, ки оё хондан ба кӯдак маъқул аст ё не, матни хондашударо дарк менамоянд ё не, ё худ онҳо то омадан ба мактаб хонда метавонистанд? [3,с.129].

Инкишофи салоҳияти педагогӣ имконият медиҳад, ки омӯзгорон дониш, маҳорат, қобилият ва таҷрибаҳои муайянро аз худ намоянд, то ки бевосита ба гузариши самараноки раванди таълиму тарбия таъсир расонида тавонанд. Мебояд таъкид намуд, ки баҳогузории динамикаи инкишофи сифатҳои ахлоқӣ-касбии омӯзгорон на ҳама вақт бо ёрии нишондиҳандаҳои миқдорӣ имконпазир аст.

Сатҳи инкишофи салоҳияти педагогӣ ба дастурҳои таълимиву тарбиявӣ, ки боиси баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия бошанд, пешниҳод карда мешавад. Ба хотири муаяйн намудани таъсири инкишоф ва салоҳияти педагогӣ ба самаранокии раванди таълиму тарбия, баррасии вазифаҳо ва категорияҳои салоҳияти педагогӣ мақсаднок ҳисобида мешавад. Дар ин самт педагог К.М. Левитан чунин вазифаҳои салоҳияти педагогиро ҷудо намудааст:

- омӯзиши принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори касбии омӯзгорон;
- ташаккул, танзим ва баҳодиҳии рафтори касбӣ ба фаъолияти омӯзгорон;
- тадқиқи системаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ки рафтори касбии омӯзгоронро муайян менамоянд;
- омӯзиши сифатҳои касбии аҳамиятноки шахсияти педагог, хусусиятҳои қабул ва ба ҳамдигар баҳогузорӣ намудани иштирокчиёни раванди педагогӣ дар бобати таъсири тарафайни касбӣ;
- омӯзиши мутобиқати сохтори шахсияти педагог бо талаботҳои фаъолияти касбӣ;
- бартараф намудани омилҳои номусоид ва натиҷаҳои зарарноки амалҳои нодуруст дар фаъолияти педагогӣ [4,с.13].

Салоҳияти педагогӣ на танҳо илм, балки системаи меъёрҳои ахлоқии рафтори омӯзгор аст. Ҳамчунин метавон гуфт, ки ба вазифаҳои амалии салоҳияти педагогӣ вазифаҳои гуманистӣ, танзимӣ, арзишиву самтгирӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ дохил мешаванд. Вазифаи гуманистӣ дар ин ҷода дар он зоҳир мегардад, ки салоҳияти педагогӣ самтгириҳои ахлоқиро пешниҳод менамояду муносибатҳоро дар фазои педагогӣ гуманистӣ мегардонад.

Салоҳияти омӯзгор дар мувофиқат ба фаъолияти педагогӣ ба принсипҳои гуманистӣ ҷавобгӯ аст. Л.П. Крившенко эътирофи бартарии шахсияти хонандаро дар раванди таълимӣ, ба инобат гирифтани талаботҳои таълимии ӯ, гуманизатсияи фазои таълимӣ, риоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои тарбиятгирандагонро дар раванди таълим зарур мешуморад [5,с.37]. Вазифаи танзимӣ дар худтанзимнамоии педагог ва умуман, дар раванди педагогӣ таҷассум меёбад. Меъёрҳои ахлоқӣ танзими рафтори омӯзгорро таъмин

менамоянд, интихоби воситаҳоро барои ҳалли низоъҳои ахлоқӣ низ муайян менамоянд, ҳамчунин, муносибати мутақобилаи омӯзгор ва хонандагон, волидайн ва ҳамкоронро танзим менамояд.

Салоҳияти педагогӣ вазифаи арзишиву самтгириро иҷро намуда, тасаввуротро оид ба мазмун ва маънои ҳаёт, сарнавишти инсон, арзишҳои тамоми инсоният ва инсондӯстӣ ташаккул медиҳад, самтҳои муҳимми ахлоқии фаъолияти касбии омӯзгорро пешниҳод менамояд, ба ташаккули самтгирии олии амалияи ахлоқии ӯ мусоидат менамояд. Илова бар ин, салоҳияти педагогӣ муқарраротӣ дурусти ахлоқиву психологиро дар ворид намудани дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва амалияи педагогӣ ташаккул дода, роҳҳои ҳавасманднамоии меҳнати педагогиро ҷустуҷӯ менамояд.

Вазифаи маърифатии салоҳияти педагогӣ дар он зоҳир мегардад, ки меъёрҳои ахлоқӣ, ки рафтори мутахассисро танзим менамояд, аз худ ва аҳамияти иҷтимоии меҳнати педагогиро дарк менамояд. Дар ин раванд омӯзгор имконият пайдо менамояд, ки сатҳҳои инкишофи ахлоқии худро баҳогузорӣ ва фаъолияти касбии худро мукаммал намояд. Омӯзиши арзишҳои ахлоқӣ, ки дар асоси фаъолияти мактабҳои ибтидоӣ ҷой дорад – аз қабили шиносоӣ бо системаи кори ҳамкорон ва ташхиси таҷрибаи худ, имконият медиҳанд, ки воситаҳои нисбатан самаранок ва қобили қабул аз нуқтаи назари ахлоқӣ интихоб карда шаванд, бартарӣ ва камбудии ин ё он ҷиҳати рафтори касбӣ санҷида шаванд, сабабҳои камбудиҳои меҳнати педагогӣ ва роҳу воситаҳои бартараф намудани онҳо ошкор карда шаванд. Илова бар ин, вазифаи тарбиявии салоҳияти педагогӣ дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

- бо истифодаи муқаррарот, меъёрҳо, баҳогузориҳо, ҳавасманднамоиҳо, самтгириҳо баҳри тарбияи шахсияти омӯзгор хизмат намудан;
- қобилияти ба роҳбарӣ гирифтани меъёрҳои идеалӣ ва тасаввуроти олиро дар худ тарбия намудан;
- бо сухан ва кори намунавии худ ба ташаккули сифатҳои ахлоқии хонандагон мусоидат намудан ва ғ.

Инчунин, дар иртибот бо ҳамин гуфтаҳо олимон И.Л. Зеленков ва Е.В. Беляев зикр менамоянд, ки ҷудо намудани вазифаҳои муайяни ахлоқ, дар асл хусусияти шартиро доро мебошанд. Зеро дар воқеъ, онҳо ба якдигар алоқаманд буда, якҷоя амал менамоянд. «Маҳз натиҷаи дар мавриди ягонагӣ амал намудан таъсири мухталифи он (вазифаҳои муайяни ахлоқ) дар ҳастии инсон зоҳир мегардад» [2,с.88]. Аз ин ваҷҳ, омӯзиши вазифаҳои салоҳияти педагогӣ имконият медиҳад, то ки чунин хулосабарорӣ карда шавад, ки инкишофи салоҳияти педагогӣ бо самаранокии раванди таълиму тарбия алоқаи наздик дорад.

Уҳдадории ахлоқии педагог эҳтироми бечуннучарои шаъну шарафи инсонро дар шахсияти ҳар як иштирокчии раванди таълим пешниҳод менамояд. Омӯзгор дар кори худ ва дар ҳаёт талаботҳои ахлоқиро амалӣ менамояд ва дар ин самт ақлу хирад ва виҷдонро ҳамчун маҳаки худмуайяннамоии озод ба роҳбарӣ мегирад. Аммо як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки уҳдадориҳои педагогӣ дар қиёс бо уҳдадориҳои касбӣ хусусиятҳои зеринро фаро мегиранд:

а) маҷмӯи талаботҳои он манфиати тамоми аъзоёни ҷомеаро инъикос менамояд;

б) ин манфиатҳо бо манфиатҳои шахсии омӯзгор омезиш меёбанд, талаботҳои иҷтимоӣ водоркунандаи мотивҳои дохилии ӯ мегарданд;

в) мотивҳо (далеловариҳо) ва ҳавасмандкуниҳои иҷроиши талаботҳо аз бисёр ҷиҳат ба якдигар омезиш меёбанд;

г) дар уҳдадориҳои педагогӣ талаботҳои ахлоқии на танҳо дар характери рафтор ва муносибати омӯзгор дар доираи меҳнати педагогӣ, балки дар сифатҳои шахсӣ, дар муносибати ӯ нисбат ба касб таҷассум мегарданд [6,с.73]. Категорияи дигари салоҳияти педагогӣ меҳру муҳаббат нисбат ба кӯдакон ба ҳисоб меравад. Меҳру муҳаббатро ҳамчун категорияи этикиву психологӣ тадқиқ намуда, А.В. Разин қайд менамояд, ки «меҳру муҳаббат дар сатҳи олӣ амалҳо ва муносибатҳои шавқу рағбатдоштаро ба дигарон пешниҳод менамояд, ки натиҷаи он то ба сатҳи муайяни худқурбонкунӣ алоқаманд аст»[7,477].Меҳру муҳаббат бе равона намудани шавқу рағбати озоди худ ба обеъкт-нафари дигар, ғайриимкон аст.

Меҳру муҳаббати педагог дар ҳаракати доимӣ нисбат ба хонанда, новобаста аз мушкилиҳо, дарк накарданҳо ё камбудиҳои кӯдак таҷассум мегардад. Он аз сазовор будани кӯдак ба вайрон гардидани меъёрҳои иҷтимоӣ вобаста нест. Ин ҳиссиёт фаъолиятро, пеш аз ҳама, ба манфиат ва хушии хонанда ифода менамояд. Заминаи асосии

меҳру муҳаббат эҳтироми инсон ҳамчун инсон ва дар симои ӯ дидани махлуқи беҳамтои маънавӣ ба ҳисоб меравад. Муносибати бечунучаро, муносибати эҳтиромона, таваҷҷуҳ, шавқу рағбати омӯзгор ба хонанда имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои фардии ҷаҳони ботинии ҳар як кӯдакро бинад. Намунаи шахсии педагог дар омӯзонидани кӯдакон дар ҳамбастагӣ ба муносибати боэътибору муътабар ба одамони дигар низ таҷассум меёбад.

Ҳар қадаре ки омӯзгор бо кӯдак дар заминаи меҳру муҳаббат таъсир мерасонад, ӯ аз болои худ низ кор мекунад, мафҳуми «меҳру муҳаббат» барояш маънои шахсӣ пайдо намуда, аҳамияти иловагиро касб менамояд. Дар заминаи касби педагогӣ бахшидани меҳру муҳаббат дар кӯдакон воситаи муттаҳид гардидани ҷанбаҳои олии ахлоқӣ мегардад, ки ин нуқтаро метавон яке аз натиҷаҳои интишори салоҳиятҳои педагогӣ дар омӯзгор ба қалам дод.

Аксарияти муҳаққиқон қайд менамоянд, ки мафҳуми «уҳдадорӣ» ва «масъулият» ба якдигар хеле монанд мебошанд, ки муайян намудани фарқияти байни онҳо душвор ва мураккаб аст, лекин якҷоя намудани ин ду мафҳум мувофиқи мақсад нест.

Агар уҳдадорӣ дар мавридҳои дарк намудан ва истифода кардан дар ҳолати мушаххас ва амалӣ намудани талаботҳои ахлоқӣ зоҳир гардад, масъулиятро чунин тасниф додан мумкин аст: масъулият ин мутобиқати фаъолияти ахлоқии шахсият ба уҳдадориҳои ӯ мебошад, ки аз нуқтаи назари имкониятҳои шахсият баррасӣ карда мешавад. Ҳар чи қадаре ки ваколат ва имкониятҳои одамон баланд бошад, то ҳамон андоза масъулияти онҳо баланд мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки аҳамияти иҷтимоии фаъолияти педагог дар масъулиятшиносии ӯ зоҳир мегардад.

Омӯзгор шахсияти хонандагонро мувофиқи тасаввуроти худ оиди чӣ гуна будани он ташаккул дода, онҳоро дар ҷомеа ба ҳаёти мустақилона омода месозад. Омӯзгор дар мактаб бояд на танҳо барои омӯзиш, балки барои тарбия, барои ба воя расидани шаҳрванди мамлакати мо низ ҷавобгӯ аст. Судмандии ҷамъиятии кори омӯзгор аз бисёр ҷиҳат аз мутобиқати фаъолияти ахлоқии омӯзгор ба уҳдадориҳои касбӣ, яъне аз масъулиятшиносии ахлоқии ӯ, яъне педагог-омӯзгор иртибот дорад. Дар ин бобат ба хотир овардани ақидаи педагоги машҳур Б.О. Николаевич бамаврид аст, ки чунин фармудааст: «Масъулияти ахлоқӣ дар худ қобилияти амалӣ намудани мақсадҳои ахлоқӣ, ҳамчунин, қобилияти дидани натиҷаҳои манфии амалҳоро дар асоси донишҳои худ ва таҷрибаи ҳаётӣ дар бар мегирад» [8,с.91].

Омӯзгори масъулиятшинос ба фаъолияти худ, пеш аз ҳама, ба муносибати эҳтиёткоронааш ба хонандагон, ба бунёди шароити муфиди барои инкишофи ҳаматарафаи ягона ва мутаносиби шахсияти ҳар як хонанда ва, ниҳоят, баҳри дастгирии худинкишофёбӣ ва худамалигардии қобилиятҳои мусбии кӯдак такя менамояд. Ин муносибатро нисбат ба масъулиятшиносии педагог метавон ҳамчун як хусусияти муҳимми салоҳиятнокии педагоги давраи муосир шарҳу эзоҳ дод.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии кори педагог танҳо дар ҳолати иҷроиши як қатор талаботҳои касбӣ таъмин карда мешавад. Ҷомеа ба одамон як қатор уҳдадориҳоро дар доираи касби мушаххас вогузор менамояд, ки иҷроиши босифати онҳо асосан, бо мотивҳои на бо муҷозоти беруна, балки бо истифодаи мотивҳо (далелҳои бебаҳо)-и ахлоқӣ таъмин карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси ташхиси фалсафавӣ, психологиву педагогӣ ва сарчашмаҳои методӣ муқаррар карда шуд, ки инкишофи проблемаҳои салоҳияти педагогӣ дар солҳои охир муҳиммият пайдо намуданд, ки дар иртибот бо тағйироти дар парадигмаи таълимӣ зуҳурёфта алоқаманд аст. Бо вуҷуди ин ҳама, аз ҷумла ба маводи зиёди илмӣ нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам қисман масъалаҳои муқаррароти назариявӣ дар соҳаи истифодаи амалии инкишофи салоҳияти педагогӣ ҳалношуда маҳсуб меёбанд.

**АДАБИЁТ**


1. Ахиезер А.С. Россия: критика исторического опыта (социокультурная динамика России) / А.С. Ахиезер. - 2-е изд. перераб. и доп. -Новосибирск: Сибирский хронограф, 1997. -462 с.
2. Зеленкова И.Л. Этика: Учебное пособие и практикум / И.Л. Зеленкова, Е.В. Беляева. - Мн.: ТетраСистемс, 1997. -324 с.
3. Каптерев П.Ф. Избранные педагогические сочинения / П.Ф. Каптерев; под ред. А.М. Арсеньева. - М.: Педагогика, 1982. -704 с.
4. Левитан К.М. Педагогическая деонтология / К.М. Левитан. -Е-бург: Деловая книга, 1999. - 272 с.
5. Педагогика: Учебник / Л.П. Крившенко, М.Е. Вайндорф-Сысоева [и др.]; под ред. Л.П. Крившенко. - М.: Велби; Проспект, 2004. -274 с.
6. Писаренко В.И. Педагогическая этика: Книга для учителя / В.И. Писаренко, И.Я. Писаренко. - Минск.: Народна асвета, 1986. -240 с.

7. Разин А.В. Этика: Учебник для вузов / А.В. Разин. -М.: Академический Проект, 2006. -624 с.
8. Российская педагогическая энциклопедия / Гл. ред. Давыдов В.В.: В 2 т. - Т.2. Н-Я. -М.: Большая Российская энциклопедия, 1998.
9. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. - СПб.: Питер, 2001. -705 с.
10. Семенов И.Н. Рефлексивная психология и педагогика творческого мышления / И.Н. Семенов, С.Ю. Степанов. - Запорожье: Изд-во ЗГУ, 1992. -192 с.

## САЛОҲИЯТҲОИ ПЕДАГОГӢ ОМИЛИ САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Дар мақолаи мазкур салоҳиятҳои педагогӣ ҳамчун омили муҳимми самаранок гардидани раванди таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки инкишофи ҷанбаҳои психологиву педагогии салоҳиятҳои педагогӣ ба самаранок гардидани раванди таълиму тарбия таъсири амиқ мерасонад. Баҳогузорӣ ба натиҷаҳои баланд гардидани самаранокӣ дар таълим натиҷаҳои бадастовардашударо дар давраҳои гузаштаи фаъолият муқоиса ва пешниҳод менамояд. Баҳогузории натиҷаи салоҳияти педагогӣ ба самаранокии раванди таълиму тарбия, ба масъалаи тағйирёбии натиҷанокии раванди таълиму тарбия алоқаманд карда мешавад. Инкишофи салоҳияти педагогӣ имконият медиҳад, ки омӯзгорон дониш, маҳорат, қобилият ва таҷрибаҳои муайянро аз худ намоянд, то ки бевосита ба гузариши самараноки раванди таълиму тарбия таъсир расонида тавонанд. Ба хотири муаяйн намудани таъсири инкишоф ва салоҳияти педагогӣ ба самаранокии раванди таълиму тарбия, баррасии вазифаҳо ва категорияҳои салоҳияти педагогӣ мақсаднок ҳисобида мешавад. Ба вазифаҳои амалии салоҳияти педагогӣ вазифаҳои гуманистӣ, танзимӣ, арзишиву самтгирӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ дохил мешаванд. Муаллиф қайд менамояд, ки самаранокии кори педагог танҳо дар ҳолати иҷроиши як қатор талаботҳои касбӣ таъмин карда мешавад. Дар асоси ташхиси фалсафавӣ, психологиву педагогӣ ва сарчашмаҳои методӣ муқаррар карда шуд, ки инкишофи проблемаҳои салоҳияти педагогӣ дар солҳои охир муҳиммият пайдо намуданд, ки дар иртибот бо тағйироти дар парадигмаи таълимӣ зуҳурёфта алоқаманд аст.

**Калидвожаҳо:** салоҳият, масъулият, салоҳияти педагогӣ, омӯзгор, сифатҳои касбӣ, масъулияти ахлоқӣ, таълим, тарбия, маҳорат, қобилият.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ КОМПЕТЕНЦИИ - ЭФФЕКТИВНЫЙ ФАКТОР УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА

В этой статье рассматриваются педагогические компетенции как важный фактор эффективности учебно-воспитательного процесса. Автор подчеркивает, что развитие психолого-педагогических аспектов педагогической компетенции оказывает глубокое влияние на эффективность учебно-воспитательного процесса. Оценка по результатам повышения эффективности образования предлагает сравнения результатов, достигнутых в прошедшие периоды деятельности. Результаты оценки педагогической компетенции связываются с эффективностью учебно-воспитательного процесса, с вопросом изменения результативности образовательного процесса. Развитие педагогической компетенции позволяет учителям освоить определенные знания, навыки, способности и опыт, чтобы могли влиять на эффективность учебно-воспитательного процесса. Для определения влияния развития и педагогических компетенций на эффективность образовательного процесса, рассмотрения функций и категорий педагогических компетенций считается целесообразным. Практическими функциями педагогической компетенции являются гуманистические, ценностно-ориентационные, образовательные, воспитательные. Автор утверждает, что эффективность педагогической работы обеспечивается только в случае выполнения ряда профессиональных требований. На основе философского, психологического и педагогического анализа было установлено, что развитие проблем педагогической компетенции усиливались в последние годы в контексте изменений образовательной парадигмы.

**Ключевые слова:** компетенция, ответственность, педагогические компетенции, учитель, профессиональные качества, нравственная ответственность, образование, воспитание, навыки, способность.

## PEDAGOGICAL COMPETENCIES AS AN EFFECTIVE FACTOR OF EDUCATIONAL PROCESS

This article considers pedagogical competence as an important factor in the effectiveness of the educational process. The author emphasizes that the development of psychological and pedagogical aspects of pedagogical competence has a profound effect on the effectiveness of the educational process. Evaluation of the results of improving the efficiency of education offers a comparison of the results achieved in past periods of activity. The results of the assessment of pedagogical competence are associated with the effectiveness of the educational process, with the issue of changing the effectiveness of the educational process. The development of pedagogical competence allows teachers to master certain knowledge, skills, abilities and experience so that they can influence the effectiveness of the educational process. To determine the impact of development and pedagogical competences on the effectiveness of the educational process, consideration of the function and category of pedagogical competences is considered appropriate. The practical functions of pedagogical competence are humanistic, regulation, value-orientation, educational, educational. The author argues that the effectiveness of pedagogical work is ensured only if a number of professional requirements are met. On the basis of philosophical, psychological and pedagogical analysis, it was found that the development of issues of pedagogical competence has intensified in recent years in a context with changes in the educational paradigm. **Key words:** competence, responsibility, pedagogical competence, teacher, professional qualities, moral responsibility, education, upbringing, skills, ability.

**Сведения об авторе:** ***Гулова Наджиба*** **–** Дангаринский государственный университет, соискатель. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3

**Information about the author:** ***Gulova Najiba*** - Dangara State University, university applicant. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifov street, 3

УДК: 37 +316.3/.4 (575.3)

# АСОСҲОИ ИҶТИМОИИ ПАЙДОИШИ ОИЛАДОРӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ ГУСТАРИШИ ОН

*Исоев Қ.А.*

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Оила яке аз пояҳои асосии ҷомеа ба ҳисоб рафта, муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва шаҳрвандиро дар бар мегирад. Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, муносибати занушавҳарӣ, хешутаборӣ, муносибатҳои иқтисодии оилавӣ, ташаккул ва рушди шахс, муносибат ва уҳдадориҳои аъзоёни оиларо дар асоси одобу рафтор ва талаботҳои умумии қонунгузорӣ ба танзим медарорад.

Аз ҳамин ҷиҳат оиларо як рукни асосии ҷомеа хондаанд, ки дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр аст. Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар, соли 2015 «Соли оила» эълон карда шуд. Ҳадафи асосии чунин иқдоми Пешвои миллат ба он равона гардидааст, ки маърифати оиладории ҷавонон баланд бардошта шавад ва дар ин замина ҷавононро пеш аз издивоҷ ба ҳаёти оиладорӣ омода намуда, пеши роҳи ҷудошавии оилаҳои ҷавон гирифта шавад ва фарзандони ноболиғи ин оилаҳо дар шоҳроҳи зиндагӣ аз падар ва модар маҳрум нагарданд. Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ, ҳамдигарфаҳмию таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд.

Дар татбиқи талаботи сиёсати иҷтимоию фарҳангии давлати Тоҷикистон се омили асосӣ- ҷомеа, мактаб ва оила бояд дар ҳамбастагии зич фаъол бошанд, то ки насли наврасу ҷавони кишвар дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносии миллӣ ва таҳаммулу мадоро тарбият ёбанд.

Зеро оилаи солиму хушбахт ва маърифати хонаводагии падару модар асоси тарбияи фарзанди дорои ахлоқи шоиста ба ҳисоб рафта, ҷомеаи солим низ ба насли бомаърифат, донишманд, ватандуст, забондон ва дорои ахлоқи ҳамида ниёз дорад. Оила мактаби аввалинест, ки инсон дар он тарбият мегирад, донишу малакаи рӯзгордориро аз худ мекунад, ҳамзистӣ бо атрофиёнро меомӯзад, инчунин фарзандон, ки ҳамарӯза аз ин дабистон, ки омӯзгоронаш падару модар мебошанд, таълим мегиранд.

Пайдоиши оила зуҳуроти табиию таърихист. Таърихи инсоният ду шакли оиларо медонад: «полигамӣ» (гурӯҳ) ва «моногамӣ» (якканикоҳ). Моногамия шакли баландтарини оиладорист, ки то имрӯз мавқеияти худро гум накардааст.

Мақсади асосии мо дар ин самт муайян намудани асосҳои иҷтимоии пайдоиши оила ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани ҷавонон мебошад. Зеро бо надонистани асосҳои иҷтимоии таърихи пайдоиши оила ва марҳалаҳои густариши он, мо наметавонем тағйиротҳое, ки дар тӯли таърих дар ҳаёти оиладорӣ ба амал омадаанд, шинос шавем. Академик Бобоҷон Ғафуров дар асари худ «Тоҷикон» дар ин масъала чунин мегӯяд: «Давраи аввал давраи ибтидоии одамизода буда, одамон гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ мекарданд. Байни гурӯҳҳо оила вуҷуд надошт. Ҳар мард метавонист бо зани дилхоҳаш ва зан бошад, бо марди дилхоҳаш оиладор шаванд. Фарзандоне, ки аз онҳо таввалуд мешуданд, фарзандони умум ба ҳисоб мерафтанд» [2,с.26]. Одамон дар аввал зарурати якҷоя зиндагӣ карданро намефаҳмиданд, аксаран танҳо зиндагӣ мекарданд. Дар танҳоӣ аз таъсири ҳодисаҳои табиӣ ва ҳайвонҳои ваҳшӣ ҳалок мешуданд. Дар натиҷа ба зиндагии гурӯҳ майл пайдо менамуданд, то ки худ ва наздикони худро аз нестшавӣ наҷот диҳанд. Авлод, қавму қабила барои таъмини оромӣ, низом ва қоидаҳоеро барои худ муайян менамуданд. Бо мурури замон одамон ба шикори моҳӣ ва дигар ҳайвонот одат мекардагӣ шуданд. Баробари инкишофи олоти меҳнат ва шикор ҷойгоҳи мардон дар ҷомеаи ибтидоӣ баландтар шуд. Чунин қабилаҳо дар соҳилҳои дарёҳои Даҷла ва Фурот дар Осиёи Марказӣ бошад, дар соҳилҳои Амударё ва Сирдарё зиндагӣ мекарданд [8,с.6].

Ҳанӯз дар давраи таназзули ҷамияти ибтидоӣ мардҳо бо мақсади оиладор шудан духтарҳоро дуздида, ба никоҳи худ медароварданд. Чунин ҳодисаҳо сабаби ба вуҷуд омадани низоъҳо байни ду оила ва ё ду қабила мегардиданд.

Бо мурури замон қоидае ба амал омад, ки мувофиқи он мард ба ивази духтари дуздидааш ба волидайн маблағи муайянеро пардохт мекард. Ба ҳамин восита душмании онҳо аз байн мерафт. Ин қоида тадриҷан ба ҳукми қонун даромад, яъне ҳар марде, ки зан гирифтанӣ мешуд, бояд ба волидайни духтар ё шахсони онҳоро ивазкунанда маблағи

муайянеро пардохт мекард. Эҳтимол, одати қалингирӣ аз ҳамон давра монда бошад. Аммо масъалаи қалин баъдҳо хусусияти диниро ба худ касб намуд, ки инро дар истилоҳи дин маҳр меноманд.

Бинобар андешаи донишмандон дар аввал низоми модаршоҳӣ ҳукмфармо буд, аммо баъдан ба сабаби пурзӯр шудани низоми иқтисодӣ ва ба истеҳсолот гузаштани мардон ин низом тағйир ёфта, низоми падаршоҳӣ зуҳур кард. Шавҳар ҳамчун сардори оила, соҳиби моликияти оила мегардад. Зан ва фарзандон ба сардори оила итоат мекардагӣ шуданд [2,с.28].

Аз ин нишондодҳо бармеояд, ки тадриҷан низомҳои ахлоқ ба вуҷуд омада, хиёнати мард ба зан ва баръакси ин ҳам маҳкум карда мешуд. Духтар бояд то шавҳар карданаш номус ва обрӯи худро ҳифз мекард. Чунин қоидаҳои ахлоқии хуб то замони мо омада расидаанд. Поктинат, хушахлоқ, доштани номи нек ва шарафу номус дар ҳама давру замон хислатҳои беҳтарини инсон ба шумор меравнд.

Ҳамин тариқ, дар тӯли ҳазорсолаҳо ҷамъияти инсонӣ зинаҳои гуногуни зиндагиро тай карда, ба дараҷаи тамаддун ва камолот расид. Халқи тоҷик ҳам ин зинаҳоро пушти сар намудааст. Бо дигаргун шудани сохти ҷамъиятӣ шаклҳои нави муносибати оиладорӣ пайдо шуданд ва то имрӯз тағйир ёфта истодаанд.

Осиёи Миёна яке аз қадимтарин минтақаҳоест, ки дар он сохти ҷамъияти ибтидоии инсон арзи вуҷуд кардааст. Инкишофи маданият дар ин сарзамин таърихи чандҳазорсола дорад. Ногуфта намонад, ки дар замонҳои пеш тамоми сохтори ҷамъиятиро дар асоси таълимоти динӣ баррасӣ менамуданд.

Дар он давра дар байни мардум дини ягонае вуҷуд надошт, ки ҳама аз он пайравӣ намоянд. Гузаштагони мо дар асл соҳиби дини зардуштӣ буданд, ки сарчашмаи асосии он китоби «Авесто» ба ҳисоб мерафт. Пеш аз паҳн гардидани дини ислом дар минтақаҳои Хоразм, Истаравшан, водии Зарафшон ва Қашқадарё таълимоти зардуштия роиҷ буд [2,с.29].

Дар бораи тарзи оиладории тоҷикон дар аҳди қадим то замони мо маълумоти дақиқе омада нарасидааст. Дар асоси кофтукови археологҳо маълум мешавад, ки занҳо дар баробари мардон дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок мекарданд. Масалан, таърихшиноси Юнони қадим Ҳеродот дар бораи маликаи Томирис нақл мекунад, ки вай сарлашкари моҳире буда, бо сарварии ӯ қабилаи Массагетҳо ба муқобили Ҳахоманишиҳо баромада, истиқлолият ба даст оварданд. Инчунин, академик Бобоҷон Ғафуров ин гуфтаҳоро тасдиқ намуда, аз муборизаи занҳо дар набардҳо ёдрас мешавад. Чунин маълумотҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар замонҳои қадим ҳуқуқи зану мард бо ҳам баробар буда, занҳо баробари мардон дар корҳои ҷамъиятӣ иштрок мекарданд. Хонадоршавӣ ҳам бо розигии тарафайн сурат мегирифтт.

Санаде, ки соли 1933 дар кӯҳи Муғ (ноҳияи Айнӣ) дастрас гардид, ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунад. Дар байни аснод қарордоди ақди никоҳи суғдиён Дугдонча бо Утегин дар бораи ташкили оила мавҷуд аст. Мухтавои ин санад ин аст, ки Дугдонча ва Утегин бо розигии ҳамдигар хонадор мешаванд. Мувофиқи қарордод Утегин ҳамсараш Дугдончаро бояд дӯст дорад ва эҳтиром намуда, ӯро бо хӯрокаю сарулибос таъмин намояд. Дугдонча ҳам қавл медиҳад, ки шавҳарашро дӯст дошта, иззату эҳтиром менамояд [8,с.9].

Баъди фатҳи арабҳо сохти зиндагии мардум дигар шуда, урфу одат ва расму оин ва зиндагии мардум тағйир ёфт. Масалан, агар то ин замон никоҳи гурӯҳӣ вуҷуд дошт, аммо таълимоти дини ислом онро рад намуда, танҳо никоҳи фардиро иҷозат медоду халос. Албатта, ин барои ҳифз намудани насли инсоният аз омехташавӣ ва ҳифз намудани мақом ва манзалати зан хуб буд.

Вобаста ба ин маълумотҳои бадастомада мо метавонем асосҳои иҷтимоии пайдоиши оиларо дар чанд нуқта хулоса намоем:

– инсон фитратан мавҷуди иҷтимоӣ буда, ба ҷинси мухолиф ниёз дорад;

–инсон қобилияти ҳифзи насли башарият аз таҳдиди ҳайвонҳои даррандаро дорад;

– зарурати биологӣ ва иҷтимоии ҳамзистии одамон;

– инсон давомдиҳандаи насли башарият мебошад.

Дар асоси чунин маълумотҳо мо метавонем чунин хулоса барорем, ки барпо намудани оила як зарурати табиӣ ва иҷтимоӣ буда, насли инсоният бидуни он бақо дошта наметавонад.

Таҳлил ва баррасиҳое, ки дар боло сурат гирифт, танҳо як маълумоти мухтасар аз назари илмӣ буд. Акнун зарур мешуморем, ки ин нуктаро аз дидгоҳи муаррихон ва донишмандони дин баррасӣ намоем. Худованд дар сураи "Бақара" чунин мегӯяд. «Гуфтем

ба Одам ва ҳамсараш Ҳаво, ки ҳар дуятон дар биҳишт истиқомат намоед....» [6, с,6]. Аз мазмуну муҳтавои ин оят ва дигар оятҳо бармеояд, ки инсоният аз аввали пайдоишаш соҳиби ҳамсар (оила) буд. Соҳиби «Таърихи Табарӣ» чунин мегӯяд: «Худо одамро дар биҳишт мақар дод, ки дар он танҳо ҳамерафт ва ҳамсаре надошт, бад ӯ ором гирад ва лаҳзае бихуфт ва чун бедор шуд занеро болои сари худ нишаста дид, ки Худо аз дандаи (қабурғаи чап) халқ карда буд ва аз ӯ (Ҳаво) пурсид»: "Кист"? Гуфт «зане ҳастам», гуфт: «Барои чӣ халқ шуд». Гуфт: «То бар ман ором гирӣ...» [7,с.46-47]. Калимаҳое, ки дар мурочиати Одам омадаанд, ҳама сиғаи дутогӣ мебошанд. Масалан, калимаи «анта ва завҷука» - ту ва ҳамсарат, «факуло» - бихӯред ҳардуятон, «шиътумо» - мехоҳед ҳардуятон, «вало тақрабо» - наздик нашавед ҳардуятон, «фавасваса лаҳумо» - шайтон ҳардуи онҳоро васваса намуд, ин калимаҳо ва дигар калимаҳое, ки ҳоҷат ба зикрашон нест аз нигоҳи сарфу наҳви забони арабӣ ба ду кас муроҷиат карда мешавад.

Тамоми ин баррасиҳо маънои онро надоранд, ки мо тамоми таҳқиқотҳои илмиеро, ки дар ин самт анҷом дода шудаанд, инкор мекунем. Ҳамаи мо дар ин нуқта иттифоқи назар дорем, ки инсоният то ба дараҷаи тамаддун ва тараққӣ расиданаш марҳалаҳои гуногуни ҳаётро сипарӣ намудааст.

### АДАБИЁТ


1. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон / Бобоҷон Ғафуров. –Душанбе: Ирфон, 1998. 2-ҷилд. -1112 с.
2. Иззуддин ибни Асир. Таърихи комил / Иззуддин ибни Асир тарҷумаи доктор Сайд Ҳусайни Рӯҳонӣ. Интишороти майдони "Фирдавс" иборат аз 13-ҷилд. .
3. Қуръони карим. Тарҷумаи Муҳаммадҷон Умаров. –Душанбе: "ЭР-граф", 2011. -607 с.
4. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таърих-ур-русул вал мулук"/ Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Нашрияи "ал-Кутру ва набк". Дар 16 ҷилд. - 1389.
5. Х. Раҳимзода. Маърифати оиладорӣ / Х. Раҳимзода. –Душанбе: МТЛ ОРЕС, 2003. -206 с.
6. Маърифати оиладорӣ / Х. Раҳимзода, Ш. Ёрмуҳаммадзода, Л. Назирова, Н. Амонов. –Душанбе: Маориф, 2015. -191 с.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: Маориф, 2006


## АСОСҲОИ ИҶТИМОИИ ПАЙДОИШИ ОИЛАДОРӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ ГУСТАРИШИ ОН


Оила яке аз рукнҳои асосии ҷомеа ба ҳисоб рафта, муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва шаҳрвандиро дар бар мегирад.Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, муносибати занушавҳарӣ, хешутаборӣ, муносибатҳои иқтисодии оилавӣ, ташаккул ва рушди шахс, муносибат ва уҳдадориҳои аъзоёни оиларо дар асоси одобу рафтор ва талаботҳои умумии қонунгузорӣ ба танзим медарорад. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки оиларо рукни асосии ҷомеа хондаанд, ки дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр аст. Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар, соли 2015 "Соли оила" эълон карда шуд. Ҳадафи асосии чунин иқдоми Пешвои миллат ба он равона гардидааст, ки маърифати оиладории ҷавонон баланд бардошта шавад ва дар ин замина ҷавононро пеш аз издивоҷ ба ҳаёти оиладорӣ омода намуда, пеши роҳи ҷудошавии оилаҳои ҷавон гирифта шавад ва фарзандони ноболиғи ин оилаҳо дар шоҳроҳи зиндагӣ аз падар ва модар маҳрум нагарданд. Зеро оилаи солиму хушбахт ва маърифати хонаводагии падару модар дар оила асоси тарбияи фарзанд ба ҳисоб рафта, ҷомеаи солим низ ба насли бомаърифат, донишманд, ватанпараст, забондон ва дорои ахлоқи ҳамида ниёз дорад. Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ аз маҷмӯи донишҳои муайяни педагогию психологӣ, ҳуқуқиву иқтисодӣ маншаъ гирифта, дар асоси дониш, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавӣ ташаккул меёбад. Омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ вазифаи ҷонии оила ва мактаб мебошад. Омӯзиш ва таҳлилҳои ҷудошавии оилаҳои ҷавон нишон медиҳад, ки бештари онҳо ба ҳаёти оилавӣ омода набуда, маълумоти кофӣ дар ин хусус надоранд. Хушбахтона, ҳамин нуқтаро ба назар гирифта, тайи чанд соли охир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дарс аз фанни маърифати оиладорӣ гузаронида мешавад. Мақсади асосии ба роҳ мондани омӯзиши ин фан баланд бардоштани маърифати оиладорӣ ва дуруст ба роҳ мондани зиндагииояндаи ҷавонони кишвар мебошад. **Калидвожаҳо:** оила, маърифати оиладорӣ, тарбияи дуруст, насли наврас, хушбахт, соли оила, интихоби ҳамсар.


## СОЦИАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ СЕМЬИ И ПЕРИОДЫ ЕЁ РАЗВИТИЯ


Семья является основой общества, в ней развиваются все виды отношений, такие как социальные, экономические, правовые и гражанские. Семья как общественное явление организует и строит взаимоотношения между супругами, родственниками, осуществляет материальный рост и развитие, ответственность членов семьи на основе взаимоуважения и в соответствии с законадательством. В связи с этим, семью называют главной основой общества, что соответствует действительности. В своем обращении в Мачлиси Оли (к высшему собранию) РТ Лидер Нации провозгласил 2015 год - Годом Семьи. Основная цель такого решения Лидера Нации состоит в том, чтобы поднять семейную культуру среди молодёжи и на её основе готовить молодых людей у тому, чтобы правильно строить семью, ещё до вступления в брак, для предотвращения разводов, когда несовершеннолетние дети воспитываются в неполной семье без матери или отца. Только в здоровой семье, где отношения между её членами строятся на взаимоуважении и взаимопаддержке, дети получают правильное воспитание, и только такая семья может дать обществу людей с высокими культурными и моральными качествами, патриотов своей родины и родного языка. Готовность молодых людей к семейной жизни содержит определенные педагогические, психологические, правовые экономические аспекты и формитуется на основе знаний, убеждений, мировоззрения и духовных ценностей. Подготовить молодых к семейной жизни - прямая задача семьи и школы. Изучение и анализ

разводов молодых семей показывает, что большинство из них происходит из-за неподготовленности к семейным отнашениям. Отрадно, что с учетом всех упущений в последние годы в средних образовательных учреждениях преподают предмет “Культура семьи”. Основной задачей этого предмета является повышение культуры семейных отношений и правильная ориентация молодёжи страны.

**Ключевые слова:** семья, культура семейных отношений, воспитание, наследие, поколение, Год семьи, выбор супруга.

**SOCIAL BASES FOR THE DEVELOPMENT OF A FAMILY AND THE PERIODS OF ITS DEVELOPMENT**

The family is one of the main pillars of society and includes social, economics, legal, and civil relations. The family as a social status, regulates the relation of wife and husband, relationship, economic relation of family, development of person, and responsibilities of family members on the basis of behavior and general rule of law. For this reason family is one of the basic elements of society, and also that is exactly. In the message of Nation Leader to the Majlisi Oli 2015$^{th}$ announced the year of family. The main goal of the Nation Leader is to raise wisdom of domesticity teenagers and by this way should prepare the teenager before marriage to the domesticity life and to stop the divorce of young families also their minor children of that families during the life they should not be deprive from the parents. Because healthy and happy family and families education is the child rearing, and healthy society need to the young knowledgeable, patriotism, polyglot and a good morality. They need preparing of young to the family life especially starts from pedagogy and psychological legal and economic on the basis of knowledge opinion outlook and incised from the moral values. Preparing yours to the domesticity life is the responsibility of family and school. The statistics of divorce family show that the most of them are not ready to the family life and has not enough information about family. Happily taking this point into account for the last years the lesson of the domesticity’s wisdom is thought in the secondary schools. The main target is to rise the domesticity’s wisdom up and train the future life of the young’s.

**Key words:** family, wisdom domesticity, right train, new generation, lucky, year of family, choosing of wife.

**Сведения об авторе:** ***Исоев Киёмиддин Амонович*** – Институт развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Айни, 45. Телефон: **915-20-28-80**

**Information about the author:** ***Isoev Kiyomiddin Amonovich*** - Institute of Educational Development named after A.Jami of the Academy of Education of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Aini Street, 45. Phone: **915-20-28-80**

**УДК: 372.879.6 (575.3)**

# ОМИЛҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

***Абдулоҷони Ҳамрохон***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дар баробари ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим, инчунин яке аз воситаҳои беҳтарини таҳкими дӯстӣ ва ҳамкориҳо миёни на танҳо варзишгарон, балки инсонҳо ва кишварҳои ҷаҳон аст. Илова бар ин, варзиш омили муҳимми ҷаҳоншиносии инсон, ба ҳамдигар муаррифӣ ва наздик гардидани халқу миллатҳо ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои мухталифи ҷаҳон мебошад.

Соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар маҳсуб ёфта, он маҳз ба таъмини оммавияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таҳкими тарзи ҳаёти солим, мусоидат намудан ба омодакунии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯза дар иншооти инфрасохтори варзишӣ, ки шумораи онҳо то 10 ҳазор адад мерасад, қисми зиёди наврасону ҷавонон бо варзиш машғуланд ва ҷараёни машқварзии онҳо низ бояд бо як низоми муайян пайваста танзим гардад.

Дар мавриди мазкур олимони машҳури ватанию хориҷӣ аз қабили: Абдулатипов С.М., Арутюян С.М., Громова М.Н., Дашкемиров А.Ф., Ладигина О.В., Джунусов И.С., Олейник Л.Д., Турсунов Ф.А., Абдулхонов-Славская Б.Г., Ананев Б.Г., Бодалев А.А., Вигодский А.В., Божович А.И., Кон И.С., Мерлин В.С., Рубинштейн Л.И., Саприкин А.Г., Борисова С.В., Митина Л.М., Баклаков К.В., Евдакимов П.Т., Дробижева Л.М., Иванова А.А., Прокошенкова Л.П. ва дигарон таҳқиқоти густурдае анҷом додаанд [3,с.76].

Фаъолияти муаллими макотиби умумӣ на танҳо ба таълими ҳаматарафаи фанҳои мухталиф нигаронида шудааст, балки водор месозад, ки тарбияи ҷисмонӣ низ дар меҳвари аслии таълим ҷой дошта бошад. Дар баробари ин ки мо ба таълим аҳамият медиҳем, тарбияи ҷисмониро низ дар назар дорем. Бо таваҷҷуҳ ба ин, муаллими оянда тарбияи ҷисмонӣ бояд дар замоне, ки дар донишгоҳ таҳсил менамояд, ҳатман рӯйи ин масъалаи

муҳим низ андеша намоянд. Лозим ба ёдоварист, ки донишҷӯён на танҳо дар раванди омӯзиши фанни тарбияи ҷисмонӣ ба ин масъала бояд таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, балки дар кулли фанҳои дигари улуми инсонӣ бояд ин ҷараёнро дунбол намоянд [11,с.90].

Таърих исбот намудааст, ки дар ҳама гуна сохти ҷамъиятиву давлатдорӣ ба тарбияи ҷисмонии насли наврасу ҷавонон диққати махсус медиҳанд, то ин ки ҷавонон бардаму солим ва боқувват ба воя расанд. Мақсади асосии тарбияи ҷисмонӣ дар мактаб, дар айни замон, тайёр кардани ҷавонон ба меҳнат ва мудофиаи Ватан мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷораҳои зарурӣ андешида истодааст. Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011 таҳти №278 Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 тасдиқ ва амалӣ гардид [1,с.54].

Лозим ба ёдоварист, ки ҳамакнун дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст ва дар ин роҳ таҷрибаи хуб ҳам камтар дида мешавад. Фаъолиятҳои таълимӣ, фориғ аз дарсу фориғ аз мактаб он қадар самараи хуб надодаанд. Ба назари мо, чунин навъи дарс бояд ба як низоми мушаххас ворид гардад [6,с.143]. Бояд зикр намуд, ки бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ «Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021» татбиқ гардид, ки барои баланд бардоштани самаранокии тарбияи ҷисмонии хонандагони муассисаҳои таълимӣ хело мусоидат менамояд:

1. Дар зарфи 5 соли охир зиёда аз 1381 иншооти варзишӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ сохта шуда, 1059 иншооти варзишӣ таъмиру таҷдид ва ба истифода дода шуданд, ки барои рушди инфрастохтори соҳа нақши муҳимро мебозанд.
2. Варзиши муосир ҳамарӯза зери навгониҳои гуногун қарор дошта, тақозои таваҷҷуҳи махсус барои омода намудани мутахассисони дорои усулҳои нави корӣ мебошад.
3. Масъалаҳои бо мутахассисони сатҳи касбӣ таъмин кардани муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ, дар сатҳи зарурӣ ва бо усулҳои муосир гузаронидани дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, инчунин азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мураббиёни муассисаҳои варзишӣ таваҷҷуҳи доимиро талаб менамоянд.

Инчунин, бо дарназардошти пешрафти варзиши муосир дар ҷаҳон, барои ноил гардидан ба натиҷаҳои баланди варзишӣ усулҳои нави таҳқиқоти илмию техникӣ зарур аст, чунки дар олами муосири варзиш маҳз ҳамин усулҳо боиси беҳтар гардидани натиҷаҳои варзишгарони маъруфи ҷаҳон гардидаанд.

4. Дар чараёни тамрини варзишгарони маъруфи ҷаҳон на танҳо сифати машқҳои таълимии варзишӣ, таъминоти тиббӣ ва формакологӣ, инчунин бамеъёрдарории истеъмоли ғизо, истироҳат, барқарорсозӣ ва омодагии равонӣ (психологӣ) низ ба эътибор гирифта мешаванд.
5. Дар ҷумҳурӣ равоншиносии варзиширо ба роҳ монда, бояд хизматрасонии тиббии варзишӣ таъмин ва ба роҳ монда шавад.
6. Дар ҷумҳурӣ маркази диспансерӣ - тиббии варзишии ҷумҳуриявӣ амал намекунад. Гарчанде дар минтақаҳо ва шаҳри Душанбе марказҳои диспансерӣ фаъолият дошта бошанд ҳам, онҳо ба талаботи тибби варзишии муосир ҷавобгӯ нестанд, зеро дар онҳо табибони варзишӣ фаъолият намекунанд.
7. Дар баробари ин, мушкилоти дигар дар самти боз ҳам беҳтар кардани инфрасохтор ва заминаи моддию техникии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, аз ҷумла мавҷуд набудани дастрасӣ ба иншооти варзишӣ, ҳамчунин иншооти хусусии варзишӣ ба табақаи миёнаи аҳолӣ, таҳияи барномаҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ барои муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ, миёнаи умумӣ, касбӣ ва олии касбӣ, норасоии лавозимоти варзишӣ дар муассисаҳои варзишӣ, ташкилоту корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ, маҳалҳо ва ҷойҳои истироҳатӣ ва ғайраҳо то ҳанӯз эҳсос мегарданд.
8. Бинобар ин, рушди минбаъдаи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш андешидани чораҳои иловагии маҷмӯиро тақозо менамояд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин таҳқиқоти анҷомёфта мо кӯшиш менамоем, ки дар шароити Тоҷикистон ин масъаларо мавриди пажӯҳиш қарор диҳем ва самтҳои гуногуни омодасозии муаллимониояндаи тарбияи ҷисмониро барои мактабиён баррасӣ намоем [8,с.87]. Барои анҷоми ин кор саъй шуда, ки на танҳо ба масоили назарии ин масъала таваҷҷуҳ намоем, балки озмоиши педагогиро анҷом диҳем ва мазмуну муҳтавои фаъолиятҳои муаллимони тарбияи ҷисмонии макотиби умумиро низ баррасӣ намоем

[11,с.87]. Дар таҳқиқу пажӯҳишҳои педагогӣ омадааст, ки муаллими оянда бояд чунин функсияҳоро дошта бошад:

Функсияи тамрину ҷисмонӣ. Иҷрои чунин функсия ба муаллими ояндаи тарбияи ҷисмонӣ имкон медиҳад, ки минбаъд битавонад таъсири ҳадафнок ба рафтор ва фаъолиятҳои омӯзишии мактаббачагон дошта бошад.

Дар ин росто муаллими ояндаи тарбияи ҷисмонӣ бояд дар садади он бошад, ки шароит ва муҳити зисти кӯдак, аҳвол ва зиндагии хонаводагии ӯро ба эътибор гирифта, ба масоили пешомада посух дода тавонад. Яке аз дигар функсияҳо коркарди созмондиҳӣ мебошад, ки бевосита ба арзишҳои иҷтимоии (дар ҳадафи мо-тарбияти ҷисмонӣ) фаъолияти муаллим, роҳбари синф, созмонҳои талабагӣ, ки ҳадафи онҳо ба ҳалли масоили педагогию иҷтимоӣ, кумакҳои ҷисмонӣ расонидан ва ба хонаводаҳои онҳо машварат доштанро тақозо мекунад.

Функсияи робита барои муаллими ояндаи тарбияи ҷисмонӣ имкон медиҳад, ки робитаи байни хонавода, мактаб, муассисаҳои фарҳангию варзишӣ ва соир ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа ва кӯдакро таъмин намояд [4,с.54].

Барои расидан ба ҳадафҳои аввалиндараҷа ва муҳим зарур аст, ки вазифаҳои асосии зерин зина ба зина амалӣ карда шаванд:

– ташкил ва рушди инфрасохтори соҳаи варзишии ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ;

– таъмини оммавияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

– ташкили клубҳо ва бахшҳои варзишӣ дар низоми мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф;

– табдил додани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҳаракати оммавӣ ва як қисми муҳимми ҳаёти аҳолӣ;

– боз ҳам баланд бардоштани самаранокии низоми тарбияи ҷисмонӣ байни аҳолӣ;

– такмили минбаъдаи сифати омодагардонии кадрҳо, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси онҳо (таъмини соҳа бо кадрҳои баландихтисос);

– такмили низоми чорабиниҳои варзишии интихобӣ барои мукаммал гардонидани дастаҳои мунтахаб аз рӯйи намудҳои варзиш, роҳандозӣ намудани раванди мутобиқ ба талаботи муосири омодакунии тими мунтахаб аз рӯйи намудҳои варзиш ба мусобиқаҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

– таъмини соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо маводи илмию методӣ ва дар заминаи илми муосири варзиш ба роҳ мондани азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мураббиёни мактабҳои варзишӣ;

– мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таъмин намудан бо лавозимоти варзишӣ ва ба роҳ мондани назорати тиббӣ ва таъмини хизматрасонии тиббӣ ба шахсоне, ки бо варзиши касбӣ машғул ҳастанд;

– густариш ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ ва мукаммалгардонии низоми тайёр намудани варзишгарони касбӣ бо мақсади иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Бозиҳои олимпӣ;

– бештар намудани чорабиниҳои варзишӣ байни бонувону кӯдакон, ташкили чорабиниҳои варзишӣ барои маъюбон ва шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд [2,с.65].

Лозим ба ёдоварист, ки дар бештари рисолаҳои номзадӣ бахшида ба масъалаи фавқ ишора гардидааст, ки барои такмили тарбияи ҷисмонӣ нақши курсҳои махсуси таълимӣ мавқеи муҳим мебозанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, тарбияи ҷисмонӣ бояд ба ғанӣ гардидани таҷрибаи худшиносӣ, таъсири мутақобила ба дигарон ва тавоноии ҳаллу фасли масъала нигаронида шуда бошад. Дар таҳқиқотҳои анҷомшуда ишора мегардад, ки дар таълими дарсҳо бояд усули самтҳои гуногундоштаи таълим барномарезӣ гардад ва ғояи инсонгароии таълиму тарбият бояд бештар матраҳ шавад. Ба назари мо, ҳам, тарбияи ҷисмонӣ барои мактаббачагон бояд барои дарёфти роҳу равиши зиндагӣ, ғояҳои маънавӣ ва меъёрҳои рафтори инсон бояд бештар матраҳ гардад [5,с.65]. Таҳқиқи баргузоргардида дар мавзӯи фавқ нишон дод, ки дар фаъолиятҳои тарбияи ҷисмонӣ бештар мушкилот мушоҳида мегардад. Лозим ба ёдоварист, ки дар ибтидои соли 2007 дар кишвар 3770 муассисаи таҳсилоти умумӣ (аз ҷумла 64 гимназия ва 56 литсей бо фарогирии 48 ҳазору 387 мактаббачагон) бо теъдоди 1 млн 959 ҳазор 996 хонанда (35 мактаб ва 315 ҳазор хонанда бештар аз соли 2005) таҳсил мекард. Бо ин вазъият 25% кӯдакони давраи мактабӣ аз синни 6 то 17-сола ба таҳсил фаро гирифта нашудаанд ва ин дар ҳолест, ки 12 ҳазор муаллим дар чунин навъи мактабҳо намерасиданд [10,с.67].

Нақшаҳои таълимӣ яке аз дигар асноди стандарти давлатӣ мебошанд, ки барои дарёфти донишҳои мухталиф ва фарогирии фанҳо таъйин гардидаанд. Пурсишномаи мо дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и н. Восеъ нишон дод, ки чунин навъи аснод на он қадар ҷавобгӯи арзишҳои имрӯз нест. Ба саволи нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо оё ҷавобгӯи ташаккули тарбияи ҷисмонӣ мебошанд, чунин посух доданд:

| № | Навъи посухҳо | Теъдод | (%) |
|---|---|---|---|
| 1 | Ба таври куллӣ | 16 | 19,3 |
| 2 | Ба таври қаноатбахш | 40 | 48,2 |
| 3 | Дар сатҳи ғайриқаноатбахш | 23 | 27,7 |
| 4 | Мушкилии посух дорам | 4 | 4,8 |
|  | ***Куллан*** | **83** | **100** |

Пас маълум гардид, ки бештари посухдиҳандагон ба «сифати» барнома ва нақшаҳои таълимӣ ишора кардаанд ва танҳо 19% ишора кардаанд, ки чунин вазъият ба таври куллӣ қаноатбахш мебошад ва 27,7% ғайриқаноатбахш шуморидаанд. Ин дар ҳолест, ки 48,2% посух доданд, ки ба таври қаноатбахш барномаҳо ва нақшаи таълим омода шудаанд.

Ба ҳар ҳол дар ин масъала шакке вуҷуд дорад ва аз ин рӯ мо саволи дувумро пешниҳод намудем:

*Сабаби ғайриқаноатбахш ифода гаштанро лутфан тавзеҳ диҳед!*

| № | Навъи посухҳо | Теъдод | (%) |
|---|---|---|---|
| **1** | Барномаҳо такмил наёфтаанд | 6 | 26,1 |
| **2** | Соатҳо барои тарбияи ҷисмонӣ камтар аст | 9 | 39,1 |
| **3** | Барнома ва услубҳои тарбияи ҷисмонӣ дар мактаб такмил наёфтаанд | 5 | *21,7* |
| **4** | Барнома ва китобҳои дарсӣ куҳна шудаанд | 3 | 13,1 |
|  | **Куллан:** | 23 | 100 |

Посухҳо бар онанд, ки барномаҳо «куҳна» шудаанд ва «такмил наёфтаанд». Ба назари мо, «Соатҳо барои дарси тарбияи ҷисмонӣ каманд»-ро метавон ба «Барномаҳо такмил наёфтаанд» ворид кард ва сабаби аслӣ рӯшантар мегардад. Лозим ба зикр аст, ки тарбияи ҷисмонӣ бештар ба муаллимон низ тааллуқ дорад. Муаллим аст, ки роҳу равишҳои омӯзишро ба кӯдак ва ё донишомӯз нишон медиҳад ва дувумин худи кӯдак аст, ки он халлоқияти хешро такмил медиҳад ва аз фаровардаҳои ин дониши башарӣ истифода мебарад [9,с.43].

Воқеан, мактаб маконе барои ёдгирӣ ва ёддиҳӣ аст. Вақте дар бораи мактаб фикр мекунем, мақбулият ва машрӯият, ин масъалаи муҳиме аст, он чи ки мақбулият ва машруъияти мактабро таҳти таъсир қарор медиҳад, чизе аст, ки дар мактаб ва синфҳои дарси он мегузарад [7,с.12].

Барномаи дарсӣ ва китоби дарсӣ ба сурати маҷмӯъаи фаъолиятҳо ва таҷрибаҳои ёддиҳӣ-ёдгирӣ нақши муаллиму донишомӯзро дар ҷараёни ёддиҳӣ-ёдгирӣ табйин мекунанд. Дар воқеъ, барномаи дарсӣ ва сохтори он, рафтор, амалкард ва муносибатҳои омӯзгор бо донишомӯзон ва донишомӯзон бо якдигарро мушаххас мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. АбдуллинаО.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования / О.А. Абдуллина. -М.: Просвещение, 1984. -208 с.
2. Дурай-Новакова К.М. Формирование профессиональной готовности будущих учителей к педагогической деятельности: автореф. дисс. ... докт. пед. наук / Дурай-Новакова К.М. - М., 1983. - 32 с.
3. Дьяченко М.И. Готовность к деятельности в напряженных ситуациях / М.И. Дьяченко, Л.А. Кандыбович, В.А. Паномаренко. -Минск: Университет, 1985. -206 с.
4. Кобзев М.С. Психолого-педагогические основы профессиональной подготовки учителя / М.С. Кобзев // Советск. педагогика. - 1978. -№7. -С. 87-93.
5. Кузьмина Н.В. Методы исследования педагогической деятельности / Н.В. Кузьмина. -Л.: ЛГУ, 1970.-114с.
6. Пискунов А.И. Профессионально-педагогическая подготовка будущего учителя / А.И. Пискунов //Сов. педагогика. - 1985. -№ 12. - С.42-47.
7. Рувинский Л.И. Перспективы профессиональной подготовки учителей / Л.И. Рувинский // Сов. педагогика. - 1988. -№7. -С. 70-74.
8. Сластенин В.А. Профессионально-педагогическая подготовка современного учителя / В.А. Сластенин, А.И. Мищенко // Сов. педагогика. - 1991. -№ 10.
9. Шаропов Ш.А. Муошират ва худшиносӣ / Ш.А. Шаропов. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. -304 с.
10. Щербаков А.И. Некоторые вопросы совершенствования подготовки учителя / А.И. Щербаков //Сов. педагогика. - 1971. -№9. -С. 82-89.
11. Rivers W.M. Communicating naturally in a second language: Theory and Practicein Language Teaching. -Cambridge University Press, 1983.-243.

## ОМИЛҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Мақола дарбаргирандаи масоили тайёр намудани кадрҳои тарбияи ҷисмонӣ дар мактиби миёнаи умумӣ буда, муаллиф кӯшиш кардааст, то дар асоси манбаъҳои муътамад ва далоилу бурҳон мақоларо илмӣ карда бошад. Дар шароити кунунӣ чанг задан ба мавзӯъҳои тайёр намудани кадрҳо як кори хело муҳим ва айни муддаост. Инчунин, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то роҳҳову усулҳои замонавии тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси тарбияи ҷисмониро дар мактиби миёнаи умумӣ муайян созад. Муаллиф мавриди омода намудани мақолаи худ таҳқиқотҳои зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, осори ахлоқӣ, китобҳои педагогӣ, фалсафӣ, психологӣ ва сомонаҳои интернетӣ истифода бурда, усулҳои тайёр намудани кадрҳои баландихтисосро ошкор сохтааст. Ба ақидаи муаллиф, дар тадқиқ ва коркарди назария ва амалияи омӯзиш олимони маъруфи ватанию хориҷӣ аз ҷумла: Абдулатипов С.М., Арутюян С.М., Громова М.Н., Дашкемиров А.Ф., Ладигина О.В., Джунусов И.С., Олейник Л.Д., Турсунов Ф.А., Абдулхонов-Славская Б.Г., Ананев Б.Г., Бодалев А.А., Вигодский А.В., Божович А.И., Кон И.С., Мерлин В.С., Рубинштейн Л.И., Саприкин А.Г., Борисова С.В., Митина Л.М., Баклаков К.В. ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

**Калидвожаҳо:** педагогика, фалсафа, тарбияи ҷисмонӣ, муаллими оянда, мутахассис, муассиса, мактаб, омӯзгор, тайёр кардани кадрҳо, хонандагон, фан, мафҳуми асосӣ, натиҷа.

## ФАКТОРЫ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

Статья посвящена вопросам подготовки кадров по физическому воспитанию для средних общеобразовательных школ, где автор пытается рассмотреть данный вопрос с научной точки зрения, на основе достоверных источников и неоспоримых аргументов. В нынешних условиях обращение к теме подготовки кадров является очень важным и своевременным делом. Также автор предпринимает попытку определить современные способы и методы подготовки высококвалифицированных кадров физического воспитания для средних общеобразовательных школ. Автор, используя исследования отечественных и зарубежных ученых, нравственно-этическое наследие, педагогическую, философскую, психологическую литературу, интернет-сайты, раскрывает содержание, сущность и методы подготовки высококвалифицированных кадров. По мнению автора, в исследовании и разработке теории и практики обучения очень ценны роль и заслуга известных отечественных и зарубежных ученых Абдулатипова С.М., Арутюняна С.М., Громовой М.Н., Дашкемирова А.Ф., Ладыгиной О.В., Джунусова Б.Г., Олейника Л.Д., Турсунова Ф.А., Абдулхонов-Славской И.С., Ананьева Б.Г., Бодальева А.А., Выгодского А.В., Божовича А.И., Конь И.С., Мерлиной В.С., Рубинштейна Л.И., Сапрыкина А.Г., Борисовой С.В., Митиной Л.М., Баклакова К.В. Также велика заслуга в рассмотрении проблем формирования национального самосознания в исторической общественной мысли Евдакимова П.Т., Дробышевой Л.М., Ивановой А.А., Прокошенковой Л.П. и других.

**Ключевые слова:** педагогика, философия, физическое воспитание, будущий учитель, специалист, учреждение, школа, преподаватель, подготовка кадров, специалист, учащийся, предмет, основное понятие, результат.

## FACTORS OF IMPROVING EFFICIENCY OF PHYSICAL EDUCATION OF STUDENTS OF GENERAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article is devoted to the issues of training personnel in physical education for secondary schools, where the author tries to examine this issue scientifically on the basis of reliable sources and unquestionable arguments. In the current situation, the appeal to the topic of training is very important and timely. Also, the author makes an attempt to define modern ways and methods of training highly qualified personnel of physical education for secondary general schools. The author, using the research of domestic and foreign scientists, moral and ethical heritage, pedagogical, philosophical, psychological literature, Internet sites, reveals the content, essence and methods of training highly qualified personnel. In the opinion of the author, in the study and development of the theory and practice of teaching, the role and merit of well-known domestic and foreign scientists, such as Abdulatipov SM, Arutyunyan SM, Gromova MN, Dashkimirova AF, Ladigina OV ., Dzhunusova BG, Oleynika LD, Tursunova FA, Abdulkhonov-Slavskoy IS, Ananieva BG, Bodalieva AA, Vygodsky AV, Bozhovich AI., Horse IS, Merlina VS, Rubinshteina LI, Saprykina AG, Borisova SV, Mitina LM, Baklakova KV Also great is the merit in examining the problem of the formation of national consciousness in historical public thought works of Evdakimov PT, Drobysheva LM, Ivanova AA, Prokoshenkova LP. and others.

**Key words:** pedagogy, philosophy, physical education, future teacher, specialist, institution, school, teacher, training, specialist, student, subject, main concept and result.

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоджони Хамрохон*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, аспирант кафедры педагогики. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафаров 16. E-mail: **Abdullah@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-77-15-17**
**Information about the author:** ***Abdullojoni Hamrokhon*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, graduate student of the Department of Pedagogy. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulyab, str. S.Safarov 16. E-mail: **Abdullah@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-77-15-17**

УДК 378+316.6

# ТАЙЁРИИ ХАТМКУНАНДАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ БА ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ОЯНДА ҲАМЧУН ШАРТИ РАҚОБАТПАЗИРИИ Ӯ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

*Ҳайдарзода Ш.Ҳ., Давлатшоева А.*
**Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» дар назди ҷомеа як қатор масъалаҳои муҳимми рушди соҳаи маориф гузошта шудаанд, ки яке аз онҳо тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва таъмин намудани рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат мебошад. Ин масъала, пеш аз ҳама, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва хатмкунандагони онҳо дахл дорад. Зеро имрӯз дар бозори меҳнат барои бо ҷойи кор таъмин шудани хатмкунандагони мактабҳои олӣ рақобати ҷиддӣ ба миён омадааст, дигар ин ки сатҳи дониш ва маҳорати касбии хатмкунандагони мактабҳои олӣ имрӯз талаботи бозори меҳнатро бо як қатор омилҳои ҷойдошта қонеъ кунонида наметавонад. Аз он ҷумла:

- набудани шавқу ҳавас ва рағбат ба касби интихобнамуда;
- сатҳи пасти дониш ва маҳорату малакаҳои касбӣ;
- дур шудан аз китобхонӣ;
- надоштани маҳорату малака ва истеъдоди анҷом додани корҳои илмӣ, аз қабили таҳияи реферат, тезис, маърӯзаи илмӣ, аннотатсия, резюме ва ниҳоят навиштани рисолаҳои бакалаврӣ, магистрӣ ва ғайра;
- надонистани забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, аз он ҷумла забонҳои русӣ ва англисӣ.

Барои ҳамин, дар ҳуҷҷати мазкур қайд гардидааст, ки «Таъмини илм, истеҳсолот, мақомоти идора бо кадрҳои баландихтисос яке аз вазифаҳои муҳимтарини соҳаи маориф мебошад, зеро иқтидори зеҳнӣ ба омили муайянкунандаи рушди ҷомеа мубаддал мегардад» [6,с.4]. Аз байн рафтани тақсимоти хатмкунандагони ихтисосҳои ғайрипедагогӣ бо ҷойи кор ва зиёд шудани шумораи хатмкунандагон аз бисёр ихтисосҳо, бахусус ихтисосҳои иқтисодӣ дар бозори меҳнат ба тағйиротҳои ҷиддӣ оварда расонидааст.

Дар чунин шароит дар бозори меҳнат барои таъмин шудан бо ҷойи кор рақобат ба миён омадааст. Табиист, ки ҳангоми ба кор қабул кардан ба вазифаҳое, ки маоши баландтар дода мешавад, мутахассисони ҷавоне имтиёз доранд, ки дорои дониш, маҳорату малака ва салоҳияти касбии баландтаранд.

Истилоҳи «рақобатпазирӣ» аз калимаи лотинии «concurentia» гирифта шуда, дар забони тоҷикӣ маънои мусобиқа ва зӯрозмоӣ карданро дорад. Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ «рақобат хосси истеҳсолкунандагони мол ва хизматрасонӣ барои бозори фурӯши маҳсулот аст» [7,с.21]. Яъне, он маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки аз рӯйи сифаташон аз маҳсулот ва хизматрасониҳои дигар истеҳсолкунандагон бартарӣ доранд, талабот ба онҳо дар бозори фурӯши маҳсулот бештар мегардад, чунки рақобатпазиранд ва талаботи истеъмолкунандагонро қонеъ мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҷорӣ шудани таҳсилоти пулакӣ дар соҳаи маориф, таъсис ёфтани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ ва филиалҳо ба зиёд шудани шумораи мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ оварда расонид, ки ба рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат мусоидат намуд.

Возеҳу равшан аст, ки мутахассисони дорои ихтисоси маҳдуд дар шароити доимо тағйирёбанда наметавонанд ҳамеша дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд. Зеро ба ҷомеа имрӯз мутахассисоне заруранд, ки дорои сатҳи баланди қобилияти маърифатӣ буда, дар вазъиятҳои душвор масъулиятро бар дӯши худ гирифта, натиҷаҳои зарурӣ ба даст оваранд ва ба шароитҳои душвор худро мутобиқ гардонида тавонанд.

Дар робита бо ин масъала дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» таъкид шудааст, ки «татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон равона шудааст» [3,с.16].

Имрӯз вазифаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз он иборат аст, ки мутахассисони рақобатпазири ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнатро тайёр кунанд.

Ба ақидаи мо, мутахассиси рақобатпазири бозори меҳнат бояд чунин мутахассисе бошад, ки ба талаботи корфармо ва бозори меҳнат ҷавобгӯ буда, ба шароити зудтағйирёбанда дар чаҳорчӯбаи вазъи молиявию иқтисодии баамаломада аз ҳисоби маҳорату малакаҳои касбию шахсӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ҳамаҷониба тайёр бошад. Ба ибораи дигар, мутахассиси рақобатпазир шахсе ҳисоб меёбад, ки худро дар бозори меҳнат ба сифати мол пешниҳод намуда, бар ивази он даромад ба даст оварда, сатҳи зиндагии худро баланд мебардорад ва некуаҳволиашро таъмин мегардонад.

Дар робита бо ин саволе ба миён меояд, ки рақобатпазирии мутахассисони ҷавонро аз рӯйи кадом сифатҳояш муайян кардан мумкин аст? Муҳаққиқон роҳу воситаҳои гуногуни баҳодиҳиро оид ба рақобатпазирии мутахассисони ҷавон дар бозори меҳнат ва бо ҷойи кор таъмин шудани онҳо пешниҳод менамоянд, ки чунинанд:

1. Аз рӯйи талаботи бозори меҳнат ба мутахассис. "Талабот ба мутахассиси ҷавон аз рӯйи натиҷаҳои ба кор таъмин шудани ӯ ва тавсифномаву тақризҳои ҷойи таҷрибаомӯзӣ ва баъдан корфармое, ки ӯро ба кор қабул кардааст, муайян карда шавад" [1,с.82]. Ба фикри мо, бояд далели рақобатпазирии мутахассиси ҷавон дар бозори меҳнат ба назар гирифта шавад. Вале қобилияти рақобатпазирии ӯ пештар, яъне ҳанӯз вақти таҳсилаш дар мактаби олӣ ташаккул меёбад.

2. Аз рӯйи сатҳи сифати донишаш дар мактаби олӣ. Дар робита бо ин масъала бояд қайд намуд, ки аз худ намудани дониш, маҳорату малакаҳо тибқи стандарти давлатии таҳсилот, на ҳама вақт кафолати бо ҷойи кор таъмин шудан буда метавонанд, чунки сабабҳои дигар низ вуҷуд доранд. Масалан, мавҷудияти донишу маҳорати касбии баробари чандин нафар хатмкунандагон. Ё ки мутахассисоне ҳастанд, ки дониши хуби назариявӣ доранд, вале онро дар амалия тадбиқ карда наметавонанд. Барои ҳамин барои корфармо «арзиши баланд» надоранд. Дар чунин мавридҳо корфармоён далел пеш меоранд, ки танҳо доштани донишҳои касбӣ барои хатмкунандагон кофӣ нест, зеро, чун қоида, бисёри донишҳои назариявӣ аз вазъи ҳозираи тиҷорат ва истеҳсолот дуранд.

Раванди таълим дар мактаби олӣ, дар навбати аввал, ба аз худ кардани дониш, маҳорату малакаҳои махсуси касбӣ нигаронида шудааст. Фанҳои таълимии касбии гуногун ва суръати аз худ намудани онҳо, истифодаи қисми зиёди онҳоро дар вазъияти мушаххаси касбӣ таъмин карда наметавонад. Ба андешаи мо, раванди таълими муосир бояд на танҳо ба стандартҳои таҳсилот мутобиқат намояд, балки талаботи ҷомеаро низ ба мутахассисони рақобатпазир ба назар гирад.

3. Аз рӯйи мавҷудияти сатҳи ташаккули сифатҳои шахсии мутахассиси оянда. Аммо ин роҳ ҳам камбудии худро дорад. Чунки сифатҳои муайяни шахсии ба корфармо маъқулбуда бе сатҳи тайёрии касбӣ кафолати муваффақона бо кор таъмин шудани мутахассис буда наметавонанд.

Ҳамин тариқ, масъалаи баҳо додан ба рақобатпазирии мутахассис, тайёрӣ ва муносибати ҳаматарафаро талаб менамояд.

Дар ин ҷо ба як масъала таваҷҷуҳ бояд намуд, ки баъди тағйир ёфтани сохтор ва мазмуни таҳсилот тамоми стандартҳои давлатӣ, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар асоси низоми кредитии таҳсилот мутобиқи принсипи «салоҳиятнокӣ» таҳия гардидаанд [1,с.57]. Яъне, мафҳуми «салоҳияти касбӣ» дар раванди таълиму тарбия дар мактаби олӣ мавқеи асосиро ташкил мекунад.

Салоҳияти касбии мутахассиси оянда низоми ягона ва мураккаби ҳолати равонӣ ва сифатҳои шахсият аст, ки дар тайёрӣ ба фаъолияти касбӣ ва қобилияти иҷрои ин фаъолият зоҳир мегардад.

Як нуктаи дигарро низ қайд кардан бамаврид аст, ки тайёр кардани мутахассиси рақобатпазири дорои салоҳиятҳои касбӣ, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки ӯ фаъолияти касбииояндаи худро ҳамчун арзиш дарк карда тавонад. Ба ибораи дигар, тайёрии хатмкунандаи мактаби олӣ ба фаъолиятиояндаи касбӣ ҳамчун шарти рақобатпазирии ӯ дар бозори меҳнат фаҳмида мешавад.

Маҷмӯи зарурии салоҳиятҳои касбии хатмкунандагони мактабҳои олӣ дар стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шудаанд. Салоҳиятҳои касбии мутахассиси ҷавон дар раванди иҷро намудани фаъолияти касбӣ ва муносибати касбӣ зоҳир мегарданд, ки аз донишҳо, маҳорату малакаҳои барои фаъолияти касби зарурӣ иборатанд. Маҷмӯи салоҳиятҳои касбиро моҳият ва мазмуни фаъолияти касбӣ муайян менамояд.

Яке аз салоҳиятҳои касбӣ шавқу ҳавас ва кӯшиши донистани нозукиҳои фаъолиятиояндаи касбӣ мебошад. Шавқу ҳавас ва эҳтиром ба арзишҳои фаъолияти касбииояндаи

мутахассиси ҷавон бояд дар мактаби олӣ ташаккул ёбанд. Ташаккули арзишҳои касбӣ кӯшиши мутахассиси ояндаро барои дарки манфиати фаъолияти касбӣ афзун мегардонад.

Салоҳияти дигари касбии мутахассиси оянда ташаккули сифатҳои муайяни шахсӣ мебошад, ки имконияти иҷрои фаъолияти касбиро таъмин менамоянд.

Бояд гуфт, ки мутахассисон дар вақти иҷрои фаъолияти касбӣ на танҳо вазифаҳои хизматиашонро анҷом медиҳанд, балки вазифаҳои иҷтимоиро низ иҷро мекунанд. Ҳангоми ба кор даромадан ва иҷрои вазифа онҳо бо намояндагони касбу кори гуногун ва сохторҳои иҷтимоӣ ҳамкорӣ мекунанд. Муваффақияти касбии мутахассисони оянда ба он вобаста аст, ки бо ҳамкорон ва одамони дигар чӣ гуна муносибат ва ҳамкорӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, рақобатпазирии хатмкунандаи мактаби олӣ дар бозори меҳнат аз рӯйи салоҳиятнокӣ ва тайёрӣ ба фаъолияти касбӣ муайян карда мешавад.

Баъди омӯзишу баррасии ин масъала ба хулосае расидем, ки тайёрии хатмкунанда ба фаъолияти касбӣ, ҳамчун мутахассиси рақобатпазир, аз татбиқи шартҳои зерин дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ вобаста аст:

- таъмини ҳамбастагии муносибати салоҳиятнок ва проблемавӣ дар таълим. Ҳамбастагии ин муносибатҳо, алоқаи онҳо, пурра кардани сифатҳои беҳтарини якдигарӣ, мувофиқат ва таъсири якҷоя ба раванди педагогӣ мебошад. Таъсири якҷояи ин муносибатҳо дар рафти ҳамкорӣ миёни онҳое, ки донишу таҷриба доранд, ба вуқӯъ мепайванданд;

- устодон ва миёни онҳое, ки ин муносибатҳоро меомӯзанд- донишҷӯён моҳияти таълимро ташкил медиҳанд. Ин ҳамкорӣ метавонад дар шакли лексия, семинар, дарсҳои амалӣ ва дигар шаклҳои ташкилии кори таълим, дар шароитҳои муайян: аудитория, толор, лаборатория гузаронида мешаванд. Лексия оид ба тахассус метавонад дар шакли мубоҳиса бо истифодаи таълими проблемавӣ гузаронида шавад. Пешниҳод менамоем, ки дар дарсҳои амалӣ аз методҳои фаъоли таълим чун методи кейс, бозиҳои таълимӣ, методикаи мунозира ва ғайра истифода бурда шавад. Методҳои фаъоли таълим имкон медиҳанд, ки донишҳои назариявӣ оид ба фаъолияти касбӣ мустаҳкам шаванд ва муносибати арзишманд нисбат ба фаъолияти касбии минбаъда ташаккул ёбад;

- татбиқи таълим дар асоси барномаи таълими инфиродии донишҷӯ дар давраи муайяни таҳсил бо назардошти арзишҳои фаъолияти касбии оянда. Таҳти мафҳуми барномаи таълими инфиродии донишҷӯ барномаи фаъолияти шахсии донишҷӯ дар як давраи муайяни таҳсил фаҳмида мешавад. Асоси таҳияи барномаи таълими инфиродии донишҷӯро муносибати инфиродӣ ба ҳар як донишҷӯ ташкил медиҳад. Инфиродигардонии таълим бо роҳи интихоби мазмун, бартарафнамоии мушкилот ва муҳлати иҷрои супоришҳои ҷудогона ба роҳ монда мешавад.

Хулоса, дар шароити ҷомеаи муосир дар бозори меҳнат талабот ба мутахассисони дорои салоҳиятҳои касбӣ зиёд мешавад. Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд раванди таълим ва тарбияро дар асоси салоҳият ва салоҳиятнокӣ ташкил карда, мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнатро тибқи талаботи ҷомеаи имрӯза тайёр намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Атаккуллаев У.И. Развитие системы образования Таджикистана в новых социально-экономических условиях: дисс. ... канд. пед. наук / У.И. Атаккуллаев. – Душанбе, 2010. – 146 с.
2. Абдуллина С.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования / С.А. Абдуллина. –2-е изд. перераб. и доп. –М.: Просвещение, 1990. –С.40-141.
3. Закон Республики Таджикистан «О высшем и послевузовском профессиональном образовании». Принят 8 декабря 2003 г.
4. Бацын В.К. Национальная школа: между прошлым и будущим / В.К. Бацын. – М.: Прсвещение, 1993. – 319 с.
5. Вербицский А.А. Личностный и компетентностный подходы в образовании: проблемы интеграции / А.А. Вербицский, О.Г. Ларионова. – М.: Логос, 2009. – 336 с.
6. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №334 аз 30 июни соли 2012.
7. Дармедехин С.В. О разработке современной стратегии воспитания / С.В. Дармедехин. -М.: Интор, 1996. -554 с.
8. Калиновский Ю.И. Психолого-педагогические основы проектирования, организации и развития региональной системы образования / Ю.И. Калиновский. – М.,1994. – С.3-80.


## ТАЙЁРИИ ХАТМКУНАНДАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ БА ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ОЯНДА ҲАМЧУН ШАРТИ РАҚОБАТПАЗИРИИ Ӯ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои омода намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Мафҳуми “рақобатпазирии хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар

заминаи таҳқиқоти анҷомёфта шароитҳои омодагии хатмкунандагон ба фаъолияти касбӣ пешкаш гардидаанд. Дар мақола ҳамзамон заминаҳои рушди рақобатпазирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон дода шуда, зарурати боз ҳам тақвият бахшидани ин раванд асоснок карда шудааст. Инчунин, роҳу воситаҳои гуногуни баҳодиҳӣ оид ба рақобатпазирии мутахассисони ҷавон дар бозори меҳнат ва бо ҷойи кор таъмин шудани онҳо нишон дода шудаанд. Ғайр аз ин, дар мақола салоҳиятҳои касбии хатмкунандагони мактабҳои олӣ низ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.
**Калидвожаҳо:** хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, омодагӣ ба фаъолияти касбии оянда, салоҳиятнокӣ, рақобатпазирӣ.

**ГОТОВНОСТЬ ВЫПУСКНИКА ВУЗОВ К БУДУЩЕЙ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КАК УСЛОВИЕ ЕГО КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ**

В данной статье рассматривается проблема подготовки конкурентоспособных выпускников вузов. Проведен анализ понятия «конкурентоспособность выпускника вуза». На основе проведенного исследования установлены условия готовности выпускника к профессиональной деятельности. В статье также показаны предпосылки развития конкурентоспособности выпускников вузов и обоснована необходимость ускорения этого процесса. А также в статье показаны пути и критерии оценки конкурентоспособности молодых специалистов и условия их обеспечения новыми рабочими местами. Кроме того, в статье рассматривается профессиональная компетентность выпускников вузов.
**Ключевые слова:** выпускник вуза, готовность к будущей профессиональной деятельности, компетентность, конкурентоспособность.

**READINESS OF A UNIVERSITY GRADUATE TO FUTURE PROFESSIONAL ACTIVITY AS A CONDITION OF ITS COMPETITIVENESS**

In this article examines the problem of preparing competitive university graduates. The analysis of the concept of "competitiveness of a university graduate". On the basis of the conducted research, the conditions of graduate readiness for professional activity were established. In the article also shows the prerequisites for the development of the competitiveness of university graduates and substantiates the need to accelerate this process. Also, in the article shows the ways and criteria for assessing the competitiveness of young professionals and the conditions for their provision with new jobs. In addition, in the article examines the professional competence of university graduates.
**Key words:** graduate, ready for future professional activity, competence, competetitiveness.

**Сведения об авторах:** ***Хайдарзода Шомурод Хайдар*** – Академия Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, кандидат педагогических наук, начальник факультета №5. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мастонгулова 3. Тел.: **(+992) 939-22-52-19**
***Давлатшоева Азиза*** – Академия Министерства внутренных дел Республики Таджикистан, кандидат педагогических наук, начальник кафедры языков факультета №2. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мастонгулова 3

**Information about authors:** ***Haydarzoda Shomurod Haydar*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Faculty No. 5. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulova Street 3. Tel.: **(+992) 939-22-52-19**
***Davlatshoeva Aziza*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Languages of the Faculty No. 2. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulova Street 3

**УДК: 371+378 (575.3)**

# АРЗИШИ ПЕДАГОГИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНТЕРАКИВӢ ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***Шарифов М.***
**Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Як зумра олимони соҳаи дидактика бар он ақидаанд, ки дар сохтори методҳои таълимӣ танҳо ду усул – анъанавӣ ва интерактивӣ (ҳамфаъол) вуҷуд дорад. Ба андешаи мо, чунин пиндошт комилан хато аст, зеро садҳо методҳои дигаре вуҷуд доранд, ки байни худ фарқияти вижа доранд ва дар раванди таълим ба ҳам алоқаманд мебошанд. Масалан, барои пешниҳод намудани ҳалли ягон масъала дар гурӯҳ, пеш аз он ки хонандагон ба он ҷавоби хаттӣ ирсол намоянд, омӯзгорро зарур аст, ки аз методи интерактивӣ (ҳамфаъол) истифода намояд. Агар омӯзгор ташхиси кори худро бо андеша анҷом диҳад, ба хулосае меояд, ки ӯ пештар ҳам дар баъзе лаҳзаҳои дарс методҳои интерактивиро истифода кардааст. Аз ин бармеояд, ки усули интерактивии таълим тамоман методи нав набуда, дар гузашта ба таври номаълум истифода мегардидааст [3,с.63].

Бо усулҳои интерактивии таълим ошно гардида, омӯзгорон баъзан пеши худ суол мегузоранд: Оё вақти он нарасидааст, ки аз истифодаи усулҳои анъанавӣ даст кашем?

Албатта не. Зарур аст, ки дурбин бошем ва раванди дарсро бо дастовардҳои дидактикӣ ғанӣ гардонем. Методҳои педагогӣ олотеро мемонанд, ки барои иҷрои вазифаҳои гуногун равона мегарданд ва омӯзгор ҳатман дар раванди дарс бояд аз як намуд ба намуди дигари усулҳо гузашта тавонад.

Бархе аз омӯзгорон бар он андешаанд, ки сабаби асосии истифодаи усулҳои интерактивӣ шавқангез гардонидани раванди дарс аст. Аммо ин ин тавр нест. Ҳадафи ҳар гуна машғулият хеле васеътар аст нисбат ба шавқоварии он. Аз ҳамин лиҳоз андешае бармеояд, ки истифодаи танҳо як усули интерактивӣ чандон ба мақсад мувофиқ нест, дар ҳоле, ки дигар методҳо ҳам самараи хуб медиҳанд.

Барои ҳамин ҳам, пеш аз он ки усулро интихоб намоем, бояд дар назди худ хеле мушшахас ҳадафи таълимро гузорем. Агар зарурияти мустаҳкам кардани далелҳои муайян пеш ояд, ҳамон вақт истифодаи усулҳои интерактивӣ самарабахш мегардад. Дар амалияи 45 дақиқаи дарс омӯзгор метавонад аз ду-се усулҳои гуногун истифода бикунад. Омӯзгори ботаҷриба хеле хуб медонад, кай ва чӣ гуна усулҳои гуногунро истифода барад, то хеле муваффақона масъалаи бамиёнгузоштаро ҳаллу фасл намояд. Барои ба ин ҳадаф расидан якчанд лаҳзаҳои дарсро манзури омӯзгорони муҳтарам мегардонем.

Аввалан, ба роҳ мондани корҳои ташкилӣ. Мақоми баландро соҳиб гардидани омӯзгор дар ин самт самаранок тақсим карда тавонистани синф ба гурӯҳҳо маҳсуб меёбад.

Масъалаи дигар, эҳтиром гузоштан ба андешаи хонандагон мебошад. Дар таълими интерактивӣ омӯзгор иттилооти яктарафаро маҳдуд менамояд. Ба ҷойи он хонандагонро ба тарзи баён кардани фикр ва ақидаи худ сафарбар менамояд. Ин тарзи рафтор хонандагонро водор месозад дарк намоянд, на ҳамеша омӯзгорон ҷавоби боэътимоди ягона пешниҳод менамоянд ва аз ҳамин лиҳоз андешаи хонандагон низ муҳим аст.

Фазои таълимӣ ҳамчун як лаҳзаи дарс яке аз рукнҳои калидии усули ҳамфаъоли таълим аст. Барои дуруст истифода намудани усулҳои интерактивӣ ба амал бароварда тавонистани фазои таълимӣ муҳим мебошад. Мувофиқи имкониятҳо таҷҳизотро тарзе ҷойгузин намудан зарур аст, ки барои ҳаракати хонанадагону омӯзгор дар синф мувофиқ бошад, фаъолият дар гурӯҳҳо роҳат бошад ва сари вақт кумаки методӣ гирифта тавонанд.

Диққатҷалбкунии ҳамаи хонандагон низ як равиши вижаи ба амал баровардани дарси шавқангез ба ҳисоб меравад. Барои бештари синфҳо иштироки фаъоли хонандагон танҳо хосси хонандагони доимо иштироккунандаи раванди дарс ба шумор меравад. Онҳо дар ҳама ҳолат ба тамоми саволҳо ҷавоб мегӯянд, дар ҳоле ки бархе аз хонандагон хомӯширо пеша мекунанд. Барои он ки байни хонандагон ва омӯзгорон боварӣ ҳосил гардад, барои он ки хонанда худбоварона дар назди ҳамаи аъзоёни синф ҷавоб диҳад, ҳарчанде ки далелҳои пешниҳодшаванда аз ҷониби хонанда эътимодбахш нестанд ва ҷавоб нодуруст аст, омӯзгорро зарур аст, ки таҳаммулро пешаи худ интихоб намояд.

Кор дар гурӯҳ ва гурӯҳҳои хурд рукни дигари усули интерактивӣ аст. Бо зарурияти имкониятҳо метавон бо ҷуфт ва гурӯҳҳо фаъолияти таълимӣ бурд. Чунин шакли кор ба хонандагон имконияти бештари озодӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ медиҳад. Кор бо ҷуфт ва гурӯҳҳои хурдро метавон барои баёни нуқтаи назари гуногун ва ё қобилияти фикрронӣ доир ба ин ё он масъала, ки аз таҷрибаи корӣ бармеояд, ба амал баровард. Масалан, агар омӯзиш дар бораи ҳуқуқ баҳри сатҳи зиндагии шоиста равад, он гоҳ, пеш аз ҳама, бо аҳли синф ин масъаларо муҳокима бояд кард. Дар чунин ҳолат зарурияти кор кардан бо ҷуфт ва гурӯҳҳои хурд пеш меояд. Дар муддати 3-5 дақиқа ба хонандагон имконият дода мешавад, ки оиди зарурияти ҳуқуқҳо фикр намоянд.

Кор дар ҷуфт ва гурӯҳҳо водор месозад, ки онҳо қабули қарор ва иҷрои масъулиятро эҳсос намоянд. Дар раванди муҳокима норасоии унсурҳои умумии масъалаи бамиёнгузошта муайян мегардад. Яке аз бартарии кор дар ҷуфтҳо ба роҳ мондани ҳолати одии ташкилии фаъолият ба шумор меравад. Хонандагонро зарурият пеш намеояд, ки барои муҳокима бо ҳамтои худ якҷо бинишинад ва ба як хулосаи ягона биёянд.

Назорати пӯшида ҳам як усули кор бо гурӯҳ мебошад. Тавассути ин усул фаъолият дар гурӯҳҳои хурдро ба хубӣ аз як гӯша мушоҳида намудан мумкин аст, аммо барои он ки фаъолият самарабахш бошад, талаб карда мешавад, ки амали хонандагон зери назорати қатъӣ гирифта шавад. Бояд бодиққат аз болои гурӯҳҳо назорат бурд ва дар ҳолати зарурӣ барои ба самти дурусти кор равона кардан кумак расонид.

Аз сабаби он ки методҳои интерактивии таълим дар раванди омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, бавижа таърихи халқи тоҷик натиҷаҳои самарабахш додаанд, 24 лаҳзаи истифодаи ин усули манфиатборро ба алоқамандон ҳамчун маслиҳатҳои муфид пешниҳод

менамоем ва итминони комил дорем, ки истифодаи он ҳатман натиҷаҳои хуб ба бор меорад:

***Кор дар гурӯҳҳои хурд.*** Ин методи самарабахши муҳокимаи вазифаҳои дақиқ, ҳалли масъалаҳо дар коллективи хурди хонандагон ба шумор меравад. Шумораи муносиби иштироккунандагони гурӯҳ 4-5 нафар иштирокчӣ, дар баъзе ҳолатҳо то 5-7 нафар мерасад. Агар дар гурӯҳ зиёда аз 7 нафар иштирок намоянд, кори онҳо камсамар мегардад.

***Ҳайати омехтаи гурӯҳ.*** Масалан, баробарии шумораи писарбачагон ва духтарон натиҷаи хуб медиҳад. Ба гурӯҳҳо ҷудо намудан бо воситаҳои гуногун роҳандозӣ мегардад: синфро ба ҳисоб гирифта, омӯзгор онро ба гурӯҳҳои як, ду, се, чор ва ғайра тақсим менамояд, ё барвақттар ба гурӯҳҳо тақсим намуданро эълон намуда, омӯзгор таъмини баробарии қобилиятнокӣ ва маҳорату матонати хонандагонро дар гурӯҳ таъмин менамояд.

***Эҳтироми андеша.*** Дар ҳоли кор бурдан бо гурӯҳҳо муҳиммияти эҳтироми мутақобилаи фикру андешаи хонандагон ва омӯзгор бояд ба инобат гирифта шавад.

***Презентатсия (намоиши электронӣ).*** Баъди иҷрои масъала гурӯҳҳо кори худро ба шакли намоиши электронӣ тайёр менамоянд.

***Идораи вақт.*** Дар вақти кор бо гурӯҳҳо зарур аст, ки чаҳорчӯбаи вақт назорат карда шавад.

***Нақш дар гурӯҳҳои хурд.*** Нақши функсионалиро метавон ба шакли зерин тақсим намуд:

*Таҳиягари намоиши электронӣ* – хонанда, ки дар бораи ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳ ва қарори қабулнамудаи онҳо хабар медиҳад;

*Қарорнавис* – хонандае, ки муҳокима ва ҳолатҳои асосии қарори баровардардаи гурӯҳро қайд намудааст;

*Ташкилотчӣ* – хонандае, ки ба аъзоёни гурӯҳ сухан медиҳад, гурӯҳро барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда сафарбар менамояд ва аз болои вақт назорат мебарад.

Омӯзгор хоҳиши хонандагонро дар интихоби нақш ҳавасманд мегардонад ва дар ҳолати зарурӣ метавонад онро иваз намояд.

Нақши омӯзгор дар гурӯҳҳои хурд аз омехта намудани гурӯҳҳо, назорат намудан, ҷалб намудани диққати хонандагон ба масъалаи гузошташуда, додани саволҳо ва ҳал намудани мушкилот ба шумор меравад. Дахолат намудани омӯзгор ба кори гурӯҳ ҳамон вақт ба амал меояд, ки онҳо моҳияти гузориши масъаларо нафаҳмидаанду ба кумак ниёз доранд. Ба ҳар ҳол, андешаи мо ин аст, ки дар раванди чунин усули дарс омӯзгор бояд таҳаммулпазир бошад, ҳамчун шахсияти ҳамадон ва ба сифати кумакрасон фаъолият намояд. Агар омӯзгор дар кори гурӯҳҳо дахолат карданӣ бошад, танҳо метавонад дар нақши саволгузоранда баромад намояд, на дар нақши ҷавобдиҳанда ба саволҳо. Зарур аст, ки омӯзгор ба хонандагон фаҳмонад, ки кор кардан дар гурӯҳ ин бозӣ набуда, балки ҳал намудани проблемаҳо мебошад.

***Гузориши масъала.*** Пеш аз тайёрӣ ба дарс омӯзгор уҳдадор аст, ки ҳалли масъалаи матраҳшавандаро ба нақша гирад. Дуруст интихоб намудани мавзӯъ, хеле дақиқ муайян намудан ва сари вақт ба роҳ мондани масъала диққати хонандагонро ҷалб менамояд ва фаъолнокии онҳоро дар раванди машғулият ба амал мебарорад. Саволҳо мумкин аст, ки хонандагонро ба баҳс водор намоянд ва маводи омӯхташавандаро ба системаи муайян ворид созанд. Интихоби саволҳо тамоми раванди машғулиятро муайян месозад. Саволҳое низ пайдо мешаванд, ки барои арзёбии сатҳи дониш кумак мерасонанд, диққати хонандагонро таъмин менамоянд ва барои нисбатан жарфтар омӯхтани мавзӯъ кумак мерасонанд. Саволҳо метавонанд чунин бошанд:

Саволҳои пӯшида, ки ҷавоби ягонаи «ҳа» ва ё «не»-ро талаб мекунанд. Мисол: «Оё Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9-сентябри соли 1991, маънои ҷудошавӣ аз ИҶШС-ро дошт?»

Саволҳои кушодаро, ки муҳокимаро тақозо менамояд, дар мисоли «Шумо чӣ гуна фикр доред, оё мумкин буд, ки дар солҳои барқарорсозии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ ҷанги шаҳрвандиро ба манфиати он истифода бурд?» ва амсоли он ба миён гузоштан мумкин аст. Саволҳои кушода дар дарки ҳақиқати равандҳои таърихӣ нисбатан қавитар мебошанд. Саволҳо ҳатман бояд фаҳмо ва мушаххас бошанд.

***Мусоҳиба*** яке аз воситаҳои хуби васеъ намудани фаҳмиши хонандагон доир ба ҳаёти ҳақиқии халқи тоҷик дар раванди омӯзонидани таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад. Масалан, аҳли синф дар лаҳзаи омӯзиши мавзӯи «Иштироки калонсолон дар солҳои

Ҷанги Бузурги Ватанӣ» сарчашмаи муҳимми иттилоот, дар бораи чӣ гуна тағйир ёфтани ҳаёти кӯдакон дар солҳои ҷанг, масъалаи оё онҳо соҳиби падару модар, бобо, бибии худ буданд ё не, ба миён меояд. Дар чунин ҳолат яке аз усулҳои мувофиқ *мусоҳиба* ба шумор меравад.

***Ба амал баровардани иттилоот.*** Воситаи хуби дигари азхудкунии дониш ба амал баровардани иттилоот дар шакли дигар ба шумор меравад. Хонандагон ҳикояро гӯш карда, аз он иттилооти муҳимро ҷудо менамоянд ва тарзи дурусти баёни онро аз бар мекунанд. Онро метавонанд шифоҳӣ, дар суратшаклҳо ва хаттӣ ба амал оранд. Ин усул ба рушди дарк, назорат, қобилияти интихоб намудани афкори мантиқӣ кумак мерасонад.

***Истифодаи маводҳои ВАО (воситаҳои ахбори омма).*** Дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик бештар маводҳои васоити ахбори омма истифода мешаванд. Мақолаҳои аҷиб ва хабарномаҳоро на танҳо омӯзгор, балки хонандагон интихоб менамоянд. Маводҳо барои гузаронидани музокироти умумӣ дар байни хонандагони синф ва инчунин дар ҷамъомадҳое, ки волидон ҷалб гардидаанд, ҳамин гуна ҷамъоварӣ карда мешаванд.

Дар баъзе ҳолатҳо хабарнигории ғайриобъективӣ барои қолабҳо ва эътимоднокӣ ба назар мерасанд. Инъикос ва ташхиси қолабҳо ба муқобилиятнишондиҳӣ дар ҳаёти ҳамарӯзаро ба хонандагон меомӯзонад ва дар онҳо малакаи муносибат намуданро инкишоф медиҳад. Барои ин зарур аст, ки як намуд мақоларо аз рӯзнома истифода бурда, аз нуқтаи назари мазмуни воқеа онро бо иттилооти рӯзномаҳои дигар муқоиса намуд. Барои таҳлили мақола омӯзгорро зарур аст, ки саволҳоро доир ба мавзӯъ таҳия намояд.

***Мунозира.*** Ҷузъиёти баҳс бояд дар ҳар дарс вуҷуд дошта бошанд. Дар шакли дилхоҳи мунозира сараввал бояд омӯзгор мушкилоти матраҳшавандаро барои муҳокима бо саволгузории мушаххас пешниҳод намояд. Баъди самти муҳокимаро муайян намудан, шароитро барои гуфтори ҳар як хоҳишманди ақидаашро иброзкунанда таъмин намояд. Дар итмом омӯзгор бо алоқамандии хонандагон ақидаҳои асосии мунозирарро ҷамъбаст менамояд. Дар ин раванд диққати хонандагонро бояд ба масъала ҷалб намоем, то ин ки фаъолияти тамоми синфро баҳо гузошта консепсияи асосиро мустаҳкам намоем. Агар хонандагон ба ҷамъбасти интизорӣ даст наёбанд, омӯзгорро зарур аст мунозираро муқоиса намояд.

***Тамошои филмҳо.*** Тамошои филмҳо барои гузаронидани музокираҳо хеле мувофиқ мебошад. Маводҳои видеоӣ барои гузаронидани мубоҳисаҳо ба хонандагон кумак мерасонанд ва ҳолатеро ба амал меоранд, ки онҳо худро дар нақши қаҳрамони филм ҳис менамоянд ва кӯшиши мавзӯи омӯзиширо ба ҳаёти ҳақиқӣ алоқаманд кардан ба амал меояд.

***Ҳуҷуми фикрӣ.*** Воситаи самаранокии ҳадаф он аст, ки омӯзиши мавзӯи нав аз ибтидо бояд ба хонандагон маълум бошад. Ин гуна муносибат шавқу завқи хонандаро бедор менамояд. Барои чунин ҳолатро ба амал овардан, метавон усули *«ҳуҷуми фикрӣ»*-ро истифода кард, ки он шакли зудёбӣ, самаранок, муҳокимаи дастаҷамъона ва роҳи баёни озоди ақидаи ҳамаи хонандагонро ба амал меорад [11,с.215]. «Ҳуҷуми фикрӣ»-ро метавон инчунин барои нақли нотамом истифода кард.

Муҳокимаи гурӯҳии андеша доир ба ин ё он мушкилот ин роҳ ба рушди эҷодӣ ва тафаккури ғайриодӣ мебошад. Бо роҳи «ҳуҷуми фикрӣ» дар ҳамагӣ якчанд дақиқа мумкин аст даҳҳо ақидаро ба даст даровард.

Дар усули «ҳуҷуми фикрӣ» зарур аст, ки фаъолнокии ҳамаи хонандагон баҳогузорӣ гардад. Барои ҳамин, танқид намудан ва арзиш гузоштани андеша мутлақо хато мебошад. Танҳо ҳар як андешаро дар алоҳидагӣ омӯхта, ба хонандагон онро шарҳ додан зарур аст.

***Бозиҳои нақшофарӣ.*** Дар раванди машғулият мумкин аст зарурияти эҳсоси ҳамдардӣ ва дарки фаҳмиши ҳолати одамони ғайр дар хонандагон ба амал ояд. Дар чунин вазъият усули бозиҳои нақшофарӣ ва саҳнавӣ истифода мегардад. Маслан, хонандагон метавонанд нақши волидонро дар ҳоле, ки кӯдакро барои сайругашт мебаранд ва он чӣ гуна бояд ба анҷом расадро метавонанд иҷро намоянд. Муҳим он аст, ки бозиҳои нақшофарӣ танҳо машқи бозӣ набошанд. Бояд он ҳаёти ҳақиқиро тақлид намояд ва баъзан саволҳоеро ба амал орад, ки ба он ҷавоб гардонидан осон набошад. Барои ҳамин ҳам баробари ба анҷом расидани бозиҳои нақшофарӣ зарур аст, ки вақт барои таҳлил ва мустаҳкамкунии таҷрибаи хонандагон ҷудо карда шавад.

Истифодаи бозиҳои нақшофарӣ ҳассосиро талаб менамояд. Омӯзгорро зарур аст, ки эҳсоси хонандагони алоҳидаро эҳтиром намояд ва баромади сохтори иҷтимоию синфии онҳоро ба мадди назар гирад [2,с.76].

Баъди ба анҷом расидани бозиҳои нақшофарӣ ва ё саҳнача зарур аст, ки иштирокдорони он аз нақш бароянд. Ин барои он ба амал баровард мешавад, ки дар хонандагон имконияти тамошо намудани ҳолати воқеии баамаломада пайдо гардидааст, яъне аз як тараф, на аз ҳолати иштироккунанда.

***Кор бо китоби дарсӣ.*** Омӯзиши таърихи халқи тоҷик кор бо китоби дарсиро, ки дар он мавод барои хониш, саволҳо, супоришҳо, таблитсаҳо ва схемаҳо дарҷ гардидаанд, зарур мешуморад. Дар асоси маводҳои китоби дарсӣ омӯзгор метавонад вазифаи хонагӣ диҳад ва метавонад ҳалли масъалаҳоро дар синф ба роҳ монад. Баъзан мавзӯъҳо сарчашмаҳои таърихӣ, инчунин шаклҳои гуногуни санадҳо, пеш аз ҳама, шартномаҳои байнидавлатӣ ва байналхалқии аз ҳуҷҷатҳои гуногун гирифташуда, схемаҳо, диаграммаҳо, расмҳои сужавӣ, деворнигораҳо, харитаҳои таърихӣ ва ғайраро фаро мегиранд. Маҳз ҳамаи ин ҷузъиётҳои ғанигардонии мавзӯъ дар китоби дарсӣ оварда мешавад ва бидуни омӯзиши он хонанда ба ҳадаф расида наметавонад [3,с.355].

***Лексияи хурд.*** Лексияи хурд ин иттилооти кӯтоҳ, фишурдашуда ва иншои мавод доир ба масъалаи мушаххас ба шумор меравад. Барои гузаронидани лексияи хурд вақтро мушаххас ба нақша гирифтан лозим аст. Инчунин, барои ба амал баровардани лексияи хурд зарур аст, ки хонандагон дафтари конспект омода намоянд ва муҳтавои он дар дафтар дарҷ гардад. Маводи лексия бояд мундариҷаи китоби дарсиро ғанӣ ва илова гардонад. Барои он ки диққати хонандагон ба лексия коста нагардад, омӯзгорро зарур аст, ки пешакӣ садои дурусти лафзӣ (масалан модули садоӣ), садои визуалӣ (истифодаи имову ишора, слайдҳо) ва ишораи сенсорӣ (ҳаракат дар синф дар ҳоли ҷудо нагардидан аз лексия)-ро ба нақша гирад. Дар ҳолате ки чунин амалҳо анҷом дода нашаванд, дарси лексионӣ дилгиркунанда ва бесамар мегардад.

***«Мавқеъёбӣ».*** Дар раванди дарс баъзан ҳолатҳое ба амал меоянд, ки имконияти дарёфти ҷавоби ягона ба саволи матраҳшаванда пайдо намегардад. Ақидаронии аҳли синф метавонад тақсим гардад. Дар чунин ҳолат зарурияти истифодаи усули интерактивии «*мавқеъёбӣ»*, ки барои муҳокимаи масъалаи баҳснок хеле муфид аст, пеш меояд [2,с.91]. Ин усулро метавон дар муқаддима бо роҳи имкониятҳои гуногун ва ё дар ҷамъбасти мавзӯи омӯзишӣ истифода кард. Усули «мавқеъёбӣ» барои муайян намудани сатҳи аз худ кардани мавзӯъ аз ҷониби хонандагон хонандагон хеле муҳим аст.

Барои гузаронидани ин усули интерактивӣ зарур аст, ки дар ду гӯшаи муқобили синф плакат бо навиштаҷоти *«Мувофиқам»* ва *«Мувофиқ нестам»* овехта шавад. Дар байни плакатҳо боз як навиштаи дигар-*«Шубҳа дорам»* овехта мешавад. Плакатҳо нуқтаи назари мухолифро доир ба ин ё он савол инъикос менамоянд. Масалан, савол ин гуна гузошта мешавад: «Оё дар байни босмачиён тарафдорони Ҳокимияти Шӯравӣ буданд?» ба хонандагон фаҳмонида мешавад, ки дар назди плакати дилхоҳ, ки андешаи онҳо доир ба савол мувофиқ аст, ҷой гиранд ва бо далел андешаи худро иброз намоянд. Пас аз он ки ҳамаи далелҳо гуфта шуданд, омӯзгор ба хонандагон мурoҷиат менамояд: «Кӣ дар рафти баҳс нуқтаи назари худро тағйир дода, аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаштан мехоҳад?». Хоҳишмандоне, ки мавқеи худро тағйир додан мехоҳанд, бояд қарори худро яқинан асоснок намояд.

***Схемаҳо ва таблитсаҳо.*** Гузаронидани дарси таърихи халқи тоҷик қариб бе истифодаи харита, схема, таблитса ва диаграмма аз имкон берун аст. Яке аз роҳҳо муайянкунии таносуби таблитса ва моҳияти мазмуни мавзӯъ ба шумор меравад. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки пешакӣ таблитсае омода созанд, ки дар як тараф номи мафҳум ва дар муқобил моҳияти он муайян карда шавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки муайяншавандаро бо алоқамандии фаҳмиши он муқоиса намоянд.

Кор бо таблоро мумкин аст барои мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда ва ё тафтиши вазифаи хонагӣ истифода намуд. Масалан, бо ин роҳ метавон лаҳзаҳои умумӣ ва фарқияти ин ё он воқеаҳои сиёсӣ-иҷтимоии кишварро дар даврахои гуногуни таърихии он мавриди пурсиш қарор дод.

***«Ҷадвали афкор».*** Барои он ки ба хонанда кумак намоем, то андешаи худро доир ба мавзӯъ иброз намояд, аз *«ҷадвали афкор»* ҳамчун усули интерактивӣ метавон истифода бурд. Ин усул ба омӯзгор тасаввуротро дар бораи арзишмандии афкори хонанда медиҳад ва имконият медиҳад дарк намояд, ки то кадом андоза пас аз гирифтани иттилоот тағйироти андеша дар ӯ ба амал омадааст.

Барои он ки ин машқро ба хубӣ роҳандозӣ намояд, омӯзгорро зарур аст, ки намунаи ҷадвалро дар синф овезад ва ё ҳеҷ набошад, дар тахтаи синф онро кашад. Дар ҷадвал шакли кӯтоҳи андеша ба монанди: *«Пурра мувофиқам», «На чандон тарафдорам», «Дар*

*маҷмӯъ тарафдорам», «Боварӣ надорам», «Комилан розӣ нестам»*, нишон дода мешавад. Ҳар як хонанда андешаи худро дар алоқамандии ченаки ҷадвал пешниҳод менамояд. Пас аз лаҳзаи ҷамъбастӣ аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки андешаи худро тавзеҳ диҳанд.

***Кластер -*** мустақилона ташаккул додани ақидаи худ, дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ ба шумор меравад. Кластер схемаи хислати хос доштаи андешаронӣ аст [2,с.96]. Дар вақти истифодаи ин усул бомуваффақият мавзӯъҳои пешина такрор карда мешаванд ва донишҳои нав фаъол мегарданд.

Раванди истифодаи ин усул дар шакли зерин аён мегардад. Дар мобайни саҳифа номи мавзӯъ навишта мешавад ва дар атрофи он ба намуди давраашакл якчанд схемаи андешаронӣ ба шакли савол пешниҳод мегардад. Ба монанди схемаи зерин:




Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки мавзӯъро муҳокима намоянд ва андешаҳои худро дар схемаи атрофи мавзӯъ ҷой диҳанд. Чунин тарзи саволгузорӣ имконият медиҳад, ки алоқамандии мантиқӣ-фикрӣ ва ҳамбастагии байни унсурҳои кластерро таъмин намояд.

***Муаммо ё ҳодисаи ғайриодӣ.*** Дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик бештар ҳодисаҳои ногаҳонӣ ва муаммоҳо низ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ташхиси муаммоҳо як намуди омӯзиш ба шумор рафта, ба самти таҳқиқот равона карда шудааст. Ин усул барои он истифода карда мешавад, ки хонандагон назарияи таърихиро бо амалияи ҳолати ҳаёти воқеӣ ба амал бароварда тавонанд. Хонандагон бо ин усул худашон андешаҳои худро таҳлил намуда, хулосабарорӣ менамоянд.

Бештари муаммоҳо дар худ ҷузъиётҳои навиштани далелҳо, пешниҳоди мушкилот, иқтибос аз бурҳон ё шакли гуногуни ҳолатро доранд, ки дар раванди ҳалли масъалаҳои баҳснок таъсири худро мегузоранд. Муҳокимаи умумӣ дар синф далеле мебошад, ки дар мундариҷаи муаммоҳо мавҷуд аст. Аз ҳамин нуқтаи назар дар раванди таҳқиқот жарфтар омӯзиш ва кушодани он ба миён меояд. Баъдан коркард ва муҳокимаронӣ бо далелҳои асосноки «тарафдор» ё «муқобил» ба анҷом мерасад. Дар фаровард хонандагон пешниҳод

ва хулосабарориро бо мақсади баромадан аз ҳолати бамиёномада пешниҳод мекунанд. Мувофиқи қоида ҷавоби дуруст дода намешавад, аммо омӯзгор барои муқоисакунӣ мумкин аст барои болидахотирӣ ва қарори ҳақиқӣ нақл намояд.

Дар раванди муҳокима хеле муҳим аст, ки фазои баамаломадаи боварӣ ва ошкорбаёнӣ дастгирӣ нигоҳ дошта шавад. Хонандагон ҳатман бояд боварӣ дошта бошанд, ки ақидаи онҳо чӣ гунае ки набошад, қабул карда мешавад ва бодиққат гӯш карда мешавад.

***Рӯзнома.*** Ҳадафи асосии ин усул шарҳи матн ба шумор меравад. Ба воситаи он тамоми иттилооти бадастомада тавассути таҷрибаи шахсӣ паҳн карда мешавад.

Кор бо ин усул ба шакли таблитса барои музокира таҳия карда мешавад. Рӯзнома имконият медиҳад, ки хонандагон андешаҳои гуногуни худро доири мавзӯъ пешниҳод намоянд. Қабл аз он ки фаъолият оғоз ёбад, ба хонандагон мавзӯъ эълон карда мешавад ва аз онҳо талаб карда мешавад, ки лаҳзаҳои ҳассосро аз ҳаёти хеш дар алоқамандӣ бо мавзӯъ пеши назар оранд. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд ба хотир оранд, ки манзараи ғайриодӣ ба тафаккур ва ҳаёти ояндаи онҳо чӣ гуна таъсир мегузорад. Пас аз ин хонандагон аз матн ва шарҳи худ иқтибосҳои ҷолибро дар таблитса ҷой медиҳанд. Таблитсаро метавон ба шакли зерин таҳия намуд:

| Иқтибос | Шарҳ |
|---|---|
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |
| 3. | 3. |

Илова бар ин, барои кумаки хонандагон дар тахтаи синф саволҳои ёрирасон навишта мешаванд. Ба монанди:

- Дар шумо иқтибос кадом эҳсос ва андешаро ба амал овард?
- Шумо ба андешаи муаллиф розӣ ҳастед (розӣ нестед)?
- Порча кадом монандии андешаро дар шумо ба миён овард?

Пас аз ин муҳокима дар гурӯҳи умумӣ, ҷуфт ва гурӯҳҳои хурд ба вуқӯъ мепайвандад. Омӯзгор, дар навбати худ, муайян месозад, ки чаро хонандагон чунин иқтибосҳоро интихоб намудаанд ва дар киҳо мувофиқати андешаҳо ба назар мерасад. Дар анҷоми кор пешниҳоди навиштани эссеро ба хонандагон додан мумкин аст.

***НАШМ*** (кӯтоҳкардашуда аз «нақш – аудитория – шакл – мавзӯъ») хеле хуб бо дигар усулҳо ҷӯр мегардад. Мисол, бо «ҳуҷуми фикрӣ» дар вақти кор кардан бо гурӯҳҳо, ҷуфтҳо ва гурӯҳҳои хурд дар ҳоли ба миён омадани имконият, мурочиати хаттӣ ё талаб ба воситаи хонандаи дигар.

Дар вақти кори НАШМ фазои эҷодӣ ба вуқӯъ пайваста, имконияти интихоби мавзӯъ ва эҳтироми нуқтаи назари гуногун ба амал меояд. Хонандагон қобилиятнокии худро нишон дода, ақидаҳои худро ҷустуҷӯ намуда, ба шакли хаттӣ менависанд. Пас аз он ки хонандагон ҳамаи маводҳои таҳиягардидаро муайян менамоянд, ба онҳо барои навиштани эссе дар синф ё хона дастур дода мешавад.

Қадами дигар он аст, ки хонандагон эссеи навиштаи якдигарро дар ҷуфтҳо мехонанд ва баъдан дар назди тамоми аҳли синф дар нақши муаллиф баромад менамоянд. Хонандагони дигар савол пешниҳод менамоянд ва андешаи худро доир ба эссе иброз менамоянд.

***Рӯйхати андеша*** усулест, ки донишро ба низом медорорад ва дарки омӯзишро мустаҳкам менамояд. Барои истифодаи ин усул зарур аст, ки мафҳумҳоро дар рӯйхат ба шакли низоми иерархӣ гузошта, баъдан алоқаи байни онҳоро ҷо ба ҷо кунем. Илова бар ин, дар вақти сохтани рӯйхат аз алоқаи тартиб канораҷӯӣ намудан зарур аст. Сараввал, бояд мақсаднок «макрорӯйхат», ки андешаи асосиро дар бар мегирад ва баъдан «микрорӯйхат» барои нишон додани сохтори воқеии мавзӯъ нишон дода шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Саидов С.А. Педагогические особенности применения компьютерных технологий в школьном обучении. Монография / С.А. Саидов. – Душанбе, 2018. – 206 с.
2. Шарифов М. Применение интерактивных технологий в обучении истории таджикского народа. Монография / М. Шарифов. - Душанбе, 2018.- 156 с.
3. Подласый И.П. Педагогика. Книга 1-2. Педагогика. - М., 1999.- 576 с.
4. Абдусамади М. Ташкили ҷараёни таълим ва талабот ба дарси муосир. Дастури таълимӣ / М. Абдусамади, Ш. Мирзошарифи. - Душанбе: Деваштич, 2007.

5. Блинов В.М. Эффективность обучения. Учеб. пособие / В.М. Блинов. - М., 1976. – 191с.
6. Божович Б.Д. Процесс учения: контроль, диагностика, коррекция, оценка. Учеб. пособие / Б.Д. Божович. - М., 2005.
7. Кашлев С.С. Интерактивные методы обучения. Учеб. пособие / С.С. Кашлев - М., «Тетра Системс», 2013 - 224 с.
8. Кларин М.В. Педагогические технологии в учебном процессе: Анализ зарубежного опыта. Учеб. пособие / М.В. Кларин. - М.,1989. - 225 с.
9. Марион Я. Татбиқи усулҳои фаъоли таълим. Дастури таълимӣ / Я. Марион, Ф. Мирзоахмедов. – Душанбе, 2002.
10. Мирзоахмедов Ф. Методҳои самарабахши таълим. Дастури таълимӣ / Ф. Мирзоахмедов, Б. Боев, З. Шукурова. – Душанбе: Матбуот, 2008.
11. Саидов С.А. Современные технологии обучения языкам. Учебное пособие / С.А. Саидов, М. М. Товбаева. - Душанбе, 2018. – 218 с.
12. Педагогика высшей школы. Учеб. пособие / Э.Г. Скибицкий, В.В. Егоров, С.М. Ударцева, Г.М. Смирнова, И.И. Ерахтина, В.В. Готтинг. – 2-е изд. доп. и перераб. – Караганда: КарГТУ, 2013. – 409 с.
13. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ-методӣ. -Душанбе, 2004. -128 с.

## АРЗИШИ ПЕДАГОГИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНТЕРАКИВӢ ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои муҳимми зарурияти истифодаи усулҳои интерактивии таълим дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик баррасӣ шудаанд. Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти зиёди илмӣ қайд менамояд, ки истифодаи усулҳои ҳамфаъоли таълим бар хилофи пиндори баъзе кормандони соҳа методҳои тамоман нав набуда, балки дар шакли ноаён даргузашта низ истифода мешуданд. Ин фарзия аз ҷониби муаллиф асоснок гардида, дар мақола инъикоси худро ёфтааст. Даст кашидан аз истифодаи усули анъанавии таълими таърихи халқи тоҷик, ба андешаи муаллиф, аз имкон берун аст. Ин ақида бар хилофи ақидаи баъзе омӯзгорон аст, ки андешаи даст кашидан аз методҳои анъанавии таълимро тавсия медиҳанд. Ба андешаи муаллиф, методҳои педагогӣ олотеро мемонанд, ки барои иҷрои вазифаҳои гуногун равона мегарданд ва омӯзгор ҳатман дар раванди дарс бояд аз як намуд ба намуди дигари усулҳо гузашта тавонад. Агар омӯзгор ташхиси кори худро бо андеша анҷом диҳад, ба хулосае меояд, ки ӯ пештар ҳам дар баъзе лаҳзаҳои дарс методҳои интерактивиро истифода кардааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур хеле возеҳу равшан бартарии истифодаи методҳои интерактивии таълими фанни таърихи халқи тоҷик нишон дода шудааст. Хусусан муаллиф 24 ҳолати истифодаи усули интерактивии таълимро бо тавзеҳоти хеле ҷолиб дар мақола ишора намудааст.

**Калидвожаҳо:** интерактив, мусоҳиба, иттилоот, кластер, “ҳуҷуми фикрӣ”, нақшофарӣ, “мавқеъёбӣ”, схема, таблитса, афкор.

## ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ЦЕННОСТЬ ПРИМЕНЕНИЯ ИНТЕРАКТИВНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБУЧЕНИИ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

В статье расматриваются основные вопросы использования интерактивных технологий в обучении истории таджикского народа. Автор на основе изучения научной литературы подчёркивает, что применение интерактивных методов обучения не является новым методом, как это представляют некоторые работники отрасли. Они существовали раньше и использовались скрытно. Данная точка зрения отражена автором в статье. Отказ от применения традиционных методов обучения истории таджикского народа, по мнению автора, нелогичен. Данная мысль звучит из уст некоторых педагогов, которые предлагают отказ от традиционных методов обучения. По мнению автора, педагогические методы - это есть орудие для исполнения разных задач, и педагог в процессе урока должен переориентироваться с одного метода на другой. Если учитель диагностирует свою работу, то он придёт к выводу, что он раньше в некоторых моментах использовал интерактивные методы обучения. Исходя из этого отмечается, что интерактивной метод обучения не является совсем новым методом, и в прошлом уже применялись некоторые его моменты. Таким образом, в статье чётко и ясно отражены преимущества использования интерактивных методов обучения в изучении истории таджикского народа. Особенно автор содержательно раскрывает и указывает в статье примеры (24) применения интерактивных методов обучения.

**Ключевые слова:** интерактив, интервью, информация, кластер, “мозговой штурм”, ролевые игры, “займи позицию”, схема, таблица, идея.

## PEDAGOGICAL VALUE OF APPLICATION INTERACTIVE TECHNOLOGIES IN TEACHING THE HISTORY OF TAJIK PEOPLE

The article examines the main issues and the use of interactive technology in teaching the history of the Tajik people. Based on the study of scientific literature, the author emphasizes that the use of interactive teaching methods is not a new method, which some workers in the industry are about. It existed before and was used invisibly. This point of view is reflected in the article by the author. According to the author, the refusal to use traditional methods of teaching the history of the Tajik people is not logical. This idea comes from the lips of some teachers who offer to abandon traditional teaching methods. According to the author, pedagogical methods are a tool for performing various tasks, and the teacher in the process of the lesson must reorient from one method to another. If the teacher diagnoses his work, he will come to the conclusion that he used interactive methods of teaching in some moments. Based on this, it is noted that the interactive method of teaching is not a completely new method in the past, some of its moments were used invisibly. Thus, the article clearly and clearly reflects the advantages of using interactive teaching methods in studying the history of the Tajik people. Especially the author informatively reveals and specifies in article 24 the provisions of the use of interactive teaching methods.

**Key words:** interactive, interview, information, cluster, “brainstorming”, role play, “take a position”, scheme, table, idea.

**Сведения об авторе:** ***Шарифов Мухсин***– Таджикский государственный институт языков имени С. Улугзаде, кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой педагогики, психологии и методики преподавания. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Телефон: **(+992) 915-55-79-00**. E-mail: **charifov63@inbox.ru**

**Information about the author:** ***Sharifov Muhsin*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzade, Ph.D., associate professor, head of the department of pedagogy, psychology and teaching methods. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadiyev Street, 17/6. Phone: **(+992) 915-55-79-00.** E-mail: **charifov63@inbox.ru**

**УДК: 372.3/.4+ 372.8(575.3)**

# ЭҶОДИ ФАЗОИ МУНОСИБИ МУОШИРАТ ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ ҲАВАСМАНДИИ ИРТИБОТӢ

***Сабзаалӣ Раҷаб***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ муошрати оптималии педагогӣ, дар асоси табиати иҷтимоии забон ҳамчун воситаи муошират, аҳамияти муайянкунанда дорад. Дар таҳқиқоти мо тахти муошрати оптималӣ (муносиб) ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, муошрати муколамавии омӯзгор ва таълимгирандагон ба воситаи забони хориҷие фаҳмида мешавад, ки ба шароити муошрати табиӣ наздик ва бо шавқу ҳаваси касбии таълимгирандагон алоқаманд кунонида шудааст. Ташкили чунин муошират ин, пеш аз ҳама, хизмати омӯзгор мебошад, ки шахсияти ӯ дар ин замина ба пуррагӣ зоҳир мешавад. Муошират бо инсон ин маънои на танҳо бо ӯ гуфтугӯ кардан, балки маънои ворид шудан ба ҷаҳони ботинии ӯ, зоҳир намудани муносибати хайрхоҳона ва некбинонаро дорад.

Баъзан мегӯянд, ки забонро омӯзонидан номумкин аст, бояд шароите фароҳам оварда шавад, ки хонанда худ омӯзад. Қисмате аз ин шароит аз он иборат аст, ки чӣ тавр омӯзгор бо донишҷӯён муносибат мекунад. Ин омил собит месозад, ки чӣ қадар нақши омӯзгор дар муошрати педагогӣ аҳамият дорад.

Дар фаъолияти омӯзгор як қатор ҷузъҳои сохторию функсионалӣ мушаххас карда шудаанд, яъне: созандагӣ, ташкилӣ, гностикӣ, иртиботӣ. Фаъолияти омӯзгор ин фаъолияти иртиботӣ мебошад, аз ин рӯ мо нуқтаи назари он муаллифонеро дастгирӣ менамоем, ки аз тамоми маҳоратҳои касбии омӯзгорон ҳамчун сифати асосии иртиботӣ сухандониро ҷудо мекунанд, зеро он, пеш аз ҳама, дар муошрати ӯ бо хонандагон зоҳир мешавад. Маҳз ба тариқи муошират омӯзгор ҳамаи қобилиятҳои педагогии худро татбиқ менамояд, аз ин рӯ, услуби муошират аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Тахти услуби муошират Е.В. Субботский муносибати ду ҷониби муошираткунандаро ба назорати иҷтимоӣ мефаҳмад. Ӯ се услуби муошират: авторитарӣ (ҳукмравоӣ), демократӣ ва алтруистиро (ғайрпарастиро) ҷудо мекунад [10,с.78]. Зимни услуби авторитарии муошират фақат як ҷониб ҳуқуқ дорад амалҳои ҷониби дигарро назорат кунад; ҷониби дигар дорои чунин имконият намебошад. Зимни услуби демократӣ бошад, ҳарду ҷониб ҳуқуқи баробари назоратро доро буда, амалҳои ҳамдигарро назорат мекунанд. Зимни услуби алтруистии муошират ҳарду ҷониб ҳуқуқи баробари муошратро доро мебошанд, вале як (ё ҳар ду) ҷониб ихтиёрона аз ин ҳуқуқ истифода намебарад.

Услубҳои муошратии манипулятивӣ, либералиро низ ҷудо мекунанд.

Услуби беҳтарини муошират демократӣ (ҳамкорона) мебошад, ки аз ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯён, шарикӣ, ҳамкории онҳо ҳангоми иҷрои фаъолияти муштарак иборат мебошад. Чунин муошират на танҳо шарти амалисозии самараноки фаъолият мебошад, балки инчунин ба рушд ва такмили сифатҳои фардии тамоми иштирокчиёни муошират мусоидат менамояд. Ин махсусан зимни таълими забони англисӣ аён аст, ки дар он муошират шакли асосии фаъолият дар машғулият буда, аз он, ки чӣ қадар ин муошират судманд аст, чӣ қадар он барои тамоми иштирокчиёни он гуворост, дар ниҳояти кор натиҷаи муошират низ ба он вобаста мебошад.

Агар мақсади азхудкунии забонҳои хориҷӣ ёд додани муошират бо забони бегона бошад, пас, зарур аст, ки шароити мувофиқ дар машғулиятҳо эҷод карда шавад, зеро омӯзонидани муошират танҳо бо тариқи муошират имконпазир аст ва маҳз ба муошират нақши пешбар дар машғулиятҳои забони англисӣ тааллуқ дошта метавонад.

Бояд қайд кард, ки нақши муҳимро дар ҳавасмандсозии азхудкунии забони англисӣ хусусиятҳои фардии таълимгирандагон мебозанд. Мушоҳидаҳо аз рӯйи вокунишҳои таълимгирандагон дар машғулиятҳо ба манфиати он ҳарф мезананд, ки хусусиятҳои фардӣ метавонанд ба азхудкунии бомуваффақияти забони англисӣ кумак расонанд, ё монеа эҷод кунанд. Масалан, чунин мешуморанд, ки донишҷӯёни ба берун майлдошта, ки дорои маҳорати ҳунармандӣ мебошанд, дар азхудкунии забон назар ба донишҷӯёни ботамкини ба дохил майлдошта, муваффақтар мебошанд [3,с.63]. Чунин мушоҳидаҳо метавонанд стереотипӣ бошанд, вале барои таҳқиқотҳои минбаъда ғизо медиҳанд.

Азхудкунии забони англисӣ сифатҳои муайяни шахсиятро талаб мекунад ва дар як қатор таҳқиқотҳо кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки онҳо дар партави психологияи шахсият ошкор карда шуда, тавзеҳ дода шаванд [2,с.78].

Проблемаи асосӣ барои ҳамаи таълимгирандагон ин андозаи супориш дар омӯзиши забони бегона мебошад. Давомнокӣ аз рӯйи вақт ва суръатнокии кӯшиш аст, ки барои дастёбӣ ба сатҳи қонеъкунандаи азхудкунии забон зарур аст. Забони англисиро танҳо онҳое хуб аз худ карда метавонанд, ки дар назди худ мақсади муайяне мондаанд ва барои он ҷидду ҷаҳд мекунанд, нобарориҳоро паси сар менамоянд ва пас аз меҳнат ва хатогиҳои зиёд ба сатҳи қаноатбахши азхудкунии забон ноил мегарданд. Дар байни омилҳои фардие, ки таълимгирандагони муваффақро аз ноком фарқ мекунонанд, метавонанд чунин хусусиятҳо, ба мисли: самтгирӣ ба супориш, шомилшавӣ, талабот ба ноилшавӣ, сатҳи баланди талабот, самтгирӣ ба мақсад ва ҷидду ҷаҳд ба ноилшавӣ ба он бошанд.

Гурӯҳи дигари хусусиятҳои фардӣ ба табиати иҷтимоӣ ва иртиботии забон мансуб аст. Ба андозаи он, ки чӣ тавр азхудкунандаи забони англисӣ ба муҳити нави забоншиносӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ пеш меравад, муносибати муайяни иҷтимоӣ ё эҳсосотӣ метавонад ба ҷанбаи азхудкунии забон ва қонеъгардонии талаботе, ки забони англисӣ ба таълимгиранда пешниҳод менамояд, кумак кунад.

Агар ҷанбаи байнишахсиятӣ дар азхудкунии забон таъкид карда шавад, экстраверсия сифати пурарзиш хоҳад шуд, вале интроверсия метавонад бартариятҳои зиёдро зимни омӯзиши мунтазами забон дошта бошад.

Вале муоширатнокӣ ва самтгирӣ ба одамон ин на танҳо стереотипи оммавии донишҷӯи хуб, пешрафта оид ба забони хориҷӣ мебошад, балки инчунин он бо таҳқиқотҳои як қатор муаллифон тақвият дода шудааст.

Эҷоди фазои забонӣ дар машғулият ва муошират бо забон ҳамчун стратегияи муносиб низ тавсия карда мешавад, ки аз ҷониби таълимгирандагон зимни инкишофи маҳоратҳои иртиботӣ ба таври хос қабул карда мешавад.

Қобилияти эмпатикӣ аз ҷумлаи омили муҳимтарини қобилиятҳои умумии азхудкунии забонҳои хориҷӣ ҳисобида мешавад.

Мафҳуми “эмпатия” ин хоҳиш ва қобилияти худро бо одамони дигар айният додан буда, ҳамчун яке аз хусусиятҳои шахсиятӣ бо ҳавасмандии ҳамгироӣ, яъне ҳавасмандии муошират алоқаманд аст ва зимни таълими забони англисӣ барои айният додани рафтори таълимгирандагон бо рафтори худи забондорон дар вазъияти муошират, хусусан зимни таълими интенсивии забони англисӣ ба кор бурда мешавад.

Дар таҳқиқоти мазкур моро он хусусиятҳои шахсиятие ҷалб менамоянд, ки бо табиати иҷтимоӣ ва иртиботии забон бевосита робита доранд.

Аз тамоми хусусиятҳои шахсиятӣ зимни азхудкунии забони англисӣ мо хусусиятҳои иртиботии таълимгирандаро муҳимтар мешуморем, ки ҳангоми таълими муошират зоҳир мешаванд, зеро ниёз ба муошират ва хоҳиши муошират кардан бо одамони иҳотакунанда ба тақвияти ҳавасмандии азхудкунии забони англисӣ мусоидат менамояд.

Ҳамкории омӯзгор ва таълимгирандагон, хусусиятҳои иртиботии таълимгирандагон ва сифатҳои иртиботии омӯзгорро мо ҳамчун ҷузъи муошират муайян карда, онро дар сохтори ҳавасмандӣ ва дар худи раванди таълими забони англисӣ марказӣ мешуморем. Ҷузъи муошират, ба андешаи мо, барои такмил додани ҳавасмандии иртиботӣ ва эҳсосотию арзишӣ хеле муҳим мебошад. Маҳз ҳавасмандии заиф ва набудани эҳтиёҷ ба муошират имкон намедиҳад, ки таълимгирандагон зимни таълими забони англисӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил шаванд.

Фазои психологӣ дар гурӯҳи таълимӣ, бешубҳа, аҳамияти зиёдро дар ҷараёни таълим доро мебошад, зеро бе назардошти ҷанбаи психологӣ методҳо ва усулҳои самаранок натиҷаҳои дилхоҳро намедиҳанд. Ин дар корҳои муаллифони бисёр собит шудааст.

Фазои иҷтимоию психологӣ натиҷаи фаъолияти якҷояи одамон, ҳамкории байнияқдигарии онҳо буда, дар чунин таъсироти гурӯҳӣ, ба мисли рӯҳия ва назари коллектив, худҳискунии инфиродӣ, арзёбии ҳаёт ва кори шахсият дар коллектив зоҳир мешавад.

Фазои мусоиди психологӣ нақши махсусро дар шароити таълими забонҳои хориҷӣ касб мекунад, зеро таълими забон дар назари аввал, таълими муошират мебошад. Хоҳиши муошират намудан, метавонад танҳо дар шароите амалӣ карда шавад, ки ба одамон бо якдигар будан писанд аст, вақте онҳо ба якдигар чизи гуфтание доранд.

Муошират, ки муносибат байни таълимгирандагон мебошад, самаранокии фаъолияти таълимӣ дар шароити муошират аз хусусиятҳои фардии муоширакунандагон ва муносибатҳои мутақобилаи онҳо бо якдигар вобаста мебошад. Қобилияти иртиботӣ ба туфайли равандҳое рушд меёбад, ки дар психикаи донишҷӯ рух медиҳанд, аз ин рӯ, омили муҳиме, ки ба ин муосидат менамояд ё монеа эҷод мекунад, ин ҳолати психологии худи донишҷӯ мебошад. Омӯзгор бояд рафтори худро ба талаботи шогирдони худ тобеъ намуда, баъзан аз фаъолият бо пешниҳоди як андоза мустақилият ба донишҷӯён, канорагирӣ кунад. Рушди маҳоратҳои иртиботӣ метавонад дар ҳолате сурат гирад, ки агар дар таълимгирандагон ҳавасамандӣ ва имконияти иштирок намудан дар муошираги баробарҳуқуқ бо атрофиён мавҷуд бошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар машғулият фазое эҷод карда шавад, ки эҳсоси амният ва аҳамиятнокии шахсии таълимгирандаро ҳамчун шахсият фароҳам орад. Дар навбати худ, ин фазо аз бисёр ҷиҳат аз муносибатҳои мутақобилаи байнифардӣ вобаста мебошад, ки дар эътироф ва дастгирии ҳамдигар асос ёфтаанд. Эҷоди чунин муносибатҳои мутақобила зимни таълими забони хориҷӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирад.

Омӯзгоре, ки ба таълимгирандагон аз назари танқидӣ муносибат намуда, хатогии хурдтаринро дар раванди муошират ислоҳ намуда, инро бо шарҳҳои дахлдор ҳамроҳӣ мекунад, ба маркази бартаридошта табдил меёбад ва бо ин ба донишӯён ҳисси афзалият доштани худро эҷод мекунад, ки албатта, ба эҷоди шароити мусоид барои муошират мусоидат намекунад. Нақши пешбари сифатҳои шахсият ва услуби фаъолияти роҳбар дар эҷоди фазои иҷтимоию психологӣ аз ҷониби олимони бисёр таъкид шудааст. Муносибатҳои мутақобилаи педагог ва таълимгирандагон, пеш аз ҳама, бояд на дар услуби пешбаранда ва пешбаришавандаҳо гузаронида шаванд, балки бояд дар маҷрои ҳамкорӣ, тафоҳум гузаранд. Услуби авторитарии муошират, тибқи маълумоти баъзе муаллифон, дар рушди талаботҳои соҳибэътибор, самтнокӣ ба дастовард инъикос ёфта [10,с.69], инчунин метавонад беғайратӣ ва афсурдагиро дар донишҷӯён тавлид созад ва чунин муносибати педагог, ҳамчун беэътиноӣ, расмиятчигӣ, на танҳо беғайратӣ, балки бераҳмиро низ тавлид месозад. Дар айни замон хайрхоҳӣ, самимият дар муносибатҳо байни педагогҳо ва таълимгирандагон, расонидани дастгирӣ ба донишҷӯён ба рушди талабот дар муносибатҳо ва ҳамкориҳои мусбат байни донишҷӯён мусоидат менамояд.

Нақши муҳимро дар муошират ва эҷоди фазои мусоиди психологӣ эҳсосот мебозанд. Ба ақидаи баъзе муаллифон, рӯҳияи зиндадилона, фазои некбинона шароити мусоидро барои таълим, тарбия, таъсиррасонии эҳсосот, самимият дар муошират нақши азимро барои ноилшавӣ ба робитаи хуб бо таълимгирандон бозида, шароити мусоидро барои фаъолияти зеҳнии онҳо, эҳсосоти хурсандӣ эҷод намуда, ҳиссиёти пуррагии ҳаёт, худҳискунии гувороро боис шуда, ба муошират ба таври кофӣ мусоидат менамоянд.

Ҳолати эҳсосотии худи омӯзгор дар ҷараёни таълим низ аҳамияти хеле зиёд дорад, зеро эҳсосот хеле сирояткунанда буда, метавонанд аз як одам ба одамони дигар ҳангоми муошират интиқол ёбанд. Ҳолати болоравии эҳсосотӣ, зиндадилӣ, шавқу ҳаваси фаъоли омӯзгор ба фаъолияти таълимӣ, ҷоннокӣ, суръати хуб, ҷолибиятро фароҳам оварда, ба донишҷӯён таъсири мусоид мерасонанд. Аз ин бармеояд, ки педагог аз тариқи муносибат ба таълимгирандагон дар раванди фаъолияти муштарак дар маънои муайян муносибатҳоро байни худи донишҷӯён инъикос намуда, ба рушди ин ё он талаботҳо дар онҳо мусоидат менамояд. Донишҷӯён бошанд, ихтиёрона ё беихтиёр намунаи додашудаи рафтор ва муоширатро бозтавлид месозанд, махсусан, агар ин омӯзгор дар назди онҳо соҳибэътибор бошад. Ҳамин тариқ, гурӯҳи таълимгирандагон ва омӯзгор дар аудитория якҷоя ҷомеаи таълимиро ташкил медиҳанд. Муошираги нутқӣ ва ғайринутқӣ, дидашаванда ва қариб даркшаванда, ҳамкории босифати инсониро ташаккул дода, мумкин аст ҳамчун калид барои раванд ва натиҷаи ҳамкорӣ хизмат кунад.

Дар ҷамъбаст бояд қайд кард, ки амсилаи таълими забони хориҷӣ (АТЗХ) ҳамаи ҷузъҳои дар боло номбаршударо дар бар мегирад. Ҷузъи муоширатро мо марказӣ ва

муайянкунандаи тамоми ҷузъҳои дигари амсила мешуморем. Эҷоди муошират и муколамавиро дар машғулиятҳои забони англисӣ байни омӯзгор -таълимгирандагон ва байни худи таълимгирандагон тақозо менамояд, ки ба ҳадди аксар ба шароити муошират и табиӣ наздик кунонида шуда, ба манфиатҳои касбии таълимгирандагон ҷавобгӯ мебошанд. Чунин муоширатро мо оптималӣ меномем. Меъёри оптималӣ будани амсилаи АТЗХ ташаккулёфтаи ангезаҳои ботинӣ мебошад, яъне ангезаҳое, ки бевосита бо фаъолият доир ба азхудкунии забони англисӣ ва раванди ҷараён гирифтани он марбутанд. Аҳамиятнокии ангезаҳои ботинӣ барои шахсият бояд ба чунин ангезаи зоҳирӣ нисбат ба фаъолияти таълимӣ, намуди ҳавасмандӣ, ҳамчун аҳамиятнокии забони хориҷӣ барои мутахассиси оянда, яъне ба ҳавасмандии прагматикие, ки барои донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олӣ хос аст, наздик кунонида шавад.

## АДАБИЁТ


1. Алиев С.Н. Методикаи умумии таълими забонҳои хориҷӣ. Васоити таълимӣ / С.Н. Алиев. -Душанбе: ДДОТ, 2013. -336 с.
2. Обучение иностранному языку как специальности. Учебное пособие / М.К. Бородулина [и др.]. -М.: Высшая школа, 1982. - 225 с.
3. Гальскова Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам. Пособие для учителя / Н.Д. Гальскова. -М.: АРКТИ, 2004. - 192 с.
4. Грехнев В.С. Культура педагогического общения: Книга для учителя. -М.: Просвещение, 1990. -144 с.
5. Маркова А.К. Формирование мотивации учения. Книга для учителя / А.К. Маркова, Т.А. Матис, А.Б. Орлов. -М.: Просвещение, 1990. -192 с.
6. Мильруд Р.П. Формы педагогического воздействия учителя на познавательную деятельность учащихся / Р.П. Мильруд // Иностранные языки в школе. -М.: Просвещение, 1991. -№2. -127 с.
7. Методика обучения иностранным языкам в средней школе. Учебник / Н.И. Гез, М.В. Ляховицкий, А.А. Миролюбов [и др.]. –М.: Высшая школа, 1982. -352с.
8. Плехов А.Н. Взаимосвязь общения, мотивации и способностей к иностранному языку / А.Н. Плехов, В.В. Рыжов // Актуальные проблемы науки и гуманитарного образования. -Н. Новгород, 2005. - Вып.7. -122 с.
9. Русско-таджикский словарь / С.Д. Арзуманов [и др.]. -М.: Русский язык. - 1985. -1280 с.
10. Суботский У.В. Стиль общения как способ формирования личности ребенка / Психолого-педагогические проблемы общения / Е.В. Субботский; под. ред. А.А. Бодалева. -М.: Наука, 1979. -169 с.
11. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. -4-е изд. доп. -М.: ООО-А Темп, 2010. -874 с.


## ЭҶОДИ ФАЗОИ МУНОСИБИ МУОШИРАТ – ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ ҲАВАСМАНДИИ ИРТИБОТӢ


Дар мақола оид ба омилҳои ташаккули ҳавасмандӣ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мутахассисони оянда сухан меравад. Барои ташаккули шавқу ҳавас ба омӯзиши забони ғайр муносибати муштаракона ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз тарафи таълимгиранда ба роҳ монда мешавад. Барои ба муваффақиятҳо дар омӯзиши забони англисӣ ноил гардидан, ба омӯзгор, пеш аз ҳама, зарур аст хусусиятҳои шахсиятии таълимгирандагон ва қобилияти забономӯзии онҳоро ба назар гирифта, машғулиятҳоро тавре ба роҳ монад, ки донишҷӯ дар ҷараёни он, дар фаъолияти таълимӣ, андозаи супориш бо назардошти қобилияти азхудкунӣ, баёни фикр ва муошират озод бошад. Мо ҳамчун ҷузъи муошират, ҳамкории омӯзгор ва таълимгирандагон, хусусиятҳои иртиботии таълимгирандагон ва сифатҳои иртиботии омӯзгорро муайян карда, онро дар сохтори ҳавасмандӣ ва дар худи раванди таълими забони англисӣ марказӣ мешуморем. Қисмати муошират, барои рушд додани ҳавасмандии иртиботӣ ва эҳсосотию арзишӣ, ба андешаи мо, хеле муҳим мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст дар ҷараёни машғулият фазое эҷод карда шавад, ки эҳсоси амният ва аҳамиятнокии шахсии таълимгирандаро ҳамчун шахсият фароҳам меорад. Ин омил метавонад ба ташаккули қобилияти забономӯзӣ ва ҳавасмандии шахсии донишҷӯ ба омӯзиши забон таъсири мусбӣ расонад.



**Калидвожаҳо:** фаъолияти педагогӣ, ҳавасмандӣ, муошират, ташаккул, инкишоф, иртибот, касб, худинкишофдиҳӣ, шавқу ҳавас, хусусиятҳои шахсият, фазои мусоид.


## СОЗДАНИЕ ПРИЕМЛЕМОЙ АТМОСФЕРЫ ЯЗЫКОВОГО ОБЩЕНИЯ– ОДИН ИЗ ОСНОВНЫХ ФАКТОРОВ РАЗВИТИЯ КОММУНИКАТИВНОЙ МОТИВАЦИИ


В статье речь идёт о развитии мотивации к изучению иностранных языков. Для развития интереса к изучению иностраного языка, прежде всего, нужно слаженное, совместное отношение к учёбе, как со стороны преподавателя, так и со стороны учащегося. Для достижения более успешного результата при обучении английскому языку, преподавателю прежде всего, нужно принять во внимание способности учащегося, меры его интелектуальной возможности, подобрать задания, которые находятся в сфере заинтересованности и приподнести занятия в том направлении, в котором учащиеся могли свободно излагать свои мнения. Как основную часть взаимоотношений между преподавателем и учащимися рассмотрим компонент общения, и считаем его основной в структуре коммуникативной мотивации к изучению англисийкого языка. Поэтому на уроках должны создаваться такие условия, в которых учащиеся чувствовали себя как личность, способная выразить своё мнение. Эти факторы способны положительно сказаться на развитии языковых способностей и личной заинтересованности в изучении языка.

**Ключевые слова:** педагогическая деятельность, мотивация, общение, формирование, развитие, коммуникативность, профессия, саморазвитие, заинтересованность, особенности личности, подходящая обстановка.

## CREATING AN ACCEPTABLE LANGUAGE COMMUNICATION ATMOSPHERE - ONE OF THE MAIN FACTORS OF COMMUNICATIVE MOTIVATION DEVELOPMENT

The article deals with the development of motivation to learn foreign languages. For the development of interest in the study of a foreign language, first of all, you need a well-coordinated, joint attitude to study, both on the part of the teacher and on the part of the student. In order to achieve a more successful result in teaching English, the teacher first of all needs to take into account the student's abilities, the measures of his intellectual ability, pick up tasks that are in the area of interest and give classes in the direction in which students could freely express their opinions. As the main part of the relationship between the teacher and the students, we consider the communication component, and we consider it to be the main one in the structure of the communicative motivation to learn the English language. Therefore, in the classroom, the conditions should be created in which students feel as a person who is able to express their opinions. These factors can positively affect the development of linguistic abilities and personal interest in learning a language.

**Key words:** pedagogical activity, motivation, communication, formation, development, communication, profession, self-development, interest, personality traits, suitable environment.

**Сведения об авторе:** ***Сабзаали Раджаб*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16

**Information about the author:** ***Sabzali Rajab*** - Kulyab State University. Abuabdulah Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Street 16

**УДК:372.800.8+372.8(575.3)**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

*Саторова М.Қ.*

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Фарҳанги ҳуқуқии шахс донишҳои ҳуқуқӣ ва маҳорату малакаҳоеро дар бар мегирад, ки дар фаъолияти ҳаётии инсон татбиқ мешаванд. Дар таркиби ин мафҳум муҳаққиқ системаи андешаю мулоҳизаҳо, арзишҳои ахлоқию ҳуқуқие, ки баҳогузории муносиби сифати ҳаёти ҳуқуқии ҷамъиятро таъмин мекунанд ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқиро муайян менамояд.

Моҳияти фарҳанги ҳуқуқӣ бо сатҳи баланди азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ ва маҳорату малакаҳо, инчунин бо сифатҳои инкишофёфтаи шахс тавсиф меёбад. Ин сифатҳо ба шахс имкон медиҳанд, ки донишҳои ҳуқуқӣ ва маҳорату малакаҳои худро дар фаъолияти ҳуқуқӣ пурра татбиқ намояд. Фарҳанги ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ба фарҳанги сиёсӣ, маънавӣ, эстетикӣ ва иқтисодӣ вобаста буда, дар раванди маърифати ҳуқуқӣ ташаккул меёбад [1,с.70].

Маърифати ҳуқуқии хонандагони мактаб системаи донишҳои ҳуқуқӣ, маҳорату малакаҳои амалӣ ва сатҳи баланди салоҳияти ҳуқуқии шахсро дар бар гирифта, дар маҷмӯъ симои иҷтимоию ҳуқуқии шахсро муайян менамояд. Маърифати ҳуқуқӣ қисми таркибию зарурии симои фарҳангии шахс ва заминаи мукаммали фаъолияти ҳаётии ӯ дар ҷамъият аст.

Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти мураттабу мақсадноки давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ (аз ҷумла мактаб), инчунин шаҳрвандони алоҳида мебошад. Он ба шаклгирии андешаю мулоҳизаҳои ҳуқуқӣ ва тамоюлу механизмҳои мусбату арзишманди ахлоқию ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, ки иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ташаккули мавқеи фаъоли шахсро дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва эҷоди ҳуқуқ таъмин менамояд.

Ба таъкиди муҳаққиқон, вазифаи асосии тарбияи ҳуқуқӣ аз чунин тарзи ташкили фаъолияти наврасон иборат аст, ки дар он азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ ба дастоварди муҳимми инфиродӣ табдил ёфта, зимни мутобиқати комил бо манфиатҳои давлат ва ҷамъият ба эътиқоди инфиродӣ мубаддал мегардад [2,с.27].

Аз таҳқиқот ва таҷрибаи кори тарбиявӣ чунин бовар ҳосил мешавад, ки донишҳои ҳуқуқӣ дар алоҳидагӣ рафтори даркшудаи қонуниро таъмин намекунанд ва барои пешгирии қонунвайронкунӣ чораҳои кофӣ нестанд. Бар замми ин, бисёр вақт ҳуқуқвайронкунандагон донишҳои ҳуқуқиро барои фирор аз ҷавобгарии содир намудани чунин кирдор истифода мебаранд. Тавре таҷриба нишон медиҳад, ҳуқуқвайронкунӣ дар

байни хонандагони мактабҳое паҳн шудааст, ки дар онҳо кори ташаккули фарҳанги ҳуқуқии талабагон суст ҷараён мегирад [3,с.147].

Албатта, мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ нисбат ба мафҳумҳои маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ васеътар аст. Зеро он на танҳо сатҳи маърифату тарбияи ҳуқуқиро муайян менамояд, балки ташаккули тамоюлу механизмҳои мусбати ҳуқуқии таъминкунандаи иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва доираи васеи фарҳангро фаро гирифта, масъулияти инсонро барои фаъолияти худ пешбинӣ менамояд.

*Фарҳанги ҳуқуқӣ дар сатҳи муайяни инкишофи санадҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, озодию масъулиятҳои инсон, ки ҳукумат кафолат додааст, ифода меёбад* [4,с.90-95]. Чунин тафсири фарҳанги ҳуқуқӣ онро чун маҷмӯи институтҳо ва меъёру равандҳои ҳуқуқӣ тавсиф медиҳад, ки тамоюли ҳуқуқии шахс ва гурӯҳҳои иҷтимоиро дар ҷамъият татбиқ менамояд.

Фарҳанги ҳуқуқӣ нишондиҳандаи асосии натиҷаи маърифату тарбияи ҳуқуқӣ аст. Маърифату тарбияи ҳуқуқӣ механизмҳои асосии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс ба шумор мераванд.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар мактаб ба ҳалли масъалаҳои мушаххас нигаронида шудааст. Аз ҷумла:

–таълими системаи донишҳои ҳуқуқӣ ба хонандагон, такмили маҳорату малакаи онҳо ва ба хонандагон омӯзонидани рафтори дурусти ҳуқуқӣ дар ҷамъият;

–таълими эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои шахс дар ҷамъият;

– таълими ҳисси масъулият барои рафтори худ;

– ташаккули талаботи дохилӣ ба ҳимояи тартиботи ҳуқуқӣ.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар раванди таълиму тарбия марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Ташаккули мақсадноки донишу мафҳумҳои ҳуқуқӣ.
2. Таҳияи ақидаҳои ҳуқуқӣ.
3. Ташаккули механизмҳои ахлоқию ҳуқуқӣ.
4. Таълими дарки ҳуқуқ.
5. Таълими эҳтироми ҳуқуқ.
6. Ташаккули мавқеи фаъоли иҷтимоию ҳуқуқӣ.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ аз рӯйи се омили асосӣ амалӣ мегардад.

1. Омили зеҳнӣ - донишҳои ҳуқуқӣ ва маҳорату малакаҳое, ки дар фаъолияти ҳаётии инсон татбиқ мегарданд.

2. Омили идрокию арзишӣ - системаи андешаҳо ва арзишҳои маънавию ҳуқуқие, ки баҳогузории муносиби сифати ҳаёти ҳуқуқии ҷамъиятро таъмин мекунанд.

3. Омили амалӣ - иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва мавқеи фаъоли иҷтимоӣ дар фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ.

Барои ҳар як омили фарҳанги ҳуқуқӣ сифатҳои хосси ҳуқуқӣ муайян шудаанд:

- барои омили зеҳнӣ – тамоюл ба донишҳои ҳуқуқӣ, мулоҳизаҳои мустақилона, салоҳияти ҳуқуқӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ба донишҳои ҳуқуқии нав, қобилияти қабули қарорҳои ғайристандартӣ;
- барои омили идрокию арзишӣ – ҳаққоният, дарки адолат ва масъулият;
- барои омили амалӣ - ташаббус, фаъолнокӣ ва соҳибихтиёрӣ дар фаъолият, доштани маҳорату малакаҳои амалии фаъолияти ҳуқуқӣ.

Технологияи ташаккули самараноки фарҳанги ҳуқуқӣ системаи мукаммал буда, амалҳои ба ҳам вобастаи пайиҳамро дар бар мегирад:

1) муайян намудани ҳадафу афзалиятҳои раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ;
2) ташхиси сатҳҳои фарҳанги ҳуқуқӣ;
3) ҳадафгузорӣ;
4) муайян намудани шартҳои педагогии ташаккули самараноки фарҳанги ҳуқуқӣ;
5) ташкили раванди таълим, ки ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро мувофиқи марҳилаҳои асосии он дар бар мегирад;
6) таносуби нишондиҳандаҳои ҳосилшуда бо нишондиҳандаҳои нақшавӣ.

Самаранокии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ бо риояи шартҳои педагогии зерин таъмин мегардад:

1) интихоби дурусти маълумоти ҳуқуқӣ ва ба таркиби маводи таълимӣ дохил намудани он;
2) истифодаи вазъиятҳое, ки ба воқеият бештар наздиканд;

3) мутобиқгардонии тарбияи хонандагон ба масъулияти ҳуқуқӣ ва мавқеи фаъоли ҳуқуқӣ;

4) баланд бардоштани тайёрии психологию педагогии омӯзгорон.

Сифатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии хонандагони синфҳои болоӣ бо суръати тез шакл мегиранд. Ба ин на танҳо давраи муносиби камолоти ахлоқӣ, балки муҳити нав, тағйири хусусиятҳои фаъолият, мавқеъ дар ҷомеа ва коллектив, муносибату робитаҳои гуногун мусоидат мекунанд. Фаҳмишу баҳогузорӣ возеҳтар ва ақидаҳои ахлоқӣ устувортар мегарданд. Ҳисси ба камолоту балоғат расидан беш аз пеш қавитар мешавад. Кӯшиши исботи андешаи шахсии худ пайдо гардида, баъзе наврасон бо ҳама гуна тарзҳои дастрас таваҷҷуҳро ба худ ҷалб намуда, мустақилияти худро собит кардан мехоҳанд [5,с.119].

Дар синну соли наврасӣ шавқи беандоза ба масъалаҳои ахлоқӣ пайдо мешавад. Ишқи аввал на танҳо ба ҳаёти наврасон ҳиссу тааccуроти қавиро ворид менамояд, балки онҳоро барои ҳалли бисёр масъалаҳои ғайриодӣ водор месозад. Ба андешаи мутахассисони соҳаи педагогика, маҳз ҳалли вазъиятҳои ахлоқӣ чун меъёри инкишофи ахлоқии шахс зоҳир мегардад. Дар ин синну сол таваҷҷуҳ ба масъалаҳои "азалӣ" меафзояд, ба мисли: маънии ҳаёт, хушбахтӣ, дарки масъулият, озодии шахс ва монанди ин. Муносибати интиқодии наврасон нисбат ба воқеият тақвият ёфта, меъёри баҳогузорӣ ва талабот нисбат ба омӯзгорону калонсолон бештар мешавад [6,с.54].

Хонандагони хурдсол ва наврасон бештар «маълумоти ҳуқуқӣ»-и худро дар рафти корҳои ташкилкардаи ахлоқӣ-ҳуқуқӣ идома медиҳанд. Онҳо тавассути раванди таълим дар бораи давлат, рамзҳои он, ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрванд тасаввуроти умумӣ мегиранд. Дар тарбияи ҳисси маънавӣ-ҳуқуқии онҳо мусиқӣ, санъати тасвирӣ, ёд гирифтани суруди миллӣ, тасвири ҳаёти иҷтимоӣ муҳим мебозанд. Хонандагони ин синну сол дар муносибатҳои шаҳрвандӣ иштирок намуда, гоҳо дар ғафлат монда, талаботи нормаҳои ҳуқукро вайрон мекунанд. Ҳанӯз аз синни хурдӣ, наврасӣ ба онон пешгирии вайронкунии қонуни ахлоқӣ-ҳуқуқӣ зарурат дорад, фаҳмондани вазъият, вақте ки рафтори онҳо дар мавриди ҳуқуқвайронкунӣ, бахилӣ, эркагӣ, беинтизомӣ, бекорхӯҷагӣ дида мешавад, фавран бояд ислоҳ карда шавад, вагарна онҳо метавонанд ба дигарон, ҳатто ҷомеа зарар расонанд. Ин ниҳоят муҳим аст, зеро ҳанӯз хонанда ҳисси ҷавобгарии юридикӣ надорад, таҷрибаҳои ҳуқуқдонӣ дар ӯ бидуни ҷазо андӯхта мешаванд [7,с.246].

Таҳлили фарҳанги ҳуқуқии хонандагони мактаб нишон медиҳад, ки дарки он дар раванди таълими тафаккури интиқодӣ ба хонандагон шакл гирифта, чунин фикррони, дар навбати худ, назоратшаванда, асоснок ва мақсаднок мебошад. Шахси дорои тафаккури интиқодӣ масъалаҳоро таҳлилу баҳогузорӣ намуда, ба қадри имкон онҳоро ҳал карда метавонад [8, с. 54].

Ин имкон медиҳад, ки донишҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳаётии инсон (аз ҷумла дар фаъолияти таълимӣ) бешуурона истифода нагардида, балки ба таври зарурӣ омӯхта шаванд. Аз ин рӯ, дар мактаб барои хонандагони синфҳои болоӣ соатҳои махсуси дарси ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро ба роҳ мондан лозим аст. Ба ғайр аз ин, мувофиқи моҳияти таълими ҳуқуқи гражданӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба муҳтавои таълими як қатор фанҳои дарсӣ (масалан, биология, забони давлатӣ, адабиёт, таърих, ҷамъиятшиносӣ, забонҳои хориҷӣ) чунин тағйирот ворид намудан мумкин аст:

- омӯхтани усулҳои таҳлили дурустии таърифҳо ва баҳогузорӣ ба онҳо, таснифи ин ё он мафҳумҳо, мулоҳизаҳо, исботҳо, саволу масъалаҳо, усулҳои тавсифи фаъолияти худ ва асосноккунии он;
- амалиётҳои идрокӣ: қабули қарорҳо, мулоҳизаҳои (андешаҳои) имконпазир, санҷиши фарзия ва ғ.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагони синфҳои болоӣ бо назардошти мантиқи тафаккури интиқодӣ сурат мегирад, ки он аз се марҳила иборат аст:

- даъват;
- дарк;
- таваҷҷуҳ.

Дар марҳилаи якум (даъват) омӯзгор барои фаъолгардонии хотира ва донишҳои талаба аз рӯйи мавзӯи пешниҳодшуда шароит фароҳам меорад. Талаба дар асоси донишҳои андӯхтаи худ моҳият ё таснифи ин ё он мафҳумро пешакӣ муқаррар намуда, ҳадафҳои омӯзиш ва тарзу воситаҳои ба ин ҳадафҳо расиданро муайян менамояд.

Дар марҳилаи дуюм (дарк) талаба маводи навро омӯхта, маълумоти навро аз маълумоти аллакай ба ӯ маълум ҷудо намуда, саволҳо тартиб медиҳад. Дар ин марҳила

талаба донишҳои худро таҳлил мекунад. Омӯзгор ба ӯ имкон медиҳад, ки дар аввал мустақилона фикр карда, фосилаҳои дониши худро муайян намояд. Талаба бе дахолати омӯзгор ин фосилаҳоро муайян намуда, ғалату иштибоҳи худро дарк мекунад ва нисбат ба андешаю мавқеи дигарон таҳаммулпазир мегардад. Танҳо дар чунин ҳолат талаба дар бораи дониши омӯхташаванда ё фаъолияти ҳалли масъалаи дарсӣ мулоҳизаи шахсӣ ҳосил мекунад ва омӯзгор барои шаклгирии фикри гурӯҳӣ имкон фароҳам меорад.

Дар марҳилаи сеюм (таваҷҷуҳ) омӯзгор барои муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ ва ҳадафҳои он ба хонандагон шароит муҳайё менамояд. Барои ин омӯзгор ҳамкории байнигурӯҳии хонандагонро ташкил мекунад. Дар раванди он бо ёрии саволҳое, ки хонандагон ба ҳамдигар медиҳанд, ба мазмуни фикрронӣ таваҷҷуҳ ҷалб гардида, натиҷаҳои он таҳлил ва тарзи фикрронӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Вазифаи асосии омӯзгор на танҳо ба наврасон фаҳмонидани меъёрҳои ҳуқуқ ва нишон додани робитаи ин меъёрҳо бо меъёрҳои ахлоқ, балки водор намудани наврасон ба таъмини риояи меъёрҳои ҳуқуқ дар рафтори ҳаррӯзаи онҳо аст [9,с.150].

Умуман, аҳамияти масъалаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагони синфҳои болоӣ на танҳо ба сабаби серамалии зиёди равандҳои иҷтимоии ҷамъият, балки ба сабаби талаботи зиёди пешрафти илмию техникӣ низ меафзояд. Барои дуруст ва пурра баррасӣ намудани равандҳои ҳаёт ва тағйироти серамали соҳаҳои ҷамъият, пеш аз ҳама, тафаккури зарурӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва мавқеи ҳуқуқӣ лозим аст.

Таҳлили мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ чун як намуди фарҳанги иҷтимоӣ баррасии онро ба сифати қобилияти инсон ҷиҳати дарёфти мустақилонаи ҷойгоҳи худ дар ҳаёт дар асоси дарки ҳадафҳои шахсӣ, воситаҳои расидан ба ин ҳадафҳо, масъулият барои қабули қарор ва оқибати татбиқи он дар доираи талаботи меъёрии ҷамъият имконпазир мегардонад [10,с.58]. Ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар раванди таълим шахсияти талабаро ба таври зарурӣ ва мувофиқи талаботи ҷамъият мукаммал гардонад. Дар натиҷа, ин талаба дар бораи ҷамъият ва ҳадафу арзишҳои он, ҳуқуқи инсон ва тарзҳои татбиқи он, робитаҳои мутақобилаи аъзоёни ҷамъият, муносибати давлат ва ҷамъият, тарзҳои дарёфти ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ дар байни одамон, халқҳо, гурӯҳҳои гуногуни нажодӣ, миллӣ, динӣ ва иҷтимоӣ маълумот пайдо мекунад.

Ин талаба метавонад:

–ҳуқуқҳои худ ва ҳуқуқҳои шахсони дигарро ҳимоя кунад;

–гузоштани ҳадаф ва расидан ба ин ҳадафро дар асоси талаботи ахлоқию меъёрӣ таъмин кунад;

–ҳангоми ба воқеиятҳои зиддиҳуқуқии ҳаёт дучор шудан дурусту муносиб амал кунад.

Ин талаба сифатҳои зеринро аз худ мекунад:

–уҳдабароӣ ва ошкорбаёнӣ;

–омода будан баислоҳи камбудиҳои худ, ислоҳи рафтори худ дар асоси меъёрҳои эътирофи умум;

–истодагарӣ барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ;

–беғаразӣ;

–масъулият барои қабули қарор ва оқибати татбиқи он.

Ҳамин тавр, ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагони синфҳои болоӣ маҷмӯи мураккаби таъсири тарбиявӣ буда, омӯхтани донишҳои ҳуқуқӣ, дарки масъалаҳои ҳуқуқӣ, ташаккули шуури ҳуқуқӣ, такмили малакаю маҳоратҳо ва риояи меъёрҳои ҳуқуқро дар бар мегирад.

**АДАБИЁТ**

1. Никитина О.А. Технология формирования правовой культуры студентов / О.А. Никитина // Тезисы Российской научно-методической конференции. – Рязань: РГПУ им. Есенина, 2005. - С. 70.
2. Межуев В.Н. Культура и история / В.Н. Межуев. -М.: Политиздат, 1977. - С. 27.
3. Мухина В.С. Дети детских домов и школ-интернатов о себе (ретроспективная рефлексия, обращенность в настоящее и будущее). – М.: Просвещение, 1991. - С. 147.
4. Бабаев В.К. Общественно-теоретическое право. Краткая энциклопедия / В.К. Бабаев, В.Н. Баранов. – Н.Новгород, 1998. - С. 90-95.
5. Подласый И.П. Педагогика. Учеб. для студентов высших пед. учеб. заведений / И.П. Подласый. – М.: Просвещение: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 1996. - С. 119.
6. Байжуминов С.Н. Правовое воспитание несовершеннолетних правонарушителей учащихся средней школы: автореф. дис.канд.пед.наук:13.00.01/ С.Н. Байжуминов. – СПб., 2002. - с. 54
7. Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А.Нуров. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. - С. 246

8. Соломенко Л.Д. Формирование правовой культуры учащихся / Внимание «Опыт» / Л.Д. Соломенко // Практика административной работы в школе. – 2003. - №3. -С. 54.
9. Сухомлинский В.А. Избранные педагогические сочинения / В.А. Сухомлинский. – М., 1980. - С. 150.
10. Назарзода П.С. Правовая культура как элемент социокультурного пространства (на материалах Республики Таджикистан): диссертация на соискание ученой степени кандидата философских наук / П.С. Назарзода. – Душанбе, 2016. - С. 58.

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

Дар мақола асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагони синфҳои болоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф моҳияти фарҳанги ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқии хонандагони мактаб ва тарбияи ҳуқуқии онҳоро таҳлил намуда, марҳилаҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро муайян намудааст. Инчунин, дар мақола шартҳои педагогии самаранокии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ пешниҳод гардида, доираи ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагони синфҳои болоӣ муайян ва дар ин замина андешаҳои олимони илми ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудаанд. Мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ нисбат ба мафҳумҳои маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ васеътар аст. Зеро он на танҳо сатҳи маърифату тарбияи ҳуқуқиро муайян менамояд, балки ташаккули тамоюлу механизмҳои мусбати ҳуқуқии таъминкунандаи иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва доираи васеи фарҳангро фаро гирифта, масъулияти инсонро барои фаъолияти худ пешбинӣ менамояд. Фарҳанги ҳуқуқӣ нишондиҳандаи асосии натиҷаи маърифату тарбияи ҳуқуқӣ аст. Маърифату тарбияи ҳуқуқӣ механизмҳои асосии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс ба шумор меравад. Хонандагони хурдсол ва наврасон бештар «маълумоти ҳуқуқӣ»-и худро дар рафти корҳои ташкилкардаи ахлоқӣ-ҳуқуқӣ идома медиҳанд. Онҳо тавассути раванди таълим дар бораи давлат, рамзҳои он, ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрванд тасаввуроти умумӣ мегиранд. Дар тарбияи ҳисси маънавӣ-ҳуқуқии онҳо мусиқӣ, санъати тасвирӣ, ёд гирифтани суруди миллӣ, тасвири ҳаёти иҷтимоӣ нақши муҳим мебозанд.

**Калидвожаҳо:** фарҳанги ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, педагогика, шартҳои педагогӣ, мактаб, синфҳои болоӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги иҷтимоӣ.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ У СТАРШЕКЛАССНИКОВ

В статье рассматриваются педагогические основы формирования правовой культуры у старшеклассников. Автором анализируются сущность правовой культуры, правовые познания школьников и их правовое воспитание, и определяются этапы формирования правовой культуры. Также в статье представлены педагогические условия эффективности формирования правовой культуры и определена среда формирования правовой культуры у старшеклассников, и в этой связи представлены мнения ученых-юристов. Понятие правовой культуры гораздо более актуально, чем понятия юридического образования и юридической подготовки. Потому что он определяет не только уровень образования и профессиональной подготовки, но и охватывает позитивные правовые механизмы, которые способствуют выполнению правовых и культурных норм и обеспечивают ответственность человека за свою деятельность. Правовая культура является основным показателем результативности образования и правового воспитания. Правовое воспитание является основным механизмом формирования правовой культуры личности. Школьники продолжают свою «правовую информацию» в ходе морально-правовой деятельности. Они получают общее представление об образовательном процессе государства, его символах, правах и обязанностях гражданина. В развитии своего морального чувства они играют на музыкальных инструментах, занимаются изобразительным искусствам, запоминают народные песни, играют на игровых площадках..

**Ключевые слова:** правовая культура, правовое сознание, правовое просвещение, правовое мышление, педагогика, педагогические условия, школа, старшеклассник, правовое воспитание, правовые знания, социальная культура.

## PEDAGOGICAL FOUNDATIONS OF THE FORMATION OF LEGAL CULTURE AMONG HIGH SCHOOL STUDENTS

The article discusses the pedagogical pedagogical foundations of the formation of legal culture among high school students. The author analyzes the essence of legal culture, legal knowledge of schoolchildren and their legal education, and determines the stages of legal culture formation. The article also presents the pedagogical conditions for the effectiveness of the formation of legal culture and defines the environment for the formation of legal culture among high school students, and in this regard, presented opinions of legal scholars. The concept of legal culture is much more relevant than the concepts of legal education and legal training. Because it determines not only the level of education and training, but also embraces positive legal mechanisms that contribute to the implementation of legal and cultural norms and ensure a person's responsibility for their activities. Legal culture is the main indicator of the effectiveness of education and legal education. Legal education is the main mechanism for the formation of the legal culture of the individual. Pupils continue their "legal information" in the course of moral and legal activities. They get a general idea of the educational process of the state, its symbols, rights and obligations of a citizen. In the development of their moral sense, they play musical instruments, visual arts, memorize a folk song, social life in the playing fields.

**Key words:** legal culture, legal awareness, legal education, legal thinking, pedagogy, pedagogical conditions, school, high school student, legal education, legal knowledge, social culture.

**Сведения об авторе:** ***Саторова М.К.*** **–** Институт развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45. Телефон: **904-58-55-42; 909-99-04-16**

**Information about the author:** ***Satorova M.K.***- Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini St. 45.
Pone: **904-58-55-42; 909-99-04-16**

УДК-94-372-893

# ПАДИДАҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ – ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МУСТАҚИЛИЯТ ВА ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

*Ҳошимова Ш. Ғайбуллоева М.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров**

Таҳлилҳо ва таҷрибаи пешқадами методӣ исбот намуданд, ки падидаҳои инноватсионии таълим заминаҳои баланд бардоштани маърифати шогирдро фароҳам меоранд. Арзишҳои инноватсионӣ, ки дар раванди таълим омӯзгор дар асоси қонуниятҳои методи фаъол корбарӣ мекунад, дар ташаккули қобилияти созандаи идоракунии ирода ва боварӣ ба ақидаи худ дар ҳама вазъият пешсаф буданро роҳандозӣ мекунад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ, ки 22-юми декабри соли 2016 ироа гардид, дар радифи дастовардҳои бузург он нуқта низ қайд мешавад, ки барои ишғоли мавқеи арзанда дар ҷаҳон назди кишвар вазифаи дар муддати кӯтоҳтарин интихоб ва амалӣ кардани самтҳои афзалиятноки рушду такомул гузошта мешавад, ки бояд, пеш аз ҳама, бо такя ба неруву коркардҳои хеш сурат гирад [1]. Дар шароити муосири пешрафти босуръати ҷомеа, ҳар мамлакат, аз он ҷумла Тоҷикистон, ба мутахассисоне ниёз дорад, ки соҳиби тафаккури навгаро буда, ба фаъолияти созандаи идоракунӣ қобиланд. Барои ҳалли ин масъала кадрҳои муосир - омӯзгорони эҷодкор, мушовирон, коршиносон заруранд, ки маълумоти босифатро барои кор дар шароити иқтисоди бозоргонӣ фаро гирифта, ба рақобати шадид дар ҷаҳон тоб оварда метавонанд. Сухан дар бораи роҳбарони форматсияи нав, намояндагони баргузидаи идоракунанда - омӯзгори эҷодкор меравад, ки ба пеш бурдани фаъолияти касбии инноватсионӣ (ФКИ) қобиланд. Менеҷмент аз бартараф кардани номуташаккилӣ, тасодуфҳо, номуайянӣ иборат аст, зеро маҳз ҳамин падидаҳо номуайянӣ, носаҳеҳӣ, набудани тартиби кафолатноку натиҷаҳои матлубро ба миён меоранд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар ҳамаи давру замон обрӯи аҳли илму маърифат, омӯзгори асил, донишманду хирадманд, покдилу покдин мақоми шоиста дошт. Муаллим дар ҷодаи ба шогирдон омӯзонидани асосҳои илму маърифат ва одобу ахлоқи ҳамида бояд ҷӯяндаву созанда, пеш аз ҳама, поксиришт, адолатхоҳ, росткор ва мубориз бошад. Модом ки касби боифтихору пурмасъулияти омӯзгориро интихоб намудааст, бояд бисӯзаду бисозад, то ин ки ба соҳили мурод бирасад.

Имрӯзҳо дар назди соҳаи маориф вазифаҳои ниҳоят муҳим, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати таълим, ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, тарбияи мутахассисони ҷавобгӯи замон, инчунин, ба шароити замона мутобиқ гардонидани мазмуну мундариҷаи таълим гузошта шудааст. Ҳадафи асосии инноватсия тағйироту навгониҳо ворид намудан дар низоми маориф ва усули идораи он аст. Зимни таълими инноватсионӣ ду масъалаи муҳимми методӣ дар назар дошта шудааст:

1) омӯзиши таҷрибаи навини методӣ;
2) татбиқи амалии навгониҳои методию психологӣ.

Равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф ба таври назарӣ ва амалӣ густариш меёбанд: таҳияи мундариҷаи нав, усул ва шаклҳои ҷадиди таълиму тарбия, татбиқ ва паҳн кардани таҷрибаи педагогӣ, технологияи нави идораи муассисаҳои таълимӣ, дар онҳо гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ва ғайра. Дар таълими инноватсионӣ ду омил нақши асосӣ доранд [6, с.25].

1. Омили объективӣ – ба вуҷуд овардани шароити инкишофи фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқи натиҷаҳои он;
2. Омилҳои субъективии алоқаманд ба равандҳои инноватсионӣ ва омодагиҳо оид ба фаъолияти инноватсионӣ.

Дар асоси арзишҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ асосан зарурати ба амал овардани чунин тадбирҳо ба миён омадааст:

1) рушду такомули таҷрибаю маҳорати инфиродӣ;
2) татбиқи таҷрибаи муосир;
3) омӯзиши пажӯҳишҳои илмӣ;
4) усули озмоишӣ.

Тарбияи инсони ҷӯяндаю озодандеш, шахсияти варзидаи фидокор, дорои дониши баланди илмӣ, омодаи фаъолияти судманди эҷодӣ ва таҷассумгари хулқу атвори ҳамидаи инсонӣ ҳадафи стратегии мактаби муосир ба шумор меравад.

Истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар дарсҳо аз фанҳои табиию риёзӣ ва ҷамъиятию гуманитарӣ ҳавасмандии шогирдонро ба омӯзиши ин фанҳо афзун менамояд.

Замони муосир замони техникаю технология буда, аз ҳар як омӯзгор тақозо менамояд, ки дар раванди таълим аз уҳдаи истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ барояд [5,с.30]. Вобаста ба падидаҳои нави инноватсионӣ Асосгузори сулҳу ваҳдат -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: "Вазифаи аввалиндараҷаи Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ҳамаи қувваю имкониятҳои худро дар баробари рушди илмҳои гуманитарӣ ба инкишофи илмҳои техникӣ, риёзӣ сафарбар намуда, заминаи такомули шуури техникӣ ва иқтисодии ҷомеаро фароҳам оранд". Зеро тамоми бурду бохти муассисаҳои таълимӣ аз қабили ҷорӣ намудани низоми нав барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор бо истифода аз техника ва технологияи муосир, натиҷабардорӣ аз раванди инноватсионии таълим, дастовардҳои донишҷӯён ва муваффақиятҳои омӯзгорон, назорати муассисаи таълимӣ, ташкили шароити самараноки санҷиши педагогӣ, усул ва методи назорат ба раванди таълим истифодаи методҳои назорати корҳои беруназсинфӣ бо назардошти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ аз андешаҳои одилона ва оқилонаи роҳбари муассисаҳои таълимӣ ва кулли омӯзгорон зимни нақшаи амалкунанда дар ҷараёни таълиму тарбия вобастагии зиёд дорад. Бояд қайд намуд, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз тарзҳои ҷамъоварӣ тасвир, коркард, мушоҳидакорӣ ва ирсоли информатсия аз тариқи шабакаҳои интернет тавассути воситаҳои техникӣ таркиб ёфтааст. Яке аз шартҳои информатсия информатикунонӣ буда, бо худ таҳаввулоти илмию техникӣ ва иқтисодию иҷтимоиро меоварад, ки он, дар навбати худ, ҳаёту фаъолият ва тафаккуру арзишҳои омӯзгор ва шогирдонро дигаргун месозад. Пештар олимони соҳаи методикаи таълим, психология ва аз ҷумла мо низ, дониши касбии омӯзгорро дар ҷойи аввал мегузоштем. Ҳоло ба хулосае меоем, ки ин ҷой насиби сифати инсонист. Чаро? Барои он ки омӯзгор, пеш аз ҳама, на ба биноҳои боҳашамат ё фарсудаи мактаб ва на ба воситаҳои таълими техникӣ, ҳарчанд ки инҳо муҳиманд, балки ба шогирд-хонанда, яъне инсон сарукор дорад, яъне вай ояндаро месозад. Ҷомеа ба омӯзгор бовар ва насли наврасро дар ихтиёраш мегузорад. Муаллими дилсӯз наздаш вазифа мегузорад, ки дар хонандагон сифатҳои одамиро тарбия намояд. Ҳамзамон, самараи истифодаи технологияҳои муосири таълимро аксарияти омӯзгорони фаъолу эҷодкор, шогирдон ва волидайн дар раванди ҷустуҷӯҳои эҷодкорона кайҳо дарк кардаанд ва теъдоди зиёди устодон онҳоро пурра ё лаҳзаҳои алоҳидаи онҳоро имрӯз истифода намуда, ба натиҷаҳои дилхоҳ комёб мегарданд. Илова бар ин, технологияҳои муосири таълим ба рушди истеъдод, қобилиятҳои тафаккурию зеҳнӣ, бахусус маърифатнокии илмии техникӣ, фарҳангӣ, молик гардидан ба қобилияти фикррониии мустақилона ва озод ба таври мусбӣ мусоидат мекунанд. Вале истифодаи технологияҳои нави таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ имрӯз ҳам аз рӯйи талабот ба роҳ монда шудааст. Аз ин рӯ, чи сифати таҳсилот ва чи сатҳи дониши хонанда аз нигоҳи талаботи замон боло нарафтааст. Ҳамзамон, ба ҳамагон хуб маълум аст, ки таълим бо истифода аз усулҳои анъанавӣ ба такмили маҳорат, малака ва дониши хонандагони дорои қобилиятҳои баланди зеҳнӣ равона мегардаду халос, зеро дар ҷараёни онҳо танҳо хонандагони "фаъол" метавонанд мазмун ва моҳияти иттилои пешниҳодшударо ҳифз намоянд. Раванди азхудкунӣ ва бунёди дониш дар ҷараёни ин гуна дарсҳо, ки аз дониши қаблӣ (таҳкурсӣ), шарҳу тафсири маводи нави таълим, мушоҳида ва хулосаҳои худи хонанда маншаъ мегирад, сурат мегирад. Истифодаи технологияи муосири таълим дар ҷараёни таълиму тарбия заминаи воқеии инкишоф ва истифодаи имкониятҳои интеллектуалиро барои ҳар як хонанда фароҳам меоварад. Муҳимтар аз ҳама, истифодаи технологияҳои муосири таълим шогирдонро дар зинаҳои аввалини ҳаёти ҷамъиятӣ баҳри молик будан ба қобилияти фикрронӣ, ташаккули маҳорати зеҳнию тафаккурӣ, маърифатнокии илмию техникӣ ҳидоят менамоянд. Самимият, бунёди дониш, озодандешӣ, эҳтироми шахсият ва ташаккули ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ, истифодаи имконияту тавоноӣ, ҳамкорию муносибати самимонаю инсондӯстона, камолоти маънавӣ, мустақилият, ошкор гардидани лаёқат ва истеъдод, адолатшиносӣ-чунин аст рӯйхати нотамоми он сифатҳое, ки шахсият дар раванди таълиму

тарбия тавассути истифодаи технологияҳои муосири таълим ба даст оварда метавонад.Ҳангоми истифодаи технологияи муосири таълим дар раванди таълиму тарбия дар сатҳи таълимгоҳҳо ва дарсҳои воқеӣ зинаҳои он бояд ба эътибор гирифта шаванд. Ҳар як омӯзгор дар бораи технологияи мазкур бояд маълумоти дақиқ дошта, роҳҳои татбиқи онҳоро хуб дарк карда бошад ва дар дарсҳояш (амалия) ба онҳо эътибори ҷиддӣ диҳад.

Падидаҳои инноватсионии таълим барои устод заҳмати доимиро дар худи ҳадафу мақсад нишон медиҳад, ба ибораи дигар, ин иқдом шоиста нест, ки он аз рӯйи чаҳорчӯбаи нақшавӣ сурат бигирад. Муҳимтар аз ҳама, дар он маҷмӯи фаъолиятҳо нуҳуфта ва он дорои барномаи фаъолияти мушаххас буда ва мебошад. Ҳамаи ин мушаххасот пойдеври ташаккули шахсиятро дар кори ҳаррӯзаи омӯзгор баръало нишон медиҳад. Бояд хотирнишон кард, ки дар баробари ҳамаи ин боз дар ҳаёти шогирдон ташаккули иҷтимоӣ нақш дорад, ки онро муносибати ҳамдигарии эшон таъмин мекунад.

Хулоса, ин муносибатҳо аз муҳит ва дороии зеҳнии ҳар як шогирд вобаста буда, аз сӯйи дигар, агар устоди тарбиякунанда корҳои таълиму тарбиявиро усулан хубтару беҳтар бо фарогирии фаъолияти таълимӣ, маърифатӣ ба роҳ монда тавонад, он гоҳ дар шогирдон дарки баланди парастиши зебоӣ шакл мегирад, ки ин сифатҳо дар тақвияти шахсияти онҳо хеле таъсиргузор арзёбӣ мешаванд. Ҷараёни тарбияро дар ин раванд мутахассисону коршиносони соҳаи методика муайян намудаанд, ки дар ташаккули шахсият ва мустақилияту эҷодкории шогирд замина мегузоранд ва мустақилият шогирдро водор мекунад, ки:

1. ташаккули шахсият дар зиндагӣ муҳим буда, он арзишҳои асосии инсонро идора мекунад, ки бе он ҳаёти инсон шакл намегирад, яъне қобилияти фарқсозии некӣ ва бадӣ, фаҳмиши ҳуқуқу уҳдадорӣ, масъулияти вазифа, поквиҷдонию покдилӣ чун асос шуморида мешаванд.

2. инкишофи зеҳният бо ҷаҳонбинии илмии муосир марбут донист мешавад, яъне ин барои он муҳим аст, ки шахс ҳамаҷониба инкишоф ёбад, ҷаҳонро дарк созад, дар ҷомеа мавқеи худро ёбад, зеро вай узви ҷомеа аст;

3.тарбияи эстетикӣ дар шогирдон зебопарастиро ташаккулу тақвият мебахшад. Қобилияту истеъдоди онҳоро зуҳур мекунад, онҳо ҷаҳони моддиро беҳтару хубтар дарк карда, ба арзишҳои волои инсонӣ, ки яке аз онҳо башардӯстӣ аст, сарфаҳм меравнад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз 22-юми декабри соли 2016. –Душанбе, 2016.
2. Баранов П.А. Историко-обществоведческое образование в современной школе / Учебник / П.А. Баранов. – Москва, 2000. – 120с.
3. Боголюбова Л.Н. Методика преподавания обществознания в школе. Учебник / Л.Н. Боголюбова. – Москва: 2002. – 303с.
4. Вяземский Е.Е. Методика препадования истории в школе. Учебник / Е.Е. Вяземский. – Москва, 2010.-205с.
5. Короткова М.В. Методика обучения истории. Учебник / М.В. Короткова. – Москва, 1993.- 293с.
6. Студеникин М.Т. Методика преподавания истории. Учебник / М.Т. Студеникин. – Москва, 2000. - 200с.
7. Степанищев А.Т. Методический справочник учителя истории. Учебник / А.Т. Степанищев. –Москва, 2000. – 200с.
8. Короткова М.В. Методика обучения истории в схемах, таблицах. описаниях: практическое пособие для учителей. Учебник / М.В. Короткова, М.Т.Студеникин. – Москва, 1999. – 191с.
9. Боголюбова Л.Н. Методика обучения истории в средней школе. Учебник / Л.Н. Боголюбова. – Москва: Владос. 2002. – 200 с.
10. Шоган В.В. Методика преподавания истории в школе. Учебник / В.В. Шоган. – Москва, 1999.- 250с.
11. Каминская Е. Ю. Инновационные технологии как явление и их особенности при обучении хореографии // Образование и воспитание. — 2018. — №2. — С. 54-58. — URL https://moluch.ru/th/4/archive/88/3214/ (дата обращения: 14.05.2019).
12. Мамадалиев К. Р. Инновационные технологии в обучении // Молодой ученый. — 2012. — №11. — С. 450-452. — URL https://moluch.ru/archive/46/5639/ (дата обращения: 14.05.2019).


## ПАДИДАҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ – ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МУСТАҚИЛИЯТ ВА ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ


Дар мақола оиди падидаҳои инноватсионии таълим маълумот дода шуда, қайд гардидааст, ки заминаҳои инкишофи мустақилияти шогирд аз бунёди ақидаҳои нав, ҳифз карда тавонистани ақидаи худ оғоз гардида, ба фаъолкунӣ ва эҷодкорӣ раҳнамоӣ карда метавонад. Зеро тамоми бурду бохти муассисаҳои таълимӣ, аз қабили ҷорӣ намудани низоми нав барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор бо истифода аз техника ва технологияи муосир, натиҷабардорӣ аз раванди инноватсионии таълим, дастовардҳои донишҷӯён ва муваффақиятҳои омӯзгорон мебошад. Муаллифон қайд намудаанд, ки самимият, бунёди дониш, озодандешӣ, эҳтироми шахсият ва ташаккули ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ, истифодаи имконияту тавоноӣ, камолоти маънавӣ, мустақилият, ошкор гардидани лаёқат ва истеъдод, он

сифатҳое мебошанд, дар ташаккули шахсият дар раванди таълиму тарбия тавассути истифодаи технологияҳои муосири таълим ба даст оварда мешаванд.

**Калидвожаҳо** падидаҳои инноватсионӣ, раванди таълим, мустақилият, фаъол, тафаккур, зеҳн.

**ИННОВАЦИОННЫЕ ЯВЛЕНИЯ В ОБУЧЕНИИ КАК ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ И ПОВЫШЕНИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОСТИ**

В данной статье авторами рассматриваются инновационные явления в обучении как фактор формирования личности и повышения егосамостоятельности. Современный период развития общества требует от современного педагога активного и систематического творчества в педагогической деятельности. Инновации в сфере образования и инновационные технологий, являющиеся одной из форм нововведений в образовательном процессе, становятся воплощением новых знаний. В настоящее время образовательные учреждения ведут инновационную работу. В статье речь идет о инновационных явлениях в учебном процессе, Предпосылки умственного развития и самостоятельности ученика начинается из творения новых мышлений, защиты своей мысли. Потому что все достижения и ошибки учебных учреждений, в том числе новая система повышения квалификации учителей с использованием техники и современной технологии зависит от инновационного процесса в обучении студентов и преподавателей.

**Ключевые слова:** инновационный явления, учебный процесс, самостоятельность, актив, ум, интеллект.

**INNOVATIVE PHENOMENA IN EDUCATION AS A FACTOR OF FORMATION OF THE PERSONALITY AND IMPROVEMENT OF INDEPENDENCE**

In this article, the authors consider innovative phenomena in education as a factor in the formation of personality and self independence. The modern period of development of society requires from the modern teacher active and systematic creativity in teaching. Innovations in the field of education and innovative technologies, which are a form of innovation in the educational process, become the embodiment of new knowledge. Currently, educational institutions are innovative work. The article deals with innovative phenomena in the educational process. The prerequisites for the mental development and independence of the student begin from the creation of new thinking, to protect their thoughts. Because all the achievements and mistakes of educational institutions, including the new system of advanced training of teachers using technology and modern technology depends on the innovation process in teaching students and teachers.

**Keywords:** innovative phenomena, educational process, independence, asset, mind, intellect.

**Сведения об авторах:** ***Хошимова Шафоат Файзуллоевна*** **–** Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова, доцент кафедры методики преподавании истории и права, факультета истории и права. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1 E-mail: **shafoat2603@mail.ru.**

***Гайбуллоева Мохира Абдукаюмовна*** - Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа и археология, факультета истории и права. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1

**Information about the authors:** ***Khoshimova Shfofoat Faizulloevna*** - Khujand State University named after B.Gafurov, Associate Professor of the Department of History and Law Teaching Methods, Faculty of History and Law. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekov, 1 E-mail: shafoat2603@mail.ru.

***Gaybulloeva Mohira Abayukumovna*** - - Khujand State University named after B.Gafurov, Senior Lecturer of the Department of the History of the Tajik People and Archeology, Faculty of History and Law. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekov, 1

**УДК: 372.881.111.1 (575.3)**

# РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Ёфтаков Ҳ.Ф.***

**Институти тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов.**

Яке аз тамоюлоти рушди ҷомеаи муосир гузариш ба таҳсилот дар тӯли ҳаёт мебошад. Ба ҷомеаи рушдёбанда одамони баландихтисос, ҳамаҷониба маълумотноке лозиманд, ки мустақилона қарорҳои масъулиятнокро дар вазъияти интихоб бо пешбинии пайомадҳои онҳо қабул карда метавонанд, ба ҳамкорӣ қобиланд, бо ҳамоҳангӣ бо ҳар гуна муҳит, серҳаракатӣ, созандагӣ, масъулиятнокӣ фарқ мекунанд.

Муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши сохтори вазифавии фаъолияти педагогии омӯзгори забони хориҷӣ машғуланд, нақши пешбарандаи вазифаи иртиботию таълимиро зикр намуда, дар он унсурҳои иттилоотию самтгирӣ, ангезишию ҳавасмандӣ ва назоратию ҳамвокуниширо ҷудо мекунанд.

Унсури иттилоотию самтгирии вазифаи иртиботию таълимӣ бо маҳоратҳои зерин таъмин карда мешавад:

- роҳнамоӣ кардани донишҷӯён нисбат ба робита байни забон ва фарҳанги кишвари забони мавриди омӯзиш, махсусияти зуҳуроти хусусияти миллӣ ва рафтори иҷтимоию фарҳангии намояндагони он;

- роҳнамоии донишҷӯён нисбат ба хусусиятҳои монандӣ ва фарқ кардани фарҳангҳои кишвари худ ва бегона [2,с.33-40].

Унсури ангезишию ҳавасмандкунӣ дар худ маҳорати дар донишҷӯён эҷод намудани талаботи дохилӣ ба истифодаи забони англисӣ ҳамчун воситаи муомила дар вазъиятҳои иртиботи бавосита ва бевоситаи байнифарҳангиро фаро мегирад:

а) бо роҳи ворид кардани маводи асил (матнҳо, шеърҳо, сурудҳо, маводи видеоӣ ва ғ.) дар раванди омӯзиши забон;

б) бо роҳи истифодаи усули фаъоли таълим (супоришҳои масъалагузорӣ, бозиҳои нақшофарии самти иҷтимоию фарҳангидошта), ки ба азхудкунии самаранoктари махсусияти фарҳанги забони бегона мусоидат менамоянд;

в) бо роҳи ҷалби донишҷӯён ба намудҳои мухталифи кори ғайриаудиторӣ, ба мисли викторина ва озмунҳои фарҳангию кишваршиносӣ, мукотиба бо дӯсти хориҷӣ ва ғ., ки ба ҳалли вазифаҳои мушаххаси ҳамфарҳангшавӣ (аккултуратсия) равона карда шудаанд.

Унсури назоратию ҳамвокунишӣ ба маҳоратҳои зерини методӣ асос меёбад:

- ҷудо кардани ҳадаф, шаклҳо, намудҳо ва объектҳои назорат зимни азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муомилаи байнифарҳангӣ;

- банақшагирӣ ва амалисозии назорати ҷорӣ, таълимӣ ва натиҷавии малакаҳо ва маҳоратҳои нутқии донишҷӯён бо ҳадафи муайян кардани сатҳи азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муомилаи байнифарҳангӣ.

*Вазифаҳои рушддиҳанда ва тарбиятдиҳанда* бо кумаки маҳоратҳои зерин татбиқ карда мешаванд:

- бо роҳи истифодаи маводи асил дар раванди таҳсил, тавсеаи ҷаҳонбинӣ, рушди ҳофиза, тахайюл, қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён, дар онҳо ташаккули маҳорати таҳлилӣ ва ҷудо кардани хислатҳои мушобеҳ ва дидани фарқ дар фарҳангҳои худ ва фарҳанги мавриди омӯзиш;

- дар донишҷӯ ташаккул додани маҳорати мустақилона фаҳмидани фарҳанги дигар бо истифода аз фарҳангномаҳои лингвокишваршиносӣ, адабиёти гуногуни иттилоотӣ, воситаҳои ахбори омма;

- тарбияи донишҷӯён дар рӯҳияи эҳтиром, ҳусни таваҷҷуҳ ба халқ – соҳибони забони мавриди омӯзиш, инчунин ба арзишҳои иҷтимоию фарҳангии он;

- дар донишҷӯён тарбия намудани эҳтироми амиқ ба анъанаҳо, расму одатҳои миллӣ, дастоварди фарҳангии ватани худ [7].

*Функсияи шинохтӣ* аз тариқи маҳоратҳои зерин татбиқ карда мешавад:

- таҳлили маводи таълим, воситаҳои таълим аз нуқтаи назари маълумотҳои дар онҳо пешниҳодшуда оид ба фарҳанги кишвари мавриди омӯзиш ва истифодаи онҳо дар раванди таълим;

- пешбинӣ намудани ҳолатҳои имконпазири зуҳур ёфтани таъсири мутақобилаи иҷтимоию фарҳангӣ дар фаъолияти нутқии донишҷӯён;

- муайян кардани далелҳо ва падидаҳои воқеият дар асоси муқоисаи махсусияти миллию фарҳангии ду умумияти забонии фарҳангӣ.

Маҳоратҳои методие, ки вазифаи *асоснокию банақшагириро* таъмин менамоянд, ба тариқи зайл мебошанд:

- гузаронидани интихоб, коркарди методии маводи асил ва тақсим намудани онҳо аз рӯйи марҳилаҳои таълим;

- интихоби усул ва тарзҳои самаранoктари шинос намудани донишҷӯён бо кишвари забони мавриди омӯзиш;

- омода кардан, интихоб ва истифодаи воситаҳои мухталифи аёният ба мақсади маънидор кардани ин ё он воқеиятҳо [8].

*Функсияи ташкилотӣ* дар асоси маҳоратҳои интихоб намудани усули муносиби ташкили фаъолияти худ ва фаъолияти донишҷӯён бо ҳадафи самаранoктар азхудкунии далелҳои фарҳанги бегона татбиқ мешавад [71,с.162-167].

Бояд қайд кард, ки барои ба даст овардани сифатҳои зарурӣ шартҳои бисёр муҳиманд ва ин раванд ба дараҷаи зиёд инфиродӣ мебошад. Нуктаҳои асосӣ мақсади омӯзгор ба худомӯзӣ ва худтарбиягирӣ, хоҳиши комилан азхудкунӣ мебошанд. Шарти дуюм қобилият ба худтаҳлилкунӣ ва худбаҳодиҳӣ мебошад. Фазои мактаб низ дорои

аҳамият мебошад - муносибатҳо бо ҳамкорон, имконияти иштирок дар дарсҳои омӯзгорони дигар, инчунин дар наздикии муассисаҳои таҳсилотӣ мавҷуд будани институти такмили ихтисоси омӯзгорон, кабинети методӣ.

Худтаҳлилкунӣ бояд як қисми омодашавӣ ба машғулиятҳо бошад, худбаҳодиҳӣ бошад, метавонад дар дарс ҳам ба вуҷуд ояд. Тавсия дода намешавад, ки хатоигҳои методӣ ва педагогие, ки омӯзгор дар худ мушоҳида мекунад, дар ҷараёни дарс ислоҳ карда шаванд, зеро барои ин вақт нест ва дарс бояд тибқи нақшаи тартибдодшуда идома дода шавад. Якбора набояд аз пасиислоҳи ҳама хатогиҳо шуд, беҳтар аст як ё дутои онҳо интихоб карда шавад ва ҳамаи кӯшишҳо ба онҳо мутамарказ гардонида шаванд. Вақте ки пешравиҳои мусбат пайдо мешаванд, он гоҳ метавон ба сифатҳои дигар гузашт. Барои беҳбудсозии сифатҳои педагогӣ муомилаи ғайрирасмӣ бо донишҷӯён дар машғулиятҳои беруназдарсӣ муфид аст.

*Функсияи нутқи омӯзгори забони хориҷӣ.* Ба нутқи омӯзгор доир ба ҳар як фан вазифаи муҳим ва масъулиятнок дар раванди таълимию тарбиявӣ талаботи баланд зоҳир карда мешавад. Он бояд босаводона, мухтасар, ифоданок, боваринок бошад, яъне сухани омӯзгор бояд боварибахш бошад. Дар дарси забони англисӣ сухани омӯзгор боз як вазифаи муҳимми дигарро иҷро менамояд – он воситаи таълим мебошад, зеро ин сухан намунаро барои тақлид пешниҳод намуда, такягоҳе ҳисоб меёбад, ки дар нутқ метавонад истифода шавад ва ташвиқе бошад, ки нутқи донишҷӯёнро ба таҳрик дарорад [3].

Рафтори нутқии омӯзгор бо воситаҳои ғайринутқӣ робитаи зич дорад, зеро на танҳо нутқи омӯзгор, балки тамоми вуҷуди ӯ дар маҷмӯъ дар нутқ татбиқ карда мешавад. Е.И. Пассов ба уҳдаи омӯзгор нақши "намоишноманавис", "коргардон" ва "ҳунарманд"-ро мегузорад [6]. Муҳтавои дарсро пешбинӣ намуда, ба омӯзгор зарур аст баландтарин нуқтаи иртиботиро дар он ҷудо намуда, муносибатҳоро ба ин лаҳзаи асосии дарс пешбинӣ намояд. Барои ҳалли вазифаҳои марбут бо таълими сухангӯӣ дар забони хориҷӣ муҳим аст вазъиятҳо, яъне "ҷобаҷошавии ҳунармандон" мушаххас карда шаванд; барои онҳо шаклҳои дахлдори кори дастаҷамъӣ интихоб, нақшҳо тақсим карда шаванд. Вазифаи омӯзгор – "коргардон", бинобар ин, интихоби машқҳо, мавод, вазъиятҳое мебошад, ки рушди донишҷӯёнро дар дарси забони англисӣ ба таҳрик медароранд.

Омӯзгори "коргардон" бояд ба таври ҳадди аксар дақиқ ва пурра намоишномаро татбиқ намояд, яъне дарси ягона, натиҷанок, барои донишҷӯён ҷолиб эҷод намояд. Ба ӯ зарур аст, ки фазои дарси забони англисӣ, фазои психологиеро, ки барои амалисозии муомила зарур аст, эҷод намояд.

Дар марҳилаи муосир аҳамияти ҳалкунандаро он воқеият касб менамояд, ки омӯзгори оянда бояд забони хориҷиро ҳамчун воситаи иртиботи байнифарҳангӣ донад, ки дар ӯ ташаккули салоҳияти лигвокишваршиносиро дар назар дорад ва он қисми ҷудонашавандаи салоҳияти касбию иртиботӣ мебошад.

Асоси лингвокишваршиносии салоҳияти омӯзгори забони англисиро донишҳои заминавии мутахассиси хосси маълумотдори намояндаи умумияти лингвофарҳангӣ ташкил медиҳанд. Фарҳангномаи истилоҳоти забоншиносӣ таърифи зерини донишҳои заминавиро медиҳад: дониши заминавӣ - background knowledge – ин дониши дуҷонибаи воқеиятҳо аз ҷониби сухангӯй ва шунаванда аст, ки асоси муомилаи забонӣ мебошад. В.П.Фурманова қисматҳои зерини донишҳои заминавиро ҷудо мекунад, ки бояд шахсияти "фарҳангию забонӣ" барои муомилаи бомуваффақият дар вазъиятҳои иртиботи байнифарҳангӣ фаро гирад: 1) заминаи таърихию фарҳангӣ, ки шомили маълумот оид ба фарҳанги ҷомеа дар раванди инкишофи таърихии он мебошад; 2) заминаи иҷтимоию фарҳангӣ; 3) заминаи этнофарҳангӣ, ки шомили иттилоот дар бораи маишат, анъанаҳо, ҷашнҳо мебошад; 4) заминаи семиотикӣ, ки шомили иттилоот дар бораи рамз, ишораҳо, махсусияти муҳити бегоназабон мебошад. Ҳамин тариқ, ба мақсадҳои таълимӣ ҷудо кардани унсури забоншиносию салоҳияти лингвокишваршиносӣ зарур аст, ки ба он воҳидҳои луғавии ба таври равшан инъикоскунандаи фарҳанги кишвари забони мавриди омӯзиш дохил мешаванд [4].

Таҳти салоҳияти лингвокишваршиносии шахсияти ғайриасилии забонӣ қобилияти амалисозии иртиботи байнифарҳангиеро мефаҳманд, ки дар донишҳои воҳидҳои луғавӣ бо унсури миллию фарҳангии семантика ва маҳоратҳои корбурди муносиби онҳо дар вазъиятҳои муомилаи байнифарҳангӣ, инчунин маҳоратҳои истифодаи дониши заминавӣ барои ноилшавӣ ба ҳамдигарфаҳмӣ дар вазъиятҳои муомилаи бавосита ва бевоситаи байнифарҳангӣ асос ёфтаанд.

Бояд қайд кард, ки дар марҳилаи муосир фазои ягонаи аврупоӣ “зудҳаракатӣ”-и омӯзгорон ва донишҷӯёнро тақозо дорад. Пешбинӣ карда мешавад, ки таҳсилот дар тамоми ҷаҳон бояд ба талаботҳои тахассусӣ ҷавобгӯ бошад, то ки мутахассис новобаста аз он ки маҳз дар куҷо таҳсилот гирифтааст, худашро дар ҳар гуна кишвар боваринок ҳис кунад. Дар робита ба ин, вазифаи омӯзгори забони англисӣ дар зинаи олии касбӣ рушди салоҳият то дараҷае мебошад, ки хатмкунанда тавонад босаводона миқдори зиёди ибораҳои забонзадаю ифодаҳои саҳеҳ дар бораи тамоюлоти олии инсондӯстонаи мусоҳиби бо забони англисӣ суханкунанда самтгирӣ намояд ва мавқеи худро дифоъ кунад.

Ташаккули салоҳияти иртиботии забони хориҷӣ, омодагӣ ба муомилаи воқеӣ бо забони дигар ҳадафи асосии таълими забонҳои хориҷӣ дар марҳилаи кунунӣ мебошад. Донистани забони англисӣ ҳанӯз муваффақияти ҳамкории байнифарҳангиеро кафолат намедиҳад, зеро дар роҳи он метавонад фаҳмиши нопурра, стереотипҳои этникӣ, таассубҳо, ҳолати “садамаи фарҳангӣ”, баҳогузории аз меъёр зиёди шабоҳати фарҳангҳои ватанӣ ва кишвари бегона, зиддияти онҳо дар сатҳи шуури инфиродӣ ба вуҷуд оянд. Аксари муҳаққиқон қайд мекунанд, ки хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо фарҳанги бегона чандон шинос нест, ӯ талаботро барои амиқсозии донишҳои яктарафаи худ таҷриба намекунад, дорои содагии монофардист, ба муомилаи байнифарҳангӣ омода нест ва муҳим будани омӯзиши фарҳанги бегонаро ба таври лозима арзёбӣ намекунад. Дар робита ба ин, зарурати такмили салоҳияти иртиботии омӯзгор дар раванди фаъолияти касбии ӯ ба миён меояд, ки дар он нақши хоссаро донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо касб менамоянд, ки барои муваффақиятнокии иртибот дар самти байнифарҳангӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Ташаккули салоҳияти иҷтимоию фарҳангии омӯзгор аҳамияти иловагиро ҳамчун воситаи тарбияи шахсияти ӯ касб менамояд. Иҷтимоишавии дубораи омӯзгорон аз тариқи воситаҳои забони англисӣ ба дақиқсозии образи “Ман”-и онҳо, дарки худ ҳамчун субъектҳои фарҳанги миллӣ, фаҳмиши нави он, мусоидат менамояд. Таҳаммулпазирӣ ба ношабоҳатии соҳибони фарҳанги бегона, муносибати мусбат ба онҳо, муносибати таҳлилӣ ба падидаҳои иҷтимоию фарҳангӣ метавонанд, ки ба муомилаи педагогӣ равона карда шаванд, зимнан ба зуҳуроти эҳтиром, самимият, дарки фарқҳои байнишахсиятӣ ва қабули мусоҳиб равона карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки таваҷҷуҳ ба масъалаи салоҳияти иртиботии забони хориҷӣ ҳамчун қобилият ва омодагӣ ба амалисозии муомилаи бегоназабонӣ (Н.Л. Бим) хеле пеш пайдо шудааст, вале ба самти иҷтимоию фарҳангии он қиёсан ба наздикӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Салоҳияти иҷтимоию фарҳангии забони хориҷиро ҳамчун дониши заминаи иҷтимоию фарҳангӣ истифодаи забони англисӣ ва маҳорати муомила кардан дар заминаи додашуда муайян мекунанд [5].

Салоҳияти иҷтимоию фарҳангии забони хориҷии омӯзгор дорои сохтори мураккаб буда, дар худ бар иловаи унсурҳои аз ҷиҳати анъанавӣ қабулшуда донишҳои этнопсихологияи халқи худ ва халқҳои кишварҳои забони мавриди омӯзиш, моҳияти салоҳияти байнифарҳангӣ, ки бо блоки тавсифоти шахсиятӣ пурра карда шуда, ба ноилшавии дарки байнифарҳангӣ ва муомилаи бомуваффақияти педагогӣ мусоидат менамоянд, дар худ фаро мегиранд.

Усули самараноки баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии омӯзгори забони англисӣ таҳлили дарс маҳсуб мегардад. Ин метод ба баланд бардоштани сифати таълим кумак мекунад; раванди тадрисро беҳтар месозад; ба омӯзгор барои баланд бардоштани сатҳи донишҳо, усул, тарзҳои кор дар амалия, дар раванди ҳамкории ӯ бо синф ва донишҷӯёни мушаххас кумак мерасонад; ба омӯзгор имкон медиҳад самтҳои қавӣ ва заиф баҳогузорӣ карда шаванд; ба муайян кардани захираҳо ва манобеи татбиқнашуда, услуби инфиродии фаъолияти педагогӣ кумак мерасонад.

Ниҳоят, ба назари мо, омӯзгори забони англисии дорои салоҳиятнокии касбӣ бояд аз донишҳои зерини касбӣ бархӯрдор бошад:

- низоми забон ва категорияҳои асосии забоншиносӣ ва лингводидактикӣ, инчунин фарҳанги кишвари забони мавриди омӯзиш, таърих ва мушкилоти муосири рушди он, аз ҷумла масъалаҳои муосири ҳамсолони хориҷии донишҷӯён, ки бо онҳо кор кардан лозим аст;
- муқаррароти асосии консепсияи умумитаҳсилотии сиёсати давлатии умумитаҳсилотӣ, аз ҷумла забони англисӣ, дар марҳилаи муайяни рушди ҷомеа;
- психологияи шахсияти донишҷӯ, дар ҳар як “давра”-и дақиқи рушди он, қонуниятҳои азхудкунии забони англисӣ дар шароити таълимӣ;

- талаботи асосие, ки аз ҷониби ҷомеа ва илм ба омӯзгор, сатҳи маҳорат ва сифатҳои шахсиятии ӯ гузошта мешаванд;
- қонуниятҳои асосии таълими забони англисӣ, инчунин муҳтаво ва махсусияти ҳамаи таркиботи раванди таълим: ҳадафҳо, муҳтаво, методҳо, воситаҳои таълим аз нуқтаи назари инкишофи таърихӣ ва ҳолати муосири онҳо.

Ҳамин тариқ, таҳти мафҳуми маҳоратҳои омӯзгори забони англисӣ маҳоратҳои аз ҷиҳати педагогӣ, психологӣ ва методӣ амалисозии дурусти фаъолияти омӯзгорӣ фаҳмида мешавад, ки ба рушди хислатҳои шахсияти дуюмини забонӣ равона шудааст ва чунин маҳоратҳо қобилиятро барои иштирок дар муомилаи байнифарҳангӣ пешакӣ муайян месозанд.

## АДАБИЁТ


1. Адамко М.А. Место художественных текстов в системе обучения английскому языку студентов направления подготовки «Филология» / М.А. Адамко //Актуальные проблемы теоретической и прикладной лингвистики и оптимизация преподавания иностранных языков: материалы IV междунар. науч. конф. Тольятти: ТГУ, 2014. -С. 162-167.
2. Богданчик Л.В. Инновационные методы обучения иностранному языку в неязыковом вузе / Л.В. Богданчик //Современные тенденции в обучении иностранным языкам и межкультурной коммуникации. Материалы Международной заочной научно-практической конференции, 24 марта 2011 г. Электросталь: Новый гуманитарный институт, 2011.
3. Васильева Ю.А. Обучение студентов старших курсов педагогических вузов профессиональной речи на английском языке с использованием деловых игр: дис.... канд. пед. наук / Ю.А. Васильева. -Санкт-Петербург, 2002. - 179 с.
4. Нигай Л. С. Использование современных педагогических технологий как одно из условий повышения качества образовательного процесса на уроках иностранного языка / Л. С.Нигай //Актуальные вопросы современной педагогики: материалы III междунар. науч. конф. (г. Уфа, март 2013 г.). - Уфа: Лето, 2013. - С. 138-141.
5. Пантилеева М.С. Контроль иноязычной профессионально-коммуникативной компетенции будущего преподавателя иностранных языков / М.С. Пантилеева //Теория и практика общественного развития. – 2011. - № 8. – 220с.
6. Пассов Е.И. Программа - концепция коммуникативного иноязычного образования: Концепция развития индивидуальности в диалоге культур 5-11 классы / Е.И. Пассов. - М.: Просвещение, 2000. - 62 с.
7. Селевко Г.К. Технологии развивающего образования / Г.К.Селевко. -М.: Академия, 2005. - 185 с.
8. Хазова С.А. Компетентность конкурентоспособного специалиста по физической культуре и спорту: монография / С.А. Хазова. - Академия Естествознания, 2010. - Научная электронная библиотека: монографии, изданные в издательстве Российской Академии Естествознания [электронный ресурс]. http://www.monographies.ru/61.


## РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ


Муаллиф дар мақолааш роҳҳои ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгори забони англисиро ба риштаи таҳқиқ овардааст. Ӯ ба вазифаҳои рушддиҳанда ва тарбиятдиҳанда, функсияи шинохтӣ, маҳоратҳои методие, ки вазифаи асоснокию банақшагириро таъмин менамоянд, функсияи ташкилотӣ, функсияи нутқи омӯзгори забони хориҷӣ ва асоси лингвокишваршиносии салоҳияти омӯзгори забони англисӣ равшанӣ андохтааст. Таъкид карда мешавад, ки усули самараноки баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии омӯзгори забони англисӣ таҳлили дарс мебошад. Хулоса карда мешавад, ки таҳти маҳоратҳои омӯзгори забони англисӣ маҳоратҳои аз ҷиҳати педагогӣ, психологӣ ва методӣ амалисозии дурусти фаъолияти худ фаҳмида мешаванд, ки ба рушди хислатҳои шахсияти дуюмини забонӣ равона шудааст.



**Калидвожаҳо:** салоҳияти касбӣ, омӯзгор, забони англисӣ, донишҷӯ, маҳорат, малака, функсия, иртибот, донишҳои касбӣ.


## ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСИ ПРЕПОДАВАТЕЛЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА


Автор в своей статье объясняет способы развития профессиональных компетенций преподавателей английского языка.Он выделяет функции организации, познавательную функцию и основы лингвострановедения в преподавании английского языка. Подчеркивается, что эффективным методом повышения квалификации преподавателя английского языка является анализ уроков. Сделан вывод о том, что при обучении английскому языку педагогические, психологические и методические навыки понимаются как правильное осуществление своей деятельности, которая фокусируется на развитии качества второй языковой личности.



**Ключевые слова:** профессиональная компетенция, преподаватель, английский язык, студент, умение, навык, функция, коммуникация, профессиональные знания.


## THE WAYS OF FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCIES OF ENGLISH TEACHER


The author explains THE ways to develop professional competencies in English language teachers. He has highlighted the functions of the organization, the function of the speech of the foreign language teacher and the basis of linguistic knowledge of the English language proficiency teacher, the function of the instructor and teacher, the technological skills that provide the motive and planning task. It is emphasized that the effective method of raising proficiency of English proficiency teacher is a lesson analysis. It is concluded that under the English language skills

teachers, pedagogy, psychological and methodical skills are applied the correctness of their work, which focuses on the development of the second language personality of identity.

**Key words:** professional competence, teacher, English language, ability, skill, function, professional knowledge.

**Сведения об авторе:** ***Ёфтаков Хусейн Файзуллоевич*** **- Таджикский физкультурный институт имени С. Рахимова**, заведующий кафедрой английского языка. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Лучоб, 53. E-mail: **yoftakovhf@mail.ru**. Телефон: **(+992) 987-94-20-20**

**Information about the autor:** ***Yoftakov Hosseyn FAyzulloevic*** - Tajik Sports Institute named after S. Rakhimov, head of the English language department. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Luchob Street, 53. E-mail: **yoftakovhf@mail.ru.** Phone: **(+992) 987-94-20-20**

**УДК: 372.800.8(575.3)**

## НАҚШИ ФАРҲАНГИ МУОШИРАТ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

***Шомардова С.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳар як ҷомеа принсипҳои муайяни танзими муоширатро таҳия менамояд, ки на танҳо дар меъёрҳои рафтори қабулгардида таҷассум меёбанд, балки ба одамони дорои сатҳҳои мухталифи шуурнокӣ тарбия дода мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки мавҷудияти сатҳҳои мухталифи фарҳанги муошират асоснок карда шавад.

Фарҳанг нисбат ба муошират васеътар буда, тамоми арзишҳои моддӣ ва маънавиро, ки инсоният андухтааст, фаро мегирад. Он ҳамчун воситаи фаъолияти инсон шакл, тарз ва меъёрҳоеро фарогир аст, ки хусусиятҳои амал намудани ҷомеаро муайян менамояд. Илова бар ин, фарҳанг дар фаҳми маҳдуд муайян карда мешавад. Фарҳанг дар асоси сатҳи маҳорати муошират, ки дар ҷомеаи мушаххас бунёд ва қабул шудаанд, муайян карда мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки фарҳанги муошират қисми муҳим ва зуҳуроти аёни фарҳанги умумии инсон ба ҳисоб меравад. Як қатор муҳаққиқон фарҳанги муоширатро ҳамчун умумияти ягона медонанд, ки дар шаклҳои зерини зарурӣ зоҳир мегардад:

- дар шакли фарҳанги дохилӣ, ки ба инкишофи ҷаҳони ботинии инсон равона карда шудааст;
- дар шакли системаи иттилоотӣ, ки нигоҳ доштан, бунёд ва гузоштани донишҳоро таъмин менамояд;
- дар шакли фарҳанги функсионалӣ, яъне рафтори одамон дар ҷомеа, фарҳанги доимо рушдкунандаи муоширати инсон [2,с.60].

Қайд намудан зарур аст, ки шаклҳои муошират, ки дар раванди инкишофи тамаддун таҳия ва аз худ карда шудаанд, дар фаъолияти касбии ҳар як шахс мавриди истифода қарор дода мешаванд. Ҳар як соҳаи мушаххаси фаъолият дорои меъёрҳои умумӣ ва қонунҳои муошират аст, ки онро бо инкишофи фарҳанги умумӣ ислоҳ ва мукаммал менамоянд.

Фарҳанги муошират маҷмӯи меъёр, восита ва шаклҳои муносибати тарафайни одамон ҳамчун намунаи муошират ба ҳисоб меравад. Ба хотире ки ташаккули фарҳанги муошират яке аз бандҳои тарбияи маънавӣ ба ҳисоб меравад, маънавиёти воқеӣ аз бисёр ҷиҳат маҳз дар фарҳанги муошират зоҳир мегардад. Фарҳанги муошират наметавонад идомаи табиии шахсият бошад, агар дар арзишҳое, ки заминаи ҷаҳонбинии инсон аст, асос наёфта бошад.

Фарҳанги муошират муқаррароти муҳимми ҷаҳонибинӣ аст, ки эътиқоди арзишии инсон ва рафтор гардидааст ва бо талаботи маънавиёт ва одоб мувофиқ карда шудааст. Ҳамин тариқ, фарҳанги муошират ҳамчун қисми таркибии раванди тарбияи маънавӣ баромад менамояд, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккул ва инкишофи маҳорати рафтор ва муошират равона карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир масъалаи фарҳанги муошират, ташаккул ва инкишофи он аз тарафи муҳаққиқони мухталиф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар асоси таҳқиқоти мухталиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки дар инкишофи минбаъдаи фарҳанги муошират аҳамияти махсус доранд.

Масъалаи ташаккули фарҳанги муошират бо зарурати баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон алоқаманд аст. Омӯзиш ва истифодаи арзишҳои

умумиинсонӣ, гуманистӣ ва этикӣ аз ҷониби донишҷӯён, инчунин амалӣ намудани онҳо дар раванди муошират на танҳо ба инкишофи шахсӣ ва маънавии ҷавонон мусоидат менамояд, балки иқтидори иҷтимоӣ ва касбии мутахассисро ошкор менамояд [10,с.295].

Нақш ва мақоми муошират дар ташаккули шахсият бузург аст. Муошırати нутқӣ дар тамоми шаклҳо ва услубҳо ба инсон имконият медиҳад, ки таҷрибаи иҷтимоии аз тарафи насли пешина ба як низоми муайян даровардашударо дар шакли тайёр ба даст орад. Дар муошират омӯзиши фарҳанги маънавӣ, интеллектуалӣ ва моддӣ, дарки ҷаҳон амалӣ мегардад, ки дар асоси он иҷтимоигардии шахсият ва ислоҳи рафтори инсон таъмин карда мешавад.

Дар таҳқиқоти мухталиф қайд карда мешавад, ки маҳз таъсири мутақобилаи шифоҳӣ бо калонсолон ҳам барои омӯзиши муҳити атроф ва ҳам барои аз худ намудани воситаҳои тафаккур аҳамияти ҳалкунанда дорад. Таъсири мутоқобилаи шифоҳӣ бо ёрии қобилияти коммуникативии нутқӣ амалӣ карда мешавад, ки дар навбати худ, дар фаъолияти нутқӣ коркард ва мукаммал карда мешавад.

Дар натиҷаи муошират амали зарурии ташкил ва ягонагии шахсиятҳо, таъсири мутақобилаи ратсионалӣ, эҳсосотӣ ва иродавӣ амалӣ мегардад, умумияти ҳиссиёт ақидаҳо ташаккул меёбад, якдигарфаҳмӣ ва мувофиқ намудани амалҳо ба даст оварда мешавад, ки фаъолияти якҷояро муайян менамояд.

Ҳамин тариқ, муошират раванди мураккаб ва бисёртарафа мебошад, ки ба омӯзиши он намояндагони илмҳои мухталиф машғул мегарданд. Файласуфон мақоми муоширатро дар ҳаёти инсон ва ҷомеа, нақши муошират дар инкишофи инсонро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Ҷомеашиносон шаклҳои муоширатро дар доираи гурӯҳҳо ва байни гурӯҳҳо, навъҳои муоширатро меомӯзанд, ки дар асоси сабабҳои иҷтимоӣ пайдо мешаванд. Аз ҷониби психологҳо шакли фаъолият, рафтори инсон, хусусиятҳои фардии муошират, мақоми муошират дар сохтори шуури фардӣ таҳқиқу баррасӣ карда мешаванд. Педагогика дар ин радиф ба омӯзиши тарбияи муоиширaт, мавқеи муошират дар самаранок намудани раванди таълиму тарбия машғул аст.

Дар сарчашмаҳои педагогӣ ва психологӣ як қатор мафҳумҳо, ба монанди «салоҳиятнокии коммуникативӣ», «салоҳиятнокӣ дар муошират», «омодагии коммуникативӣ», «фарҳанги коммуникативӣ» васеъ истифода карда мешаванд. Қайд намудан зарур аст, ки дар ин мафҳумҳо диққати асосӣ ба омӯзиши техникаи муошират, қобилияти нигоҳ доштани алоқаҳои байнишахсӣ, ба даст овардани мақсадҳои худ дар муошират равона карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар фарҳанги муошират мавқеи асосиро шахсият ишғол менамояд. Фарҳанги муошират самтгирии гуманистии муоширатро таъкид менамояд, ки дар он инсон ҳамчун арзиши олӣ қабул карда мешавад. Албатта, дар чунин ҳолат ба назар гирифта мешавад, ки шахсияти алоҳида то кадом андоза меъёр ва принсипҳои асоси муоширатро, ки барои ҷомеаи мушаххас анъана гардидааст, риоя менамояд. Аз ин хотир, қайд намудан зарур аст, ки барои муошират ба инобат гирифтани арзишҳои гуманистӣ аз аҳамият холӣ нест.

Дар педагогикаи муосир муошırати педагогӣ ҳамчун қобилияти пешниҳод намудани иттилоот, дарки вазъияти хонанда, ташкил ва ба роҳ мондани муносибати тарафайн бо хонандагон, идора намудани вазъияти психологӣ баррасӣ карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки таъсири тарафайни касбӣ дар раванди педагогии мактабҳои олӣ ба сифати омодагии омӯзгорони оянда таъсир мерасонад. Яъне, омӯзиш ва аз худ намудани фарҳанги муошират ба сифати омодагии омӯзгорон таъсири ҳалкунанда мерасонад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки муошırати касбиву педагогӣ дар коллективи гурӯҳи алоҳида ҳамчун шарти ташаккули шахсияти омӯзгори оянда баромад менамояд. Яъне, фарҳанги касбиву педагогии муошират ва ташаккули шахсияти омӯзгори оянда ба ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ доранд.

Фарҳанги муошират муносибати маънавии байни омӯзгор ва хонанда ба ҳисоб меравад, ки ба наздикшавии сифатҳои онҳо равона гардидааст ва мундариҷаи он фарҳанги нутқ, фарҳанги симои зоҳирӣ, фарҳанги рафтор ва психологияи муносибати тарафайн ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар сатҳи методологияи умумӣ ба исбот намудани он, ки маҳз дар муошират инкишофи шахсият амалӣ мегардад, таҷриба ва донишҳои мухталиф ба даст оварда мешаванд, маҳорат ва қобилият ташаккул меёбанд, зарурат нест. Танҳо бо шаҳодати муошират як нафар метавонад, ки нафари дигарро омӯзонад, насиҳат намояд ва бо ӯ маслиҳат намояд [4, с.76].

Фарҳанги муоширaт ҳамчун ҳалқаи алоқамандкунандаи унсурҳои рушдкунанда ва нисбатан устувори сохтори фарҳанги шахсият баромад менамояд. Дар алоқамандӣ бо ин, фарҳанги муоширaт ҳамчун сатҳи сифатии шакл ва воситаҳои таъсири мутақобилаи инсон бо дигарон баромад менамояд, ки натиҷаи иҷтимоигардӣ ва инкишофи шахс ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯза фарҳанги муоширaт аз тарафи муҳаққиқони мухталиф баррасӣ гардида, дар асоси таҳлили фаъолияти амалӣ, тарҳҳои мухталифи муоширaт ҷудо карда шудаанд. Масалан, Г.И. Андреев, тарҳи зерини муоширaтро пешниҳод намудааст, ки дар он сохтори муоширaт аз се ҷиҳати ба ҳам алоқаманд иборат аст:

- ҷиҳати коммуникативӣ, ки дар иваз намудани иттилоот байни одамони гуногун зоҳир мегардад;

- ҷиҳати интерактивӣ таъсири мутақобилаи одамонро пешниҳод менамояд, ки дар раванди он на танҳо иваз намудани иттилоот, балки амалҳои мушаххас ба роҳ монда мешаванд, ки дар хусусиятҳои шахсии ҳар як тарафи муоширaт таҷассум мегардад;

- муоширaт, қабул ва дарки якдигар мебошад, ки ба дарки тарафайн ва наздикшавии мавқеъҳо мусоидат менамояд [1,с.238].

Баррасии ин ҷиҳатҳо нишон медиҳад, ки муоширaт ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти якҷоя ва муносибати тарафайни одамон дар доираи он баромад менамояд. Қонеъ намудани талаботҳои инсон танҳо дар асоси муоширaт ва таъсири мутақобила бо нафарони дигар имконпазир мегардад.

Қайд намудан зарур аст, ки ба фарҳанги муоширaт як қатор омилҳо таъсири назаррас мерасонанд. Чунин таъсиррасонӣ дар якчанд сатҳ амалӣ мегардад. Ба тариқи умумӣ, метавон чор сатҳи чунин таъсиррасониро ҷудо намуд:

- сатҳи умумӣ: рушди илмӣ-техникӣ, рушди воситаҳои ахбори умум, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ;

- сатҳи миёна: омилҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

- сатҳи поёнӣ: таъсири омилҳои мухталиф дар доираи гурӯҳ ё коллективи алоҳида;

- сатҳи шахсӣ: худшиносӣ ва худамалинамоии шахсият.

Ҳамин тариқ қайд намудан зарур аст, ки фарҳанги муоширaт ба ташаккул ва инкишофи шахсият таъсири амиқ мерасонад, аз ин рӯ зарур аст, ки дар раванди тайёр намудани мутахассисони мухталиф, махсусан кадрҳои педагогӣ, ба фарҳанги муоширaт диққати махсус равона карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Андреева Г.М. Социальная психология / Г.М.Андреев. -М., 1999. - 374 с.
2. Арнольдов А. И. Человек и мир культуры. Введение в культурологию / А.И.Арнольдов. – М., 1992. – 240 с.
3. Бодалев А.А. Личность и общение: Избранные труды / А.А. Бодалев. -М.: Педагогика, 1983.-271 с.
4. Гейхман Л.К. Искусство быть и общаться с другим / Л.К. Гейхман. -Пермь, 2001. – 198 с.
5. Грехнев В.С. Культура педагогического общения: Книга для учителя / В.С. Грехнев. -М.: Просвещение, 1990. - 144 с.
6. Иванов В. Е. Интернет в формировании диалогического пространства в социокультурной среде / В.Е. Иванов // Мир психологии. -2000. – № 2. – С. 52–56.
7. Кемеров В. Е. Введение в социальную философию: учебник для вузов / В.Е. Кемеров. -М.: Академический проект, 2000. – 314 с.
8. Лутфуллоев М. Основы педагогических исследований / М. Лутфуллоев, К. Абдурахимов // Вестник Академии образования Таджикистана. – Душанбе, 2014. – №1. – С. 17-41.
9. Каган М.С. Общение и деятельность / М.С. Каган // Филос. науки. 1975. - № 5.-С. 199-202.
10. Моль А. Социодинамика культуры / А.Моль; пер. с фр. Изд. 3-е. -М., 2008. – 416 с.


**НАҚШИ ФАРҲАНГИ МУОШИРAТ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ**


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мухталифи фарҳанги муоширaт ва нақши он дар ташаккули шахсият баррасӣ карда шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки фарҳанг нисбат ба муоширaт васеътар буда, тамоми арзишҳои моддӣ ва маънавиро фарогир аст. Фарҳанг ҳамчун воситаи фаъолияти инсон хусусиятҳои амал намудани ҷомеаро муайян менамояд. Шаклҳои муоширaт, ки дар раванди инкишофи тамаддун таҳия ва аз худ карда шудаанд, дар фаъолияти касбии ҳар як шахс мавриди истифода қарор дода мешаванд. Ҳар як соҳаи мушаххаси фаъолият дорои меъёрҳои умумӣ ва қонунҳои муоширaт аст, ки онро бо инкишофи фарҳанги умумӣ ислоҳ ва мукаммал менамоянд. Фарҳанги муоширaт маҷмӯи меъёр, восита ва шаклҳои муносибати тарафайни одамон ба ҳисоб меравад. Ба хотире ки ташаккули фарҳанги муоширaт яке аз бандҳои тарбияи маънавӣ ба ҳисоб меравад, маънавиёти воқеӣ аз бисёр ҷиҳат маҳз дар фарҳанги муоширaт зоҳир мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир масъалаи фарҳанги муоширaт, ташаккул ва инкишофи он аз тарафи муҳаққиқони мухталиф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар асоси таҳқиқотҳои мухталиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки дар инкишофи минбаъдаи фарҳанги муоширaт аҳамияти махсуро касб намудаанд. Нақш ва мақоми муоширaт дар ташаккули шахсият бузург аст. Муоширaти нутқӣ дар тамоми шаклҳо ва усулҳо ба инсон имконият медиҳад, ки таҷрибаи

иҷтимоии аз тарафи насли пешина ба як низоми муайян даровардашударо дар шакли тайёр ба даст орад. Фарҳанги муошират муносибати маънавии байни омӯзгор ва хонанда ба ҳисоб меравад, ки ба наздикшавии сифатҳои онҳо равона гардидааст ва мундариҷаи он фарҳанги нутқ, фарҳанги симои зоҳирӣ, фарҳанги рафтор ва психологияи муносибати тарафайн ба ҳисоб меравад.
**Калидвожаҳо:** фарҳанг, фарҳанги муошират, гуманистӣ, педагогика, психология, шахсият, системаи иттилоот, коммуникатсия, интерактивӣ.

**РОЛЬ КУЛЬТУРЫ ОБЩЕНИЯ В РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ**

В этой статье рассматриваются различные вопросы культуры и ее роль в формировании личности. Автор утверждает, что культура шире, чем общение, и охватывает все материальные и духовные ценности. Культура - это инструмент человеческой деятельности, определяющий характер функционирования общества. Формы общения, которые разрабатывались и развивались в процессе развития цивилизации, используются в профессиональной деятельности каждого человека. Каждая конкретная область деятельности имеет общие нормы и законы в области общения, которые реформируются и улучшаются с развитием общей культуры. Культура общения - это набор стандартов, инструментов и форм межличностных отношений. Из-за того, что формирование культуры общения является одним из нравственных аспектов духовного образования, реальная нравственность проявляется именно в культуре общения. Анализ показывает, что в последние годы вопросы культуры общения, ее формирования и развития рассматривались со стороны различных исследователей. На основе различных исследований были предложены некоторые практические рекомендации, которые имеют значение для дальнейшего развития культуры общения. Место и роль общения велика в формировании личности. Общение с людьми во всех формах и стилях позволит людям приобретать социальный опыт, унаследованный предыдущим поколением. Культура общения как нравственные отношения между учителем и обучающимися, направлена на достижение сближения их качеств, содержанием которых является культура речи, культура внешнего вида, культура поведения и психология взаимоотношений.
**Ключевые слова:** культура, культура общения, гуманитарный, педагогика, психология, личность, информационная система, коммуникация, интерактивная.

**THE ROLE OF COMMUNICATION CULTURE IN THE DEVELOPMENT OF PERSONALITY**

This article discusses various issues of communication culture and its role in the formation of personality. The author argues that culture is broader than communication, and covers all material and spiritual values. Culture is a tool of human activity that determines the nature of the functioning of society. The forms of communication that were developed in the process of the development of civilization are used in the professional activity of each person. Each specific area of activity has common norms and laws in the field of communication, which are reformed and improved with the development of a common culture. Communication culture is a set of standards, tools and forms of interpersonal relationships. Due to the fact that the formation of a culture of communication is one of the moral aspects of spiritual education, the real morality is manifested in the culture of communication. The analysis shows that in recent years, questions of the communication culture, its formation and development have been considered by various researchers. On the basis of various studies, some practical recommendations have been proposed that are important for the further development of a culture of communication. The place and role of communication is great in the formation of personality. Communicating with people in all forms and styles will allow people to acquire the social experience inherited by the previous generation into a single system. Communication culture as a moral relationship between the teacher and students, aimed at achieving a convergence of their qualities, the content of which is the culture of speech, culture of appearance, culture of behavior and psychology of relationships.
**Key words:** culture, communication culture, humanitarian, pedagogy, psychology, personality, information system, communication, interactive.

**Сведения об авторе:** ***Шомардова Саври Саидшоевна*** - Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикситан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

**Information about the author:** ***Shomardova Savri Saidshoevna*** - Tajik National University, applicant of the university-wide department of pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tadzhiksitan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17

**УДК: 37.0 (575.3)**

## АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҶОМЕА

*Кушо Фаҳим*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳақиқат бар ин меравад, ки ҳеҷ лаҳзае аз зиндагии инсонҳо холӣ аз омӯзиш ва парвариш намебошад ва ҳеҷ инсонро дарнамеёбем, ки дар зиндагии хеш ёд нагирифта бошад ва ё ёд надода бошад. Албатта, зебоии зиндагӣ дар ин аст, ки инсонҳо ҳамеша дар ҳоли ёд додан ва ёд гирифтан ҳастанд. Биноан, метавон ёд додан ва ёд гирифтанро истилоҳи зинда будан ном ниҳод. Чун ҳар қадар ёд доданҳо ва ёд гирифтанҳо беҳтар сурат гирад, зинда будан ва зиндагӣ боарзиш ва лаззатбахш мегардад. Таҷрибаҳои донишмандони ҷаҳони мутамаддин ба исбот расонидаанд, ки инсон дар ҷомеа ҳар қадар

беҳтар тарбият ва парвариш шавад ва омӯзишро пеша намояд, ба ҳамон андоза заминаҳои бештар ҳамчун: фоидаманд шудан, комгорӣ, саодат, тараққӣ, инкишоф, беҳзистӣ ва бақои насли хештанро насиб мегардад. Ва фаротар аз он барои ҷомеаи худ шахси фаъол ва коромад талаққӣ мегардад. Зеро мардуми ҷомеа ба ашхоси омӯзишдида зарурат дошта ва арҷ мегузоранд.

Донишмандони машҳур ва бузурги таълиму тарбиятро ақида бар ин аст, ки омӯзиши солим дар ҷомеа танҳо василаест, ки инсон дар ихтиёр дорад ва ба кумаки он метавонад ба зиндагии рӯзмарра ва вазифаии хеш бо иродаи нек, тавре ки дар боло тазаккур дода шуд, ранги мусбат бидиҳад ва тавассути он ояндаи хешро ба тарафи тараққӣ ва таолӣ роҳбарӣ намояд [8, с.34].

Пай бурдан ба аҳамияти равишҳои навини тадрис заминаи инкишоф ва тараққии омӯзиш ва парваришро муайян месозад. Дар ҳақиқат, мо дар асре қарор дорем, ки ба номи асри инқилоби илмӣ ном бигузорем, баҷо хоҳад буд. Зеро самараи инкишофи улумро метавон дар муҳтавои равишҳои навини тадрис ва омӯзиши фаъол дарёфт намуд [1, с.123].

Дар ҳақиқат тавассути таҳқиқот ва заҳматҳои уламои таълим ва тарбия дар системаи тадрис ба таври куллӣ тағйирот ба амал омадааст ва дар натиҷа аз таъсирноктарин ва ҷадидтарин шеваҳои тадрис ва омӯзиш кор гирифта шавад ва дар вақти кам муаллимҳои муҳтарам метавонанд матлабҳои зиёдеро ба донишҷӯён тақдим намоянд [8, с.46].

Агар муаллимони гиромӣ битавонанд равишҳои навин ва навтарини тадрисро, ки ба номи тадриси фаъол ё хуб ёд мешавад, ба таври муназзам ва дурусташ ба кор гиранд, хусусият ва маҳоратҳои омӯзишии зер дар донишҷӯён пайдо мешаванд ва тақвият мегарданд:

1. Донишҷӯёнро ҳушёр ва бедор месозад, то арзиши донишу илмро беҳтар бидонанд.
2. Донишҷӯёнро ба ёдгирии мустақилона ташвиқ месозад.
3. Донишҷӯёнро барои навоварӣ ва зудёдгирӣ омода месозад.
4. Донишҷӯёнро ҳушёр ва дар ҳиссаи ёдгирӣ босабр тарбия менамояд.
5. Донишҷӯёнро ба сӯйи ояндаи дурахшон ва дуруст роҳнамоӣ мекунад.
6. Тавоноии зеҳнии донишҷӯёнро инкишоф медиҳад.
7. Дар вуҷуди донишҷӯён маҳоратҳои ёдгирӣ ва фикр кардану савол карданро тақвият мебахшад.
8. Донишҷӯёнро дар корҳои гурӯҳӣ водор ва алоқаманд месозад.
9. Донишҷӯёнро донишманд ва шахсияти олӣ тарбия менамояд.
10. Донишҷӯёнро дар иҷрои кори хонагӣ ва мутолиаи китобҳои дарсӣ ва илмӣ ташвиқ менамояд.
11. Донишҷӯёнро ба омӯзиши хусусӣ, монанди мутолиа ташвиқ менамояд.
12. Донишҷӯёнро ба сӯйи тараққӣ ва инкишофи ҷомеа ташвиқ менамояд.

Ҳамчунин, ба асоси таҷрибаи омӯзиши фаъол ва ғайрифаъолро донишмандони таълим ва тарбия беҳтар шиносоӣ намудаанд, ки дар зер намунаҳои онро мавриди мутолиа қарор медиҳем [9, с.55-58].

**Равишҳои омӯзишмеҳвар (дарси фаъол)**

**Дар ин равиш:**

1. Заковат ва зеҳни донишҷӯён рушд менамояд.
2. Муаллим ба ҳайси роҳнамо ва назоратчӣ заминаи ёдгириро фароҳам месозад.
3. Муаллим маҳоратҳои зеҳниро дар вуҷуди донишҷӯён тақвият мебахшад.
4. Муаллим кори гурӯҳиро байни донишҷӯён эҷод менамояд.
5. Дар сурати ёд гирифтани дониш донишҷӯён эътимод ва эътибор ба нафс пайдо мекунанд.
6. Мафҳуми дарс барои донишҷӯён боаҳамият мегардад.
7. Умеди навоварӣ дар вуҷуди донишҷӯён парвариш меёбад.
8. Рӯҳияи истиқлоли фардӣ ва дониш дар донишҷӯён ёфт мешавад.
9. Рӯҳияи ҷустуҷӯ ва таҳқиқ дар вуҷуди донишҷӯён парвариш меёбад.
10. Тавоноии илмӣ ва таҳқиқии донишҷӯён инкишоф меёбад.
11. Дарс барои ҳама мебошад.

**Равишҳои дарси ғайрифаъоли муҳтавомеҳвар (анъанавӣ)**

**Дар ин равиш:**

1. Зеҳн ва заковати донишҷӯён бидуни ҳаракат боқӣ мемонанд.
2. Муаллим ба ҳайси интиқолдиҳандаи маълумот мебошад ва донишҷӯён ғайрифаъол.

3. Ёдгирӣ ба шакли тутивор сурат мегирад.
4. Донишҷӯён ба таври инфиродӣ фаъолият менамоянд.
5. Донишҷӯён ба дигарон вобастагии дарсӣ доранд.
6. Донишҷӯён таърифи мафҳумро ҳифз мекунанд.
7. Аз матлабҳои нав донишҷӯён хабаре надоранд.
8. Рӯҳияи вобастагӣ ба дигарон барои донишҷӯён ёфт мешавад.
9. Рӯҳияи омода кардани мавод ба донишҷӯён тақвият пайдо мекунад.
10. Дар вуҷуди донишҷӯён касалӣ ва сустӣ дида мешавад.
11. Дарс барои донишҷӯёни лоиқ мебошад.

Нуктаи муҳимми дигар, иртиботи муаллим бо волидайни донишҷӯён мебошад, ки эҷоди омӯзиши солимро дар ҷомеа падид меоварад. Албатта, муаллимони воқеӣ ҳамеша дар пайи онанд, ки чӣ гуна ва аз кадом роҳҳо донишҷӯёни хешро тарбия ва омӯзиши солим намоянд. Онҳо кӯшиш менамоянд дар муддате, ки донишҷӯён дар муассисаи омӯзишӣ масруфи фарогирии вазифаанд, дарсҳои хешро ба хубӣ ёд бигиранд ва ба хотири баланд бардоштани дониш ва тақвияти сатҳи дониши донишҷӯён, муаллимон бо дарк ва бо эҳсос бо волидайни донишҷӯён низ мутобиқи дастурҳои омӯзиш ва парвариш иртибот мегиранд [4, с.63].

Албатта, иртиботи муаллимон бо волидайни донишҷӯён мафоди зиёдеро доро мебошад, ки дар натиҷа боиси омӯзиши солим ва таълиму тарбияти саҳеҳи донишҷӯён мегардад, зеро падарон ва модарон нисбат ба муаллимон масъулияти зиёд дар муқобили амалкард, таҳсил ва фаъолиятҳои омӯзишии фарзандонашон доро мебошанд. Чаро ки донишҷӯён бо муаллимон муддати каме аз вақти хешро сипарӣ мекунанд. Аммо бо волидайнашон бештарин вақти хешро мегузаронанд. Пас волидайн огоҳ ва мутмаин бошанд, ки фарзандонашон баъд аз фароғат аз мактаб масруфи кадом корҳоянд ва дар натиҷа назорати волидайн, фаъолиятҳо ва аҳдофи муаллимонро ҷиҳати инкишофи дониши донишҷӯён тақвият мебахшад [7, с.53].

Нақши муаллим дар раванди ёддиҳӣ ва ёдгирӣ ва бахусус дар омӯзиши солим ҳамеша барҷаста буда ва дар инкишофи дониши донишҷӯён нақши мустақим ва асосиро ифо менамояд. Зеро донишмандонро ақида бар ин аст, ки ду унсури умда, яъне муаллим ва шогирд асосноктарин бахши раванди тадрисро ташкил медиҳанд. Аммо дар ҷараёни ёддиҳӣ муаллимон нақши муассир ва мустақимро доро мебошанд [9, с.55].

Аз ҷониби дигар, дар раванди ёдгирӣ донишҷӯён мустақиман ширкат ва нақш пайдо менамоянд. Лекин муаллимон барои онҳо шеваҳои ёдгириро агар ёд надиҳанд, донишҷӯён ба таври мустақилона ва ягонагӣ наметавонанд дониши дурустро касб кунанд. Албатта, нақши муаллимро дар раванди ёддиҳӣ ва ёдгирӣ савияи таҳсилӣ ва таҷрибаҳои ихтисосии онҳо мустақиман ташкил медиҳад. Аз ин ки муаллимон бо шеваҳои тадрис ва шеваҳои ёдгирӣ ва ёддиҳӣ баладият доранд, дар он сурат донишҷӯёнро дар вақти кам ва бидуни аз даст додани вақт метавонанд ба таври солим ва муассир тарбият намоянд [1, с.128].

Он тавре ки дар тамоми соҳоти гуногуни улум истилоҳоти ҷадид ба вуҷуд омадаанд, дар соҳаи педогогӣ дар Юнони қадим низ истилоҳоти дидактика (омӯзиш ва парвариш) арзи вуҷуд намудаанд. Ҳамчунон, дар гузаштаҳо дидактика аз таълим ва тарбияти умумӣ баҳс менамуд, аммо бо инкишофи улум ва такомули таълиму тарбият дидактика ба мутолиаи як бахши улуми муайян ва мушаххас пардохт [8, с.44].

Дидактика илмест, ки мушкилоти муҳим ва асосии маълумоту таълим ва тарбиятро ҳал менамояд. Аслан, дидактика аз калимаи дидактикос гирифта шудааст, ки маъниаш «омӯзанда ва омӯзгор» мебошад.

Дидактика бо назарияи маълумот ва таълим як бахши муҳимми педагогика аст. Педагог аз калимаи юнонии «педагогус» гирифта шудааст, ки маънояш бачаро бибар ва биовар мебошад. Дар Юнони қадим ашроф ва аристократҳо хидматгузорони махсусе доштанд, ки кӯдакони онҳоро аз хона ба мактаб мебурданд ва пас аз хатми дарс аз мактаб ба хона меоварданд, ин ашхосро баиноми педагогус ёд мекарданд [14, с.44].

Дидактика аз моҳият ва равишҳои омӯзиш, муҳтавои таълимӣ дар мактабҳо ва низ аз методи тадрис, шакл ва созмондеҳӣ ва монанди ин масоил ва мавзӯъҳои иҷтимоӣ баҳс мекунад. Хулоса ин, ки дидактика аз қонунмандии падидаҳо, маротиб ва таъсироти он дар парвариш, гузар ва такомули шахсияти донишҷӯён баҳс менамояд. Аз тарафи дигар, дидактика аз фаъолияти муаллимон ва донишҷӯён баҳс менамояд. Ҳамчунин, робита миёни онҳоро ба таври ҷараёни омӯзишӣ баррасӣ мекунад [14, с.44].

Аз ин мақола метавон чунин натиҷа гирифт, ки омӯзиш яке аз рамзҳои боаҳамияти иҷтимоӣ аст, ки бар асоси он метавон аз зиндагӣ лаззат бурд. Акнун ҷомеае вуҷуд

надорад, ки дар бақо ва зиндагии худ вобаста ба омӯзиш набошад. Ва қобили ёдоварист, ки барои расидан ба ин орзу бояд дидгоҳ ва тафаккури солим дошта бошем ва хешро шарик ва ҳамкори ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ бидонем. Бад-ин манзур баҷост, ки бо росткорӣ ва садоқат амал намоем, мардум ва ватани хешро дӯст дошта бошем.

Имтиҳонҳои рӯзона ва саволҳои кӯтоҳ, саволҳои чаҳорҷавоба ва ё ба ҳар шакле, ки бошад, донишҷӯёнро ба ҳамкорӣ ва фаъолияти бештар водор мекунад.

Биноан, муаллим бояд дарсро дилпазир ва бо рӯҳияи шод ва нишот пешкаш кунад, то аз ҳар гуна безорӣ, хастагӣ ва адами алоиқи донишҷӯён ҷилавгирӣ шавад.

## АДАБИЁТ


1. Деви Ҷон. Муқаддимае бар фалсафаи омӯзиш ва парвариш. / Деви Ҷон: мутарҷим Фаромарз Дабистонӣ. – Теҳрон: Чопхонаи Донишгоҳи Теҳрон, 1959. – С. 123-128.
2. Ибонӣ, Ҳасан. Маҳоратҳои омӯзишӣ ва парваришӣ. – Теҳрон: Самт, 1999. – С.66.
3. Кӯҳӣ, Ғуломҳасан. Мабонӣ ва усули омӯзиш ва парвариш. – Теҳрон: Интишороти остони Қудси Разавӣ, 1986. – С. 88.
4. Кордон Алӣ Ҳамид. Усули роҳнамоӣ дар омӯзиш ва парвариш. –Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1999. – С. 63.
5. Лутфободӣ Ҳусайн. Равоншиносии тарбиятӣ. – Теҳрон: Самт, 2002. – С. 33-38.
6. Лутф Муҳаммадуллоҳ. Асосҳои омӯзиш. – Кобул: Матбааи таълим ва тарбия, 1987. – С. 98.
7. Мутаҳҳарӣ Муртазо. Таълим ва тарбият дар ислом. – Теҳрон: Интишороти Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1984. – С. 53.
8. Росих, Шоҳпур. Таълим ва тарбия дар ҷаҳони имрӯз. – Теҳрон: Чопхонаи Донишгоҳи Теҳрон, 1980. – С. 34-46.
9. Сармад Ғулом. Равишҳои тадрис ва ҳунари муаллим. – Теҳрон: Ишроқ, 1988. – С. 55-58.
10. Сархонӣ Муҳаммад Ямانӣ. Омӯзиш ва парвариши татбиқӣ. – Теҳрон: Нашри Созмони мутолиа ва тадвини китобҳо, 1993. – С. 77.
11. Шамс Муҳаммад Зоҳир. Ошноӣ дар маслаки омӯзгорӣ. – Кобул: Матбааи маъруф, 1983. – С. 55.
12. Шариатмадорӣ Алӣ. Таълим ва тарбияти исломӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1990. – С. 88.
13. Шариатмадорӣ Алӣ. Усул ва фалсафаи таълим ва тарбият. – Теҳрон: Амир Кабир, 1982. – С. 144.
14. Шиоринажод Алиакбар. Фалсафаи омӯзиш ва парвариш. – Теҳрон: Амир Кабир, 1999. – С. 44.


## АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҶОМЕА


Аз ин мақола метавон чунин натиҷа гирифт, ки омӯзиш яке аз рамзҳои боаҳамияти иҷтимоӣ аст, ки бар асоси он метавон аз зиндагӣ лаззат бурд. Акнун ҷомеае вуҷуд надорад, ки дар бақо ва зиндагии худ вобаста ба омӯзиш набошад. Ва қобили ёдоварист, ки барои расидан ба ин орзу бояд дидгоҳ ва тафаккури солим дошта бошем ва хешро шарик ва ҳамкори ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ бидонем. Бад-ин манзур баҷост, ки бо росткорӣ ва садоқат амал намоем, мардум ва ватани хешро дӯст дошта бошем. Имтиҳонҳои рӯзона ва саволҳои кӯтоҳ, саволҳои чаҳорҷавоба ва ё ба ҳар шакле, ки бошад, донишҷӯёнро ба ҳамкорӣ ва фаъолияти бештар водор мекунад. Биноан, муаллим бояд дарсро дилпазир ва бо рӯҳияи шод ва нишот пешкаш кунад, то аз ҳар гуна безорӣ, хастагӣ ва адами алоиқи донишҷӯён ҷилавгирӣ шавад.



**Калидвожаҳо:** омӯзиш, тарбия, таъсири муҳит, ташаккули хусусиятҳои фардӣ ва сифатҳои шахсият, омӯзиш ва тарбияи шахсият ва таълими он, рушди шахсият.


## ЗНАЧЕНИЕ ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ И ИХ РОЛЬ В ОБЩЕСТВЕ


В данной статье автор рассматривает значение образования и воспитания в обществе. Образованию отводится ключевая роль и его важнейшей целью является воспитание высоконравственного, ответственного, творческого, инициативного, компетентного гражданина и его обеспечение является ключевой задачей государства. Образование является одним из основных приоритетов общества и государства. Воспитание должно обеспечивать такое поведение человека, которое будет соответствовать нормам и правилам поведения, принятым в данном обществе. Воспитание может рассматриваться и как составная часть влияния социальной среды на человека, но оно является вместе с тем одним из факторов внешнего воздействия на развитие человека и формирование его личности. Отличительной особенностью воспитания является то, что оно осуществляется лицами, специально уполномоченными обществом для выполнения этой его социальной функции. Воспитание оказывает большое влияние на развитие и формирование личности человека.



**Ключевые слова:** образование, воспитание, влияние среды, формирование индивидуальных черт и качеств личности, образование и воспитание личности и его обучение, развитие личности.


## THE IMPORTANCE OF EDUCATION AND EDUCATION AND THEIR ROLE IN SOCIETY


In this article, the author examines the importance of education and upbringing in society. Education has a key role, and its most important goal is to educate a highly moral, responsible, creative, initiative, competent citizen, and ensuring it is a key task of the state. Education is one of the main priorities of society and the state. Education should provide such human behavior that will comply with the norms and rules of behavior adopted in this society. Education can be considered as an integral part of the influence of the social environment on a person, but it is at the same time one of the factors of external influence on the development of a person and the formation of his personality. A distinctive feature of education is that it is carried out by persons specifically authorized by society to perform this social function. Education has a great influence on the development and formation of a person’s personality.

**Key words:** education, upbringing, environmental influence, the formation of individual traits and personality traits, education, personality upbringing and training, personality development.

**Сведения об авторе:** ***Кушо Фахим*** – Университет Джузджон Исламской Республики Афганистан, преподаватель кафедры истории, Таджикский национальный университет, магистр исторического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **919-51-11-80**
**Information about the author:** ***Kusho Fahim*** - University Juzdzhon of the Islamic Republic of Afghanistan, Lecturer of the Department of History, Tajik National University, MASTER of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **919-51-11-80**

**УДК: 373.167.1:94(575.3)**

# ТАДРИСИ МАЗҲАБИ ҲАНАФӢ ВА ШИНОХТИ МАҚОМИ ИМОМИ АЪЗАМ ДАР ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

***Саидаҳмадов М.М.***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Барои тадриси ақоиди мазҳаби ҳанифӣ ва шинохти андешаҳои Имоми Аъзам дар масоили шаръӣ донистани мақоми ин мазҳаб дар ҷаҳони ислом зарур аст, зеро мазҳаби мазкур дар байни мусулмонон пайравони зиёде дорад ва зиёда аз нисфи мусулмонони хаҳон аз ин мазҳаб пайравӣ намуда, ин равиши Имоми Аъзам аз таҳаммулгаротарин мазҳаби ислом аст. Дар ин мақола саъй намудем, то ҷойгоҳи мазҳаби Имоми Аъзамро дар олами ислом баррасӣ кунем. Омӯзгорон метавонанд ҳангоми тадриси мавзӯи мазкур аз ин навишта истифода баранд. Аз он ҷо, ки аксари мусулмонони Тоҷикистон гаравидаи мазҳаби Имоми Аъзаманд, донистани мақому манзалати ин мазҳаб дар олами ислом барои ҳар яки мо аз фоида холӣ нест. Дар акси ҳол фиребидани хавонон ва шогирдони мо барои фитнагарону муғризон ба осонӣ даст медиҳаду фазои орому гулгулшукуфони кишвари азизамонро ба фитнаҳову ағидаҳои ифротгарояшон халалдор хоҳанд кард.

Имом Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит Имоми Аъзам (р) соли 80 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 699 милодӣ дар Кӯфа дар оилаи тоҷир ба дунё омаданд. Имоми Аъзам (р) дар ҳамин зодгоҳаш, ки дар он рӯзгор гаҳвораи тамаддун ва илму маърифати исломӣ ба шумор мерафт, дар оилаи марди тоҷир ба воя мерасад ва аз илму дониши замонаш баҳравар мегардад. Имоми Аъзам бист сол дар назди Ҳаммод таълим гирифта, пас аз вафоти устодаш бо тавсияву хоҳиши уламо ва шарикдарсонаш ҳалқаи дарсии хешро ташкил намуда, шогирдони устодашро бо ҳамроҳии шогирдони худаш зери сарпарастии хеш гирифтанд ва ба хойи устодаш ҳамчун муаллим нишастанду илму дониши аз устод омехтаашро барои шогирдон меомезониданд. Дар он замон, ба монанди замони мо, хавориҷ ва фирқаҳои мухталифи дур аз дин мардумро мехостанд гумроҳ кунанд.

Имоми Аъзам барои пеши роҳи ин мунҳарифон ва каҷрафторонро гирифтан мазҳаби хеш, ки бо Қуръону суннат ва ақидаи саҳобагони гиромии Расули Худо (с) ҳамнаво буд, ташкил намуданд, ки ин аз натиҷаи дарсҳояш бо шогирдону толибилмон баъдан зоҳир гардид. Мазҳаби Имоми Аъзам ҳамчуноне ки дар замонаш барои мусулмонон дастурамале буд, ки роҳи ҳақиқати зиндагиро дар партави Қуръону суннат барояшон нишон медод, то ба имрӯз барои ҷомеаи мусулмонон ба ҳамон тариқа роҳу равиши зиндагиро нишон медиҳад. Агар мо дар ҷомеаи имрӯзаи мусулмонон мунсифона назар кунем, мебинем, ки мазҳаби Имоми Аъзам (р) дар гузашта барои амният ва оромии мусулмонон хизматҳое кардаву имрӯз ҳам барояшон ҳамчун боду ҳаво даркор аст.

Аз тарафи дигар, мазҳаби Имоми Аъзам дар олами ислом мақоми хоссаеро касб намудааст. Имоми Аъзамро Худованд ақли расову зеҳни фавқулодае дода буд, ки дар масоили шаръӣ ва ё умури зиндагӣ бисёр зираку тезфаҳм буданд, масоили пешомадаро дар они воҳид аз оятҳои Қуръон ва ё ҳадисҳои Пайғомбари гиромии ислом (с) барои шогирдону ҳоҷатмандон файсала карда, баён менамуданд, ки ин кору зиндагии инсонҳоро тибқи дастуроти Қуръону суннат осон мегардонд. Пайғомбари гиромии Ислом (с) низ шогирдон ва саҳобагони худро ба ҳамин роҳу равиш тавсия менамуданд [1]. Мазҳаби Имоми Аъзам барои ҷомеаи мусулмонон дар як замоне рӯйи кор омад, ки ба монанди ин асри пурталотуме, ки мо дар он зиндагӣ дорем, фитнаҳои хавориҷу муътазилиҳо ҳамаро фаро гирифтаву мардум ҳама ҳайрону саргардон шуда буданд ва намедонистанд, ки ҳақиқати ислому зиндагӣ дар партави суннати Пайғомбари Худо (с) кадом аст. Имоми Аъзам (р) бо он илми худододии хеш бо ин гурӯҳҳои ифротгарову мунҳариф баҳсҳову

мунозираҳои беамон мебурданд ва барои атрофиён ва умуман мусулмонон мефаҳмониданд, ки ҳақиқати зиндагӣ на ин аст, ки ин муътазилиёну хаворичон барои шумо мегӯянд, балки ҳақиқат он аст, ки Худо ва Расулаш моро ҳидоят намудаанд. Моро лозим аст, ки ин тарзу услуб ва роҳу равиши Имоми Аъзамро хубтар биомӯзему бо ин гурехи ифротгаро, ки мехоҳанд оромиши моро барҳам бизананд, ба мубоҳиса биншинем ва ҳагигати исломи ноби Муҳаммадиро барояшон бифаҳмонем, ки ислом барои хароб кардани хаҳони башарият наомадааст, балки мехоҳад реҳу маънавиёти инсонҳоро тарбият карда, як инсони комилро барои хомеаи башарӣ таҳвил бидиҳад. Ва дар навбати худ, ислом инсонеро дар хомеаи башарӣ мехоҳад бубинад, ки барои кишвару миллаташ фоида бирасонад.

Ва дар ин кор мусалмонон вогеиро ба мусобиға мехонаду дар дунёву охират барояшон ваъдаҳое низ кардааст, ки мо метавонем ин ҳақиқатро аз Қуръону суннат ва рафтори саҳобагони бовафои Пайғомбари гиромии ислом (с) ҷустуҷӯ кунем.

Имоми Аъзам барои ҷомеаи мусулмонон фаҳмонида тавонистанд, ки ин каҷрафторон бо ин ақидаи фосидашон мехоҳанд шуморо гумроҳ карда, зиндагии шуморо ноором бигардонанд ва ин оромиши шуморо ба хоку хун бикашанд. Мусулмонони олам, ки ташнаи ҳақиқат буданд, ин мазҳабу роҳу равиши Имоми Аъзамро хуб пазируфтанд. Донишҷӯён аз гӯшаву канори олами ислом ба мадраса ва ҳалқаи дарсии Имоми Аъзам ҳозир мешуданд ва ин илму дониши ӯро таълим мегирифтанд ва ба кишварҳои худ мебурданд, ки дар натиҷа медиданд ин роҳу равиши содаву бо далелҳои возеҳ барояшон муфидтар аст аз он фитнаву мунокишаҳои бемаврид. Ба ҳамин хотир, мусулмонони олами ислом аз мазҳаб ва роҳу равиши Имоми Аъзам ба хубӣ истиқбол намуданд, ки ин раванд то ба имрӯз идома дорад [2,с.77]. Хулоса, дар аксари мамолики пешрафта, ба монанди Ироқ, Шом, Ҳинд, Афғонистон, Туркистони Шарқӣ, (аз вилояти худмухтори Синзиян, ки уйғурнишин буда, дар давлати Халқии Чин то Мовароуннаҳр ҷойгир аст) ва ғарби (Мовароуннаҳр ва Осиёи Миёна) Қафқоз ва бисёре аз туркони Усмонӣ, албаниҳо ва сокинони кишварҳои Балкан пайравони ин мазҳаб буда, ин мазҳаб дар олами пешрафта интишор ёфтааст. Каҷрафториҳои замони имрӯз ва ифротгароии баъзе гурӯҳҳои ифротӣ мусулмонони оламро водор месозад, ки ин чаҳор мазҳаби аҳли суннат хуб бишиносанд ва яктои онро пайравӣ кунанд, зеро мазҳаби Имоми Аъзам дар тӯли таърих барои башарият, хусусан мусулмонон хизматҳои шоёнеро анҷом додааст ва имрӯз ҳам мусулмонон метавонанд бо пайравӣ аз мазҳаби Имоми Аъзам ҳам дину оин ва ҳам кишвару зану номус ва ҳам дунёву хонаву дари хешро дар амну амон нигоҳ доранд. Мазҳаби Имоми Аъзам дар олами ислом мақоми волоеро касб намудааст ва пайравони бештареро бар худ ҷалб кардааст.Дар тӯли таърих мусулмонони гушаву канори сайёра аз ин мазҳаб пайравӣ мекардаанду ба масоили рӯзмарраи хеш аз ин мазҳаб ҷавоб меёфтанд. Аз ҳама ҷолиб ин буд, ки дар як кишвар форсу тоҷик турку тотор ва яхуду насоро паҳлу ба паҳлуи ҳам зиндагӣ менамуданд ва ҳама аз дину оини хеш пайравӣ мекарданду бо ҳам дӯсту бародар буданд:

*Гарче мазҳаб мухталиф аст хеч кас бегона нест,*
*Боғбонро дар чаман ҳар гул ба ранги дигар аст [3].*

Мутаассифона, ин шеъри Мавлоно имрӯз дар ин ҷомеаи мусулмонон мафҳуми хешро гум кардааст.

Мусулмононро бо баҳонаи мусалмони ҳақиқӣ ва ҷиҳод дар роҳи Худо мефиребанд, барояшон исломеро нишон медиҳанд, ки пур аз хушунату хунрезист, пур аз ҷабру зулму нобаробарист. Омӯзгорон бояд новобаста аз мавзӯи дарсашон лоақал, панҷ дақиқа ба донишҷӯён фаҳмонанд, ки дини ислом, алалхусус мазҳаби Имом, ба ҳеҷ ваҷҳ ба хушунату террор созгор нест, балки дини сулҳу салоҳ ва дӯстию бародарист. Омӯзгор бояд ба толибилмон фаҳмонад, ки дар ҳар масъалае, ки мушкилӣ кашиданд, бояд ба олимон муроҷиат кунанд, зеро Худованд дар сураи «Анбиё» ояти 7 мусулмононро амр мекунад, ки «Дар ҳар коре ҳайрон мондед ва натиҷаи онро надонистед, аз аҳли илму уламо бипурсед». Суоле ба миён меояд кадом уламоро мо бояд бипурсем? Оё ҳамин уламое, ки динашонро ба дунё мефурӯшанд? Мазҳабашонро дар баробари чанд зани сабукпо иваз мекунанд? Ба кишвару миллати хеш хиёнат мекунанд? Ё аз он уламое, ки ин ҷаҳонро бо тамоми шеру шараш пушти сар карданду ба сӯйи Худо шитофтанд ва таърих ҳаргиз наметавонад аз онҳо ба бадӣ ёд кунад? Ман дар назар дорам пешвоёни чаҳор мазҳаби аҳли суннати вал ҷамоатро Абӯҳанифаву Имом Молик ва Имом Ҳанбалу Шофеъӣ, Худованд ин бузургмардонро раҳмат карда бошад.

Агар мусулмонони ҷомеаи башарӣ Қуръону суннатро аз дидгоҳи яке аз ин чаҳор олими Раббонӣ назар кунанд, ҳаргиз куштани инсонеро раво намедонанд, балки дашноми муъминонро фисқ ва куштанашонро куфр медонанд [4]. Имрӯз мо дида истодаем, ки ба номи ислом Ироқу Шом ва Яману Афғонистон ба хоку хун кашида шудаву ин кишварҳои мусулмоннишин вайрону валангоранд, модарон ашкрезону номуси духтарон ба боди фано рафтаву ғайрати ҷавонмардон шикаста аз дасти ин бадкорон аст. Эй «мусулмонон»! Аз кадом ислом шумо даъво доред ва аз кадом мазҳабу роҳу равиш шумо сухан мегӯед? Он исломе нобе, ки Муҳаммади Мустафо (с) барои ҷомеаи башарӣ овардаанд на ин аст, ки шумо даъво доред. Он ислом бо худ ухуввату бародарӣ дошт, бо худ раҳму шафқат оварда буд, маданияту хайрхоҳӣ шиори он буд, на бераҳмиву саффокиву хунрезие, ки дар шумо дида мешавад.

Ҳадиси ханоби Пайиомбар (с) худ далели ин гуфтаҳост. Хавоне назди Расули Худо (с) омада гуфтанд: «Ё Расулаллоҳ маро насиҳате кун!» Расули гиромии ислом (с) фармуданд: «Эй хавон бар худ тарси Худоро лозим бигир, зеро тарси Худо хамъкунандаи ҳамаи хайрҳост» [5]. Агар мо мусулмонон усул ва ҳагигати ин ҳадисро аҳамият бидиҳем, мебинем, ки Набии карим (с) хомеаи башариро дар як хумла ба эътидол овардааст. Аммо мо ҳанӯз ҳам бехабарем. Тарси Худо аз даврони Расули Худо (с) дида барои имрези хавонони мо муҳимтару зарууртар аст, зеро дар даврони мо фитнаҳову балоҳо бештаранд.

Агар хавоне, ки аз Худо тарсид, дуздӣ намекунад, одамкуширо ҳаром медонад, аз фитнаву ифротгароӣ ҳазар мекунад. Хулоса, он хомеае, ки мо мехоҳем, дар зери ҳамин ҳадиси Пайиомбари гиромии ислом (с) гарор гирифтааст. Барои муаллимону устодон лозим ва зарурист, ки ин таълимоти Рсули Худоро дар дили шогирдон зинда бигардонанд, то хавонон роҳи дурусти зиндагиро пайдо намоянд.

Агар мо тамом ҷангҳое, ки Пайғомбари гиромии ислом дар он ҳузур доштанд, ки аз 29 ғазва иборат буду 38 сароё (он ҷангҳое, ки нафаронеро фиристоданду худ ҳузур надоштанд) назар кунем, мебинем, ки ҳамагӣ 1000 ва ё 1500 мард кушта шудааст, ки аз ин 400 то 700 нафарашон хоинони Бани Қурайза буданд, ки ба ватан хиёнат карда, ба ҷазои аъмолашон расидаанд. Дар ин ҳама ҷангҳо аз ҷониби мусулмонон ҳатто як зан ҳам кушта нашудааст[6]. Имрӯз зану кӯдаке, ки дар Сурияву Ироқу Яман ва Афғонистони ҳамсоя кушта шудаанд, ҳисобаш ба шумор намеояд.

*Салоҳи кор куҷову мани хароб куҷо?*
*Бубин тафовути раҳ, к-аз куҷост то ба куҷо [7].*

Мазҳаби Имоми Аъзам (р) ҷаҳониёнро ба иттифоқу ҳамбастагӣ ва ухуввату бародарӣ ва таҳаммулпазириву бурдборӣ даъват мекунад, ки имрӯз ҷомеаи мусулмонон ба ин бисёр ниёзманд аст. Имоми Аъзам (р) солик ва ё муршидеро мемонад, ки ҳама усулҳои иршодашро аз ҳадисҳои гуҳарбори Расули Худо (с) ва Каломуллоҳ ахз намудааст, ки пайравони хешро ба як оромиши комил ва ватандӯстиву бурдборӣ ва инсони комил будан ҳидоят мекунад. Имрӯз ҷомеаи башарӣ, хусусан ҷомеаи мусулмонон ба ҳамин равишу тарзу услуб Имоми Аъзам (р) сахт ниёз дорад, зеро танҳо ҳамин услуб метавонад мусулмононро даври ҳам ҷамъ карда, исломи ноби Муҳаммадиро барои ҷомеаи башарӣ эҳдо кунад. Дар ғайри ин сурат, ба истилоҳ донишмандону даъвогарон хело зиёд шудаанд, ки инсон дар ин гирудорашон роҳи хешро гум мекунад. Ҳақ ба ҷониби Иқболи Лоҳурист, ки мегӯяд:

*Танг бар мо раҳгузори дин шудаст,*
*Ҳар лаиме роздони дин шудаст.*
*Эй ки аз асрори дин бегонаӣ,*
*Бо як оин соз, агар мардонаӣ [8].*

Дар ҳақиқат, бо як оину мазҳаб сохтан имрӯз наҷоти мо мусулмонон аст, зеро дар ин сурат мо метавонем дӯстро аз душман ва ё худиро аз бегона фарқ кунем ва илло душманони насли башар иттифоқ кардаанд ба номи ислом ва ҳар фитнаеро вориди кишварҳои мусалмоннишин гардонида, он кишварҳоро ба хоку хун бикашанд ва иттифоқу оромии ҷомеаро барҳам зананд. Бинобар ин, бояд мардуми кишвар зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва амнияту оромиши кишварро ҳифз намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Абулҳусайн Қушайрии Нишопурӣ. Саҳеҳи Муслим. Дор-ул- иҳёи туроси арабӣ. – Бейрут, 1988. 3/1358.Абедовуд Сулаймон ибни Ашъаси Сиҷистонӣ. Сунани Абедовуд. Дор-ул-кутуби арабӣ. –Бейрут, 1967. - 4/408.
2. Сулаймони Ғовачӣ. Абӯҳанифаи Нуъмон. –Берут: Дору-ул-иҳёи туроси арабӣ. 1988. –С. 77.
3. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Гузидаи девони Шамс. -Теҳрон, 1384. –С. 58.

4. Ҳиббатуллоҳ ибни Ҳасан ибни Мансур. Эътиқоди аҳли суннат. –Риёз: Дор-ут-Тайиба. 1402. -1/52.
5. Сулаймон ибни Аҳмад ибни Аюб Абулқосими Табаронӣ. Ал-Муъҷам-ус-Сағир литабаронӣ. –Берут: Дору Аммор. 1985. -2/157.
6. Маҷмаъ-ул-Баҳрайн. Аллома Фахриддин ибни Муҳаммади Турайҳӣ. -Теҳрон, 1365. -1/315. Ал-Хомеъ ас-Саҳеҳ-ил-Мухтасар. Муҳаммад ибни Исмоил Абӯабдуллоҳи Бухории Ҷуъфӣ. Дори Ибни Касир Ямома. –Бейрут, 1987. -5/247.
7. Девони Ҳофиз. Ба кӯшиши Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ. -Теҳрон, 1385.
8. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ.Куллиёти форсӣ.-Душанбе, 2013.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам - Асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгаро // Чеҳраҳои мондагор. -Душанбе: Эр-граф, 2016. -С.158-203.
10. Сулаймони Ғоваҷӣ. Абӯҳанифаи Нуъмон. Дору-ул-иҳёи туроси арабӣ. –Бейрут, 1988. -С.77.
11. Ҳиббатуллоҳ ибни Ҳасан ибни Мансур. Эътиқоди аҳли суннат. –Риёз: Дор-ут-Тайиба. 1402. -1/52.
12. Ал-Ҷомеъ ас-Саҳеҳ-ил- Мухтасар. Муҳаммад ибни Исмоил Абӯабдуллоҳи Бухории Ҷуъфӣ. Дори Ибни Касир. Ямома. –Бейрут, 1987. -5/247.
13. Абӯдовуд Сулаймон ибни Ашъаси Сиҷистонӣ. Сунани Абедовуд. –Бейрут: Дор-ул-кутуби арабӣ, 1967. -4/408.
14. Сулаймон ибни Аҳмад ибни Аюб Абулқосими Табаронӣ. Ал-муъҷам-ус-сағир литабаронӣ. –Бейрут: Дору Аммор.1985. -2/157.

## ШЕВАИ ТАДРИСИ МАЗҲАБИ ҲАНАФӢ ВА ШИНОХТИ МАҚОМИ ИМОМИ АЪЗАМ ДАР ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

Барои тадриси ақоиди мазҳаби ҳанифӣ ва шинохти андешаҳои Имоми Аъзам дар масоили шаръӣ донистани мақоми ин мазҳаб дар ҷаҳони ислом зарур аст, зеро мазҳаби мазкур дар байни мусулмонон пайравони зиёде дорад ва зиёда аз нисфи мусулмонони хаҳон аз ин мазҳаб пайравӣ намуда, ин равиши Имоми Аъзам аз таҳаммулгаротарин мазҳаби ислом аст. Дар ин мақола саъй намудем, то ҷойгоҳи мазҳаби Имоми Аъзамро дар олами ислом баррасӣ кунем. Дар мақола ба таври мухтасар доир ба мазҳаби ҳанафӣ-мазҳаби Имоми Аъзам (р) ва мавқеи он дар ҷаҳони ислом сухан меравад. Муаллифи мақола сабабҳои пайдоиши мазҳаби Имоми Аъзам, ташаккулу таҳаввул, сарчашмаҳои асосии он ва зарурати дарки ин мазҳабро бо далоили илмӣ нишон додааст.

**Калидвожаҳо**: дин, мазҳаб, ислом, Имоми Аъзам, уламо, равиш, Қуръон, суннат.

## МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ХАНАФИТСКОГО МАЗХАБА И МЕСТО ИМАМА АЗАМА В ИСЛАМСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

Ханафитский мазхаб является самым распространенным в мусульманском мире. Абу Ханифа — крупнейшая фигура в истории средневекового Ислама, чье религиозно-правовое наследие самым действенным образом актуально для мусульман. Последователи его школы встречаются во всех уголках земного шара и исчисляются сотнями миллионов.Он был истинным знатоком фикха и хадисов и выделялся среди всех своим поклонением, благочестием, достойным нравом, воспитанностью, полезными знаниями и искренним желанием передать его людям. В статье автор вкратце рассматривает ханафитский мазхаб – мазхаб Имама Азама и его место в исламском мире. Автор указывает причины появления мазхаба Имама Азама, формирование и эвролюцию, его основные источники и важность познания данного мазхаба на основе научных доводов.

**Ключевые слова:** религия, мазхаб, ислам, Имам Азам, улемы, метод, Коран, сунна.

## IMAMI A'ZAM'S RELIGION AND ITS POSITION IN ISLAM

Hanafi madhab is most common in the Muslim world. Abu Hanifa is the largest figure in the history of medieval Islam, whose religious and legal heritage is most relevant for Muslims. The followers of his school are found in all corners of the globe and number in the hundreds of millions. He was a true connoisseur of fiqh and hadith and stood out among all with his worship, piety, decent temper, education, good knowledge and sincere desire to pass it on to people. knowledge of individual traits and personality traits, education, personality upbringing and education, personality development. In this article the question is aïout Hanafi religion, Imami A'zam's (may Allah ïe pleased with him) religion, thoughts and its position in the Islam's world. The authour of article with having regard to causes of appearance Imami A'zam's (may Allah ïe pleased with him) religion, formation and evolution, its ïasic sources and the importance of this religion, pointed out with sciential arguments.

**Сведения об авторе:** ***Саидахмадов Мирзохомид Мирзоевич*** **–** Институт развития образования им. Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистан, соискатель. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни 45. Телефон: **918-62-49-11**

**Information aïout the author:** ***Saidahmadov Mirzokhomid Mirzoevich*** **-** Institute for the Development of Education. Aïdurrahman Jami Academy of Education Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Repuïlic of Tajikistan, Dushanïe, Aini St. 45. Phone: **918-62-49-11**

**УДК: 372.881.111.1 (575.3)**

# МАЗМУНИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН БА ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Ситамова М. С.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носира Хусрава**

Имрӯз талабот ба тайёрии касбии омӯзгори оянда, аз ҷумла омӯзгори фанни забони хориҷӣ, хеле боло рафтааст. Педагогикаи муосир талаботи зарурииро дар таҳқиқи амиқи масоили тайёрии кадрҳои педагогиро дар макотиби олӣ аз мавқеи нави назариявӣ – методологӣ қайд менамоянд, ки имконият медиҳанд қисматҳои системаофарандаи системаи педагогӣ дар алоқаи бевоситаи мутақобила ва вобастагии мутақобила баррасӣ карда шаванд.

Педагогикаи муосир азнавсозии сифатноки мазмуни тайёрии махсус ва педагогии омӯзгорро пешбинӣ менамояд, ки комилан кори худро хуб медонад, метавонад дурнамои болоравии касбии худро бинад, дорои маҳоратҳои фаъолияти таҳқиқотӣ мебошад.

Махсусияти макотиби олии омӯзгориро ба ҳисоб гирифта, ҳангоми интихоби мазмуни таълим дар факултети забонҳои хориҷӣ бояд ба маводи дорои характери фарҳангшиносӣ ва забоншиносӣ дар курсҳои чунин фанҳо ба монанди педагогика, психология ва фалсафа диққати махсус дод.

Дар алоқа бо ин метавон таҷрибаи шавқовари Л.В. Смирноваро ҳамчун намуна овард. Ӯ таҷрибаи шавқовари ҳамгироии тайёрии забонӣ ва касбӣ – педагогии донишҷӯёнро дар факултети забонҳои хориҷӣ (шаҳри Волгоград) гузаронид, ки ташаккули салоҳияти иртиботӣ – дидактикии онҳоро таъмин менамояд ва зери он сифати интегралии шахсияти мутахассис дар назар дошта шуда, дар тамоюлоти сотсиолингвистӣ ва дидактикии омӯзгори оянда зоҳир мегардад.

Педагогика ҳамчун фанни таълимӣ дорои як қатор махсусиятҳо мебошад, ки самаранокии ин равандро инкишоф медиҳад. Дар мундариҷаи курси педагогика мавзӯъоте вуҷуд дорад, ки бо мазмуни курси забони хориҷӣ умумӣ маҳсуб меёбанд: (хусусиятҳои характери инсон, сифатҳои касбии омӯзгор, амсилаи мактаби муосир ва ғайа). Ин имконият медиҳад, ки мубоҳисаҳоро оиди масоилҳои педагогӣ бо забони хориҷӣ ташкил намоем. Ташкили машғулиятҳои амалӣ муоширатро бо забони хориҷӣ, истифодабарии бозиҳои нақшавӣ, мубоҳисаҳо, хониш ва муҳокимаи асарҳои бадеӣ ва адабиёт аз рӯи ихтисос, ки он асоси тайёрии иртиботии омӯзгорониояндаи фанни забонҳои хориҷиро таркиб медиҳад. Таҷрибаи гузаронидани семинарҳо оид ба педагогика бо забони хориҷӣ (англисӣ) дар бораи муваффақиятнокии раванди ташаккули салоҳияти иртиботдидактикии донишҷӯён шаҳодат медиҳад, зеро ки дар чунин машғулиятҳо донишҷӯён худро озод ҳис намуда, тарси хато кардан ҳангоми гуфтор бо забони хориҷӣ аз байн меравад..

Гузаронидани машғулиятҳо аз педагогика бо забони хориҷӣ имконият медиҳад нишон дод, ки забон – ин на танҳо азхудкунии малакаҳои имлоӣ ва луғавӣ мебошад, инчунин ин боз воситаи гирифтани иттилоот оиди ихтисоси оянда, шиносоӣ бо арзишҳои фарҳангҳои дигар, низомҳои таҳсилот мебошад.

Таҷрибаи гузаронидани машғулиятҳоро аз фанни педагогика ҷамъбаст намуда, Л.В. Смирнова курси махсусро бо номи «Монтессори - педагогика дар фарҳанги муосири америкоӣ ва ватанӣ» коркард намуд, ки Барномаи курси мазкур гузаронидани лексия, семинарҳоро оиди маводи аз ҷониби донишҷӯён хондашуда аз маҷаллаҳои англисӣ ва амрикоӣ, монографияҳое, ки ба таҳқиқи хориҷаи «Монтессори - таҳсилот» бахшида шудааст, видеомашғулиятҳо, мусоҳибаҳоро бо забони англисӣ дар назар дорад [3].

Имконияти васеъро барои рушди салоҳияти иртиботӣ – дидактикӣ ва эҷодиёти касбӣ хониши мустақилона бо забони англисӣ доро мебошад. Вазифаҳо аз курси махсус бо маводи аслӣ барои тарҷума мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад, ки ба маҷмӯи маводҳое ворид карда шудаанд, ки бо принсипҳо ва методҳои педагогикаи гуманистии Мария Монтессорӣ ошно месозанд. Корҳое, ки аз ҷониби донишҷӯён оиди тарҷумаи сарчашмаҳо иҷро мешаванд, на танҳо ба баландбардории сатҳи салоҳияти иртиботӣ, васеъсозии фазилати касбӣ - педагогӣ мусоидат менамоянд, инчунин онҳо фаъолияти барои ҷомеа пурмаъниӣ арзёбӣ мегарданд.

Ин кор моҳиятан ангеза ва шавқмандии касбиро нисбати омӯзиши забони хориҷӣ баланд мебардорад, инчунин дар ҳақиқат имконият медиҳад, ки ҳамгироии фанҳои забонӣ ва гуманитариро амалӣ созем ва педагогикаро (психология, фалсафа) ҷудо аз фанҳои

забонӣ баррасӣ накунем.

Чунин таҷрибаи кории Л.В. Смирнова имконият медиҳад, ки хулосабарории манфиатовар ва муфид карда шавад:

1. Барои беҳтар сохтани тайёрии касбии омӯзгори оянда бар илова бо фанҳои махсус пешниҳод мегардад, ки лексияву семинарҳо аз фанни педагогика бо забони англисӣ хонда ва гузаронида шавад, ки ин шартнок мегардад бо: «Гузаронидани машғулиятҳо аз педагогика бо забони хориҷӣ имконият медиҳад нишон дод, ки забон – ин на танҳо азхудкунии малакаҳои имлоӣ, инчунин ин воситаи бадастории иттилоот дар бораи ихтисоси оянда, шиносоӣ бо арзишҳои дигар фарҳангҳо, низомҳои таҳсилот мебошад»;

2. Вазифаҳо оид ба курси махсус бо маводи аслӣ барои тарҷума мувофиқи мақсад арзёби мегардад;

3. Ақоиди мавҷудбуда оиди он ки ҳама гуна маводи таълимӣ осонтар азхуд карда мешавад, агар он муассирона рангубор дода шуда ва эҳсосоти мусбии донишҷӯёнро ба миён меорад, тасдиқи худро меёбад;

4. Ақоид оиди зарурияти амалисозии самтнокии касбӣ – педагогии тамоми факутетҳои макотиби олии равияи педагогидошта тасдиқ меёбад [3].

Дар ин шароитҳо зарур аст, ки ташаккули омӯзгоре, ки дорои маҳорати педагогӣ, фаъолнокӣ ва мустақилияти рушдёфтаи идрокӣ, сифатҳои волои маънавӣ мебошад, таъмин карда шавад. Нақши муҳим дар татбиқи ин талаботҳо бевосита ба тайёрии педагогӣ, аз ҷумла семинарҳо ва машғулиятҳои амалӣ, таалуқ дорад. Мақсади асосии ин машғулиятҳо аз он иборат аст, ки донишҷӯён на танҳо назарияи таълими забонҳои хориҷӣ, инчунин номгӯи муайяни маҳоратҳои аз ҷиҳати касбӣ пураҳмиятро азхуд менамоянд, ки ба онҳо имконияти таҳлил ва банақшагирии лаҳзаҳои гуногуни дарсро медиҳад, ва бо ҳамин тариқ ба таҳлил ва банақшагирии машғулиятҳои пурра дар таҷрибаи педагогӣ ва дар рафти кори минбаъдаи мустақилона тайёрӣ бинад [1].

Дар алоқа бо рушди пуравҷи пешрафти илмӣ – техникӣ ва талабот ба мутахассисон, ки қобиланд масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ ва истеҳсолиро ҳал намоянд, таваҷҷуҳи асосии макотиби олӣ бояд ба беҳдошти ҳамаҷонибаи тайёрии касбии кадрҳо равона карда шавад. Тайёрии касбӣ, дар навбати худ, гузаронидани корҳои касбинтихобкуниро байни донишҷӯён бо мақсади рушди таваҷҷуҳи зиёд нисбати касби оянда талаб менамояд. Бояд тазаккур дод, ки рушди касбӣ имрӯз ҳамчун қисмати ташаккули шахсият баррасӣ мегардад. Зиндагӣ талаб менамояд, ки хатмкунандагони макотиби олӣ тайёрии хуби касбӣ – назариявӣ, фарҳанги баланди иҷтимоӣ ва маънавӣ, ҷаҳонбинии васеъ дошта бошанд. Аз ин рӯ, вақтҳои охир консепсияи мутахасссиси соҳибкасб хеле зиёд эътирофи худро пайдо намудааст, ки дар он тамоюлоти амалии таҳсилот хеле аниқу возеҳ дарҷ гардидааст.

Дар чунин низоми ташаккули шахсият тахассус ба сифати мазмуни рушди тамоми паҳлуҳои шахсият, қобилияту талаботҳои баромад менамояд.

Ҳамин тариқ , маънии асосии мақсади касбии таҳсилот дар макотиби олӣ, дар навбати аввал, дар он таҷассум меёбад, ки метавонад ба пайдоиши мақсаднокии мувофиқ нисбати азхудкунии малакаҳо, маҳорату донишҳои касбӣ мусоидат намояд.

